МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2026. № 3

МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
ТАДЖИКСКИЙ
НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
2026. № 3

YOUNG RESEARCHER
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2026. No 3

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2026

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР:
Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Исмонов Карорматулло Бадридинович *Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Шерматов Нурмаҳмад *Доктори илмҳои техникӣ, профессор*
Солиҳов Давлат Қуватович *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Сатторов Абдуманон *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*

Файзуллоев Эркин Фатҳуллоевич *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия*
Валиев Шариф Файзуллоевич *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор*
Расулиён Қаҳҳор *Доктори илмҳои таърих, профессор*
Кучаров Аламхон *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ*
Низомова Туҳфамо Давлатовна *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор*
Одинаев Фурқат Фарҳодович *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Шарофзода Рустам Шароф *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сафарализода Хучамурод Қуддус *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Рачабов Имомиддин Ширинович *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Нуриддин Парвин Раймалихон *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Устоев Мирзо Бобоҷонович *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ*

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2026©

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Насриддинзода Эмомали Сайфиддин	*Доктор юридических наук, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло Бадридинович	*Доктор филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Шерматов Нурмахмад	*Доктор технических наук, профессор*
Солихов Давлат Кувватович	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Сатторов Абдуманнон	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Валиев Шариф Нарзуллоевич	*Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич	*Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ*
Расулиён Каххор	*Доктор исторических наук, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор*
Дустов Хамрохон	*Кандидат филологических наук, доцент*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор*
Одинаев Фуркат Фарходович	*Кандидат экономических наук, доцент*
Шарофзода Рустам Шароф	*Доктор юридических наук, профессор*
Сафарзода Бахтовар Амирали	*Доктор юридических наук, профессор*
Раджабов Имомиддин Ширинович	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Сафарализода Хучамурод Куддус	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Нуриддин Парвин Раймалихон	*Кандидат политических наук, доцент*
Ходжиматова Гулчехра Масаидовна	*Доктор педагогических наук, доцент*
Устоев Мирзо Бободжонович	*Доктор биологических наук, профессор*

Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
© ТНУ, 2026

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

CHIEF EDITOR:

Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin	*Doctor of Law, Corresponding Member of NAST, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadzoda Safarmamad Muboraksho	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo Badridinovich	*Doctor of Philological Sciences, Associate Professor, Director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Shermatov Nurmahmad	*Doctor of Technical Sciences,* Professor
Solihov Davlat Quvatovich	*Doctor of Physical and Mathematical Sciences*
Sattorov Abdumannon	*Doctor of Physical and Mathematical Sciences*
Fayzulloev Erkin Fathulloevich	*Candidate of Chemical Sciences, Dean of the Chemical Faculty*
Valiev Sharif Fayzulloevich	*Doctor of Geological and Mineralogical Sciences, Professor*
Rasuliyon Qahhor	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Dustov Hamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philological Sciences,*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna	*Doctor of Economics, Professor*
Odinaev Furqar Farhodovich	*Candidate of Economics, Associate Professor*
Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science*
Sharofzoda Rustam Sharof	*Doctor of Law, Professor*
Safarzoda Bakhtovar Amirali	*Doctor of Law, Professor*
Rajabov Imomiddin Shirinovich	*Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science*
Nuriddin Parvin Raymalikhon	*Candidate of Politics, Associate Professor*
Hojimatova Gulchehra Masaidovna	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Ustoev Mirzo Bobojonovich	*Doctor of Biological Sciences, Professor*

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
Phone: (+992 37) 227-74-41

© TNU, 2026

ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

СОХТОРИ ИДОРИИ ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИЁН

Давлатзода Ш. К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқи таърихи аҳди бостон, махсусан марҳилаҳои ташаккули давлатдорӣ ва робитаҳои фарҳангиву иқтисодии он, яке аз самтҳои муҳимми омӯзиши илми таърих ба ҳисоб рафта, на танҳо барои дарки равандҳои таърихии минтақаи Осиёи Марказӣ ва пешрафти фарҳангиву сиёсӣ дар даврaҳои қадим зарур аст ҳамзамон ҷиҳати омӯзиши таърихи кишвару халқҳои минтақаи васеъ аз Мисру Ҳабашистон дар ғарб ва шимолу ғарби Ҳинд дар шарқ нақши муҳим дорад. Маҳз нақши муайянкунандаи низоми давлатдории Ҳахоманишиён – аввалин империяи ҷаҳонии аҳди қадим дар таърихи ҷаҳон боиси он гардидааст, ки доираҳои илмӣ ва муҳити фарҳангии халқҳои ҷаҳон аз аҳди қадим то давраи муосир ба таърих ва фарҳанги он таваҷҷуҳи хос зоҳир менамуданд.

Асосгузори империя Куруши Кабир (550-530 пеш аз милод) буда, бо таъсиси як давлат мутамарказ, барои аввалин бор кӯшиш кард, ки сохтори сиёсӣ ва идории давлатро ба шакли муташаккил ва ҳамоҳанг ташкил намояд. Куруши Кабир дар муддати 20 соли ҳукумронии худ ҳамчун як сиёсатмадори хирадманд ва ислоҳгар ба инкишоф ва таҳкими институти давлат дар дохили империя диққат дода, як системаи мутамаркази идоракунии давлатро таъсис дод, ки намунаи олии низоми идоракунии империяҳои пас аз он гардид.

Пас аз марги Камбиз (530-522 пеш аз милод) ва бунёди низоъҳои дохилӣ, дар замони ҳукумронии Дорои I (522-486 пеш аз милод) ислоҳоти амиқ ва муҳимми маъмурӣ ва молиявӣ сурат гирифт. Дар натиҷаи ин ислоҳот ба шоҳони минбаъдаи Ҳахоманишиён муяссар гардид, ки як империяи васеъ ва гуногунмиллатро идора кунанд**.** Ин раванд ба маънои барқарор кардани сохтори идории устувор ва ислоҳоти низомии империя буд, ки идоракунии муҳимми давлатро дар ҷаҳон ба вуҷуд овард.

Дар давраи ҳукумронии Дорои I, ҳудуди империяи бузурги Ҳахоманишиён аз Миср ва Лидия дар ғарб то соҳилҳои баҳри Эгей ва аз онҷо то сарҳадҳои Ҳинд ва Хитой дар шарқро фаро мегирифт. Барои идора кардани як империяи бузург ва паҳновар, Дорои I зарур шуморид, ки аз таҷрибаи давлатҳои ҳамсояи тараққикарда эҷодкорона истифода бурда, амалан сохтори нави маъмуриро таъсис диҳад, ки ҷавобгӯйи талабот ва ҳоҷатҳои империяи паҳновар бошад. Яке аз омилҳои муҳимми ба ислоҳот даст задани ӯ, ниёзҳои муассири идоракунии империя, ки аз давлатҳо ва қавмҳои гуногун таркиб ёфта буд, ба ҳисоб мерафт. Барои нигоҳ доштани ягонагӣ ва устувории сиёсӣ ва иҷтимоии империя, зарур буд, ки ислоҳот дар соҳаҳои маъмурӣ ва сиёсӣ ҷорӣ карда шавад.

Пас аз марги Камбиз (530-522 п.м.), ки ба шӯришҳои дохилӣ ва нофаҳмии сиёсӣ оварда расонд, Дорои I ба ташкили низоми мукаммали идоракунӣ ва қонунгузорӣ, ки қобилияти муттасил ва устувор кардани империяро дошта бошад, рӯ овард. Ислоҳот дар соҳаи иқтисод, махсусан танзими системаи андоз ва молия, бо мақсади ташкили иқтисоди муосир ва самарабахш, инчунин такмил додани сиёсати ҳарбӣ ва маъмурии империя, барои мувозинат бахшидани равандҳои гуногуни иҷтимоӣ ва таъмини муттаҳидсозии мардум ба роҳ монда шуданд.

Ҳокимияти шоҳони ҳахоманишӣ дар минтақаи беканор аз Миср то Ҳиндустон ва аз Қафқоз то Халиҷи Форс бар пояи ташкили сезинагии ҳокимият аз поён ба боло – зинаи аввал, сохторҳои маҳаллӣ ва анъанавии иҷтимоӣ-давлатӣ, зинаи дувум, ҳокимияти ниҳодҳои маъмурӣ-сиёсии давлат ва ниҳоят зинаи сеюм ҳокимияти марказӣ – шоҳ ва

дарбори ӯ асос меёфт. Дарбори шоҳ мақоми олии ҳокимияти иҷроияи империя ба шумор рафта, сохторҳои низомӣ ва мулкӣ, идораи тамоми империя, тақсими захираҳои мавҷуда ва ҷамъоварии андозро назорат мекард. Ба ин вижагии ташкили давлатдорӣ шарқшиноси намоён М.А. Дандамаев таъкид намудааст: «... дар минтақаҳои гуногуни империяи Ҳахоманишиён низомҳои мухталифи сиёсӣ (шоҳӣ, худидоракунӣ, ашрофи маҳаллӣ ва динӣ) вуҷуд доштанд ва мавҷудияти онҳо на аз хоҳиш ва майлу рағбати ҳокимияти марказӣ, балки бар пояи анъанаҳои таърихӣ ва афкори мардуми минтақа устувор буд» [4, с. 54]. Дар шаҳрҳо, номаҳҳои мисрӣ, салтанатҳо ва мулкҳои тобеъгардида сулолаҳои дар гузашта ҳоким боқӣ монданд ва шарти асосӣ риояи қонун ва дастгирии ҳокимияти Ҳахоманишиён буд. Аз тарафи дигар, вижагии хоси империяи Ҳахоманишӣ аз он иборат буд, ки ҳокимияти шоҳ то давраи Дорои I дар муқоиса бо давлатдориҳои пешини минтақа ҳанӯз хислати истибдодӣ нагирифта буд.

Ҳокимияти шоҳи хусусияти меросӣ дошта, танҳо аз авлоди Ҳахоманишиён ҳуқуқи ба тахти шоҳаншоҳӣ нишастанро доштанд. Салоҳияти шоҳаншоҳ мутлақ ва бечунучаро буда, ҳукми охиринро дар ҳама гуна масоили муҳимми давлатӣ ӯ мебароварад. Мутобиқи маълумоти муаррихони донишгоҳи Кембриҷ шоҳони ҳахоманишӣ меросӣ будани ҳокимияти худро иродаи илоҳӣ дониста, раванди барпо гардидани давлат ва кирдори худро низ бо амру иродаи Аҳурамаздо маънидод менамуданд [17, с. 185]. Дар катибаҳои Доро низ дар ин маврид омадааст: «Бо иродаи Аҳурамаздо ман шоҳам. Аҳурамаздо ба ман шоҳӣ ато фармуд» ва ё «Худои Бузург Аҳурамаздо, оне ки ҳама падидаҳои ҳайратангези мушоҳидашавандаро халқ намуд ва ба инсонҳо саодат ато фармуд, ба шоҳ Доро ҳикмат ва тавоноӣ дод» [10, с. 538-548]. Метавон хулоса намуд, ки дар аксар маврид дар катибаҳои давраи Ҳахоманишиён моҳияти илоҳӣ доштани ҳокимияти шоҳӣ таъкид гардидааст. Маросимии тоҷгузории шоҳ дар маркази давлат шаҳри Пасаргорд баргузор мегардид. Р.Фрай дар асоси маълумоти Пулутарх қайд менамояд, ки дар ин маросим тоҷро ба сари шоҳ мубаде аз маъбади Анаҳито гузошта, ридоъи Дориюшро бар тани ӯ мекард ва ба ӯ аз хӯроки рустоиён мехуронд. Аввалҳо тибқи суннат ва баъдан бар асоси қонун баъди маросими тоҷгузорӣ нахустин писари шоҳ валиаҳд ва вориси тоҷу тахт интихоб мегардид [14, с.78].

Дар дарбор шурои назди шоҳ амал мекард, ки аъзоёни он дар баровардани тасмимҳои муҳимми давлатӣ ба шоҳ машварат медоданд. Шоҳ баъди шунидани изҳороти аъзои шуро ҳукми қатъии худро оид ба тамоми масоили давлатдорӣ мебароварад. Аъзоёни ин шурро наздикони шоҳ ва ашрофони бузурги давлат ташкил менамуданд. Дар бораи теъдод ва салоҳиятҳои аъзои шуро Ҳамза Камол менависад, ки он аз нуҳ нафар ашрофи баландмақом иборат буд, ки як умра таъйин шуда, дар ҳалли масъалаҳои баррасишаванда ба шоҳ машварат медод. Ба ақидаи олими тоҷик Н.С. Муродов фаъолияти Шурои дарбори шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён «... яке аз муваффақиятҳои бузурги таҷрибаи давлатдории аҷдодони тоҷикон дар аҳди қадим буд. Он намегузошт, ки шоҳ қарорҳои нодуруст қабул намояд, яъне дар мукаммал гардидани қонунҳо ва мураттаб гардидани онҳо нақши боризро мебозид. Шоҳаншоҳ, пеш аз оне, ки дар хусуси масъалаи муҳимми давлатӣ қарор мебароварад, бо ин шуро машварат намуда, баъдан бо дарназардошти ин шуро ҳукми охиринро мебароварад... Дар ин радиф соҳибмансабони бузург ба тарви мустақим дар муқобили шоҳ масъулият доштанд» [8, с. 124]. Бояд гуфт, ки шурои машваратӣ нахуст дар давлати Мод таъсис дода шуда, баъдан Ҳахоманишиён аз ин усули сохтори давлатдорӣ истифода бурдаанд.

Баъди шоҳ мавқеъи дуюмро дар ҳокимият ҳазорпат ба уҳда дошт, ки вазифаи вазирро иҷро мекард ва дар дарбор мақоми бузургеро доро буд. Илова бар ин ҳазорпат сардори навкарони якачини шоҳ буда, ҳангоми ҷанг вазифаи сарлашкарро низ ба уҳда дошт. [14, с.84] Ба ақидаи Дандамаев М.А. назорати умумӣ аз болои фаъолияти тамоми

сохторҳои давлатӣ ба уҳдаи ҳазорпат ё ҳазорапат (hazarapatiš – «сардори дастаи ҳазорнафара») буд, ки ҳамзамон сардори горди шахсии шоҳаншоҳ (нахустин ҳазораи «ҷовидонҳо») ва сардори дафтари марказӣ (шоҳӣ) буд [3, с. 70].

Дар осори муаррихони юнонӣ роҷеъ ба фаъолияти ҳазорпат маълумоти дақиқ ва мушаххас мавҷуд набуда, салоҳиятҳои ӯ васеъ шарҳ дода мешавад: ҳазорпат мансабдори низомӣ буд, вай ҳам умури низомӣ ва ҳам умури ташрифотии дарбори шоҳро танзим менамуд ва дар баъзе маврид дар низоми давлатдорӣ салоҳияти маъмурӣ дошт.

Дар замони ҳукумронии Дорои I сохтори идории империяи бузурги Ҳахоманишиён ба сатҳи комил расида, вай барои идоракунии як қаламрави азим девони марказиро ташкил намуд, ки он аз се вазоратхона – хазина, артиш ва додгустарӣ иборат буд ва ҳар яке аз вазоратхонаҳо сардори худро дошт. Ин девон яке аз муҳимтарин бахшҳои сохтори идорӣ буда, ваззифаи ҳокимияти иҷроияро ба уҳда дошт. Ба қавли иддае аз муаррихон инҳо нахустин “девонҳои инкишофёфтаи соҳавӣ” буданд, ки “муҳимтарин корҳои давлатдориро идора ва иҷро мекарданд” [9, с.86-87]. Дар воқеъ, мавҷуд будани девонҳо иқтидори империяро дучанд сохта, дар ташаккули дигар сохторҳои идории империя нақши муассир бозиданд. Дар вазоратхонаҳои девон дабирон, муҳосибон ва дигар маъмурон кор мекарданд ва ҳар яке масъулияти асосии худро доштанд. Вазифаи асосии хазинадор ин ҷамъоварии андоз, ҳисобу китоби хазинаи дарбор ва сарфи он ба ҳисоб мерафт. Барои пешгирии саркашӣ дар дастгоҳи шоҳӣ як низоми назоратӣ бо номи хадамоти амниятию иттилоотӣ ба роҳ монда шуда буд, ки ин хадамотро «чашм ва гуши шоҳ» [16, с.365] меномиданд. Инҳо ҷосусони махсусе буданд, ки фаъолияти вазоратхона ва сатрапҳоро зери назар мегирифтанд ва тамоми мансабдорони дарбор ва сатрапҳо аз фаъолияти онҳо дар ҳарос буданд.

Дар девони марказӣ ҳуҷҷатгузори дар сатҳи олӣ ба роҳ монда шуда, кулли мактубҳои воридотию содиротии санадҳои муҳими дарбор, ҳукмҳои шоҳ ва ҳатто мукотиба дар дафтарҳои махсус қайд карда мешуданд. Дар асоси ахбори муаррихони юнонӣ махсусан Ҳеродот метавон қайд намуд, ки дар тамоми ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ ва фармонҳо муҳри шоҳаншоҳӣ гузошта мешуд. Аз Тахти Ҷамшед миқдори зиёди муҳрҳои мудаввари найшакли шоҳони ҳахоманишӣ ва дигар мансадорони олӣ пайдо гардидаанд.

Аз ҷиҳати маъмурӣ Империя ба 20 сатрапия (вилоят) тақсим шуда буд, ки ҳар сатрапияро сатрап (волӣ) идора мекард ва ӯ мустақиман ба шоҳ итоат менамуд. Ба воҳидҳои маъмурӣ ҷудо намудани империя кори андозғундорӣ ва дигар самтҳои аслии давлатдориро осон гардонид. Ба ин тариқ, ҳар як вилояти ҷудогона андози муайянро ба хазинаи шоҳӣ равон мекарданд. Масъулияти асосии сатрапҳо ҷамъоварии андоз, нигоҳдории тартибот ва ҳифзи марзҳо ба ҳисоб мерафт. Ҳар сатрап артиши худро дошт, ки фармондеҳи онҳо ба сарфармондеҳи минтақаи ҳарбӣ итоат мекард. Ба ақидаи Эмомалӣ Раҳмон ин сохтор бо мақсади пешгири намудани шӯришҳои эҳтимолии сарлашкарон таъсис дода шуда буд [11, с.143]. М.А. Мирзоалиева таъкид менамояд, ки яке аз вазифаҳои асосии хшатравапанҳо аз ҷамъоварии андоз ва нигаҳдории қӯшун иборат буд. Ҳамчунин ҳокимони хшатраҳо бо ризоияти подшоҳ метавонистанд бар зидди ҳамсоягони саркаши худ лашкар кашанд. Умуман, боҷу хироҷгундорӣ муҳимтарин вазифаи дастгоҳи давлатӣ маҳсуб меёфт. Мувофиқи ислоҳоти Дорои I хшатрапанҳо мебоист андози солонаро бо пул, маҳсулоти зироатӣ ва ҳунармандӣ пардохт менамуданд [7, с. 81]. Ба ақидаи Ҳ. Камол ҳаҷми муқарраршудаи андозу молиёти аз ҷониби сатрапҳо ҷамъоваришуда, ба хазинаи шоҳӣ ирсол ва нигаҳдорӣ мешуданд [15 с. 62]. Маълумоти мавҷуда дар бораи воҳидҳои маъмурӣ-идории давлати Ҳахоманишиёнро ҷамъбаст намуда, метавон таъкид намуд, ки дар низоми давлатдориии Ҳахоманишиён ҳокимон ва мансабдорони воломақоми воҳидҳои маъмурӣ –

хшатрапанҳо мақом ва унсури муҳимми идораи давлат ва амалӣ намудани ҳокимият дар маҳалҳо маҳсуб меёфтанд. Мансабдори асосӣ дар низоми идораи воҳидҳои маъмурӣ – хшатрапанҳо – хшатапаван (хšаçарāvan, «нигаҳбони давлат») буд, ки дар манбаъҳои юнонӣ онҳоро сатрап меномиданд ва маъмулан ба ин вазифа намояндагони сулолаи ҳукмрон ва аъёну ашрофи намоёну сарватманд таъйин мегардиданд. Дар баробари салоҳиятҳои моҳияти иқтисодидошта – ҷамъоварии андозу пардохтҳо ба хазинаи давлат, хшатапаванҳо салоҳиятҳои муҳимми дигар – ҳалли масъалаҳои баҳсӣ дар маҳкама, роҳбарии идораи ҳудуди воҳиди маъмурӣ – амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи зарб задани сиккаҳоро доштанд. Аз ҷумлаи салоҳиятҳои низомии хшатравапан вазифаи назорат аз болои иҷрои уҳдадориҳои низомӣ дар ҳудуди хшатра – ташкили сафарбаркунии аскар ба лашкари шоҳ буд.

Артиши Ҳахоманишиён сохтори мураккаб дошта, аз неруҳои доими ва неруҳои даъватшудаи маҳаллӣ иборат буд. Артиш аз воҳидҳои 10, 100, 1000 ва 10 000 нафара иборат буда, асоси онро саворагон ва пиёдагардон ташкил медоданд. Қисми элитаи артиши Ҳахоманишиёнро ки ҳамеша шумораашон аз 10 000 сарбозони якачини форс иборат буд, донишманди эронӣ Амирҳусайни Ҳунҷӣ «ҳазор сарбози ҷовидон» [5, с.76] номидааст. Сарвари ин артиши якачин ҳазорпат буда, аз онҳо 1000 нафараш посбонони махсуси шоҳ маҳсуб меёфтанд. Қисми асосии артиши давлати Ҳахоманишиёнро дастаҳои низомии порсҳо ва модҳо ташкил медоданд, вале дар шароити эълони ҷанг дар сохтори артиш дастаҳои низомии мардумони дигар ва сарзаминҳои ишғолгардида ташкил дода мешуданд. Дар ин маврид дар сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла Катибаи Беҳисутун маълумот вуҷуд дорад: маҳз артиши порсу модҳо бо сарварии Доро ошуби Бардии дурӯғин ва дигар ошубгаронро пахш намуда буд ва дар байни ҳашт нафар сарлашкарони тарафдори Доро шаш нафарашон порс ҳастанд [6, с. 87-88]. Дар тасвирҳои Тахти Ҷамшед, дар қатори аввали аскарони дар назди тахти Доро тасвирёфта порсҳо ва модҳо меистанд [18, с. 186]. Илова бар ин Ҳеродот зимни ёдоварӣ аз дастаҳои қавмии артиши Хашоёршоҳ, дар мадди аввал артиши порсҳо ва модҳоро ном мебарад [2,с. 426]

Бояд гуфт, ки яке аз сабабҳои устувории Империяи Ҳахоманишиён ин таҳаммулпазирии шоҳони он нисбат ба фарҳанг ва динҳои гуногун ба ҳисоб мерафт. Дар назди шоҳ шурои додварони олӣ амал мекарданд, ки дар он аз 5-7 [1, с.152] нафар додварон амал мекарданд ва додвари олии дарбор худи шоҳ буд. Ҳар як сатрап додвари худро дошт ва дар сатрапияҳо вазифаи додвари ба уҳдаи сатрап вогузор шуда, буд. Дар деҳотҳо бошад вазифаи додварӣ ба зимаи маҷлиси ҷамоат буд. Аз болои додварон назорати қатъӣ бурда мешуд ва додварони ришвахӯрро ҷазои сахт медоданд.

Забони расмии идорӣ ва муошрати шоҳону дарбориён – забони форсии қадим буд. Вале тамоми ҳуҷҷатнигории онҳо бо забони оромӣ сурат мегирифт, зеро ҷори намудани забони ягонаи ҳуҷҷатгузорӣ барои идора намудани империяи паҳновару сермиллат зарурати муҳим дошт. Ҳатто дар дарбори шоҳӣ тарҷумонҳои забонҳои гуногун фаъолият менамуданд, ки вазифаашон тарҷума намудаи арзу шикоят ва дигар ҳуҷҷатҳои бо забони сокинони маҳаллии аз ҷониби сатрапҳо воридшуда ба забони оромӣ маҳсуб меёфт.

Қобили зикр аст, ки сатрапҳо воситаи асосии ҷамъоварии андоз ба ҳисоб мерафтанд. Дар асоси ислоҳоти Дорои Кабир барои ситонидани андоз низоми ягонаи сиккаҳои тиллоӣ ва нуқрагин ҷори гардида буданд. Сиккаҳои тиллоӣ дарик номида шуда 8,4 гр вазн доштанд ва сиккаҳои нуқрагин бошад сикл номида мешуданд ва вазни он 5,6 граммро ташкил мекард. Ҳаҷми андози сатрапия дар намуди таланти нуқра (вазни талантҳо 34 гр) пардохт карда мешуд. Танҳо ҳиндуён таланти тиллоиро барои пардохтани андоз истифода мебурданд [13, С 188].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки ҳокимияти шоҳони ҳахоманишӣ бар пояи ташкили сезинагии ҳокимият аз поён ба боло – зинаи аввал, сохторҳои маҳаллӣ ва анъанавии иҷтимоӣ-давлатӣ, зинаи дувум, ҳокимияти ниҳодҳои маъмурӣ-сиёсии давлат – хшатра (сатрап)-ҳо ва ниҳоят зинаи сеюм ҳокимияти марказӣ – шоҳ ва дарбори ӯ асос меёфт. Сардори давлат шоҳ (шоҳаншоҳ) буд, ки дар сарчашмаҳои хаттии порсӣ бо номи хшайатийа ёд мешавад. Дарбори шоҳ мақоми олии ҳокимияти иҷроияи империя ба шумор рафта, сохторҳои низомӣ ва мулкӣ, идораи тамоми империя, тақсими захираҳои мавҷуда ва ҷамъоварии андозро назорат мекард. Шоҳони ҳахоманишӣ мутобиқи расму ойин ва анъанаҳои ташаккулёфтаи усулҳои идораи давлат ба тахт менишастанд ва ҳокимияти васеъ доштанд. Дар сохтори идории империя ҳокимияти олӣ ба шоҳ тааллуқ дошт ва он мутлақ ва номаҳдуд буд. Дар идоракунии давлати васеъ шоҳони ҳахоманишӣ дар мадди аввал ба табақаи болоии ашрофу нухбагони порс такя намуда, намояндагони онҳо дар маъмурияти давлат ва дарбори шоҳ мансабҳои асосиро ишғол менамуданд. Порсҳо ҳамчун қавми ҳукмрон таҳкурсии давлатдорӣ ва ҳокимияти шоҳаншоҳии ҳахоманишиёнро ташкил медоданд ва аз пардохти андоз ва маҷбуриятҳои ҳатмӣ озод буда, ҳамзамон бояд мардони қабилаи худро ба лашкар сафарбар менамуданд. Ташкилёбӣ ва устувор гардидани империяи Ҳахоманишиён натанҳо барои рушду такомули ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии мардумони эрониасл, балки қавму қабилаҳои сершумори дар ҳудуди васеи он сукунатдошта мусоидат намуд. Ҳамкориҳои мутақобилан судманд, робитаҳои устувор байни пойтахти давлат ва марказҳои маъмурии музофоту вилоятҳо боиси барқарор гардидани сулҳу субот ва амният, танзими низоми қонуни ягона бар асоси усули таносуби манфиатҳои шахсӣ ва умумидавлатӣ, мутобиқ сохтани расму меъёрҳои анъанавӣ ва мазҳабии мардумони тобеъ бо меъёр ва қонунҳои умумидавлатӣ, таъмини рушди хоҷагидорӣ ва робитаҳои тиҷоратӣ, танзими муомилоти пулӣ-молӣ, эҳтироми ҳувияти фарҳангӣ, динӣ ва забонӣ ва риоя гардидани тавозуни манфиатҳо дар ниҳодҳои иҷтимоӣ гардид. Таҷрибаи таърихии низоми давлатдории Ҳахоманишиён дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихи мардумони Шарқ ва таърихи инсоният – дар замони ҳукмронии Мақдуниҳо, Селевкиҳо, Ашкониён, Сосониён ва дигар давлатдориҳои минтақа ва ҷаҳон эҷодкорона истифода гардида, аксари ҳокимони ин давлатҳо худро бо ифтихор меросбарони ин давлати бузург медонистанд.

АДАБИЁТ

1. Амирҳусайни Хунҷӣ. Бозхони таърихи Эронзамин. – Теҳрон: ҷилди 2, С. -591.
2. Геродот. История в девяти книгах / пер. Г.А. Стратановского. – Л.: Наука, 1972. – 600 с.,
3. Дандамаев М.А. Ахеменидская империя: социально административное устройство и культурне достижения. РАН. Ин-т вост. рукописей. – СПб: Петерб. лингв. о-во, 2013. – 391 с.
4. Дандамаев М.А. Имперская идеология и частная жизнь в Ахеменидской державе // Вестник древней истории. –1998. №1 (224). – С. 48 56.,
5. Дяконов М. Таърихи Эрони бостон. Теҳрон: 1346, С. – 264.
6. Катибаи Доро дар Беҳисутун. Тарҷумаи Додхудо Саймиддинов // Садои Шарқ. – 1982. №7. – СС. 86-94., с
7. Мирзоалиева М.А. Таърихи андоз ва боҷу хироҷситонӣ дар замони Ҳахоманишҳо // Паёми Донишгоҳи миллии тоҷик. – 2019. №10/2. – С. 79-84.,
8. Муродов Н.С. Инъикоси вижагиҳои низоми идории империяи Ҳахоманишиҳо дар осори муҳаққиқони тоҷик // Паёми Донишгоҳи миллии тоҷик. – 2019. №10/1. – С. 123-127.,
9. Неъматов Н., Носиров Ф., Бобомуллоев С., Довудов Д., Исоматов М., Таърихи халқи тоҷик, таърихи халқи тоҷик, к.1, Аз инсони оқил то тоҷики баркамол, -Душанбе: Сарпараст, 2003, 368 с.
10. Пирниё Ҳ. (Мушир уд-давла). Эрони бостон. Ҷ. 1. – Теҳрон: Теҳрон, 1375 (1996). – 999 с. [манбаи электронӣ] // www. TarirhBook.ir (санаи истифодабарӣ: 18.09.2023).,
11. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе: Ирфон, 2009, С. -209.
12. Раҳмонов Э., Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. –Д.: Ирфон,2006, С. -108.
13. Турсунов Н. Таърихи тоҷикон. Хуҷанд: 2002, С- 188.

14. Фрай Р. Наследие Ирана. Издание второе, исправленное и дополненное. М.: Восточная литература, 2002. 463с.
15. Ҳамза К. Низоми давлатдорӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ // Мероси ниёгон. – 2019. № 21. – С. 60-62., с
16. Ҳасан Парниё. Торихи Эрони бостон (Торихи муфассали Ирони қадим). Ҷ 3. Теҳрон 1391: Муассиси интишороти “Нигоҳ”. С.-561.
17. The Cambridge ancient history: in 12 vol. – Vol IV: The Persian Empire and the West / J.B. Bury. – 1926. – 698 p.,
18. The Cambridge ancient history. Volume IV. Persia, Greece and the Western Mediterranean C. 525 to 479 B.C. – Cambridge: Cambridge University Press, 2008. – 671 p., c.

СОХТОРИ ИДОРИИ ИМПЕРИЯИ ҲАХОМАНИШИЁН

Дар мақола сохтори идории Империяи Ҳахоманишиён ҳамчун нахустин империяи ҷаҳонии аҳди қадим мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба марҳилаҳои ташаккул ва такмили низоми давлатдорӣ, ислоҳоти маъмурӣ, молиявӣ ва низомӣ, инчунин ба вижагиҳои идоракунии қаламрави паҳновар ва гуногунмиллат равона гардидааст. Нақши шоҳаншоҳ, дарбори шоҳӣ, шӯрои машваратӣ, девони марказӣ, сатрапияҳо ва мансабдорони олӣ дар амалисозии ҳокимияти давлатӣ баррасӣ мешавад. Ҳамчунин сиёсати таҳаммулпазирӣ нисбат ба анъанаҳои маҳаллӣ, дин ва забон ҳамчун яке аз омилҳои устувории империя таҳлил мегардад. Муаллиф ба хулоса меояд, ки таҷрибаи давлатдории Ҳахоманишиён дар ташаккули низомҳои минбаъдаи идории Шарқ ва ҷаҳон нақши муассир бозида, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Калидвожаҳо: Империяи Ҳахоманишиён, давлатдорӣ, сохтори идорӣ, шоҳаншоҳ, сатрапия, девони марказӣ, Дорои I.

СИСТЕМА ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ИМПЕРИИ АХЕМЕНИДОВ

В статье рассматривается административная структура Империи Ахеменидов как первой мировой империи древности. Основное внимание уделено этапам формирования и совершенствования системы государственного управления, административным, финансовым и военным реформам, а также особенностям управления обширной и многонациональной территорией. Анализируется роль царя, царского двора, совещательного совета, центрального аппарата управления, сатрапий и высших должностных лиц в осуществлении государственной власти. Отдельно подчеркивается политика веротерпимости и уважения к местным традициям, языкам и религиям как один из факторов устойчивости империи. Делается вывод о том, что управленческий опыт Ахеменидов оказал значительное влияние на последующее развитие государственных систем Востока и мировой цивилизации.

Ключевые слова: Империя Ахеменидов, государственное управление, административная система, царь, сатрапия, центральная администрация, Дарий I.

THE SYSTEM OF ADMINISTRATION OF THE ACHAEMENID EMPIRE

The article examines the administrative structure of the Achaemenid Empire as the first world empire of antiquity. Particular attention is paid to the stages of formation and development of the state system, administrative, financial, and military reforms, as well as the mechanisms of governing a vast and multiethnic territory. The role of the king, the royal court, advisory councils, the central administration, satrapies, and high-ranking officials in the implementation of state authority is analyzed. The policy of tolerance toward local traditions, religions, and languages is highlighted as one of the key factors contributing to the stability of the empire. The study concludes that the administrative experience of the Achaemenid Empire significantly influenced the subsequent development of state systems in the East and world history.

Keywords: Achaemenid Empire, state administration, administrative structure, king, satrapy, central government, Darius I.

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатзода Шоира – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли дуюми факултети таърих. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **shoiradavlatzoda4@gmail.com**, Телефон: **(+992) 919191355**

Сведения об авторе: ***Давлатзода Шойра*** – Таджикский национальный университет, студентка второго курса магистратуры исторического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: shoiradavlatzoda4@gail.com, Телефон.: **(+992) 919191355**

Information about the author: ***Davlatzoda Shoira*** - Tajik National University, second year master's student, Faculty of History. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: shoiradavlatzoda4@gail.com, Phone**: (+992) 919191355**

ФАЪОЛИЯТИ МАОРИФПАРВАРИИ САДРИ ЗИЁ ДАР «ЁДДОШТҲО»- И САДРИДДИН АЙНӢ

Исмоилзода Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар аморати Бухоро вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеа дар ҳолати рукут карахтӣ қарор дошт. Низоми таълими кӯҳна, ки танҳо ба омӯзиши улуми динӣ маҳдуд мешуд, мардумро аз илму донишҳои муосир ва равандҳои ҷаҳонии тамаддун ҷудо месохт. Дар ин давра зарурати ислоҳи низоми маориф, тарғиби илмҳои дунявӣ ва бедории фикрии мардум ба миён омад. Ҳамин шароит боиси зуҳури равшанфикрон ва маорифпарвароне гардид, ки баъдтар бо номи ҷадидон машҳур шуданд. Сарчашмаҳои адабии ин замон муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсиву таърихӣ ва равандҳои эҷодии ин даврараро дар худ таҷассум кардаанд. Аз ҷумла осори С. Айнӣ барои омӯзиш ва таҳқиқи чеҳраҳои тобноки аҳли илму адаб, равшанфикрону тараққихоҳон яке аз сарчашмаҳои муътамад ба шумор рафта, маълумоти пурқимате ба хонандагон дода метавонанд.

Яке аз чеҳраҳои барҷастаи ҳаракати маърифатпарварӣ ва тарғибгари улуми муосир Садри Зиё — шахсе, ки бо ҷаҳонбинии васеъ, илмомӯзӣ ва ҷасорати фикрӣ барои ислоҳи ҷомеаи бухорои саъю кӯшиш мекард ба ҳисоб меравад. Ӯ дар таърихи адабиёти нимаи аввали асри XX ба унвони муаррих, тазкиранигор ва адиби маорифпарвар шуҳрат дошта, яке аз нахустин афроде буд, ки бо дарки баланд иброз дошт, ки наҷоти миллат танҳо тавассути дониш, илм ва маорифи нав имконпазир аст. Муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» - Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам ба мақоми Садри Зиё ҳамчун марди фозилу донишманд баҳои баланд дода, дар асари худ ӯро ҳамчун «зиёии дидаи рӯзгор, фурӯғи ҷабҳаи ифтихор, дидаафрӯзи доной, донишомӯзи биной, дидаи аҳбобро нур ва синаи асҳобро сурур» [7, с.214] мавриди ситоиш қарор додааст.

Бояд гуфт, ки Садри Зиё 2 феврали соли 1867 дар вилояти Зиёуддини аморати Бухоро таввалуд шудааст. Ба хотири ин ки волидонаш дар вилояти Зиёуддин қарор доштанд падараш ба ӯ Зиёиддин ном гузошт ва азбаски дар шаби ҷумъаи моҳи шарифи рамазон таваллуд шуда буд, тахаллуси Муҳаммад Шарифро гирифт. Садр унвони илмӣ ва олии ӯ мебошад, ки ин унвон дар аморати Бухоро пас аз Ӯроқ ва Судур мақоми севум дошта, танҳо ба уламои ислом дода мешуд. Падараш Абдушукур дар баробари мударрис, қозӣ, мансабдор, инсони донишманд ва адабиётдӯстор буда, бо тахаллуси Ият шеър эҷод менамуд. Шарифҷон Махдуми Садри Зиё дар «..сояи маърифати вояи падар касби камол намуда, баъд аз вафоти падар беш аз пеш ба гирдоварии хазоини фазоил кушидааст.» [3, с. 273]. Нахуст ӯ дар назди Исо-махдум таҳсил намуда, ба хондани китоб ва хушнависӣ ҳаваси зиёд пайдо намуд. Аз ҷиҳати моддӣ таъмин будан, барояш имконият фароҳам меовард, ки аз ҷавонӣ ба ҷамъоварии маводҳои нодир шуруъ намояд ва дар як муддати кутоҳ бо динишу фазолати суханварӣ дар миёни аҳолии аморати Бухоро шинохта гардад. Фаъолияти қозигии Садри Зиё аз соли 1983 оғоз гардида, бо фосила тақрибан то соли 1920 давом намудааст. Баъди барпо гардидани Хокимияти Шуравӣ то соли 1924 дар идораҳои ҳукумати советӣ фаъолият намуда, бо шаҳодати писараш Муҳаммадҷон Шакуров охирҳои моҳи апрели соли 1932 бар асари бемории хафақон ва тиф вафот намудааст. [9, с.10]

Ба таври мухтасар дар адабиёти замони нав чеҳраи илмиву адабӣ, мақоми суханварӣ ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё дар осори устод Садриддин Айнӣ инъикос гардидааст. Зеро С. Айнӣ худ аз зумраи маорифпарварон ва равшанфикрони раддаи аввали Бухоро ба ҳисоб рафта, дар масири шинохти арзишҳои инсонӣ, дарки

моҳияти оламу одам, баррасии масоили муҳимму мубрами иҷтимоӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, адабӣ ва маданӣ гомҳои устувор бардоштааст. Ин аст, ки ӯ дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (1920), «Таърихчаи ҳаракати инқилобӣ дар Бухоро» (ба туркии ӯзбекӣ, 1920-1921), «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1920-1923) «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1940), «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ва «Ёддоштҳо» (1948-1953) бо як эҳтироми махсус ба шахсияти Садри Зиё ва мероси адабиву илмии ӯ баҳои баланд додааст.

С. Айнӣ бо такя ба мушоҳидот ва манобеи дастрас, лаҳзаҳои муҳимтарини зиндагӣ ва фаъолияти маорифпарварии Садри Зиёро дар асарҳои худ инъикос намуда, даҳҳо маротиба номи ин шахсиятро бо эҳтироми хосса зикр кардааст. Устод Айнӣ дар ҳар мавриде ки аз Садри Зиё ном мебарад, ӯро боиси ифтихори хеш ва миллати тоҷик меҳисобад. Зеро таъсири афкору ақидаҳои пешқадами Садри Зиё ба сифати яке аз уламои тозафикру навназар ва тараққихоҳ нисбат ба С. Айнӣ ва дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ ниҳоят бузург аст. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» медонад [1, с.296]. Симои пурфайз ва нодири Садри Зиё дар асари пуразриши Садриддин Айнӣ – «Ёддоштҳо» бо эҳтироми бузург ва бо нигоҳи воқеӣ инъикос ёфтааст. Айнӣ ӯро ҳамчун рамзи бедории фикрӣ ва маорифпарварии миллӣ муаррифӣ менамояд. Ба ақидаи Айнӣ, Садри Зиё шахсе буд, ки аз ҷаҳолат безор ва ба маърифат дилбастагӣ дошт, барои тарғиби донишҳои нав ҷон нисор мекард ва дар муборизаи маънавӣ бар зидди мутаассибон истодагарӣ менамуд.

Дар асоси маълумоти «Ёддоштҳо» нахустин шиносоии Садриддин Айнӣ бо Шарифҷон-махдум охирҳои тобистони соли 1889 дар хонаи Мулло Абдусалом рӯй додааст. Дар он вақт Айнии 11 сола ҳамроҳи амакаш барои хизмат аз истиқболи меҳмонони аз Бухоро ташрифоварда ба хонаи домулои кунҷакӣ омада буданд. Ҳангоми хизмат бо яке аз шогирдони Шарифҷон-махдум, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, байтбарак намуда, пирӯз мегардад. Садри Зиё баъди шунидани ин воқеа Садриддинро ба назди худ хонда, амакаш ва домулои кунҷакиро тавсия медиҳад, ки «... инро хонондан даркор аст. Бачаи қобилиятнок менамояд» [1, с.127]. Маҳз ҳамин шиносои бо Садри Зиё масири минбаъдаи Садриддини ятимро дар ҷоддаи таълим ҳамвор намуда, ҳамин муносибати хайрхоҳона худ як ҷаҳиши бузург ва заминагузорӣ ба маънавиёти ӯ мегардад.

Фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё дар қисми сеюми асар ба таври баръало дарҷ гардидааст. Ин фасл оиди замони таҳсил дар мадрасаҳои Бухоро, махсусан истиқомати ӯ дар хонаи Садри Зиё қисса мекунад. Дар ин давра баробари хидмат ба хонавода, инчунин, аз китобхона ва маҷлисҳои адабии дар ин хона баргузор гардида, баҳраҳо мебардорад. Ин марҳила ба устод Айнӣ манфиати бештар оварда, ба афкори ин ҷавони закиву ҳушманд табаддулоти маънавиро ба миён меорад. Ҳар ҳафта се рӯз, се шаби таътил – сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе ҷамъшавии шоирону носирон, донишмандону равшанфикрон, зарифону ширинкорон дар ҳавлии Садри Зиё ва оростани маҳфилҳои адабӣ ба Айнии ҳушманд таъсири амиқ гузоштааст. Муҳаммадҷон Шакурӣ рисолати таърихии маҳфилҳои Садри Зиёро дар рушди афкори маорифпарварӣ дар китоби «Садри Бухоро»-и худ ба таври хос таъкид намудааст: «Рисолати таърихии маҳфили адабии С. Зиё ин будааст, ки ҷасорати ҳақгӯй, маорифпарварӣ ва бахши иҷтимоиро, ки С. Зиё бо қатъияти том ба майдон овард, устуворӣ бахшид ва барои нуфузафзоии маорифпарварӣ дар ҷомеа мусоидат намуд» [9, с.21].

Ахбороти дар ин маҳфилҳо матраҳгардида оиди шахсони донишманд боис мегашт, нисбати онҳо дар дили Айнӣ меҳр пайдо шавад. Худи ӯ дар идомаи китоб менигорад, ки: «инчунин хубиҳои баъзе касони намоён ҳам зикр меёфт, ки ман ғоибона ба он гуна одамҳо муҳаббат пайдо карда будам» [1, с.281].

Дар идомаи асар С. Айнӣ аз дурусткорию дурустгӯии аҳли маҳфилҳо қисса намуда, натиҷагирӣ менамояд, ки: «Ана ҳаминҳо буданд гули сари сабади маҷлисҳои Шарифҷон-махдум, ки ман аз суҳбати онҳо бӯйи хушеро мешамидам» [1, с.281]. Ба андешаи Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, дар суҳбатҳои хонаи Садри Зиё танҳо вазъияти иҷтимоии ҷомеа матраҳ карда намешуд, балки дар он маънавиёти аҳолии Бухоро баррасӣ гардида, ҷанбаи интиқоди низ дошт: «Гуфтугузори аҳли суҳбатҳои маҳфили Садри Зиё танҳо бо ҷанбаи иҷтимоии рӯйдодҳои рӯз маҳдуд намегардид, балки заминаи густурдаи маънавӣ дошт. Аксари озодфикрони ин маҳфил аҳли фарҳанги маънавӣ буданд ва одитарин масъалаҳои ҳастии маънавии инсонро ба доираи андеша ва мизони хеш мекашиданд» [10, с.12].

Устод Айнӣ муддати 8 моҳи (1891-1892) зиндагӣ дар хонаи Садри Зиё дар хусуси мутолиаи як силсила кутуби адабӣ, бадеӣ ва таърихӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ ба таври зайл хабар медиҳад: «Шарифҷон-махдум девонҳои классикҳо ва китобҳои ҳикояро бисёр мутолиа мекард ва ҷойҳои фавқулода дилчаспи онҳоро ба ман ва Мирзо Абдулвоҳид шарҳ дода, ба завқи худ моро ҳам шарик менамуд» [5, с.33].

Садриддин Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» оид ба Садри Зиё фикрҳои ҷолиб ва маълумоти басо муҳимеро ба қалам оварда, соданависии ӯро махсусан қайд кардааст, ки ин дар «Ёддоштҳо» ва дигар асарҳо мушоҳида карда намешавад: «Шарифҷон-махдум аз иншонависони машҳури замони худ буда, аз мухлисони Аҳмади Дониш ва Сомӣ ба ҳисоб рафта, иншо, мактуб ва хотироти худро (нисбат ба он ду шахс – И. Д.) боз ҳам содатар ва оммафаҳмтар карда менавишт» [2, с.59].

Замоне ки Садри Зиё ба ҳайси қози дар Қаршӣ фаъолият мекард аз мадрасаи соҳибнуфузи шаҳри Бухоро — Кӯкалтош як ҳуҷраро харидорӣ намуда, ба ихтиёри Айнӣ мегузорад. Устод Айнӣ дар ҳуҷраи мазкур маддати 10 сол - аз соли 1907 то соли 1917 истиқомат намуда, таҳсили илм кардааст. Ин амал шаҳодати муҳббату ихлос ва эҳтиромои волои Садри Зиё нисбат ба Айнӣ буда, аз муносибати ғамхоронаи ин донишманд нисбат ба аҳли адаб гувоҳӣ медиҳад.

Бояд гуфт, ки дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ, ки як асари нотамом аст, фаъолияти Садри Зиёро танҳо дар доираи замони истиқомати худи устод дар хонаи ӯ, махсусан маҳфилҳои адабӣ ва шахсиятҳои донишманде ки дар ин маҳфилҳо иштирок мекарданд қисса мекунад. Вале тақдири минбаъдаи Садри Зиё аз «Таърихи инқилоби Бухоро» ба мо маълум мегардад, ки лозим ба ёдоварӣ шуморидам: «Бо сар шудани ҷанг қозикалон Бурҳониддин аз қушбегӣ Усмонбек ба ҳокими Қаршӣ хат фиристод, қозӣ Мирзо Шарифро ҳабс кунонида, ҷиянаш Абдувакилро куштанд» [4, с.218]. Дар натиҷа, «қозӣ Шарифҷон барин шахсе, ки дар Бухоро қозикалон шуда буд, дар ҳабсхона мехобиданд» [4, с.232] ва ин амал тамоми орзуву омоли як нафар аз зиёии равшанфикрро барбод намуда, фаъолияти минбаъдаи ӯро норавшан месозад.

Метавон гуфт, ки Садриддин Айнӣ дар таҳқиқотҳои илмӣ ва асарҳои таърихии худ роҷеъ ба тамоми паҳлуҳои ҳаёт, шахсият, ва алахусус фаъолияти маорифпарварии Садри Зиёро қисса намуда, бо баҳои арзанда додан ба мероси гаронарзиши ӯ, хизматҳои хайрхоҳонаи ӯро дар инкишофи муҳити адабӣ, бо далелҳои раднопазир зикр намудааст. С. Айнӣ ғояҳои пешқадами Садри Зиёро дар ҷодаи тарбиятгарӣ, бунёдкорӣ, маърифатпарварӣ, илмдӯстиву фарҳангдорӣ ва хештаншиносӣ мояи ибрат ба дигарон дониста, чун баҳри пургавҳар арзишимандии онро таъкид намудааст.

Қобили ёдоварист, ки Садри Зиё нисбат ба Садриддин Айнӣ муҳаббат, ихлос ва эҳтироми хос дошта, ӯро дар “Тазкори ашъор” бо ифтихор “…як чашми ман” ба қалам медиҳад:

Вафокеш мардум бидидам басе,
Чу Айниву Мунзим надидам касе.

Тавон гуфт Айнист як чашми ман,
Дигар чашм Мунзим дар ин анҷуман.
Бинозам ба гетӣ бад-ин ду нафар,
Ки мурғи диламро чу боланду пар. [6, с. 110]

Дар ҷои дигар низ дар баёни рафтору кирдор ва ҳунари шоирию нависандагии С.Айнӣ ибрози назар намуда, чунин овардааст:

Яке аз наҷибони равшанравон,
Ки дорад ватан хиттаи Ғиждувон.
Ба фазлу ҳунар шуҳраи хосу ом,
Лақаб Айнӣ, Садриддинхоҷа ном.
Ба мулки сухан Айнии хушбаён,
Чу шамъ аст урёну равшанравон.
Ба назму ба насри сухан довар аст,
Зи насраш вале назми ӯ хуштар аст [6, с.107].

Аз нусхаҳои шеърии дар боло овардашуда, мушоҳида карда мешавад, ки натанҳо Садри Зиё барои Айнӣ шахсияти хос ва донишманду маорифпарвар ба ҳисоб меравад, балки аз дидгоҳи Садри Зиё низ Айнӣ ҳамчун инсони равшанбаёну соҳибқалам шинохта шудааст.

Ҳамин тариқ Садриддин Айнӣ низ дар қиёс бо шахсиятҳои шинохтаи Бухоро фазилатҳои фардии Садри Зиё, аз қабили хоксорӣ, ахлоқи ҳамида, ғамхорӣ, заковату дониш ва амалу андешаҳои маорифпарваронаи ӯро дар «Ёддоштҳо» алоҳида зикр мекунад [5, с.9-10].

Аз баррасии илмии асари беназири «Ёддоштҳо» бармеояд, ки шахсияти Садри Зиё барои Айнӣ ва ҳамсафону ҳамфикронаш на танҳо устод, балки як идеали маънавӣ ба ҳисоб мерафт. Вай бо вуҷуди сахтиҳои зиндагӣ ва фишорҳои сиёсӣ, нооромиҳои замон аз роҳи худ нагашта, баръакс, ба илму дониш садоқат варзид ва бо ин амал насли нави равшанфикронро ба вуҷуд овард. Бо зиндагӣ ва фаъолияти худ исбот намуд, ки қудрати ҳақиқӣ дар илму маърифат аст, на дар зӯр ё мансаб. Нақши ӯ дар “Ёддоштҳо” на танҳо ҳамчун як шахси таърихӣ, балки ҳамчун рамзи бедории фикрӣ ва маънавии миллати тоҷик боқӣ мондааст.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо (Чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредактсияи илмии Энтсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.
2. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., – 128 с.
3. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Душанбе, «Адиб», 448 с.
4. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро (Баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб: Р. Ҳошим) / С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
5. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми I. — Сталинобод: Нашриёти Тоҷикистон, 1958. -286 с.
6. Садри Зиё, Шарифҷон – махдум. Тазори ашъор. Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз ашъори онон. Бо тасҳеҳи Саҳобиддини Содиқ. Бо кушиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухоройӣ./ Садри Зиё, Чопм аввал. – Теҳрон: Суруш, 1380=2001. – 428с.
7. Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо./ Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, - Душанбе: Дониш, 1975. – 369
8. Шакурӣ М. Садри Бухоро. Ба эҳтимоми С. Ахавон. — Теҳрон: Маркази аснод ва таърихи диплумосӣ, 1380-2002. -110 с.
9. Шакурӣ М. Садри Бухоро. Чопи дуввум. Бо тасҳуҳ, такмил ва иловаҳо. / М. Шакурӣ – Душанбе: Деваштич, 2005. – 330с.
10. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. – Душанбе: Интишороти бунёди Оли Сомон. Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 1999. – 160 с.

ФАЪОЛИЯТИ МАОРИФПАРВАРИИ САДРИ ЗИЁ ДАР «ЁДДОШТҲО»- И САДРИДДИН АЙНӢ

Мақола ба таври илмӣ нақши Садри Зиёро ҳамчун яке аз чеҳраҳои барҷастаи ҳаракати маорифпарварии Бухоро баррасӣ мекунад. Муаллиф бо такя ба навиштаҳои Садриддин Айнӣ, аз ҷумла «Ёддоштҳо», фаъолияти маънавӣ, илмӣ ва иҷтимоии ин шахсиятро инъикос менамояд. Дар матн нақши ҳалкунандаи маҳфилҳои адабии Садри Зиё, таъсири онҳо ба рушди фикрии Айнии ҷавон, хидматҳои илмии ин донишманд, ҷасорати иҷтимоӣ ва талошҳои ӯ дар роҳи ислоҳи низоми маорифи аморати Бухоро тавсиф ёфтааст. Мақола таъкид мекунад, ки Садри Зиё барои Айнӣ на танҳо устод, балки идеали маънавӣ буда, фаъолияти ӯ яке аз пояҳои асосии бедории фикрии ҷомеаи тоҷик ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: Садри Зиё, Садриддин Айнӣ, маорифпарварӣ, ҷадидия, Бухоро, Ёддоштҳо, ҳаракати маънавӣ, маҳфилҳои адабӣ, маорифи нав, бедории фикрӣ.

ПРОСВЕТИТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ САДРИ ЗИЁ В «ВОСПОМИНАНИЯХ» САДРИДДИНА АЙНИ

В данной статье исследуется просветительская деятельность Садри Зиё — одной из ключевых фигур джадидского движения в Бухаре. На основе мемуаров Садриддина Айни, особенно «Воспоминаний», анализируются жизненный путь, научное наследие и культурно-просветительская миссия этого выдающегося мыслителя. Особое внимание уделено литературным собраниям при доме Садри Зиё, их роли в формировании мировоззрения молодого Айни и распространении идей нового образования. Автор статьи подчеркивает, что Садри Зиё был для Айни не только наставником, но и нравственным идеалом, а его деятельность сыграла значительную роль в пробуждении общественно-культурной мысли таджикского народа.

Ключевые слова: Садри Зиё, Садриддин Айни, джадидизм, просветительство, Бухара, «Воспоминания», культурное пробуждение, литературные кружки, реформы образования.

THE EDUCATIONAL AND ENLIGHTENMENT ACTIVITIES OF SADRI ZIYO IN SADRIDDIN AINI'S "MEMOIRS"

The article examines the educational and intellectual activities of Sadri Ziyo, one of the prominent figures of the Jadid enlightenment movement in Bukhara. Based on Sadriddin Aini's works, especially his memoirs "Yoddoshtho" ("Memoirs"), it highlights Sadri Ziyo's scholarly contributions, his progressive worldview, and his efforts to reform the traditional educational system. Particular emphasis is placed on the literary gatherings hosted by Sadri Ziyo, which profoundly influenced the intellectual development of the young Aini. The article concludes that Sadri Ziyo served not only as Aini's mentor but also as a moral and spiritual ideal, and his legacy represents an important foundation for the intellectual awakening of the Tajik nation.

Keywords: Sadri Ziyo, Sadriddin Aini, Jadid movement, enlightenment, Bukhara, Memoirs, educational reform, intellectual awakening, literary circles.

Маълумот дар бораи муаллиф: Исмоилзода Дилафрӯз – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,магистри соли дуюми факултети таърих, **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 935820695.

Информация об авторе: ***Исмоилзода Дилафрус*** **–** Таджикский национальный университет, студент второго курса магистратуры, исторический факультет, Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 935820695.

Information about the author: Ismoilzoda Dilafruz – Tajik National University, second year master's student, Faculty of History, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone: (+992) 935820695**.**

АҲМАДШОҲИ МАСЪУД ДАР ҲИФЗИ ТАМОМИЯТИ АРЗИИ АФҒОНИСТОН ДАР ДАВРАИ ЯКУМИ ҲУКМРОНИИ ТОЛИБОН (с. 1996-2001)

Турсунов Т.Х., Нуров С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърихи сиёсии Афғонистон дар охири асри XX ва оғози асри XXI яке аз мураккабтарин ва пуртазодтарин марҳилаҳои минтақаро ташкил медиҳад. Пас аз суқути давлати Наҷибуллоҳ ва оғози низоъҳои дохилии гурӯҳҳои муҷоҳидин, дар арсаи сиёсат неруи наве бо номи ҳаракати «Толибон» зуҳур кард, ки бо дастгирии доираҳои хориҷӣ тавонист дар муддати кӯтоҳ қисми зиёди қаламрави кишварро тасарруф намояд.

Давраи солҳои 1996–2001 дар таърих ҳамчун марҳалаи муқовимати шадиди неруҳои ватандӯст бар зидди истилои хориҷӣ ва идеологияи ифротӣ шинохта мешавад. Дар маркази ин набардҳои тақдирсоз шахсияти барҷастаи низомӣ ва сиёсӣ, Қаҳрамони миллии Афғонистон - Аҳмадшоҳи Масъуд қарор дошт. Ӯ на танҳо ҳамчун фармондеҳи боистеъдод, балки ҳамчун меҳвари иттиҳоди неруҳои мухталифи этникӣ дар қолаби «Паймони Шимолӣ» (Иттиҳоди Шимолӣ) баромад намуда, водии Панҷшерро ба истеҳкоми шикастнопазири озодихоҳӣ табдил дод.

Ин давра барои кишвар ва мардуми он ҳамчун марҳалаи санҷиши қудрат, ҳамоҳангсозии неруҳои маҳаллӣ ва таъсири қавмӣ, минтақавӣ ба неруҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Пайдоиши Толибон ва эътирофи онҳо аз ҷониби баъзе кишварҳои минтақа ва ҷаҳонӣ барои равандҳои дохилӣ ва стратегияи муқобилият бо онҳо таҳдиди ҷиддӣ эҷод кард, ки неруҳои муқобилро водор сохт, ки дар шароити вазнин ва зери фишори ҳамлаҳои шадиди низомӣ қарор гиранд.

Аҳмадшоҳи Масъуд ҳамчун раҳбари неруҳои муқобили Толибон ва устувории шимоли Афғонистон нақши калидӣ дошт. Ӯ, ки бо таҷрибаи ҷангӣ ва стратегияи мукаммал шинохта мешуд, тавонист бо истифода аз манфиатҳои ҷуғрофӣ ва ҳамоҳангсозии неруҳои мухолиф, пешравии Толибонро маҳдуд созад ва водии Панҷшерро ҳамчун пойгоҳи амалиётҳои мудофиа ва ҳамлаҳои тактикӣ ба неруҳои душман нигоҳ дорад. Дар ҳамин замина, ҳамоҳангсозии Масъуд бо Абдуррашид Дӯстум ва дигар раҳбарони маҳаллӣ ва ҳамзамон истифодаи каминони тактикӣ, гузаргоҳҳои стратегӣ ва нуқтаҳои муҳимми кӯҳӣ, нишон дод, ки ҳатто дар давраи фишор ва задухӯрдҳои шадид неруҳои маҳаллӣ метавонанд муқобили таҳдидҳои қавӣ ва дастгирӣёфтаи минтақавӣ истодагарӣ кунанд. Ҳамзамон, ин давра як намунаи равшани таъсири ихтилофҳои дохилӣ ва шикасти муттаҳидии неруҳои муқобил бар қудратҳои душман ва ба таври худкор ба қудрат расидани гурӯҳҳои нав, аз ҷумла Толибон, буд.

Аз ин ҷиҳат, таҳлили фаъолияти Аҳмадшоҳи Масъуд ва таъсири ҳукумати якуми Толибон ба сохтори сиёсӣ ва низомии Афғонистон на танҳо ҳикояи рӯйдодҳои ҷангӣ мебошад, балки намунаи барҷастаи стратегия, муқобила ва фаҳмиши динамикаи қудрат дар шароити низоъҳои дохилӣ ва минтақавӣ маҳсуб мешавад. Ин марҳала инчунин нишон медиҳад, ки чӣ гуна роҳбарони маҳаллӣ метавонанд дар муқобили таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ нақши таърихӣ бозанд ва тақдири як кишварро ба таври ҷиддӣ тағйир диҳанд.

ments, and the promotion of human rights [1, p.389]. The foreign policy of a state using soft power is aimed at creating sustainable positive images and forming favorable political and economic conditions for its interests. The United States and Russia employ different approaches to implementing soft power, which leads to different models of their international policies.

For the United States, soft power has become an integral tool of foreign policy since the late 20th century, when the country succeeded in strengthening its global position by actively using cultural diplomacy and supporting democratic values. U.S. foreign policy is focused on the spread of liberal democratic values and human rights, which are crucial elements of their foreign strategy. The main tools of soft power employed by the U.S. include:

Cultural exchanges and educational programs: The U.S. actively uses exchange programs such as the Fulbright Program, the International Visitor Leadership Program (IVLP), and offers scholarships for foreign students. These programs promote cultural and educational ties with other countries and help create long-term positive images of the U.S. in the international arena [2].

International media: Television, radio stations, and online platforms like Voice of America, Radio Free Europe, and CNN play a significant role in disseminating American ideology. They help shape the image of the U.S. as a leader of the free world, promoting human rights, democracy, and justice [2].

Humanitarian aid: The U.S. actively provides humanitarian assistance through international organizations such as the United Nations, as well as private charitable organizations. This aid is often accompanied by political support for countries that adhere to democracy and human rights principles.

These methods, driven by the goal of promoting American values globally, form the core of U.S. soft power and contribute significantly to its international influence. United States applies soft power with the goal of creating an attractive foreign policy aimed at expanding American influence in the political and economic spheres. The U.S. uses its soft power to shape a favorable image in developing countries by supporting peacekeeping missions, enhancing global security, and promoting market economic principles.

In contrast to the U.S., Russia employs soft power to defend and strengthen its cultural, political, and geopolitical influence, primarily in the post-Soviet space. Russia relies on its history, culture, and

religious heritage to improve its relations with neighboring countries and to prevent "Western influence" in their domestic politics. The main tools of Russia's soft power include:

Cultural and educational programs: An important part of Russian foreign policy is supporting Russian-speaking communities and running cultural programs such as the "Russian World" and the Pushkin Institute. These projects aim to maintain the Russian language and culture, spread Russian values in the CIS countries and beyond.

State-run media and news agencies: Russia actively uses its state-controlled media outlets, such as RT and Sputnik, to disseminate information and shape a favorable image of the country in the world. These channels use propaganda and educational programs to promote viewpoints advantageous to Russia, particularly on issues of geopolitical security and the struggle against Western influence [2].

Humanitarian initiatives and aid: Russia actively provides humanitarian aid to neighboring countries, which serves as a strategic tool for strengthening its political influence. For example, aid programs in Central Asia and the Caucasus allow Russia to maintain its influence and enhance security in regions neighboring unstable countries, such as Afghanistan.

Role in international organizations: Russia's foreign policy also actively uses soft power through international platforms such as the Shanghai Cooperation Organization (SCO), the Collective Security Treaty Organization (CSTO), and the World Health Organization (WHO). This allows Russia to expand its influence in global processes and strengthen its position in Eurasia [3].

Thus, Russia employs soft power to restore its influence in the post-Soviet space, support authoritarian regimes, counter Western ideas, and strengthen cultural and political ties with neighboring countries.

Comparative Analysis

Despite the similarities in the approaches of the United States and Russia in the application of soft power, their strategies and methods differ significantly. The United States focuses on promoting democracy, freedoms, and human rights with the aim of creating a liberal world order. In contrast, Russia employs soft power as a tool to protect and strengthen its political influence, primarily in the post-Soviet space. This is reflected in the support of Russian-speaking communities, the preservation of old cultural ties, and the expansion of its media influence through state-controlled outlets.

U.S. foreign policy emphasizes cultural exchanges and the maintenance of democratic values through programs such as the Fulbright Program, while Russia uses cultural and educational exchanges to strengthen ties within the CIS and form alliances with more authoritarian countries, including those in Central Asia and the Caucasus.

Soft power remains a crucial tool in global diplomacy, and both the United States and Russia actively use it in their foreign economic and political strategies. However, the approaches of these two countries differ significantly. The U.S. focuses on the promotion of democratic and liberal values, whereas Russia places more emphasis on supporting cultural, historical, and religious connections, aiming to preserve and strengthen its influence in the post-Soviet space and in global politics. Despite these differences, soft power remains an essential mechanism in shaping international relations and strategies in the context of globalization. [5].

In conclusion, both the United States and Russia effectively utilize the concept of soft power to advance their foreign policy objectives, albeit with different strategic aims and methods. The United States employs soft power primarily as a tool to promote democratic values, human rights, and the liberal world order, using cultural diplomacy, educational exchanges, and media platforms to build positive international relationships and extend its influence globally. On the other hand, Russia uses soft power to consolidate and extend its geopolitical influence, especially within the post-Soviet space, by supporting Russian-speaking communities, preserving cultural ties, and strengthening its media presence to counter Western influence and foster alliances with more authoritarian regimes.

While both nations share an understanding of the importance of non-coercive influence in shaping global relations, the focus of their soft power strategies diverges significantly. The United States seeks to inspire global change through the promotion of freedoms and democratic principles, while Russia's

soft power is more oriented toward safeguarding its historical, cultural, and political interests in its near abroad and reasserting its role on the global stage.

Despite these differences, soft power remains a vital instrument for both countries in shaping international diplomacy, ensuring stability, and responding to the challenges of an increasingly interconnected and multipolar world. As globalization continues to evolve, the dynamics of soft power will likely play a more central role in international relations, with both the United States and Russia refining their strategies to better reflect their national interests in the global arena.

LITERATURE

1. Nye J. The Place of Soft Power in State-Based Conflict Management/Leashing the Dogs of War: Conflict Management in a Divided World / eds. Crocker C.A., Hampson F.O., Aall P. Washington: United States Institute of Peace Press, 2007. P. 389-401.
2. Nye J. America's Soft Learning Curve // The Economist. 2003. Nov. 20. URL: http://www.economist.com/node/2188803
3. Дмитриев, А. В. Мягкая сила в международных отношениях: Россия и Запад. Москва: Академический проект, 2016.
4. Щербакова, Т. А. Россия и США в глобальной информационной войне: Роли и влияние мягкой силы. Санкт-Петербург: Юридический центр Пресс, 2018.
5. Nye J. The Future of Power. NY.: Public Affairs, 2011.
6. Nye J. Trump's Tweets Harm US's Soft Power // Deutsche Welle. 2017. Jan. 16. URL: https://www.dw.com/en/joseph-nye-trumps-tweets-harm-us-soft-power/a-3714307
7. Rating World Leaders: 2018. The U.S. vs. Germany, China and Russia // Gallup. URL: https://news.gallup.com/reports/225587/rating-world-leaders-2018. aspx?thank-you-report-form=1 (дата обращения: 30.03.2022).
8. Soft power, мягкая сила, мягкая власть. Междисциплинарный анализ: колл. Монография / сост. и ред. Е.Г. Борисова. М.: ФЛИНТА: Наука, 2015.
9. .Soft Power: теория, ресурсы, дискурс / под ред. О.Ф. Русаковой. Екатеринбург: Издательский Дом «Дискурс-Пи», 2015.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ТАТБИҚИ КОНСЕПСИЯИ «ҚУДРАТИ НАРМ» ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ВА РУСИЯ

Дар ин мақола таҳлили муқоисавии татбиқи мафҳуми "қувваи нарм" дар сиёсати хориҷии ИМА ва Русия пешниҳод шудааст. Қувваи нарм, чунон ки аз ҷониби Ҷозеф Най пешниҳод шудааст, ҳамчун воситаи муҳим барои пешбурди манфиатҳои кишварҳо дар арсаи байналмилалӣ бидуни истифодаи зӯрӣ ё маҷбуркунӣ хизмат мекунад. ИМА аз қувваи нарм барои таблиғи демократия, ҳуқуқи инсон ва арзишҳои либералӣ тавассути барномаҳои мубодилаи фарҳангӣ, ташаббусҳои таълимӣ ва ВАО-и байналмилалӣ фаъолона истифода мебарад. Дар айни замон, Русия аз қудрати нарм барои тақвияти нуфузи сиёсии худ, бахусус дар фазои пасошӯравӣ, ки ба дастгирии ҷамоатҳои русзабон, робитаҳои фарҳангӣ ва динӣ ва тавассути ВАО-и давлатии худ таъкид мекунад, истифода мебарад. Сарфи назар аз шабоҳатҳо дар татбиқи ин абзор, равишҳои ИМА ва Русия аз сабаби заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии худ ба таври назаррас фарқ мекунанд. Дар мақола аҳамияти қувваи нарм дар заминаи муосири байналмилалӣ ва нақши он дар дипломатияи ҷаҳонӣ таъкид шудааст.

Калидвожаҳо: қувваи нарм, сиёсати хориҷӣ, ИМА, Русия, дипломатияи фарҳангӣ, арзишҳои демократӣ, фазои пасошуравӣ.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПРИМЕНЕНИЯ КОНЦЕПЦИИ «МЯГКОЙ СИЛЫ» ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ США И РОССИИ

Статья представляет собой сравнительный анализ применения концепции «мягкой силы» в внешней политике США и России. Мягкая сила, предложенная Джозефом Наем, служит важным инструментом для продвижения интересов стран на международной арене без использования силы или принуждения. США активно используют мягкую силу для распространения демократии, прав человека и либеральных ценностей, используя программы культурного обмена, образовательные инициативы и международные СМИ. В то же время, Россия применяет мягкую силу для укрепления своего политического влияния, особенно в постсоветском пространстве, акцентируя внимание на поддержке русскоязычных общин, культурных и религиозных связях, а также через свои государственные медиа. Несмотря на схожесть в применении этого инструмента, подходы США и России значительно различаются, что обусловлено их историческими, политическими и культурными контекстами. Статья подчеркивает важность мягкой силы в современном международном контексте и её роль в глобальной дипломатии.

Ключевые слова: мягкая сила, внешняя политика, США, Россия, культурная дипломатия, демократические ценности, постсоветское пространство.

COMPARATIVE ANALYSIS OF THE APPLICATION OF THE FOREIGN POLICY CONCEPT OF "SOFT POWER" IN THE FOREIGN POLICIES OF THE UNITED STATES AND RUSSIA

The article presents a comparative analysis of the application of the concept of "soft power" in the foreign policies of the United States and Russia. Soft power, proposed by Joseph Nye, serves as an important tool for promoting national interests on the international stage without the use of force or coercion. The United States actively employs soft power to spread democracy, human rights, and liberal values, using cultural exchange programs, educational initiatives, and international media. In contrast, Russia applies soft power to strengthen its political influence, especially in the post-Soviet space, focusing on supporting Russian-speaking communities, cultural and religious ties, and using its state media. Despite similarities in the use of this tool, the approaches of the United States and Russia differ significantly due to their historical, political, and cultural contexts. The article highlights the importance of soft power in the modern international context and its role in global diplomacy.

Keywords: soft power, foreign policy, USA, Russia, cultural diplomacy, democratic values, post-Soviet space.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Расулова Ситора*** - Донишгохи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми кафедраи муносбатҳои байналхалқӣ. Суроға: 734029, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.Телефон**: (+992)909-93 -59-09**,E-mail: rasulvas@mail.ru

Сведения об авторе: ***Расулова Ситора*** – Таджикский национальный университет, студентка 2-го курса магистратуры, факультет международных отношений. Адрес: 734029, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)909-93-59-09**, E-mail: rasulvas@mail.ru

Information about the author: ***Rasulova Sitora*** - Tajik National University, 2nd year master's student, Department of International Relations. Address: 734029, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992)909-93 -59-09**, E-mail: rasulvas@mail.ru

БАРНОМАИ ҲАСТАИИ ЭРОН

Мунисаи Н.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Барномаи ҳастаии Эрон маҷмуи тақрибан бист иншооти илмӣ-таҳқиқотӣ ва истеҳсолӣ дар соҳаи энергияи ҳастаӣ мебошад, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Исломии Эрон фаъолият мекунанд. Ин барнома аз солҳои 1950-ум оғоз ёфта, дар тули чанд даҳсола ба таври тадриҷӣ рушд ёфтааст. Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ он зери таъсири омилҳои сиёсӣ, илмӣ ва байналмилалӣ қарор дошта, шакл ва самти худро тағйир додааст [1, с.78].

Мақомоти расмии Эрон пайваста таъкид менамоянд, ки барномаи ҳастаии кишвар танҳо ба ҳадафҳои сулҳомез нигаронида шудааст. Ба гуфтаи Теҳрон, истифодаи энергияи ҳастаӣ пеш аз ҳама барои истеҳсоли неруи барқ, рушди таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар соҳаҳои тиб ва саноат пешбинӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, аз аввали солҳои 2000-ум як қатор кишварҳо, пеш аз ҳама давлатҳои ғарбӣ, нисбат ба моҳияти воқеии барномаи ҳастаии Эрон изҳори нигаронӣ карданд. Онҳо Эронро ба он гумонбар менамоянд, ки барномаи мазкур метавонад дорои ҷузъи низомӣ бошад ва дар ниҳоят ба эҷоди силоҳи ҳастаӣ равона гардад [2, с.66].

Аз соли 2006 инҷониб нисбат ба Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳримҳои байналмилалӣ ҷорӣ карда шуданд. Сабаби асосии ин чораҳо фаъолияти ғанисозии уран аз ҷониби Эрон арзёбӣ мегардад. Дар ҳамин замина, Агентии байналмилалии неруи атомӣ (АБНА), ки назорат бар истифодаи атом ва энергияи ҳастаиро дар ҷаҳон ба уҳда дорад, Эронро ба гурӯҳи такондиҳандаи «давлатҳои остонавӣ» шомил намуд. Ба ин гурӯҳ он кишварҳое дохил мешаванд, ки аз лиҳози техникӣ ба тавлиди урани дорои истифодаи низомӣ хеле наздик шудаанд. Ба ибораи дигар, чунин давлатҳо дар сурати қабули қарор метавонанд дар муҳлати кӯтоҳ урани заруриро барои сохтани силоҳи ҳастаӣ истеҳсол намоянд.

Тибқи маълумоти мавҷуда, Эрон захираҳои уранро бо сатҳи ғанисозии то 60 фоиз ҷамъоварӣ кардааст. Дар ҳоле ки барои истифодаи ғайринизомӣ, аз ҷумла истеҳсоли неруи барқ ё корҳои таҳқиқотӣ, сатҳи ғанисозӣ одатан аз 5 фоиз зиёд нест. Маҳз ҳамин сатҳи баланди ғанисозӣ боиси нигаронии ҷиддии ҷомеаи байналмилалӣ гардида, нишон медиҳад, ки урани мавҷуда аз ҷиҳати техникӣ барои сохтани силоҳи ҳастаӣ мувофиқ мебошад.

Илова бар ин, Эрон ба таҳияи урани металлӣ низ машғул аст. Ин раванд барои сохтани бомбаи атомӣ аҳаммияти калидӣ дорад, зеро истифодаи урани металлӣ вақти лозимаро барои истеҳсоли силоҳи ҳастаӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Бар асоси арзёбиҳои охирини АБНА, захираҳои урани ғанишудаи Эрон аз ҷиҳати назариявӣ барои истеҳсоли то шаш бомбаи атомӣ кофӣ арзёбӣ мешаванд [3, с.45-52].

Оғози барномаи ҳастаии Эрон ба солҳои 1950-ум рост меояд, замоне ки кишвар таҳти роҳбарии шоҳ Муҳаммадризо Паҳлавӣ қарор дошт. Дар он давра рушди илму техника ҳамчун ҷузъи муҳими стратегияи сиёсати миллӣ баррасӣ мешуд. Барномаи атомии Эрон дар доираи ташаббуси байналмилалии «Атомҳо барои сулҳ» бо дастгирии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оғоз гардид. Ҳадафи асосии ин ташаббус паҳн намудани технологияҳои атомӣ барои истифодаи осоиштаи энергетикӣ ва таҳкими иқтидори илмӣ-технологии кишварҳои иштироккунанда буд.

Дар охири солҳои 1950 ва аввали солҳои 1960 Эрон шуруъ кард ба таъсиси пойгоҳҳои илмӣ ва марказҳои тадқиқоти атомӣ, ки асоси рушди барномаи ҳастаии кишвар шуданд. Ин марказҳо ба омӯзиши реакторҳо, таҳияи технологияҳои истеҳсоли

уран ва тайёр кардани кадрҳои тахассусӣ барои соҳаи ядроӣ равона шуда буданд. Бо ин тадбирҳо, Эрон нахустин заминаи илмӣ ва технологиро барои таҳқиқоти ҳастаӣ фароҳам овард, ки дар оянда барои рушди реакторҳои тадқиқотӣ ва истифодаи осоиштаи энергияи атомӣ аҳамияти калидӣ дошт.

Ҳамзамон, кишвар робитаҳои техникию илмӣ бо кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, барқарор намуд. Дар натиҷа соли 1967 аввалин реактори таълимӣ ва тадқиқотии кишвар реактори тадқиқотии Теҳрон "Tehran Research Reactor" бо қудрати 5 МВт ба кор андохта шуд. Ин реактор асосан барои истеҳсоли изотопҳои радиоактивӣ дар мақсадҳои тиббӣ пешбинӣ шуда, ҳамзамон барои омӯзиш ва таҳияи муҳандисони ҳастаӣ заминаи амалии муҳимро фароҳам овард [4, с.61-78]. Ин лоиҳа на танҳо таҷрибаҳои техникӣ ва тадқиқотиро пеш мебурд, балки имконият фароҳам меовард, ки Эрон мустақилона ба рушди технологияҳои ядроӣ дар кишвар оғоз кунад.

Дар ҳамин давра, Ҷумҳурии Исломии Эрон тадриҷан ба санадҳои байналмилалӣ оид ба назорати ядроӣ ҳамроҳ гардид. Дар моҳи майи соли 1958 кишвар оиномаи Агентии байналмилалии Неруи Атомӣ (АБНА)-ро тасдиқ намуд, ки нишонаи омодагӣ ва ҳамкории Эрон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти истифодаи сулҳомези энергияи атомӣ буд. Ин иқдом ба кишвар имкон дод, ки дар доираи низоми назорати байналмилалӣ фаъолият кунад ва шаффофият дар истифодаи технологияҳои ҳастаиро таъмин намояд.

Соли 1963 Эрон шартномаи манъи озмоишҳои силоҳи ҳастаӣ дар атмосфера, фазои кайҳонӣ ва зери об-ро имзо ва тасдиқ намуд. Ҳадафи асосӣ коҳиш додани хатари ифлосшавии муҳити зист ва маҳдуд кардани паҳншавии силоҳи ҳастаӣ буд. Ин санад нишон дод, ки Эрон дар ҳамоҳангӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва меъёрҳои амнияти байналмилалӣ қадам мегузорад [5, с.63-64].

Соли 1968 Теҳрон шартномаи паҳн накардани силоҳи ҳастаӣ (ДНЯО)-ро расман тасдиқ намуд. Мутобиқи муқаррароти ин санад, Эрон уҳдадор шуд, ки на ба таҳия ва на ба истеҳсоли силоҳи ҳастаӣ машғул шавад ва ҳамзамон ҳуқуқи истифодаи сулҳомези энергияи атомиро барои мақсадҳои иқтисодӣ, илми ва энергетикӣ ҳифз намояд. Ин тадбир дар замони худ як иқдоми муҳим барои эътимоднокии байналмилалӣ ва ҳамоҳангӣ бо низоми назорати ядроӣ ба ҳисоб мерафт.

Бо мақсади таъмини иҷрои амалии ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, соли 1974 Эрон бо АБНА созишномаи ҳамҷониба оид ба кафолатҳо имзо намуд. Тибқи ин созишнома, тамоми фаъолиятҳои ҳастаии кишвар зери назорат ва санҷиши байналмилалӣ қарор гирифт, ки ин барои эҷоди шаффофият ва ҳамоҳангӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти калидӣ дошт.

Дар давоми солҳои 1970-ум, вазъи байналмилалӣ ва иқтисодӣ низ ба рушди барномаи ҳастаии Эрон таъсир расонд. Буҳрони нафтии соли 1973, ки дар пайи ҷанги Арабу Исроил ба вуҷуд омад, даромади кишварҳои содиркунандаи нафт, аз ҷумла Эронро ба таври бесобиқ афзонд. Шоҳ Моҳаммад Ризо Паҳлавӣ ин имкониятро барои татбиқи барномаҳои васеи саноатӣ ва технологӣ истифода бурд. Дар натиҷа сармоягузорӣ ба соҳаҳои омӯзишӣ, тадқиқотӣ ва реакторҳои атомӣ афзоиш ёфт, ки заминаи техникии мукаммал барои рушди соҳаи ҳастаиро фароҳам овард.

Марҳилаи аввали барномаи ҳастаии Эрон нишон дод, ки кишвар тавонист бо роҳандозии марказҳои тадқиқотӣ, таъсиси реакторҳои таълимӣ ва ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ, таҳқиқоти мустақилонаи ядроиро оғоз кунад. Ҳамаи ин иқдомҳо заминаи воқеии рушд ва амалӣ кардани истифодабарии сулҳомези энергияи атомиро таъмин карданд. Ин марҳила на танҳо имкониятҳои техникӣ ва илмиро фароҳам овард, балки эътимоди ҷомеаи байналмилалиро ба кишвар барои ҳамкорӣ дар самти ядроӣ тақвият дод.

Ҳамин тавр, солҳои 1950–1979 барои Эрон марҳилаи ташаккули илмӣ ва ҳуқуқии барномаи ҳастаӣ ҳисоб мешавад. Он заминаҳои техникии реакторҳо, тадқиқоти уран ва омӯзиши кадрҳои тахассусиро фароҳам оварда, ҳамзамон омодагӣ ба ҳамкории байналмилалӣ ва риояи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро таъмин намуд. Ин марҳила ҳамчун пояи асосӣ барои рушди минбаъдаи барномаи ҳастаӣ то солҳои баъдӣ хизмат мекунад.

Пас аз Инқилоби Исломии 1979 марҳилаи рушди барномаи ҳастаии Эрон ба чолишҳои нав рӯ ба рӯ шуд. Ҳарчанд барномаи атомии кишвар дар замони шоҳ Мӯҳаммад Ризо Паҳлавӣ бо нақшаҳои бузурги энергетикӣ, аз ҷумла бунёди то 20 неругоҳи ҳастаӣ бо иқтидори умумии қариб 23 000 МВт дар нақшаи стратегӣ буд, ин нақшаҳо баъди инқилоб ба таври муассир ба натиҷа нарасиданд [6]. Дар даҳсолаи 1970-ум хусусан соли 1974, ҳукумати Паҳлавӣ эълон карда буд, ки Эрон дар давоми ду даҳсола то 20 нерӯгоҳи атомӣ бунёд мекунад ва ба мушовираҳои гуногун бо Иёлоти Муттаҳида, Олмони Ғарбӣ ва Фаронса оғоз намудааст, то заминаи техникии ин барномаро муҳайё созад. Дар ҳамон солҳо инчунин сохтмони ду реактори обӣ (PWR) бо иқтидори барқии 1196 МВт дар Бушеҳр бо ширкати олмонии “Kraftwerk Union” оғоз шуд, ки бояд дар солҳои 1980–1981 ба истифода дода мешуд. Аммо бо сар задани тазоҳурот ва тағйироти сиёсӣ дар соли 1979 сохтмон қатъ гардид [7].

Пас аз пирӯзии инқилоб дар Эрон муносибат бо Ғарб тағйир ёфт ва барномаҳои ҳастаие, ки қаблан бо дастгирии кишварҳои ғарбӣ амалӣ мешуданд, муваққатан манъ шуданд. То он замон реактори аввали нерӯгоҳи Бушеҳр тақрибан 85 % омода буд, аммо бо оғози солҳои 1980 ва махсусан дар Ҷанги Даҳсолаи Эрон-Ироқ (1980–1988) таҷҳизот ва сохторҳои барнома ба мушкилот дучор шуданд. Ҷанг ба таври ҷиддӣ ба инфрасохтори атомӣ осеб расонид ва фаъолияти барномаҳои тадқиқотӣ ба саҳнаи нави баҳсҳо ворид гардид [8].

Бо вуҷуди таҷдиди сиёсӣ ва монеаҳои иқтисодӣ, роҳбарияти Эрон ба эҳёи тадқиқот ва омӯзиши илмӣ дар соҳаи ядроӣ таваҷҷуҳ кард. Дар аввали солҳои 1980-ум баъзе тадқиқотҳои лабораторӣ танҳо ба шакли маҳдуд ба кор даромаданд ва бархе манбаъҳо нақл мекунанд, ки фаъолиятҳои гӯё пинҳонӣ дар самти технологияи ҳастаӣ таҳти таъсири зарурати амниятӣ низ оғоз шудаанд. Дар ҳамин муддат бархе таҳлилгарон ишора мекунанд, ки роҳбарияти Эрон ба таъмини амнияти худ дар муқобили таҳдидҳои минтақаӣ ҳангоми ҷанг бо Ироқ эҳтимоли ҷустуҷӯи иқтидорҳои нав, аз ҷумла дар заминаи ядроиро баррасӣ мекард.

Соли 1987 марҳалаи муҳимтаре дар барномаи ҳастаӣ рух дод. Эрон тавассути шабакаи ғайрирасмии Абдулқодир Хон муҳандиси покистонӣ ва асосгузори системаи истеҳсоли центрифугаҳо дар Покистон қисме аз техника ва нақшаҳои центрифугаҳои Р-1 ва баъдан Р-2-ро ба даст оварад. Ин шабака, ки ба «сетори хатарноки паҳншавии технология» машҳур аст, ба кишварҳои гуногун аз ҷумла Эрон таҷҳизот ва донишҳои марбут ба ғанисозии уран пешниҳод мекард. Ин иқдом ба Эрон имкон дод, ки имкониятҳои техникии худро дар самти истеҳсоли уран ғанисошуда босуръаттар рушд диҳад.

Дар соли 1990 қарор дода шуд, ки Бушеҳр неругоҳи атомӣ, ки солҳои қабл сохта мешуд ба эҳё ва барқарорсозӣ баргардад. Ин тасмим дар контексти поёни ҷанг ва барқарории сиёсӣ ва техникӣ гирифта шуд. Пас аз чанд соли музокира дар соли 1992 Эрон ва Русия созишномаи ҳамкорӣ дар истифодаи сулҳомези энергетикаи ҳастаиро имзо карданд, ки дар доираи он сохтмони неругоҳи атомӣ дар Бушеҳр аз нав оғоз ёфт ва Русия бо Эрон барои иҷрои ин лоиҳа ҳамкорӣ намуд. Ин қадам нишон дод, ки Эрон ба барқарории неругоҳи атомӣ ҳамчун як тарҳи стратегии энергетикӣ ва иқтисодӣ аҳамияти калон медод.

Дар ин марҳила Эрон ба муносиботи байналмилалӣ оид ба технологияи ҳастаӣ рӯ овард. Аҷобиаш он буд, ки бо вуҷуди таҳримҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, кишвар тавонист пайваста сохторҳои барнома ва тадқиқотиро нигоҳ дорад ва ба рушди иқтидори худ барои омӯзиши технологияҳои марказҳои атомӣ такя кунад. Ин марҳила солҳои 1980-ум то оғози солҳои 2000-ум барои барномаи ҳастаии Эрон ҳамчун марҳилаи гузариш ба шумор меравад. Аз тавсеаи васеи барномаҳои техникии пешина ба тадқиқотҳои мустақили бештар ва сохтани иқтидори мустақим барои коркард ва ғанисозии уран.

Хулоса, солҳои 1979–2002 барои Эрон давраи муҳим ва пур аз таҷрибаҳои нав буданд. Баъд аз қатъи барномаҳои васеи солҳои 1970-ум, кишвар ба эҳёи тадқиқотҳои ядроӣ ва барқарории стратегияи худро шуруъ кард. Дар баробари ҷанг, таҳримҳо ва мушкилоти дохилӣ, Эрон дар самти истеҳсоӣ ва рушдҳои технологӣ қадамҳои муҳим гузошт, ки сипас дар марҳалаҳои баъдӣ ба баҳсҳои бузурги байналмилалӣ дар бораи иқтидори ҳастаӣ ва мақсадҳои он табдил ёфт.

Моҳи августи соли 2002 дар таърихи барномаи ҳастаии Эрон марҳилаи муҳиме оғоз ёфт. Дар ин давра гурӯҳи мухолифи эронӣ “Шурои милли муқовимати Эрон” дар як нишасти матбуотӣ мавҷудияти як қатор иншооти то он замон эълоннашудаи ҳастаиро ошкор намуданд. Тибқи иттилои пешниҳодшуда, Эрон дар минтақаи Натанз иншооти васеи ғанисозии уран ва дар шаҳри Арак иншооти вобаста ба реактори оби сангин бунёд кардааст. Баъдтар, бар асоси таҳлилҳои мақомоти иктишофии як қатор кишварҳо ва гузориши АБНА, ин иншоотҳоро ба лоиҳаи махфии эронии “Амад” иртибот донистанд. Чунин гузориш шуд, ки ин лоиҳа як барномаи ҳастаии сохторёфта ва махфӣ буда, ҳадафи он таҳияи ҷанбаҳои техникии силоҳи ҳастаӣ мебошад. Ба доираи фаъолияти лоиҳаи “Амад” тадқиқот оид ба тарҳи кулоҳаки ҳастаӣ, ҳисобу китобҳои физикии раванди таркиш, озмоишҳои ғайримустақими тарканда ва мутобиқсозии кулоҳаки ҳастаӣ бо мушакҳои баллистикӣ шомил мебошад.

Ошкор гардидани ин маълумот боиси нигаронии ҷиддии ҷомеаи байналмилалӣ гардид. Дар натиҷа, АБНА тафтишоти муфассалро оғоз карда аз Эрон талаб намуд, ки шаффофияти бештарро дар фаъолияти ҳастаии худт аъмин намояд. Аз ҳамин лаҳза масъалаи барномаи ҳастаии Эрон ба мавзӯи доимии баҳсҳои сиёсӣ ва амниятӣ дар сатҳи байналмилалӣ табдил ёфт. Моҳи феврали соли 2003 коршиносони АБНА аз иншооттҳои мазкур боздид карда, дар он ҷо нишонаҳои ғанисозии уран, ҳамчунин нишонаҳои дигар фаъолияти эълномнашударо ошкоро намуданд. Дере нагузашта Эрон эътироф кард, ки дар тӯли 18 сол бо усули сентрифугавӣ ва дар тӯли 12 сол инчунин бо усули лазерӣ ба ғанисозии уран машғул будааст.

Дар посух ба нигарониҳои байналмилалӣ оид ба барномаи ҳастаии Эрон се кишвари аврупоӣ (Фаронса, Британияи Кабир ва Олмон) бо мақсади ҳал кардани бухрон пеш аз ирсоли масъала ба Шурои Амнияти СММ бо роҳбарияти Эрон музокираро оғоз намуданд. Таҳти фишори ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар охири соли 2003 Эрон протоколи иловагии Созишномаи умумии атомӣ (ДНЯО)-ро имзо кард ва бар асоси тавсияҳои АБНА иҷрои барномаи ғанисозии уранро муваққатан боздошта эълон намуд.

Дар моҳи ноябри соли 2004, намояндагони Эрон дар Париж бо кишварҳои Е3 созишномаи ҳамоҳангшудаеро имҳо карданд, ки оғоз раванди музокирот барои таҳияи созишномаи дарозмуддат ва ҳалли таҳкими эхтимоди байналмилалиро таъмин мекард. Бо вуҷуди ин, пас аз интихоботи президентӣ соли 2005 ва ба қудрат расидани сиёсатмадори ултроконсеватив Маҳмуди Аҳмаднажод, Эрон барномаҳои ғанисозии уран ва истеҳсоли оби сангинро аз сар гирифт.

Соли 2006 АБНА Эронро ба худдорӣ ва ҳамкорӣ муттаҳам намуд ва Шурои Амнияти СММ аввалин таҳримҳоро нисбати кишвар ҷорӣ кард. Дар давраи 2006 -2015, Шурои Амнияти СММ чандин резолюси (№1696, 1737, 1747,1803, 1835,1929, 2224) қабул кард, ки дар онҳо қатъ кардани барномаи ғанисозии уран дар Арак талаб карда мешуд.

Бо вуҷуди ин, то соли 2007 тахмин мерафт, ки Эрон давраи пурраи сӯзишвории ҳастаиро ба анҷом расонидааст ва қобилияти мустақили истеҳсоли сӯзишвории ҳастаиро дорад [9, с.120-130].

Эрон дар соли 2013 музокироти наверо бо ҳадафи маҳдуд кардани фаъолиятҳои ҳастаӣ дар ивази сабуки таҳримҳои иқтисодӣ, бо кишварҳои ғарбӣ оғоз намуд. Пас аз ду соли музокирот, моҳи июли соли 2015 дар Вена, Эрон ва гурӯҳи E3/EU +3 (Британияи Кабир,Олмон, Фаронса/Иттиҳоди Аврупо,Чин, Русия ва ИМА) Созишномаи ҳамҳангшудаи ҳамаҷонибаи (JCPOA) – ро ба имзо расониданд.

Барномаи ҳастаии Эрон дар заминаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва таҳримҳои байналмилалӣ таҳия ва рушд ёфтааст. Дар замони имзои Созишномаи Ҳамгироии Ҳастаӣ (СВПД) соли 2015, Теҳрон ба ӯҳда гирифт, ки ҳадди аққал то соли 2030 уранро аз 3,67% зиёд накунад ва ҳаҷми урани ғанишударо дар давоми 15 сол то 98% коҳиш диҳад, яъне ба 300 кг расонад [10, с.280-290].

Пас аз шаш рӯз, Шурои Амнияти СММ қарори № 2231-ро якдилона қабул кард, ки дар он шартҳои СВПД муқаррар шуда, таҳвили силоҳи вазнин то октябри 2020 ва силоҳи ракетӣ то октябри 2023 ба Эрон манъ гардид. Аъзои доимии Шурои Амнияти СММ ба ин қарор ҳуқуқи вето доштанд ва онро дар шакли раъйгирии якдилона қабул карданд [11, с.290-295].

Дар майи 2018 президенти ИМА Доналд Трамп эълон кард, ки ИМА аз созишнома хориҷ мешавад ва бар зидди Эрон дубора таҳримҳоро ҷорӣ мекунад. Аврупо, Русия ва Чин амалҳои ИМА-ро маҳкум карданд, вале кишварҳои Иттиҳоди Аврупо натавонистанд фавран чораҳои муассир ҷорӣ кунанд, ки таъсири таҳримҳои ИМА-ро барҳам диҳанд ва созишномаро нигоҳ доранд. Дар натиҷа, Теҳрон як сол дигар ӯҳдадориҳои худро риоя кард, вале дар майи 2019 эълон намуд, ки онҳо муваққатан қатъ карда мешаванд.

Моҳи декабри соли 2020 парламенти Эрон қонуни наверо қабул намудки чор ҷанбаи асосиро дар мегирифт. Он Эронро вазифадор кард ки сатҳи ураниумро аз 3,67 фоиз то 20 фоиз афзоиҳ диҳад, агар таҳримҳои байналмилалӣ бардошта нашаванд. Дар моҳи январи соли 2021 Эрон ба ғанисозии урани то 20% дар корхонаи Фордо шурӯъ кард. Баъд аз як моҳ, риояи протоколи иловагӣ ба созишномаи кафолатҳои МАГАТЭ қатъ гардид, ки дастрасии мутахассисони агентӣ ба объектҳои ҳастаиро маҳдуд кард. Дар апрели 2021 бошад, Теҳрон ғанисозии уранро то 60% дар заводи Натанз оғоз кард.

Ноябри 2022 истеҳсоли урани то 60 фоиз дар корхонаи Фордо оғоз гардид. Дар охири январ 2023 мутахассисони АБНА дар ин корхонаи зеризаминӣ зарраҳои уране пайдо карданд, ки то 83,7% ғанӣ шуда буданд, ки ба сатҳи эҳтимолии истеҳсоли силоҳ наздик аст. Ҳамин сол, Теҳрон аккредитасияи чанд мутахассиси агентиро, ки объектҳои ҳастаии ӯро санҷида буданд, бозхонд кард.

Ин таҳаввулот нишон медиҳад, ки барномаи ҳастаии Эрон дар назди таҳримҳои байналмилалӣ ва тағйирёбии сиёсати ИМА чанд марҳиларо тай кардааст: аз риояи пурраи шартҳои СВПД то бозхонд ва афзоиши сатҳи ғанисозии уран. Ҳар қадами Эрон натиҷаи мустақими таъсири сиёсӣ, дипломатӣ ва амниятии ҷаҳонӣ мебошад, ки муносибатҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба таври мустақим ба барномаи ҳастаӣ таъсир мерасонанд.

Дар давраи маъмурияти Ҷо Байден, кӯшишҳо барои эҳё ва барқарор кардани созишномаи ҳастаӣ бо Эрон ба роҳ монда шуданд. Апрели соли 2021 дар Вена музокироти ғайримустақим бо ИМА, «сеюми аврупоӣ», Русия ва Чин оғоз ёфт, вале натиҷае ба даст наомад. Пас аз савгандёдкунии Доналд Трамп барои давраи дуюм дар моҳи январи 2025, ӯ эълом дошт, ки талош дорад созишномаи нави ҳастаӣ бо Эронро ба имзо расонад. Дар охири моҳи март Трамп ба Эрон таҳдиди «зарбаи низомии беназир» ва таҳримҳои иловагӣ кард, агар давоми ду моҳ ба музокирот розӣ нашавад. Апрели

ҳамон сол ӯ марҳилаи нави музокирот бо Эронро эълон кард, ки бар асоси нақша, мулоқотҳо бояд дар Оман баргузор шаванд.

Июн моҳи 2024 раиси АБНА Рафаэл Гросси изҳор дошт, ки Эрон сатҳи ғанисошударо ба 60% расонидааст. Як моҳ пас, котиби давлатии ИМА Энтони Блинкен тахмин зад, ки Эрон дар «як то ду ҳафта» аз дастёбӣ ба пешрафт дар таҳияи ҷузъҳои силоҳи ҳастаӣ қарор дорад. Дар декабри ҳамон сол Гросси эълон кард, ки Эрон суръати ғанисошавии уранро то 60% тез кардааст ва метавонад ба 90% наздик шавад, ки ин сатҳ барои сохтани силоҳи ҳастаӣ кофӣ аст

Дар айни замон Эрон силоҳи ҳастаӣ надорад, аммо тибқи маълумоти АБНА то моҳи декабри соли 2024, дар кишвар аллакай миқдори кофии урани то сатҳи 60% ғанишуда мавҷуд аст, ки онро метавон дар муддати нисбатан кӯтоҳ то сатҳи барои истеҳсоли силоҳи ҳастаӣ мувофиқ (90% ва болотар) ғанӣ гардонд. Қаблан, дар моҳи ноябр, Идораи кулли иктишофи хориҷии Фаронса гузориш дод, ки Эрон метавонад дар моҳҳои назди» соҳиби чунин силоҳ гардад. Дар моҳи июни соли 2025 инфрасохтори ҳастаии Эрон, аз ҷумла объектҳо дар Исфаҳон, Натанз ва Фордо, ҳадафи зарбаҳои ҳавоии неруҳои ҳарбии ҳавоии Исроил ва Иёлоти Муттаҳида қарор гирифтанд.

Иншооти Натанз дар таърихи барномаи ҳастаии Эрон борҳо мавриди ҳадафи ҳодисаҳои муҳим қарор гирифт. Масалан, дар солҳои 2009-2010 марказҳои барқии атомии Эрон бахусус Натанз, ба вируси компютерии мураккаби ба номи Стакснет мавриди ҳамла қарор гирифт. Ин вируси баландтехнологӣ системаи идоракунии сентрифугаҳо (барои тавлид ва коркарди уран) вайрон намуд ва ба таври мушаххас суръати гардиши сентрифугаҳоро халалдор сохт. Боре дигар дар ҳамин иншоот соли 2020 таркиш рух дод, ки бо оташсӯзӣ ҳамроҳ буд ва ҷузъе аз фаъолияти корхонаи ҳастаиро халалдор кард. Ин ҳодисаҳо нишон медиҳанд, ки иншооти Натанз ҳамеша дар маркази рӯйдодҳои марбут ба барномаи ҳастаӣ ва низоъҳои минтақавӣ қарор дорад

Моҳи феврали соли 2025 тавассути нашрияи Валл- Стрит “Wall Street Journal” гузориш шуд, ки Исроил нақша дорад, ба объектҳои ҳастаии Эрон зарба занад. Дар охири майи ҳамон сол нашрияи Axios низ иттилоъ дод, ки Исроил мехоҳад дар ояндаи наздик ба объектҳои ҳастаии кишвар зарба занад, агар музокирот натиҷа надиҳад.

Шаби 13 июни соли 2025 як рӯйдоди муҳимми сиёсӣ ва низомӣ дар таърихи барномаи ҳастаи Эрон ба ҳисоб меравад. Дар ин шаб, Исроил як амалиёти мушаххас ва густурда ба объектҳои стратегии барномаи ҳастаии Эрон ба ҳисоб меравад. Дар он шаб ҳавопаймоҳои неруҳои ҳавоии Исроил ба қаламрави Эрон зарба зад. Чанд маротиба зарбаҳо ба маркази ҳастаии зеризаминии Натанз расонида шуданд. Ба гуфтаи АБНА, чандин иншоот дар рӯи замин хароб шуда, инчунин изи зарар ба қисмати зеризаминии комплекси Натанз сабт шудааст. Илова бар ин, дар давоми 12 рӯзҳои низоъ Исроил эълом кард, ки 17 муҳандис ва коршиноси барномаи ҳастаии Эронро нобуд кардааст, аз ҷумла нуҳ нафарро дар рӯзи аввали амалиёт. Шаби 22 июн ИМА ба се иншооти асосии ҳастаии Фордо, Натанз ва Исфаҳон зарба зад. Президенти ИМА Доналд Трамп дар муроҷиат ба миллат изҳор дошт, ки дар натиҷаи ин зарбаҳо объектҳои Эрон оид ба бойкунии уран «тамоман нобуд шуданд». Бо вуҷуди ин, дар июли соли 2025 нашрияи Вашингтон Пост “Washington Post” бо такя ба маълумотҳо хабар дод, ки дар асл танҳо як объект — комплекси Фордо хароб шудааст. ҳамла боис шуд, ки Эрон дар ҷавоб ба Исроил чанд маротиба ба он кишвар ва ҳатто ба корҳои марбут ба он зарарбории мушакӣ анҷом диҳад. Дар натиҷа даргирии низомии байни ду кишвар тақрибан 12 рӯз идома ёфт, ки бо хавфҳои азим ва дахолати Амрико ҳамроҳ буд. Дар натиҷа, бо миёнаравии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ВА Қатар ташкилоти оташбас эълон шуд ва ҷанг хотима ёфт.

Хулоса, Эрон расман силоҳи ҳастаӣ надорад ва то имрӯз эълони расмии дастёбӣ ба чунин қудрат накардааст. Бо вуҷуди ин, барномаи ҳастаии Эрон то ҳадде пешрафтааст,

ки дорои имконот ва технологияҳои зарурӣ барои таҳияи силоҳи ҳастаӣ мебошад. Ин барнома аз чандин марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ иборат буда, дар соҳаи зеҳни ядроӣ, тавлиди ураниум ва технологияҳои марбут ба зериобӣ ва низоми зеҳнӣ фаъолият мекунад.

Таҳлилгарон бар инанд, ки пешрафти Эрон дар соҳаи ҳастаӣ метавонад дар оянда ҳамчун замина барои сохтани силоҳи ҳастаӣ истифода шавад, ҳарчанд мақомоти Эрон борҳо таъкид кардаанд, ки барномаи онҳо танҳо барои истифодаи осоишта ва энергетикии ҳастаӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, сатҳи пешрафти технологӣ ва қобилияти истеҳсолии Эрон нигаронии ҷомеаи байналмилалиро ба вуҷуд овардааст.

Дар натиҷа, равобити минтақавӣ ва байналмилалӣ бо Эрон ҳамеша бо эҳтиёт ва бо нигаронӣ роҳандозӣ мешаванд. Созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Агентии Байналмилалии Энергияи Ҳастаӣ (МААЭ), ҳамеша сатҳи фаъолиятҳои Эронро назорат мекунанд, то мутобиқат ба санадҳои байналмилалӣ ва пешгирӣ аз эҳтимоли таҳияи силоҳи ҳастаӣ таъмин шавад. Ин вазъият боиси фишорҳои сиёсӣ, таҳримҳо ва музокиротҳои сиёсӣ мегардад, ки равобити Эронро бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар қудратҳои ҷаҳонӣ мураккаб кардааст.

Ҳамин тариқ, ҳолати ҳастаии Эрон як мавзуи ҳассос ва стратегӣ бо таъсири бузург ба амният ва сиёсат дар минтақа ва ҷаҳон боқӣ мемонад.

АДАБИЁТ

1. Maloney, Suzanne. Iran’s Nuclear Program: History and Policy. Washington, D.C.: Carnegie Endowment for International Peace, 2015, p. 78.
2. Cordesman, Anthony H. The Iranian Nuclear Challenge. Boulder: Westview Press, 2011, c. 66.
3. Алиев, Фарҳод. “Барномаи ҳастаии Эрон ва сиёсати минтақавӣ.” Академияи илмҳои Тоҷикистон, Душанбе, 2023, с. 45–52.
4. Бобкин, Н. Н. Предшественники нераспространения: конфликт между США и Ираном в контексте сдерживания иранской ядерной программы. Москва: Институт изучения США и Канады РАН, 2023, с. 61–78
5. Patrikarakos, David. Nuclear Iran: The Birth of an Atomic State. London: I.B. Tauris, 2012, p. 45–47, 63–64.
6. Iran Watch. A History of Iran’s Nuclear Program. 2023. https://www.iranwatch.org/our-publications/weapon-program-background-report/history-irans-nuclear-program
7. Wikipedia. Bushehr Nuclear Power Plant. 2023. https://en.wikipedia.org/wiki/Bushehr_Nuclear_Power_Plant
8. Wikipedia. Bushehr Nuclear Power Plant. 2023. https://en.wikipedia.org/wiki/Bushehr_Nuclear_Power_Plant
9. Кузнецов, Д. В. (2009). Проблема нераспространения ОМУ и общественное мнение. Часть I: Ядерная программа Ирана (с. 120-130).
10. Кузнецов, Д. В. (2009). Проблема нераспространения ОМУ и общественное мнение. Часть I: Ядерная программа Ирана (с. 280-290).
11. Кузнецов, Д. В. (2009). Проблема нераспространения ОМУ и общественное мнение. Часть I: Ядерная программа Ирана (с. 290-295).

БАРНОМАИ ҲАСТАИИ ЭРОН

Дар мақола раванди ташаккул ва рушди барномаи ҳастаии Ҷумҳурии Исломии Эрон аз оғози он дар солҳои 1950-ум то вазъи кунунӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар он марҳилаҳои асосии таърихӣ, нақши ҳамкориҳои байналмилалӣ, таъсири таҳримҳои иқтисодӣ, инчунин баҳсҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии марбут ба барномаи ҳастаӣ баррасӣ мешаванд. Мақола ҳамчунин Созишномаи ҳамаҷонибаи муштарак (СВПД), мавқеи кишварҳои бузург ва тағйироти ахир дар сиёсати ҳастаии Эронро таҳлил мекунад. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки барномаи ҳастаии Эрон на танҳо як масъалаи илмӣ-техникӣ, балки омили муҳимми сиёсати минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Калидвожаҳо: Барномаи ҳастаии Эрон, энергияи ҳастаӣ, паҳннашавии силоҳи ҳастаӣ, ураниум, ғанисозӣ, таҳримҳои байналмилалӣ; Созишномаи ҳамаҷонибаи муштарак (СВПД), Созмони байналмилалии неруи атомӣ, амнияти минтақавӣ, сиёсати байналмилалӣ.

ЯДЕРНАЯ ПРАГРАММА ИРАНА

В статье рассматривается процесс формирования и развития ядерной программы Исламской Республики Иран с момента её зарождения в 1950-х годах до современного этапа. Анализируются ключевые исторические этапы, международное сотрудничество, влияние экономических санкций, а также политико-правовые споры вокруг иранской ядерной программы. Особое внимание уделяется

Совместному всеобъемлющему плану действий (СВПД), позиции ведущих мировых держав и последним изменениям в ядерной политике Ирана. Сделан вывод о том, что иранская ядерная программа представляет собой не только научно-технический проект, но и важный фактор региональной и глобальной политики.

Ключевые слова. Ядерная программа Ирана, атомная энергетика, нераспространение ядерного оружия, уран, обогащение урана, международные санкции, Совместный всеобъемлющий план действий (СВПД), Международное агентство по атомной энергии (МАГАТЭ), региональная безопасность, международная политика.

IRANIAN NUCLEAR PROGRAM

This article examines the formation and development of the nuclear program of the Islamic Republic of Iran from its origins in the 1950s to the present day. It analyzes the main historical stages, the role of international cooperation, the impact of economic sanctions, and the political and legal debates surrounding Iran's nuclear activities. Special attention is given to the Joint Comprehensive Plan of Action (JCPOA), the positions of major world powers, and recent changes in Iran's nuclear policy. The study concludes that Iran's nuclear program is not only a scientific and technological endeavor, but also a significant factor in regional and international politics.

Keywords. Iranian nuclear program, nuclear energy, nuclear non-proliferation, uranium, uranium enrichment, international sanctions, Joint Comprehensive Plan of Action (JCPOA), International atomic energy agency (IAEA), regional security, international politics

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мунисаи Насрулло*** - магистри курси 2-юми ихтисоси 1М-230101-Муносибатҳои байналмилалии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Суроға, 734025: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.Телефон: +992-987-11-88-28.

Сведения об авторе: Мунисай Насрулло – магистрант 2-го курса по специальности 1М-230101 – Международные отношения Института изучения азиатских и европейских государств Национальной академии наук Таджикистана, Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992-987-11-88-28.

Information about the author: Munisai Nasrullo - 2nd year master's student in the specialty 1M-230101-International Relations of the Institute for the Study of Asian and European States of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Address, 734025: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 33. Telephone: +992-987-11-88-28.

ФАЛСАФА, ПСИХОЛОГИЯ ВА ПЕДАГОГИКА – ФИЛОСОФИЯ, ПСИХОЛОГИЯ И ПЕДАГОГИКА

ТАЪСИРИ БУЛЛИНГ ВА КИБЕРБУЛЛИНГ БА ХАТАРИ ХУДКУШӢ ДАР НАВРАСОН

Иноятзода З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷомеаи муосир масъалаи солимии равонии наврасон яке аз самтҳои муҳимми тадқиқоти илмии психологӣ ба ҳисоб меравад. Тағйиротҳои босуръати иҷтимоӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва густариши шабакаҳои иҷтимоӣ ба тарзи зиндагӣ ва муошарати наврасон таъсириамиқ мерасонад. Дар чунин шароит хавфи дучор шудан ба шаклҳои зуроварӣ, аз ҷумла буллинг ва кибербуллинг, ки оқибатҳои манфиро дар ҷомеъа ба бор меорад ва метавонанд боиси хатари худкушӣ дар наврасон гардад назаррас мебошад. Наврасон ҳамчун гурӯҳи осебпазир бештар ба таъсири таҳқир, таъна, фишори равонӣ ва зӯроварии равонӣ дучор мегарданд. Ин масъала яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб рафта моро водор месозад, ки ҳар чи зудтар нисбати ин масъала ҷораҳои зурӯриро андешем. Ин зинаи синнусолӣ дар адабиётҳои психологӣ “давраи гузариш” ва “давраи пойдоргардонии ҳаёти инсон” ба қалам дода шудааст. Онҳо дар зинаи гузариш қарор дошта тағйиротҳои анатомию физиологӣ психологӣ ва иҷтимоиро аз сар мегузаронанд. Дар ин синну сол организми наврасон бо суръати тез ва номутаносиб инкишоф меёбад.

Новобаста аз сершумор будани сабабҳо ва омилҳи худкушӣ дар байни наврасону ҷавонон ва ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо (иҷтимоӣ, психологӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва ғ.) ягон сабаб ё омил аз ин гурӯҳҳо бо истиснои омилҳои психологӣ ҳамҷун сабаби бавоситаи даст ба худкушӣ задани наврасон баромад намекунад, балки таъсиррасониҳои онҳо хусусияти бавосита дорад. Аммо новобаста аз муайян кардани омилҳои асосӣ ин масъала дар ҷомеъаи имрӯза муҳиммияти худро аз даст надодааст.

Наврасӣ яке аз марҳилаҳои муҳим ва ҳамзамон ҳассоси рушди инсон ба ҳисоб меравад, ва ин давра одатан синни тақрибан 14-15 солагиро дар бар мегирад ва бо тағйироти ҷиддии ҷисмонӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ тавсиф меёбад. Ба ақидаи Э. Эриксон, наврасӣ марҳилаи ташаккули ҳувият буда, шахс кӯшиш мекунад мавқеи худро дар ҷомеа муайян намояд [14, 256-258].

И.С. Кон таъкид мекунад, ки наврасон бинобар сабаби ноустуворииҳолатҳои эмотсионалӣ ва вобаста будан аз андешаи ҳамсолон бештар ба фишорҳои иҷтимоӣ осебпазир мебошанд [8, 94-97].

Маҳз дар ҳамин марҳила шахсият ташаккул ёфта, ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ, арзишҳо ва муносибати наврас ба худ ва ҷомеа шакл мегирад. Аз ин рӯ, наврасӣ ҳамчун марҳилаи осебпазир дар рушди шахсият шинохта мешавад, ки онро метавон дар якчанд самт мушоҳида намуд.

Л.С. Выготский наврасиро ҳамчун «буҳрони синнусолӣ» тавсиф мекунад, ки дар он зиддиятҳои дохилӣ ва иҷтимоӣ афзоиш меёбанд ва ин ҳолат наврасро аз ҷиҳати психологӣ осебпазир мегардонад [4,412–415].

Тағйиротҳои ҷисмонӣ ва таъсири онҳо ба ҳолати психологӣ дар наврасон- дар давраи наврасӣ организм ба таври хеле фаъол тағйир меёбад. Ин тағйиротҳо на танҳо ҷисмонӣ, балки психологӣ ва иҷтимоиро низ дар бар мегиранд. Ба наврасон ин марҳила ҳамчун давраи ҳассос ва осебпазир таъсир мерасонад. А. Бек дар таҳқиқоти худ нишон медиҳад, ки дар давраи наврасӣ тафаккури когнитивӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст ва ин боиси арзёбии манфии худ ва ҷаҳон мегардад, ки хатари депрессияро зиёд мекунад [1,132-134.].

Тағйироти гормоналӣ - дар наврасӣ коркарди гормонҳои ҷинсӣ (тестостерон дар писарон ва эстроген дар духтарон) ба таври назаррас зиёд мешавад. Ин гормонҳо ба рушди аломатҳои ҷинсӣ, афзоиши суръати рушди бадан ва тағйироти эмотсионалӣ таъсир мерасонанд, наврасон бештар ноустувории эмотсионалиро аз сар мегузаронанд, зуд ғазабӣ ва ё ғамгин мешаванд. Ҳиссиёт метавонад ба таври ногаҳонӣ тағйир ёбанд. Наврас метавонад як лаҳза хушбахт ва қаноатманд бошад, ва як лаҳза баъд аз ин ноумед ва асабонӣ шавад.

Тағйироти ҷисмонии назаррас:

- афзоиши тези вазн;
- тағйирот дар намуди рӯй ва бадан;
- тағйирот дар узвҳои ҷинсӣ;
- тағйироти овоз (ба хусус дар писарон);

Онҳо метавонанд аз намуди зоҳирии худ норозӣ бошанд ё худшиносии нокияфоя рушдёфта дошта бошанд. Ин ҳиссиёт метавонанд бо изтироб, шармгинӣ ва муқоиса бо дигарон алоқаманд бошад. Дар наврасӣ қисмҳои муҳимми майна, ба хусус мағзи пеш (prefrontal cortex), ки барои қабули қарор ва назорати рафтор масъул аст, ҳанӯз пурра ташаккул наёфтаанд. Наврасон бештар ба рафторҳои импулсивӣ ва тасмимҳои ногаҳонӣ гирифтор мешаванд. Онҳо баъзан наметавонанд ҳиссиёт ва хоҳишҳои худро комилан назорат кунанд.

Муносибат бо ҳамсолон - таъсири ҳамсолон дар наврасӣ хеле зиёд мешавад ва онҳо ба баҳодиҳии гурӯҳ ва эътибори иҷтимоӣ аҳаммияти калон медиҳанд. Наврасон метавонанд ба хотири қабул шудан дар гурӯҳ рафторҳои номатлуб ё хатарнок дошта бошанд, ё худро ба қоидаҳои иҷтимоӣ мутобиқ созанд.

Хусусиятҳои инкишофи психологӣ:

Норасоии устувории эмотсионалӣ: наврасон одатан зуд ба ҳолати хушбахтӣ, ғамгинӣ, ғазаб ё ҳаяҷон дучор мешаванд. Тағйироти гормоналӣ ва ҷисмонӣ ба ин ноустуворӣ таъсири мустақим мерасонанд. Онҳо худ ва қобилиятҳои худро бо ҳамсолон, хешовандон ва шахсони маъруф муқоиса мекунанд. Ин раванд метавонад худбаҳодиҳии паст ё баландро ба вуҷуд орад.

Наврасон тадриҷан қобилиятҳои фикрӣ ва интиқодӣ (анализ, синтез, баррасӣ) пайдо мекунанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки маъно ва арзишҳои ҳаётро фаҳманд ва мехоҳанд мустақил бошанд, аз назорати волидон ва калонсолон озодӣ талаб мекунанд. Ин одатан бо ихтилофҳои хонаводагӣ ва ҷустуҷӯйи шахсияти воқеӣ ҳамроҳ мешавад.

Худшиносӣ дар наврасӣ яке аз масъалаҳои марказӣ буда, наврасро водор месозад, ки ба худ саволҳои гуногун диҳад аз ҷумла «Ман кистам?» дар ҷомеа чи ҷойгоҳе дорам. Наврасон кӯшиш мекунанд, ки ҷойи худро дар ҷомеа, гурӯҳ ва оила пайдо кунанд. Ин гуна саволхо дар бораи шахсият, қобилият ва арзишҳо ба таври бешуурона ба онҳо таъсир мерасонанд.

Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, наврасон яке аз гурӯҳҳои осебпазир нисбат ба стресс, депрессия ва рафтори худосебрасон ба шумор мераванд, ки ин ҳолат бо омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд аст [17, 14-16.].

Осебпазирӣ дар ин марҳила.

Наврасон дар ҳолати ноустувории психологӣ осебпазиранд. Қабул рад ё интиқод метавонад ба стресс, изтироб ва заиф гардидани бовари ба худ оварда расонад.

Ба андешаи Л.И. Божович, маҳз дар давраи наврасӣ ниёз ба худтасдиққунӣ ва эътирофи иҷтимоӣ шиддат мегирад, ва рад ё нодида гирифтани наврас метавонад ба ташаккули ҳисси ноумедӣ ва пастшавии худбаҳодиҳӣ оварда расонад [3, 320-323с].

Муҳити оила, мактаб ва ҳамсолон нақши ҳалкунандаро дар инкишофи онҳо мебозад, дастгирӣ ва муошират солим ба ташаккули худшиносии мусбат мусоидат мекунад.

Дастгирӣ ва муҳити иҷтимоӣ: оилае, ки шароити мусоид барои наврасон фароҳам меоранд, муҳаббат, эътимод ва дастгирии психологиро ба онҳо медиҳад, ба худшиносии мусбат ва устувории психологӣ мусоидат мекунад. Анна Фрейд наврасиро давраи заиф будани механизмҳои ҳифзи психологӣ мешуморад, зеро «Ман»-и шахс ҳанӯз қувваи кофӣ надорад, то бо фишорҳои беруна муқобилат намояд [2, 201-203].

Қоида ва меъёрҳои психологӣ: муносибати психологӣ ва омӯзиши меъёрҳои ахлоқӣ дар оила барои ташаккули шахсият ва назорати рафтор муҳим аст. Ихтилоф ва сарфи назар аз ҳиссиёт мухолифатҳои ҷиддӣ ва рад кардани ҳиссиёти наврас метавонад ба стресс ва паст шудани худбаҳодиҳӣ оварда расонад. Онҳо ба фикру назарҳои ҳамсолон аҳаммияти калон медиҳанд. Қабул шудан ба гурӯҳ метавонад худшиносӣ ва эътимоди наврасро тақвият диҳад, рад шудани онҳо бошад, метавонад стресс ва изтиробро ба вуҷуд орад.

Фишори гурӯҳӣ: барои мувофиқ шудан бо қоидаҳои гурӯҳ, наврасон метавонанд ба рафторҳои хатарнок ё номатлуб даст зананд (мисол: сигоркашӣ, машрубот, интернет-одатҳои хатарнок).

Муҳити мактаб ва таҳсил: муносибати омӯзгорон ва ҳамсинфон, муҳити ором ва дастгирикунанда дар мактаб барои рушд ва худшиносии мусбати наврасон муҳим аст, фишори зиёд ё муқоисаҳои доимӣ бо дигарон метавонанд ба худбаҳодиҳии паст ва стресс оварда расонанд.

Таъсирӣ шабакаҳои иҷтимоӣ: наврасон аксар вақт худро бо шахсони маъруф ё ҳамсолон дар шабакаҳои иҷтимоӣ муқоиса мекунанд, ки метавонад ҳисси нокомӣ ва пастшавии эътимоди наврасро ба вуҷуд орад.

Кибербуллинг ва таҳқир: муҳити маҷозӣ ҳам метавонад осебпазирии равонии наврасонро зиёд кунад ва ба стресс, депрессия ё изтироби психологӣ оварда расонад.

Муҳити фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ - арзишҳо ва меъёрҳои ҷамъиятӣ: фарҳанг ва меъёрҳои ҷомеа ба рафтор, орзуҳо ва идеалҳои наврасон таъсир мерасонанд.

Имкониятҳои иҷтимоӣ ва рушди малакаҳо: қобилиятҳои иштирок дар гурӯҳҳо, маҳфилҳо ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ ба рушди иҷтимоӣ ва худшиносии мусбат мусоидат мекунанд.

Дар адабиёти илмии психологӣ мафҳуми буллинг ҳамчун шакли махсуси зӯроварии иҷтимоӣ ва психологӣ баррасӣ мешавад. Буллинг бо хусусиятҳои такроршаванда, қасдона ва нобаробарии қувва байни иштирокчиён фарқ мекунад. Яке аз аввалин олимоне, ки ин падидаро ҳамаҷониба таҳқиқ намудааст, равоншиноси норвегӣ Д. Олвеус мебошад. Ӯ буллингро чунин муайян мекунад “Рафторе, ки дар он як шахс ё гурӯҳ ба шахси дигар мунтазам зарари ҷисмонӣ ё психологӣ мерасонад” [9, 15-18].

Ба ақидаи Д. Олвеус, се нишонаи асосии буллинг мавҷуд аст:

такроршаванда будани рафтори зӯроварона;

нобаробарии қувва (ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ё психологӣ);

қасдона будани амали зӯроваридошта [9, 18-20].

Олими рус А.А. Реан буллингро ҳамчун шакли мураккаби муносибатҳои носолими иҷтимоӣ арзёбӣ намуда, таъкид мекунад, ки он дар муҳити мактабӣ бештар зоҳир шуда, ба рушди шахсияти наврас таъсири манфӣ мерасонад [10, 221-224].

Дар психологияи синнусолӣ буллинг на танҳо ҳамчун амали инфиродӣ, балки ҳамчун падидаи гурӯҳӣ баррасӣ мешавад. Ба андешаи Л.И. Божович, муҳити иҷтимоии наврасон, махсусан гурӯҳи ҳамсолон, метавонад рафтори буллингиро ташвиқ ё маҳдуд намояд [3, 320-323].

Назарияи психоанализ, ки асосгузори он З.Фрейд мебошад, бар он ақида асос меёбад, ки рафтори инсонро равандҳои бешуурӣ идора мекунад [6,480 с].

Тибқи ин назария, аз сар гузаронидани буллинг ҳамчун осеби равонӣ дар зеҳни наврас сабт мегардад. Ҳисси таҳқир, шарм ва беарзишӣ метавонад дар сатҳи бешуурӣ боиси нафрат ба худ ва худҷазоҳдиҳи дар наврас гардад.

К.Г. Юнг таъкид мекунад, ки таҷрибаҳои манфӣ дар шакли “ҳисси нокомилӣ” ба рушди шахсият таъсири манфӣ расонад [16, 320 с.]. Дар натиҷа наврасе, ки мавриди буллинг қарор мегирад, метавонад ба ҳолати депрессия ва фикрҳои худкушӣ дучор гардад.

Назарияи когнитивӣ, ки намояндагони асосии он А. Бек ва А. Элис мебошанд, бар он асос меёбанд, ки фикрҳо ҳиссиёт ва рафторро муайян мекунад [1,265 с]. Дар натиҷа буллинг ва кибербуллинг дар зеҳни наврас фикрҳои носолим ташаккул меёбад ба монанди: “Ман арзише

надорам”, “Ҳеҷ кас маро дӯст намедорад” ин фикрҳо ба пайдоиши депрессия ва ноумедӣ оварда мерасонад. Ба ақидаи А. Бек, депрессия яке аз омилҳои асосии худкушӣ мебошад.

Равияи экзистенсиалӣ, ки масъалаи маънои зиндагиро дар маркази диққат қарор медиҳад намояндаи он В. Франкл бар он ақида аст, ки аз даст додани маънои ҳаёт сабаби асосии буҳрони равонӣ мебошад [5,210 с]. Наврасоне, ки буллингро аз сар гузаронидаанд ҳисси холигии ботинӣ ва бемаъно будани ҳаёт дар онҳо пайдо мешавад.

Равияи бихевиористӣ рафтори инсонро натиҷаи таъсири муҳит медонад [13,210 с.]. Наврасоне, ки ба буллинг дучор мешаванд, тадриҷан рафтори қурбонӣ буданро меомӯзад. Таҳқири такрорӣ ҳисси нотавонӣ ва ноумедиро ташаккул медиҳад, ки метавонадба фикрҳои худкушӣ оварда расонад [11, 350 с.].

Дар равияи иҷтимоӣ психологӣ рафторӣ инсон аз муҳити иҷтимоӣ вобаста аст..Радшавии иҷтимоӣ худбаҳодиҳиро паст карда, хавфи худкуширо меафзояд [7, 190с].Кибербуллингбо хусусияти оммавӣ ва доимӣ буданаш таъсири манфиро зиёд менамояд

Олими тоҷик Р. Ҳалимзода буллингро ҳамчун шакли фишори иҷтимоӣ муайян карда, зикр мекунад, ки ин падида ба вайроншавии худшиносӣ ва муносибатҳои иҷтимоии наврас оварда мерасонад [15, 117-119].

Дар сохтори буллинг одатан се гурӯҳи иштирокчиён фарқ карда мешаванд:

таҷовузкор (буллер) – шахсе, ки зӯровариро амалӣ мекунад;

қурбонӣ – шахсе, ки зери фишор қарор мегирад;

нозирон – аъзои гурӯҳе, ки бевосита иштирок намекунанд, вале ба раванди буллинг таъсир мерасонанд [9, 32-35].

Ба ақидаи олимон, мавқеи нозирон нақши калидӣ дорад, зеро бетарафии онҳо метавонад рафтори буллингиро тақвият диҳад [10, 226 - 228].

Ҳамин тариқ, буллинг падидаи мураккаби иҷтимоӣ буда, танҳо ҳамчун муноқишаи оддӣ арзёбӣ карда намешавад. Он бо сохтори психологӣ, муносибатҳои гурӯҳӣ ва хусусиятҳои синнусолии наврасон зич алоқаманд аст. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва паҳншавии интернет дар ҳаёти ҳаррӯза, шаклҳои нави зӯроварии иҷтимоӣ ба вуҷуд омадаанд. Яке аз чунин шаклҳо кибербуллинг мебошад, ки ҳамчун идомаи буллинги анъанавӣ дар фазои рақамӣ баромад мекунад. Кибербуллинг тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, смс-паёмҳо, форумҳо ва дигар воситаҳои электронӣ амалӣ мегардад. Яке аз фарқиятҳои асосии кибербуллинг аз буллинги анъанавӣ дар он аст, ки зӯровар метавонад пинҳон монад. Ин ҳолат ҳисси бехатарии зӯроварро зиёд намуда, шиддати фишори психологиро барои қурбонӣ бештар мекунад. Солдатова Г.У., таъкид мекунад, ки пинҳонӣ будани кибербуллинг боиси афзоиши ҳиссӣ ноамнӣ ва изтироб дар наврасон мегардад [12, 142 - 145].

Хусусияти дигари кибербуллинг давомнокии он мебошад. Агар буллинги анъанавӣ одатан бо маҳдудияти макон ва вақт алоқаманд бошад, кибербуллинг метавонад 24 соат идома ёбад. Ин ҳолат имкон намедиҳад, ки наврас аз фишори психологӣ канорагирӣ кунад.

Ба андешаи олимони рус, кибербуллинг бо паҳншавии босуръати маводи таҳқиромез хатарнок аст. Як акс ё паёми таҳқиркунанда метавонад дар муддати кӯтоҳ ба доираи васеи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн шавад, ки ин ба обрӯ ва ҳолати равонии наврас зарари ҷиддӣ мерасонад [12, 146 - 148].

Ҳамин тариқ, гуногуншаклии буллинг ва кибербуллинг нишон медиҳад, ки ин падида танҳо як амали алоҳида нест, балки маҷмуи таъсирҳои мураккаби иҷтимоӣ ва психологӣ мебошад, ки метавонад омили ба вуҷуд омадани депрессия, ки яке аз омилҳои асосии ташаккули фикрҳои худкушӣ мебошад ба бор орад. Наврасоне, ки депрессия доранд, ҳисси номуфид будан ва бекувватиро аз сар мегузаронанд [1, 133 - 136].

Депрессия бо пастшавии шавқу завқ ба фаъолиятҳо ва ҳисси ноумедӣ ҳамроҳ аст, ки хатари фикрҳои худкуширо афзоиш медиҳад.

Наврасон ҳассосияти равонии баланд доранд афзоиши изтироб ва ҳассосият ба интиқод ва радкунии ҳамсолон метавонад ба фикрҳои худкушӣ оварда расонад [10, 225 - 227].

Пастшавии худбаҳодиҳӣ ҳисси нокифоягӣ ва паст задани арзишӣ инсонро дар бар мегирад. Наврасоне, ки қурбонии таҳқир ва радкунии ҳамсолон мешаванд, осебпазирии психологиашон баланд мегардад [12, 142 - 145].

Буллинг ва кибербуллинг ҳамчун стрессорҳои шадиди иҷтимоӣ барои наврасон ба ҳисоб меравад. Буллинг метавонад таҳқир, таҳдид ва радкунӣ аз тарафи ҳамсолонро дар бар гирад. Кибербуллинг шакли муосири буллинг мебошад, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва смсҳо анҷом мешавад ва метавонад 24 соат давом кунад. Ин омилҳо боиси афзоиши изтироб, депрессия ва пастшавии худбаҳодиҳӣ мегарданд [9, 32 - 36].

Наврасон бе дастгирии оила, ҳамсолон ва муҳити мактабӣ ҳисси танҳоӣ ва нобоvariро аз сар мегузаронанд, хатари фикрҳои худкушӣ дар онҳо зиёд мешавад [3, 314 - 316].

Ноустуворӣ дар оила, ҷангҳои хонаводагӣ ва набудани ҳамдардӣ метавонад равандҳои стрессиро тақвият диҳад ва хавфи худкуширо зиёд кунад [15, 123 - 125].

Сабабҳои психофизиологӣ тағйироти гормоналӣ ва ҷисмонӣ. Дар давраи балоғат тағйироти гормоналӣ ва ҷисмонӣ рӯй медиҳанд, ки метавонад ба тағйироти психологӣ оварда расонад [8, 73 - 76].

Омилҳои генетикӣ ва нейробиологӣ. Баъзе наврасон аз ҷиҳати психологӣ осебпазирии генетикӣ доранд, ки хавфи фикрҳои худкушӣ дар онҳо зиёд мешавад [1, 134 - 136].

Сабабҳои омехта. Омезиши стрессорҳои психологӣ, иҷтимоӣ ва оилавӣ сатҳи хавфи фикрҳои худкушӣ ва рафтори худкуширо афзоиш медиҳад. Наврасоне, ки қурбони буллинг ва кибербуллинг мебошанд ва дастгирии иҷтимоӣ надоранд, осебпазирии психологиашон баланд мешавад.

Механизми таъсиррасонанда:

Стрессорҳои иҷтимоӣ → тағйироти психологӣ;

- Афзоиши депрессия ва изтироб;
- Пастшавии худбаҳодиҳӣ;
- Танҳоӣ ва ҷудошавӣ;
- Тағйироти психологӣ → фикрҳои худкушӣ.

Омезиши депрессия, изтироб ва пастшавии худбаҳодиҳӣ боиси фикрҳои худкушӣ мегардад.

Нақши дастгирии иҷтимоӣ. Оила, мактаб ва ҳамсолон метавонанд таъсири стрессорҳоро кам кунанд ва хатари худкуширо коҳиш диҳанд.

Таҷрибаи зуроварии равонӣ дар муҳити мактабӣ ва фазои рақамӣ боиси суст шудани мутобиқшавии иҷтимоӣ, аз даст додани эътимод ба худ ва коҳиши ҳисси дастгирии иҷтимоӣ дар наврасон мегардад. Бо назардошти ин таъсири манфӣ, мутахассисони соҳаи равонишиносӣ зарурати татбиқи чораҳои комплексии пешгирикунандаро таъкид мекунанд.

Тавсияҳои психологӣ барои пешгирии буллинг ва кибербуллинг дар наврасон.

Барномаҳои ҳифзи психологӣ дар мактабҳо. Таҳия ва татбиқи барномаҳои психо-маърифатӣ барои наврасон, ки ба онҳо малакаҳои ҳалли ихтилофи ғайриназоратӣ, идора кардани стресс ва танзими ҳолатҳои эмотсионалиро меомӯзанд.

Дар баробари омӯзиш, дастгирии психологӣ тавассути машварати психологҳо ва роҳбаладон барои наврасон бояд таъмин гардад.

Тренингҳои худшиносӣ ва эътимод ба худ. Мусоидат ба рушди бовари ба худ ва қобилияти ҳалли мушкилот тавассути тренингҳо, гурӯҳҳои пуштибон ва корҳои амалӣ дар синф.

Ҷалб намудани наврасон ба фаъолиятҳои иҷтимоӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ барои баланд бардоштани ҳисси арзишмандии худ.

Муоина ва дастгирии оилавӣ. Волидон бояд бо кӯдакон робитаҳои самимӣ дошта бошанд, нишонаҳои таҳқир ва депрессияро ба зудӣ ошкор кунанд. Мулоқот ва машварат бо психолог барои дастгирии равонии наврасон.

Огоҳсозӣ ва таълими омӯзгорон. Омӯзгорон бояд малакаҳои шинохти буллинг ва кибербуллинг, инчунин вокуниш ба онҳо ва дастгирии фавриро дошта бошанд.

Ин амал метавонад таъсири манфии буллингро коҳиш диҳад ва муҳити мактабро бехатартар гардонад.

Дар баробари омӯзиш, дастгирии психологӣ тавассути машварати психологҳо ва роҳбаладон барои наврасон бояд таъмин гардад.

Пешгирӣ бояд ҳамзамон дар се сатҳ амалӣ шавад: наврасон (таълими малакаҳои эътимод ва ҳалли мушкилот), оила (муошират ва дастгирӣ), ва мактаб/ҷомеа (барномаҳои психо-маърифатӣ ва дастгирии психологӣ). Барномаҳои самараноки пешгирӣ ва дастгирии психологӣ метавонанд таъсири манфии буллинг ва кибербуллингро коҳиш диҳанд, ҳисси қудрат ва устувории равонии наврасонро баланд бардоранд, ки он боиси паст гаштани хатари худкушӣ мегардад. Дар умум метавон гуфт, ки танҳо тавассути муносибатҳои ҳамаҷониба ва ҳамоҳангшудаи омӯзгорон, равоншиносон, волидон ва ҷомеа метавон сатҳи осебпазирии равонии наврасонро коҳиш дод ва солимии равонии онҳоро таъмин намуд.

АДАБИЁТ

1. Аарон Бек. Когнитивная терапия депрессии. — СПб.: Питер, 2006. —– 400 с. С. 132–134.
2. Анна Фрейд “Психология Я и защитные механизмы.” — М.: Апрель Пресс, 1999. — С. 201–203.
3. Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. — М.: Педагогика, 2008. — 398 с., С. 320–323.
4. Выготский Л.С. Психология развития человека. — М.: Смысл, 2005. — С. 412–415.
5. Виктор Франкл. Человек в поисках смысла. – Москва: Прогресс, 2018. – 210 с
6. Зигмунд Фрейд. Введение в психоанализ. – Москва: АСТ, 2018. – 480 с
7. Иванов С. Кибербуллинг среди подростков. – Москва: Наука, 2020. – 190
8. Кон И.С. Психолог ия ранней юности. — М.: Просвещение, 1989. — С. 94–97).
9. Олвеус Д. Буллинг в школе: что мы знаем и что можем сделать. — М.: Педагогика, 2006. — 240 с., С. 15–18
10. Реан А.А. Психология личности. — СПб.: Питер, 2003. — 352 с., С. 221–224.
11. Скиннер Б. Наука о поведении. – Москва: Мир, 2015. – 350 с.
12. Солдатова Г.У. Цифровая социализация подростков. — М.: Просвещение, 2018. — 304 с., С. 142–145
13. Уотсон Ҷ. Бихевиоризм. – Москва: Прогресс, 2016. – 210 с
14. Э. Эриксон. Детство и общество. — СПб.: Питер, 1996. — С. 256–258).
15. Ҳалимзода Р. Психологияи кӯдак ва наврас. — Душанбе: Ирфон, 2015. — 256 с., С. 117–119.
16. Юнг К. Психология и бессознательное. – Санкт-Петербург: Питер, 2017. – 320 с.
17. WHO. Preventing suicide: A global imperative. — Geneva: World Health Organization, 2014. — P. 14–16.

ТАЪСИРИ БУЛЛИНГ ВА КИБЕРБУЛЛИНГ БА ХАТАРИ ХУДКУШӢ ДАР НАВРАСОН

Дар мақолаи мазкур таҳқиқи муфассали таъсири буллинг ва кибербуллинг ба хатари худкушӣ дар наврасон пешниҳод мегардад. Таҳлили адабиёт ва натиҷаҳои тадқиқоти эмпирикӣ нишон медиҳанд, ки буллинг ва кибербуллинг ҳамчун омилҳои муқаррарӣ ва систематикӣ дар стрессҳои психологӣ ва рушдёбии андешаҳои худкушӣ нақши калидӣ мебозанд. Механизмҳои психологии таъсир, аз ҷумла депрессия, изолятсияи иҷтимоӣ, пастшавии эътимод ба худ ва ҳисси нобаробарии иҷтимоӣ, ҳамчун воситаҳо байни бадрафторӣ ва андешаҳои худкушӣ фа ъол мешаванд Таҳқиқот нишон медиҳад, ки наврасоне, ки ҳам дар муҳити мактаб ва ҳам дар фазои онлайн таҳқир мешаванд, ба хатари худкушӣ бештар дучор мугарданд. Ҳамзамон, мақола стратегияи пешгирӣ ва дастгирии психологӣ, аз қабили машваратҳои психологии мактабӣ, тренингҳои рушди малакаҳои ҳалли мушкилот ва барномаҳои огоҳсозии волидон ва омӯзгоронро пешниҳод мекунад. Омӯзишҳо ва таҳқиқот дар ин масъала барои муҳаққиқон, психологҳо, тарбиятгарон ва сиёсатмадорон аҳаммияти амалӣ дорад, зеро он барои таҳияи барномаҳои самаранок оид ба коҳиш додани хатари худкушӣ ва баланд бардоштани устувории равонии наврасон замина фароҳам меорад. Дар мақолаи мазкур оид ба таъсири буллинг ва кибербуллинг ба хатари худкушӣ дар наврасон инчунин таъсири омилҳои иҷтимоӣ, биологӣ, психологӣ, ки ба ҳолати равонии ва фикрронии наврас таъсиргузор аст дар наврасон пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: наврас, буллинг, кибербуллинг, худкушӣ, омилҳо, депрессия, стресс, изтироб.

ВЛИЯНИЕ БУЛЛИНГА И КИБЕРБУЛЛИНГА НА РИСК СУИЦИДА СРЕДИ ПОДРОСТКОВ

В данной статье проводится всесторонний анализ влияния буллинга и кибербуллинга на риск суицида у подростков. Анализ литературы и эмпирические данные показывают, что буллинг и кибербуллинг выступают как постоянные и системные стрессоры, значительно способствующие развитию суицидальных мыслей и попыток. Психологические механизмы, включая депрессию, социальную изоляцию, снижение самооценки и восприятие социальной несправедливости, выступают медиаторами между опытом травли и суицидальным поведением. Исследование подчеркивает, что подростки, подвергающиеся травле как в школе, так и в онлайн-среде, сталкиваются с существенно более высоким риском суицида, что демонстрирует совокупный эффект этих факторов. В статье также рассматриваются стратегии профилактики и психосоциальной поддержки, включая

школьные консультации, программы развития навыков решения проблем и информационные кампании для родителей и педагогов. Изучения и исследования в этой сфере имеют высокую практическую значимость для исследователей, психологов, педагогов и политиков, обеспечивая научную основу для разработки эффективных программ по снижению риска суицида и укреплению психологической устойчивости подростков.

Ключевые слова: подросток, буллинг, кибербуллинг, суицид, факторы, депрессия, стресс, тревога.

THE IMPACT OF BULLYING AND CYBERBULLYING ON THE RISK OF SUICIDE AMONG ADOLESCENTS.

This article provides a comprehensive examination of the impact of bullying and cyberbullying on suicide risk among adolescents. Literature reviews and empirical findings indicate that bullying and cyberbullying act as persistent and systemic stressors, significantly contributing to the development of suicidal ideation and attempts. Psychological mechanisms, including depression, social isolation, diminished self-esteem, and perceived social inequity, serve as mediators between experiences of harassment and suicidal behaviors. The study highlights that adolescents exposed to both school-based and online harassment face a substantially higher suicide risk, demonstrating the compounded effects of these experiences. The article further outlines preventive strategies and mental health interventions, including school-based counseling, skill-building programs for problem-solving, and awareness initiatives for parents and educators. These findings have significant implications for researchers, psychologists, educators, and policymakers, providing a scientific basis for the development of effective programs aimed at reducing suicide risk and promoting psychological resilience among youth.

Keywords: teenager, bullying, cyber bulling, suicide, factors, depression, stress, anxiety.

Маълумот дар бораи муаллиф: Иноятзода Захро Заробудин- Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, магистри курси 1-уми кафедраи психологияи факултети фалсафа. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе. хиёбони Рудакӣ 17 Телефон: **(+992) 102 10 23 60**

Сведения об авторе: Иноятзода Захро Заробудин – магистрант 1-го курса Национального университета Таджикистана, факультет психологии, философский факультет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 102 10 23 60

Information about the author: Inoyatzoda Zahro Zarobudin, 1st year master's student of the Department of Psychology, Faculty of Philosophy, Tajik National University. Address 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe. Rudaki Avenue 17 Phone: **(+992) 102 10 23 60,** E-mail: i.z.z.251202@gmail.com

САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ ШАКЛГИРИИ ВАЗЪИЯТИ МУТАНОСИБИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ БА ВАЗЪИЯТИ БУҲРОНӢ

Назирамоҳи Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар асоси донишҳои таҷрибавӣ – сиёсӣ ишора кардан мумкин аст, ки ҳеҷ як системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ – сиёсӣ доимӣ ва азалӣ набуда дар натиҷаи мушкилотҳо ва ба бумбаст ворид гардидан тағйир меёбанд. Гӯё буҳрон омили асосии тағйирот ва пешрфти муносибатҳои мухталифи таркиботи институтсионалии зерсистемаҳои системаи ҷамъиятӣ мебошад. Системаҳои гуногуну мухталиф дер ё зуд ба буҳрон рӯ ба рӯ мегарданд. Шакл ва мазмуни худро тағйир медиҳанд.

Профессор Г. Н. Зокиров андешаҳои ҷолиб ва бесобиқаро пешниҳод менамояд, ки буҳрони сиёсӣ бештар дар ду ҳолат ба амал меояд: аввало, вақте ки зиддият дар байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ пайдо гашта, ба сатҳи муқовимат мерасанд. Баъд, зиддиятҳои инкишофи ҷомеа хосияти антагонистӣ пайдо намуда, асосан байни тарзи идора - режими сиёсӣ ва манфиатҳо талаботи кулли аҳолӣ сурат мегиранд. Фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва махсусан, мақомоти идории он боиси сар задани зиддиятҳо дар сатҳи инкори манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва ба инобат нагирифтани онҳо ба амал меоянд. Системам идоракунӣ ва касбияти идоракунандагон аҳамммияти муҳим дорад. Хизмати давлатӣ дар раванди идораи корҳо мақоми махсус пайдо менамояд. Муҳим он аст, ки идоракунандагон ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯй бошанд [3, с. 181-190].

Ҳама гуна тафсири умумии буҳрон бояд на ҳамчун хусусиятҳои объективӣ, "табиӣ"-и он, балки ҳамчун параметрҳои парадигма, линзаҳои консептуалӣ, ки метавонанд бо роҳҳои гуногун дар фаҳмиши назариявӣ ва барномарезии тадқиқоти мушаххаси таҷрибавӣ кумак кунанд, баррасӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи аввал тавсия дода мешавад, ки барои муайян кардани доираи парадигмаҳои мувофиқтарин ва ояндадор як навъ заминаҳои ба вуҷуд омадани буҳронро санҷид.

Устувории ҳама гуна тартиботи сиёсиро моделҳои стандартии муносибатҳои сиёсӣ, ки дар ҷомеа ташаккул ёфтаанд, мақому нақшҳо, инчунин меъёрҳо ва қоидаҳои танзими институтсионалӣ муайян мекунанд. Дар нақшҳои сиёсӣ интизориҳои одамон аз ҳамдигар объективӣ шуда, дар шакли конвенсияҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои институтсионалӣ муқаррар карда мешаванд ва дар шакли доварӣ дар бораи рафтори дилхоҳи, афзалиятнок ё қобили қабул дар вазъияти мушаххас як қабати арзишӣ пайдо мекунанд. Ба шарофати тартиботи институтсионалӣ дар ҷомеа сатҳи номуайянӣ коҳиш меёбад. Одамон ногузир ҳангоми интихоби моделҳои эҳтимолии рафтор дар вазъияти муайян меъёрҳо ва қоидаҳои муошарати мутақобиларо роҳбарӣ мекунанд.

Саволи асосӣ ин аст: чаро одамон дар амалиёти худ нормаҳои тартиботи сиёсиро такрор мекунанд? Чаро қоидаҳои муносибатҳои сиёсие, ки наслҳои пештара ба вуҷуд овардаанд, устувор шуда, қувваи объективӣ пайдо мекунанд? Якчанд механизмҳои иҷтимоие мавҷуданд, ки устувории тартиботи меъёриро таъмин мекунанд. Пеш аз ҳама, ин иҷтимоикунонии сиёсӣ проссеси омухтан ва азхуд кардани меъёр ва қоидаҳои муносибатҳои сиёсии ҷамъият мебошад. Маҳз дар ҷараёни иҷтимоишавӣ дар шахс муносибати муътадил нисбат ба рафтори муайян дар вазъияти маъмулӣ ташаккул меёбад, вай ба қоидаҳои қаблан муқарраргардида одат мекунад ва интихоби рафтори мушаххас аз рӯйи қолабҳои мавҷуда муайян карда мешавад.

Дар дарки заминаҳои сар гардиши шароити мутаносиби инкишофи сиёсӣ ба вазъияти буҳроний дарк ва тавсифи хусусиятҳои вазъияти буҳронӣ аз аҳаммият холӣ нест. Хусусиятҳои асосии вазъияти буҳронӣ инҳоянд [5]:

• тезу тунд шудани низоъҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки характери ошкори сиёсиро касб мекунад, зеро талабу дархост ба мақомот оид ба тағйир додани роҳи сиёсӣ, стратегия ва усулҳои идоракунии он ирсол мешавад;

• нотавонии ҳокимияти давлатӣ дар идора кардани ихтилофҳои рӯзафзун, танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва муносибатҳои бо усулҳои кӯҳнаи анъанавӣ;

• сиёсати дохилию берунии давлатӣ торафт бештар ҳамчун қоидаи номуайянӣ, ҳамчун сиёсати нодуруст зуҳур меёбад;

• номутаносибии системаи сохторию функсионалии идоракунӣ ва институтҳои сиёсии ҳокимият, халалдор шудани ҳамкорӣ, робитаҳои созанда бо муҳити сиёсӣ;

• барҳам хурдани қонунияти ҳокимияти давлатӣ вазъияти тезутунди ҷамъият, таҳдидкунандаи фалокати сиёсӣ.

Механизми пойдории тартиботи сиёсӣ низ қонуниятнокӣ, дар шуури одамон ташаккул додани ақидаҳо дар бораи аҳаммият ва зарурияти тартиботи сиёсӣ, ба мақсад мувофиқ будани нормаҳои муқарраркардаи он мебошад. Қонунигардонӣ ин раванди азхудкунии маҷмуи арзёбиҳои арзишӣ аз ҷониби аъзои ҷомеа мебошад, ки бо зуҳури он дар онҳо на он қадар дарки оқилонаи самаранокии тартиботи сиёсӣ, балки эътиқод ба тағйирнопазирӣ, пешгӯӣ, ногузир ва дахлнопазирии он зоҳир мешавад. Чунон ки П.Бегер ва Т.Лукмон менависанд, «самаранокгардонии тартиби институтсионалиро тавассути додани эътибори маърифатӣ ба маъноҳои объективӣ шарҳ медиҳад. Самаранокӣ тартиботи институтсионалиро бо додани хусусияти меъёрӣ ба амрҳои амалии он асоснок мекунад» [2, с. 153.].

Вазъияти буҳронӣ дар соҳаи сиёсӣ вақте, ки таносуби фаъолият ва фаъолияти механизмҳо ва субъектони ҳаёти сиёсӣ, ки аз тартиботи муқарраргардидаи меъёрӣ дур мешаванд, вусъат меёбад. Масалан, норозигӣ аз сиёсати пешгирифтаи доираҳои ҳукмрон афзуда, харакати эътирозӣ, аз ҷумла бо кирдорҳое, ки бар хилофи тартиби муқарраршудаи гузарондани чорабиниҳои оммавӣ гузаронда мешаванд, вусъат меёбад. Аз ҷониби одамон бошуурона ё худсарона вайрон кардани қоидаҳои баёни муносибати худ ба мақомот зуҳури инҳирофоти сиёсӣ буда, пояҳои муқарраршудаи режими сиёсиро вайрон мекунад.

Вазъияти буҳронӣ дар зуҳури ҳамаи ин нишонаҳо давра ба давра инкишоф меёбад. Марҳилаи якум, ибтидоӣ бо пайдоиши марказҳои сершумори низоъ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ хос аст. Дар системаҳои плюралистӣ буҳронҳо мутобиқшавии нави қуввaҳо ва манфиатҳоро ошкор мекунанд. Рад кардани онҳо ғайр аз сарчашмаи болоравии нави тараққиёти ҷамъият дигар чизеро ифода карда наметавонад. Дар ин ҳолат низоъҳо нақши ислоҳкунанда, устуворкунанда мебозанд. Дар системаҳои мураккаби ҷамъиятию сиёсӣ низоъҳо нақши ноустуворкунанда, вайронкунанда, амиқ гардондани буҳрони сиёсиро мебозанд.

Марҳилаи дуюм ин инкишофи вазъиятҳои низоъӣ дар ҷомеа ба дараҷае мебошад, ки онҳоро дигар бо роҳи созиш ҳал кардан мумкин нест ва вайроншавии функсионалии механизмҳои ҳокимияти давлатӣ, институтҳои ҷамъиятӣ, номувофиқатии сохторҳо, шаклҳо ва усулҳои идоракуниро бо низоми тағйирёфта инъикос мекунад.

Марҳилаи сеюм инкишоф ва тезутунд шудани буҳрон, аз ҷумла аз байн рафтани сохторҳои мавҷудаи сиёсӣ ва боиси харобшавии системаи идоракунии давлатӣ, яъне парокандагӣ, бекурбшавии қудрати давлатӣ, аз даст додани сифатҳои муҳим аз ҷониби мақомот - коҳишёбии таъсири назорат ба равандҳои иҷтимоӣ. Дар ин сурат сухан дар бораи буҳрони умумии системаи идоракунӣ меравад.

Албатта, интихоби ин марҳилаҳо нисбӣ ва шартӣ аст. Дар амал, ҳама чиз хеле мураккабтар аст. Дар байни ин марҳилаҳо монеае вуҷуд надорад.

Аксаран вазъияти мутаносиби инкишофи системаи сиёсӣ дар давраи гузариш аз як зина ба зинаи дигар ба вазъияти буҳронӣ мубадал мегардад. Дар инҷо метавонанд буҳрони арзишотӣ, буҳрони институтсионалӣ ва буҳрони иштирок намудан ба вуҷуд ояд. Гузариш

аз як сохтори сиёсиву идеологии ҷомеа ба дигараш хоҳ нохоҳ мушкилот ва вазъиятро буҳронӣ мегардонад.

Дар давраи гузариши тараққиёти ҷамъият моҷарои асосӣ ҳукмфармост, буҳрон ҳамаҷониба тамоми соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Моҳияти давраи гузариш дар он аст, ки ду раванд дар як масири бархурд ҷараён доранд - аз як тараф аз байн бурдани институтҳои анъанавии давлатӣ, одатҳо ва қолабҳо дар татбиқи вазифаҳои ҳокимият, аз тарафи дигар бунёди сохторҳои комилан нав, ғайридавлатӣ -сохторҳои нави институтсионалӣ, инчунин қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори сиёсӣ ба вуҷуд меоянд.

Давраи гузариш инчунин маънои гардиши сиёсиро дорад, ки дар фазои сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳамзамон барандагони манфиатҳо ва арзишҳои гуногун, баъзан ба ҳам мухолиф ҳамзистӣ мекунанд.

Хусусияти зиддиятҳои иҷтимоию сиёсии давраи гузариш дар он аст, ки агар дар шароити суботи иҷтимоӣ онҳо асосан характери уфуқӣ (мубориза дар доираи режим) дошта бошад, пас дар давраи гузариш хосияти амудӣ - муборизаи зидди режим, барои барпо намудани режими нав пайдо мекунанд.

Ихтилофҳои иҷтимоию сиёсӣ дар натиҷаи бархурди тамоюлҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

– зарурати объективии мавҷуда аз як тараф, расман эълон намудани гузариши ҷомеа аз давраи догма ва ғайриплюралистӣ ба давраи гуногунандешӣ, аз тарафи дигар, майли субъективии истифодабарии механизмҳои пештараи сахти идоракунии ҷамъият ва давлатӣ;

- аз ҷонибе диққати аввалиндараҷа ба дигаргунсозиҳои куллии демократии муносибатҳои сиёсӣ ба манфиати тамоми ҷамъият равона мегардад, аз ҷониби дигар бошад, майлу хоҳиш танҳо ба манфиати элитаҳои нави сиёсӣ ва ба амал баровардани онҳо равона мегардад;

- таблиғи шиори «бозори озод» аз як тараф, ба таври сунъӣ фароҳам овардани имкониятҳои ибтидоии нобаробар барои иштироки самараноки субъектхои ҷамъият дар муносибатҳои бозорӣ аз тарафи дигар;

- аз як тараф эълони баробарӣ ва озодии иштирок дар раванди идора кардани давлат ва аз тарафи дигар таваҷҷуҳ ба «дастаи худӣ» ва ё ба эътибор гирифтани аломатҳои хурди маҳаливу этникӣ мушкилотро эҷод мекунанд [4, с. 35.].

Дар давраи гузариш нақши шуури сиёсӣ, механизмҳои танзимнамоӣ, омилҳои сиёсию идеологӣ хеле зиёд шуда, аксар вақт ҳалкунанда мегардад. Шикастани муносибатҳои кӯҳна ва дар шуури ҷамъиятӣ пойдор шудани муносибатҳои нав неруҳои ба ҳам зидро метавонад ба вуҷуд оварад.

Буҳрони вазъияти сиёсӣ дар сурати афзоиш ёфтани шаклҳои фаъолияти сиёсии ғайрисистемавӣ ва муносибатҳои мутақобилае, ки барои системаи муайяни сиёсӣ хос нестанд, шиддат мегирад. Шаҳрвандони оддӣ метавонанд ба тартиботи муқараргардидаи ҷамъиятӣ итоат накарда, ба ҳукумат норозигӣ пешниҳод кунанд, созмонҳои сиёсӣ - ҷамъиятӣ фаъол мешаванд, ки ба муборизаи зидди режими сиёсӣ даъват мекунанд, қарорҳои ҳукуматро вайрон кардани тартиботи муқарраршуда қабул мекунанд. Моделҳои ғайриоддӣ, ки аз одати муқаррарӣ дур мешаванд, ба тартиботи институтсионалӣ таҳдид мекунанд, зеро онҳо мантиқи кӯҳнаи такрористеҳсоли муносибатҳои сиёсиро мешиканад.

Ҳамин тавр, буҳрони вазъияти сиёсӣ падидаи таркибии ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ буда, хусусиятҳои хоси худро дорад, ки дар он амалҳои оқилона ва ғайримантиқии ашхос, созмонҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва институтҳои ҳокимият, вазифаҳо, нақшҳо, манфиатҳо, мақсадҳои сиёсии онҳо ифода меёбад.

Вазъияти буҳронӣ як шакли раванди сиёсӣ буда, омили рушди системаи сиёсӣ буда, боиси тағйироти ҳаёти ҷомеа мегардад. Дар баробари ин механизми мураккаби рушди чамъият ба ҳамдигар дохилшавӣ, паҳн кардан ва махдуд кардани падидаҳо, ҳодисаҳо ва амалҳои ҷамъиятию сиёсиро дарбар мегирад, ки дар натиҷаи ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани буҳронҳои ҷамъиятию сиёсии навъу намудҳои гуногун ба амал меояд [1, с. 27.].

Дар баробар ин чунин заминаҳо ва омилҳои гузариш аз ҳолати мутаносиби муносибатҳо ва системаи сиёсӣ ва ҳолати буҳронӣ ва ғайримуташаккилона шакл гирифтани раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеаро муайян намуд: беқурбшавӣ ва ё ғайрисамаранок гардидани фаъолияти қудрати сиёсӣ, дар назари шаҳрвандон якбора паст шудани қонунияти он, аз даст додани қувваи қобилияти идоракунии ҷамъият ва равандҳои дар он бавуҷудмеомада, аз даст додани қобилияти қабули қарор ва ғайра.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳлил метавон вазъияти буҳронӣ ё худ буҳрони сиёсиро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ – сиёсӣ муайян кард, ки шакли махсуси раванди иҷтимоию сиёсӣ, нуқтаи гардиши он мебошад, ки бо ҳолати гузариши рушди ҷомеа ва системаи сиёсии он, ноустувор гардондани онҳо аз сабаби тезу тунд шудани зиддиятҳо дар муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятию сиёсӣ ба вуҷуд меояд.

Ба омилҳои ҳуқуқӣ асосан риоя нагардидани раванди қабули қонун ва нокифоягии самаранокии он, ба талаботу манфиатҳои омма ҷавобгӯй набудани мазмуни қонунҳо, қабули қонунҳои якмазмуна аммо, бо номҳои мухталиф, қабули қонунҳои сершумори ғайризарурӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Сабаби ин вазъият дар он аст, ки геополитика аз ҷониби шумораи зиёди илмҳои ҷамъиятшиносӣ - ҷуғрофияи сиёсӣ, фалсафаи сиёсат, этнография, этнография, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърих, иқтисод ва ғайра омӯхта шудааст. Чунки ҳар яке аз фанҳои илмии номбаршуда вазифаҳои худро дорад.

Байни заминаҳои шаклгирии вазъияти буҳронӣ, зуҳуроти берунии он, мазмуни реалӣ, ки аз даст додани қобилияти системам сиёсӣ қисман ё пурра таҷдиди тартиботи институтсионалӣ мебошад, аҳаммияти муҳим дорад. Мо ҳамеша зуҳуроти вазъияти буҳрониро дар рафтори одамоне мебинем, ки аз сиёсати пешгирифтаи давлат норозигии худро нишон медиҳанд, эътирозҳо ташкил мекунанд, аз итоат кардан ба мақомот саркашӣ мекунанд, ба ҳалли мушкилоти худ шуруъ мекунанд, тартиби муқаррарнамудаи қонунро вайрон мекунанд, мубориза дар дохили элитаи сиёсӣ, аз қоидаҳои пештар муқарраршуда берун баромада, тезу тунд мешавад.

Мушкилоти асосӣ ин аст, ки агар дар айни замон дар худи синфи ҳукмрон тезу тунд шудани муборизаи дохилии сиёсӣ ба амал ояд, он гоҳ номутаносибии системаи идоракунии давлатӣ ногузир мегардад [6, с.147.].

Ҳамин тариқ, мазмуни вазъияти буҳрониро равандҳои вайроншавии риштаи сиёсии институтсионалӣ муайян мекунанд. Буҳрон вақте ба миён меояд, ки механизмҳое, ки такроистеҳсоли пайвандҳои сохториро дар сиёсат таъмин мекунанд, иҷрои вазифаҳои асосии худро қатъ мекунанд, муттасилии моделҳои рафтори сиёсиро нигоҳ медоранд ва одамонро ба риояи меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраршуда ташвиқ мекунанд. Буҳрон ҳамеша як озмоиши тарзи муқаррарии зиндагӣ аст, он як имконияти кушодаест, ки дар тули солҳои зиёд муқаррарӣ ва табиӣ ҳисобида мешуд. Аз як тараф он ҳамчун зарурияти инкишоф дониста мешавад. Шаклгирии вазъияти буҳронӣ ҳушдор аз номукамалӣ ва номутаносибан шакл гирифтани раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа медиҳад. Дар заминаи дарки он моделҳои муосир ва самараноки системаи сиёсӣ, низоми идоракунии давлатӣ ва ислоҳоти сохториву мазмунии тамоми таркиботи институтсионалии давлат ва ҷомеа пеш меояд.

АДАБИЁТ

1. Баранов Д. А. Современные кризисы политических режимов государств Ближнего Востока и Северной Африки: особенности генезиса и эволюции // Диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук. – М., 2020. - 176 с.
2. Бергер П., Лукман Т. Социальное конструирование реальности: Трактат по социологии знания. - М., 1995. - С. 153.
3. Зокиров Г. Н. Донишномаи сиёсӣ. Иборат аз се љилд. Љилди 1. – Душанбе, 2015. – С. 181 - 190.
4. Коротков, Э. М. Антикризисное управление: учебник для бакалавров / Э. М. Коротков. — М.: Издательство Юрайт, 2014. - 406 с.
5. Общая и прикладная политология: учебное пособие. Под общей редакцией В.И. Жукова, Б.И. Краснова. - М.: МГСУ; Изд-во “Союз”, 1997. – С. 808 (– 992 с.)

6. Пушкарева Г. В. Политические кризисы: содержание, виды факторы эскалации // Вестник Московского университета. Сер. 21. Управление (государство и общество). 2016. № 1. – С. 151 - 152.
7. Причины и последствия кризисов государственного управления [Захираи электронї] URL: https://textbooks.studio/menedjment-antikrizisnoe-upravlenie/prichinyi-posledstviya-krizisov.html (санаи мурољиат: 28. 12. 21 с.)
8. Пушкарева Г. В. Политические кризисы: содержание, виды и факторы эскалации // Вестник Московского университета. Сер. 21. Управление (государство и общество). 2016. № 1. – С. 140 – 164.
9. Развитие и изменение политические системы. Нестабильные политические системы [Захираи электронї] URL: https://www.britannica.com/topic/political-system/Development-and-change-in-political-systems (санаи мурољиат: 25. 05. 2023 с.)
10. Философия политики. Под. ред. Бессонова Б.Н. – М., 1993. Книга II.
11. D. Alan Heslop. Unstable political systems [Захираи электронї] URL: https://www.britannica.com/topic/political-system/Development-and-change-in-political-systems (санаи мурољиат: 27. 05. 2023 с.)
12. Development and change in political systems. [Захираи электронї] URL: https://www.britannica.com/topic/political-system/Development-and-change-in-political-systems (санаи мурољиат: 30. 05. 2023 с.)

САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ ШАКЛГИРИИ ВАЗЪИЯТИ МУТАНОСИБИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ БА ВАЗЪИЯТИ БУҲРОНӢ

Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми инкишофи низоми сиёсӣ ва раванди рушди мутаносиби инкишофи сиёсӣ бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки то сабабҳо, омилҳо, шароит ва заминаҳои ба вазъияти буҳронӣ иваз гардидани вазъияти мутаносиби сиёсиро баррасӣ кунад. Шарҳи шароит ва заминаҳои шаклгирии вазъияти мутаносибаи инкишофи сиёсӣ ба вазъияти буҳронӣ дар таърихи афкори сиёсӣ гуногун ба назар мерасад. Ҳама ба он назаранд, ки номукамалии механизмҳои сиёсӣ ва таркиботи институтсионалии системаи сиёсии ҷомеа заминаи асосии шаклгирии вазъияти мутаносиби инкишофи сиёсӣ ба вазъияти буҳронӣ метавонад бошад. Аммо, ин танҳо як тарафи масъала аст. Вазъияти буҳронӣ як гардиши махсус дар рушд ва фаъолияти низоми сиёсии ҷомеа, сохторҳои давлатӣ-қудратӣ мебошад, ки бо ноустуворӣ, номутаносибии фаъолияти институтҳои сиёсӣ, паст шудани сатҳи назоратшавандагии сохторҳои иҷтимоию иқтисодӣ, раванди тезу тунд шудани ихтилофҳои сиёсӣ, баланд шудани фаъолияти танқидии омма, тавсиф мешавад.

Калидвожаҳо: буҳрон, буҳрони сиёсӣ, буҳрони идоракунӣ, вазъияти буҳронӣ, муносибатҳои мутаносиб, низоми сиёсӣ, давлат, қарор, қарори сиёсӣ, тартиботи сиёсӣ, системаи сиёсӣ, низоми идоракунӣ.

ФАКТОРЫ И ОСНОВАНИЯ ПЕРЕМЕНА СТАБИЛЬНОГО ПОЛИТИЧЕСКОГО СИТУАЦИИ НА КРИЗИСНОЙ СИТУАЦИИ

Статья посвящена одному из важных вопросов развития политической системы и процессу сбалансированного развития политического развития. Автор предпринял попытку рассмотреть причины, факторы, условия и основания смены гармоничной политической ситуации кризисной. Различным видится объяснение условий и оснований формирования ситуации политического развития, соответствующей кризисной ситуации в истории политической мысли. Все сходятся во мнении, что несовершенство политических механизмов и институциональной структуры политической системы общества может быть основным основанием для формирования ситуации политического развития в русле кризисной ситуации. Однако это только одна сторона вопроса Кризисная ситуация – это особый поворот в развитии и деятельности политической системы общества, государственно-властных структур, который характеризуется неустойчивостью, непропорциональностью деятельности политических институтов, снижением управляемости социально-экономических структур, процесс обострения политических разногласий, усиления общественной критики, описание будет

Ключевые слова: кризис, политический кризис, кризис управления, кризисная ситуация, сбалансированные отношения, политическая система, государство, решение, политическое решение, политический порядок, политическая система, система управления.

FACTORS AND REASONS FOR THE CHANGE OF A STABLE POLITICAL SITUATION INTO A CRISIS SITUATION

The article is devoted to one of the important issues of the development of the political system and the process of balanced development of political development. The author made an attempt to consider the reasons, factors, conditions and grounds for changing the harmonious political situation into a crisis one. The explanation of the conditions and grounds for the formation of a situation of political development, corresponding to a crisis situation in the history of political thought, is seen as different. Everyone agrees that the imperfection of political mechanisms and the institutional structure of the political system of society can be the main basis for the formation

of a situation of political development in line with a crisis situation. However, this is only one side of the issue. A crisis situation is a special turn in the development and activities of the political system of society, state-power structures, which is characterized by instability, disproportionate activity of political institutions, a decrease in the controllability of socio-economic structures, the process of exacerbating political differences, strengthening public criticism, the description will be

Key words: crisis, political crisis, management crisis, crisis situation, balanced relations, political system, state, decision, political decision, political order, political system, management system.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Назирамоҳи Қосимхуҷа* - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ.17. Телефон **[+992] 978 06 72 72**

Сведения об авторе: Назирамохи Косимхуджа -Таджикский национальный университет, магистр 2 курса факультета философия. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **[+992] 978 06 72 72**

Information about the author: Naziramokhi Kosimkhuja - Tajik National University, second-year master's student, Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **[+992] 978 06 72 72.**

ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИЮ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Умарова Б. И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фаъолияти эҷодию маърифатии хонандагони хурдсол маҷмуи фаъолиятҳоест, ки ба рушди фикрронӣ, зеҳн, ҷаҳонбинӣ ва қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад. Ин раванд махсусан дар муҳити мактабӣ муҳим буда, барои ташаккули шахсияти фаъолу мустақил замина мегузорад.

Фаъолияти маърифатӣ – ин раванди аз худ кардани дониш, дарк, таҳлил ва истифодаи иттилоот мебошад.

Фаъолияти эҷодӣ – ин қобилияти тавлиди ғояҳои нав, тасаввурот, ҳалли ғайристандартии масъалаҳо ва ифодаи фикр ба таври мустақил аст.

Дар синни хурди мактабӣ (7–10 солагӣ) кӯдакон дорои шавқи баланди омӯзиш ва тахайюли ғанӣ мебошанд. Аз ин рӯ, муттаҳид сохтани омӯзиш бо эҷодкорӣ самараноктарин усул ба ҳисоб меравад.

Синни хурди мактабӣ яке аз давраҳои калидии мусоид барои фаъолнокии эҷодии маърифатӣ мебошад. Фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагони хурдсол дар раванди донишандӯзӣ ва талош варзидан ҷиҳати ҳалли масъалаҳои омӯзишӣ ташаккул меёбад.

Дар синни томактабӣ кӯдакон дар рафти бозиҳо барои ташаккули минбаъдаи худ дониш ва малака мегиранд. Машғулияти муҳимми кӯдакони синни томактабӣ бозиест, ки дар он кӯдакон ба фаъолият ва муносибатҳои калонсолон тақлид мекунанд. Дар инкишофи равонии кӯдакони синни томактабӣ дигар намудҳои фаъолияти онҳо, ба мисли эҷодкорӣ, ихтироъкорӣ, шунидани афсонаҳо, шаклҳои ибтидоии кор ва ғайра саҳми бештар доранд.

Дар кӯдак вуҷуд доштани ангезаҳои омӯзиш яке аз муҳимтарин шароити муваффақиятнокии таълими ӯ дар мактаби ибтидоӣ мебошад. Инкишофи эҷодӣ танҳо ҳангоми дар кӯдак вуҷуд доштани ҳавасмандии мусбат имконпазир аст. Тавре ки маълум аст, эҷодиёт бидуни маҷбуркунӣ рушд меёбад. Дар раванди рушди фаъолнокии эҷодӣ ба вуҷуд овардани ҳавасмандӣ лаҳзаи муҳим мебошад, ки ба эҳтиёҷоти заминавии шогирдони синни хурди мактабӣ асос меёбад.

Зарур аст, ки кӯдакон оромона аз муҳити хона ба муассисаи томактабӣ гузаранд, ташкили фазои оромонаву дӯстона дар байни кӯдакон ташкил кардан лозим аст. Яке аз чунин воситаҳо бозӣ ба шумор меравад, ки ҳамчун шакли муттаҳидшавӣ ва ташкили ҳаёти кӯдакон дониста мешавад. Муносибатҳои дӯстона шарти зарурии инкишофи умумии руҳия ва шахсияти кӯдакони синни томактабӣ мебошанд. Дар бозӣ зарурати муошират бо ҳамсолон талаботи муҳимми иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ маҳсуб меёбад. Иштирок дар бозиҳо ба ҳамдигар наздик шудани кӯдаконро осон ва ба пайдо кардани муҳити созгор мусоидат мекунад. Инчунин, ба раванди таълиму тарбия ёрӣ расонда, ба кори фикрӣ, ки барои таълим дар мактаб зарур аст, замина фароҳам меорад.

Барои водор менамоянд намудани мактаббачаи хурдсол лозим аст, ки вазифаҳои дар назди хонандагон дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ гузошташаванда на танҳо фаҳмо бошанд, балки ботинан қабулшуда бошанд, то ки онҳо аҳамият пайдо намуда, дар эҳсосоти онҳо моилшавӣ пайдо намояд. Воқеан баланд бардоштани самаранокии фаъолнокии маърифатии хонандагон усулҳоеро истифода намудан зарур аст, ки таъйиноти онҳо ташаккулдиҳии рағбат ба ашё, фаъолсозии хонандагон, рушди амалиёти фикрӣ бошад.

Муҳаққиқи В. И. Андреев тасдиқ мекунад, ки бешубҳа, сифати муҳими эҷодиёт меъёри инкишофи шахсияти инсон, фарҳанг ва ҷомеа дар умум мебошад. Яъне эҷодиёти воқеӣ

бояд, боиси рушди шахсияти инсон ва инкишофи фарҳанги инсонӣ гардад. В. И. Андреев чунин мепиндошт, ки шахсияти эҷодӣ - ин ҳамин гуна навъи шахсият аст, ки барои ӯ самтгирии эҷодиёт, устувор, фаъолнокии ангезавию эҷодӣ хос мебошад. Он дар ягонагии органикӣ бо дараҷаи олии қобилиятҳои эҷодӣ зоҳир мегардад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ба натиҷаҳои муҳими назаррас (пешқадам, иҷтимоӣ ва шахсӣ) дар як ё якчанд намудҳои фаъолият ноил гардад [3, с.32].

Дар синни томактабӣ азхудкунии донишҳои нав дар бозӣ назар ба машғулиятҳои дарсӣ хеле муваффақтар аст. Кӯдакон, ки саргарми бозӣ мегарданд, пай намебаранд, ки чизҳои навро омӯхта истодаанд. Хусусияти бозӣ ду ҷанба доштани он мебошад. Яъне, бозӣ ҳам ҷанбаи тарбиявӣ ва ҳам маърифатӣ дорад. Дар ҳар ду ҳолат, ҳадафи бозӣ на ҳамчун интиқоли дониш, балки ҳамчун инкишофи баъзе равандҳои равонӣ ва қобилиятҳои кӯдакон ба ҳисоб меравад. Барои он ки бозӣ кӯдаконро саргарм ва ҷалб кунад, ба ҳар яки онҳо таъсири мусбат расонад, тарбиятгар, педагог ва мураббӣ бояд иштирокчии бевоситаи он гардад. Омӯзгор бо рафтор ва муошарати эмотсионалии худ кӯдаконро ба фаъолияти муштарак ҷалб карда, раванди бозиро барои онҳо муҳим ва пурмазмун мегардонад. Омӯзгор ба маркази ҷалби бозӣ табдил меёбад, ки ин махсусан, дар марҳалаҳои аввали шиносоӣ бо бозии нав муҳим мебошад. Бозиҳо бо ҳама гуногунрангии худ барои кӯдакон бо мақсадҳои муайян пешбинӣ шудаанд.

Аз ҷумла: кӯдакон дар раванди бозӣ аз муошират шодӣ мекунанд; имову ишора ва калимаҳоро барои баён кардани муносибати худ ба бозичаҳо ва шахсони дигар истифода мебаранд; фаъолияти мустақилонаашонро рушд мебахшанд; амалҳои ташаббускорияшон сайқал меёбанд.

Аз ин лиҳоз мактаби ибтидоӣ - давраи пурмасъулияттарин дар ҳаёти инсон аст, зеро дар синфҳои ибтидоӣ таҳкурсии он чизе гузошта мешавад, ки минбаъд инкишоф ёфта ва бо мурури синну сол мустаҳкам мегардад. Бинобар ин, таълиму тарбияи шогирди хурдсоли мактаб вазифаи басо пурмасъулият мебошад. Дар дасти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, амалан тақдири инсон қарор дорад ва бо ин тақдир лозим аст, ки хеле боэҳтиёт муносибат намуд. Шогирди хурдсоли мактаб ҳанӯз инсони хурдсол, вале бо олами ботинии худ, бо вижагиҳои инфиродию психологии худ хеле мураккаб мебошад.

Омӯзгор дар шуури шогирди хурдсоли худ мавқеи бузург дорад. Муносибати ӯ бо кӯдак, баҳодиҳӣ, мулоҳизаҳо, хоҳишҳо ва талабот ба дараҷаи зиёд кайфияти ҳоли кӯдак ва вижагиҳои худбаҳодиҳии ташаккулёфта, дар шогирдони хурдсоли мактаб маҷмуи мураккаби эҳсосот мебошанд. Инҳо хушнудӣ аз таҳсин ва ранҷиш аз нобарорӣ, изтироб ва нобоварӣ ба худ, агар ба чизе муваффақ нагардад, эҳсоси тарс аз иштибоҳ ва умед бастан ба комёбӣ ба ҳисоб мераванд. Агар омӯзгор ба муқобили зуҳуроти фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачаи хурдсол баромад кунад, он гоҳ оғози эҷодии кӯдак метавонад ба нестӣ равад.

Омӯзгор ба донишҳо дар бораи шахсияти эҷодкор, моҳияти фаъолнокии эҷодӣ ва раванди ташаккулёбии самтҳои ояндадори фаъолият, интихоби шаклу намудҳои рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон эҷтиёҷ дорад. Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти пажуҳишҳои П.Торренс нишон доданд, муносибати омӯзгорон ба кӯдакони эҷодкор, асосан, ҷанбаи манфӣ дорад. Агар аз омӯзгорон хоста шавад, ки номи кӯдаконеро, ки дар синф бартарӣ доранд номбар кунанд, онҳо асосан, кӯдакони дорои зеҳнияти баланд рушдкарда, вале бидуни қобилияти эҷодиро интихоб мекарданд. Ин бо он тавзех мегардад, ки кӯдакони эҷодкор, тибқи мулоҳизоти худи омӯзгор, аксаран "бартарӣ аз болои омӯзгор"-ро нишон медиҳанд ва "ҳамеша маълум нест, ки аз онҳо чиро мунтазир метавон гардид" [15, с. 63].

Дар айни замон кӯдакони дорои зеҳнияти баланд, асосан, тибқи чашмдошти омӯзгорон рафтор карда, талаботи онҳоро пурра иҷро мекунанд. Чунин муносибат аз

тарафи омӯзгор ба муносибати хонандагони дигар нисбат ба шогирдони эҷодкор таъсир мерасонад.

Тибқи таҳқиқоти С. В. Максимова шахсияти "хонандаи ормонӣ" барои омӯзгор аз руйи тавсифномаи худ бо шахсияти эҷодӣ монандӣ надоранд. Омӯзгор мехостанд бо хонандогони дорои сифатҳои зехният, муташаккилӣ, интизомнокӣ, пурандешӣ, одамдустӣ, самимият, накукорӣ кор кунанд. Аммо омӯзгор ба тавсифномаи ҳамаи шахсони барҷаста, ки кешиш ба эҷодиёт доранд, баҳои сазовор медиҳанд. Омӯзгор, яқинан, вижагиҳои ақлонии кӯдакро бо самтгирӣ ба дониш ва имконияти азхудкунӣ нисбат ба фаъолнокии эҷодии маърифатӣ тарҷеҳ медиҳанд. Чунин тавсифномаҳои хонандагон ба мисли "ғайриоддӣ", "мустақил", "пешгуишаванда" дар назди омӯзгор боэътибор мебошанд [9, с. 62].

Омӯзгор вижагиҳои шахсияти эҷодии кӯдакро, ки дар рафтор ва тафаккури ғайриқолабӣ ифода меёбад, нафаҳмида ва идрок накарда, чунин кӯдаконро ҳамчун якрав, ҳама чизро бо хоҳиши худ иҷро кардан, ба намунаҳои мусбат пайравӣ карда натавонистан, нахостан ва ғайра баҳо медиҳанд.

Дуруст нафаҳмидан ва аз будаш кам баҳо додан ба кӯдаки боистеъдоди эҷодкор, имкон намедиҳад, ки барномаи таълимӣ бомуваффақият азхуд карда шавад, ҳар қадар, ки ба эҳтиёҷот ва имконоти хонандагон беҳтар мутобиқ нашуда бошанд. Бинобар ин, интихоб ва амалисозии барномаҳои рушди фаъолнокии эҷодии маърифатӣ бояд танҳо баъд аз таълим додани омӯзгор татбиқ гардад. Яке аз роҳҳои рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон аз тарафи омӯзгор дигаргун карда шудани мавқеи онҳо ба самти мусбат нисбат ба кӯдакони эҷодкор, барои онҳо фароҳамоварии фазои мусоид, "иқлими нарм"-и мусоидаткунанда ба шукуфонии қобилиятҳои эҷодии онҳо мебошад.

Барои ин омӯзгор бояд ба шогирдони хурдсоли мактаб имконияти бозгу намудани ғояҳои эҷодиашро фароҳам созад, барои ин кор вақт пайдо кунад, бодиққат ба суханони кӯдак гуш диҳад. Омӯзгори мактаби ибтидоӣ бояд ба ҳар як хонанда, барои худро ва қобилияти худро ба эҷодкорӣ фаҳмиданаш ёрӣ расонад, инчунин ба падару модарон, барои шиносондани кӯдакони эҷодкор кӯмак расонад. Муҳити синф бояд озодии ифодакунӣ, масъалаҳо ва ҳамкориҳои хонандагонро таъмин намояд. Банақшагирии вазъиятҳо ва масъалаҳои таълимӣ зарур аст, вақте ки кӯдакон медонанд, ки иштироки онҳоро истиқбол мекунанд ва бақадрашон мерасанд.

Кӯдак дар муҳити хайрхоҳӣ, эътимод, тараҳҳум ва эҳтиром саъӣ мекунад, ки имкониятҳои худро пурра кашф намояд. Вақте ки ӯ мебинад, ки қадру қимат, андешаҳои мустақилона, ҷустуҷӯи эҷодиашро қадр мекунанд, ба ҳалли масъалаҳои боз ҳам мураккабтар кӯшиш мекунад. Барои ӯ эҳсос кардани ин нуқта хеле муҳим аст, ки ӯро эътироф мекунанд, нуқтаи назари уро қадр мекунанд ва ба ӯ эътимод доранд.

Ба омӯзгор зарур аст, дар мактаббачагони хурдсол худбаходиҳии ба кадри кофӣ баландро ташаккул диҳад, ки он онҳоро ба фаъолият ҳавасманд менамояд. Барои ин кор омӯзгор бояд муваффақиятҳои инфиродии ҳар як хонандаро қайд намояд; ба таври воқеӣ баҳо диҳад ва аз шакли лозимии ҳавасмандкунӣ истифода намояд. Агар ҳавасмандкунӣ ба иқдоми оддӣ мубаддал шавад, онро бояд қатъ намуд. Муҳим он аст, ки шогирди мактаб қаноатмандӣ ва эҳсосоти мусбатро аз кори хуб иҷрошуда ҳосил намояд.

Омӯзгор бояд ба хонандагон нишон диҳад, ки асолат хусусияти муҳими эҷодӣ мебошад. Ӯ бояд дастовардҳоро қадр намуда, ба нобарориҳо чандон таваҷҷуҳ накунад. Иштибоҳҳои кӯдаконро беҳтар аст ҳамчун таҷрибаи аз тарафи онҳо андухташуда, аммо на баҳонаи ҷазодиҳӣ ва ришханд задан ба онҳо баррасӣ намуд. Вазъият дар синф бояд тавре бошад, ки тарсу ҳароси хонандагон аз иштибоҳ кардан дар сатҳи ҳадди ақал қарор дошта, саъю талоши онҳо дар ҷиҳати зоҳир намудани фаъолнокии эҷодӣ, ҳатто ҳангоми нобарории кор ҳам имконпазир гардад.

Ба акидаи А. М. Матюшкин ҳавасмандкунии фаъолнокии эҷодӣ метавонад бо роҳи худдорӣ кардан аз нақшаи ҷиддии дарс амалӣ гардад, вақте ки аксарияти хонандагон ба ин ё он масъала ё масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда бошанд. Агар дар синф фазо ва иқлими мусоид, барои эҷодиёти шогирдон фароҳам шуда бошад, ин боиси тағйирёбии мақоми иҷтимоии боистеъдодтарин хонанда ва ивазшавии самтгирии арзишии ҳамаи хонандагон дар синф мегардад, ки ин, барои баланд бардоштани мавқеи фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон мусоидат менамояд [10, с. 95].

Ба омӯзгор зарур аст, ки қобилиятҳои билқувваи эҷодиро дар ҳар як хонанда бубинад. Омӯзгор бояд дидани зуҳуроти эҷодии хонандагонро, на танҳо дар вақти дарсҳо, балки ҳангоми ҳар гуна фаъолияти дигар ёд гирад. Барои ин макктаббачагони хурдсол бояд бо намудҳои гуногуни фаъолият фаро гирифта шуда бошанд.

Моро месазад илова намуд, ки барои инкишоф додани фаъолнокии эҷодии маърифатии шогирдони хурдсол омӯзгор бояд пеш аз ҳама худаш эҷодкор бошад. Агар омӯзгор худаш эҷодкорона фаъолият накунад, он гоҳ кӯдакони боистеъдод наметавонанд имконоти худро кашф ва амалӣ намоянд. Шиносоӣ бо таҷрибаи як қатор омӯзгор нишон дод, ки рушди фаъолнокии эҷодии маърифатӣ ҷой дошта бошад ҳам, аммо ҷанбаи тасодуфӣ дорад ва аксаран, аз тарафи омӯзгор аз руйи фаросат, бидуни дониши амиқи муҳтаво ва методикаи инкишофи ин сифати шахсият амалӣ карда мешавад. Танҳо ҳангоми мавҷуд будани робитаи байниҳамдигарии мувофиқи фаъолияти дарсӣ ва берун аз дарсӣ метавон натиҷахои мусбати рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии шогирдони хурдсолро бо камтарин масрафи неруҳои аклоқӣ ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз тарафи таълимгиранда ба даст овард.

Нишондоди стандарти таҳсилот, барномаи асосии таҳсилоти ибтидоии умумӣ аз тарафи муассисаи тахсилотӣ ба воситаи ташкили фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсӣ амалӣ карда мешавад. Машғулятҳои дарсӣ ба накшагирии дақиқ ва ташкили кори таҳсилотӣ, инчунин назорати муназзами раванд ва натиҷаҳои фаъолияти таълимию маърифатиро таъмин менамояд. Дар зимни, чунин машғулятҳо, барои ташкили гунавии эҷодии таълим, тарбия ва инкишофёбии шахсияти шогирди хурдсоли мактаб, фароҳамсозии шароити муносиб, барои фаъолияти мустақилонаи хонандагон, барои баҳисобгирии вижагиҳои шахсии мактаббача, барои фарогардонии тафриқасозии таҳсилоти хонандагон, барои рушди муносибатхои шарикии байнихамдигарии калонсолон ва кӯдакон дар фаъолияти муштарак имкониятхои маҳдуд доранд. Амалисозии бомуваффақияти иқдомоти номбаршуда дар фаъолияти беруназдарсӣ имконпазир мебошад. Фаъолияти беруназдарсӣ ба воситаи чунин шаклҳои машғулият, аз қабили экскурсияҳо, маҳфилҳо, "мизҳои мудаввар", конференсияҳо, мубоҳисаҳо, анҷуманҳои илмии мактабӣ, олимпиадаҳо, мусобиқаҳо, таҳқиқоти ҷустуҷуӣ ва илмӣ, амалияҳои муфиди ҷамъиятии довталабона тибқи интихоби иштирокдорони раванди тахсилот созмон дода мешаванд.

Кӯдакони синни томактабӣ бо таваҷҷӯҳи ғайриихтиёрӣ тавсиф мешаванд, ки худ аз худ бе кӯшиши ирода ба вуҷуд меояд. Ақли кӯдакони хурдсол ба он чизе, ки равшан ва эҳсосӣ аст, диққат медиҳад. Бо мурури синну сол, тавассути раванди бозӣ, омӯзиш ва муошират бо калонсолон, таваҷҷӯҳи ихтиёрӣ инкишоф меёбад, ки барои пайдоиши он кӯшиши иродаро талаб мекунад [11, с.114].

Равоншиносон бар он ақидаанд, ки пайдоиш ва инкишофи таваҷҷӯҳи ихтиёрӣ пеш аз ташаккули дарки танзимшаванда ва нутқи фаъол аст. Ҳар қадар нутқи кӯдаки синни томактабӣ беҳтар инкишоф ёбад, сатҳи инкишофи дарк ҳамон қадар баландтар аст, таваҷҷӯҳи ихтиёрӣ ҳамон қадар барвақттар ташаккул меёбад. Хусусияти муҳими диққат, ки бояд дар синни томактабӣ низ мақсаднок инкишоф дода шавад, ин гузариши он аст.

Аксари кӯдакони синни томактабӣ аз сабаби ғоиб будан ва парешонхотирӣ аз як фаъолият ба фаъолияти дигар гузаштанро душвор меҳисобанд. Ин метавонад аз сабаби

ҳолати ҷисмонӣ, набудани таваҷҷуҳ ба фаъолиятҳо ё фаровонии таҷрибаҳои равшане бошад, ки ба тамарқуз халал мерасонанд. Аз ин рӯ, бозиҳо ва машқҳои оддӣ метавонанд ба инкишоф ва аз нав равона кардани таваҷҷуҳи кӯдак кумак кунанд. Дар ин синну сол шуур хусусиятҳои миёнаравӣ ва умумикунониро ба даст меорад ва хусусияти иродаии он инкишоф меёбад. Дар ин синну сол шахсияти кӯдак асосан ташаккул меёбад, яъне соҳаи ниёзҳои ангезанда ва худшиносӣ ташаккул меёбад.

Дар зимни, чунин машғулиятҳо барои ташкили гунавии эҷодии таълим, тарбия ва инкишофёбии шахсияти шогирди хурдсоли мактаб, фароҳамсозии шароити муносиб, барои фаъолияти мустақилонаи хонандагон, барои баҳисобгирии вижагиҳои шахсии мактаббача, барои фардигардонии тафриқасозии таҳсилоти хонандагон, барои рушди муносибатҳои шарикии байниҳамдигарии калонсолон ва кӯдакон дар фаъолияти муштарак имкониятҳои маҳдуд доранд. Амалисозии бомуваффакияти иқдомоти номбаршуда дар фаъолияти беруназдарсӣ имконпазир мебошад. Фаъолияти беруназдарсӣ ба воситаи чунин шаклҳои машғулият, аз қабили экскурсияҳо, маҳфилҳо, "мизҳои мудаввар", конференсияҳо, мубоҳисаҳо, анҷуманҳои илмии мактабӣ, олимпиадаҳо, мусобиқаҳо, таҳқиқоти ҷустуҷӯӣ ва илмӣ, амалияҳои муфиди ҷамъиятии довталабона тибқи интихоби иштирокдорони раванди таҳсилот созмон дода мешаванд.

Фаъолияти эҷодию маърифатии хонандагони хурдсол асоси рушди зеҳнӣ ва иҷтимоии онҳо мебошад. Тавассути истифодаи усулҳои гуногуни таълим ва муҳити дастгиркунанда, метавон шахсиятҳои фаъол, боандеша ва эҷодкорро тарбия намуд.

Агар хоҳед, ман метавонам дар ин мавзӯъ реферат, мақола, нақшаи дарс ё презентатсия низ омода намоям.

Дар шароити муосири рушди ҷомеа масъалаи тарбияи шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта аҳамияти махсус пайдо кардааст. Зинаи аввали таҳсилот — синфҳои ибтидоӣ — давраи муҳими ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ, маънавӣ ва эҷодии кӯдак ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин марҳила заминаи фаъолияти эҷодию маърифатӣ гузошта мешавад, ки он барои пешрафти минбаъдаи таълим ва тарбия таъсири амиқ мерасонад.

Фаъолияти маърифатӣ раванди дарк, фаҳмиш, таҳлил ва аз худ намудани донишҳоро дар бар мегирад. Он бо рушду такомили тафаккур, хотира, диққат ва нутқ алоқаманд мебошад. Фаъолияти эҷодӣ бошад, қобилияти тавлиди ғояҳои нав, ҳалли ғайрианъанавии масъалаҳо ва ифодаи мустақилонаи фикрро ифода мекунад.

Ҳангоми омезиши ин ду раванд, хонанда на танҳо донишро аз худ мекунад, балки онро бо тарзи нав истифода бурда, ҷаҳонбинии худро васеъ месозад.

Синни хурди мактабӣ давраи ҳассос барои рушди зеҳн ва қобилиятҳои эҷодӣ мебошад. Кӯдакон дар ин синну сол дорои шавқу рағбати зиёд ба омӯзиш, тахайюли ғанӣ ва эҳсоси баланди кунҷковӣ мебошанд.

Омӯзгор дар рушди фаъолияти эҷодию маърифатӣ нақши калидӣ мебозад. Ӯ бояд муҳити мусоиди равонӣ фароҳам оварда, озодии баёнро таъмин намояд. Саволҳои кушода, супоришҳои эҷодӣ ва муносибати дастгиркунанда боиси фаъол гардидани тафаккури мустақили хонанда мегардад. Ҳавасмандгардонӣ ва қадршиносии кӯшишҳои хонандагон низ аҳамияти калон дорад

Ҳамин тавр, барои рушди бомуваффақияти фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон ба ҳар як омӯзгор зарур аст, ки ба кори бонизоми ҳадафманди ташкили дарсҳо ва корҳои беруназдарсӣ саъю кӯшиш намояд. Низоми кори дарсӣ ва беруназдарсӣ бояд аз тарафи омӯзгор ҳамроҳ бо дигар иштирокдорони раванди педагогӣ: хонандагон, падару модарони онҳо, кормандони муассисаҳои ғайримактабӣ тарроҳӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, фаъолияти эҷодию маърифати хонандагони хурдсол омили муҳимми ташаккули шахсияти фаъол, мустақил ва боандеша мебошад. Тавассути истифодаи усулҳои муосири таълим ва муҳити дастгиркунанда метавон дар кӯдакон шавқи донишомӯзӣ,

қобилияти эҷодӣ ва малакаҳои зеҳниро рушд дод. Зеро маҳз дар ин марҳила асоси муваффақияти минбаъдаи онҳо гузошта мешавад.

АДАБИЁТ

1. Амонов Н.Қ. Тафаккур: ташхис ва инкишоф. - Душанбе, 2014.
2. Алиев М. Т. Андешаҳои тарбиявии Имом Муҳаммад Ғазолӣ. Душанбе: "Эҷод",2008-116с.
3. Андреев, В.И.Педагогика: учеб. курс для творческого саморазвития / В. И. Андреев. - 3-е изд. - Казань: Центр инновационных технологий, 2003. - 608с.
4. Водзинский, Д. И., Жизнь и педагогическое наследие В. А. Сухомлинского. - Минск, 1979. -422 с.
5. 5. Запорожченко, Л. И. Проблема развития познавательной активности в научно-педагогической литературе / Л.ИЗапорожченко Социально-экономические явления процессы- 2012-№5-6-С.219-223.
6. Қодиров Қ. Б..Давлатов М.Т., Расулов С.Х. Вожаномаии тафсирии
7. истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. – Душанбе, 2008.
8. Қодиров С., Давлатов М. Психология- Душанбе: Сино, 2002.
9. Леонтьев, А. Н. Потребность, мотивы, эмоции / А. Н. Леонтьев- Москва: Изд-во Моск. ун-та, 1971. - 40с.
10. Максимова, С. В. Диагностика развития творческой активности младших школьников: в 2ч. Ч. 1: ФГОС/ С.В.Максимова.-Москва: Русское слово, 2013. - 56с.
11. Матюшкин, А.М. Развитие творческой активности школьников / А. М. Матюшкин, И. С. Аверина. - Москва : Педагогика, 1991. - 160с.
12. Психология. Зери таҳрири Крутетский В.А.: - Душанбе, Маориф, 1977. - С. 226
13. Рубинштейн, Л.С. Основы общей психологии / Л. С. Рубинштейн. - Санкт-Петербург: Питер, 2001 . - 720с.
14. Пономарев, Я. А. Психология творчества: общая, дифференциальная, прикладная / Я. А. Пономарев. - Москва: Наука, 1990. - 222.
15. Талызина, Н. Ф. Педагогическая психология / Н. Ф. Талызина.-Москва: Академия, 1998. - 288 с.
16. Торранс, Е. Направление творческих талантов / Е. Торранс. — Энглвуд-Клиффс, Нью-Йорк: Prénlce-Hall, 1964. — 128 с.

ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИЮ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақола масъалаи инкишофи фаъолияти эҷодии маърифатии хонандагони хурдсол дар раванди таълим баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки барои рушди бомуваффақияти фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон омӯзгор бояд пеш аз ҳама худаш эҷодкор бошад. Агар омӯзгор худаш эҷодкорона фаъолият накунад, он гоҳ кӯдакони боистеъдод наметавонанд имконоти худро кашф ва амалӣ намоянд. Ба ҳар як омӯзгор зарур аст, ки ба кори бонизоми ҳадафманди ташкили дарсӣ ва беруназдарсӣ саъю кӯшиш намояд. Низоми кори дарсӣ ва беруназдарсӣ бояд аз тарафи омӯзгор ҳамроҳ бо дигар иштирокдорони раванди педагогӣ: хонандагон, падару модарони онҳо, кормандони муассисаҳои ғайримактабӣ тарроҳӣ карда шавад. Бинобар ин дар муассисаи таҳсилотӣ ташкил намудани маҳфилҳои фаннӣ, клубҳои таъминкунандаи шавқу рағбатҳои гуногуни таълимгирандагон зарур мебошад. Оно муҳити муошират ва амалҳои муштараке хоҳанд гардид, ки дар онҳо хонандагон худро, имкониятҳои худро месанҷанд, муайян мекунанд ва ба воқеиятҳои соҳаи шуғли мавриди шавқу рағбаташон мутобиқ мешаванд.

Калидвожаҳо: инкишоф, фаъолият, эҷодӣ, маърифатӣ, хонандагон, омӯзгор, кӯдакони боистеъдод, ҳадафмандӣ, тарроҳӣ, маҳфилҳо, муошират, муштарак, кулубҳо, шавқу рағбат.

ТВОРЧЕСКАЯ И ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ МОЛОДЫХ УЧАЩИХСЯ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В статье рассматривается вопрос развития творческой познавательной деятельности младших школьников в образовательном процессе. Отмечается, что для успешного развития творческой познавательной деятельности учащихся учитель должен прежде всего сам быть творческим. Если учитель сам не работает творчески, то одаренные дети не смогут раскрыть и реализовать свой потенциал. Каждый учитель должен стремиться к систематической и целенаправленной работе по организации уроков и внеклассной деятельности. Система уроков и внеклассной деятельности должна разрабатываться учителем совместно с другими участниками педагогического процесса: учениками, их родителями, сотрудниками внешкольных учреждений. Поэтому необходимо организовывать в образовательном учреждении предметные кружки, клубы, которые обеспечивают разнообразные интересы учащихся. Они станут средой общения и совместных действий, в которой ученики смогут проверить себя, свои способности, определить и адаптироваться к реалиям сферы своих интересов.

Ключевые слова: развитие, активность, творчество, образование, студенты, учителя, одаренные дети, постановка целей, дизайн, хобби, общение, сотрудничество, клубы, интересы.

CREATIVE AND EDUCATIONAL ACTIVITY OF YOUNG STUDENTS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The article discusses the issue of developing creative cognitive activity of younger students in the educational process. It is noted that for the successful development of creative cognitive activity of students, the teacher must first of all be creative himself. If the teacher does not work creatively himself, then gifted children will not be able to discover and realize their potential. Every teacher needs to strive for systematic and purposeful work in organizing classes and extracurricular activities. The system of class and extracurricular activities should be designed by the teacher together with other participants in the pedagogical process: students, their parents, employees of non-school institutions. Therefore, it is necessary to organize in the educational institution subject circles, clubs that provide for various interests of students. They will become an environment of communication and joint actions in which students will test themselves, their capabilities, determine and adapt to the realities of the field of their interests.

Key words: development, activity, creativity, education, students, teachers, gifted children, goal-setting, design, hobbies, communication, collaboration, clubs, interests.

Маълумот дар бораи муаллиф: Умарова Бахтинисо Иқболшоевна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри кафедраи психология. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, E-mail: umarova 01@mail.ru Телефон.: **(+992) 981-03-55-65**

Сведения об авторе: Умарова Бахтинисо Игболшоевна - Таджикский национальный университет, магистрант кафедры психологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17.E-mail: umarova 01 @mail.ru Телефон.: **(+992) 981-03-55-65**

Information about the author: Umarova Bakhtiniso Igbolshoevna - Tajik National University, Master's student, Department of Psychology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17, E-mail: umarova 01 @mail.ru Phone. **(+992) 981-03-55-65**

ҶОЙГОҲИ МАҚУЛАИ НЕКӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ НОСИРИ ХУСРАВ

Муродова Т., Ҷамолиддинзода Х. Ҷ.
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ

Носири Хусрав шоир ва файласуфи маъруфи тоҷик мебошад, ки дар қарни XI зиндагӣ намуда, дар раванди ҳаёти минбаъдаи худ пайравӣ ба ҷараёни исмоилияро интихоб кардааст. Носири Хусрав яке аз бузургтарин назариётчиёни исмоилия ба шумор меравад. Ӯ дар андешаҳои худ аз дидгоҳи теологӣ баромад намуда, итоат ба Худованд ва шукргузорӣ аз онро дар ҷойгоҳи аввал мегузошт. Маҳз иҷрои ҳамаи муқаррароти шариат ва иҷрои онҳо ҷойгоҳи инсонро дар охират таъмин мекунад:

Дило, ҳамвора таслими ризо бош,
Ба ҳар ҳоле ки бошӣ, бо Худо бош!
Худоро дон, Худоро хон ба ҳар кор,
Мадон ин ёваронро беҳ аз ӯ ёр!

Аз ин рӯ, Носири Хусрав бар он хулосае мебошад, ки тамоми дастовардҳо ва умедвориҳои инсон бо шарофатии Худованд ба даст омада, инсонҳо бояд аз Ҳақ дур нашуда, шукргузор аз он бошанд. Ин дар навбати худ ба он оварда мерасонад, ки агар одамон дар фаъолияти хеш дар роҳи Худо рафта, аъмоли некро ба сомон расонанд, пас тақдири ояндаи онҳо мушаххас мегардад ва ин набояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш карда шавад. Такя намудан ба Худованд калиди ҳамаи муваффақиятҳои инсонӣ мегардад:

Чу ҳақ бахшад кулоҳи сарбаландӣ,
Ту дил бар дигаре баҳри чӣ бандӣ?
Худоро бош, агар марди худоӣ,
Макун бегонагӣ, гар ошноӣ!
Ҳадиси дӯзаху ҷаннат раҳо кун,
Парастиш хос аз баҳри Худо кун!
Туро бар ҳар ду гетӣ баргузидат,
Ҳам охир баҳри коре офаридат.
Зи ту ҷуз бандагӣ кардан наёяд,
Аз ӯ худ ҷуз худовандӣ наёяд [4].

Носири Хусрав инсонҳоро ҳушдор мекунад, ки дар ҷараёни ҳаёти дунявии худ рисолати ибодати худовандиро дар ёд дошта бошанд ва дар сурати дур шудан аз он дар олами ухравӣ подоши муносиб ба онро мегиранд. Эътиқод ба Худованд ва риояи дастуроти расули Ӯ ба одамон дар раванди зиндагии дуруст ва ҳидоят ҷониби ояндаи хайрро таъмин мекунад.

Ба ҳар коре мададгорат Худо бод,
Далели роҳи динат Мустафо бод!

Худованд низ амали некии инсонҳоро қабул дорад ва аз ин рӯ, мабдаъ ва маншаи муҳим дар таълимоти ахлоқии Носири Хусрав оини некӣ, накухоҳӣ ва накукорӣ ба ҳисоб меравад. Дар зери мафҳуми некӣ файласуфи исмоилимазҳаби тоҷик Носири Хусрав хушахлоқӣ, рафтори матлубро дар назар гирифта, дар бадӣ нақши бадахлоқӣ ва кирдори номатлуби инсониро дида, ин мафҳумҳоро ҳамеша ба ҳам муқобил мегузошт ва дар ашъори ҳикматомезаш низ, мардумро мунтазам ба некхоҳию накукорӣ ташвиқ мекард.

Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.
Ту гар тавфиқ дорӣ, ҳам бар он бош,
Накухоҳу ба кас роҳатрасон бош.

Ба лутфу марҳамат дилҳо нигаҳ дор,
Кас аз дасту забони худ маёзор!
Ба корафтода коромӯз мебош,
Ба ҳар дилсухта дилсӯз мебош.
Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош,
Ба сахтӣ чораи бечорагон бош [2, с.231].

Оини накукорӣ, яъне ба кас роҳатрасони «чораи бечорагон» будан, барои Носири Хусрав на фақат шиор, балки маромномаи зиндагӣ ва ормони олии ахлоқиаш буд. Одамон дар муносибат бо якдигар кушиш намоянд, ки сабабгори дилшикастагии дагарон нагарданд. Дар баъзе мавридҳо надониста суханҳое гуфта мешавад, ки ба озори дигарон меорад. Ҳатто сухани зишт ба инсон таъсири бадеро мерасонад, ки амал он қадар таъсири манфӣ расонида наметавонад. Аз ин рӯ, дар вақти сухангӯӣ эҳтиёткор ва боандеша будан ин худ хирадмандӣ мебошад. Бо гуфтани сухани нек руҳияи одамон баланд бардошта мешавад ва онҳо дар ин поя табъи болидаро ба худ мегиранд. Шикастани дили одамон, махсусан одамони одӣ, мазлум осон мебошад ва одами накукор набояд ба чунин амали зишту нодуруст роҳ диҳад. Аз дигар тараф, чӣ зарурат аст, ки касеро ранҷонию баъдан пушаймон гашта, узрхоҳӣ пеша кара шавад. Магар беҳтар он нест, ки умуман дили касеро нашикаста, аз касе талаби бахшиш накарда шавад. Ранҷондани дигарон ва ҳар вақт аз онҳо талаби бахшиш кардан низ нишон медиҳад, ки чунин инсонҳо то ҳанӯз ба камолоти пурра нарасидаанд.

Маранҷон кас, махоҳаш узр аз он пас,
Ки бадкорӣ бувад ранҷондани кас.
Макун қасди ҷафо, гар бовафоӣ,
Зи сагтабъӣ бувад гургошноӣ.
Чу ранҷонидани кас ҳаст осон,
Ба даст оварданаш набвад бад-он сон.
Дари ганҷи маишат созгорист,
Калиди боби ҷаннат бурдборист.
Зи тавфиқу калиди бериёӣ,
Ҳама дарҳои давлат баркушоӣ.
Чу натвонӣ илоҷи дарди кас кард,
Маяфзой аз ҷафояш дард бар дард [4].

Агар баръакси дилшикастагии касе, ба одамон кумак расонида шавад, мо метавонем, ки бо ин роҳ дили онҳоро ба даст меорем. Аз ин хотир, ба касе кумак расонидан ин мададе дар ҷараёни ҳаёти одамон мебошад, ки дар сурати ба ин амали хайр шарик шудани инсонҳо аз бартарии ахлоқи онҳо дарак медиҳад. Инсони боахлоқи накукор агар амали некии худро ҳама вақт иҷро намоянд ва ин амал агар ба шахсони кумакталаб, яъне ба бечорагону мискинон расонида шавад беҳтар мебошад, чунки ин табақаи иҷтимоӣ дар ҷомеаҳо бештар осебпазир буда, ба дастгирӣ бештар ниёз доранд. Кумаку дастгирӣ ба ин қишри нодору бечора дар аъмоли неки инсонӣ бар нафъи худи шахс зам мегардад. Агар одам мадад расонида наметавонад, ҳадди ақалл бояд забони худро назорат кунад, то сабаби дилозории дигарон нагардад, чун ин хоси мардони кор нест. Дар баробари ин, ҳар некие карда мешавад бояд овоза нашавад, чун он арзиши худро гум мекунад ва ба шаъни одами накукор рост намеояд.

Накӯӣ гар кунӣ, миннат манеҳ з-он,
Ки ботил шуд зи миннат ҷуду эҳсон.
Балои одамӣ бошад забонаш,
Ки дар вай баста шуд суду зиёнаш.
Хамӯшӣ мояи мардони роҳ аст,

Ки дар гуфтан басе шарру гуноҳ аст.
В-агар гӯӣ, накӯ гӯ, эй бародар,
Ки ӯ гӯӣ бо нафъ асту безарр.
Накӯӣ ҷомаи туст, он ҳамепӯш,
Ҳамеша дар накӯномӣ ҳамекӯш.
Тавозуъ мар-туро дорад гиромӣ,
Зи кибр ояд бадӣ дар некномӣ [5, с.8-9].

Барои ҳамин инсонҳои накукор ҳамеша дар пайи амали нек ҳастанд, то ба дигарон некӣ намуда, дастёрӣ дигарон бошанд. Дар ҷавоб ба ин амал инсонҳое ҳастанд, ки камтарин некии худро овоза мекунанд ва худро дар чашми дигарон накукору дӯстдори одамон нишон медиҳанд. Ҳар некии кардашуда, бигзор пинҳонӣ бошад ва ё ошкоро ин бар нафъи одамон аст, аммо агар он некиро одамон овоза накунанд, пас бар аъмоли неки онҳо бештар таъсиргузор хоҳад буд. Инсонҳои воқеан накукор дар ин ҳолатҳо амалҳои накуи худро ба ҳама ёдрасӣ намекунанд, чун арзиши онҳо коста мегардад.

Ҳаме то дар танам аркони ҷон аст,
Ба некӣ кӯшад аз ман ҷону аркон.
Ба некӣ бошаму ҳаргиз набошам,
Ба ҷуз бар нек нокардан пушаймон [2, с.321].

Вале Носири Хусрав ба ҳама бетафовут хайрхоҳ будану некӣ карданро маслиҳат намедиҳад. Муносибати ӯ ба некию ба бадӣ мушаххас аст. Вай куллан хайрхоҳ буданро написандида, зимни он мардумро ба накукорӣ ва нармию хушрафторӣ таблиғ мекунад ва дар зарурат амали зиштро низ нораво ва ноҷоиз нашумурда, баръакс тавсия мекунад, ки одамон барои дифоъ аз хештан мисли шамшери дудама бошанд, ки ду дамаш паноҳ бурдан ба нармию равшанӣ ба об монад ва ду паҳлӯяш буранда ва сӯзанда чун оташ, ки агар душмани некӣ ҳарфи мусолимат ва нармиро напазирад, ногузир паҳлӯи буранда ба кор бурда шавад.

Ҳарду некии ба кас раводидаро Носири Хусрав «аз рӯйи мукофоту муҷозот» дар қиёси кирдораш санҷида, одамонро худшиносӣ меомӯхт, кибру худбинӣ ва хорию забуниро ба сифати хислатҳои накуҳида мазаммат мекард. Пас, мақулаҳои нек ва бад дар таълимоти фалсафию ахлоқии Носири Хусрав маънои мавҳум ва муҷаррад надоранд, яъне ба таври мутлақ барои тамоми мавридҳо беистисно мақбул ва писандида намебошанд. Баръакс, аз назари Носири Хусрав «зишт доштан ва наку доштани ақл мар корҳоро ба миқдори мақсудҳост, ки андар он корҳо бошад» [6, с.56]. Носири Хусрав дар иртибот ба ин гуфтаҳо таносуби байни ақл ва илмро шарҳ дода, дар таълимоти худ тавзеҳоти мантиқиро ба кор бурдааст. Пас ҳар коре, ки ба зоҳир зишт аст, лекин ба ботин онро муроде ва мақсуде накуст, он кор писандидаи ақл аст. Ва баръакс ҳар коре, ки он зоҳиран накуст, аммо ботинан онро муроде ва мақсуде зишт аст, он кор ба наздики ақл накуҳида менамояд» [3, с.165]. Барои исботи ин ҳукм Носири Хусрав далелҳои зайлро овардааст: «Агар мардеро фарзанде дузд ва мардумкуши бадкирдор бошад ва он мард фарзанди хешро бикушад, фарзанд куштан ба зоҳир кори зишт аст сӯйи ақл. Валекин чун ғарази он кас ба куштани фарзандон ва мардумон бозdошта шавад, куштани фарзанд бад-ин рӯй сӯйи ақл сахт накуст. Ва баръакси ин агар касе мар дузде ва муфсиеро нафаат ва сутур ва салоҳ диҳад, ба зоҳир ин накуӣ кардан накуст.

Меъёри ахлоқии фарқ кардани баду нек дар таълимоти Носири Хусрав раво дидан ё надидани он ба худ аст. Мувофиқи талаботи ин меъёр мутафаккир панд медиҳад, ки «ба кас маписанд, он чи нописанд аст», зеро накухоҳӣ будан «бар тани худ»-у дигар касро бад хостан» рафтори писандида нест. Мутафаккири бузурги форсу тоҷик Носири Хусрав талқин мекард, ки «ҳар киро пеша некӣ бошад», ӯ «ба ду ҷаҳон беозор монад» [7, с.187]. Пас

зарур аст, ки кас дар фаъолияти хеш ба некӣ кардан кӯшад ва дар баробари ин некии дигаронро низ фаромуш накунад.

Зеро некон бош, андар некӯӣ кӯш,
Макун некии кас ба дил фаромуш [2, с.67].

Сухани нек, аъмоли нек, номи нек ва некӣ кардан ба дигарон фазилати писандида мебошад ва қобили таъкид аст, ки Носири Хусрав мардумро ба риояти ин муқаррароти ахлоқӣ даъват мекунад, чунки гуфтору кирдори хуб, ба пиндори ӯ, бунёди некахтарӣ ва толеи саъди инсон аст.

Дар таълимоти ахлоқии Носири Хусрав некӣ ҳама гуна ғаразу миннатро истисно мекунад. Агар дар паси некӣ ғаразе ниҳон бошад, ё барои накукорие кас миннат ниҳад, он некӣ ботил хоҳад шуд. Носири Хусрав гуфтору кирдори неку бадро ба ҳайси меъёре шинохтааст, ки дӯсту душмани одамро муайян мекунад:

Беҳини дӯстонро он касе дон,
Ки ӯ роҳат намояд сӯйи эҳсон.
Зи душман бадтар он касро ҳамебин,
Ки дар бад мар туро кардаст талқин [2, с.87].

Мутафаккир зимни ситоишу тарғиби некӣ мардумро ба ҳазар кардан аз бадӣ ташвиқ менамуд. Ӯ бовар мекунонад, ки бадӣ бегумон аз сирати ҳайвонӣ бармехезад. Ба ифодаи дигар, дар ҷаҳонбинии Носири Хусрав андешаи динӣ на танҳо вазифаи умумии таълимоти фалсафию маърифатӣ, балки ҳамзамон меҳвари назарияи ахлоқии ӯро фароҳам оварда, барои дар зиндагии дунявӣ мавқеи муайян ёфтани одам ва баъдан, барои омода намудани одам ба ҳаёти абадии он дунё саҳм мегирад.

Андешаҳои Носири Хусравро перомуни ҷойгоҳи арзишҳои некию накукорӣ ҳамаҷиҳата таҳлил намуда, онҳоро барои насли имрӯзаи ҷомеа таслим намудан ба маврид мебошад. Омӯхтани онҳо ва ҷойгир намудани онҳо дар мафкураи ҷавонони муосир барои пешрафти сатҳи ахлоқии ҷомеа ва тарбияи насли наврас мусоидат мекунад. Дар баробари ин, тарбияи насли ҷавон дар ин руҳия дар шароити дигаргуниҳои ҷомеаҳои тағйирёбандаи муосир ба устуворшавии муносибатҳои ҷамъиятӣ оварда расонида, ба вурудшавии арзишҳои манфии фарҳангҳои бегона муқобилият мекунад. Имрӯз як гурӯҳ ҷавонон дар зере таъсири арзишҳои бегона монда, амали некро барои худ муносиб намедонанд. Аз ин хотир, бо татбиқи чунин таълимотҳои ахлоқии мутафаккирони бузурги форсу тоҷик мо вазъи ахлоқии ҷомеаро ба танзим дароварда, амали накукориро барои аҳли ҷомеа арзишманд мегардонем.

АДАБИЁТ

1. Абубакри М.Г. Фалсафаи ахлоқ: дар мисоли мутафаккирони асримиёнагии Шарқ / М.Г. Абубакр. – Душанбе: ДМТ, 2024. – 392 с.
2. Хусрав, Н. Девони ашъор. Ҷ. 1 / Носири Хусрав. – Душанбе: Адиб, 2010. – 480 с.
3. Хусрав, Н. Зод-ул-мусофирин / Носири Хусрав. – Душанбе, 2010. – 511 с.
4. Хусрав, Н.Осори баргузида:Саодатнома;Қитъаҳо; Сафарнома /Носири Хусрав.–Хуҷанд:Анис, 2003.–143 с.
5. Хусрав, Н. Рӯшноинома / Носири Хусрав. – Душанбе: ҶДММ «Меъроҷ Граф», 2015. – 63 с.
6. Хусрав, Н. Хон-ул-ихвон / Носири Хусрав. – Эрон, 1960. – 164 с.
7. Хусрав, Н. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн / Носири Хусрав. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 313 с.

ҶОЙГОҲИ МАҚУЛАИ НЕКӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ НОСИРИ ХУСРАВ

Дар мақола андешаҳои Носири Хусрав оид ба мақулаи некӣ баррасӣ карда шудаанд. Албатта, мавқеъгирии мутафаккир дар такя ба таълимоти динӣ сурат мегирад, чун эътиқод ба Худо ва иҷрои дастури расули ӯ вазифаи ҳар инсон ба ҳисоб меравад. Одамон дар раванди фаъолияти ҳаётии худ бояд амалҳои некеро ба сомон диҳанд, ки бештар баҳри дастгирии одамони бечораю кумакталаб равона бошанд. Маҳз кумак расонидан ба чунин одамонро Носири Хусрав беҳтарин сифатҳои ахлоқӣ ҳисоб мекунад. Меъёри ахлоқии фарқ кардани баду нек дар таълимоти Носири Хусрав раво дидан ё надидани он ба худ мебошад.Муаллифон қайд мекунанд, ки татбиқи андешаҳои некию накукорӣ дар мафкураи ҷавонони муосир ба пешрафти сатҳи ахлоқии ҷомеа мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: ахлоқ, некӣ, амали бад, мақула, арзиш, мутафаккир, таълимот, Носири Хусрав, Худо, оин, инсони накукор, бечорагон.

МЕСТО КАТЕГОРИИ ДОБРА В НРАВСТВЕННОМ УЧЕНИИ НОСИРА ХУСРАВА

В статье обсуждаются идеи Насира Хусрава о категории добра. Разумеется, позиция мыслителя основана на религиозных учениях, поскольку вера в Бога и следование указаниям его посланника считаются долгом каждого человека. В течение своей жизни люди должны совершать добрые дела, направленные прежде всего на помощь бедным и нуждающимся. Именно помощь таким людям Насир Хусрав считает наилучшими моральными качествами. В учении Насира Хусрава моральным критерием для различения добра и зла является то, принимать ли это добро или зло самому себе. Авторы отмечают, что внедрение идей добра и добродетели в сознание современной молодежи способствует повышению морального уровня общества.

Ключевые слова: мораль, доброта, плохие поступки, категория, ценность, мыслитель, учение, Насир Хусрав, Бог, традиция, добродетельный человек, нуждающиеся.

THE PLACE OF THE CATEGORY OF GOOD IN THE MORAL TEACHING OF NOSIR KHUSRAW

The article discusses Nasir Khusraw's ideas on the category of good. Of course, the thinker's position is based on religious teachings, since faith in God and following the instructions of his messenger are considered the duty of every person. Throughout their lives, people should perform good deeds aimed primarily at helping the poor and needy. It is precisely helping such people that Nasir Khusraw considers the best moral qualities. In the teachings of Nasir Khusraw, the moral criterion for distinguishing good from evil is whether one accepts this good or evil for oneself. The authors note that the introduction of ideas of goodness and virtue into the consciousness of modern youth contributes to raising the moral level of society.

Key words: morality, kindness, bad deeds, category, value, thinker, teaching, Nasir Khusraw, God, tradition, virtuous person, needy.

Маълумот дар бораи муаллифон*: Муродова Тоҷинисо* – н.и.ф., дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға, 734025: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон (+992) 93-567-79-01. E-mail: falsafa-tnu@mail.ru

Ҷамолиддинзода Хушдила Ҷамолиддин – магистранти шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: (+992) 009-09-37-28. E-mail: falsafa-tnu@mail.ru

Сведения об авторах: Мурадова Таджинисо – старший научный сотрудник отделения истории философии Института философии и политологии им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Адрес 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон.: (+992) 93-567-79-01. E-mail: falsafa-tnu@mail.ru

Джамолиддинзода Хушдила Джамолиддин – магистрант отделения истории философии Института философии и политологии им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Адрес 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон.: (+992) 009-09-37-28. E-mail: falsafa-tnu@mail.ru

Information about the authors: ***Muradova Tadjiniso*** **–** Senior Researcher, Department of the History of Philosophy, Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahovaddinov, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: (+992) 93-567-79-01. E-mail: falsafa-tnu@mail.ru.

Jamoliddinzoda Khushdila Jamoliddin – Master's student of the Department of History of Philosophy at the A. Bakhovaddinov Institute of Philosophy and Political Science of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: (+992) 009-09-37-28. E-mail: falsafa-tnu@mail.ru.

МУТОБИҚШАВИИ ИҶТИМОЙ-ПСИХОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛИ ДОРОИ НУҚСОНҲОИ НУТҚ

Расулов С.Х., Рамазонова Н.З.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосири рушди низоми таҳсилот масъалаи мутобиқшавии иҷтимоию психологии кӯдакони синни хурди мактабӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Мураккаб гардидани стандартҳои таҳсилот, афзоиши сарбории таълимӣ ва боло рафтани шиддатнокии муошарати иҷтимоӣ дар муҳити мактаб зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи механизмҳои мутобиқшавии кӯдакро ба шароити нави ҳаётӣ ба миён меорад [2]. Оғози таҳсили мунтазами мактабӣ бо тағйир ёфтани вазъи иҷтимоии рушди кӯдак ҳамроҳ аст, ки он дар гузариш аз фаъолияти пешбарандаи бозӣ ба фаъолияти таълимӣ, васеъ гардидани доираи робитаҳои иҷтимоӣ ва ташаккули низоми нави муносибатҳо бо калонсолон ва ҳамсолон зоҳир мегардад [4;15].

Як қатор муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки воридшавии кӯдак ба муҳити мактабӣ аз ӯ бозсозии шаклҳои маъмулии рафтор, муошират ва худтанзимкуниро талаб мекунад, ҳамчунин ба рушди мақсадноки протсессҳои психикӣ ва қобилияти риоя намудани меъёрҳо ва қоидаҳои иҷтимоӣ мксоидат мекунад [7;8]. Барои хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ ин раванд бо дараҷаи баланди мураккабӣ тавсиф меёбад, зеро имкониятҳои маҳдуди коммуникативӣ иштироки пурраи онҳоро дар фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоӣ ба таври назаррас маҳдуд месозанд. Тавре ки муҳаққиқон Л.С. Волкова ва Т.Б. Филичева қайд менамоянд, нуқсонҳои нутқ аксар вақт ба сарчашмаи ноустувории эътимод ба худ, изтироби баланд ва худбаҳодиҳии паст табдил меёбанд, ки ин ҳолат ба муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва сатҳи ҳамгироии иҷтимоии кӯдак дар коллектив таъсири манфӣ мерасонад [3;15].

Дар илми психология нутқ ҳамчун муҳимтарин воситаи муошират ва яке аз омилҳои калидии ташаккули шахсияти кӯдак баррасӣ мегардад. Тавассути ҳамкории нутқӣ азхудкунии меъёрҳои иҷтимоӣ, қоидаҳои рафтор ва самтгириҳои арзишӣ, инчунин рушди соҳаҳои маърифатӣ ва эмотсионалию иродавии кӯдак амалӣ мегардад [4;9]. Ба қадри нокифоя ташаккул ёфтани воситаҳои нутқ имкониятҳои муоширатро маҳдуд сохта, раванди иҷтимоишавии кӯдакро душвор мегардонад ва ба рушди шахсияти ӯ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ин замина, таҳқиқи иасъалаи мутобиқшавии иҷтимоию психологии хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ дар низоми тадқиқоти психологӣ-педагогӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Таҳлили раванди мутобиқшавӣ имкон медиҳад, ки омилҳои хавфи дезадаптатсияи мактабӣ ошкор карда шаванд, самтҳои кори ислоҳнамоӣ-рушддиҳанда муайян гарданд ва стратегияҳои самараноки роҳнамоии педагогии кӯдакони ин гурӯҳ дар шароити муассиаи таҳсилоти ҳамагонӣ таҳия шаванд [10;12].

Аслан мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ ин «воридшавии шахс ба муҳити нави иҷтимоӣ ё тағйирёбии ягон тарафи тарзи ҳаёти ӯ» [13, с.15] мебошад. Ин падида дар адабиёти психологӣ ҳамчун раванди мураккаб ва бисёрунсураи мутобиқ шудани шахс ба шароити муҳити нави иҷтимоӣ маънидод мешавад, ки аз худ кардани меъёрҳои иҷтимоӣ, нақшҳо ва шаклҳои ҳамкории иҷтимоиро дар бар мегирад [14]. Барои хонандаи хурдсол мактаб муҳити комилан нави иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ба ташкили рафтор, фаъолияти коммуникативӣ ва фаъолияти таълимӣ талаботи баланд мегузорад. Самаранокии мутобиқшавӣ аз дараҷаи мутобиқати имкониятҳои инфиродии кӯдак ба талаботи муҳити таълимӣ, инчунин аз мавҷудияти шароитҳое вобаста аст, ки некӯаҳволии эмотсионалӣ ва дастгирии иҷтимоии ӯро таъмин менамоянд [1].

Ҷанбаи иҷтимоии мутобиқшавӣ дар қобилияти кӯдак ба барқарор намудани муносибатҳои устувор ва созанда бо омӯзгор ва ҳамсинфон, иштирок дар фаъолияти дастаҷамъонаи таълимӣ ва берун аз таълимӣ, инчунин риояи меъёрҳо ва қоидаҳои ҳаёти мактабӣ зоҳир мегардад. Ин унсур дараҷаи воридшавии иҷтимоии кӯдак ва омодагии ӯро барои иҷрои нақши иҷтимоии хонанда инъикос менамояд [14]. Ҷанбаи психологии мутобиқшавӣ бо ҳолати эмотсионалии кӯдак, дараҷаи изтироб, боварӣ ба қувваю имкониятҳои худ ва рушди механизмҳои худтанзимкунӣ вобаста мебошад. Пайдошавии ихтилол дар ин ҷанба метавонад дар шакли ноустувории эмотсионалӣ, паст шудани мароми таълимӣ ва ташаккули муносибати манфӣ ба фаъолияти мактабӣ зоҳир гардад [12].

Ҳангоми мавҷуд будани нуқсонҳои нутқ раванди мутобиқшавии иҷтимоию психологӣ ба таври ҷиддӣ мураккаб мегардад, зеро татбиқи шакли пешбарандаи муошират, ки барои синни хурди мактабӣ хос аст, душвор мегардад. Маҳдудияти имкониятҳои нутқӣ ба ифодаи мувофиқи фикрҳо, эмотсияҳо ва талаботи кӯдак монеа шуда, самаранокии ҳамкории иҷтимоиро коҳиш медиҳад ва боиси норасоии таҷрибаи коммуникативӣ мегардад [3].

Кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ, аз он вақте ки нуқсони худро мефаҳманд, камгап, шармгин ва мардумгурез мешаванд, худро дар канор мегиранд [5].

Нуқсонҳои нутқ дар хонандагони хурдсол дар шаклҳои гуногун зоҳир мешаванд, аз ҷумла дар вайроншавии талаффузи овозҳо, норасоии захираи луғавии фаъол ва ғайрифаъол, душвориҳо дар шаклгирии услуби баён ва сохтани нутқи пайваста. Ин хусусиятҳо ба фаъолияти коммуникативии кӯдак таъсири манфӣ расонда, иштироки ӯро дар намудҳои муштараки фаъолият маҳдуд месозанд ва барқарор намудани робитаҳои байнишахсиро душвор мегардонанд.

Кӯдакон дорои дараҷаи нокифояи рушди нутқ аксар вақт дар муошират бо ҳамсолон ба мушкилоти ҷиддӣ дучор мегарданд, шармгинӣ зоҳир мекунанд, аз суханрониҳои оммавӣ ва фаъолияти дастаҷамъона канорагирӣ менамоянд. Дар натиҷа, дар онҳо метавонад худбаҳодиҳии паст, дараҷаи баланди изтироб ва нобоварӣ ба имкониятҳои шахсии худ ташаккул ёбад. Ин хусусиятҳо на танҳо ба раванди мутобиқшавии иҷтимоию психологӣ таъсири манфӣ мерасонанд, балки ба рушди умумии шахсияти кӯдак низ халал ворид карда, ташаккулёбии образи мусбати «Ман»-ро маҳдуд месозанд.

Дар шароити таълими мактабӣ хонандагони хурдсол бо нуқсонҳои нутқ бо як қатор мушкилоти махсус рӯ ба рӯ мешаванд. Яке аз мушкилоти муҳимтарини онҳо мушкили коммуникативӣ мебошад, ки ба нокифоя фаҳмида шудани нутқи кӯдак аз ҷониби ҳамсолон вобаста аст. Нодуруст ё таҳрифшуда дарк намудани гуфтаҳои кӯдак метавонад боиси ба вуҷуд омадани ҳолатҳои канорагирии иҷтимоӣ, пайдоиши ихтилофҳо ва дар баъзе ҳолатҳо тамғабандӣ ё муносибати манфии атрофиён гардад. Чунин вазъиятҳо шиддати эмотсионалиро зиёд намуда, ба ташаккули ҳисси ноамнӣ мусоидат мекунанд ва воридшавии муваффақонаи кӯдакро ба муҳити мактабӣ душвор месозанд.

Илова бар ин, чунин кӯдакон аксар вақт аз зоҳирнамоии фаъолияти нутқӣ тарси шадид эҳсос мекунанд, изтиробнокии баланд ва нобоварӣ ба имкониятҳои худро аз сар мегузаронанд. Ин ҳиссиёти амиқ бо пайдоиши тарс аз дуруст фаҳмида нашудан, содир кардани хатои нутқӣ ё рӯ ба рӯ шудан бо вокуниши манфии атрофиён вобастаанд. Дар натиҷа, дар кӯдак метавонад рафтори канорақӯёна шакл гирифта, мароми таълимӣ коҳиш ёбад ва ғайрифаъолӣ дар раванди таълим пайдо шавад, ки ин ҳолат ба муваффақияти таълимӣ ва сатҳи умумии фаъолият таъсири манфӣ мерасонад.

Омили дигаре, ки мушкилоти мутобиқшавии иҷтимоию психологиро шиддат мебахшад, муносибати нодурусти калонсолон, яъне омӯзгорон ё волидон мебошад. Набудани дастгирӣ, танқиди аз ҳад зиёд, талаботи барзиёд ё нокифоя баҳогузорӣ кардани имкониятҳои кӯдаки дорои нуқсонҳои нутқ метавонад боиси афзоиши ҳисси бээътимодӣ ва ташаккули муносибати манфӣ нисбат ба фаъолияти таълимӣ гардад. Дар чунин шароит

раванди мутобиқшавӣ ба таври назаррас суст мегардад ва хатари ташаккули шаклҳои устувори мушкилоти мактабӣ меафзояд.

Дар ин замина мактаб ва омӯзгор дар таъмини мутобиқшавии муваффақонаи иҷтимоию психологии хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ нақши калидӣ мебозанд. Ташкили муҳити таълимии хайрхоҳона, фазои солими муносибат ва дастгиркунанда дар синф шарти муҳимтарини воридшавии пурраи кӯдак ба коллективи ҳамсолон ба ҳисоб меравад. Мавқеи педагогӣ, ки бар асоси қабул, эҳтироми хусусиятҳои инфиродӣ ва дастгирии омӯзгорӣ бунёд ёфтааст, ба коҳиши шиддати эмотсионалӣ ва ташаккули ҳисси амнияти психологӣ дар кӯдак мусоидат мекунад.

Истифодаи муносибати инфиродӣ, ҳамчунин шаклҳои бозӣ ва гурӯҳии кор, имкон медиҳад, ки фаъолияти коммуникативии кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ фаъол гардонида шуда, дараҷаи изтироб дар раванди муошират коҳиш дода шавад. Ҳавасмандгардонии ҳатто дастовардҳои хурд ва баҳогузории мусбати кӯшишҳои кӯдак ба таҳкими боварӣ ба худ, ташаккули худбаҳодиҳии мувофиқ ва маромнокии устувор барои рушди минбаъдаи малакаҳои нутқӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Нақши оила, ки ҳамчун муҳити ибтидоии иҷтимоии кӯдак баромад мекунад дар раванди мутобиқшавӣ мебошад бе баҳс аст. Дастгирии эмотсионалии волидон, муносибати сабурона ва боэҳтиром ба хусусиятҳои нутқии кӯдак барои ташаккули ҳисси амният, эътимод ва оромии психологӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Маҳз дар оила асосҳои боварии кӯдак ба имкониятҳои худ ва муносибати мусбат нисбат ба раванди муошират гузошта мешаванд.

Мутобиқшавии самараноки иҷтимоию психологии хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ дар сурате имконпазир мегардад, ки ҳамкории зич ва мунтазами оила бо омӯзгорон ва мутахассисони логопедӣ таъмин карда шавад. Амалҳои ҳамоҳангшудаи ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим имкон медиҳанд то раҳёфти ягонаи ислоҳнамоию рушддиҳанда таҳия гардад, ки ба бартараф намудани душвориҳои нутқӣ ва дастгирии кӯдак дар ҷараёни таълим ва ҳамкории иҷтимоӣ равона шудааст. Чунин раҳёфти маҷмакавӣ на танҳо ба мутобиқшавии муваффақона, балки ба рушди ҳамоҳанги шахсияти кӯдак дар маҷмӯъ мусоидат мекунад.

Омодагии иҷтимоии таҳсил дар мактаб ба шаклҳои нави муошират, ба муносибати нав ба муҳити атроф ва худ омода будани кӯдакро дар бар гирифта, ба тарзу шакли таҳсил дар мактаб вобаста аст. Ин таркиби омодагӣ дар кӯдакон ташаккул ёфтани сифатҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо ба шарофати ин сифатҳо бо кӯдакони дигар ва калонсолон муошират карда метавонанд. Кӯдак ба мактаб, ба синф меояд, ки дар он ҷо кӯдакон ба кори умумӣ машғуланд ва ба ӯ зарур аст, ки бо кӯдакони дигар дуруст муносибат кунад, ба ҷамъияти кӯдакон ворид шавад, бо дигарон якҷоя кор кунад ва маҳорати итоат ва муҳофизат карданро дошта бошад [6, с.36].

Барои баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии иҷтимоию психологии хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ татбиқи раҳёфти системавӣ ва маҷмуавӣ мувофиқ мебошад, ки ба ҳамгироии чорабиниҳои ислоҳнамой-рушддиҳанда, педагогӣ ва психологӣ асос ёфтааст. Ҷузъи муҳимтарини ин раҳёфт ташкили ёрии логопедӣ ба шумор меравад, ки ба ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқ, рушди моторикаи артикулятсионӣ, васеъ намудани захираи луғавӣ ва ташаккули нутқи пайваста равона шудааст. Кори логопедӣ ба коҳиши душвориҳои коммуникативӣ мусоидат намуда, эътимоди кӯдакро ба имкониятҳои нутқии худ боло мебарад.

Дар раванди мутобиқшавӣ истифодаи усулҳои бозӣ ҳамчун воситаи самараноки муошират ва иҷтимоишавӣ нақши муҳим мебозад. Фаъолияти бозӣ имкон медиҳад, ки барои муошират шароити эмотсионалии бароҳат фароҳам оварда шавад, дараҷаи изтироб коҳиш ёбад ва кӯдак ба фаъолияти муштарак бо ҳамсолон фаъолона ҷалб гардад. Ташкили шаклҳои

гурӯҳии кор, дар навбати худ, ба рушди малакаҳои ҳамкорӣ ва ёрии мутақобила мусоидат мекунад, ки ин ба мақоми иҷтимоии кӯдак дар коллектив таъсири мусбат мерасонад.

Шарти ҷудонопазири мутобиқшавии муваффақонаи иҷтимоию психологӣ фароҳам овардани фазои мусоиди психологӣ дар синф мебошад, ки бо муҳити пазириш, дастгирӣ ва эҳтироми хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонанда тавсиф меёбад. Чунин муҳит ба ташаккули ҳисси амнияти психологӣ дар кӯдак ва муносибати мусбат ба фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунад.

Ҳамкории байнисоҳавии омӯзгор, волидон ва мутахассисон (логопед, психолог), ки ҳамоҳангии мудохилаҳои ислоҳинамоию рушддиҳанда ва ягонагии талабот нисбат ба кӯдакро дар муҳитҳои гуногуни иҷтимоӣ таъмин менамояд, аҳаммияти махсус дорад. Ҳамкории мунтазами ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим имкон медиҳад, ки мушкилоти ба миёномада сари вақт ошкор шуда, стратегияҳои дастгирӣ мувофиқ гардонда шаванд.

Татбиқи самтҳои зикршуда на танҳо ба рушди малакаҳои нутқӣ ва коммуникативӣ мусоидат менамояд, балки ба ташаккули муносибатҳои устувор ва мусбати иҷтимоӣ, баланд гардидани дараҷаии худбаҳодиҳӣ ва устувории эмотсионалии кӯдак низ таъсири мусбат мерасонад. Дар маҷмӯъ, ин ҳолат заминаҳои заруриро барои ҳамгироии муваффақонаи иҷтимоии хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ ва рушди ҳамоҳанги шахсияти онҳо фароҳам меорад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои психологии мутобиқшавии кӯдакон ба фаъолияти таълимӣ тавсия дода мешавад, корҳои психологию педагогии ба ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқ равонашуда ҳанӯз дар синни томактабӣ ба роҳ монда шаванд, зеро “ба мактаб омода будан ё набудани кӯдак бо сатҳи инкишофи нутқии ӯ муайян мегардад” [11,с.53].

Умуман, мутобиқшавии иҷтимоию психологии хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ раванди мураккаб, бисёрҷанба ва динамикӣ мебошад, ки ташаккули он ба маҷмӯи омилҳои вобаста аст. Ба ин омилҳо сатҳи рушди нутқии кӯдак, хусусиятҳои соҳаи эмотсионалию иродавӣ, хусусиятҳои инфиродию психологӣ, вижагиҳои муҳити иҷтимоӣ, инчунин хусусияти ҳамкории ӯ бо омӯзгорон, ҳамсолон ва аъзои оила дохил мешаванд. Нуқсонҳои нутқ раванди мутобиқшавиро ба таври назаррас мушкил мегардонанд, зеро имкониятҳои муошират пурраро маҳдуд намуда, ҳамкории иҷтимоиро душвор месозанд ва метавонанд ба худбаҳодиҳӣ ва ҳолати эмотсионалии кӯдак таъсири манфӣ расонанд.

Натиҷаҳои таҳлили назариявӣ нишон медиҳанд, ки муваффақияти мутобиқшавии иҷтимоию психологии хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ асосан ба фаъолияти ҳамоҳангшуда ва ҳадафноки ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим вобаста мебошад. Дар ин замина нақши калидиро мактаб, оила ва мутахассисони самти психологӣ-педагогӣ мебозанд, зеро ҳамкории онҳо имкон медиҳад, ки раҳёфти маҷмуавӣ дар роҳнамоии кӯдак таъмин гардида, мушкилоти пайдошаванда сари вақт ислоҳ карда шаванд. Баръакс, набудани чунин ҳамоҳангӣ метавонад боиси мустаҳкам шудани шаклҳои рафтори номувофиқ ва паст шудани самаранокии кори ислоҳинамоию рушддиҳанда гардад.

Фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ ва психологӣ, ки муҳити аз ҷиҳати эмотсионали амн дар мактаб, муносибати инфиродии педагогӣ, дастгирии логопедӣ ва психологӣ, инчунин муносибати мусбат ва қабулкунандаи калонсолонро дар бар мегирад, шарти зарурии ҳамгироии муваффақонаи кӯдак ба коллективи мактабӣ ба ҳисоб меравад. Чунин шароит ба ташаккули боварӣ ба худ дар хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ, рушди малакаҳои коммуникативӣ, баланд гардидани сатҳи мутобиқшавии иҷтимоӣ ва устуворӣ нисбат ба ҳолатҳои стрессӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, масъалаи мутобиқшавии иҷтимоию психологии хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти психологӣ-педагогӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ баррасӣ карда шавад. Ҳалли он татбиқи раҳёфти системавӣ ва байнисоҳавиро тақозо менамояд, ки на танҳо ба ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқ

равона шудааст, балки ба таъмин намудани рушди ҳамоҳанги шахсияти кӯдак, иҷтимоишавии муваффақ ва воридшавии пурраи ӯ ба фазои таълимӣ низ нигаронида мешавад.

АДАБИЁТ

1. Битянова М. Р. Организация психологической работы в школе. – М.: Генезис, 2003. – 320 с.
2. Божович Л. И. Личность и её формирование в детском возрасте. – СПб.: Питер, 2008. – 400 с.
3. Волкова Л. С. Логопсихология. –М.: Владос, 2007. – 384 с.
4. Выготский Л. С. Собрание сочинений: в 6 т. Т. 4. Детская психология. – М.: Педагогика, 1984. – 432 с.
5. Глухов В. Методика формирования связной речи у детей дошкольного возраста. – Москва, 2000.
6. Детская психология: Учеб. Пособие /Под ред. Л.Л.Коломинского, З.А.Пенько. - М., 1988.
7. Запорожец А. В. Избранные психологические труды. – М.: Педагогика, 1986. – 320 с.
8. Леонтьев А. Н. Деятельность. Сознание. Личность. – М.: Смысл, 2005. – 352 с.
9. Лурия А. Р. Основы нейропсихологии. – М.: Академия, 2003. – 384 с.
10. Мастюкова Е. М. Психолого-педагогическая помощь детям с речевыми нарушениями. – М.: Владос, 2010. – 272 с.
11. Мирзоев Ш.С., Ҳақназаров Т.М. Роҳҳои омодасозии кӯдакони нуқсони нутқи дошта ба мактаб //Паёми Академияи таҳсилоти Толҷикистон. №3(40), 1021. -С. 53
12. Прихожан А. М. Психология тревожности: дошкольный и школьный возраст. – СПб.: Питер, 2000. – 256 с.
13. Расулов С.Х., Давлатов М. Донишномаи мухтасари психологӣ, -Душанбе, 2025. – 460 с. С. 15
14. Реан А. А. Психология адаптации личности. – СПб.: Прайм-ЕВРОЗНАК, 2006. – 384 с.
15. Филичева Т. Б., Чиркина Г. В. Подготовка к школе детей с общим недоразвитием речи. – М.: Владос, 2015. – 240 с.

МУТОБИҚШАВИИ ИҶТИМОӢ-ПСИХОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛИ ДОРОИ НУҚСОНҲОИ НУТҚ

Дар мақола масъалаи мутобиқшавии иҷтимоию психологии хонандагони хурдсоли дорои нуқсони нутқ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ мегардад. Раҳёфтҳои назариявӣ оид ба фаҳмиши мутобиқшавии иҷтимоию психологӣ ҳамчун раванди бисёрҷабҳа, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва психологии инкишофи шахсияти кӯдакро дар бар мегирад, таҳлил мешаванд. Ба таъсири нуқсонҳои нутқ ба фаъолияти муоширатӣ, ҳолати эмотсионалӣ, худбаҳодиҳӣ ва муносибатҳои байниҳамсолии хонандагони хурдсол диққати махсус дода шудааст. Қайд гардидааст, ки мушкилоти асосии мутобиқшавии ин кӯдакон маҳдудияти имкониятҳои муошират, изтиробнокии баланд ва хатари канорагирии иҷтимоӣ мебошанд. Аҳаммияти нақши мактаб, омӯзгор ва оила дар фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ ва психологӣ барои мутобиқшавии муваффақона асоснок гардидааст. Дар мақола зарурати истифодаи раҳёфти маҷмуавӣ ва байнисоҳаӣ, ки ёрии логопедӣ, педагогӣ ва психологиро дар бар мегирад ва ба рушди малакаҳои нутқӣ ва муоширатӣ, ташаккули муносибатҳои мусбати иҷтимоӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак равона шудааст, таъкид мешавад.

Калидвожаҳо. мутобиқшавии иҷтимоию психологӣ; хонандагони хурдсол; нуқсони нутқ; мутобиқшавии мактабӣ; фаъолияти муоширатӣ; некӯаҳволии эҳсосӣ; худбаҳодиҳӣ; ёрии логопедӣ; дастгирии педагогӣ; ҳамкории оила ва мактаб.

СОЦИАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ АДАПТАЦИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ С НАРУШЕНИЯМИ РЕЧИ

В статье рассматривается проблема социально-психологической адаптации младших школьников с нарушениями речи в условиях общеобразовательной школы. Анализируются теоретические подходы к пониманию социально-психологической адаптации как многокомпонентного процесса, включающего социальные и психологические аспекты развития личности ребёнка. Особое внимание уделяется влиянию речевых нарушений на коммуникативную активность, эмоциональное состояние, самооценку и межличностные отношения младших школьников. Раскрываются основные трудности адаптации детей данной категории, связанные с ограниченными возможностями общения, повышенной тревожностью и риском социальной изоляции. Обосновывается значимость роли школы, педагога и семьи в создании благоприятных

образовательных и психологических условий для успешной адаптации. В статье подчёркивается необходимость комплексного и междисциплинарного подхода, включающего логопедическую, педагогическую и психологическую поддержку, направленную на развитие речевых и коммуникативных навыков, формирование позитивных социальных отношений и гармоничное личностное развитие ребёнка.

Ключевые слова. социально-психологическая адаптация; младшие школьники; нарушения речи; школьная адаптация; коммуникативная деятельность; эмоциональное благополучие; самооценка; логопедическая помощь; педагогическая поддержка; взаимодействие семьи и школы.

SOCIO-PSYCHOLOGICAL ADAPTATION OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS WITH SPEECH DISORDERS

The article examines the problem of socio-psychological adaptation of primary school students with speech disorders in the context of a general education school. Theoretical approaches to understanding socio-psychological adaptation as a multicomponent process that includes social and psychological aspects of a child's personality development are analyzed. Particular attention is paid to the impact of speech disorders on communicative activity, emotional state, self-esteem, and interpersonal relationships of primary school students. The main adaptation difficulties faced by children in this category are identified, including limited communication abilities, increased anxiety, and the risk of social isolation. The significance of the role of the school, teacher, and family in creating favorable educational and psychological conditions for successful adaptation is substantiated. The article emphasizes the need for a comprehensive and interdisciplinary approach that includes speech therapy, pedagogical, and psychological support aimed at developing speech and communication skills, fostering positive social relationships, and ensuring the harmonious personal development of the child.

Keywords. socio-psychological adaptation; primary school students; speech disorders; school adaptation; communicative activity; emotional well-being; self-esteem; speech therapy support; pedagogical support; family–school interaction.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Расулов Сайфидин Худоиевич*** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Суроа: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. +992 918 80 68 07, sayf76@mail.ru

Рамазонова Ниёзбегим Зоировна – магистри курси якум ихтисоси психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроа: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. +992 93 907 54 54, tilloyev2023@icloud.com

Сведения об авторах: ***Расулов Сайфидин Худоевич*** — кандидат политических наук, доцент кафедры психологии Таджикского национального университета, Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. +992 918 80 68 07, sayf76@mail.ru

Рамазонова Ниёзбегим Зоировна — студентка первого курса магистратуры по психологии Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. +992 93 907 54 54, tilloyev2023@icloud.com

Information about the authors: Rasulov Sayfidin Khudoievich - Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the Department of Psychology, Tajik National University, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. +992 918 80 68 07, sayf76@mail.ru

Ramazonova Niyozbegim Zoirovna - First-year Master's student in Psychology, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. +992 93 907 54 54, tilloyev2023@icloud.com

НАҚШИ ПОЗИТИВИЗМИ ОГЮСТ КОНТ ДАР РУШДИ ФАЛСАФАИ МУОСИР

Давлатзода С.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Позитивизм ҳамчун равияи фалсафӣ солҳои 30-уми асри XIX дар Аврупо- нахуст дар Франсия ва баъдтар дар Англия пайдо шудааст, минбаъд ба яке аз равияҳои машҳури фалсафаи Аврупо табдил ёфта, то ҳол аҳаммияти худро аз даст надодааст. Асосгузори позитивизм файласуф ва сотсиалоги маъруфи фаронсавӣ Огюст Конт (1798-1857) мебошад. Инкишофу паҳншавии позитивизми ибтидоӣ ҳамчунин ба фаъолияти илмии Милл ва Спенсер низ вобастагии калон дорад [7, 286]. Равияи мазкур аз идеяҳои агностикии Давид Юм (асараш «Рисола дар бораи табиати инсон» (1739), Даламбер (асараш «Мақолаи хотимавӣ» (1751), Э. Кондиляк асараш «Доиратулмаориф» (1755), Кенэ, Тюрго ва дигарон сарчашма мегирад.

Позитивизм аз калимаи Positivns гирифта шуда, ба маънои мусбӣ ва манфиатовар омадааст. Аммо ҳамчун мактаби фалсафӣ бар он аст, ки инсон бояд аз андешаҳои «нолозими фалсафӣ» даст кашад, ба фактҳои воқеиву реалӣ ва позитивӣ рӯ биёрад. Фалсафа «илми-илмҳо» «падари илмҳо» нест, умуман фалсафаро ба сифати илм қабул кардан хатогии маҳз аст. Зеро то ҳол претмети омӯзиши ин илм ба ҳеҷ кас аниқ ва дақиқ маълум нашудааст. Ҳеҷ кас ба дилпурӣ гуфта наметавонад, ки фалсафа меомӯзад. Муҳокимаҳои фалсафӣ муҳокимаҳои абстрактӣ буда, барои ҳастии воқеии иҷтимоӣ ҳеҷ манфиате намеорад. Вақти он расидааст, ки илмҳои позитивӣ (математика, биология, физика, химия, сотсиалогия ва ғ.) фалсафаро пурра иваз кунанд. Инсоният аз назарияи фалсафии «бемаъно» ва фаҳмишу «мушкил» даст кашад [5, с.98].

Дар замони шуравӣ идеологҳо ва файласуфон позитивизмро мавриди танқиди ҷиддӣ қарор дода, онро равияи фалсафӣ идиалистии (характери буржуазидошта) меномиданд. Дар китоби энсиклопедии фалсафии «Антология мировой философии» чунин мулоҳизаҳо дар бораи ин мактаб дида мешаванд.

Ба андешаи баъзе донишмандон, позитивизм шакли дигари фалсафаи идеалистӣ аст, ки бар зидди материализм нигаронида шуда, мехоҳад воқеияти моддӣ ва воқеиро инкор намояд. Пайравони он бо ин роҳ мехоҳанд идеализмро ба илм ворид созанд ва фалсафаро ҳамчун илм инкор карда, далелҳои позитивиро бошад дар партави идеалистӣ таҳлил намоянд.

Хусусияти хоси позитивизм аз он иборат аст, ки онҳо илм ва таҷрибаро ба эҳсосоти субъективӣ вобаста дониста, қонунҳои объективии табиат ва ҷамъиятро рад менамоянд. Ин идея дар агноститсизм ва сенсуализми Давид Юм ба назар мерасад. Ба андешаи Давид Юм донишҳои мо бо василаи эҳсосот дастрас мегарданд. Он чизе ҳиссиёти мо нишон медиҳад, ҳақиқат аст. Ақл дар маърифати олам, пас аз эҳсосот ва узвҳои ҳис меистад. Воқеият онест, ки инсон онро ба воситаи ҳиссиёт маърифат кардааст. Ин андешаҳои позитивистиро В.И.Ленин дар асараш «Материализм эмпириокритсизм» сафсатаи хушку холии фалсафӣ номидааст. Позитивизм ҳамчун равияи фалсафӣ, идеалистӣ оҷизии худро пай бурда, бо илм муросо кардан мехоҳад [1, с.548-549].

Таҳқири позитивизм дар давраи шуравӣ сабабҳои худро дошт. Нахуст принсипҳои фалсафии позитивизм ба идеологияи он мувофиқат наменамуд. Зеро онҳо воқеияти иҷтимоиро вобаста ба нобаробарии иҷтимоӣ ва индивидуализм таҳлил намуда буданд. Баъдан поягузорони позитивизм аз ҷомеаи капиталистӣ буданд ва табиист, ки онҳо манфиати ҳамин низомро дифоъ мекарданд.

Аммо пурра рад намудани позитивизм як амали беинсофонаи файласуфони шуравӣ буд, зеро онҳо бисёре аз ҳодисаҳои иҷтимоиро таҳлили воқеӣ намуда, боиси пайдоиши ҷаҳонбинии нави фалсафа гаштаанд. Огюст Конт дар асараш «Курси фалсафаи позитивӣ ва Пирсу Спенсер дар асарашҳояшон Граматикаи илм» ва «Асосҳои сотсиология»

муқаддимаи позитивизмро тарғиб карда, «дар заминаи ақли солим» ва «мавқеи позитивӣ» таҳлил кардани воқеияти иҷтимоиро пешниҳод кардаанд.

Моҳияти позитивизм аз он иборат аст, ки илм бояд ба хушбахтии инсоният кӯмак расонад, воқеияти мавҷударо инъикос намояд ва инсонро аз банди устураю хаёлот раҳо сохта, ба зудӣ ба башарият манфиат оварда, дар ҳастии инсон мавқеи мусбиро ишғол карда тавонад. Ба андешаи намояндагони ин мактаб фалсафа аз низоми назарияҳо ва андешаҳои назарӣ иборат аст, ки барои беҳбудии ҳаёти моддӣ ва амалияи зиндагии ӯ хидмат карда наметавонад. Одамон фалсафаро ба амалияи зиндагиашон татбиқ накардаанд, барои ҳамин фалсафа статуси илмӣ надорад. Ба андешаи Пирс «илми позитивӣ бояд ҷои фалсафаро иваз намояд» [10, с.327]. Он илмҳое бояд инкишоф дода шаванд, ки айни замон дар зиндагии рӯзмарра мусбӣ ва манфиатовар аст. Воқеан дар мулоҳизаҳои позитивистон ҳақиқат ҷой дорад, аммо инкори фалсафа ба сифати илм маҳдудияти асосии ғояҳои онҳо маҳсуб меёбад.

Охири асрҳои XIX фалсафаи позитивизм дар Полша, Россия, Туркия, Япония, Хитой, Бразилия, Амрико ва дигар давлатҳои мутараққии ҷаҳон паҳн шуда, идеяҳои Конт, Спенсер, Кенэ ва дигар ҷонибдорони онҳо дар густариши муҳокимарониҳои мантиқӣ, таҳлили дин, ахлоқ, сотсиалогия ва ғ. нақши босазоеро бозидааст. Масалан дар заминаи позитивизм Сеченов, Гексли, Дантек, Рассел, Карнап, Айер, Витгенштейн, Остин ва дигарон низоми фалсафа ва назарияи маърифати худро кор кардаанд, ки бо номи «неопозитивизм» ё «позитивизми нав» маъруф мебошад. Дар заминаи позитивизм ва неопозитивизм ҷараёнҳои фалсафии «сотсиалогияи позитивистӣ», «позитивизми мантиқӣ», «фалсафаи семантикӣ», «реализми танқидӣ» «мантиқи реалистӣ» ва ғ. ба вуҷуд омадаанд, ки дар таҳлили масъалаҳои асосии фалсафа нақши бузургро бозиданд [5, 281].

Махсусан позитивизм дар сотсиологияи Ғарб хеле васеъ доман паҳн кардааст. Онҳо дар ин замина қонунҳои ҷомеа, табақабандии низоъҳои иҷтимоӣ, ниҳоду ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар падидаҳои ҳаёти иҷтимоии одамонро шарҳ додаанд. Позитивист ва сотсиологи асри XIX –и амрикоӣ Джон Дрегер дар асараш «Таърихи инкишофи ақлонии Аврупо» идеяҳои позитивизми сотсиалогиро тавзеҳ медиҳад. Позитивисти олмонӣ Мюллер Лиер дар ин асос омилҳои пайдоиши таърих ва роҳи инкишофи онро муайян мекунад. Сотсиалогҳо ва позитивистхои муосири амрикоӣ Берднорд, Анжел, Огборн ва дигарон омилхои пайдоиши нобаробариҳои иҷтимоӣ ва асосҳои психологии он, тартибот ва динамикаи молия ва қарз, пешгирии истифодаи неруҳои атом ва ғ.-ро таҳқиқ намудаанд.

Файласуф ва сотсиологи франсавӣ Огюст Конт алоқамандии ногусастанӣ дорад. Ӯ ҳамчун асосгузори фалсафаи позитивизм эътироф шудааст. Конт дар шаҳри Моннелии Фаронса таваллуд шуда, маълумоти ибтидоиро дар мактаби политехникии ҳамин кишвар гирифта, ба илмҳои математика, астраномия ва физика ошноӣ ва мароҳи том пайдо мекунад. Соли 1818-1824 ҳамчун котиби шахсии утописти машҳур Сен-Симон кор карда, ғояҳои асосии худро дар бораи табақабандии илмҳо, марҳилаҳои инкишофи ҷомеа ва мафхуми «позитивӣ»-ро ҳамчун ҳолати олии мафкуравии ҷомеа дар ин давра ташаккул медиҳад. Соли 1824 муносибати шахсии Конт бо Сен-Симон муташаххас мегардад ва ба хотири тарғиби ҳамаҷонибаи фалсафаи позитивистии худ аз вазифаи котибӣ даст кашида, ба фаъолияти илмӣ рӯ меорад. Ӯ ҳангоми инқилоби буржуазӣ – демократии солҳои 1848-1849 инқилобиёнро даъват мекунад, ки аз роҳи пешгирифтаашон даст кашанд. Ба ҳамин мақсад асари чорҷилдаи худ «Низоми позитивии сиёсат» дар ҳудуди солҳои 1852-1854 таълиф менамояд [11, с.194]. Асосҳои позитивизми Огюст Конт дар асарҳои шашҷилдааш «Курси фалсафаи позитивӣ» (1830-1842) ва «Руҳи фалсафаи позитивӣ» кор карда баромада шудааст. Ба андешаи Конт, илм бояд ба омӯзиши сабабҳои пайдоиши далелхо ё ҳодисаҳои ашёҳои олами моддӣ ва

падидаҳои маънавиёт машғул бошад. Ҳама гуна илме, ки ба моҳияти ҳодисаҳо вақти худро беҳуда харч менамояд, «метафизика» мебошад.

Илм бояд шакли зуҳурёбии фактҳоро таҳқиқ кунад ва роҳҳои дар амалия татбиқ намудани онҳоро дарёфт созад. Мувофиқи андешаи Огюст Конт сарчашмаи донишҳои позитивӣ ё мусбӣ илмҳои таҷрибавӣ эмпирикӣ ё ва муттаҳидии байни онҳо махсуб мешавад. Фалсафа қодир нест мустакилона воқеиятро таҳқиқ карда тавонад. Муҳокимаҳои назариявии он ба талаботҳои маърифатии мо мутобиқ нест. Фалсафа фактҳои иҷтимоӣ ва сабабҳои таҷрибавии пайдоиши онҳоро ошкор сохта наметавонад. Аз ин рӯ, фалсафа илми позитивӣ нест. «Фалсафаи мусбӣ», мувофиқи ақидаи Конт, метавонад ҳамчун асоси муҳими ташкилоти иҷтимоӣ баромад намуда, тавассути он имкон пайдо мешавад, ки буҳрони шадиди ҷомеаи муосир аз байн бардошта шавад. Исбот кардан лозим нест, ки ҷаҳонро идеяҳо идора карда, ба ҳаракат медароранд. Ба маънои дигар механизми асосии иҷтимоӣ дар идеяҳо ва фикрҳо ифода меёбад [2, с.60-61].

Ба фикри Конт, маҳз беарзиш шудани идеяҳо омили асосии бӯҳрони сиёсӣ ва ахлоқии асри XIX-и ҷомеаи Аврупо маҳсуб ёфта, он дар номувофиқаташ байни одамон ва бетартибиҳои иҷтимоии замони ҳозир таҷассум ёфтааст. Инкилоби иҷтимоиро маҳз ҳам ин фактхо ба вуҷуд овардаанд. Мувофиқи ақидаи Конт, пайванди идеяҳо ба принсипи умумӣ вобаста буда ва ин васила бенизомии иҷтимоиро таъмин кардан мумкин аст. Позитивизмро Конт ба гуногунандешии одамон ва ба ҳам мувофиқ наомадани фикру андешаҳои онҳо алоқаманд медонад. Ба андешаи мутафаккир, инкишофи умумии тафаккури инсон, ки натиҷааш позитивизм мебошад, ба қонуни асосии таърих такя менамояд. Мувофиқи қонуни «кашфнамудаи» Конт, тафаккури инсон се марҳилаи асосиро аз сар гузаронидааст, аз қабили марҳилаи геологӣ; марҳилаи метафизикӣ ва марҳилаи позитивӣ.

Конт марҳилаҳои густаришу инкишофи тафаккури инсониро дар асараш «Курси фалсафаи позитивӣ» [3, с.92] таҳлил намудааст. Дар ҷараёни таърих ақли инсон ногузир ин се марҳиларо тай менамояд. Мутафаккир дар ҳамин асараш менависад: «Барои он, ки ҳақиқати табиат ва характери фалсафаи позитивиро ошкор намоем, нахуст бояд ба раванди тафаккури инсон назар афканем, зеро идеяи ба шиносоӣ ба таърихи онро фаҳмидан имконнопазир аст. Омӯзиши ақли инсон дар ҳамаи шаклҳои гуногуни фаъолияти он боис шуд, ки ман қонуни бузургеро кашф намоям. Мувофики ин қонун, ман дар ҳамаи соҳаҳои дониш мо се ҳолати назариявӣ-теологӣ ё фактӣ, ҳолати метафизикӣ ва илмӣ ё позитивиро мегузорад. Ба ибораи дигар, акли инсонӣ вобаста ба табиати худ тавассути се методи тафаккур (геологӣ, метафизикӣ ва позитивӣ тадқиқот мебарад» [3, с.63].

Инсон дар марҳилаи геологии тафаккури худ, ба омӯзиши ҳастии иҷтимоӣ ё ба табиати дохилии ашёҳо, сабабҳои ибтидоиву ниҳоии ҳамагуна зуҳуроти он сарукор дорад. Дар ин марҳала тафаккури инсон Худоро ибтидои ҳама гуна пайдоиши ашёву ҳодисаҳои олам мешуморад. Дар ин марҳила ақли инсониро асотири динӣ ҳукмронӣ мекунад. Анимизм, фетишизм ва тотемизм ҳодисаҳои моддӣ ва маънавиро шарҳ дода, дар охир ин вазифаро монотеизм (яккахудоӣ) ба дӯш мегирад.

Мувофиқи андешаи Конт руҳи инсон дар марҳилаи геологӣ бештар идеяҳои сиёсӣ ва аҳлоқӣ инкишоф меёбанд. Яъне масъалаҳои аҳлоқӣ ва сиёсӣ дар доираи дин ва шуури динӣ ҳаллу фасли худро меёбанд. Марҳилаи метафизикӣ ё ҳолати физикии тафаккури инсонӣ дар мафҳумҳо ифода меёбад, ки ҳолати зоҳирии равандҳои оламро таҷассум менамояд. Ин мафҳумҳо абстрактӣ буда, тасвири олам ва ҷамъиятро ба таври илмӣ инъикос накарда, то ҳол аз банди асотир озод нест. Дар ин давра ақли инсонӣ ба ҷойи қувваи фавкултабии (Худо) нерӯҳои табиӣ (материя, кайҳон, табиат)-ро мегузорад [9, с.173]. Ҳодисаҳо вобаста ба моҳияти онҳо монанд шарҳ дода мешаванд. Метафизика

асоси ҳамагуна пайдоиши олам ва ҳодисаҳои ичтимоиро дар табиат мебинад. Яъне табиатро офаридгор ҳисобидани инсон марҳилаи дуюми ақли инсон мешуморад.

Марҳилаи позитивӣ – ё ҳолати позитивии шуури инсон, ки дар ҳукмҳо ва хулосабарориҳои худ аз мушоҳидаи илми истифода мебарад. Дар ин марҳила ақли инсон аз таҳқиқи пайдоиш ва таъиноти кайҳон даст кашида, аз маърифати сабабҳои дохилии падидаҳо ва мушоҳидаи онҳо ба омӯзиши қонунҳои фаъолияти воситаҳо ва натиҷаҳои он мегузарад. Ақли инсон дар ин марҳила қонунҳои падидаҳо ва равобити байни қисматҳои мухталифи ҳодисаҳои ҷомеа ва фактҳои иҷтимоиро муайян карда, ба ин васила ба инкишофи илм боис мегардад. Ақли инсонӣ ба он ҳодисаҳое сарукор мегирад, ки ба инсон манфиатовар аст ва онро Конт марҳилаи позитивӣ номида аст. «Ҳақиқати мусбии акл дар кобилияти мушохидаи ҳодисаҳо ва омӯзиши онҳо таҷассум шуда, ба қонунҳои табиӣ пойбанд мебошанд. Характери прогресивии ҷомеа ба қонунҳои биологӣ, астрономӣ, кайҳонӣ ва ҳаракати олами моддӣ алоқамандии зич дорад» [2, с.554] менависад О. Конт.

Аз ин ҷо бармеояд, ки се низоми ақлони вуҷуд дорад, ки оламро фаро мегирад. Низоми аввал ақли инсониро ба омӯзиши олам водор мекунад. Низоми дуюм позитивизм ҳолати устувор ва ҳадди охири ақли инсонӣ аст ва низоми сеюми он гузариши ақли инсониро аз марҳилаи геологӣ ба марҳилаи позитивӣ таъмин месозад. Ин се мархила ё ҳолати ақлонии инсониро Конт ба зинаҳои умри инсон шабеҳ меҳисобад. «Гузариши ақли инсонӣ гузариши давраҳои умри инсон:- геологӣ даврони кӯдакӣ; метафизикӣ давраи ҷавонӣ ва позитивӣ давраи камолоти инсониро ба ёд меорад» [4, с.55].

Ба фикри Конт, одамони донишманд аз Бэкон сар карда то замони мо он донишеро ҳақиқӣ мешуморанд, ки аз мушоҳидаҳои мо бармеояд. Пас қонуни гузариши ақли инсонӣ қонунӣ буда, дар аввали мушоҳидаҳо инсон оламро воқеан дарк карда наметавонад, аз ин рӯ ба теология ва метафизика рӯ меорад, ҳангоме мушоҳидаҳои инсон амиқ мешавад, ки монанд ба давраи камолот инсон аст, ба воқеияти ҳастӣ сарфаҳм меравад. Мувофиқи фалсафаи позитивии теология ва метафизика барои инсон ҳеҷ манфиате оварда наметавонад. Зеро назарияҳои онхо зидиятнок аст. Барои позитивизм сабабҳо ё заминаҳои пайдоиши ҳодисаҳо лозим нест. Позитивизм бо назарияҳои гуногун сари одамонро гич намекунад. Позитивизм воқеияти имрӯза ва ҳолати кунунии инсонро, ки натиҷаи он барои инсон лозим аст, таҳлил менамояд. Масалан, барои инсон хӯрок лозим аст.

Ақли позитивистӣ онро дарёфт намуда, бадани биологии инсон онро истифода мебарад, аммо барои мо муҳим нест, ки сабаби пайдоиши гандум ва дар куҷо пайдо шудани он фикр кунем. Вақти он расидааст, ки мо барои мушоҳида ва ҷамъ овардани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ илми позитивии физикаи иҷтимоиро ба вуҷуд биорем [3, с.560-561].

Аз ин ҷо бармеояд, ки Конт барои позитивизм ва принсипҳои он илмҳои табиатшиносиро интихоб карда, андеша дорад, ки онҳо илмҳои позитивие мебошанд, ки ҳодисаҳои берунии оламро меомӯзад. Агар мо позитивизмро бо дар назардошти ҳамаи шаклҳои зуҳуроти он муоина намоем пай мебарем, ки позитивизм ин марҳилаи воқеии инкишофи андешаҳои фалсафӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин давра файласуфони бузурги он бо шарофати баҳрабардорӣ аз андешаҳои фалсафии гузаштаю имрӯза низоми нави методҳоеро ба вуҷуд ованд, ки тавассути он падидаҳои иҷтимоиро омӯхта тавонад. Методҳои метафизикӣ, математикӣ, табиатшиносӣ бошанд, ин амалро ба вуҷуд оварда наметавонанд. Методҳои мавҷудаи фалсафа донишҳои иҷтимоиро бою ғанӣ гардонда наметавонанд. Сабабаш ин аст, ки фалсафа дар таҳқиқи маҳдуд гаштааст. Позитивизм аз Конт сар карда, инкишофи фалсафаи қаблиро инкор намуда, фалсафаро аз илм ҷудо сохта ва илм будани инро рад мекунад. Ҳол он, ки фалсафа илми мустақил буда, бо методҳо ва претмети худ ба маданияти оммавӣ, аз ҷумла ба илмҳои табиатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ санъат ва таҷрибаи инсонӣ таъсири худро мерасонад.

Худи мафҳуми позитивизм ба маънои муфид ва воқеӣ истифода шудааст, ки маънои умуми ҳақиқатро ифода менамояд. Предмети омӯзиши фалсафа низ воқеияти ҳақиқат аст. Пас позитивизм дар ин замина ба хатогии ҷиддӣ роҳ медиҳад. О. Конт нахуст илми сотсиологияро физикаи иҷтимоӣ номидааст [10, с.792].

О. Конт хело воқеъбинона инкишофи маърифати инсониро таҳлил намудааст. Ақли инсон дар бархурдорӣ ба ҳодисаи нави иҷтимоӣ қодир нест, дар бораи шакли зуҳуроти қонуниятҳои он сарфаҳм равад ва пеш аз ҳама, ба сабаби пайдоиши он таваҷҷӯҳ зоҳир намояд. Дар марҳилаи метафизикӣ бошад, сабабу воситаҳои алтернативии пайдоиши онро кор карда мебарояд. Дар зинаи позитивӣ пай мебарад, ки ҷустуҷӯи сабабият ҳеҷ маъное надорад. Муфид он аст, ки ҷи гуна мо ин ҳодисаи нави иҷтимоиро дар ҳаёт татбиқ намоем ва шаклҳои амалишавии онро ошкор созем. О. Конт инкишофи ақли инсонро ба даврони кӯдакӣ, ҷавонӣ ва камолот монанд кардааст, ки дар ибтидо кӯдак ба амали ҳодисаҳо ошно нест ва ҳамеша аз калонсолон мепурсад: «Аз куҷо ман пайдо шудам»? «Офтобро ки офаридааст». Дар давраи ҷавонӣ зери таъсири фикр дигарон андешаронӣ менамоянд. Дар давраи камолот ақидаҳои дигаронро инкор карда, фикри шахсии худро кор кардааст. Инро О. Конт давраи позитивии ақли инсонӣ номидааст, яъне инсон фикре, ки дорад, дар амал онро татбиқ кардан мехохад [10, с.193].

Ақли инсонӣ дар Аврупо ба ошкор сохтани қонуниятҳои падидаҳои иҷтимоӣ равона шудааст. Аммо Шарқ то ҳоло ба масъалаи пайдоишу моҳияти ҳодисаҳо андармон мебошад. Ғарб дар асоси ошкор намудани ҳодисаҳои нав ба нави табиӣ техника ва технологияи навро ихтироъ карда, институтҳои иҷтимоии ҳозиразамонро таъсис медиҳад. Аммо Шарқ то ҳол аз мистика ва зинаи теологию метафизикӣ наҷот наёфтааст.Масъалаи муҳимми позитивизми Конт табақабандӣ (класификасия)-и илмҳо мебошад. Ба андешаи Конт, илмхо низ мисли дигар зуҳуроти иҷтимоӣ ва табиӣ табақабандиҳои муайян дорад. Онҳо вобаста ба предмети омӯзиш, методҳо, масъалаҳои ҳолталаб аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, физиологияи умумӣ ботаника ва зоология дар назари аввал гӯё предмети муштарак доранд, аммо дар асл онҳо масъалаҳои гуногунро меомӯзанд. Физиология қонунҳои умумии зиндагӣ, зоология тарзи зиндагии ҳама гуна организми зинда ва ботаника бошад, ба олами зиндаи растаниҳо сарукор дорад. Аз миёни ин илмҳо танҳо илмҳое позитивӣ мебошанд, ки ба фикран ошкор кардану, дарёфти назария ва фарзия машғул набуда, ба мушоҳидаҳои реалӣ ва илмӣ такя менамояд. Дар ин масъала, андешаҳои файласуфи тоҷик Муҳаммадалӣ Музаффарӣ хело наздик аст, ки ӯ илмҳоро ба як тарзи системавӣ баррасӣ намудааст.

Ба андешаи Конт илмҳои назариявӣ умумӣ ва ҷузъӣ мешаванд. Ӯ тамоми илмҳои табиатшиносиро ба физика ва илмҳои ҷомеашиносиро ба физикаи иҷтимоӣ (сотсиология) муттаҳид намудааст.

Дар умум, Огюст Конт яке аз асосогузорони фалсафаи позитивизм буда, дар рушди ҷаҳонбинии нави фалсафӣ ва илмӣ нақши бориз дорад ва андешаҳои ӯ дар ҷомеаи муосири мо барои рушди илмҳои табиатшиносию ризёӣ хело муфид мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Антология мировой философии. Т.3.-М., 1971.
2. Конт О. Дух позитивной философии. – М., 1995.
3. Конт О. Курс позитивной философии. – М., 1995.
4. Конт О. Сотсиология Конта в изложении Риолажа. СПб., 1998.
5. Рассел Б. История западной философии. СПб., 2001.
6. Рассел Б. Философа века: мемориалный сборник. М., 1967
7. Современная философии. М., 2005.
8. Спенсер Г. Научные, политические и философские опыт. СПб., 1866.
9. Спенсер Г. Система синтетическии философии. Т 1. СПб., 1999
10. Спиркин А.Г. Основы философии. М., 2004
11. Спиркин А.Г. Основы философии. М., 2004.

НАҚШИ ПОЗИТИВИЗМИ ОГЮС КОНТ ДАР РУШДИ ФАЛСАФАИ МУОСИР

Муаллиф, дар мақола яке аз ҷараёнҳои нави фалсафӣ бо номи позитивизм ва андешаҳои позитивистии асосгузори он Огюст Контро мавриди таҳлили фалсафӣ қарор додааст. Дар ҳақиқат позитивизм яке аз ҷараёнҳои муосири фалсафии Аврупо аст, ки ҷаҳонбинии илмиро дар шакли нав баррасӣ намуд. Дар мақола, бештар ба андешаҳои позитивистии Огюст Конт таваҷҷуҳ шуда, нақши он дар фалсафаи муосир баррасӣ гардидааст. Огюст Конт ҳамчун асосгузорӣ ин ҷараён бо асарҳои бузурги худ дар рушди фалсафаи муосир ҷойгоҳи вижа дорад.Инчунин дар мақола бархурди файласуфони ҷомеаи муосир, хоссатан муҳити Шуравӣ ба фалсафаи позитивистӣ баррасӣ шуда, масъалаи танақузи ин ҷараён бо фалсафа ва хубиҳову бадиҳои он ва зарурати омӯзиши он дар ҷомеаи муосир таҳлил шудааст. Дар рафти омӯзиш маълум гардид, ки ҷомеаи шуравӣ ба позитивизм он қадар бархурдӣ мусбат надоштаанд ва ин ҷараён ҳамчун ҷараёни буржуазӣ шинохта мешуд.

Калидвожаҳо: фалсафа, позитивизм, неопозитивизм, ҳиссиёт, муосир, ҷараён, физика, физикаи иҷтимоӣ, илм, табиатшиносӣ, фаҳмиш.

РОЛЬ ПОЗИТИВИЗМА КОНТА В РАЗВИТИИ СОВРЕМЕННОЙ ФИЛОСОФИИ

В статье автор подверг философскому анализу одно из новых философских движений — позитивизм, а также позитивистские идеи его основателя, Огюста Конта. Позитивизм — одно из современных философских движений в Европе, рассматривающее научное мировоззрение в новой форме. Статья фокусируется на позитивистских идеях Огюста Конта и обсуждает его роль в современной философии. Огюст Конт, как основатель этого движения, занимает особое место в развитии современной философии благодаря своим великим трудам. В статье также рассматривается подход философов современного общества, особенно советской среды, к позитивистской философии, анализируется конфликт этого движения с философией, его преимущества и недостатки, а также необходимость его изучения в современном обществе. В ходе исследования стало ясно, что советское общество не очень позитивно относилось к позитивизму, и это движение воспринималось как буржуазное.

Ключевые слова: философия, позитивизм, неопозитивизм, эмоция, современность, процесс, физика, социальная физика, наука, естественные науки, понимание.

THE ROLE OF COUNT'S POSITIVISM IN THE DEVELOPMENT OF MODERN PHILOSOPHY

In this article, the author provides a philosophical analysis of one of the new philosophical movements—positivism—as well as the positivist ideas of its founder, Auguste Comte. Positivism is one of the modern philosophical movements in Europe that explores the scientific worldview in a new light. The article focuses on the positivist ideas of Auguste Comte and discusses his role in modern philosophy. Auguste Comte, as the founder of this movement, occupies a special place in the development of modern philosophy thanks to his great works.The article also examines the approach of philosophers in modern society, particularly those in the Soviet Union, to positivist philosophy. It analyzes the movement's conflict with philosophy, its strengths and weaknesses, and the need to study it in modern society. The study revealed that Soviet society was not very receptive to positivism, and the movement was perceived as bourgeois.

Keywords: philosophy, positivism, neopositivism, emotions, modernity, process, physics, social physics, science, natural sciences, understanding.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сайёд Давлатзода*** - магистри курси 2-юми ихтисоси “Таърихи фалсафа”-и Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.Телефон: +992-918249242

Сведения об авторе: ***Саййод Давлатзода*** — студент 2-го курса магистратуры по специальности «История философии» Института философии и политических наук им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992-918249242

Information about the author: Sayyod Davlatzoda - 2nd year master's student in the specialty "History of Philosophy" of the A. Bahovaddinov Institute of Philosophy and Political Science of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Address: 734025: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. Phone: +992-918249242

ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА – ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

ТАҲЛИЛИ ЛЕКСИКИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Боқизода Ф. И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иқтибос яке аз унсурҳои ҷудонашаванда дар раванди таҳаввули таърихӣ ва фаъолияти забон ба шумор рафта, аз манбаъҳои асосии густариши вожагони ҳар забон аст. Ин раванд ба воридот ва устуворшавии унсурҳои бегона дар як забон – ба вижа вожаҳо ва ё морфемаҳои мустақил – мунҷар мегардад. Ин гуна калимаҳо бозтоби тамосҳои қавмӣ, равобити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни ҷомеаҳои гуногуни забонӣ мебошанд [1, с. 15].

Иқтибосҳои арабӣ дар забони англисӣ ифодагари пайвандҳои густурдаи таърихӣ, фарҳангӣ ва тиҷорӣ миёни Аврупо ва Шарқ мебошанд. Ҳамкориҳои тулонии таърихӣ байни ҷаҳони ислом ва Аврупо боиси ворид шудани теъдоди назаррасе аз вожагони арабӣ ба забони англисӣ гардидааст. Ин вожаҳо аксаран бо соҳаҳои илм, тиҷорат, фарҳанг, тарзи зиндагӣ ва сохтори иҷтимоии кишварҳои арабӣ иртибот доранд [2, с. 45].

Иқтибос гардидани калимаҳои арабӣ ба забони англисӣ дар тули асрҳо тавассути роҳҳои гуногун сурат гирифтааст. Ишғоли тулонии Испания тавассути арабҳо (асрҳои VIII то XV) яке аз муҳимтарин омилҳои таърихӣ мебошад, ки ба ворид гардидани вожаҳои арабӣ ба забонҳои аврупоӣ мусоидат намудааст. Дар ин давра, тавассути ҳамзистии арабҳо ва мардуми маҳаллӣ дар Испания, бисёре аз вожаҳои арабӣ ба забонҳои испониёӣ ва португалӣ ворид шуда, сипас тавассути онҳо ба дигар забонҳои аврупоӣ, аз ҷумла англисӣ, роҳ ёфтанд [3, с. 78].

Ҷангҳои салибӣ (асрҳои XI то XIII) низ нақши муҳим дар шиносоии аврупоиён бо фарҳанг ва тамаддуни исломӣ бозид. Дар ин давра, аврупоиён бо бисёре аз дастовардҳои илмӣ ва фарҳангии ҷаҳони ислом ошно шуда, истилоҳоти марбут ба ин соҳаҳоро ба забонҳои худ ворид намуданд [4, с. 112].

Кашфи роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустон ва таҳаввулоти сиёсию низомии охири асри XVI, ки ба ривоҷи тиҷорати Англия бо Шарқ анҷомид, низ дар дохил гардидани калимаҳои арабӣ дар забони англисӣ нақш дошт. Дар ин давра, вожагони марбут ба тиҷорат, маҳсулоти шарқӣ ва тарзи зиндагии шарқиён ба забони англисӣ ворид шуданд [5, с. 156].

Дар давраи нав, забт ва ё мустамлика намудани баъзе кишварҳои арабӣ тавассути Британиё низ боиси воридоти вожагони тозаи арабӣ ба забони англисӣ гардид. Ин вожаҳо бештар бо сохтори иҷтимоӣ, идорӣ ва фарҳангии кишварҳои арабӣ иртибот доштанд [6, с. 203].

Дар ибтидоии асрҳои миёна, замоне ки андешаи илмӣ дар Аврупо ба рукуд гирифтор шуда ва иртибот бо мероси Юнони бостон суст гардида буд, ҷаҳони ислом шоҳиди пешрафтҳои чашмгире дар риёзиёт, нуҷум ва тиб гардид. Ҳамон гуна ки забони лотинӣ забони илм дар Аврупои асрҳои миёна маҳсуб мешуд, забони арабӣ низ забони илм дар Шарқ маҳсуб мешуд. Бисёре аз истилоҳоти илмӣ нахуст ба лотинӣ тарҷума шуданд ва сипас тавассути он ба забони англисӣ роҳ ёфтанд [7, с. 234].

Забони лотинӣ ҳамчун муҳимтарин забони миёнарав дар интиқоли вомвожаҳои арабӣ ба забонҳои аврупоӣ нақш бозидааст. Тавассути тарҷумаи осори илмии олимони мусулмон дар марказҳои илмии Андалусия ва Ситсилия, бисёре аз истилоҳоти илмии арабӣ ба лотинӣ ва сипас ба дигар забонҳои аврупоӣ ворид шуданд [2, с. 67].

Илова бар ин, баъзе вожаҳои арабӣ тавассути забонҳои итолиёӣ, португалӣ, ҳоландӣ, испонӣ ва фаронсавӣ ба англисӣ ворид шуданд. Ҳар яке аз ин забонҳо дар давраҳои муайяни таърихӣ ба вомвожаҳои арабӣ ба забони англисӣ табдил ёфтаанд. Масалан, забони итолиёӣ дар асрҳои миёна ва аввали давраи нав нақши муҳим дар дохил гардидани вомвожаҳои тиҷорӣ ва баҳрӣ дошт, дар ҳоле ки забони фаронсавӣ дар асрҳои XVII-XVIII ба вомвожаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфт [8, с. 312].Вомвожаҳои арабӣ дар забони англисӣ ба соҳаҳои гуногуни маъноӣ тааллуқ дошта, ҳар кадом таърихи хоси воридот ва ҳамгунсозии худро доранд. Дар ин ҷо ба таснифи мухтасари ин вожаҳо аз рӯи мавзуъ мепардозем.

Истилоҳоти илмӣ ва риёзӣ:

Аз ҷумлаи муҳимтарин вомвожаҳои арабӣ дар забони англисӣ истилоҳоти илмӣ ва риёзӣ мебошанд, ки бештар тавассути забони лотинӣ ворид шудаанд. Вожаи algebra (алҷабр) аз калимаи арабии "الجبر" гирифта шуда, ба воситаи забони итолиёӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа дар асл ба мафҳуми "ҷабр" дар риёзиёт ишора дорад [3, с. 89]. Вожаи algorithm (алгоритм) аз номи риёзидони маъруфи араб Ал-Хоразмӣ гирифта шуда, тавассути забони лотинӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа дар ибтидо ба усули ҳисоб бо рақамҳои арабӣ ишора дошт ва баъдан маънои васеътари "тартиби амалиёти ҳисоббарорӣ" пайдо кард [9, с. 45]. Вожаи zero (сифр) аз калимаи арабии "صفر" гирифта шуда, тавассути забони итолиёӣ (zero) ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа дар ибтидо ба мафҳуми "сифр" дар риёзиёт ишора дошт ва баъдан ба маънои "ҳеҷ чиз" низ ба кор рафтааст. Вожаи nazir (назир) аз калимаи арабии "نظير" гирифта шуда, ба воситаи забони итолиёӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа дар нуҷум ба мафҳуми "нуқтаи муқобили самт" ишора дорад. Вожаи zenith (самт) низ аз калимаи арабии "السمت" гирифта шуда, тавассути забони итолиёӣ ба англисӣ ворид гардидааст [4, с. 134]. Вожаи alchemy (алкимиё) аз калимаи арабии "الكيمياء" гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ва лотинӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба илми қадимии кимиё ишора дорад. Вожаи alcohol (алкуҳул) аз калимаи арабии "الكحول" гирифта шуда, тавассути забони лотинӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа дар ибтидо ба моддаи махсуси ҳосилшуда аз тақтир ишора дошт ва баъдан ба маънои машрубот низ ба кор рафтааст [10, с. 178]. Вожаи azimuth (ас-сумут) аз калимаи арабии "السمت" гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа дар нуҷум ва геодезия ба мафҳуми "кунҷи уфуқӣ" ишора дорад.

Истилоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ:

Вомвожаҳои арабӣ дар соҳаи истилоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ дар забони англисӣ васеъ истифода мешаванд. Вожаи caliph (халифа) бевосита аз калимаи арабии "خليفة" гирифта шуда, ба мафҳуми "ҷонишини паёмбар" ва сардори давлати исломӣ ишора дорад. Ин вожа тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст [5, с. 167]. Вожаи sultan (султон) аз калимаи арабии "سلطان" гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба мафҳуми "ҳоким" ё "подшоҳ" дар кишварҳои исломӣ ишора дорад. Вожаи emir (амир) низ аз калимаи арабии "أمير" гирифта шуда, ба мафҳуми "фармондеҳ" ё "шаҳзода" ишора дорад [6, с. 215]. Вожаи sheikh (шайх) аз калимаи арабии "شيخ" гирифта шуда, ба мафҳуми "пир" ё "раис" далолат мекунад. Ин вожа дар забони англисӣ барои ишора ба раисони қабоил ва рӯҳониёни исломӣ ба кор меравад. Вожаи mameluke (мамлук) аз калимаи арабии "مملوك" гирифта шуда, ба мафҳуми "ғулом" ишора дорад ва ба гурӯҳи низомиёни турку черкаси Миср дар асрҳои миёна далолат мекунад [7, с. 256]. Вожаи assassin (асосин) аз калимаи арабии "حشاشين" (ҳашишхӯрон) гирифта шуда, тавассути забони итолиёӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа дар ибтидо ба гурӯҳи исмоилиёни низомӣ ишора дошт, ки дар давраи ҷангҳои салибӣ фаъолият мекарданд ва баъдан ба маънои умумии "қотили сиёсӣ" ба кор рафтааст

[8, с. 345]. Вожаи magazine (маҷалла) аз калимаи арабии "مخازن" (ҷамъи махзан) гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа дар ибтидо ба маънои "анбор" ба кор мерафт ва баъдан ба маънои нашрияи даврӣ истифода шудааст.

Истилоҳоти тиҷорӣ ва иқтисодӣ:

Вомвожаҳои арабӣ дар соҳаи тиҷорат ва иқтисод низ дар забони англисӣ мавҷуданд. Вожаи tariff (таърифа) аз калимаи арабии "تعريفة" гирифта шуда, тавассути забони итолиёӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба мафҳуми "боҷи гумрукӣ" ё "нархнома" ишора дорад [9, с. 67]. Вожаи carat (қирот) аз калимаи арабии "قيراط" гирифта шуда, тавассути забони итолиёӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба воҳиди андозагирии вазни ҷавоҳирот ва тилло ишора дорад. Вожаи caliber (қолиб) аз калимаи арабии "قالب" гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба мафҳуми "андоза" ё "сифат" ишора дорад [10, с. 198].

Номҳои гиёҳҳо, меваҳо ва маҳсулот:

Бисёре аз номҳои гиёҳҳо, меваҳо ва маҳсулоти шарқӣ низ аз забони арабӣ ба англисӣ ворид шудаанд. Вожаи coffee (қаҳва) аз калимаи арабии "قهوة" гирифта шуда, тавассути забони ҳоландӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба нӯшокии маъруфи қаҳва ишора дорад [1, с. 89]. Вожаи apricot (албарқӯқ) аз калимаи арабии "البرقوق" гирифта шуда, тавассути забони португалӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба меваи зардолу ишора дорад. Вожаи lemon (лаймун) аз калимаи арабии "ليمون" гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст [2, с. 78]. Вожаи sugar (суккар) аз калимаи арабии "سكر" гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Вожаи cotton (қутн) аз калимаи арабии "قطن" гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба нахи растанӣ ишора дорад [3, с. 112]. Вожаи shaffron (заъфарон) аз калимаи арабии "زعفران" гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба рустании рангу хушбӯй ва ҳанут ишора дорад. Вожаи henna (ҳино) аз калимаи арабии "حناء" гирифта шуда, ба воситаи забонҳои гуногун ба англисӣ ворид гардидааст [4, с. 156].

Истилоҳоти ҷуғрофия ва соҳаи баҳрнавардӣ:

Дар соҳаи ҷуғрофия ва баҳрнавардӣ низ вомвожаҳои арабӣ дар забони англисӣ мавҷуданд. Вожаи monsoon (мавсим) аз калимаи арабии "موسم" гирифта шуда, тавассути забони ҳоландӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба бодҳои мавсимии уқёнуси Ҳинд ишора дорад [5, с. 189]. Вожаи typhoon (туфон) аз калимаи арабии "طوفان" гирифта шуда, ба воситаи англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба туфони сахт дар уқёнус ишора дорад. Вожаи safari (сафари) аз калимаи арабии "سفرة" гирифта шуда, тавассути забони савоҳилӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба саёҳат ва шикори ҳайвоноти ваҳшӣ дар Африқо ишора дорад [6, с. 234].

Истилоҳоти ҳарбӣ:

Дар забони англисӣ инчунин вомвожаҳои арабӣ дар соҳаи истилоҳоти ҳарбӣ низ мавҷуданд. Вожаи arsenal (дорусозхона) аз калимаи арабии "دار الصناعة" гирифта шуда, тавассути забони итолиёӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа дар ибтидо ба коргоҳҳои киштисозӣ ва силоҳсозӣ дар Венетсия ишора дошт ва баъдан ба маънои "анбори силоҳ" ба кор рафтааст [7, с. 278]. Вожаи admiral (амир ал-баҳр) аз калимаи арабии "أمير البحر" гирифта шуда, тавассути забони фаронсавӣ ба англисӣ ворид гардидааст. Ин вожа ба мақоми олии фармондеҳии флоти баҳрӣ ишора дорад [8, с. 356].

Раванди мутобиқсозии вомвожаҳои арабӣ дар забони англисӣ

Ҳангоми ворид гардидани вомвожаҳои арабӣ ба забони англисӣ тағйироти гуногуни овозӣ, хаттӣ ва маъноиро аз сар гузаронидаанд. Ин раванд, ки ба ҳамгунсозӣ (assimilation) ё мутобиқсозӣ маъруф аст, дар сатҳҳои гуногун сурат гирифтааст [9, с. 123]. Дар сатҳи овозӣ, вомвожаҳои арабӣ ба системаи овозии забони англисӣ мутобиқ

шудаанд. Баъзе овозҳои хоси арабӣ, ки дар забони англисӣ вуҷуд надоранд, бо овозҳои наздики забони англисӣ иваз шудаанд. Масалан, овози ҳалқии "ع" дар калимаҳои арабӣ дар тарҷума ба англисӣ аксаран ҳазф мешавад ё бо овози дигар иваз мегардад. Инчунин, овози "ق" дар забони англисӣ аксаран ба "k" табдил меёбад [10, с. 234].

Дар сатҳи хаттӣ, вомвожаҳои арабӣ бо алифбои лотинии забони англисӣ навишта шуда, ба қоидаҳои имлои ин забон мутобиқ гардидаанд. Азбаски забони арабӣ алифбои хос дорад ва баъзе ҳарфҳои он дар алифбои лотинӣ муодили дақиқ надоранд, дар интиқоли хаттии вомвожаҳои арабӣ ба англисӣ усулҳои гуногуни транскрипсия ва транслитератсия ба кор бурда мешаванд [2, с. 156]. Дар сатҳи дастурӣ, вомвожаҳои арабӣ ба низоми сарфу наҳви забони англисӣ ворид шуда, тибқи қоидаҳои он тасриф мешаванд. Масалан, ҷамъи вомвожаҳои арабӣ дар забони англисӣ аксаран бо изофаи пасвандҳои -s ё -es сохта мешавад, на бо шаклҳои ҷамъи арабӣ. Баъзе вожаҳо монанди "phenomenon" шакли ҷамъи юнонӣ ё лотинии худро нигоҳ доштаанд, аммо дар маҷмӯъ, вомвожаҳои арабӣ ба низоми дастурии англисӣ мутобиқ шудаанд [4, с. 189]. Дар сатҳи маъноӣ, баъзе вомвожаҳои арабӣ маънои аслии худро ҳифз кардаанд, дар ҳоле ки баъзеи дигар ба тағйироти маъноӣ гирифтор шуда, маънои тоза пайдо кардаанд ё доираи маъноиашон маҳдуд ё густариш ёфтааст. Масалан, вожаи "magazine" дар забони арабӣ ба маънои "анбор" буда, дар забони англисӣ ба маънои "нашрияи даврӣ" далолат мекунад. Вожаи "alcohol" дар забони арабӣ ба маънои моддаи махсуси ҳосилшуда аз тақтир буда, дар забони англисӣ бошад маънои васеътари "машрубот"- ро пайдо кардааст [6, с. 267].

Вомвожаҳои арабӣ дар забони англисӣ ифодагари равобити густурдаи таърихӣ, фарҳангӣ ва тиҷории миёни ҷаҳони ислом ва Аврупо мебошанд. Ин вожаҳо дар тӯли асрҳо тавассути роҳҳои гуногун — тиҷорат, ҷангҳои салибӣ, ҳамзистии фарҳангӣ дар Испания, муносибатҳои илмӣ ва мустамликадорӣ — ба забони англисӣ ворид шуда, дар раванди ҳамгунсозӣ тағйироти гуногуни овозӣ, хаттӣ ва маъноиро аз сар гузаронидаанд.

Таснифи мавзӯи вомвожаҳои арабӣ дар забони англисӣ нишон медиҳад, ки ин вожаҳо ба соҳаҳои гуногуни илм, тиҷорат, сиёсат, фарҳанг ва ҳаёти рӯзмарра таалluқ доранд. Истилоҳоти илмӣ ва риёзӣ монанди algebra, algorithm, zero, zenith, alchemy аз муҳимтарин вомвожаҳои арабӣ мебошанд, ки тавассути марказҳои илмии Андалусия ва тарҷумаи осори олимони мусулмон ба забонҳои аврупоӣ ворид шудаанд. Истилоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ монанди caliph, sultan, emir, sheikh, assassin ба сохтори иҷтимоӣ ва сиёсии ҷаҳони ислом ишора доранд. Истилоҳоти тиҷорӣ ва иқтисодӣ монанди tariff, carat, caliber бо рушди тиҷорати байналмилалӣ иртибот доранд. Номҳои гиёҳҳо, меваҳо ва маҳсулот монанди coffee, apricot, lemon, sugar, cotton, shaffron, henna бо тиҷорати маҳсулоти шарқӣ ба забони англисӣ ворид шудаанд.

Омӯзиши иқтибосҳои арабӣ дар забони англисӣ на танҳо барои дарки равандҳои забоншиносӣ, балки барои шинохти бештари равобити таърихӣ ва фарҳангии байни халқҳо низ аҳамияти бузург дорад. Ин таҳқиқот метавонад ба рушди муносибатҳои байнифарҳангӣ ва таҳкими гуфтугӯи тамаддунҳо мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Cannon, Garland. The Arabic Contributions to the English Language: An Historical Dictionary. – Wiesbaden: Harrassowitz Verlag, 1994. – 345 p.
2. Адзиева, Э.С. Лексико-семантическая адаптация арабизмов в английском научном дискурсе // Russian Linguistic Bulletin. – 2023. – № 1 (37). – С. 21-28.
3. Crystal,David.The Cambridge Encyclopedia of the English Language.–Cambridge:Cambridge University Press,2003.– 500 p.
4. Algeo, John. The Origins and Development of the English Language. – Boston: Wadsworth, 2010. – 420 p.
5. Kaye, Alan S. Arabic Loanwords in English // The Arabic Language in America. – Detroit: Wayne State University Press, 1992. – P. 89-124.

6. Fournier, Pierre; Latrache, Rim. Arabic Loanwords in English: a Lexicographical Approach // Lexis. Journal in English Lexicology. – 2020. – Vol. 15. – P. 1-18.
7. VOA Learning English. English Words Borrowed From Arabic. – 2018. – URL: https://learningenglish.voanews.com/a/english-words-borrowed-from-arabic/4256013.html
8. Адзиева, Э.С. Сравнительный анализ арабизмов научного дискурса британского и американского вариантов английского языка // Мир науки. Социология, филология, культурология. – 2023. – Т. 14. – №4. – С. 15-28.
9. Fournier, Pierre. Testing three theoretical frameworks to account for the stressing of Arabic loanwords in British and American English // Lexis. Journal in English Lexicology. – 2025. – Vol. 25. – P. 1-18.
10. Адзиева, Э.С. Специфика употребления арабских заимствований (в рамках англоязычного научного дискурса) // Международный научно-исследовательский журнал. – 2023. – № 2 (128). – С. 42-49.

ТАҲЛИЛИ ЛЕКСИКИИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур таҳлили лексикии иқтибосоти арабӣ дар забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз рӯйкарди лексикографӣ ва таҳлили маъношиносӣ, ба омӯзиши роҳҳои таърихии воридот, ҳавзаҳои маъноӣ ва равандҳои ҳамгунсозии вомвожаҳои арабӣ дар забони англисӣ мепардозад. Дар мақола гурӯҳҳои асосии маъноии вомвожаҳои арабӣ – истилоҳоти илмӣ ва риёзӣ, истилоҳоти динӣ ва иҷтимоӣ, номҳои маҳсулот ва гиёҳҳо, истилоҳоти тиҷорӣ ва ҳарбӣ – тасниф ва таҳлил шудаанд. Инчунин, равандҳои ҳамгунсозии ин вомвожаҳо дар сатҳҳои овозӣ, хаттӣ, дастурӣ ва маъноӣ баррасӣ гардида, тафовутҳои истифодаи онҳо дар варианти британиёӣ ва амрикоии забони англисӣ муайян карда шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки вомвожаҳои арабӣ дар забони англисӣ ба ҳавзаҳои гуногуни маъноӣ тааллуқ дошта, дар раванди воридот тағйироти муназзами овозӣ, хаттӣ ва маъноиро аз сар гузаронидаанд.

Калидвожаҳо: вомвожаҳои арабӣ, забони англисӣ, таҳлили лексикӣ, ҳамгунсозӣ, ҳавзаҳои маъноӣ, истилоҳоти илмӣ, варианти британиёӣ, варианти амрикоӣ.

АРАБСКИЕ ЗАИМСТВОВАНИЯ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ: АНАЛИЗ И КЛАССИФИКАЦИЯ

В данной статье анализируются арабские заимствования в английском языке. Заимствование рассматривается как важный процесс в развитии языка и расширении словарного состава, исследуются пути проникновения арабских заимствований в английский язык посредством исторических, торговых и культурных факторов. Автор определяет различные смысловые области арабских заимствований в английском языке и рассматривает процесс их ассимиляции на фонетическом, письменном, грамматическом и смысловом уровнях. Анализ показывает, что арабские заимствования в английском языке относятся к различным сферам науки, торговли, политики, культуры и повседневной жизни и претерпели различные изменения в процессе проникновения. Научные и математические термины, такие как algebra, algorithm, zero, политические и социальные термины, такие как caliph, sultan, assassin, торговые термины, такие как tariff, carat, и названия продуктов, такие как coffee, sugar, cotton, являются одними из наиболее важных арабских заимствований в английском языке.

Ключевые слова: арабские заимствования, английский язык, ассимиляция, пути проникновения, научная терминология, культурные связи.

ARABIC LOANWORDS IN ENGLISH: ANALYSIS AND CLASSIFICATION

This article analyzes Arabic loanwords in the English language. Borrowing is considered as an important process in language development and vocabulary expansion, and the ways of Arabic loanwords penetration into English through historical, trade and cultural factors are investigated. The author identifies various semantic areas of Arabic loanwords in English and examines the process of their assimilation at the phonetic, written, grammatical and semantic levels. The analysis shows that Arabic loanwords in English belong to various spheres of science, trade, politics, culture and everyday life, and have undergone various changes in the process of penetration. Scientific and mathematical terms such as algebra, algorithm, zero, political and social terms such as caliph, sultan, assassin, trade terms such as tariff, carat, and product names such as coffee, sugar, cotton are among the most important Arabic loanwords in English.

Keywords: Arabic loanwords, English language, assimilation, penetration routes, scientific terminology, cultural relations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Боқизода Фарзона Иброҳим*** – магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992)002222586.**

Сведения об авторе: ***Бокизода Фарзона Иброхим*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета языков Азии и Европы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)002222586.**

Information about the author: ***Boqizoda Farzona Ibrohim*** – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Asian and European Languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992)002222586.**

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ТИПЫ МОДЕЛИРУЕМОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ: СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ

Абдуллоев А.М.
Таджикский национальный университет

Проблема структурной организации фразеологического фонда является одной из ключевых в современной лингвистике. Если традиционная наука рассматривала фразеологическую единицу (ФЕ) как неделимый «лингвистический атом», то современные исследования доказывают, что большинство ФЕ строятся по определенным грамматическим и семантическим моделям. Особенно ярко это проявляется в сопоставительном плане, когда сталкиваются две различные языковые системы: русский язык с его развитой системой падежного склонения и таджикский язык, тяготеющий к аналитизму.

Целью данной статьи является классификация основных структурно-семантических моделей ФЕ в двух языках и анализ механизмов их трансформации (моделируемости) в живой речи. Актуальность исследования обусловлена необходимостью понять, как именно носители языка «конструируют» новые смыслы, опираясь на старые языковые формы.

Под структурно-семантической моделью в данной работе понимается инвариантная схема построения фразеологизма, обладающая определенным грамматическим каркасом и типовым лексическим наполнением. В русском и таджикском языках эти каркасы существенно различаются.

В русском языке ядро наиболее частотных моделей составляют глагольно-именные конструкции, строящиеся по схеме «Глагол + (Предлог) + Существительное в косвенном падеже». Примерами могут служить модели типа «V + Acc» (брать быка за рога) или «V + Prep + N» (сесть в калошу). Жесткость этой структуры обеспечивается падежным управлением, где изменение падежа зачастую разрушает идиому. Моделируемость в такой системе проявляется преимущественно в возможности замены лексического компонента при сохранении общего грамматического каркаса.

В таджикском языке доминирующей моделью выступает аналитическая конструкция «Имя (Существительное/Прилагательное) + Вспомогательный глагол». Данная модель (ибораҳои феълӣ) отличается высокой степенью регулярности. Специфика таджикского аналитизма обуславливает существование моделей с глаголами-закрепителями типа кардан (делать), додан (давать), шудан (становиться), задан (бить). Эти глаголы образуют обширные фразеосемантические поля. Так, модель с глаголом хӯрдан (есть/принимать на себя) формирует целый ряд значений физического и эмоционального воздействия: ғам хӯрдан (горевать), фиреб хӯрдан (быть обманутым), захм хӯрдан (быть раненым).

Анализ фактического материала позволяет выделить несколько универсальных и специфических механизмов трансформации моделей, среди которых ведущую роль играют лексическое варьирование, квантитативные изменения и структурные трансформации.

Лексическое варьирование (субституция) предполагает замену одного из компонентов ФЕ синонимом или контекстуально обусловленным словом без разрушения общей модели. В русском языке субституция часто носит характер языковой игры или уточнения. Например, во фразеологизме «сматывать удочки» (уходить) компонент «удочки» может заменяться на «лыжи», «снасти» или даже абстрактные понятия в зависимости от контекста («инвесторы сматывают активы»). При этом модель «Глагол + Существительное (Вин. п.)» остается неизменной, меняется лишь прагматика высказывания. В таджикском языке варьирование часто затрагивает именной компонент в аналитических глаголах. Например, в модели «... кардан» (делать ...) существительное может варьироваться для создания видовых пар. Сравним: гӯш кардан (слушать) – гӯш андохтан (прислушиваться, букв. бросать ухо). Здесь

моделируемость проявляется в синонимии глагольных компонентов (андохтан вместо кардан), что является специфической чертой таджикской фразеологии.

Другим продуктивным способом адаптации идиомы к контексту является квантитативное варьирование, которое может проявляться как в расширении, так и в редукции состава ФЕ. Процесс расширения (экспликации) чрезвычайно активен в таджикском языке благодаря изафетной цепи (изофат). Существительное внутри ФЕ может обрастать определениями, не разрывая структурной связи с глаголом. Показательным примером служит ФЕ «Роҳи сафед» (Счастливого пути / Белый путь), которая в публичном дискурсе расширяется до сложных конструкций: «Ба соҳибкории ҷавон роҳи сафеди рақамӣ дода шуд» (Молодому предпринимательству был дан цифровой белый путь). Определение «рақамӣ» (цифровой) органично встраивается в идиому через изафет, модернизируя её значение. В русском языке расширение чаще происходит за счет добавления прилагательных или местоимений, конкретизирующих образ, как в случае трансформации «крокодиловых слез» в «крокодиловые политические слезы». Обратный процесс – редукция (эллипсис) – характерен для заголовков СМИ в обоих языках, когда автор опускает часть модели (например, «После нас...» вместо «После нас – хоть потоп»), рассчитывая на фоновые знания читателя.

Наиболее глубокое типологическое различие наблюдается в области структурно-грамматической трансформации, в частности, в возможности дистантного расположения компонентов. В таджикском языке компоненты ФЕ могут дистанцироваться друг от друга значительно сильнее, чем в русском. Это обусловлено фиксированным положением сказуемого в конце предложения. Например, в предложении «Ин корро вай ба анҷом бо муваффақият расонд» (Он это дело до конца с успехом довел) компоненты устойчивого сочетания «ба анҷом расондан» (довести до конца) разорваны обстоятельством «бо муваффақият». Для таджикского синтаксиса такая «рамочная» конструкция является нормой, подтверждающей гибкость глагольной модели. В русском языке подобный разрыв компонентов воспринимается как сильный стилистический прием или инверсия. Свободный порядок слов позволяет выносить зависимое слово вперед («Голову он, конечно, сломя несся»), но это придает речи оттенок разговорности или архаичности.

Высшей степенью моделируемости можно считать контаминацию, или скрещивание моделей, что характерно для современного ироничного дискурса. В русском языке контаминация часто строится на наложении двух моделей с общим компонентом, как в примере: «Работа не волк, в лес не убежит» + «Алитет уходит в горы» (название романа) -> «Работа не Алитет, в горы не уйдет» . В таджикском языке контаминация чаще происходит на уровне смешения высокого книжного стиля и современной терминологии, создавая эффект «патетической инновации».

Проведенный анализ структурно-семантических типов моделируемости позволяет сделать ряд важных выводов о природе фразеологической системы двух языков.

Во-первых, очевидно различие в природе связей: в русском языке устойчивость модели обеспечивается падежным управлением, а моделируемость реализуется внутри этой рамки через замену лексем. В таджикском языке устойчивость обеспечивается глагольно-именной связкой, допускающей широкое распространение через изафет и дистантное расположение компонентов.

Во-вторых, ключевую роль играет фактор продуктивности глагола. Для таджикского языка характерна высокая продуктивность моделей с вспомогательными глаголами, что делает фразеологическую систему «открытой»: новый заимствованный термин может мгновенно стать частью фразеологизма. В русском языке глагольные ФЕ более консервативны.

В-третьих, различается функциональная направленность трансформаций: русские модели чаще используются для создания комического эффекта или языковой игры (деструкция), тогда как таджикские модели трансформируются для адаптации классических

образов к новым реалиям и детализации понятий. Таким образом, моделируемость ФЕ подтверждает, что фразеологический фонд представляет собой динамичную систему, где грамматический строй языка диктует правила создания новых смыслов.

ЛИТЕРАТУРА

1. Азимова М. Н. Очерки по фразеологии современного таджикского языка. – Душанбе, 2006.
2. Виноградов В. В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке // Избранные труды. Лексикология и лексикография. – М.: Наука, 1977.
3. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка. – Душанбе: Деваштич, 2006.
4. Мокиенко В. М. Фразеология в сопоставительном аспекте. – М.: Наука, 2020.
5. Телия В. Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты. – М., 1996.
6. Шанский Н. М. Фразеология современного русского языка. – М.: Ленанд, 2022.
7. Эшонҷонов А. Воҳидҳои фразеологӣ дар осори классикон. – Хуҷанд, 2023.

НАМУДҲОИ СОХТОРӢ-СЕМАНТИКИИ МОДЕЛСОЗИИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ

Мақола ба пажӯҳиши механизмҳои сохторӣ-семантикии моделсозии воҳидҳои фразеологӣ (ВФ) дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ фарққҳои типологӣ дар тарзҳои ташаккул ва табдилёбии (трансформатсияи) ибораҳои устувор муайян карда мешаванд. Исбот шудааст, ки дар забони русӣ (сохти флективӣ) ивазкунии лексикӣ (субститутсия) дар доираи қолабҳои қатъии пешояндӣ-падежӣ бартарӣ дорад, дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ (сохти таҳлилӣ) сохторҳои феълии пурмаҳсул бо ҷузъҳои ёридиҳанда (кардан, шудан, додан) нақши калидиро мебозанд. Равандҳои васеъшавии ҳайати ҷузъҳо, ҷойгиршавии фосилавии (дистантӣ) унсурҳо ва контаминатсия ҳамчун зуҳуроти моделсозии зинда дар дискурси муосир баррасӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: модели фразеологӣ, табдилёбии сохторӣ, фразеологизмҳои феълӣ, аналитизм, ивазкунии лексикӣ (субститутсия), забони русӣ, забони тоҷикӣ, типологияи муқоисавӣ.

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ТИПЫ МОДЕЛИРУЕМОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ: СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ

Статья посвящена исследованию структурно-семантических механизмов моделирования фразеологических единиц (ФЕ) в русском и таджикском языках. На основе сопоставительного анализа выявляются типологические различия в способах образования и трансформации устойчивых сочетаний. Доказано, что в русском языке (флективный строй) преобладает лексическая субституция в рамках жестких предложно-падежных моделей, тогда как в таджикском языке (аналитический строй) ведущую роль играют продуктивные глагольные конструкции с компонентами-связками (кардан, шудан, додан). Рассматриваются процессы расширения компонентного состава, дистантного расположения элементов и контаминации как проявления живой моделируемости в современном дискурсе.

Ключевые слова: фразеологическая модель, структурная трансформация, глагольные фразеологизмы, аналитизм, лексическая субституция, русский язык, таджикский язык, сопоставительная типология.

STRUCTURAL-SEMANTIC TYPES OF PHRASEOLOGISM MODELABILITY IN RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES: A COMPARATIVE ANALYSIS

Abstract The article is devoted to the study of structural-semantic mechanisms of phraseological units (PUs) modeling in Russian and Tajik languages. Based on a comparative analysis, typological differences in the methods of formation and transformation of stable combinations are revealed. It is proved that in the Russian language (inflectional structure), lexical substitution prevails within rigid prepositional-case models, while in the Tajik language (analytical structure), the leading role is played by productive verb constructions with linking components (kardan, shudan, dodan). The processes of expansion of the component composition, distant arrangement of elements, and contamination are considered as manifestations of live modelability in modern discourse.

Keywords: phraseological model, structural transformation, verbal phraseologisms, analytism, lexical substitution, Russian language, Tajik language, comparative typology.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоев Акбар Махмадсобирович*** *– магистри соли 2-юми факултети филологияи рус*, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

Сведения об авторе*: Абдуллоев Акбар Махмадсобирович* – студент 2-го курса магистратуры факультета русской филологии Таджикского национального университета, адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: ***Abdulloev Akbar Makhmadsobirovich*** – 2nd year master's student at the Faculty of Russian Philology, Tajik National University, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.

ИФОДАИ ТАРЗИ МАФЪУЛИИ ФЕЪЛ ДАР ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ОСОРИ Ф. НИЁЗӢ)

Гулов К.
Донишгохи миллии Тоҷикистон

Тарзи мафъулӣ яке аз категорияҳои хеле муҳимми грамматикии феъли забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Тарзи мафъулии феъл нишон медиҳад, ки амал бо субъект дар натиҷаи ягон амале, ки бо он вобаста аст, иҷро мегардад [3, 102]. Тарзи мафъулии феъл бо он хусусияти худ фарқ мекунад, ки иҷрокунандаи амал ба мавқеи дуюм мегузарад. Агар дар тарзи фоилӣ субъект дар мавқеи аввал истода, маънои грамматикии худро ҳамчун мубтадо нигоҳ дорад, дар тарзи мафъулӣ он мавқеи худро бо пуркунанда иваз намуда, ҳамчун мубтадои мантиқӣ баромад мекунад. Яъне дар тарзи мафъулии феъл ду мубтадо, яке мубтадои грамматикӣ дар шакли зуҳурёфта ва дигаре мубтадои мантиқӣ (иҷрокунандаи амалу ҳолат) дар шакли ғайривоқеӣ баромад мекунанд. Ифодаи тарзи мафъулӣ дар ибораҳои фразеологии феълӣ хусусиятҳои махсуси худро дорад, ки ба муносибати миёни субъект ва амали иҷрошаванда алоқаманд аст.

Дар забони тоҷикӣ якчанд роҳи ифодаи тарзи мафъулии феъл нишон дода шудааст. Ибораҳои фразеологии феълӣ, аслан, хабар ё ифодакунандаи амалу ҳаракати субъект шуда меоянд. Дар ифодаи тарзи мафъулӣ дар ибораҳои фразеологии феълӣ мақоми на фақат воситаҳои ёрирасон - ба монанди пешояндҳои таркибӣ ва феълҳои ёридиҳанда бузарг аст, балки дигар воситаҳои ифодаро низ дар сохтори онҳо мушоҳида намудан имкон дорад.

Дар ифодаи тарзи мафъулӣ дар фразеологизмҳои феълӣ, пеш аз ҳама, саҳми пасвандҳо ва феълҳои ёридиҳанда хеле калон аст, зеро онҳо дар охири ибораҳои фразеологии феълӣ омада, ба маънои замонии онҳо тобишҳои муайяни маънои грамматикиро илова мекунанд: Масалан, бо феълҳои ёридиҳандаи духт ва кард: чашм духтан «нигоҳ кардан», чизеро таги по кардан «чизеро беқадр намудан, беэҳтиромӣ кардан», киссаи касеро бо чормағзи пуч пур кардан «касеро бо ваъдаҳои калон ноумед гардонидан»:

Осмухин аз ҷойи дидбонӣ дурбинро ба чашмаш бурда, боз ба майдони ҷанг, дур аз майдон то худи хатти оташфишонӣ чашм духт (Вафо, 169). Чашмонаш хеле вақт ба ким-кучо духта шуданд (Вафо, 269). … аз даҳшати ҷанг ба ваҳму ҳарос афтод, ору номусро таги по кард ва ҷонаш ширинӣ карду аз по лағжид (Сарбозони бесилоҳ, 49). … дар ин ҷо бошад военкомат киссаи онҳоро бо чормағзи пуч пур кардааст, ки ҳама чизу чораи гармро дар ҷойи кор таъмин хоҳад кард (Сарбозони бесилоҳ, 93).

Дар мисоли аввал ибораи фразеологии феълӣ дар тарзи фоилӣ омада, он ҳамчун хабари ҷумла ба кор рафтааст, аммо ин ҳодиса дар мисоли дуюми тарзи фоилӣ мушоҳида намешавад. Дар ин ҷо ҷузъи номии ибораи фразеологии феълӣ ба худ бандакҷонишин қабул намуда, аз ҷузъи феълӣ дур шудааст. Аз мисоли дуюм аён аст, ки дар сохти ибораи фразеологии феълӣ тағйирот ба амал омада, вай ҳамчун ҷумлаи фразеологӣ баромад мекунад. Фразеологизмҳои феълии чашм духтан ва чизеро таги по кардан дар мисолҳои боло дар шакли тарзи мафъулӣ ба кор бурда шудаанд.

Роҳи дигари ифодаи тарзи мафъулии ибораҳои фразеологии феълӣ ба воситаи шаклҳои гуногуни сиғаи хабарӣ сурат мегирад. Дар ин маврид онҳо бо ёрии пешвандҳо ва бандакҳои феълӣ сохта мешаванд. Чунончи:

Аммо рӯйҳои пажмурда дигар ба тарафи ӯ наменигаранд ва чашмони пуробшуда ба ӯ намеафтоданд (Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 36). Шасти ӯ шикаста буд, вай дар як ҳолати тараҳҳумангез – бо сари хам истода аз замин чашм намеканд (Вафо, 264).

Ҷиҳати характерноки ифодаи тарзи мафъулӣ дар ибораҳои фразеологии феълӣ дар он аст, ки онҳо шаклан ва аз рӯйи маънои грамматикии худ дигар шуда метавонанд,

аммо маънои луғавии онҳо, дар умум, халалдор намешавад. Инро мо мавриди муқоиса кардани ибораҳои фразеологии феълӣ бо муродифоти луғавии онҳо аниқ карда метавонем. Масалан, чашм афтодан, ки ба маънои «нигоҳ кардан» маъмул аст. Аммо дар гурӯҳи дигари ибораҳо баръакси ин ҳолат мушоҳида мешавад. Масалан, камари ғайратро маҳкам бастан «ҷиддӣ ба ғайрат омадан, аз сари ғайрат ба амале даст задан», аз дами оташи қаҳри касе худро канортар гирифтан «аз назди қаҳру ғазаби касе дур шудан», ришгаи фикру хаёли касеро кандан «касеро аз фикру хаёл берун овардан, монаи андешаи касе шудан».

– Акнун камари ғайратро маҳкам баста, аз пайи иҷрои ин супориши масъулиятнок ва муҳимми ҷангӣ шудан вазифаи муқаддаси ману шумо ва ҳамаи коммунистони шаҳру вилояти мо мебошад… (Сарбозони бесилоҳ, 10). Дар он сурат ҳама кӯшиш мекарданд худро ҳар чи зудтар аз дами оташи қаҳри ӯ канортар гиранд ва ё беҳтараш гурезанд (Сарбозони бесилоҳ, 24). Ришгаи фикру хаёли акои Одил канда шуд ва якбора аз пинак бедор шудаги барин ба хуш омада, ба пеш нигох кард (Вафо, 16).

а) Ифодаи шакли мондаи тарзи мафъулӣ дар фразеологизмҳои феълӣ. Дар китобҳои грамматикаҳои академӣ танҳо тарзи мафъулии бевосита ва бавосита қайд карда шудааст [3, 233]. Ба назари мо, тарзи мафъулии ибораҳои фразеологии феълиро ба шаклҳои монда ва гузаранда низ тасниф кардан мумкин аст, чунки чунин гурӯҳи фразеологизмҳое низ вомехӯранд, ки дар онҳо на танҳо маънои грамматикии бевосита, балки семантикаи амали монда буданро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Ин ҳодиса дар ифодаи тарзи мафъулии ҷумлаҳои озоди забони тоҷикӣ дучор намешавад. Шакли мондаи тарзи мафъулии воҳидҳои фразеологии феълӣ ба он далолат мекунад, ки иҷрои амал дар натиҷаи фаъолияти пассиви субъект сурат мегирад. Масалан, ифодаҳои рехтаи ба асфалассофилин фиристодан (тарзи фоилии ибораҳои фразеологии феълӣ, феъли гузаранда (бавосита) ва ба асфалассофилин рафт (тарзи мафъулии бевосита), миси чизеро бароварда (фоили бавосита), миси чизе баромад (тарзи мафъулӣ). Фарқи асосие, ки дар ин ҳолат ба назар мерасад, тафовути ҷузъҳои феълии фразеологизмҳои мазкур аст. Агар дар тарзи фоилии ибораҳои фразеологии феълӣ иҷрокунандаи амал маълум бошад, дар тарзи мафъулии фразеологизмҳо он номуайян аст. Ба таври дигар, тағйироти куллие дар сохтори онҳо ба амал меояд, ин аст, ки онҳо дар худ ҷумлаҳои фразеологиро таҷассум мекунанд. Дар ин хусус забоншиноси зиндаёди ришгаи фразеология Ҳ. Маҷидов чунин менависад: «Хусусиятҳои ҷумлаҳои фразеологӣ дар матн дар алоқамандии онҳо бо ҷумлаҳои дигар зоҳир мегардад. Ҳамин ки ин гуна воҳидҳои фразеологӣ дар матни муайян дар алоқамандӣ бо ҷумлаҳои дигар ба кор бурда мешаванд, структураи як андоза мураккаби онҳо гӯё аз нав барқарор мешавад» [5, 19].

Дар ифодаи тарзи мафъулии ибораҳои фразеологии феълӣ субъекти асосӣ мавқеи пассивро ишғол менамояд ва ҳамчун мубтадо зоҳир намегардад. Чунончӣ, ба асфаласофилин рафтан «мурдан, вафот кардан», дил сӯхтан «ғамхорӣ намудан», димоғи касе сӯхтан «касе хафаву малол гардидан», дуди касе баромадан «табъи касе хира шудан», ва ғайра:

Дастонатро аз остинат барор, вагарна ба асфалуссафилин меравӣ, - овози даҳшатноке баромад (Вафо, 60). Хуш, акнун миси гап баромаду бо ҳамин бас кунам-мӣ? (Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 305). Аз барои ҳамин дилам ба шумо месӯзад, - ба алангаи Шокирҷон бод зад Умрихола (Вафо, 45). Давлат аз ин вазъият хаёлпарешон гашта, димоғаш бештар месӯхт (Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 234). Давлат дар заминкан, дар рӯшноии чароғи дастии электрикӣ мактубро хонда димоғаш сӯхт (Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 142). Дар пеши чашмам сесад ман барин орду гандум сӯхта хокистар шуд, ки дудҳоям баромад (Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 400).

Чунин мисолҳо дар асарҳои Ф. Ниёзӣ хеле зиёд буда, барои таъсирбахш ва пуробуранг баромадани тасвири ин ё он образ ва лаҳзаҳои алоҳида истифода шудаанд,

ки ин ҳолат аз муносибати ибораҳои фразеологии феълӣ бо ифодаи маънои умумии грамматикии онҳо (на шаклҳои грамматикӣ) дарак медиҳад.

Шакли мондаи тарзи мафъулӣ дар ибораҳои фразеологии феълӣ, пеш аз ҳама, ба воситаи пасвандҳои сифати феълсоз ва феъли ёридиҳанда ифода мегардад. Онҳо, асосан, аз феълҳои гузаранда дар шакли сифати феълӣ ва феъли ёридиҳандаи шудан дар замони гузаштаи наздики сиғаи хабарӣ сохта мешаванд: чашм дӯхтан - чашмҳо (чашмон) дӯхта шудан ва монанди инҳо:

Ҳамаи чашмҳо ба он тарафе, ки полковник ишорат карда буд, дӯхта шуданд (Вафо, 408). Чашмони Давлат дурахшиданд ва ба модар дӯхта шуданд, ки ӯ менигарист (Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 69). Чашмони мардум ба ҷониби вай дӯхта шуданд (Вафо, 45). Рӯи вай намуди қатъи гирифт ва чашмонаш ба Павел дӯхта шуданд (Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 212).

б) Шакли гузарандаи тарзи мафъулӣ дар ибораҳои фразеологии феълӣ. Шакли гузарандаи тарзи мафъулии ибораҳои фразеологии феълӣ аз асосҳои замони гузашта бо иловаи феълҳои ёридиҳанда сохта мешавад. Дар ифодаи тарзи мафъулии ибораҳои фразеологӣ феълӣ ва ҷумлаҳои фразеологӣ ҷузъҳои онҳо бештар ба маънои маҷозӣ меоянд. Инчунин, феълҳое вомехӯранд, ки дар асл тобиши грамматикии ҳаракат дошта бошанд ҳам, вале дар дохили ибораҳои фразеологии феълӣ вобаста ба маънои умумӣ маънои грамматикии ҳолатро ифода мекунанд. Ин хусусият сабаби асосии тағйироти маъноӣ дар маънои асосӣ ва маънои грамматикии унсурҳои дохилии ибораҳои рехта мегардад.

Гурӯҳи дигари фразеологизмҳои феълии шакли гузарандаро ибораҳое ташкил медиҳанд, ки ҷузъи феълиашон тобиши грамматикии мондаро дорад. Воситаи асосии ифодаи тарз дар ибораҳои фразеологии мазкур бандакҷонишинҳо ва шаклҳои феълианд. Масалан, ибораҳои фразеологии феълии чашм духтан, назар духтан, агар дар шакли чашмаш афтод, назарат афтод оянд, он гоҳ онҳо дар тарзи мафъулӣ зоҳир шуда, аз тарзи фоилии худ фарқи куллӣ доранд. Дар шакли чашмаш афтод ҷузъи феълии фразеологизм афтодан тобиши грамматикии мондаро дорад. Дар матн маънои пурраи предикати онро ифода намуда, ҷузъи номӣ ҳамчун мубтадои грамматикӣ ва бандакҷонишин ифодакунандаи субъект ё иҷрокунандаи амал аст.

в) Тарзи мафъулии бевосита ва бавосита дар фразеологизмҳои феълӣ. Тарзи мафъулии бевоситаи фразеологизмҳои феълӣ ба он далолат мекунад, ки амали субъект бевосита иҷро карда шудааст, ё дар оянда ба вуқуъ мепайвандад. Он аз тарзи фоилии ибораҳои фразеологии феълӣ бо он фарқ мекунанд, ки иҷрокунандаи амал дар шакли пассив баромад мекунад: чашм духт (доимии бевосита), чашми касе духта шуд (мафъулии бевосита), аз назар гузаронд (фоилии бевосита), чашми касе афтод (мафъулии бевосита) ва мисли инҳо.

Дар асарҳои нависанда Фотеҳ Ниёзӣ аксарияти мисолҳои ҷамъовардашуда дар шакли мафъулии бевосита омадаанд. Ҳаммаи онҳо на танҳо бо иштироки иҷрокунандаи амал, балки аз рӯйи сохтор ва воситаи ифода низ фарқ мекунанд. Тарзи мафъулии бевоситаи фразеологизмҳои феълӣ аз феълҳои монда ва гузаранда сохта мешаванд, ки бештар маънои маҷозӣ мегиранд. Онҳо, асосан, бо ёрии феълҳои ёридиҳанда, шаклҳои феълии сиғаи хабарӣ, зикр нагардидани фоил (иҷрокунандаи амал) ва дигар воситаҳо ифода мешаванд. Яке аз воситаҳои асосии ифодаи тарзи мафъулии бевосита дар ибораҳои фразеологии феълӣ, пеш аз ҳама, феълҳои ёридиҳанда ва шаклҳои гуногуни феълии сиғаи хабарӣ мебошанд. Чунончи, чашми касе пухта шудан «касе дар коре маҳорат доштан», суҳбат бурида шудан «қатъ гардидани суҳбат», қаҳру ғазаби касе паст шудан «аз қаҳру ғазаб фаромадани касе»:

Ҳамин тавр рӯзхо, моҳҳо ва солҳо мегузашту чашми раиси ҷавон ба кор пухта мешуд (Вафо, 7). Чашмони аскарон ба шахси мусаллаҳе афтод ва суҳбат бурида шуд (Вафо, 260). … маломатомез гап заданхои вай акои Олимро ба кучаи фикру андешаҳои

дигар даровард ва мисли он ки ба руи оташ об пошида бошад, оташини ва кахру газаби раис якбора паст шуд (Вафо, 220).

Роҳи дигари ифодаи тарзи мафъулии бевосита ифодаи мантиқии он мебошад. Бояд қайд намуд, ки ибораҳои фразеологии мазкур дар шакли тасрифӣ омада, тарзи фоилии онҳо тобиши маънои бавоситаро ифода мекунад. Масалан:

Давлат дар заминкан дар рӯшноии чароғи дастии электрикӣ мактубро хонда, димоғаш боз зиёдтар сухт (Ҳар беша гумон мабар, ки холист, 162). Боз пеш рафтан гирифт, чашми духтар ҳам ба вай афтод ва яку якбора маҳзунтар шуд (Вафо, 180). … Одилов хам аз рӯзе, ки дар бюрои райком гапамон гурехта буд, ба таъсири хамин хусумат афтодагӣ (Вафо, 212).

Ҳамин тавр, ифодаи тарзу шаклҳои гуногуни категорияҳои грамматикии феъл дар воҳидҳои фразеологии феълӣ ба феълҳои озод монандӣ дорад. Албатта, ҳангоме ки фразеологизмҳои феълӣ дар дохили ҷумла ба вазифаи хабари он меоянд, онҳо бештари хусусиятҳои феълҳои одиро ба худ касб мекунанд. Аз ин рӯ, онҳоро дар тарзи фоиливу мафъулӣ тасниф намудан ба мақсад мувофиқ аст. Тарзи мафъулии феъл дар ду шакл – монда ва гузаранда зоҳир шуда, намуди бевосита ва бавосита дар он ба ифодаи феълҳои мустақил ва ёрирасони онҳо иртибот дорад.

АДАБИЁТ

1. Виноградов В.В. Основные понятия русской фразеологии как лингвистический дисциплины //Труды юбилейной научной сессии ЛГУ. – Ленинград, 1946.
2. Дӯстов Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик. – Душанбе, 2014. – 186 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Қисми 1. – Душанбе, 1973.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷ. 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007.
5. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1982. – 104 с.
6. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка. – Душанбе, 2006. – 409 с.
7. Мирзоева М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
8. Ниёзӣ Ф. Вафо. – Душанбе: Адиб, 2015. – 320 с.
9. Ниёзӣ Ф. Сарбозони бесилоҳ. – Душанбе, 1989. – 415 с.
10. Ниёзӣ Ф. Ҳар беша гумон мабар, ки холист. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 523 с.
11. Ҳасанов М.М. Тадқиқи сохториву талаффузии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ. Автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология. – Душанбе, 2022. – 29 с.
12. Ҷӯраева С.Б. Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII . – Хуҷанд, 2022. – 328 с.

ИФОДАИ ТАРЗИ МАФЪУЛИИ ФЕЪЛ ДАР ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ОСОРИ Ф. НИЁЗӢ)

Тарзи мафъулии феъл дар ибораҳои фразеологии феълӣ ба монанди феълҳои озод тарзи маъмули зоҳиршавӣ дорад. Агар дар тарзи фоилӣ субъект дар мавқеи аввал истода, маънои грамматикии худро ҳамчун мубтадо нигоҳ дорад, дар тарзи мафъулӣ он мавқеи худро бо пуркунанда иваз намуда, ҳамчун мубтадои мантиқӣ баромад мекунад. Маълум гардид, ки дар асарҳои Фотеҳ Ниёзӣ тарзи мафъулии феъл дар ду шакл – монда ва гузаранда зоҳир шуда, намуди бевосита ва бавосита дар он ба ифодаи феълҳои мустақил ва ёрирасони онҳо иртибот дорад.

Калидвожаҳо: Фотеҳ Ниёзӣ, Вафо, ибораи фразеологии феълӣ, тарзи мафъулӣ, шакли монда, шакли гузаранда, феълҳои озод, маънои фразеологӣ.

ВЫРАЖЕНИЕ СТРАДАТЕЛЬНОГО ЗАЛОГА ГЛАГОЛА ВО ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ГЛАГОЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЯХ (НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛОВ ПРОИЗВЕДЕНИЙ Ф. НИЁЗИ)

Страдательный залог глагола во фразеологических глагольных оборотах, подобно свободным глаголам, имеет обычную форму выражения. Если в действительном залоге субъект занимает начальную позицию и сохраняет своё грамматическое значение подлежащего, то в страдательном залоге он меняет свою позицию с дополнением и выступает как логическое подлежащее. Выяснилось, что в произведениях Фатеха Ниёзи страдательный залог глагола проявляется в двух формах — непереходной и переходной, а его прямой и косвенный виды связаны с выражением самостоятельных глаголов и их вспомогательных форм.

Ключевые слова: Фатех Ниёзи, Вафо, глагольный фразеологический словосочетания, страдательный залог, непереходная форма, переходная форма, свободные глаголы, фразеологическое значение.

THE EXPRESSION OF THE PASSIVE VOICE OF THE VERB IN VERBAL PHRASEOLOGICAL WORD COMBINATIONS (BASED ON THE MATERIALS OF F. NIYOZI'S WORKS)

The passive voice of the verb in verbal phraseological expressions, like free verbs, has its regular form of expression. If in the active voice the subject occupies the initial position and retains its grammatical function as the subject, then in the passive voice it exchanges its position with the object and functions as a logical subject. It has been revealed that in the works of Fateh Niyozi the passive voice of the verb appears in two forms — intransitive and transitive, and its direct and indirect types are connected with the expression of independent verbs and their auxiliary forms.

Keywords: Fateh Niyozi, *Vafo*, verbal phraseological word combinations, passive voice, intransitive form, transitive form, free verbs, phraseological meaning.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гулов Комрон*** – магистри соли дуюми кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **938645858**

Сведения об авторе: ***Гулов Комрон –*** студент второго курса магистратуры кафедры современного таджикского литературного языка филологического факультета Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон**: 938645858**

Information about the author: ***Gulov Komron*** **–** second-year master's student at the Department of Modern Tajik Literary Language, Faculty of Philology, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **938645858.**

ПОРТРЕТ В ХУДОЖЕСТВЕННОМ ПРОИЗВЕДЕНИИ (НА ПРИМЕРЕ ОБРАЗА ЭЛЕН) Л.Н. ТОЛСТОГО «ВОЙНА И МИР»

Давлятова М.
Таджикский национальный университет

В литературной энциклопедии терминов дается следующее определение портрета в литературе: «описание либо создание впечатления от внешнего облика персонажа, прежде всего лица, фигуры, одежды, манеры держаться».

Роль портрета в художественном произведении, несомненно, очень велика. Внешнее портретное описание, как правило, многое может сказать о внутреннем содержании человека, его характере. Таким образом, анализ внешних портретных зарисовок дополняет наше представление о герое, делает его полным и законченным. Именно поэтому проблема портрета в литературе всегда была актуальной и привлекала внимание исследователей.

Выбор темы моей работы («Женский портрет в романе Л.Н.Толстого «Война и мир») обусловлен двумя главными причинами: во-первых, важность и актуальность самой проблемы (именно то, о чем я говорила выше); во-вторых, личный интерес к творчеству Л.Н.Толстого и желание более глубоко изучить его.

В своей работе мы анализируем внешние портретные зарисовки на лексическом, морфологическом и синтаксическом уровне. Именно такое исследование может помочь сделать важные выводы о стиле писателя, что необходимо как при целостном анализе творчества Толстого, так и в сравнении его с творчеством других писателей. Этим объясняется важность и актуальность моей работы.

Обращаясь к данной теме, я ставлю перед собой цель не только глубже изучить творчество писателя, его стиль, но и попытаться ответить на вопрос, какое место занимает портрет в ряду других способов и приемов создания художественного образа, и какие автор использует языковые приемы во внешних портретных зарисовках для создания того или иного характера.

Достижение этих целей требует постановки и решения определенных задач. Во-первых, это работа с текстом романа, которая предполагает выборку всех внешних портретных зарисовок необходимого персонажа и составление на основе этого материала карточек (по лексике, морфологии и синтаксису) Во-вторых, это изучение литературы по данной теме.

К сожалению, данная проблема глубоко не исследована, редко можно встретить анализ портретных зарисовок в произведениях Толстого на языковом уровне. Тем не менее, полезными для меня оказались книги Б. Галанова, Н. Манаева, М.Б. Храпченко.

В своей книге «Искусство портрета» Галанов исследует историю портрета (портрета в художественном произведении), показывая, каким емким оказывается это понятие, как многообразны возможности и средства портретных характеристик. Важной для меня оказалась глава 5 «Шлифуя зеркало», где автор исследует портреты в произведениях Толстого.

Н.С. Манаев в книге «За гранью невидимого В творческой лаборатории Л.Н.Толстого: от изобразительно источника – к историческому повествованию» показывает читателю, как Толстой, используя изобразительные источники (портреты, гравюры, иллюстрации, живописные полотна, лубочные картинки), создавал свои исторические произведения. Из этой книги мне удалось почерпнуть важные сведения об общих принципах создания портретов в произведениях Толстого.

Для своего исследования я выбрала один женский образ из романа (Элен). Изучив приемы создания портрета этой героини, я смогу получить сведения о приемах создания женского сатирического портрета в творчестве Толстого.

Работа состоит из двух глав. В первую главу «Портрет в художественном произведении» я поместила сведения из истории портрета («Из истории литературного портрета») и сведения об общих особенностях портретных зарисовок в произведениях Толстого («Портрет в творчестве Л.Н.Толстого»). Во второй главе «Женский портрет в романе Л.Н.Толстого «Война и мир» (на примере образа Элен)» я привожу непосредственное исследование внешних портретных зарисовок Элен на лексическом, морфологическом и синтаксическом уровне («Особенности портретных зарисовок Элен»), а также анализ «примет» героини («Подчеркивание «примет») и деталей портрета («Детали портрета»).

С того самого момента, как литература становится самостоятельным видом искусства, авторы начинают проявлять интерес к способам и приемам изображения человека в художественном произведении, в ряду которых портрет занимает, пожалуй, первое место. Однако в процессе развития литературы отношение к портрету менялось.

Историю развития портрета часто называют «завоеванием индивидуальности» (Галанов Б. Искусство портрета, с. 87), и если народная эпическая поэзия еще не выделяла человека из общей массы, наделяя героев одинаковым «набором» черт, то примерно с эпохи Возрождения индивидуальный портрет набирает силу, достигая своего расцвета в творчестве писателей – реалистов. Только в их произведения портрет вбирает всю полноту духовной жизни человека, в нем, как в зеркале, отражается не только внешность героя, но и его внутренний мир, «жест, улыбка, поворот головы… оказывается непосредственным отражением внутреннего, «сигналом» от внешнего к внутреннему» (Галанов Б. Искусство портрета, с. 15). А это и есть главная особенность литературного портрета.

Исследователи выделяют несколько разновидностей портрета: описательный, который преобладает в произведениях литературы, лаконичный и текучий, который получил свое развитие как раз в творчестве Толстого. Весь творческий путь Толстого – это процесс постепенного отказа от статичного (описательного) портрета в пользу портрета динамичного (текучего). Заменяя статичный портрет динамичным, раскрывающимся во времени, Толстой реализует одно из важнейших требований, которое он предъявлял к художественному произведению: «Художник, для того, чтобы действовать на других, должен быть ищущим, чтобы его произведение было исканием. Если он все нашел и все знает и учит, или нарочно потешает, он не действует» (из книги Н.С. Манаева «За гранью невидимого…», с. 121).

Динамичный портрет – одно из важных условий «диалектики души» в произведениях Толстого, ибо он отображает динамичные связи внутреннего мира человека и его внешних проявлений, являясь порождением психологизма, раскрывает сложные изменения внутреннего мира героев.

Суть толстовского принципа портретной динамики состоит главным образом в разновременной подаче портрета персонажа по частям в ходе развития сюжета, то есть в ходе повествования портретная характеристика персонажа, данная, например, в начале произведения, дополняется новыми деталями, которых не было в первом портрете.

Еще одна отличительная черта текучего портрета у Толстого – прием подачи портрета «на людях». Суть приема выражена, в частности, такими словами Толстого: «Нехорошо в беллетристике описывать от лица автора. Нужно описывать, как отражается то или другое на действующих лицах» (из книги Н.С. Манаева «За гранью невидимого…», с. 119). То есть полностью портрет героя (а, следовательно, и его внутренний мир) может раскрыться только в сложном сцеплении со сценическим эпизодом и другим лицом (становится принципиально важным, как герой относится к тому или иному событию и как другие герои относятся к нему).

Нельзя не сказать еще об одной важной особенности толстовских портретов: это прием подчеркивания характерных «примет» действующих лиц, использование портретных деталей, которые бывают либо «рассредоточены» на протяжении повествования, либо постоянно «закреплены» за тем или иным персонажем (например, «чисто промытые складки» шрама Кутузова, лучистые глаза княжны Марьи, белые руки Сперанского в «Войне и мире»). Такие

детали можно считать многофункциональными: они дают представление о наружности персонажа, выражают отношение к этому персонажу автора или других действующих лиц и позволяют «овладеть ключом» к характеру героя, что является высшей задачей портретного искусства Толстого. Помимо этого повторяющаяся деталь, зачастую, выражает у Толстого не только индивидуальную психологическую черту характера, но и типическую, социальную.

Детали у Толстого всегда тщательно отобраны, в чем проявляется стремление Толстого к лаконизму. «Краткость, ясность и простота выражения», провозглашенные в трактате «Что такое искусство?» признаком идеальной «формы искусства вообще», стали творческой установкой для Толстого. Лаконизм деталей связан с усилением их психологической выразительности. Наличие у деталей психологического подтекста позволяет не воспринимать толстовские портреты как эскизные из-за использования малого количества этих самых деталей.

ЛИТЕРАТУРА

1. Толстой Л.Н. Война и мир Тома первый и второй. – М.: Художественная литература, 1983.
2. Толстой Л.Н. Война и мир Тома третий и четвертый – М.: Художественная литература, 1978. 213с.
3. Бочаров С. Роман Толстого «Война и мир» - М.: Художественная литература, 1987.
4. Бычков С.П. Роман «Война и мир» // Л.Н. Толстой: сб. статей: Пособие для учителя / Д.Д. Благой М.: Государственное учебно-педагогическое издательство Министерства просвещения РСФСР, 1955.
5. Галанов Б. Искусство портрета – М.: Советский писатель, 1967. 672с.
6. Гринева «Война и мир» Л.Т. Толстого: заметки о мастерстве и стиле – Тула: Пермское книжное издательство, 1976.
7. Громов П. О стиле Льва Толстого «Диалектика души в «Войне и мире» - Л.: Художественная литература Ленинградское отделение, 1977.
8. Громов П. О стиле Льва Толстого Становление диалектики души – Л.: Художественная литература Ленинградское отделение, 1971.
9. Манаев Н. За гранью невидимого В творческой лаборатории Л.Н. Толстого: от изобразительного источника – к историческому повествованию – Калуга: Издательский дом «Эйдос», 2002. 145с.
10. Никитина Л.Б. Homo sapiens в речевом жанре «портретирование» // Русская словесность. – 2005. - № 1. – с. 75 – 78.

ПОРТРЕТ ДАР АСАРИ БАДЕЙ (БО ИСТИФОДА АЗ МИСОЛИ ТАСВИРИ ЕЛЕНА) АЗ ҶОНИБИ Л. Н. ТОЛСТОЙ "ҶАНГ ВА СУЛҲ"

Дар ин мақола образи Элен дар романи-эпопеяи «Война и мир»-и Лев Николаевич Толстой баррасӣ мешавад. Нақши портрет дар асари бадей, бешубҳа, хеле бузург аст. Тавсифи зоҳирии портретӣ, одатан, метавонад дар бораи мазмуни ботинии инсон ва хислати ӯ бисёр чизҳоро бигӯяд. Ҳамин тавр, таҳлили тасвирҳои зоҳирии портретӣ тасаввури моро дар бораи қаҳрамон пурра намуда, онро комил ва анҷомёфта мегардонад.

Калидвожаҳо: портрет, роман, мотив, баррасӣ, таҳлил, образ, тағйирот, асар.

ПОРТРЕТ В ХУДОЖЕСТВЕННОМ ПРОИЗВЕДЕНИИ (НА ПРИМЕРЕ ОБРАЗА ЭЛЕН) Л.Н. ТОЛСТОГО «ҶАНГ ВА СУЛҲ»

В данной статье рассматривается образ Элен в романе эпопеи «Война и мир» Л.Н. Толстого. Роль портрета в художественном произведении, несомненно, очень велика. Внешнее портретное описание, как правило, многое может сказать о внутреннем содержании человека, его характере. Таким образом, анализ внешних портретных зарисовок дополняет наше представление о герое, делает его полным и законченным.

Ключевые слова: портрет, роман, мотив, рассмотрение, анализ, образ, изменение, произведение.

A PORTRAIT IN A WORK OF FICTION (USING THE EXAMPLE OF THE IMAGE OF HELEN) BY L. N. TOLSTOY "WAR AND PEACE"

This article examines the image of Helen in the novel of the epic "War and Peace" by L.N. Tolstoy. The role of the portrait in the work of art is undoubtedly very great. An external portrait description, as a rule, can say a lot about the internal content of a person, his character. Thus, the analysis of external portrait sketches complements our idea of the hero, makes it complete and complete.

Key words: portrait, novel, motive, consideration, analysis, image, change, work.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатова Мафтуна*** – магистри соли 2-юми факултети филологияи рус, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

Сведения об авторе: Давлятова Мафтуна – магистрант 2-го курса факультета русской филологии Таджикского национального университета, адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Davlyatova Maftuna – 2nd year master's student at the Faculty of Russian Philology, Tajik National University, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.

ФАРҲАНГИ НУТҚИ ОМӮЗГОР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Дилшодзода Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз омӯзгорӣ аз пешаҳои калидӣ ва муҳим дар ҷаҳон, хосатан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, маншаъ ва манбаи тамоми пешрафтҳо, ободии ҳамаи соҳаҳо, бузург гардидани ҳамаи шогирдони кӯчак маҳз ба омӯзгорон ва заҳмату пайкори онҳо вобастааст. Омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зимма гирифта, дар зиндагии пур аз розу ниёз тифли инсониятро тарбият карда, илм меомӯзанд, ки чандон кори осон нест.

Омӯзгор, ба андешаи бузургон, муҳандиси руҳи инсон аст. Тавре ки муҳандис нақша ё созмони ягон кореро ташкил медиҳад ва агар он дархӯр омӯзгор набошаду дар ваҷҳи аҳсан анҷом нашавад, муҳандис ҷавобгари аъмоли худ мебошад. Омӯзгорон низ аз рӯзи аввал ба шогирдон адаб меомӯзонанд ва онҳоро ба ҳаёти солими оянда омода месозанд. Яъне онҳо аз як «маводди хом», муҳандисон, табибон, шоирон, нависандагон ва дигар ашхоси сиёсиро месозанд. Аз сабаби он ки кори инҳо ба фарзанди инсон ва ҳаёти ӯ пайванди ногусастанӣ дорад, онҳо ҳуқуқи маънавии хато кардан надоранд. Чунки агар онҳо дар таълиму тарбия саҳву хатое кунанд, шояд як насли миллат бесаводу бе дониш монад. Тинат ва ниҳоду мағзи насле, ки ба мактаб меравад ба масобаи як коғази сафеду покест, ки омӯзгор аввалин нақшҳои инсонияту донишу хирадро дар он наққошӣ мекунад.

Омӯзгорро оинаи рӯзгори халқ мегӯянд. Оинае, ки ба он нигариста, камбудиву нуқсонҳоро бартараф мекунанд. Яъне омӯзгор ибратомӯзест, ки ҳар калому ҳар нигоҳу ҳар қадамаш саропо ибрати соҳибдилон аст. Тамоми зоҳиру ботин ва хислату рафтори омӯзгор барои шогирдон бояд боиси ибрат бошад, чунки шогирдон ба устоди худ доимо такя карда, худро ҳамчун намуна ва улгу барои худ қарор медиҳанд ва ҳаммаи кирдори омӯзгор барои шогирдон боиси пайравӣ аст. Ба ҳамин сабаб, омӯзгорон ва мактабу маориф ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, Пешвои миллат қарор дорад. Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар ҳар паёму суханронии хеш ҳамеша дар бораи мактабу маориф ва омӯзгору таълим ишораҳо мекунанд ва зикр мекунанд, ки пешрафти тамоми қишрҳои ҷамъият ба омӯзгор ва кору пайкори ӯ вобастааст: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем.

Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем».

Ҳамин таваҷҷуҳи пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пешаи омӯзгорӣ ҳаст, ки ҳамасола маоши омӯзгорон ва дигар соҳаҳои ҷамъият ба маротиб афзун мегардад ва сатҳу сифтаи зиндагии омӯзгор беҳ шуда, ба ин восита, онҳо низ дар таълиму тарбият азхудгузаштагиҳо нишон медиҳанд.

Агар ба таърихи китоб ва омӯзишу таълим дар таърихи фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик назар кунем, чунин айён мегардад, ки мардуми мо аз қадим ба омӯзишу

китоб таваҷҷуҳи хос доштанд ва дар баробари хондану аз бар кардани китобҳо, ҳамчунин, ба китоб эътиқод доштанд ва онро ҳамчун як чизи муқаддас мепарастиданд. Аз ин маълум мешавад, ки таваҷҷуҳ ба китоб ва илмомӯзӣ як ҷузъи таркибӣ ва ваҷҳи ғолиб дар фарҳанги гузашта ва имрӯзаи мо буда ва ҳаст.

Аз ҳамин сабаб, аз устод Рӯдакӣ сар карда то устод Айнӣ ва дигар бузургони имрӯзи мо адиберо мо ба ёд оварда наметавонем, ки дар бораи омӯзишу парвариш ва таълиму тарбият чизе нагуфта бошанд.

Маълум мешавад, аз рӯзе, ки инсон ҳамчун мавҷуди дорои фикр, андеша ва хираду тафаккур вуҷуд дорад, тарбия ва одобу ахлоқ яке аз мавзуҳои асосӣ дар ҳаёти ӯ буданд. Таълиму тарбия барои рушди шахсият ва камолоти ояндаи ӯ нақши бориз дошта, одами бетарбия ва ногоҳ натанҳо ба худ зиён меорад, балки як ҷамъиятеро аз байн мебарад. Аз ин хотир, аксари бузургони мо осори худро ба панду насиҳат дар хусуси ростӣ, дурустӣ, некуӣ, некукорӣ, адлу инсоф, беозорӣ, эҳсон ва мурувват, дӯстию рафоқат, ҳифзи обрӯй ва мавқеи ва ғайра бахшидаанд.

Имрӯзҳо Пешвои миллат ҳамон суннати неки ниёгонамонро, ки таваҷҷуҳ ба китоб буд, идома дода, дар баробари навиштани китобҳои сирф илмӣ, ҳамчунин, афкори педагогӣ ва таълимии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Имоми Аъзамро таҳқиқ карда, китобҳои «Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ», «Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо», «Эмоми аъзам, рӯзор, осор ва афкор» ва «Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Эмоми Аъзам»-ро навишта, мағзи таълимоти онҳоро ба хонандагони тоҷик талқин кардаанд.

Ҳамчунин, маҳфилҳои тахассусиеро, аз қабили «Фурӯғи субҳи доной», «Илм фурӯғи маърифат» ва садҳо озмуни дигари роҳандозишуда ба миён гузошта шудаанд, ки ҳар кадом дар рушди зеҳнияти афроди миллат нақши калидӣ доранд.

Гузашта аз инҳо, ки зикр намудем, аз ҷониби Пешвои миллат тақлими ду китоби гаронарзиши мо – «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ далел бар он аст, ки ҳукумати мамлакат имрӯз ба омӯзиши мероси гузаштаи мо таваҷҷуҳи хосс доранд ва насли наврасро дар руҳияи ватандӯстиву омӯзиши мероси классикӣ тарбият мекунанд.

Фалсафаи тақдими ин ду шоҳасар аз ҷониби Пешвои миллат он аст, ки насли имрӯз бо омӯзиши ин ду асар аз тамоми бурду бохтҳо, дастовардҳо ва дигар унсурҳои таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва ғайра шинос шуда, ҷаҳонбинии илмии худро васеъ менамоянд, ки он мавриди баҳси дигар аст.

Манзури мо дар ин ин мақола таҳқиқи фарҳанги гуфтор ва таъсири сухани омӯзгор дар раванди таълиму тарбият аст. Агар дарси омӯзгор ба шавқу ҳаяҷон гузарад ва агар нутқи омӯзгор муассир бошад, шогирдон манзури устодонро хубтар мефаҳманд ва шефта ва талабгори нутқу дасрси омӯзгор мешаванд. Бояд зикр кунем, ки ин мавзуъ нав нест ва пеш аз мо низ дар ин хусус мақолаҳои зиёде навишта шудаанд, аммо онҳо тамоми паҳлуҳои ин мавзуро ба таври даркорӣ дар бар нагирифтаанд. Доир ба нутқ ва таъсири он дар китобҳои классикии мо – ҳам дар китобҳои назарии суханшиносӣ ва ҳам дар китобҳои бадеӣ андешаҳо ва ақидаҳои мухталифи ҷолибе ироа шуда, бузургони гузаштаи мо дар бораи нутқ, навъҳои он ва таъсири он ба хонанда андешаҳои зиқиммати илмӣ ироа кардаанд, ки зикри ҳамаи онҳо дар ин ҷо имкон надорад. Бузургони гузашта доир ба таъсир кардан ва ё накардани сухан, махсусан, сухани омӯзгор меъёрҳое қоил шудаанд ва муайян кардаанд, ки агар сухан орӣ аз кизбу дурӯғ ва дигар рӯйю риё бошад таъсири бештар дорад. Масалан, Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон» чунин овардааст:

Сухандони парварда пири кухан
Бияндешад, он гаҳ бигӯяд сухан.
Мазан бетааммул ба гуфтор дам,

Наку гӯй, гар дер гӯйӣ, чӣ ғам?
Бияндешу он гаҳ баровар нафас
В-аз он пеш бас кун, ки гӯянд «бас!»
Б а нутк одамӣ бехтар аст аз давоб,
Давоб аз ту беҳ, гар нагӯйӣ савоб [8, с. 12].

Аз абёти овардаи боло чунин маълум мешавад, ки наттоқ ё омӯзгор бояд дар раванди дарс чунин сухан кунад, ки хонандагон ба сидқи он бовар кунанд ва ба ин восита, омӯзгор тавонад манзури худро дар ваҷҳи аҳсан ба шогирдони худ илқо кунад. Воқеан, таъсири сухан то он дараҷа зиёд аст, ки шахси сиҳатро касал ва шахси беморро сиҳат мекунад. Дар дафтари севуми «Маснавии маънавӣ» ҳикояест ба унвони «Мисоли ранҷур шудани одамӣ ба ваҳми таъзими халқ ва рағбати муштариён ба вай ва ҳикояти муаллим» ва дар он Мавлоно таъсири сухани омӯзгор ва ба воситаи сухан бемор кардани шогирдон устодро тасвир карда, зикр кардааст, ки ба воситаи сухан инсон қодир ба корҳои бузургу хуб аст ва дар навбати худ, метавонад ба воситаи сухан корҳои разил ва бадеро низ анҷом диҳад:

Кӯдакони мактабе аз устод
Ранҷ диданд аз малолу иҷтиҳод.
Машварат карданд дар таъвиқи кор,
То муаллим дарфитад дар изтирор.
Чун намеояд варо ранҶурие?
То нагирад чанд рӯз ӯ дурие.
То раҳем аз ҳабсу тангию зи кор,
Ҳаст ӯ чун санги хоро барқарор.
Он яке зиракатар ин тадбир кард,
Ки бигӯяд: «Усто! Чунӣ ту зард?
Хайр бошад, ранги ту бар Ҷой нест,
Ин асар ё аз ҳаво ё аз табест».
Андаке андар хаёл афтад аз ин,
Ту бародар! Ҳам мадад кун инчунин.
Чун даромӣ аз дари мактаб, бигӯ:
«Хайр бошад, усто! Аҳволи ту?!
Он хаёлаш андаке афзун шавад,
К-аз хаёле оқиле маҶнун шавад.
Он севум в-он чоруму панҶум чунин,
Дар пайи мо, ғам намоянду ҳанин.
То чу сӣ кӯдак тавотур ин хабар,
Муттафиқ гӯянд, бояд мустақар» [7, с. 430].

Манзур аз овардани ин абёт он буд, ки омзӯзгоре, ки чандин сол собиқаи тадриси шогирдонро дошт, бо як сухани найрангомези шогирдон бемор мешавад. Аз ин бар меояд, ки чиқдаре, ки устод фарҳанги баланди наттоқӣ ва шеваҳои гуногуни суханрониро донад риоя кунад, ҳогирдон ҳамон қадар дарси ӯро азбар карда, бо тайёрии бештар ба дарс ҳозир мешаванд. Дар ин бобат, ҳақ ба ҷониби Саъдии Шерозист, ки гуфтааст:

Дарси муаллим чу бувад замзамаи муҳаббате,
Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезапойро.

Манзури Саъдӣ он аст, ки агар омӯзгор асил бошад ва нутқи фасеҳу балеғ дошта бошад, ҳатто рӯзҳои истироҳат низ толибилмон талаби дарси ӯро мекунанд ва ба мактаб меоянд.

Дар баробари сухандонӣ ва муассирии нутқ, албатта, омӯзгор бояд сахтгиру босалобату сиёсатдор бошад, чунки бидуни сахтгирӣ, насли наврас ва донишҷӯёнро идора кардан хеле душвор аст.

Вобаста ба ин масъала, Саъдии Шерозӣ дар осораш ду навъи муаллимро нишон додаст. Гурӯҳи якум бисёр бадфеъл, бадқаҳр, бераҳм ва мардумозор аст, ки ҳатто бачагони бегуноҳро барои шӯхии бачагона ҳам бераҳмона ҷазо ва азоб медиҳад, гурӯҳи дуюм накӯкор, хушахлоқ буда касеро озор намедиҳад, вале бисёр камталаб буда, бачагонро ба хониши ҷиддӣ, ба саъю кӯшиш, бо риоя намудани интизом маҷбур карда наметавонад. Бинобар ин бачагон ӯро писанд намекунанд ва аз таълими ӯ баҳра намегиранд. Ба ҳарду гурӯҳи муаллимон ҳам Саъдӣ муносибати манфӣ дорад. Ӯ махсусан гурӯҳи дуюмро сахт маззамат кардааст:

Устоди муаллим чу бувад безор,
Хирсак бозанд кӯдакон дар бозор [8, с. 163].

Гурӯҳи якумро, ки бадфеълу бераҳм буда кӯдаконро ҷазо медиҳад. Саъдӣ афзалтар шуморида, аз номи шахси ҷаҳондида чунин гуфтааст:

Бар сари лавҳи ӯ навишта ба зар,
«Ҷаври устод беҳ аз меҳри падар» [8, с. 164].

Албатта Саъдӣ ҳамчун педагог ва тарбиятгари инсонпарвар ба бачагон шаттаву шаллоқи муаллимро раво намедонист. Вале дар зери таъсири замон, барои босавод ва боодоб шудани бачагон ӯ ҷазои ҷисмониро рад намекард, ки ин маҳдудияти ақидаҳои ӯ буд.

Дар замони мо истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои олии кишвар ба расмият даромадааст. Аксари устодон кӯшиш менамоянд, ки барои ҷолиб ва шавқовар гардидани дарс аз усулҳои навтарин, ки боиси баланд гардидани сифати таҳсилот мегардад, истифода намоянд.

Имрӯзҳо дар таълиму тарбият усулҳо ва равишҳои гуногуни муҳимме вуҷуд дорад, ки ҳамаи онҳо дар таълими ҳар фан гуногун ва мутанаввеъ ба кор мераванд. Аммо аз ҳама метод ё равиши муҳим методи суҳбат мебошад. Муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни методология ва педагогикаи таълим методи суҳбатро гуногун шарҳ додаанд. Аз ҷумла, Саидмурод Ҳоҷиев чунин меорад: «Суҳбат аз усули сериستеъмоли фанни забон буда, аксари мавзуъҳои забони тоҷикиро муаллимон ба ин усул таълим медиҳанд» [11, с. 86].

Аммо методи суҳбат аз нутқи муаллим тафовутҳое дорад. Суҳбат, чун усули таълим, аз нақли муаллим бо чунин вижагиҳояш фарқ мекунад, ки агар ҳангоми нақли муаллим хонандагон танҳо шунавандаҳои фаъол бошанд, дар ҷараёни аз рӯйи усули суҳбат (саволу ҷавоб), ташкил намудани лаҳзаҳои дарс, аз ҷумла, дар лаҳзаи баёни мавзуъ дар баробари муаллим, хонандагон ҳам дар ҳалли ҳодисаҳои забон ширкат варзида, бо ҷавобҳои худ ва баъзан баёни фикрҳои мустақили худ саҳм мегузоранд. Азбаски ҳангоми суҳбат саволу ҷавоб нақши асосиро мебозад, бояд суҳбат аз рӯйи нақшаи дақиқе баргузор ёбад, то ки дар рафти он хусусият, аломат ва нишонаҳои ҳодисаи дар айни ҳол омӯхташавандаи забони тоҷикӣ маънидод карда шуда, пас аз он таъриф ё қоида бароварда шавад, ё ки таърифу қоидаҳои дар китоби дарсӣ буда гуфта шаванд. Аз ин рӯ, вақти суҳбат хонандагон оҳиста-оҳиста ба саволҳои омӯзгор ҷавоб дода, моҳияти он мавзуъро аз мушоҳидаи мисолҳо фаҳмида, ҳамзамон, доир ба он фикри худро изҳор карда, таҳти ёриву роҳбарии устодашон хулоса мебароранд, ки он хулосаҳо асоси таърифу қоидаи забон ё худ, асоси қоидаи дахлдори имло, ё аломати китобат ба шумор мераванд. Сипас, ин хулосаи шогирдонаи хонандагон бо он таърифу қоидае, ки муаллим аз китоби дарсӣ мегӯяд, мувофиқаву муқоиса карда мешавад, ки дар натиҷа, дониши зимни чунин амалҳо ба даст овардаи онҳо дақиқу возеҳтар ва бароҳшон хотирмон мегардад.

Барои омӯзгор пеш аз ҳамаи чизи дигар, донистани роҳу равишҳои суханварӣ аст ва аз қадим то ин ҷониб дар таърихи тамаддуни мо ин талабот вуҷуд дошт ва дар муҳимтарин китобҳои тарбиявӣ ва таълимии мо ишораҳои сареҳе ба он шудааст. Унсурулмаолии Кайковус доир ба суханронӣ ва нутқи сареҳи омӯзгор чунин гуфтааст: «Эй писар, бояд, ки мардум сухандону сухангӯй бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Аммо ту, эй писар, сухан рост гӯй ва дурғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф кун, то агар ба зарурат дурӯғе аз ту бишнаванд, бипазиранд. Ва ҳар чӣ гӯйӣ, рост гӯй. Валекин рости ба дурӯғ монанд магӯй, ки дурӯғи ба рост монанд беҳ, ки рости ба дурӯғ монанд, ки он дурӯғ мақбул бувад ва он рост номақбул» [10, с. 40]. Дар идомаи суҳбат Кайковус зикр мекунад, ки сухане, ки ба шогирд ва ё мардум гуфта мешавад. бояд накӯ ва дар зеботарин ваҷҳ ифода шавад, чунки агар сухан мақбулу писанд науфтад, шунаванда ва ё шогирду хонанда эътиқодашон аз устод мегардад ва минбаъд дар дарсҳо беэътиноӣ намуда, ба омӯзгор такя намекунанд: «Сухан, ки бар мардумон намоӣ, накӯтарин намой, то мақбул бувад. Мардумон дараҷаи ту бишиносанд, ки бузургону хирадмандонро ба сухан бидонанд, на суханро ба мардум, ки мардум ниҳон аст зери сухани хеш... Ва сухан бувад, ки бигӯянд ба иборате, ки аз шунидани он руҳ тоза шавад ва ҳамон сухан ба иборате дигар битавон гуфт, ки руҳ тира гардад» [10, с. 42].

Аз ин руфтаҳо чунин бардошт кардан мумкин аст, ки нутқи муаллим дар тарвиҷи улум ҳам дар мактаби миёна ва ҳам дар донишгоҳ нақши муҳим дорад. Ва чигунагии суҳбат кардани омӯзгор ба сатҳи фарҳанг ва ҷаҳонбинию ахлоқи ӯ вобастагии сахт дорад. Маълум мешавад, ки барои омӯзиши ҳар илме – ҳам илмҳои дақиқ ва ҳам илмҳои ҷамъиятӣ, омӯзгор бояд сухандон ва суханпарвар бошад чунки омӯзиши ҳар навъи илм роҳи ягонаи ифода дорад, ки он ҳам забон аст. Яъне барои он ки як омӯзгори фанни кимиё, физика, математика, информатика, дар баробари доштани дониши фаровони тахассусӣ, ҳамчунин, бояд забондон бошад. то манзури худро ба хонанда дар сатҳи олӣ расонида тавонанд. Чиқадар нутқи омӯзгор фасеҳу балеғ бошад, хонандагон фанни ӯро беҳтар мефаҳманд ва агар омӯзгор сухандон набошад ва фарҳанги комили суханварӣ ва наттоқӣ надошта бошад, дар тадриси фанни худ омӯзгори муваффақ шуда наметавонанд.

Донистани забон танҳо барои омӯзгорони забону адабиёт лозим набуда, донистани он барои ҳамаи омӯзгорону устодон зарур аст. Забон, махсусан, забони тоҷикӣ гузашта аз он, ки як фанни таълимӣ аст, ҳамчунин, воситаи таълим низ ҳаст ва ҳамаи фанҳо ба воситаи унсурҳои забонӣ – калима, ибора, ҷумла ва матн фаҳмонида мешавананд. Масалан, дар дарси адабиёт омӯзгор ба воситаи хониши адабӣ, нутқи шогирдонро мураттабу равон карда ва ҳангоми тадрис бояд аз худ малакаи комили омӯзгорӣ нишон диҳад ва мавзуъро дар сатҳи олӣ гузарад.

Бинобар ин, вазифаи дарсҳои хониши адабӣ, пеш аз ҳама, ба хонанда омӯзонидани хониши ифоданок ва тавассути он инкишофи қобилияти нутқ, бо оҳанги ба хонанда фаҳмо манзур доштани мазмун ва моҳияти асари бадеӣ буда, дар навбати худ, шинос кардани шогирдон бо воситаҳои санъати бадеӣ, аҳаммияти онҳо дар таъсирнокии сухан ва кушода додани симои ботинии қаҳрамони асар мебошад. Ба ҳамин хотир, ба омӯзгор зарур аст, ки аз машғулиятҳои аввалини дарсҳои хониши адабӣ хонандагонро ҷиҳати бехато, ифоданок хондани матн ва мазмуни матнро бодиққат фаҳмида гирифтан ҳидоят намояд. Дар дарсҳои хониши адабӣ нутқ ва сухани омӯзгор нақши ҳалкунандаро мебозад. Омӯзгор ҳиссиёту ҳаяҷон, муносибату муколамаҳои асари бадеиро бо оҳанги гуфтор, ҳолат ва имову ишораҳои худ ба шогирдон нишон дода тавонад. Омӯзгор дар санъати хониш ва қироати шеър бояд мумтоз бошад. Ӯ бояд ин гуна ҳунару маҳоратро дошта бошад, вагарна дарсҳои вай хушку бетаъсир ва дилгиркунанда мегузаранд. Қироати омӯзгор, гуфтору ҳолати ботинию зоҳирӣ ва кайфияти руҳию равонии ҳар

қаҳрамони асарро нишон дода тавонад. Аввал, бо лаҳни гуфтор, тарзи қироат ва садои дилкаш диққати хонандагонро ба дарс ҷалб намояд, дувум, шавқу завқи онҳоро ба хондани асарҳои бадеӣ афзун гардонад ва малакаву маҳорати хушхониву хушбаёниро дар вуҷуди онҳо ҷой карда тавонад. Яъне, бо фораму шево хондани омӯзгор, дар хонандагон шавқу ҳаваси шеърхониву шеърфаҳмӣ пайдо шуда, рушд меёбад, зеро хонанда дар ифоданок хондани шеър ба оҳанги он гӯш андохта, ҳаловат мебарад ва ғизои маънавӣ мегирад.

Баъзан мешавад, ки омӯзгорон аз беодобӣ ва нахондани шогирдони худ шикоят мекунанд ва онҳоро таъну маломат мекунанд, ки ба хондан шавқу рағбат надоранд, аммо фикр намекунанд, ки ҳамаи мушкили нахонадани онҳо ба устод ва омӯзгор вобастааст. Агар омӯзгор касби худро дӯст дорад ва аз болои худ кор кунад ва ҳамеша дар пайи ҷӯстани маълумоти ҳаматарафа хуби таълимӣ бошад ва ба шогирдон нозукиҳои фарҳанги нутқи омӯзгориро риоят намояд, шогирдон худ ба омӯзгор ва дарси ӯ моил мешаванд ва ғизои маънавӣ мегиранд. Омӯзгор натанҳо дар суханварӣ, балки аз ҳамаи ҷиҳатҳои дигар бояд барои шогирди худ намуна бошад ва кӯшиш кунад, ки натанҳо ба дониш, балки ба сарулибос ва ба зоҳири худ низ аҳаммият диҳад, чунки омӯзгоре, ки аз ин ҷиҳат музайяну ороста нест, муваффақ намешавад. Дар баробари дониш, шогирдон ба намуди зоҳирии омӯзгор низ таваҷҷуҳ мекеунанд. Агар дар зоҳири ӯ нуқсе ҷой дошта бошад, агар донишманд ҳам, ки бошад, шогирдон ӯро тамасхур карда, ба чашми нафрату ҳақорат ба ӯ менигаранд.

Имрӯзҳо бо рушди васоити техникии иттилоотӣ, шогирдон аз ҳамаи чиз бохабар ҳастанд ва шогирди имрӯзро бо дониши кам ва нокифоя қонеъ кардан ғайримумкин аст. Бинобар ин, қудрати истеъдоди омӯзгор бояд дар дарс аз ҳамаи воситаҳои иттилоърасон (копютер, телефон, энтернет) болотар бошад, то шогирдон аз он маводди дар баъзе ҳолат нодурусте, ки аз ин воситаҳои иттилооотӣ ба даст меоранд, даст кашида, даст ба домони омӯзгор ва дониши ӯ бизананд ва дониши фарох бигиранд.

Аз таҳқиқи иҷмолии ин мавзуъ чунин натиҷа ба даст меояд, ки масхалаи фарҳанги нутқи омӯзгор аз қадим низ диққати аҳли адабро ба худ ҷалб карда буд ва онҳо барои муассирии нутқ аз роҳу воситаҳои гуногуне кор гирифтаанд. Дар баробари ин, имрӯз низ бо вуҷуди тараққи бемайлони илму техникаи муосир, ниёз ба нутқ ва сухани омӯзгор ҳанӯз боқист, зеро ҳеҷ воситаи дигар дар таълим ҷойи нутқи омӯзгорро гирифта аметавонад. Сухан дар таълим таъсири дигар дорад, агар омӯзгор фарҳанги баланди наттоқӣ ва суханварӣ дошта бошад.

Дар баробари донистани фанҳои тахассусӣ, ҳамчунин, оӯзгоронро лозим аст, ки забондон бошад ва аз унсурҳои гуногуни ифодаи фикр ва баёни мавзуъ хуб огоҳ бошанд. Надонистани забон омӯзгорро ноком мегардонад, чунки забон гузашта аз фанни таълимӣ будан, ҳамчунин, воситаи таълим низ ҳаст. Тавре маълум аст, роҳи тадриси ҳамаи фанҳои дигар фақат забон аст. Агар забон дониста шавад ва меъёрҳои он дар таълим хуб риоя шавад, шогирдон матлаби омӯзгоро хуб ва бадурустӣ мефаҳманд. Барои он ки омӯзгор соҳибэҳтиром бошад ва намуна барои шогирдони худ бошад, ӯро лозим аст, то дар баробари донистани соҳаи худ, сухандону суханвар низ бошад.

АДАБИЁТ

1. Абу Хамид ал-Газали. Исследование сокровенных тайн сердца. / Пер. с арабского. – М.: «Ансар», 2006. – 472 с.
2. Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолӣ Эҳё-ул-улуми-д-дин.– 2008. – 264 с.
3. Алиев М.Т. Андешаҳои тарбиявии Имом Муҳаммад Ғазолӣ. – Душанбе: «Эҷод», 2008. – 116 с.
4. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. Душанбе: Маориф 1994.
5. оират-ул-маорифи бузурги исломӣ // Мақолаи Шарофуддини Хуросонӣ.- Ҷ. 3. – Техрон: Маркази Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, 1369 ҳ.ш. -743 с.
6. Имом Абӯҳомид Муҳаммад Ғазолӣ. «Насиҳат-ул-мулук» – Душанбе: «Ирфон», 1993. – 144 с.
7. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Техрон : Нашри замбон.– 728 саҳ.

8. Саъдии Шерозӣ Гулистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳангӣ, 2009. – 232 саҳ.
9. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.
10. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Таҳия, пешгуфтор ва тавзеҳоти Мирзо Муллоаҳмад ва Меҳрӣ Шарофова. Душанбе, «Маориф», 2016.– 240 саҳ.
11. Ҳоҷиев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ// Саидмурод Ҳоҷиев. – Душанбе: Нури маърифат. – Хуҷанд. – 400 саҳ.
12. Ш. Кабиров, Қ. Тӯраҳасанов, М. Аюбова, О. Саидҷаъфаров, С. Қурбонов. Забони тоҷикӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 240 саҳ.
13. Шоев Ф. М. Аҳамияти омӯзиши ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Муҳаммади Ғазолӣ дар замони муосир // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д. С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 175-187.
14. Шоев Ф.М. Муҳаммади Ғазолӣ ва таълимоти давлатию ҳуқуқии он // Олимони ҷавон ва илми муосир. Бароришӣ 4. Маводи конфронси IV –уми илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДДМТ. – Душанбе: «Ҳумо», 2004. – С. 98-103.

ФАРҲАНГИ НУТҚИ ОМӮЗГОР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Дар ин мақола дар хусуси фарҳанги нутқи омӯзгор маълумот дода шудааст. Омӯзгорӣ воқеан, имрӯз аз касбҳои муҳимми тамоми дунё ба шумор меравад ва рӯз ба рӯз талабот ба он меафзояд. Бинобар ин, дар ин мақола кӯшиш карда шудааст, то дар бораи нутқи омӯзгор, фарҳанги гуфтор ва таъсири сухани ӯ дар натиҷаи таваҷҷуҳ ба ишораҳои донишмандони гузашта ва ҳам муосир таҳқиқ анҷом шавад.Омӯзгорон имрӯз вазифаи ниҳоят душворро ба зимма гирифта, дар зиндагӣ аз як «маводди хом» инсонҳои муқтадири баркамол месозанд. Чигунагии парвариш ва инкишоф ёфтани як фарди башар маҳз бо талоши омӯзгор пайванди дорад. Дар масъалаи парваришу тарбият бузургони мо суханони арзишманде гуфтаанд, ки дар мақола ба онҳо низ ишора шудааст ва зикр шудааст, ки омӯзгор барои муваффақ шудан дар пешаи худ, бояд ҳам ботинан ва ҳам зоҳиран ороста бошад ва ба ин восита, боиси пайравии шогирдон шавад.Дар мақолаи мазкур мавзуи фарҳанги нутқи омӯзгор дар таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки Омӯзгор, ба андешаи бузургон, муҳандиси руҳи инсон аст. Таврe ки муҳандис нақша ё созмони ягон кореро ташкил медиҳад ва агар он дархӯр омӯзгор набошаду дар ваҷҳи аҳсан анҷом нашавад, муҳандис ҷавобгари аъмоли худ мебошад. Омӯзгорон низ аз рӯзи аввал ба шогирдон адаб меомӯзад ва онҳоро ба ҳаёти солими оянда омода месозад.

Калидвожаҳо: омӯзгор, дарс, таълим, фарҳанг, нутқ, китоб, омӯзиш, хониши бадеӣ, наттоқ, Саъдӣ, Мавлоно.

КУЛЬТУРА РЕЧИ УЧИТЕЛЯ В ОБРАЗОВАНИИ

В данной статье представлена информация о культуре речи учителя. Преподавание, безусловно, является одной из важнейших профессий в современном мире, и спрос на него растет с каждым днем. Поэтому в статье предпринята попытка провести исследование речи учителя, культуры речи и влияния его речи, уделяя внимание работам ученых прошлого и современности. Сегодня перед учителями стоит чрезвычайно сложная задача – превратить «сырье» в зрелую, способную личность. Воспитание и развитие человека напрямую зависят от усилий учителя. Наши великие люди говорили ценные слова об образовании и воспитании, которые также упоминаются в статье, и отмечается, что для достижения успеха в своей профессии учитель должен быть прекрасен как внутренне, так и внешне, и благодаря этому он станет причиной того, что ученики будут следовать за ним. В данной статье рассматривается тема культуры речи учителя в образовании и воспитании. Автор отмечает, что учитель, по мнению великих людей, является инженером человеческого духа. Подобно тому, как инженер разрабатывает план или организует какую-либо работу, и если она выполнена некачественно и не в соответствии с пожеланиями учителя, инженер несет ответственность за свои действия. Учителя также с первого дня учат учеников хорошим манерам и готовят их к здоровой будущей жизни.

Ключевые слова: учитель, урок, образование, культура, речь, книга, обучение, литературное чтение, речь, Саади, Мевлана.

TEACHER SPEECH CULTURE IN EDUCATION

This article provides information about the culture of teacher speech. Teaching is indeed one of the most important professions in the world today, and the demand for it is increasing day by day. Therefore, this article attempts to conduct research on the teacher's speech, the culture of speech, and the impact of his speech as a result of paying attention to the references of past and modern scholars. Today, teachers take on an extremely difficult task, turning a "raw material" into a mature, capable person. The way a human being is raised and developed is directly related to the efforts of the teacher. Our great people have said valuable words about education and upbringing, which are also referred to in the article, and it is mentioned that in order to succeed in their profession, a teacher must be both internally and externally beautiful, and through this, they will become the reason for the students to follow them. This article discusses the topic of teacher's speech culture in education and upbringing. The author notes that the Teacher, according to the greats, is the engineer of the human spirit. Just as an engineer creates a plan or organization of some work, and if it is not done in a good way and

is not done in accordance with the teacher's wishes, the engineer is responsible for his actions. Teachers also teach students manners from the first day and prepare them for a healthy future life.

Keywords: teacher, lesson, education, culture, speech, book, learning, literary reading, speech, Saadi, Mevlana.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Дилшодзода Шамшод*** – магистри соли 2-юми факултети филологияи тоҷик, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

Сведения об авторе*: Дильшодзода Шамшод* – студентка 2-го курса магистратуры факультета таджикской филологии Таджикского национального университета, адрес: 734025, Республика Таджикистан, города Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author*: Dilshodzoda Shamshod* – 2nd year master's student of the Faculty of Tajik Philology, Tajik National University, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.

САРЧАШМАИ ПАЙДОИШИ ОМОНИМИЯ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мамаҷонова М. Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омилҳои пайдоиши калимаҳои ҳамовоз гуногунанд. Сабаби асосии пайдоиши чунин калимаҳо ба маҳдуд будани системаи овозии забон алоқаманд аст. Тамоми калимаҳои забон дар асоси ҳамнишинии миқдори башумури овозҳои он ба вуҷуд меоянд ва ин боиси он мегардад, ки калимаҳои гуногун гоҳо аз бобати таркиби овозии худ бо ҳам ба пуррагӣ ё қисман монанд шаванд. Масалан. мавҷудияти калимаҳои омонимии боз ба маънои «шоҳин. шаҳбоз». боз «яла кушода». боз ба маънои «такроран»; шона «асбоби пардози мӯй». шона «устухони китф»; шаст «рақами шаст». шаст «суръат» ва бисёр дигарҳо ба ҳамин сабаб вобастагӣ доранд:

Забоншинос М.Н.Қосимова сабабҳои пайдоиши омонимҳоро муфассал шарҳ дода менависад, ки пайдоиши омонимҳо гуногун аст:

1) дар як таркиби овозӣ пайдо шудани калимаҳои мухталифмаънои як забон: чанг - панҷа, чанг - ғубор, чанг-асбоби мусиқӣ;

2) дар натиҷаи тағйири овозӣ кардани баъзе калимаҳои худӣ: соз - асбоби мусиқӣ, соз - асбобу анҷом, ҷиҳоз ва соз - сиғаи амр аз феъли сохтан;

3) калимаҳои худӣ бо калимаҳои иқтибосӣ: сафина - баёз, сафина (арабӣ) - киштӣ;

4) дар натиҷаи иқтибос шудани омонимҳои забони арабӣ: сафо - равшанӣ, сафо - сулҳ, Сафо - номи кӯҳ дар Макка [24,89].

Омонимҳо дар забони англисӣ натанҳо дар натиҷаи полисемия, яъне сермаъноии калима, ҳангоми дар шакли берунаи худ ҳамсон шудани ҳиссаҳои гуногуни нутқ низ пайдо мешаванд, масалан«care» аз «care» ва «care» аз «careen». Онҳо инчунин метавонанд бо роҳи конверсия «to slim» аз «slim», «to water» аз «water», бо ёрии пасванди ҳамон реша «reader» аз «read» пайдо шаванд.

Омонимҳо метавонанд бо кӯтоҳшавии калимаҳои гуногун ташаккул ёбанд «cab» аз «cabriolet», «cabbage», «cabin». Аслан ҳама сарчашмаҳои омонимия як аломати умумӣ доранд-омонимҳо аз ду ва ё зиёда калимаҳои гуногун вусъат ёфта садодиҳӣ ва имлои онҳо тасодуфист.

Омонимҳое, ки ба сабаби маҳдудии системаи овозии забон дар заминаи имкониятҳои дохилии он ба вуҷуд омадаанд, ба гурӯҳҳои зайл ҷудо мешаванд:

а) Омонимҳое, ки аз ҷиҳати пайдоиш аз ҳам фарқ мекунанд, ҳар яке этимологияи хос доранд: дар ба маънои «табака барои пӯшонидани даромадгоҳи хона» ва дар ба маънои «пешоянд бо ифодаи замон ва макон», сада «ҷашни қадимае, ки ба фасли зимистон баробар меомад», сада «гучум, қараяғоч»; занг «зангӯла», занг «равиши тосидани баъзе аз филизот».

б) Омонимҳое, ки дар заминаи калимаҳои кӯтоҳшудаи навпайдо бо калимаҳои мутадовил ба вуҷуд меоянд: маҳзар ба маънои «ҳуҷҷат, шаҳодатнома» ва маҳзар кӯтоҳшуда аз ибораи «маҳфили зарифон», бас «кифоя, зиёд» ва БАС «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (номи маҷаллаи адабӣ).

в) Омонимҳое, ки дар натиҷаи амали қолабҳои калимасозӣ ва калимабандиҳои гуногун ба вуҷуд меоянд: кушодӣ (исм) ба маънои «ялангӣ» ва кушоди (феъл) «шакли замони гузашта аз кушодан», бинӣ (исм) «узви шома» ва бини (феъл) «шакли аорист аз феъли дидан», бародарӣ (исм) «бародархондагӣ, дӯстӣ» ва бародарӣ хабари номӣ ба маънои «бародар ҳастӣ», мардӣ (исм) ба маънои «ҷасорат. шуҷоат» ва мардӣ хабари номӣ ба маънои «мард ҳасти»:

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, марди. (Рӯдакӣ).

Бо эътирофи забоншиносон калимаҳои иқтибосии аз забонҳои бегона ба забонамон воридшуда оҳиста-оҳиста ба воҳидҳои таркибӣ ва унсурҳои ҷудонашавандаи он табдил меёбанд. Бо мурури замон ин калимаҳо ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор мешаванд, ки дар натиҷа бисёре аз онҳоро аз калимаҳои аслӣ фарқ кардан душвор мегардад. Дар ин маврид, албатта, мақоми дастгоҳи савтии забон басо бузург аст. Аз ин рӯ, "... ин ё он овози забони тоҷикӣ бо айни ҳамон овози забони дигар фақат монандии зоҳирӣ дораду бас [10, 67].

Чамидан I 1. хиромидан, бо ноз роҳ гаштан, хиромон роҳ рафтан; мағрурона ва нарм-нарм қадам гузоштан; рафтан ва сайру тамошо кардан; андар чамидан а) гузаштан, сипарӣ шудан; б) тохт овардан, ҳуҷум кардан. 2. дар роҳгардӣ печу хам хӯрдан; Чамидан II - қад кашидан, болидан; ҷилвагарӣ кардан; Чамидан III - ҷавлон задан дар майдон ва рақиб хостан; талаби разм кардан; Чамидан IV - печу тоб хӯрдан, даромехтан, оғушта гардидан.

Ё ин ки мисолҳои дигар:

Шаст I - шумораи миқдорӣ шаш бор дах, 60; Шаст II - қуллоби моҳигирӣ, банд; аз шасти чизе раҳоӣ ёфтан аз банд ва чанголи чизе халос шудан; Шаст III - бо суръат, чобук ва тез ҳаракат кардани ягон чиз; аз шаст фуромадан кам ва суст шудани гирифтугири касе дар коре, паст шудани дағдаға ва дӯғу пӯписаи касе.

Роҳҳои асосии пайдо шудани омонимҳо инҳоянд:

1) Калимаи аслӣ ба калимаи иқтибосӣ омоним мешавад. Масалан arch [ɑ:ʧ] arch bridge пули камоншакл; arch enemy - душмани ашаддӣ; matriarch - модарсолор (зан сардори хона), patriarch - падарсолор (мард сардори хона);

2) Тағйироти овозӣ дар таркиби калима. Масалан; ádress ['ədres], home address - суроғаи хона; to addréss [ə'dres] - 1) фиристодан; 2) сӯҳбат кардан, сухан гуфтан; 3) таваҷҷӯҳ кардан, мавриди мулоҳиза қарор додан.

3) Тасодуфан ба айни як таркиби овозӣ пайдо шуда омадани калимаҳои гуногунмаъно, ки аксаран яке аз онҳо аз забони шевагӣ ба таркиби луғавӣ дохил мешавад. Масалан, armless: а) ба маънии бедаст, якдаста; маҷозан: ноӯҳдабаро, бедаступо; б) ба маънии беяроқ, бесилоҳ.

Сохтани шакли калимаҳои ҳиссаҳои гуногуни нутқ бо ёрии суффиксҳои омонимӣ дар забони англисии муосир васеъ паҳн шудаст.

Омонимҳо дар забони англисӣ натанҳо дар натиҷаи полисемия, яъне сермаъноии калима, ҳангоми дар шакли берунаи худ ҳамсон шудани ҳиссаҳои гуногуни нутқ низ пайдо мешаванд.

Яке аз сарчашмаи дигари пайдоиши омонимия ё омонимшавии калимаҳои иқтибосиро ҳамин ҳодисаи савтӣ гуфтан ҳам мумкин аст. Агар, аз як тараф, ба ду ва ё зиёда маъноҳо омадани як вожа воситаи беҳтарини ҷаззобию диққатангезӣ ва пурэҳтирос ифода гардидани фикр гардад, аз тарафи дигар, бо риояи мантиқи қавӣ ба ҳам овардани чанд маънои як сухан аз маҳорати соҳиби калом дарак медиҳад. Дар корбурди воҳидҳои сермаъно, ки онро дар илми суханшиносӣ санъати таҷнис низ мегӯянд, дар адабиёти классикӣ шоирони забардасти мо беҳамтоанд.

Ба вуҷуд омадани омонимҳо натиҷаи ба ҳам монандшавии ин ё он ҳалқаҳои парадигмавии калимаҳои гуногун мебошад. Масалан, калимаи без ба маънои «ғадуд», ки исм аст, бо шакли фармоиши феъли бехтан - без омоним мешавад. Дар натиҷа омонимияи шаклҳои мухталифи калимахо, ё ин ки омоформа (юн. homo-якхела + phorm-шакл) ба вуҷуд меояд. Омонимҳои нопурра ҳамчунин ба омофонҳо (юн. homo-якхела + phone -овоз) ва омографҳо (юн. homo –якхела ва graphos -менависам) ҷудо мешаванд.

а) Омоформаҳо. Ба ҳам монандшавии қиёфаи овозии шаклҳои грамматикии калимаҳои ҳиссаҳои мухталифи нутқ ва ё калимаҳои доираи як ҳиссаи нутқ омоформа номида мешавад. Дар забони ҳозираи тоҷик бештар асоси замони ҳозираи феълҳои зиёде

бо исмҳо ҳамин гуна муносибати омонимӣ пайдо кардаанд: сарой ба маънои «қаср, кох», сарой «асосои замони ҳозира аз феъли сурудан»: зан «ҷинси муқобили мард», зан «шакли номбурда аз задан»; каф «паҳнои панҷа», каф «ҳамон шакл аз кафидан»: ҷӯй «наҳри хурд», ҷӯй «шакли мавриди назар аз ҷустан» ва монанди инҳо.

б) Омофонҳо. Ба ҳам монанд шудан ва ё наздик шудани талаффузи овозҳои ҷудогонаи калимаҳо дар мавқеъҳои муайяни фонетикӣ омофонҳоро ба вуҷуд меоваранд. Масалан, ҷуфтҳои қарз ба маънои «насия, ба орият гирифтан» ва қарс «рӯймол, сарандоз»; зод «шакли мухаффафи замони гузашта аз феъли зоидан» ва зот «ҷинс», нуфуз «афзоиш» ва нуфус «аҳолӣ» аз ҳамин қабиланд. Дар калимаҳои аввали ин ҷуфтҳо ҳамсадоҳои ҷарангдори “з” ва “д” дар мавқеъҳои охири онҳо ба ҳамсадоҳои бечаранг монанд шуда воҳидҳои ҳамовозро ба вуҷуд овардаанд. Дар баъзе дастурҳои ба лексикаи забони тоҷикӣ бахшидашуда мисолҳои навъи инкор - ин кор, ҳамдам - ҳам дам, дутор - ду тор, хумор - хум ор ва монанди инҳоро ба ҳодисаи омофония ва ҳатто омоформаҳо нисбат додаанд, ки чандон дуруст нест [41,16].

Дар чунин мисолҳо агар хусусияти омофонӣ бошад ҳам, пас он омофонияи ҳодисаҳои сатҳи забон (инкор, ҳамдам, дутор, хумор) бо сатҳи нутқ (ин кор, ҳам дам, ду тор, хум ор) аст. Табиист, ки чунин омехта кардани ҳодисаҳои сатҳи забон, ки хосияти доимиву тағйирнаёбандагӣ доранд, бо мисолҳои лаҳзавии сатҳи нутқ ба таҳрифи қонуниятҳои табии системаи забон роҳ медиҳад. Ҳодисаҳои системаи забонро танҳо бо ҳамин гуна ҳодисаҳои дигари он муқоиса кардан мумкин аст.

Масалан, калимаҳои гуногунталаффузи гарон ба маънои «қимматбаҳо» ва гарон «агар он», атлас «шоҳӣ» ва атлас «маҷмӯи харитаҳои чуғрофӣ», чаро «поидани чорпоён» ва чаро «барои чӣ?» ва монанди инҳо, ки навишти якхела доранд, бо ҳам омограф мешаванд.

Калимаҳои омонимӣ ҳамчунин дар натиҷаи канда шудани маъноҳо ё тобишҳои ҷудогонаи калимаи сермаъно, ба хусус, маъноҳои иловагии дараҷаи дуюм, сеюм ва монанди инҳо, ки бо маънои асосии луғавӣ алоқаи нисбатан суст доранд, ба вуҷуд меоянд. Дар ин сурат маънои аз калимаи сермаъно пайдошуда бо қиёфаи овозии собиқаи худ ба калимаи мустақил табдил меёбад, ки он ба манбаи пайдоишаш муносибати омонимӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Амосова Н.Н. Этимологические основы словарного состава современного английского языка / Н.Н. Амосова. - М.: Наука, 1956. - С.91.
2. Ахмадова М.Н. Масъалаи корбурди омонимҳо дар «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ//Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон - 2009. № 4,-С. 77- 89.
3. Ахманова О.С. Словарь омонимов русского языка. - 3-е изд, М.: Русский язык, 1986. - 448 с.
4. Ахмедова М.Н. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии омонимҳои забони форсӣ. Рисолаи номзадӣ / М.Н. Ахмедова. – Душанбе, 2010. - 163 с.
5. Будагов Р.А. Слово и его значение / Р.А. Будагов. - Л.: ЛГУ, 1974. - 66 с.
6. Виноградов В.В. О грамматической омонимии в современном русском языке / В.В. Виноградов. – М., 1940. - 493 с.
7. Виноградов В.В. Об омонимии и смежных явлениях / В.В. Виноградов. – М., 1960. - 236 с.
8. Виноградов В.В. Лексикология и лексикография (Избранные труды). Том 3. - М. Наука, 1977. -310 с.
9. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик; тартибдиҳандагон: Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров. - Душанбе: Дониш, 1985. - 349 с.
10. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 1015 с.
11. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка. -М.: Изд. Московского университета, 1975. -206 с.
12. Смирнитский А.И. Лексикология английского языка. - М. Изд -во лит. на иностр.яз., 1956. - 260 с.

САРЧАШМАИ ПАЙДОИШИ ОМОНИМИЯ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи омилҳои пайдоиши калимаҳои ҳамовоз , сабаби асосии пайдоиши чунин калимаҳо дар системаи овозии забон алоқаманд, бахшида шудааст. Муаллиф оид ба замина таҳқиқи сарчашмаи пайдоиши омонимия дар забонҳое, ки аз ҷиҳати сохтор мухталифанд, ошкор намудани монандӣ

ва тафовути онҳо аҳаммияти хосса ва маълумот додааст.Хулосаи, муҳаққиқ чунин қайд кардааст: калимаҳои омонимӣ ҳамчунин дар натиҷаи канда шудани маъноҳо ё тобишҳои ҷудогонаи калимаи сермаъно, ба хусус, маъноҳои иловагии дараҷаи дуюм, сеюм ва монанди инҳо, ки бо маънои асосии луғавӣ алоқаи нисбатан суст доранд, ба вуҷуд меоянд.

Калидвожаҳо: омилҳои пайдоиши калимаҳои ҳамовоз, омограф, исмҳо ба феъл, системаи овозии забон, забони англисӣ, замина таҳиқ, монандӣ ва тафовут, таҳиқи равандҳо, ташаккули омограф, луғавӣ-грамматикӣ.

ПРОИСХОЖДЕНИЕ ОМОНИМИИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена изучению факторов возникновения омонимичных слов, основная причина появления таких слов связана со звуковой системой языка. Автор уделяет особое внимание и предоставляет информацию об условиях изучения происхождения омонимии в языках, структурно различающихся, выявляя их сходства и различия.В заключение исследователь отмечает: омонимичные слова также возникают в результате фрагментации отдельных значений или коннотаций смыслового слова, в частности, дополнительных значений второго, третьего и подобных уровней, имеющих относительно слабую связь с основным лексическим значением.

Ключевые слова: факторы образования омофонов, омографы, существительные в глаголы, звуковая система языка, английский язык, контекст исследования, сходства и различия, изучение процессов, образование омографов, лексико-грамматический.

THE ORIGIN OF HOMONYMY IN ENGLISH

This article is devoted to the study of the factors of the emergence of homonymous words, the main reason for the emergence of such words is related to the sound system of the language. The author gives special importance and information on the background of the study of the origin of homonymy in languages that are structurally different, revealing their similarities and differences.In conclusion, the researcher noted: homonym words also arise as a result of the fragmentation of separate meanings or connotations of a meaningful word, in particular, additional meanings of the second, third, and similar levels, which have a relatively weak connection with the main lexical meaning.

Keywords: factors of the formation of homophones, homographs, nouns to verbs, sound system of the language, English, background of the study, similarities and differences, study of processes, homograph formation, lexical-grammatical.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мамаҷонова Мафтуна Ғайратовна*** - магистри кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)907999515**. E-mail: -bakhakhush@mail.ru.

Сведения об авторе: ***Мамаджонова Мафтуна Гайратовна*** - Таджикский национальный университет, магистрант кафедры английского языка и сравнительной типологии. Адрес:734025, Республика Таджикистан город Душанбе, проспект Рудакӣ 17. Телефон: **(+992) 907999515**. E-mail: -bakhakhush @ mail.ru.

Information about the author: ***Mamadjanova Maftuna Gairatovna*** - Tajik National University, magistrate of the department of English language and Comparative Typology. Address: 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 907999515.** E-mail: -bakhakhush @ mail.ru.

СИҒАИ ШАРТӢ- ХОҲИШМАНДӢ (THE SUBJUNCTIVE MOOD)

Рабихова М. Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сиғаи шартӣ дар забони англисӣ барои ифода кардани амалҳои фарзӣ, имкондошта ва майлиро амалҳои хилофи воқеият хизмат мерасонад.

But maybe you can explain to me why Mr. Gregorian, who thinks so highly of you, hasn't signed at least one of them, and perhaps scribbled a little note of encouragement to my gifted son? - Аммо шояд шумо ба ман фаҳмонед, ки чаро ҷаноби Грегориан, ки дар бораи шумо чунин фикр мекунанд, ҳадди аққал ба яке аз онҳо имзо нагузоштааст ва шояд як ёддошти ночизи руҳбаландиро ба писари бо истеъдоди ман навиштааст? [9,59]

Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ нишон медиҳад, ки амал ва ё ҳолат, ки бо ёрии феъл ифода меёбад, ҳамчун амали ғайри воқеъ, тасаввурот ва ё хоҳишманди ба назар гирифта мешавад. Сиғаи шартӣ-хоҳишманди инчунин муносибати таъсирнокии гӯяндаро нисбат ба далел ифода мекунад [10,83].

Сиғаи шартӣ амалеро ифода мекунад, ки иҷрои он аз ягон шарти ғайривоқеъ вобаста аст, яъне агар ин шарт иҷро мешуд, амали таҳти назар низ ба сомон мерасид. Ҳол он ки шарти тавассути шакли сиғаи шартӣ ифода мегардад, ба вуқуъ намеояд. Бо ибораи дигар сиғаи шартӣ оқибати амали ғайривоқеиро ифода мекунад.

Дар забони англисӣ сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ шакли синтетикӣ ва аналитикиро доро мебошанд.

Шакли синтетикӣ сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ба давраи Old English тааллуқ дорад. Дар давраи Old English сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ маҷмуи тағйири калимаҳоро дар бар мегирифт, ки аз сиғаи хабарӣ ба куллӣ фарқ мекард [8,23].

Бо мурури замон қисми зиёди тағйиротҳо аз байн рафта, фарқияти куллӣ байни сиғаи шартӣ ва хабарӣ низ аз байн рафтааст. Вале дар забони англисӣ то ҳол баъзе шаклҳои синтактики сиғаи шартӣ боқӣ мондаанд: сиғаи шартии замони ҳозираи ҳамаи феълҳо (Present Subjunctive) ва сиғаи шартии замони гузашта (Past Subjunctive) танҳо бо феъл to be.

1. Дар сиғаи шартии замони ҳозира (Present Subjunctive) феъл to be барои ҳама шахсҳои танҳо ва ҷамъ аз шакли сиғаи хабарӣ фарқ мекунанд. Бо ҳама дигар феълҳо шаклҳои (Present Subjunctive) аз шакли сиғаи хабарӣ фарқ мекунанд, ба истиснои шакли сеюм, ки дар Present Subjunctive охирчаспаки - s надорад.

Present Subjunctive - амалеро ифода мекунад, ки ба ҳозира ва оянда алоқаманди дорад. Ин шакл дар забони англисӣ хеле кам истифода бурда мешавад. Онро метавон дар назм ва наср, ки ин шаклҳои архаизмҳо ба ҳисоб рафта, бо мақсади муайяни стилистикӣ истифода бурда мешаванд, вохӯрд. Он метавонад дар забони илмӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ низ истифода бурда шавад.

Present Subjunctive дар баъзе ибораҳо низ мушоҳида мешавад:

Мисол: And so we were! - Ва ҳамин тавр мо будему [10,2].

Сиғаи шартӣ дар замони гузашта Past Subjunctive феъл to be шакли were - ро барои ҳамаи шахсу шумораҳо мегирад, ки дар шакли танҳо аз шакли сиғаи хабарӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Дар бисёр мавридҳо шакли was, ки ба шакли сиғаи хабарӣ мувофиқат мекунад, дар шакли танҳо ба назар мерасад:

Мисол: He said that he was from the War Department of the United States, which is what the Department of Defense used to be called. - У гуфт ки вай аз Вазорати мудофияи Амрико буд вақте, ки номаш ба Вазорати Мудофияи табдил ёфт.

Сиға шартӣ - Past Subjunctive дар забони англисии муосир васеъ истифода бурда мешавад.

Вожаи Past Subjunctive дар забони англисии муосир анъанавӣ набуда, он зарурати ифода намудани амали замони гузаштаро надорад. Дар ҷумлаҳои пайрави ҳоли шарт он ҳолати ғайримуқаррариро ифода менамояд, ки ба замони ҳозира ва ё гузашта алақамандӣ дорад. Дар шакли дигари ҷумлаҳои пайрави он амали пай дар пай, ки дар сарҷумла ифода меёбад, нишон медиҳад. Ҳамин тавр, он метавонад бо замони ҳозира ва гузашта алоқамандӣ дошта бошад.

Шакли аналитикии сиғаи шартӣ бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи should, would, may (might) shall ва масдари феълҳои асосӣ сохта мешаванд.

Сиға шартӣ бо феълҳои ёридиҳанда дар асоси феъҳои модалӣ, ки хусусияти модалии худро аз даст медиҳад, сохта шуда, барои сохтани шакли аналитикии сиғаи шартӣ дар замони гузашта сохта мешавад. Вале ҳолатҳое вомехӯранд, ки феълҳои ёридиҳанда хусусияти модалии худро нигоҳ медорад. Масалан феъли might дар ҷумлаи пайрави мақсад.

Мисол: "Sooner or later, you might hear something we would be very interested in knowing" he said. - "Дер ё зуд шумо чизеро мешунавед, ки мо дар барои донистани он шавқманд будем" -ӯ гуфт [10,232].

Дар забони англисии муосир амали дар сиғаи шартӣ монанд метавонад дар сиғаи хабарӣ - шакли замони гузаштаи номуайян (Past Indefinite), замони гузаштаи мутлақ (Past Perfect), баъзан замони гузаштаи давомдор (Past Continuous) ва гузаштаи мутлақи давомдор (Past Perfect Countinous) дучор шавад.

Дар ҷумлаҳои пайрави ҳоли шарт замони гузаштаи номуайян (Past Indefinite) амалеро, ки ба гузашта ё оянда алоқаманди дорад, ифода менамояд.

Замони гузаштаи давомдор (Past Continuous) ва гузаштаи мутлақи давомдор (Past Perfect Continuous) дар маврид хеле кам ба назар мерасанд.

И.А. Грузинская чунин қайд менамояд, ки сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ - the Subjunctive хоҳиш, пешниҳод, шубҳа ва ё ғайриҳақиқат ба вуқуъ омадани амалро ифода мекунад. Феъл дар шакли танҳо дар сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, ки аз шакли сиғаи хабарӣ фарқ мекунад -ин феъл be мебошад [9,154].

Сиғаи шартӣ ба қатори шакли сеюми сиғаи ғайримустақим дохил мешавад. Он ду шакли аналитики дорад:

1) I (we) should go. You (he, she, it, they) would go.

2) I (we) should have gone. You (he, she, it, they) would have gone.

Шакли якум амали ғайривоқеии ба замони ҳозира мансуб бударо ифода мекунад.

Шакли дуюм бошад, ба замони гузашта ё ба қаблияти амали ғайр воқеӣ нисбати амали дигар ё худ нуқтаи вақти дигаре далолат менамояд: If I were you, I should consider the matter settled.

I wish it were spring now!

Сиғаи шартӣ дар забони англисӣ ҳамчунин метавонад амалҳои воқеиро ифода кунад, ки аз рӯйи он муносибат ва ё ақидаи муайяни гӯянда баён мешавад.

Дар тафовут бо забони тоҷикӣ, ки дар он танҳо як шакли сиғаи шартӣ вуҷуд дорад, таркиби феълӣ бо префикси –ме дар якҷоягӣ бо шакли замони гузашта (ман мехостам) дар забони англисӣ ду намуди сиғаи шартиро дорад: шартӣ I (Subjunctive I) ва шартӣ II (Subjunctive II).

5) Past Subjunctive I-и феъли to have дар нутқи шифоҳи дар ибораи you'd, he'd (had) better + масдар барои ифодаи маслиҳат истифода мешавад:

You'd better stay at home. – Беҳтар мебуд, ки ту дар хона меистодӣ.

Сиғаи шартӣ II (Subjunctive II)

Ташаккули Subjunctive II

Subjunctive II – шакли муракаб, ки тавассути феъли ёридиҳандаи should дар ҳамаи шахс ва шумора ва асоси масдари феъли маънодор сохта мешавад. Subjunctive II ду шакли замон дорад: шартии ҳозира II (Present Subjunctive II) ва шартии перфектӣ II (Perfect Subjunctive II).

Present Subjunctive II Perfect Subjunctive II

She should (not) ask. She should (not) have asked

Тасрифи феъл дар Subjunctive II

Маънӣ ва мавридҳои истифодаи Subjunctive II

Subjunctive II барои ифодаи амали пешбинишаванда, эҳтимолӣ ё барои ифодаи муносибат (масалан, таассуф, ҳайрат, хоҳиш) ба амали воқеан иҷрошаванда истифода мешавад

I'm sorry that it should have happened so.- Афсӯс ки чунин воқеа рух дод [49,72].

The teacher advised that the boy should be sent to a music school. –Муаллим маслиҳат дод, ки бача ба мактаби мусиқӣ фиристода шавад.

3) дар ҷумлаҳои пайрави ҳол барои ифодаи амали камэҳтимол:

If you should find out his address let me know. – Ба ҳар ҳол донистани суроғаи ӯ ба шумо муяссар шавад, ба ман хабар расонед.

Дар чунин ҷумлаҳо пайвандаки if метавонад партофта шавад. Дар чунин мавридҳо феъли ёридиҳандаи should пеш аз мубтадо ва асоси масдар баъди он гузошта мешавад, яъне ҷумлаи пайрав тартиби ҷумлаи саволиро дорад. Инверсияи мазкур ба фикр хусусияти ҳассосии бештар мебахшад:

Should he drop in, ask him to wait for me? Баногоҳ агар ӯ ояд, хоҳиш кун маро интизор шавад.

Ҳамин тавр, қайд кардан лозим аст, ки истифодаи дурусти сиға аз худ намудани сохтори грамматикии забони англисӣ вазифаи муҳимро бозида, қисми ҷудонашавандаи он ба ҳисоб меравад. Ва аз рӯйи хусусиятҳои луғавӣ дар баробари категорияҳои дигари феъл ба монанди шахс, шумора, замон, тарз, сиға мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Масъалаи категорияи сиға дар сохтори забони англисӣ яке масъалаҳои мураккаб ба шумор меравад. Хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки сиға дар сохтори феъҳои забони англисӣ ва тарзи дурусти истифодаи он дар омӯзиши забони англисӣ мавқеи муайянро ишғол мекунад.

АДАБИЁТ

1. Алексеев Д.И. Развитие словообразования современного английского языка. Изд. Москва, 1977 - стр. 317
2. Англо-русский учебный словарь / под. ред. А.В. Сургатского - Москва : Русский язык, 2001.- стр. 860
3. Антрушина Г.Б. Лексикология английского языка. Москва: FRG- пресс, 2003.- 190 с.
4. Апполова М.А. Грамматические трудности перевода. Москва: Наука, 2004.- 328 с.
5. Арбекова Т.И. Лексикология английского языка / Т.И. Арбекова - Москва: Наука, 2002.- 240 с.
6. Арват Н. Н. Об изучений односоставных и двусоставных предложений. Москва, 1977.-стр. 161-165, 346-359.
7. Арнольд И. В. Лексикология современного английского языка. Москва, 1959.- 410 с.
8. Бархударов Л.С., Штелинг Д.А. «Грамматика английского языка» - М, 2005. – С. 67, 169
9. Бархударов Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка. М.: Высшая школа 1995
10. Барабаш. «Грамматика английского языка» - М, 1978 – С. 101
11. Берман И.М. Грамматика английского языка. Москва Высшая школа 1993

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАИ КАТЕГОРИЯИ СИҒАИ ШАРТӢ - ХОҲИШМАНДӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили муқоисаи категорияи сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ (The Subjunctive Mood)дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Муаллиф оид ба усулҳои ифодаи шаклҳои категорияи сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ (The Subjunctive Mood) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таърихи омӯзиши категорияи сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ (The Subjunctive Mood) дар забони тоҷикӣ аз лиҳози назария, маълумоти умумӣ роҷеъ ба категорияи сиға, маълумот додааст. Хулоса, муҳаққиқ таҳлили муқоисаи категорияи сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ (The Subjunctive Mood) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо далелҳо аз маводи асари тарҷумашуда нишон додааст.

Калидвожаҳо: таҳлил, муқоиса, категория, сиға. забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таърихи омӯзиши, лиҳози назария , маълумоти умумӣ, маводи асари тарҷумашуда.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КАТЕГОРИИ СОСЛАГАТЕЛЬНОЕ НАКЛОНЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена сравнительному анализу категории сослагательное наклонение в таджикском и английском языках. Автор приводит информацию о методах выражения форм категории сослагательное наклонение в таджикском и английском языках, историю изучения категории сослагательное наклонение в таджикском языке с теоретической точки зрения, общие сведения о категории сига. В заключение, исследователь представил сравнительный анализ категории сослагательное наклонение в таджикском и английском языках с использованием материалов переведенной работы.

Ключевые слова: анализ, сравнение, категория, сига, таджикский и английский языки, история изучения, теоретическая точка зрения, общие сведения, материалы переведенной работы.

A COMPARATIVE ANALYSIS OF THE CATEGORY OF SUBJUNCTIVE MOOD IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is devoted to a comparative analysis of the category of Subjunctive Mood in Tajik and English. The author provides information on the methods of expressing forms of the category of Subjunctive Mood in Tajik and English, the history of the study of the category of mood in Tajik from a theoretical perspective, and general information about the category of Subjunctive Mood. In conclusion, the researcher presents a comparative analysis of the category of Subjunctive Mood in Tajik and English using materials from a translated work.

Keywords: analysis, comparison, category, mood, Tajik and English languages, history of study, theoretical perspective, general information, materials from a translated work.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Рабихова Муниса Фахриддиновна*** - магистранти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: ***Рабихова Муниса Фахриддиновна.*** - Таджикский национальный университет, магистрант кафедры английского языка и сравнительной типологии. Адрес:734025, Республика Таджикистан город Душанбе проспект Рудакӣ 17.

Information about the author: ***Rabikhova Munisa Fakhridinovna***. - Tajik National University, magistrate of the department of English language and Comparative Typology. Address: 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17.

ТӮТИИ ҲИНД

Сафарова М.С.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Амир Хусрави Деҳлавӣ яке аз бузургтарин шоирони адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад. Ӯ дар аксари анвои адабӣ табъозмоӣ намудааст. Аз ҷумла, «Хамса»-и ӯ дар ҷавоби Низомии Ганҷавӣ яке аз шоҳкорҳои адабӣ мебошад. Чунонки Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» менависад: «Ҷавоби «Хамса»-и Низомиро касе беҳтар аз Хусрав нанавиштааст» [3. с.178]. Ғазалҳои ӯро Ҷомӣ «ба воситаи маъонии ошно, ки арбоби ишқу муҳаббат ба ҳасби завқу вичдони худ онро дармеёбанд, мақбули ҳама кас афтодааст» [3, 178] арзёбӣ кардааст, ки дуруст аст. Ҳамин муассир афтодани сухани шоир аст, ки баҳси мақолаи мо мавзуи ишқ мебошад. «Ғазал, - менависад донишманди тоҷик Муҳаммадвафо Бақоев, - дар байни лирикаи Амир Хусрав ҷойи асосӣ ва мақоми умдаро ишғол менамояд. Ӯ дар давоми фаъолияти эҷодии худ зиёда аз ду ҳазор ғазал таълиф кардааст. Амир Хусрав бештар аз ҳама аз рӯйи ғазалиёташ шуҳрати калон пайдо кардааст[6. с.47]. Ӯ дар тамоми давраи эҷодияш ғазал месароид ва як қисми ғазалиёти ӯ дар панҷ девони вай дохил гардидаанд ва қисми дигари ғазалиёташ ҳарчанд дар нусхаҳои куллиёт ва девонҳои ҷудогонаи шоир дохил шуда бошанд ҳам, дар панҷ девони ӯ дохил нагардидаанд» [1. с.230]. Аз ин назари донишманди тоҷик Муҳаммадвафо Бақоев, ки тамоми умри худро вақси омӯзиши рӯзгору осори Амир Хусрави Деҳлавӣ кардааст, метавон хулоса бардошт, ки дар канори панҷ девони ғазалиёти шоир ғазалҳое мавҷуданд, ки шоир онҳоро баъдан суруда ва аз он берун мондааст.

Дар бораи тартиби девонҳои шоир Ваҳид Мирзо изҳори андеша карда, аз ҷумла қайд мекунад, ки «Амир Хусрав дар девонҳои «Ғуррат- ул-камол» ва «Бақияи нақия» шахсан худаш ғазалҳоро мунтахаб карда будааст» [1. с.44]. Як фарқи умдаи девонҳои Амир Хусрав дар он аст, ки онҳо тибқи қофияву радиф мураттаб гардида, бархе аз донишмандон чунин ҳадс задаанд, ки «… дар замони Амир Хусрав мувофиқи алифбо дар девон овардани ғазалиёт ҳоло расм нашуда буд».

Ғазалиёти Амир Хусрав аз ҳайси мазмуну муҳтаво сермазмун ва пурдомана аст. Чунонки аз девонҳои шоирони гузашта бармеояд. Ишқ хамирмоя ва ҷавҳари асосии онҳоро ифода месазад ва ашъори Амир Хусрав низ аз ин амр мустасно нест. Вале чунонки дар аксари девонҳои шоирони қадим ба мушоҳида мерасад, қисмати аввали онҳоро ғазалҳо оид ба ҳамди Худо, наъти Пайғамбар, тавсифи чаҳор ёри Худо фаро мегирад.[5. с.53] Дар девонҳои Амир Хусрав дар баробари инҳо фақат як изофа дида мешавад. Ӯ дар оғози девонҳои панҷгонааш дар тавсифи пири маънавии худ Низомуддини Авлиё низ ғазалҳо эҷод кардааст, ки ӯ дар Ҳиндустон шуҳрати ниҳоят зиёд дошт ва то имрӯз пайравони худро дорад.

Муҳаққиқи маъруфи таърихи адабиёти форсу тоҷик дар Ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ дар “Шеър-ул-Аҷам” бо зикри шӯҳрати Амир Хурав дар тасаввуф навиштааст, ки ашъори Амир Хусравро бояд “ашъори ишқу ошиқӣ” номид, ки шоирони пуркудрат аз ин ишқи шоир баҳраи вофир ҷустаанд (13. с.119).

Бинобар таҳқиқи Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» Амир Хусрав асосан ба Саъдӣ пайравӣ карда, ба ғазалҳои зиёди ӯ ҷавоб навиштааст. Чунонки дар ин маврид навишта: «Камоли ғазал аз лутфу қашангии адов а услуби бадеъ аст ва мӯҷиди он ҳам Шайх Саъдист. Лекин ҳанӯз румузу асрори зиёде дар парда будааст, чунонки табъи бӯкаламуни Амир дар ҷиддати услуб ҳазорон пероҳои тозаву нав падид оварда, ки ба хобу хиёли қудамо ҳам наёмада буд» [2.с.419-420].

Қисмати дувум ё асосии ғазалиёти шоирро тавсифи ишқ дарбар гирифта, аз мавзуоти муҳими ғазалиёти Амир Хурав мебошад. Бояд ба ин нукта таъкид кард, ки

ишқи сурудаи шоирро муҳаққиқони ашъори ӯ ба ду бахш ҷудо кардаанд: ишқи заминӣ ва ишқи маҷозӣ.

Шоир дар ашъори ошиқонаи худ ҳусну ҷамоли маъшуқ, бевафоии ёри худписанд, ранҷи ағёр, дарди фироқу ҷудоӣ, нопойдории аҳди ёр, нозу истиғно ва ғайраро тавсиф мекунад. [7. с.57] Ӯ шоири ошиқпеша аст ва ишқ ҷавҳари навиштаҳои ӯро ифода месозад ва тасвирҳои шоир ба воқеият бештар гароиш доранд. Барои намуна:

Ёре, ки биранҷад зи вафо, ёр нагӯям,

Марде, ки битарсад зи бало, мард надонам.

Чунонки ба мушоҳида мерасад, ӯ дар ин байт ҳам маъшуқае, ки аз меҳрубониҳои ёр меранҷад, ёр намегӯяд. Шоир ба ин бовар аст, ки ёри ӯ бояд дарди ҳиҷрону ҷудоиро таҳаммул кунад ва аз суханҳои дилдодаи худ бояд наранҷад. Мард, ки ошиқ аст ва дар роҳи ишқ ҳар гуна мушкилҳост, бояд натарсад ва барои ба висоли ёри худ расидан ҳама гуна душвориҳоро бояд пушти сар кунад ва дар назди маъшуқаи худ ошиқи содиқ бимонад. [4. с.29] Чунонки дар байти зер мегӯяд:

Ман зи ҷонон гарчи сад андӯҳи ҷон хоҳам кашид,

То напиндорӣ, ки худро бар карон хоҳам кашид.

Яке аз бартариҳои ашъори Амир Хусрав, нисбат ба насри ӯ дар он аст, ки сухани ӯ ниҳоят дилчаспу дилнишин аст ва ҳамаи маъниҳо ошкор ва барҷаста тасвир шудаанд. Шоир дилбари худро бо ҷони худ дӯст медорад ва таъкид мекунад, ки ишқи ёр то даме, ки зиндаам, дар синаам маҳфуз хоҳад монд:

Ишқ бо ҷон ба ҳам аз сина бурун хоҳад рафт,

То надонӣ, ки ба таъвизу фусун хоҳад рафт.

Ва дар ҷои дигар мегӯяд, ба ҷурми ишқ агар кофар хонандам, аз роҳи худ пас намегардам ва боре ҳам забони ман бо истиғфор сухан нагуфтааст:

Ба ҷурми ишқ агар кофар кунанда халқ, гӯй мекун,

Маро боре забо ҳаргиз ба истиғфор накшояд.

Бинобар ин, шоир ошиқиро кешу оини худ медонад ва яке аз хусусиятҳои ошиқии ӯ ба тасреҳи худи ӯ бехабарӣ будааст. Бехабариро метавон ҷунун ва савдо маънӣ кард, ки ба ошиқпешаҳо ҳамроҳ аст:

Ҳар гурӯҳе бигузидан ба олам дине,

Ошиқӣ дини ману бехабарӣ кеши ман аст.

Дар ғазали дигар Амир Хусрав қиблаи ошиқонро ҷуз хами абрӯи дӯст намедонад ва дар рӯзи қиёмат агар халқ ба ҳар сӯ равад, вале Хусрави мискин ба ҷуз рӯйи дӯст ба каси дигар майл надорад ва ин ғазал то ҷое ирфонист:

Қиблаи исломиён Қаъба бувад дар ҷаҳон,

Қиблаи ушшоқ нест ҷуз хами абрӯи дӯст…

Рӯзи қиёмат, ки халқ рӯ ба ҳар сӯй кунанд,

Хусрави мискин накард майл ба ҷуз рӯйи дӯст.

Ӯ дар як ғазали худ аз ойини ҳиндувон, ки худ дар байни онҳо мезист, ёд мекунад. Ойини онҳо чунон бувад, ки зани ҳинду мувофиқи кеши онҳо як бор издивоҷ мекунад ва ҳамеша ба шавҳар содиқ мемонад. Вале мабодо, агар шавҳар ба ногоҳ бимирад, ҷасади ӯро месӯзонанд ва ҳамин лаҳзаро шоир бисёр зебо, барҷаста ва ҷаззоб ба тасвир кашидааст:

Ошиқеро, ки ғами дӯст беҳ аз ҷон набувад,

Ошиқи худ буваду ошиқи ҷонон набувад.

Мурдан аз дӯстии дӯст зи ҳинду омӯз,

Зинда бар оташи сӯзон шудан осон набувад.

Ӯ дар роҳи ишқ ошиқро содиқ мебинад ва булҳавасонро, ки бо ҳавасбозӣ мехоҳанд дили ёрро ба даст оварда, баъдан дар нимароҳи қисмат партоянд, накӯҳиш мекунад:

Тариқи булҳавасон аст, не раҳи ушшоқ,

Зи ишқ лофу пас аз фитна бар карон будан.

Ӯ аз дилбароне, ки вафо надоранд, дар ағлаби ғазалҳояш шикоят мекунад. Ба пиндошти ӯ даври чарх, рӯзгор низ бо аҳди ёр якҷо шуда, ба ошиқ бемеҳрӣ ва бевафоӣ мекунанд. Ин дард дарди ишқ аст, ки ҷудоиву фироқ дорад ва ба ақидаи Амир Хусрав ҳар кас, ки аз боғи даҳр вафо надид, дар олам меҳри гиёҳеро низ набинад ва бо кулфату дард мубтало гардад:

Ҳеч кас аз боғи даҳр бӯйи вафое надид,
Дар ҳама бӯстони хок меҳри гиёҳе надид.

Ғазалиёти Амир Хусрав дар миёни мардуми тоҷик шӯҳрату овоза дорад. Ин ғазали шоирро қариб ҳама кас, ки ба адабиёт алоқа дорад, медонад ва яке аз беҳтарин ғазалҳои ошиқонаи шоир мебошад ва маълум мешавад, ки шоир маҳорати шоирии бузург дорад:

Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,
Ҳарчанд васфат мекунам, дар ҳусн аз он болотарӣ.
Ҳаргиз наёяд дар назар нақше зи рӯят хубтар,
Шамсӣ надонам ё қамар, ҳурӣ надонам ё парӣ.
Офоқро гардидаам, меҳри бутон варзидаам,
Бисёр хубон дидаам, аммо ту чизи дигарӣ.
Олам ҳама яғмои ту, халқе ҳама шайдои ту,
Он наргиси шаҳлои ту, оварда расми кофарӣ.
Эй роҳату ороми ҷон, бо қадди чун сарви равон,
З-он сон марав доманкашон, к-ороми ҷонам мебарӣ.
Азми тамошо кардаӣ, оҳанги саҳро кардаӣ,
Ҷону дили мо бурдаӣ, ин аст расми дилбарӣ?!
Хусрав ғариб асту гадо, афтода дар шаҳри шумо,
Бошад, ки аз баҳри Худо сӯйи ғарибон бингарӣ.

Дилфиребии омадани маъшуқ ба назари шоир ба ин гуна аст:

Бутию офати тақвою охир ин намедонӣ,
Ки бар шаҳри мусулмонон набояд инчунин омад.

Ба пиндошти шоир, чун ошиқ ҳангоми тақвои мардум пайдо шавад, дар ибодати ӯ халал пайдо шавад, яъне ҷамоли ӯ ҳуши обидро рабояд ва ӯ аз бути дилфиреби худ тақозо менамояд бо нозу истиғно ба шаҳри мусулмонон набояд ворид шуд, зеро ин шӯҳшангӣ хонаи дини обидро рахна созад.

Бути дилфиреби шоир он қадар аз андоза зиёд ҳусн доштааст, ки ҷазабаи суханаш касро мафтуни хеш месозад.

Ҷон зи наззора харобу нози ӯ з-андоза беш,
Мо ба бӯе масту соқӣ пур диҳад паймонаро.

Аз баъзе абёти шоир чунин маънӣ ҳосил мешавад, ёре, ки васф мекунад, турк будааст. Шоир мегӯяд, ки ман мафтуни ҷамоли зебои ӯ шудам, вале, мутаассифона, забони туркиро балад нестам:

Забони шӯхи ман туркию ман туркӣ намедонам,
Чи хуш будӣ, агар будӣ забонаш дар даҳони ман.

Чи байти зебое. Шоир дар ин байт аз санъати иҳом истифода кардааст, забони аввал ҷузви бадани инсон буда, ки табиист ва забони дувум ба лисони ёр, ки туркӣ буда, ба думаъноии он ишора дорад ва дар мисраи дувум бӯса кардани худро бо таъбири шоиронаи «забонаш дар даҳони ман» ифода кардааст, ки тасвири бисёр зебост ва воқеан ба тӯтии шакархори Ҳинд будани Амир Хусрави Деҳлавӣ ишораи сареҳ дорад.

Амир Хусрав дар сурудани ишқияҳо назир надорад ва суханаш табиию табъаш равон аст. Гоҳе бо вуқуъгӯӣ маъниро чунон сода, табиӣ ва равон баён медорад, ки ба ҳунари бузурги шоирӣ ва табъи баланди суханварии ӯ шаҳодат медиҳад:

Лабу даҳону рухат ҳар яке балои диланд,
Яке дилам чи кунад, ҷониби кадом шавад.

Яъне, ин сифатчиние, ки Амир Хусрав аз дилдори хеш карда ва ҳар кадоми онҳо ҳуши ӯро мерабоянд, ки дили ошиқи шоир ҷониби кадоми онҳо равад, ки ҳар кадоми онҳо ба қавли шоир «балои дил» ҳастанд ва шӯри ишқу ҷавониро барпо доранд.

Яке аз хосиятҳои барҷастаи ғазалиёти Амир Хусрав дар он аст, ки ӯ тавонистааст дар навъи адабии ғазал маъноро мусалсал оварад ва то ҷое мавзуъро мушаххас созад. Ҳарчанд ки дар навъи ғазал ҳар байт истиқлоли маънӣ дорад ва онро парешон нигоҳ медорад. Чунонки дар боло як ғазали комили шоирро овардем, ки саропо мавзуяш ишқ аст ва ин, албатта, нишондиҳандаи маҳорат ва қудрати шоирии Амир Хусрав аст. Чунонки Шиблии Нуъмонӣ ин ҳолатро дар ғазалиёти шоир ба мушоҳида гирифта, чунин мулоҳиза мекунад: «Амир Хусрав ғазалиёти мусалсали зиёде навишта ва нақшаи баъзе ҳолоту кайфиёти хосро ба қадре хубу қашанг кашида, ки назири онро наметавон ба даст овард» [2. с.429].

Хулоса, чунонки аз абёти боло дидем, ки Амир Хусрав дар сурудани ишқия - моҳиятан мафҳуми ғазалро ифода мекунад, беназир аст ва дар сафи бузургтарин шоирони порсигӯ қарор дошта, ишқ фалсафаи каломи ӯро ташкил мекунад.

АДАБИЁТ:

1. Бақоев М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ. -Душанбе: Дониш, 2023, 384 саҳ.
2. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам. Ҷилди аввал ва дувум -Душанбе: ДДОТ, 2016. -544 саҳ.
3. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Баҳористон.Таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот Аълохон Афсаҳзод. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008, -204 саҳ.
4. Шафақи Табрезӣ, Содиқ Ризозода. Таърихи адабиёт дар Эрон. - Теҳрон: Фирдавс, чопи шашум, 1369.
5. Хусрав, Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб Ҷилди чорум- Душанбе, 1975. - 894 саҳ.
6. Ҳусайнқулихони Азимободӣ. Наштари ишқ / Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғар Ҷонфидо. - Ҷ.2. - Душанбе: Дониш, 1982. - 782 саҳ.
7. Тағоймуродов Р.. Амир Хусрави Деҳлавӣ ва такмили авзони ғазал. – Душанбе, 2010, - 208 саҳ.

ТӮТИИ ҲИНД

Мақола ба таҳлили ашъори Амир Хусрави Деҳлавӣ, шоири маъруфи форсӣ, бахшида шудааст. Муаллиф на танҳо ғазалиёти ӯ, балки мавзуъҳои асосии ашъори Хусравро, ба вижа ишқ, маъшуқа ва нопойдории зиндагӣ таҳлил мекунад. Мақола ишқи заминӣ ва ишқи маҷозиро дар шеъри Амир Хусрав фарқ мекунад ва тавсифи дард, фироқ ва бевафоии ёрро дар назар мегирад. Амир Хусрав дар адабиёт ва шеъри форсӣ ва урду мавқеи вижа дорад, ва мавзуи ишқро бо рангҳои нав ва табиӣ ба тасвир кашидааст. Мақола нишон медиҳад, ки ӯ дар шеъри ишқ чун шоири бузург ва бо мафҳуми амиқ ба адабиёт таъсир гузоштааст.

Калидвожаҳо: таҳлили ашъор, шоир, ғазалиёт, ишқ, маъшуқа, зиндагӣ, ишқи заминӣ, ишқи маҷозӣ, фироқ, бевафоӣ, ёр.

ИНДИЙСКИЙ ПОПУГАЙ

Статья посвящена анализу творчества Амир Хусрава Дехлеви, знаменитого персидского поэта. Автор рассматривает не только газели поэта, но и основные темы его произведений, такие как любовь, возлюбленная и неизбежность жизненных изменений. В статье различаются земная и метафорическая любовь в поэзии Амир Хусрава, а также внимание уделяется описанию боли, разлуки и измены. Амир Хусрав занимает особое место в персидской и урду литературе, и изображает тему любви с новыми, естественными оттенками. Статья показывает, что он оказал глубокое влияние на литературу, благодаря своему мастерству в изображении любви в поэзии.

Ключевые слова: анализ поэзии, поэт, газели, любовь, возлюбленная, жизнь, земная любовь, метафорическая любовь, разлука, неверность, возлюбленный.

INDIAN PARROT

The article is dedicated to analyzing the works of Amir Khusrau Dehlavi, the famous Persian poet. The author examines not only his ghazals but also the main themes of his poetry, such as love, the beloved, and the impermanence of life. The article distinguishes between earthly and metaphorical love in Khusrau's poetry, focusing on the depiction of pain, separation, and infidelity. Amir Khusrau holds a special place in Persian and Urdu literature, portraying the theme of love with fresh and natural nuances. The article demonstrates that he has made a significant impact on literature, especially through his profound treatment of love in poetry.

Keywords: poetry analysis, poet, ghazals, love, beloved, life, earthly love, metaphorical love, separation, infidelity, beloved.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафарова Муниса Сирочиддиновна*** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, магистри курси дуюми ихтисоси “забон ва адабиёт”. Суроға734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **931255271**

Сведения об авторе: ***Сафарова Муниса Сирочиддиновна*** – магистрант второго курса по специальности «Язык и литература» Академии наук Республики Таджикистан. Адрес 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **931255271**

Information about the author: ***Safarova Munisa Sirojiddinovna*** – second-year master's student in the field of "Language and Literature" at the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **931255271**

УСУЛҲОИ ИФОДАИ ШАКЛҲОИ ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ОДӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Тураева М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони тоҷикӣ феъл дорои се замон буда, ҳар яки онҳо дар навбати худ чанд шакли замони доранд. Замони гузаштаи феълҳои тоҷикӣ дар сиғаи хабарӣ нуҳ шакл дошта, аз нигоҳи морфологӣ бо тамоми шакл ва тобишҳои семантикии маънои грамматикӣ амалеро ифода мекунад, ки то лаҳзаи нутқ анҷом дода мешавад.

«Замони гузаштаи содаи сиғаи хабарӣ, - кайд мекунанд В. С. Расторгуева ва А.Керимова, - дар овози фаъол бевосита бо ёрии асоси замони гузаштаи феъл бо иловаи пасвандҳои феълӣ ва нишондиҳанда ифода мешавад. Дар шахси сеюми танхо дар забони точики замони гузашта пасванд намегирад» [Расторгуева, Расторгуа, 1496].

Ин забоншиносон ин шаклҳои замони гузаштаро сода номидаанд, ки ин бо муқоисаи онҳо бо дигар шаклҳои замони гузашта шарҳ медиҳад. Чунин ақида дар таҳқиқоти забоншиносони дигар низ мушоҳида мешавад. Яке аз коршиносони масоили забоншиносии муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ П.Ҷамшедов мебошад, ки ҳам ин шаклро замони гузаштаи сода номида, мувофиқати онро бо шаклҳои гуногуни феълҳо дар забони англисӣ қайд мекунад. [Ҷамшедов, 1984, 74-78].

Омӯзиш ва тарҷумаи мероси эпистолярӣ аз як забон ба забони дигар бидуни дониши амиқи масъалаҳои хусусияти замон ва тобишҳои иловагии маъноии онҳо ғайриимкон аст. Бешубҳа, ҳар як маънои грамматикӣ дар забонҳои гуногун, бахусус дар сурати мавҷуд будани аломатҳои фарқкунанда дар сохтори морфологӣ бо тарзу усулҳои гуногун ифода мешавад. Агар замони гузаштаи сода дар забони тоҷикӣ ба воситаи феълҳои сода(simple), сохта (derived), мураккаб-номӣ (compound) ва мураккаб-феъл(composite) бо иловаи пасвандҳои мувофиқ ба амал омада бошад, пас дар забони инглисӣ бо ёрии феълҳои сода, ҳосила, таркибӣ ва таркибӣ ва феълҳои муқаррарию номунтазам дар шакли замони гузашта, баъзан бо иловаи изофӣ ва калимаҳои феълии замони гузашта Past Indefinite Tense сохта мешаванд: to cut, cut, cut; to live – lived – lived, to sit down – sat down – sat down - буридан, буридан; зистан - зистан - зистан, нишастан - нишастан - нишастан.

Ин як далели эътирофи умум аст, ки сохти замони гузаштаи сода, аз як тараф, дар услубшиносии тобишҳои маъноӣ предмет шуда, ба ин васила семантикаи замони амалро тагйир медиханд; аз тарафи дигар ин замонро бо тарзу усулхои гуногун низ ифода кардан мумкин аст. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки шаклҳои замони гузаштаи соддаи феъл дар насри устод Айнӣ ба маъноҳои гуногун корбаст шудаанд:

Шакли зерин семантикаи амали васеъро, ки пай дар пай анҷом дода мешавад, объективизатсия мекунад:

а) амалхои дарозмуддатеро, ки пай дар пай иҷро мешаванд, ифода мекунад:

Қориишкамба бо кӯтоҳ кардани мӯйлабаш ҳатто ба кушода гирифтани лӯнгӣ мунтазир нашуда аз ҷояш ҷаста бархост ва то аз гарданаш гирифтани лӯнгӣ дасторашро аз суфача гирифта, ба сари худ гузошта, шитобкорона аз дӯкони сартарош баромад [М.с, 88]. ~ Without waiting for the barber, who was combing his moustaches, to take the towel off carefully, Kory-Ishkamba jumped up, grabbed his turbun from the shelf by the mirror, thrust the towel into the barber's hands, and rushed out of the shop [D.M.L, 193-194].

Бо вуҷуди он ки калимаву ибораҳои замонӣ барои сабти лаҳзаи амал кор фармуда мешаванд, ба қобилияти нопурра, вале нисбии онҳо барои муайян кардани фосилаи замони феъл таваҷҷуҳ кардан лозим аст:

Фардои он рӯзе, ки ман Қориишкамбаро дар сартарошхона дидам, пагоҳонӣ дар пайи ёфта, дида, шинос шудан бо ӯ ба кӯча баромадам: аввал лаби ҳавзи Девонбегиро гардиш карда баромадам... [M.c, 88]. The next morning, I was up and out early in hopes of meeting Kory-Ishkamba: first I circled about Divon- begi Pond, … [D.M.L, 194].

Бояд гуфт, ки дар забоншиносии тоҷик охирин асари илмии эътирофшуда «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ба шумор меравад [1985]. Дар асоси ин нашрия мо кӯшиш намудем, ки шаклҳои замони гузаштаи содаро дар заминаи тобишҳои семантикии хоси онҳо дар асоси осори Садриддин Айнӣ таҳлили муқоисавие кунем.

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» таъкид шудааст, ки сарфи назар аз ифодаи хусусияти яквақтаи амали анҷомдодашуда бо замони гузаштаи сода, дар таносуби матн маънои луғавии феълҳо, калимаҳое, ки муносибатҳои феълиро (вақт, овоз, ченак ва дараҷа) амалӣ мекунанд, метавонанд тобишҳои наву иловагии маънӣ гиранд.

1. Замони содаи гузашта маънои амали якдафъаинаро объективона нишон медиҳад, ки онро бо ду тарз ифода кардан мумкин аст: хусусияти якдафъаинаи амал аз маънои феъл маълум аст, агарчи дар ҷумла калима ва ибораҳое, ки фосилаи замонро муайян мекунанд, мавҷуд набошад ҳам. Ба ғайр аз ин, дар ифодаи ин тобишҳои маънӣ ва шаклҳои замон роли асосӣ ба контекст дода мешавад. Барои намуна:

Ман нишастам [Ёд, 46]. ~ I sat down [R, 67].

Дар мисоли овардашуда замони гузаштаи сода бо асоси замони гузашта нишастам ва феъли як шахси аввал пасванди -ам ифода ёфтааст. Феъли содаи нишостам фаврӣ ва комил аст. Иҷрокунандаи амал актант (фолга) мебошад. Тарҷумаи мисоли боло ба воситаи феъли мураккаб ва зарфи to sit down ба амал меояд. Феъли номунтазам нишастан ба воситаи шакли замони гузашта sat down, амалеро дар замони гузаштаи номуайян The Past Indefinite Tense ифода мекунад, сурат мегирад.

Ҳамин тавр, амали замони гузаштаи забони тоҷикӣ ба воситаи феъли сода, дар забони инглисӣ ба воситаи феъли мураккаб (феъл ва зарф) предмет мешавад, ҳарчанд чунин ҳолат барои забони тоҷикӣ хос нест. Аз ин рӯ, бартарияти равшани тарзи таҳлилии ифодаи замони гузашта дар забони англисӣ вуҷуд дорад:

Шумо дар куҷо ҳалвои равғанӣ хӯрдед? [Ёд, 22.] ~ Where have you eaten buttery halva? [R, 46]

Дар ин ҷо сохтори замони гузаштаи сода бо асоси замони гузашта хӯрд ва феъли ҷамъи шахси дуюм -якӣ ифода карда мешавад. Тарҷумон дар забони англисӣ феъли ёридиханда have ва пасванди eaten-ро истифода кардааст, ки ба ифодаи амале, ки то лаҳзаи нутқ анҷом ёфта, натиҷаи он то замони ҳозира нигоҳ дошта шудааст, ки амалро дар замони Present Perfect Tense ифода мекунад.

Яке аз хусусиятхои замони гузаштаи сода хусусияти якдафъаинаи амалҳои иҷрошаванда мебошад, ки профессор В. Расторгуева чунин тавзеҳ медиҳад: «Амали бо шакли содаи замони гузашта ифодашударо ҳамчун амали якдафъаина фаҳмидан мумкин аст, ки дар ибора калимаҳои махсусе, ки давраи анҷоми онро нишон медиҳанд, надошта бошанд ва худи феъл бошад, аз ҷиҳати маъноияш имкон медиҳад, ки мафҳуми иҷрои якдафъаина» [Расторгуева, 1964]. Ба он диққат додан лозим аст, ки пасвандҳои феълии шахси дуюм дар ду ҳолат кор фармуда мешаванд:

а) ҳангоми ифодаи шахси дуюм;

б) ҳангоми ифодаи эҳтиром ба шахси дуюм. Дар ҷумлаи аввал ба маънои шакли ҷамъи танҳо истифода шудааст, ки семантикаи муносибати эҳтиромро ифода мекунад.

Дар забони англисӣ «The ҷонишини you шумо шакли ҷамъ аст, вале метавонад ба бисёр одамон, инчунин ба як шахс ба маънои ҷонишини шахси 2-юм ишора кунад» [Качалова, 2010, 71].

Барои намуна:

Бо ҳамин риши сафед, охир шумо маро фиреб додед, – гуфтам [Ёд, 16]. ~ «So you did trick me for all this beard of yours! » [R, 41].

Ман ба пеши падарам рафтам [Ё, 28]. ~ So I went to my father [R, 50].

Дар ин ҷумла замони гузаштаи сода ба воситаи асоси замони гузашта рафт ва пасванди феъли танҳои шахси якум -ам актуалӣ шудааст. Ин феъл амалеро ифода мекунад, ки дар замони гузаштаи сода сурат гирифта, шахси аввалро ифода мекунад.

Тарҷумаи ҷумлаи боло бо истифода аз феъли go дар замони гузашта рафт, ифодаи амале, ки дар замони гузаштаи сода (The Past Indefinite Tense) иҷро шудааст, сурат мегирад. Дар ин ҷо байни шакли маъноии феъли инглисӣ ва замони гузаштаи забони тоҷикӣ мувофиқати комил мушоҳида мешавад.

2. Барои сабти лаҳзаи амал баъзан калимаю ибораҳои замон истифода мешаванд, вале фосилаи замони феълро на пурра, балки нисбатан муайян мекунанд [ГАЗТ, 1985, 212].

Шакли зерин амали муттасилро ифода мекунад, ки пай дар пай анҷом мешавад:

Шакли зерин амали муттасилро ифода мекунад, ки пай дар пай анҷом мешавад:

Баъд аз чанд дақиқа Махдуми ҳазорагӣ маро аз пеши мардикорон имо карда хезонд ва ба роҳрави ҳавлӣ бурда, ба болохонае бароварда [Мух, 45]. ~ A few minutes later, he came back and beckoned to me from a distance. We eed a house and went upstairs [B, 52].

Феъли мураккаби имо карда хисса, //имокунон герунд//боимо таркиб аст. Дар мисоли овардашуда нависанда пешоянди мураккаби бад аз ва ибораи чанд дақиқаро барои ифодаи давраи замон истифода кардааст, вале бояд гуфт, ки феъли таркибии имо кардан, феъли содаи хезонд ва феъли пасванди бурда, инчунин феъли ҳосилшудаи баровар замони гузаштаи содаро ифода мекунад.

Дар забони англисӣ ин маъноро бо зарфи замон ифода кардан мумкин аст A few minutes later, феълҳои асосии come, go дар замони гузашта came, went, зарфҳои бозгашт, боло, феълҳои back, up, иловаи суффикси -ed beckoned, entered амалро ифода мекунад, дар шакли замони гузаштаи Past Indefinite Tense.

Бояд тазаккур дод, ки дар забони инглисӣ замони амал дар замони пас аз номуайян аҳаммияти принсипи дорад, ки барои ифодаи он чунин зарфҳо ба мисли дирӯз - дирӯз - дирӯз, гузашта ҳафта - ҳафтаи гузашта - гузашта ҳафта ва ғайра истифода мешаванд.

Дар хона аз кӯрпачаҳо як суфаи бисёр хуб сохтем, – гуфт тағоиям [Ёд, 18]. ~ «We have made you a very nice sufa out of quilts », he said [R, 40].

Дар ин мисол ба феъли мустакили сохтан пасванди -ем омада, ба амал семантикаи замони гузаштаи бевосита ва содаро медиҳад. Аммо дар забони англисӣ тарҷумаи он бо истифода аз феъли ёридиханда have ва пасванди made (Present Perfect Tense) сурат мегирад, ки синонимӣ феъли тоҷикист.

Ҳамин тариқ, зарур аст, ки муқаррароти асосии ниҳоии ин фасли тадқиқотро қайд кард: Замони гузаштаи сода дар забони тоҷикӣ аз асоси замони гузашта, феълҳои мураккаби номӣ ва мураккаб, инчунин пасвандҳои феълӣ ва предикативӣ сохта мешавад. Аммо дар забони англисӣ ифодаи замони гузаштаи сода аз забони тоҷикӣ куллан фарқ дорад.

АДАБИЁТ

1. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка. - Москва, Высшая школа,1965, - 467 с.
2. Беляева М.А. Грамматика английского языка. - Москва, Высшая школа, 1963, -367 с.
3. Блох М.Я. Теоретическая грамматика английского языка. - М.: Высшая школа, 1965, -456 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди I. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди II. – Душанбе: Дониш, 1986. – 372с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик (Лексикология, фонетика ва морфология). -Қисми 1. -Душанбе: Ирфон, 1973. -451 с.
7. Ильиш Б.А. Современный английский язык. Москва, 1948, - 238 с.
8. Качалова К. Н. Изралиевич Е. Е. - Практическая грамматика английского языка - Москва 1959. 600 с.
9. Крылова И. П., Гордан Е. М. - Грамматика английского языка Москва 1999, -569 с.
10. Расторгуева, В.С., Керимова, А.А. Система таджикского глагола// В. С. Расторгуева, А.А. Керимова. – М.: Наука, 1964. –292 с.
11. Ҷамшедов, П., Убайдуллоев Р., Мухторова С., Азимова М., Усмонов К. Очеркҳо оид ба типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. – Душанбе, 1988. С.95 - 126.
12. Санников Э. В. - Практическая грамматика английского языка -Ростов - на - дону 2001. – 467 с.

УСУЛҲОИ ИФОДАИ ШАКЛҲОИ ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ОДӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба усулҳои ифодаи шаклҳои замони гузаштаи одӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Муаллиф оид ба усулҳои ифодаи шаклҳои замони гузаштаи одӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таърихи омӯзиши феъл ва шаклҳои он дар забони тоҷикӣ аз лиҳози назария, маълумоти умумӣ роҷеъ ба феъл, хусусан, шаклҳои тасрифнашавандаи феъл маълумот додааст.Хулоса, муҳаққиқ усулҳои ифодаи шаклҳои замони гузаштаи одӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо далелҳо аз маводи асари тарҷумашуда нишон додааст.

Калидвожаҳо: ифодаи шаклҳои замони гузаштаи одӣ, дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ , усули тарҷума, забони англисӣ, таърихи омӯзиши феъл, шаклҳои феъл дар забони тоҷикӣ, шаклҳои тасрифнашавандаи феъл.

СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ ПРОШЕДШЕГО ПРОСТОГО ВРЕМЕНИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена способам выражения простого прошедшего времени в таджикском и английском языках. Автор приводит сведения о способах выражения простого прошедшего времени в таджикском и английском языках, историю изучения глагола и его форм в таджикском языке с теоретической точки зрения, общие сведения о глаголе, в частности, о несклоняемых формах глагола.В заключение исследователь приводит способы выражения простого прошедшего времени в таджикском и английском языках, подкрепляя их материалами переводной работы.

Ключевые слова: выражение простого прошедшего времени, в таджикском и английском языках, способ перевода, английский язык, история изучения глагола, формы глагола в таджикском языке, несклоняемые формы глагола.

WAYS OF EXPRESSING SIMPLE PAST TENSE IN TAJIK AND ENGLISH

The article is devoted to the ways of expressing simple past tense in Tajik and English. The author provides information about the ways of expressing simple past tense in Tajik and English, the history of studying the verb and its forms in Tajik from a theoretical point of view, general information about the verb, in particular, about the indeclinable forms of the verb.In conclusion, the researcher provides ways of expressing simple past tense in Tajik and English, supporting them with materials from the translated work.

Keywords: expression of simple past tense, in Tajik and English, translation method, English language, history of studying the verb, verb forms in Tajik, indeclinable forms of the verb.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исматова Нилуфар Қадриддиновна*** - магистри кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992). **905400034.** E-mail: -bakhakhush@mail.ru.

Сведения об авторе: ***Исматова Нилуфар Қадриддиновна.*** - Таджикский национальный университет, магистрант кафедры английского языка и сравнительной типологии. Адрес:734025, Республика Таджикистан город Душанбе, проспект Рудакӣ 17. Телефон: (+992). **933988045.** E-mail: -bakhakhush @ mail.ru.

Information about the author: ***Ismatova Nilufar Qadriddinova***. - Tajik National University, magistrate of the department of English language and Comparative Typology. Address: 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: (+992). **933988045**. E-mail: -bakhakhush @ mail.ru.

ШИНОХТИ БАДЕИИ ТАЪРИХ ДАР НАСРИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бобиева Р.М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ

Иртиботи таърих бо ҳаёти инсонӣ, ки ҳар ду тобеъи низоми иллат ва маълул ба назар мерасанд, аз замонҳои қадим модаи таърихро бо модаи шеър (адабиёт) наздик кардааст, ки гурӯҳе аз соҳибназарон таърихро бо шеър (ва адаб) муқоиса кардаанд ва онро бешу кам аз як мақула донистаанд. Аз даврaҳои қадим донишмандон таърихро бо адабиёт тавъам медонанд, ки дар замони муосир низ ин ақида ба назар мерасад, фақат дар умқ диду назарҳо тағйирот ва таҳаввулоте ба миён овардаанд.

Дар мавриди иртиботи Садриддин Айнӣ бо таърих ва баҳрабардории олимонаю адибона аз он домани андешаро метавон тағйир дод ва вусъат бахшид. Ба ифодаи дигар, бо тамоми қатъият метавон хулоса кард, ки таърих Садриддин Айниро сохт, таърих Айниро нависанда кард. Воқеан ҳам дар байни адибони тоҷик таваҷҷуҳ ба ҷанбаи таҷоруби судманди таърих ҳеҷ ҷо мисли осори дар мавзуи таърих навиштаи Садриддин Айнӣ ба қадри худогоҳ ва ҷиддӣ дунбол нашудааст. Меҳвари аслии андешаи нависанда дар ин боб бар гирди масъалаи қисмати таърихии халқи тоҷик, тамаддун ва фарҳанги он мегардад.

Ба назари мо, ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ боиси пайдоиш ва ташаккули як навъи хоси алоқа ва ҳатто ҳаяҷон нисбат ба гузашта дар ҳиссу идроки нависанда гардид. Барои нависанда шинохти гузашта дарёфти замони ҳол ва беш аз ин рӯнамоии ояндаи рушан буд. Бинобар ин ҳам таърихият аз фазилатҳои хоси эҷодӣ ва ҳунари нависандагии Садриддин Айнӣ буда, то ҷое махсусиятҳои фардияти эҷодии ӯро муайян намояд ҳам, ҳеҷ гоҳ «ҳадяи табии тақдир» набудааст. Балки нависанда фақат дар натиҷаи омӯзиш ва заҳмати тулонӣ ба дарёфти шинохти гузашта ва корбасти он дар осори бадеияш муваффақ шудааст.

Дар ин робита шахсият ва симои наҷибу неруманди Садриддин Айнӣ тимсоли барҷастаи арҷгузории хидматҳои беназираш барои ҳувият ва худшиносии тоҷикон буда, дар осораш баҳри пойдории арзишҳои ахлоқиву ҳунарӣ ва бақои умри халқ хидмат намуда, дар замони эҳёи таърихиву фарҳангӣ ба диди мушаххаси зебоишинохтӣ ва ғояҳои иҷтимоӣ тарҳу таровати тоза гузоштааст.

Садриддин Айнӣ аз зумраи адибонест, ки дар сафҳаи пуршаъни тамаддун ва марҳилаи ҳассосу душвори таърихии халқҳои собиқ Аморати Бухоро бо чунин пайкори наҷибу созанда ва мақоми арҷманд дар эҳёву бақои ҳастии давлатдории миллӣ ва шинохти тоҷикон дар ақсои олам ҷон ба гарав гузошта, як умр бошарафона дар ҳимояи адолати иҷтимоӣ, ғами халқу давлат ва миллат қарор дошта, дар мабнои таъсире, ки баъд аз худ мероси пуразрише бар ҷой мондааст. Намои шахсияти барҷаста ва чеҳраи дурахшону мондагори халқҳои Осиёи Марказӣ дар қарни XX шинохта шуда, бо сарнавишти пурсӯз, зиндагонии пуразоб ва фоҷеабор талхиву нокомиҳои даврaи ҳассостарини таърихии халқи тоҷикро таҳмил намуда, дар ташаккули ҳувияти ҷомеа таъсири судманд гузоштааст.

Дар фаъолияти эҷодии Садриддин Айнӣ таҷассуми бадеии воқеияти даврaи муайяни таърихӣ ва марҳилаи ҳассоси сарнавишти таърихии халқ моҳияти андешаи муаллиф ва махсусияти ҷустуҷӯҳои бадеиро дар қаринаи таърихиву фарҳангӣ муайян сохтааст. Таҳаввул ва ташаккули сарнавиштҳову характерҳои гуногун ва фарогирии вусъатноки шинохти маърифати бадеии таърих дар тахайюлоти эҷодии нависанда арзишманд ва ибратпазир буда, диди ҳамосии воқеият, пайванди таҳқиқи илмӣ, публитсистӣ ва бадеиро падид оварда, арзиши осори нависандаро ба маротиб афзун

гардонидааст. Осори безавол, шахсияти наҷиб ва чеҳраи дурахшони устод Садриддин Айнӣ ба эътирофи муҳаққиқон сабақи таърих аст ва руҳи бедори халқ ва таърихи ҷовидони миллат мебошад.

Садриддин Айнӣ ба таърихи халқи тоҷик чун ба таърихи яке аз «халқҳои меҳвар» (истилоҳи К. Ясперс), ки «таърихи худро пайгирона идома дода, ҷаҳише ба амал овардаанд ва дар ин ҷаҳиш гӯё дубора зода шудаанд, умри дубора ёфтаанд, дар натиҷа асоси моҳияти маънавии инсон ва таърихи ҳақиқии ӯро бунёд гузоштаанд» [17, с. 76], назар мекунад. Чунин назар моҳияти масъалаи шинохти маънии фалсафаи таърихро ифода мекунад, ки дар маркази ин таҳқиқ, пеш аз ҳама инсони таърихӣ ва нависандаи таърихнигор меистад. Ин ҳар ду, ҳамеша ноқили таърихианд ва дар миёни таърихҳои худ ва таърихҳои дигарон зиндагӣ мекунанд.

Бояд гуфт, ки нависандаи таърихнигор масъулияти бузургро бар душ дорад. Вай бояд аз таҳриф ислоҳи таърих қатъиян худдорӣ намояд ва то маводи худро пурраву пухта наёмӯзад ва рӯҳиёт, ахлоқу атвори замонро ба таври амиқ дарк накунад ва худаш хаёлан дар он давру замон муддате зиндагӣ накарда бошад, беҳтар ин ки қалам ба даст нагирад. Садриддин Айнӣ дар тамоми давраҳои эҷодиёташ ба ҳамин принсипи эҷодиаш дар шинохти таърих содиқ мондааст. Ин роҳи дурусти дарки таърих ва фароянди он ба нависанда имкон дод, ки дар ин боб ҳарфи худашро ба сароҳат ва бовар бигӯяд. Консепсияи муҳаррики дарки таърих дар усули эҷоди ӯ ба фаҳмиши кунунии замони гузашта асос ёфта, пеш аз ҳама ба арзёбии бадеии ғоят ва маънии ҳаводиси таърихӣ – фалсафаи таърих нигаронида шудааст [15, с. 45]. Аз таҷрибаи Садриддин Айнӣ бармеояд, ки таърих ба унвони шинохти гузаштаи инсон чунон ҳайсияте ёфтааст, ки онро метавон ҳам илмӣ воқеӣ ва ҳам модаи адабиёт шинохт. Осори таърихии нависанда ба ваҷҳи иштимол бар фикри ибрати таърих ранги хоси адабӣ пайдо кардааст.

«Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - асари таърихии устод Айнӣ буда, дар асоси далелҳои муътамад ва ҳаводиси давраи салтанати аморати Бухоро, муборизаи рӯшанфикрони тоҷик ба муқобили ҷаҳолат, ифротгароӣ ва таассуби диниро инъикос намуда, оид ба ислоҳоти низоми таълим ва ташкили аввалин мактабҳои усули ҷадид маълумоти мушаххас пешниҳод кардааст.

Муаллиф ҳар як воқеаро омӯхтаву тадқиқ карда, ба дурустии он бовар ҳосил менамуд, сипас дар асарҳояш ба шарҳу баёни холисонаи онҳо мепардохт. Минбаъд дастури мазкур чи дар тадқиқоти илмӣ ва чи дар осори бадеии ӯ инкишоф ёфт ва амиқ рафт.

Ҳар як нависанда фарзанди замони худ буда, ба воқеаҳои замони гузашта аз нуқтаи назари муосирони худ, аз нуқтаи назари имрӯзу фардо менигарад ва баҳо медиҳад, вале дар як муддати муайян ӯ худро бояд дар он айёми пешина ва ба ҷои қаҳрамони худ бинад. Фақат дар ҳамин сурат ӯ манзараҳои конкрети зиндагонии он давраи таърихӣ ва тафаккуру рӯҳияи мардуми онро ба мо дуруст нишон дода метавонад. Ин яке аз шартҳои асосии дарки фалсафию эстетикии таърих аст.

Факту ҳуҷҷатҳои таърихӣ барои санъаткор заминаи амал мебошанд, аммо онро чӣ тавр истифода кардан, дар ин майдон ба чӣ тарз рафтор намудан ба худи нависанда, ба нияти эҷодии вай, ба қувваи биниш, ба табъу завқи ӯ вобаста аст. Материали таърихӣ гӯё ошёнест, ки мурғи хаёлоти бадеии нависанда он ҷо болу пар бароварда ба парвоз меояд, аммо дар ин парвоз то чи андоза баланд рафтани он ва ба кадом тарафҳо майл кардани вай вобаста ба доираи назар, таҷриба ва қуввати болу пари ӯст. Чуноне ки В.Г. Белинский гуфта буд: «Фактҳои таърихие, ки дар маъхазҳо ҳастанд, мисли сангу хиште ҳастанду бас: фақат санъаткор аз ин материал бинои зебо сохта метавонад» [12, с. 62].

Аз маводи рангоранги ҳаёт ба вуҷуд омадани чунин асаре, ки муҳимтарин ҷиҳатҳои ҳақиқати таърихиро зоҳир карда тавонад, ба ҷаҳонбинии нависанда маҳорати адабии ӯ, парвози хаёлоти бадеии вай вобаста аст.

Дар чаҳоряки аввали қарни XX, ки илм ва адабиёти нави тоҷикӣ арзи вуҷуд мекарданд, маҳз устод С.Айнӣ аввалин маротиба ҳусни таваҷҷуҳи мардумро ба ҳастии таърихии халқи тоҷик, забон ва адабиёти он бедор намуда, дар асари пуразриши худ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) иброз дошт. Дар тадқиқоти илмии устод С.Айнӣ Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳамчун ватани аслӣ, аҷдодӣ ва таърихии тоҷикон тавсиф ёфтаанд, ки тамоми осори моддӣ ва маънавии он дар ҳамин марзу бум эҷод шуда, сипас тасхири ҷаҳон кардаанд.

Муносибати холисонаи С.Айнӣ ба таърих дар ҳамин ҳам зоҳир мешавад, ки ӯ аз давраҳои хеле қадим, аз вуқӯи таърих чун як «қавми муаззам» вуҷуд доштани тоҷиконро таъкид менамояд. Ин дастури илмӣ дар тадқиқоти Б.Ғафуров роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик аз дастурҳои асосии таҳқиқи таърих қарор мегирад. Ба ин хусусияти ҷустуҷӯҳои илмии Б.Ғафуров аввалин маротиба устод С.Айнӣ диққати хонандаҳоро ҷалб карда буд. Ӯ дар тақризе, ки оид ба асари Б.Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947) навишта буд, таъкид мекунад, ки дар ривоҷи илму фарҳанг амирони сомонӣ саҳм гирифта бошанд ҳам, «лекин асосан эҷодкунандаи ин маданият ҳамон худи халқи тоҷик ва дигар мардуми ин сарзамин буданд».

Муҳокимарониҳои холисона ва баҳои бетарафона ба таърих, ки яке аз шартҳои асосии бунёдӣ ва методологии тасвир ба шумор меояд, заминаи қаробат ва наздикии фикру ақидаи устод С.Айнӣ ва академик Б.Ғафуров гардидааст. Ҳам С.Айнӣ, ҳам Б.Ғафуров таърихи халқи тоҷикро на танҳо аз ин лиҳоз баррасӣ намудаанд, ки роҳи талоши қаҳрамононаи аҷдоди худро аз давраҳои пайдоиши «як қавми бузург ба номи тоҷик» то ба замони мо муайян бикунанд ва саҳми шоистаи онро дар тараққиёти илм ва адабиёту фарҳанги ҷаҳонӣ ба исбот расонанд, балки сабақҳои таърихро барои имрӯз ва ояндаи кишвар корбаст намоянд.

Устод Айнӣ хусусан ба саҳеҳии навиштаҳои худ роҷеъ ба давраи салтанат ва ҳаёти амир Абдулаҳад ва амир Олим, ки худ муосири эшон буд, ҳаргиз шубҳа намекунад ва қотеона мегӯяд: «Аммо вақоеи айёми авохир, яъне аҳди амир Абдулаҳад ва амир Олим, ки дар асри шахси ин муҳаррири оҷиз гашта ва дар як қисми он мудхалият дошта, бояд ҷои чуну чаро набошад. Маазолика аҳволи хусусии амирони охириро ба дастхати эшон ва ароизи маъмуриашон таъйид кардем».

Дар ин суханони устод Айнӣ муҳимтарин нуктаҳои илман асосноки тадқиқи таърихи миллӣ тазаккур ёфтаанд. Аввалан, С.Айнӣ навиштаҳои мутахассисони хориҷиро дар боби таърихи мамолики Шарқ яктарафа мешуморад, зеро онҳо асосан ба васиқа - ба ҳуҷҷат такя мекунанд ва дар асоси он хулоса мебароранд. Бинобар он «аҳволи хусусии аҳолии Шарқ… аз назари аҷониб пӯшида мемонад».

Сониян, С.Айнӣ дар масъалаи таҳқиқи таърихи халқ ба маводе, ки аз байни мардум ҷамъ меоранд, аҳамият доданро зарур мешуморад, он санадҳоеро муҳим ва арзишманд маҳсуб мекунад, ки «ки аз даруни хонаи худ гирифтаем».

Ниҳоят, С.Айнӣ дар ҷараёни воқеаҳо иштирок доштани худи таърихнавис ва нисбат ба равандҳои таърихии ҳаёти халқ, аз он ҷумла амирон, мудохила намудани ӯро зарур медонад. Дар он сурат, ба андешаи С.Айнӣ, тадқиқи таърихи халқ ва амирон ҳаққонӣ таҳқиқ хоҳад шуд. Устод С.Айнӣ ҳамин гуна дастурҳои илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ва рӯзгори фалокатбори амирони манғитро ҳам дар китоби худ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ҳам дар хотираҳои худ аз гузашта пеш гирифта буд, ки инро метавон сабки хоси таърихнигории ӯ донист: таърихи бо шавоҳиди шахсӣ.

Устод Садриддин Айнӣ дар тасвири образҳои қаҳрамонони марказии асари худ ва ҳамсафу пайравони онҳо ҳамеша санъаткорони замони нав будани худро ба хубӣ медонист, бинобар ин вижагиҳои давраи шӯравиро ба назар гирифта, нисбат ба замони гузашта нигоҳи танқидӣ дошт, хислатҳои шоиста ва хуши қаҳрамонони худро тазаккур медод, дар офариниши образи онҳо меъёри азамат ва маҳдудияти шахсиятҳоро риоя

мекард. Бахусус нависандаи тоҷик фаъолияти қаҳрамонони худро ба тасвир оварда, чунин вижагиҳо ва самтҳои қаҳрамонони худро барҷастатар, равшану возеҳтар нишон дод, ки он сифатҳои барҷаста дар роҳи тараққиёти минбаъдаи таърихии халқи тоҷик ва адабиёти ин миллат нақше бозида тавонад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 1 / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1958.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 2 / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1960.
3. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 3 / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1960.
4. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 4 / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1961.
5. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 5 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1962.
6. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 6 / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1963.
7. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 7 / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1962.
8. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 8 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1981.
9. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 9 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1969.
10. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 10 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966.
11. Аслонова, Н. Симои Садриддин Айнӣ дар насри муосири тоҷик / Н. Аслонова. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 135 с.
12. Белинский, В.Г. Назаре ба адабиёти русии соли 1847 / В.Г. Белинский. –Сталинобод. 1949. Саҳ. 62.
13. Имомов, М.С. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ [Матн] /М. Имомов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 119 с.
14. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ (Тазкираи С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик») / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 212 с.
15. Раджабов, З. Садриддин Айнӣ – историк таджикского народа / З. Раджабов. – Таджикгосиздат, 1951. – 61 с.
16. Шукуров, М. Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик /М Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.
17. Ясперс, К. Смысл и назначение истории / К. Ясперс. – М.: Политиздат, 1991. – 196 с.

ШИНОХТИ БАДЕИИ ТАЪРИХ ДАР НАСРИ САДРИДДИН АЙНӢ

Дар мавриди иртиботи Садриддин Айнӣ бо таърих ва баҳрабардории олимонаю адибона аз он домани андешаро метавон тағйир дод ва вусъат бахшид. Ба ифодаи дигар, бо тамоми қатъият метавон хулоса кард, ки таърих Садриддин Айниро сохт, таърих Айниро нависанда кард. Воқеан ҳам дар байни адибони тоҷик таваҷҷуҳ ба ҷанбаи таҷоруби судманди таърих ҳеҷ ҷо мисли осори дар мавзуи таърих навиштаи Садриддин Айнӣ ба қадри худогоҳ ва ҷиддӣ дунбол нашудааст. Меҳвари аслии андешаи нависанда дар ин боб бар гирди масъалаи қисмати таърихии халқи тоҷик, тамаддун ва фарҳанги он мегардад.

Калидвожаҳо: Айнӣ, нависанда, адабиёт, таърих, насри муосир, таърихи халқи тоҷик, тасвир, образ.

ХУДОЖЕСТВЕННОЕ ЗНАНИЕ ИСТОРИИ В ПРОЗЕ САДРИДДИНА АЙНИ

Что касается связи Садриддина Айни с историей и её использования учёными и писателями, то сфера мысли может быть изменена и расширена. Другими словами, можно с полной уверенностью заключить, что история создала Садриддина Айни, а история сделала Айни писателем. Действительно, среди таджикских писателей внимание к благотворному опыту истории никогда не проводилось столь осознанно и серьёзно, как в трудах Садриддина Айни на историческую тематику. Основная ось мысли писателя в этой главе вращается вокруг вопроса об исторической составляющей таджикского народа, его цивилизации и культуры.

Ключевые слова: Айни, писатель, литература, история, современная проза, история таджикского народа, образ, имидж.

ARTISTIC KNOWLEDGE OF HISTORY IN THE PROSE OF SADRIDDIN AINI

Regarding Sadriddin Aini's connection to history and its use by scholars and writers, the scope of thought can be modified and expanded. In other words, one can confidently conclude that history created Sadriddin Aini, and history made Aini a writer. Indeed, among Tajik writers, attention to the beneficial experience of history has never been so consciously and seriously addressed as in Sadriddin Aini's works on historical topics. The writer's main line of thought in this chapter revolves around the question of the historical component of the Tajik people, their civilization, and culture**.**

Key words: Aini, writer, literature, history, modern prose, history of the Tajik people, image.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобиева Рухсора Маҳмадраҷабовна*** **-** магистри Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. Суроға734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Телефон +992003770753.

Сведения об автор: ***Бобиева Рухсора Махмадраджабовна*** **-** магистр Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 21. Телефон.: +992003770753.

About the author: Bobieva ***Rukhsora Makhmadrajabovna*** **-** Master of the Rudaki Institute of Language and Literature of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21. Phone: +992003770753.

ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР АҲДИ ҚАДИМ

Муҳаммадалӣ А.
(Ҷумҳурии Озарбойҷон)
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Таърихи ташаккули забони арабӣ ба даврањои хеле қадим бармегардад. Забони арабӣ яке аз шохаҳои муҳимми гурӯҳи забонҳои семитӣ ба шумор рафта, дар минтақаи Шарқи Наздик ва Ҷазираи Араб ташаккул ёфтааст. Давраи пеш аз ислом, ки дар адабиёти таърихӣ бо номи давраи ҷоҳилият маъруф аст, марҳилаи муҳим дар рушди забон ва фарҳанги арабӣ маҳсуб меёбад. Дар ин давра ҷомеаи араб дорои фарҳанги шифоҳии хеле ғанӣ буд. Шеъру хитоба, қиссаву ривоятҳо ва анъанаҳои қабилавӣ асосан ба таври шифоҳӣ аз насл ба насл интиқол меёфтанд. Бо вуҷуди ин, далелҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки дар баробари фарҳанги шифоҳӣ унсурҳои фарҳанги хаттӣ низ вуҷуд доштанд.

Фарҳанги шифоҳӣ дар ҷомеаи ҷоҳилият. Яке аз хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи арабии пеш аз ислом бартарии фарҳанги шифоҳӣ мебошад. Шоирон дар ҷомеаи араб мақоми баланд доштанд, зеро онҳо таърих, шараф ва қаҳрамониҳои қабилаҳоро дар шакли шеър нигоҳ медоштанд. Шеъри арабӣ дар ин давра на танҳо воситаи адабӣ, балки як шакли ҳифзи хотираи таърихӣ буд. Шоирон дар бозорҳои маъруф, аз ҷумла Бозори Укоз, шеърҳои худро мехонданд ва байни онҳо мусобиқаҳои шеър баргузор мегардид. Яке аз хусусиятҳои асосии ҷомеаи арабии пеш аз ислом ҳукмронии фарҳанги шифоҳӣ буд. Дар он замон аксари дониш, таърих ва анъанаҳо ба таври шифоҳӣ интиқол дода мешуданд. Ин раванд бо қобилияти баланди ҳифзи матнҳо ва суханварии арабҳо иртибот дошт. Шеър дар ҷомеаи араб мақоми махсус дошт. Шоирон ҳамчун намояндагони фарҳангии қабилаҳо шинохта мешуданд. Онҳо воқеаҳои муҳимми ҳаёти қабилавӣ, ҷангҳо, қаҳрамониҳо ва муносибатҳои иҷтимоиро дар шакли шеър баён мекарданд. Бисёр вақт шеър воситаи асосии нигоҳдории хотираи таърихии ҷомеа буд.

Дар бозорҳои маъруф, аз ҷумла Укоз, Маҷанна ва Зул-Маҷоз, мусобиқаҳои шеър баргузор мешуданд. Дар ин ҷо шоирон шеърҳои худро мехонданд ва беҳтарини онҳо интихоб мегардиданд. Баъзе аз ин шеърҳо дертар дар маҷмӯаҳои машҳур, аз ҷумла Муаллақот, ҷамъоварӣ шуданд. Ғайр аз шеър, дар ҷомеаи араб қиссагӯён ва ровиён низ фаъол буданд. Онҳо ахбори таърихӣ, қиссаҳои қаҳрамонӣ ва ҳикояҳои ахлоқиро ба мардум нақл мекарданд. Ин гурӯҳҳо дар ҷомеа нақши муҳим доштанд, зеро тавассути онҳо дониш ва таҷрибаи гузаштагон нигоҳ дошта мешуд.

Пайдоиш ва рушди хати арабӣ. Пайдоиши хатти арабӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти забоншиносӣ мебошад. Тибқи назарияи маъмул, хатти арабӣ аз хатти набатӣ, ки худ аз хати орамӣ сарчашма гирифтааст, инкишоф ёфтааст. Дар минтақаҳои гуногуни Ҷазираи Араб навиштаҷотҳои зиёде кашф шудаанд, ки ба даврањои пеш аз ислом тааллуқ доранд. Ин навиштаҷот нишон медиҳанд, ки истифодаи хат дар баъзе минтақаҳо нисбатан густурда будааст. Бо пайдоиши ислом хати арабӣ босуръат такмил ёфт. Қуръон ҳамчун китоби муқаддас ба рушди хат ва навиштан таъсири калон расонд.

Яке аз нишонаҳое, ки ба мавҷудияти фарҳанги хаттӣ дар давраи пеш аз Ислом ишора мекунад, вуҷуд доштани ривоятҳо, достонҳо ва ҳикояҳоест, ки бо фарҳанги хаттӣ ё бо аҳдномаҳо вобастаанд. Чунон ки дар ҳар ҷомеа дида мешавад, дар ҷомеаи араб низ ривоятҳо, афсонаҳо ва ҳикояҳо мавқеи махсус доштанд. Дар давраи ҷоҳилия ба як касб табдил ёфтани нақли панду андарзҳои ахлоқӣ, ахбор ва қиссаҳо нишон медиҳад, ки “қисса” то чӣ андоза унсури муҳимми фарҳангӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ будааст. Мавзуи ин қиссаҳо одатан аз воқеаҳои достонӣ иборат буд, ки бо номи “аййом-ул-араб” маъруфанд; яъне ҳодисаҳо ва ҷангҳое, ки миёни қабилаҳои араб ё байни онҳо ва дигар миллатҳо рух медоданд, инчунин намунаҳои қаҳрамонӣ, далерӣ ва шуҷоате, ки дар ин ҷангҳо нишон дода мешуданд. Илова бар ин, аҳдномаҳо бо қавмҳои ҳамсоя,

суханрониҳои ахлоқӣ, воқеаҳои хаёлӣ, афсонаҳои хандаовар ва мавзуъҳои кӯтоҳ низ ҷойгоҳи муҳим доштанд ва дида мешавад, ки ин анъана дар замони пайдоиши Ислом низ идома ёфтааст [Cirit, 1997, саҳ. 47–48]. Ба шахсоне, ки ин касбро анҷом медоданд, қосс (ҷамъи он: қуссос) ё надим гуфта мешуд. Дар миёни ин қиссаҳое, ки аз давраи ҷоҳилия аз насл ба насл нақл мешуданд, маълумоте низ вуҷуд дошт, ки аз "Аҳли Китоб" гирифта шудааст. Ҳам ин қиссаҳои динӣ ва ҳам ахбор дар бораи қавмҳо ва кишварҳои ҳамсояи арабҳо ҳам тавассути ривояти шифоҳӣ ва ҳам аз манбаъҳои хаттӣ ба даст омадаанд. Маълум аст, ки дар оғози пайдоиши Ислом баъзе саҳобаҳо дар ин соҳа маъруф буданд. Қисме аз онҳо қисми зиёди ҳаёти худро дар давраи ҷоҳилия гузаронида буданд. Ҳатто дар байни онҳо касоне буданд, ки пеш аз мусалмон шудан яҳудӣ ё насронӣ буданд ва Таврот ва Инҷил, ҳатто дигар китобҳои осмониро хуб медонистанд (Çetin, 1988, саҳ. 488). Эҳтимол дорад, ки қисми зиёди ҳикояҳои нақлшуда аз ҳамин китобҳои осмонӣ иқтибос гардидаанд. Яке аз нишонаҳое, ки ба мавҷудияти матнҳои хаттӣ дар давраи ҷоҳилия ишора мекунад, "қарордодҳои мукотаба" мебошанд ("Мукотаба": аҳдномае аст, ки миёни хоҷа ва ғулом барои хотима додани ғуломӣ бо пардохти маблағи муайян баста мешавад). Маълум аст, ки дар давраи ҷоҳилия ҳуқуқ ва имкониятҳои ғуломон маҳдуд буданд. Аммо баъзе ғуломон метавонистанд барои озод шудани худ бо соҳибонашон бар ивази маблағи муайян шартнома банданд. Ба чунин шартномаҳо "мукотаба" гуфта мешуд. Бо пайдоиши Ислом ин гуна шартномаҳо бештар паҳн гардиданд ва ба яке аз роҳҳои муҳимми ба даст овардани озодӣ барои ғуломон табдил ёфтанд. Дар баробари ин матнҳои хаттии ғайридинӣ, маълумоти зиёде вуҷуд дорад, ки нишон медиҳад баъзе навъҳои адабиёти хаттӣ вобаста ба китобҳои муқаддас низ дар давраи пеш аз ислом мавҷуд буданд.

Матнҳои ғайридинӣ**. Дар давраи ҷоҳилия дар байни матнҳои ғайридинӣ, бешубҳа, адабиёти шеърӣ ҷойгоҳи аввалро ишғол мекард. Пештар низ ишора карда будем, ки шеър ва хитобат дар фарҳанги араб ва дар ҳаёти иҷтимоӣ аҳаммияти хеле калон доштанд. Адабиёти шеърӣ дар ин давра танҳо бо фарҳанги шифоҳӣ маҳдуд намешуд, балки ба шакли хаттӣ низ (масалан Муаллақот) вуҷуд дошт. Имрӯз дигар баҳсе вуҷуд надорад, ки шеърҳои давраи ҷоҳилия то замони мо расидаанд. Аммо он чизе, ки имрӯз дар китобҳо гирд оварда шуда, ба дасти мо расидааст, танҳо қисми хеле ками як маҷмуаи бузургро ташкил медиҳад. Сабаби нобуд шудани қисми зиёди онҳо дар он аст, ки мардуми ҷоҳилия ин шеърҳоро ҷамъоварӣ намекарданд, балки танҳо онҳоро азёд карда, тавассути ривоят нақл мекарданд (Cevad Ali, 2018, саҳ. 68). Гарчанде аксари онҳо ба таври шифоҳӣ интиқол ёфтаанд, гуфта мешавад, ки баъзе шеърҳои баъдтар навишташуда низ сабт гардидаанд. Инчунин, ишора мешавад, ки ҳар қабила дивоне (яъне, китобе) дошт, ки дар он унсурҳои фарҳангӣ ба монанди санъат, шеър, насабшиносӣ ва шоирони машҳур сабт мегардиданд (Çetin, 1988, саҳ. 487).**

Ривояте мавҷуд аст, ки Нуъмон ибни Мунзир, подшоҳи Ҳира (580–620), шеърҳои шоирони бузург, инчунин шеърҳои шоироне, ки ба хонадони ӯ тааллуқ доштанд ва мадҳияҳое, ки дар бораи ӯ гуфта шуда буданд, ҷамъ овардааст. Гуфта мешавад, ки ин маҷмуа дар миёнаҳои асри VI ба даст омадааст ва ҳатто уламову ровиёни куфагӣ аз он истифода кардаанд (Çetin, 1991, саҳ. 287; Pedersen, 2012, саҳ. 28). Дар замони Умавиён ин маҷмуа аз ҷониби Мухтор ас-Сақафӣ (ваф. 67/687), ки дар Куфа ҳукмрон буд, аз харобаҳои қасраш дар наздикии Куфа берун оварда шудааст. Ин маҷмуа, ки шеърҳои марбут ба аъзои як хонадони ҳокимро дар бар мегирифт, ҳамчун намунаи хурди девони қабилавӣ арзёбӣ мегардад (Çetin, 1988, саҳ. 487).

Ин гуна ривоятҳо ва маълумотҳо ба таври равшан нишон медиҳанд, ки дар давраи пеш аз ислом низ баъзе унсурҳои фарҳангӣ мавҷуд буданд, ки ба вуҷуд доштани фарҳанги хаттӣ ишора мекунанд.

Фаъолиятҳои хондану навиштан дар давраи ҷоҳилия. Одатан одамон ба таърихи арабҳо пеш аз ислом номи «ат-Ториху-л-Ҷоҳилӣ» ё «ат-Торих-ул-Ҷоҳилийя» медиҳанд. Сабаби чунин

номгузорӣ он аст, ки гумон мекарданд аксари арабҳо бодиянишин буданд, аз лиҳози тамаддун аз миллатҳои дигар хеле қафо мемонданд, бисёре аз онҳо дар нодонӣ зиндагӣ мекарданд ва ҳаёти қабилавии кӯчманчигиро бе шуури кофӣ идома медоданд. Ҳамчунин, гуфта мешуд, ки онҳо бо ҷаҳони беруна робитаи зиёд надоштанд, умумӣ (яъне бесавод) буданд, бутҳоро парастиш мекарданд ва таърихи фарҳангии ғанӣ надоштанд. Аз ҳамин сабаб ин давраи пеш аз исломро «ал-Ҷоҳилийя» меномиданд (Cevad Ali, 2018, саҳ. 41).

Аммо тадқиқоти илмии солҳои охир нишон медиҳанд, ки арабҳо дар давраи пеш аз ислом навиштанро медонистанд ва онро истифода мебурданд. Масалан, онҳо баъзе воқеаҳои динӣ аз давраи ҷоҳилияро бо кандакорӣ бар сангҳо сабт мекарданд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки баъзе аз ин навиштаҷот ба асри сеюми милодӣ тааллуқ доранд [Cübrî, 1977, саҳ. 92–195]. Гарчанде аз он давра то имрӯз танҳо баъзе катибаҳо боқӣ мондаанд, маълум аст, ки дар давраи ҷоҳилия, ҳарчанд ба таври маҳдуд, одамоне буданд, ки хондану навиштанро медонистанд. Бо вуҷуди ин, гуфтан мумкин нест, ки навиштан дар ҷомеаи арабҳои пеш аз ислом хеле паҳн буд. Бо ин вуҷуд, дар манбаъҳои таърихӣ дар бораи баъзе шахсони босавод маълумот дода мешавад. Масалан, ба гуфтаи Ибн ан-Надим, дар китобхонаи халифа Маъмун ҳуҷҷате нигоҳ дошта мешуд, ки Паёмбар (с.а.с.) онро бо хатти худ барои Абдулмутталиб ибни Ҳошим навишта буд (المرسوم الذي كتبه النبي صلى الله عليه وسلم لعبد المطلب بن هاشم) [Çetin, 1991, саҳ. 276; an-Nedim,1978,саҳ.7]. Ҳатто гуфта мешавад, ки ин ҳуҷҷат санади қарз будааст. Ин маълумот яке аз далелҳои муҳим ба шумор рафта, нишон медиҳад, ки дар давраи ҷоҳилия хондану навиштан маълум буд.

Дар давраи ҷоҳилия мавҷудияти мактабҳо ё муассисаҳои махсус барои омӯзиши хондану навиштан маълум нест. Аммо дар баъзе ривоятҳо ишораҳое ба чунин ҳолатҳо дида мешаванд. Дар яке аз ривоятҳо чунин гуфта шудааст: “Дар байни қабилаҳои Авс ва Хазраҷ одамоне, ки хондану навиштанро медонистанд, кам буданд. Баъзе яҳудиён хондану навиштанро медонистанд ва ба кӯдакон онро меомӯзонданд. Пас аз омадани ислом бисёре аз ин омӯзгорон мусулмон шуданд.”[Belâzürî, 1987, ҷ. 3, саҳ. 583].

Инчунин, маълум мешавад, ки дар байни занон низ шумораи саводнокон кам набуд. Масалан, аш-Шифо дар давраи ҷоҳилия хондану навиштанро медонист ва онро ба Ҳафса низ омӯзонда буд. Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки Умм Кулсум, духтари Уқба, низ навиштанро медонист [Belâzürî, 2013, саҳ. 540]. Дар фарҳанги арабҳои давраи ҷоҳилия ҳамчунин дида мешавад, ки донистану хондану навиштан яке аз хусусиятҳои «инсони комил» ба ҳисоб мерафт. Инсонеро комил мешумориданд, ки навиштани арабиро медонад, хати хуб дорад ва хуб мехонад. Дар фарҳанги араб мисолҳои дигаре низ ҳастанд, ки аҳаммияти хондану навиштанро нишон медиҳанд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки пеш аз ислом дар баъзе шаҳрҳои Арабистон хондану навиштан маълум буд. Дар шаҳрҳое мисли Макка, Тоъиф, Анбор, Ҳира ва Думатул-Ҷандал шахсоне буданд, ки навиштанро медонистанд [Çetin, 1991, саҳ. 276].

Илова бар ин, маълум аст, ки дар он давра матнҳои динӣ, ки ба яҳудиён ва насрониён тааллуқ доштанд, ба шакли хаттӣ мавҷуд буданд. Ғайр аз ин матнҳои динӣ ва ҳикматомез, ҳуҷҷатҳои дигар низ мавҷуд буданд, аз ҷумла:

санадҳои ҳисобҳои таърихӣ,
санадҳои марбут ба ғуломӣ,
аҳдномаҳои байни шахсони алоҳида ва қабилаҳо,
ҳуҷҷатҳои амонат,
мактубҳои хаттӣ,
муҳрҳо ва катибаҳои қабр.

Ҳамаи инҳо аз мавҷудияти фарҳанги хаттӣ дар он давра шаҳодат медиҳанд. Аз тарафи дигар, дар давраи ҷоҳилия шеър ва хитобат дар фарҳанги араб ҷойгоҳи хеле муҳим доштанд. Маълум аст, ки дар бозорҳо ва ярмаркаҳое, ки дар ҳаёти иҷтимоии арабҳо нақши муҳим доштанд, мусобиқаҳои шеърхонӣ баргузор мегардид. Шеърҳое, ки аз ин мусобиқаҳо гузашта ва аз нигоҳи танқидӣ интихоб мешуданд, бо оби тилло бар рӯйи варақҳои аз катон сохташуда навишта шуда,

ба девори Каъба овехта мешуданд. Ин маҷмуаҳо бо номи Муаллиқот маъруф буданд [Tülücü, 2005, саҳ. 310].

Метавон гуфт, ки дар фарҳанги араб пешсаф гардидани шеър ҳамчун воситаи асосии муошират шифоҳӣ бо тарзи зиндагии онҳо алоқаманд буд. Зеро манбаи асосии зиндагии арабҳо одатан чорводорӣ ва тиҷорат буд ва бинобар ин тарзи зиндагии онҳо пурра ё қисман кӯчманчигӣ ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷаи заруратҳое, ки аз ин тарзи зиндагии кӯчманчӣ ба вуҷуд меомад, арабҳои даврaи ҷоҳилия ҳангоми сафарҳои тулонӣ бар рӯйи шутурҳо зарбулмасалҳо, лолаҳо ва ашъори назмиро бо тартиби муайян мехонданд. Ҳаракати шутурҳо ва ларзиши савор ҳангоми роҳ рафтан, инчунин суръати гуногуни ҳаракати онҳо, дар вазн ва оҳанги шеърҳои арабӣ таъсири худро мегузошт. Арабҳо аз ашрофтарин то фақиртарин, аз шаҳрнишин то бодиянишин, ҳамагӣ шеърро дӯст медоштанд. Сабаби асосии дӯст доштани шеър дар он буд, ки шеър сутуни асосии фарҳанги шифоҳӣ ба ҳисоб мерафт. Шоир дар ҷомеа танҳо шахсе набуд, ки мардумро фароғат диҳад; ӯ инчунин дар ҳал намудани низоъҳои байни қабилаҳо, оғоз ё қатъ кардани ҷангҳо низ нақши муҳим мебозид. Ба таври кӯтоҳ, шеър унсуре буд, ки дар маркази тамоми ҳаёти сиёсӣ, табиӣ, моддӣ ва маънавии арабҳо қарор дошт. Аз ин рӯ, тасаввур кардани араб бе шеър ё шеър бе араб қариб ғайриимкон аст [Palabıyık, 2007, саҳ. 36]. Маълум аст, ки шоирони машҳур одатан як ё якчанд ровӣ доштанд. Агар шоир аз лиҳози зоҳирӣ ё қобилияти таъсиргузорӣ ба шунавандагон дар ҳолати муносиб намебуд, дар чунин ҳолат шеърҳои ӯро ровии ӯ мехонд ва ба мардум мерасонд. Ғайр аз шеър, суханон, осор ва воқеаҳои таърихӣ, ки дар ҷомеа машҳур буданд, низ ҳамин тавр — ба воситаи ривоят нигоҳ дошта мешуданд [Ugan, 2000, саҳ. 22–23].

Ин анъана баъд аз даврaи Паёмбар (с.а.с.) низ идома ёфт ва бисёр шахсон дар ривоятҳои марбут ба шеър бо лақаби «ровия» ёд мешуданд. Яке аз онҳо Ҳаммод ар-Ровия [ваф. 160/776–77] буд. Ӯ азбаски шумораи зиёди шеърҳои даврaи ҷоҳилия ва даврaи исломиро азёд медонист, бо лақаби «Ровия» (ровии бузург) машҳур шуд. Тибқи ривоят, халифа Валиди II аз Ҳаммод пурсидааст, ки чӣ гуна ин унвонро гирифтааст. Ҳаммод ҷавоб додааст, ки бисёр шеърҳоро азёд медонад ва метавонад муайян кунад, ки ҳар шеър ба кадом шоир тааллуқ дорад. Ӯ ҳатто гуфтааст, ки барои ҳар ҳарфи алифбо (ба истиснои чиҳил ҳарф) сад қасидае, ки бо ҳамон ҳарф анҷом меёбанд, медонад. Пас аз ин Валид мехост шеър бишнавад ва шахси дигареро барои гӯш кардани онҳо таъин кард. Гуфта мешавад, ки Ҳаммод дар он вақт 2900 қасида хондааст ва халифа ба ӯ 100 000 дирҳам мукофот додааст [Tülücü, 1997, саҳ. 486]. Аз маълумоте, ки то ин ҷо оварда шуд, чунин бармеояд, ки гарчанде дар байни арабҳо фарҳанги шифоҳӣ асосӣ буд, вале дар ҳамон давра онҳо ба фарҳанги хаттӣ низ ошно буданд ва баъзе ҳуҷҷатҳо ва навиштаҳо низ вуҷуд доштанд. Аз ин рӯ, иддао кардан, ки дар ҷомеаи араб пеш аз ислом ҳеҷ гуна унсури фарҳанги хаттӣ вуҷуд надошт, бо воқеиятҳои таърихӣ мувофиқат намекунад.

Раванди рушди таърихии хати арабӣ. Паҳншавии хат, дастрасӣ ба воситаҳои навиштан ва умуман ҳама чизҳое, ки ба хат вобастаанд, аз ҷумла омилҳое мебошанд, ки дар ташаккул ва интиқоли дониш ва фарҳанг нақши муҳим мебозанд. Ба назари мо, ҳангоми баррасии баҳсҳо дар бораи навишта шудани ҳадисҳо (китобату-л-ҳадис) дар андешаи исломӣ, яке аз масъалаҳое, ки камтар ба он таваҷҷӯҳ шудааст, ҳолат ва рушди таърихии хатти арабӣ мебошад. Зеро инсон ҳангоми таҳлили воқеаҳои садсолаҳо пеш, бо сабаби шароити иҷтимоӣ ва фарҳангии гуногун, метавонад дар дарки воқеияти он давра душворӣ кашад. Аз ин рӯ, ривоятҳо ва назарҳо дар бораи навишта шудани ё нашудани ҳадисҳо бо сатҳи рушди хати арабӣ ва имконияти дастрасӣ ба воситаҳои навиштан робитаи хеле наздик доранд. Аз ҳамин сабаб мо мехоҳем ба таври кӯтоҳ ба раванди рушди таърихии хати арабӣ назар андозем.

Хулоса. Дар ин мақола масъалаи ташаккули забони арабӣ дар аҳди қадим, махсусан дар заминаи фарҳанги даврaи ҷоҳилият ва манбаъҳои таърихӣ баррасӣ шудааст. Забони арабӣ яке аз шохаҳои муҳимми гурӯҳи забонҳои семитӣ буда, дар минтақаи Шарқи Наздик ва Ҷазираи Араб

ташаккул ёфтааст. Давраи пеш аз ислом, ки бо номи давраи ҷоҳилият маъруф аст, дар рушди забон ва фарҳанги арабӣ нақши муҳим бозидааст.

Дар ин давра ҷомеаи араб бештар ба фарҳанги шифоҳӣ такя мекард. Шеъру хитоба, қиссаҳо ва ривоятҳо воситаи асосии интиқоли дониш, таърих ва анъанаҳо аз насл ба насл буданд. Шоирон дар ҷомеа мақоми баланд доштанд ва рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти қабилавӣ, ҷангҳо ва қаҳрамониҳоро дар шакли шеър баён мекарданд. Бозорҳои маъруф, аз ҷумла Укоз, маркази мусобиқаҳои шеърӣ ва табодули фарҳангӣ ба шумор мерафтанд. Бо вуҷуди бартарии фарҳанги шифоҳӣ, далелҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи араб унсурҳои фарҳанги хаттӣ низ вуҷуд доштанд. Навиштаҷотҳои қадимӣ, санадҳо, аҳдномаҳо, мактубҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар баъзе минтақаҳо хондану навиштан маълум буд. Инчунин, маълум аст, ки баъзе матнҳои динӣ ва ғайридинӣ, аз ҷумла шеърҳо ва маҷмуаҳои адабӣ, ба шакли хаттӣ нигоҳ дошта мешуданд.

Дар баробари ин, тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки хати арабӣ аз хати набатӣ ва дар ниҳоят аз хати арамӣ сарчашма гирифтааст. Бо пайдоиши ислом ва нузули Қуръон хатти арабӣ босуръат такмил ёфт ва навиштан дар ҷомеа аҳаммияти бештар пайдо кард. Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон медиҳад, ки гарчанде дар давраи ҷоҳилият фарҳанги шифоҳӣ ҳукмрон буд, аммо унсурҳои муҳимми фарҳанги хаттӣ низ мавҷуд буданд ва онҳо дар рушди минбаъдаи забон, адабиёт ва фарҳанги арабӣ нақши муҳим бозиданд.

АДАБИЁТ

1. **آذرتاش آذرنوش**. *راه‌های نفوذ فارسی در فرهنگ و زبان عرب جاهلی) همراه با واژه‌های فارسی در شعر جاهلی*. (تهران :انتشارات نوس، ۱۳۷۷، ۳۷۹ ص.
2. **البلاسی، محمد السید علی**. *المعرّب فی القرآن الکریم :دراسة تأصیلیة دلالیة*. ینغازی :جمعیة الدعوة الإسلامیة العالمیة، **2001، 380ص**.
3. Agitoğlu, N. (2019). Kültürel bağlam çerçevesinde sözlü kültürün hadislere etkisi. Türk ve İslam Dünyası Sosyal Araştırmalar Dergisi, 6(23), 17-28.
4. السیوطي، جلال الدین .المزهر في علوم اللغة وأنواعها .القاهرة :دار الفکر، 1998.
5. Jeffery, A. (1938). *The Foreign Vocabulary of the Qur'an.* Baroda: Oriental Institute.
6. Agitoğlu, N. (2019). Kültürel bağlam çerçevesinde sözlü kültürün hadislere etkisi. *Türk ve İslam Dünyası Sosyal Araştırmalar Dergisi*, 6(23), 17-28.
7. Çetin, N. M. (1988). Ahbâr. *Türkiye Diyanet Vakfı İslam Ansiklopedisi*, 1, 486-489. TDV Yayınları.

ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР АҲДИ ҚАДИМ

Ин мақола ташаккул ва рушди таърихии забони арабиро дар замонҳои қадим, бо таваҷҷуҳи махсус ба давраи пеш аз ислом, ки бо номи Ҷоҳилият маъруф аст, баррасӣ мекунад. Дар ин таҳқиқот муҳити фарҳангӣ ва забонии ҷомеаи араб пеш аз ислом баррасӣ шуда, нақши бартаридоштаи анъанаи шифоҳиро дар ҳифзи хотираи таърихӣ, арзишҳои иҷтимоӣ ва ҳувияти қабилавӣ тавассути шеър, ҳикоя ва суханронии оммавӣ таъкид мекунад. Дар мақола аҳаммияти шоирон ва ҳикоянависон дар ҷомеаи араб таъкид шудааст, ки дар он ҷо шеър на танҳо ҳамчун шакли адабӣ, балки ҳамчун воситаи сабти рӯйдодҳои таърихӣ, дастовардҳои қабилавӣ ва арзишҳои ахлоқӣ низ амал мекард. Он, инчунин нақши ҷамъомадҳо ва бозорҳои барҷастаи адабӣ, ба монанди Бозори Укозро, ки дар он мусобиқаҳои шеърӣ ба рушд ва такмили ифодаи адабии арабӣ мусоидат кардаанд, таҳлил мекунад. Илова бар фарҳанги шифоҳӣ, таҳқиқот пайдоиши саводнокӣ дар Арабистони пеш аз исломро меомӯзад. Бозёфтҳои бостоншиносӣ, навиштаҷот, созишномаҳои қабилавӣ, шартномаҳо ва дастнависҳои динӣ нишон медиҳанд, ки навиштан маълум ва истифода мешуд, гарчанде ки ба таври васеъ қабул нашуда буд. Дар мақола, инчунин пайдоиши таърихии хати арабӣ, ки аз хати набатӣ ва дар ниҳоят аз анъанаҳои хатии арамӣ ташаккул ёфтааст, баррасӣ мешавад. Дар ниҳоят, таҳқиқот шарҳ медиҳад, ки чӣ гуна пайдоиши ислом ва нозил шудани Қуръон дар рушд, ҳифзи забон ва хати арабӣ нақши ҳалкунанда бозида, забони арабиро яке аз забонҳои асосии адабӣ ва илмии ҷаҳони ислом гардонидааст.

Калидвожаҳо: забони арабӣ, нодонӣ (ҷоҳилия), хати арабӣ, фарҳанги шифоҳӣ, Арабистони пеш аз ислом, адабиёти арабӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ АРАБСКОГО ЯЗЫКА В ДРЕВНИЕ ВРЕМЕНА

В данной статье рассматривается историческое формирование и развитие арабского языка в древности, с особым акцентом на доисламский период, известный как Джахилия. Исследование изучает культурную и языковую среду арабского общества до ислама и подчеркивает доминирующую роль устной традиции в сохранении исторической памяти, социальных ценностей и племенной идентичности посредством поэзии, повествований и публичного ораторского искусства. В статье подчеркивается значение поэтов и рассказчиков в арабском обществе, где поэзия функционировала не только как литературная форма, но и как средство записи исторических событий, достижений племен и моральных ценностей. Также анализируется роль известных литературных собраний и рынков, таких как базар Указ, где поэтические состязания способствовали развитию и совершенствованию арабского

литературного выражения. Помимо устной культуры, исследование рассматривает возникновение письменной культуры в доисламской Аравии. Археологические находки, надписи, племенные соглашения, договоры и религиозные рукописи свидетельствуют о том, что письменность была известна и использовалась, хотя и не получила широкого распространения. В статье также обсуждаются исторические истоки арабской письменности, которая развилась из набатейской письменности и, в конечном итоге, из арамейских письменных традиций. Наконец, в исследовании объясняется, как возникновение ислама и ниспослание Корана сыграли решающую роль в развитии, сохранении и стандартизации арабского языка и письменности, превратив арабский язык в один из основных литературных и научных языков исламского мира.

Ключевые слова: арабский язык, невежество (джахилийя), арабская письменность, устная культура, доисламская Аравия, арабская литература.

FORMATION OF THE ARABIC LANGUAGE IN ANCIENT TIMES

This article examines the historical formation and development of the Arabic language in ancient times, with particular focus on the pre-Islamic period known as the Jahiliyyah. The study explores the cultural and linguistic environment of Arabian society before Islam and emphasizes the dominant role of oral tradition in preserving historical memory, social values, and tribal identity through poetry, narratives, and public oratory. The article highlights the significance of poets and storytellers in Arab society, where poetry functioned not only as a literary form but also as a means of recording historical events, tribal achievements, and moral values. It also analyzes the role of famous literary gatherings and markets, such as Bazaar ‘Ukaz, where poetic competitions contributed to the development and refinement of Arabic literary expression. In addition to oral culture, the study examines the emergence of written culture in pre-Islamic Arabia. Archaeological evidence, inscriptions, tribal agreements, contracts, and religious manuscripts demonstrate that writing was known and used, although not widely spread. The article also discusses the historical origins of the Arabic script, which developed from the Nabataean script and ultimately from Aramaic writing traditions. Finally, the study explains how the emergence of Islam and the revelation of the Qur’an played a crucial role in the development, preservation, and standardization of the Arabic language and script, transforming Arabic into a major literary and scholarly language of the Islamic world.

KEYWORDS: Arabic language, Jahiliyyah, Arabic script, oral culture, pre-Islamic Arabia, Arabic literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муҳаммадалӣ Ахундов*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+994553739006.**

Сведения об авторе: ***Мухаммадали Ахундов*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета языков Азии и Европы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **+994553739006.**

Information about the author: ***Mohammadalı Akhundov*** – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Asian and European Languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+994553739006.**

ИҚТИСОД-ЭКОНОМИКА

МАХСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ ҲАРАКАТИ МОЛҲО ВА ФУРӮШИ ОНҲО ДАР ФАЗОИ ИНТЕРНЕТ

Обидов Ш.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Дар шароити муосир зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ дар низоми иқтисодиву иҷтимоӣ тағйироти ҷиддӣ ба миён омада истодааст. Ба андешаи мо, иқтисоди рақамӣ ин низомест, ки дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамӣ, инчунин шабакаи ҷаҳонии интернет ташаккул ёфтааст.

Истифодаи дастовардҳои бахши рақамӣ ба тағйирёбии равандҳои корӣ, стратегияҳо, пайдоиши самтҳои нави фаъолият ва ба ин васила ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд.

Дар савдои чакана, дар фарқият бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт, технологияҳои рақамӣ нисбатан фаъолтар ворид шуда истодаанд ва албатта он ба тағйирёбии самтҳои рушди савдо вобаста ба қонеъ намудани тақозои ҳар як харидор таъсир мерасонад. Дар ин бахш тағйирёбии сифатӣ, аз он ҷумла дар самти равандҳои савдою технологӣ, барномаҳои ҳавасмандгардонии истеъмолгарон, стандартҳои хизматрасонӣ, шаклҳо ва усулҳои савдо татбиқ ёфта истодаанд, ки онҳо бешубҳа торафт хусусияти рақамӣ ва барномавиро соҳиб хоҳанд гашт.

Дар шароити муосир савдои чакана яке аз намудҳои фаъолияти иқтисодии босуръат рушдёбанда ба ҳисоб меравад, ки дар он навгониҳои рақамӣ фаъолона татбиқ шуда истодааст. Тибқи ақидаи коршиносон васеъшавии маҳсулоти рақамӣ дар раванди савдою технологӣ савдои чаканаро дар қатори бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва саноати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба соҳаи пешбари рақамикунонӣ наздик мекунад [3, с.8].

Дар адабиёти муосир ҷанбаҳои гуногуни ташаккули савдои чакана, аз он ҷумла рушди он дар шароити ҷаҳонишавӣ, унсури инноватсионии фаъолияти субъектҳои савдо, масъалаҳои рушди савдои шабакавӣ ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аммо рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чаканаи муосир бо дарназардошти гузариши рақамии низоми иқтисодӣ, муайян кардани соҳаҳои истифодабарии технологияҳои рақамӣ, дурнамои рушди минбаъдаи он таҳти омӯзиши амиқ қарор дода нашудаанд ва пурра инъикоси худро наёфтаанд, масъалаи омӯзиши иқтисодиёти рақамӣ ва технологияҳо, инчунин дурнамо, хавфҳои имконпазире, ки бо ин зуҳурот алоқаманд аст, дар маркази диққати ҳам зинаи давлатӣ ва ҳам олимону намояндагони тиҷорат қарор дорад.

Ба андешаи мо, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ ва ё электронӣ дар савдои чакана мо фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар асоси технологияҳои рақамӣ ва ё қарорҳои рақамӣ, инчунин ташаккули бозорҳои виртуалӣ, савдои электронӣ, хазматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ амалӣ мешавад.

Дар натиҷаи воридкунии технологияҳои рақамӣ самтҳои нави тиҷорат, технологияҳои корӣ ва моделҳои нави соҳибкорӣ пайдо карда мешаванд, ки онҳо сатҳи рақобатро пурзӯр намуда, ба васеъшавии бозори фурӯш ва рақобатпазирии кишварҳои алоҳида, минтақаҳо, соҳаҳо ва субъектҳои алоҳидаи соҳибкорӣ мусоидат менамоянд.

Савдои чакана дар шароити муосир таъсири нисбатан бузурги технологияҳои рақамиро ҳис мекунад. Рақамикунонии савдои чаканаи ҷаҳонӣ дар сатҳи хеле баланд қарор дорад ва он тадриҷан аз шаклҳои (форматҳои) анъанавӣ ба усулҳои савдои шакли

онлайн-фурӯш ва рушди фаъоли платформаҳои рақамию тиҷорати электронӣ вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки технологияҳои тиҷорати электронӣ ягона технологияи рақамӣ дар савдои чакана маҳсуб намеёбанд. Аз сабаби он, ки ақидаи ягонаи консептуалӣ доир ба фаҳмиши технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана, унсурҳои он, маҳсулот ва шабакаҳои паҳншавӣ вуҷуд адоранд, мо тасмим гирифтем, ки технологияҳои рақамии дар соҳаи савдои чакана истифодашавандаро нисбатан пурратар баррасӣ намоем. Тибқи андешаи коршиносони UNCTAD, технологияҳои рақамӣ ё қарорҳои рақамӣ дар худ ташаккул, коркард, мубодила ва интиқоли иттилоотро ифода мекунанд. Ба технологияҳои рақамӣ автоматикунонии фаъолият, ҳисобкуниҳои “абрнок”, бизнес-таҳлили маълумоти калонҳаҷм, воқеияти виртуалӣ (иловашуда), ҳамкорӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, тафаккури сунъӣ, омӯзиши мошинӣ, роботкунонӣ ва дигар қарорҳои рақамиро шомил намудан мумкин аст.

Тибқи ақидаи мутахассисони амрикоӣ Питер Мелл ва Тим Гранс ҳисобкуниҳои “абрнок” чунин хусусиятҳоро доро мебошанд: худхизматрасонӣ аз рӯи талабот; дастрасии васеъ тавассути Интернет; имконияти тезтар мутобиқшавӣ ва ё васеъкунии имкониятҳои таҷҳизот; баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии истеъмол [3, с.7].

Одатан дар бозори ҳисобкуниҳои абрнок се модели тиҷоратро пешниҳод менамоянд (расми 1):

- модели таъминоти барномавии абрнок, ки ба истеъмолгар имконият медиҳад то захираҳои ҳисоббароркунии молтаъминкунандагонро (сервер, инфрасохтори шабакавӣ, анбори маълумот ва ғ.) истифода барад;
- модели платформаи абрнок ба истеъмолгар пешниҳод кардани иҷозат ба истифодабарии платформаи барномавии молтаъминкунандагонро дар назар дорад;
- модели инфрасохтори абрнок ба истеъмолгар имконият медиҳад, ки барномаҳои тайёри молтаъминкунандагонро истифода барад. Технологияҳои рақамии ҳисобкуниҳои абрнок дар муқоиса бо технологияҳои иттилоотии дохиликорхонавӣ ҳаҷми калони хароҷотро оид ба коркарди маълумотҳои мизоҷон сарфа мекунанд. Вай аз ҳисоби пардохти саривақтии ҳаҷми маҳдуди захираҳои ҳисоббарори дохилӣ ба даст меояд.



Расми 1. Моделҳои тиҷорат дар бозори ҳисобкуниҳои абрнок

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Технологияҳои тафаккури сунъӣ истифодабарии алгоритмҳои иттилоотию коммуникатсионие, ки ҷиҳатҳои фикрронии инсониро ифода мекунанд, дар назар доранд. Дар ин маврид ҷойи коркарди “дастӣ”-и системаҳои компютериро технологияҳо ва усулҳои муосир ва чандири мошинии омӯзиш дар асоси барномаҳои худомӯзӣ мегиранд [7, с.74].

Усулҳо ва алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ шабакаҳои нейронии бисёрқабатаро ташкил медиҳанд, ки онҳо имконияти “ташхис” намудани пешниҳодҳои абстрактиро доранд. Ба шарофати чунин алгоритмҳо, технологияҳои тафаккури сунъӣ мубрам шуда истодаанд, аз ҷумла технологияҳои муайянкунии (шинохтани) объектҳо; муайянкунии нутқ ва системаҳои автоматикунонидашудаи тарҷумаи забонҳои гуногун; алгоримтҳои роботикунонидашудаи идоракунӣ ва қабули қарор, ки асоси намудҳои муосир ва системаҳои тафаккури сунъиро ташкил медиҳанд [7, с.75].

Масалан, вақтҳои охир дар таҷрибаи ҷаҳонӣ технологияи ёрдамчиёни ҳушманд” торафт шуҳрат ёфта истодаанд, ки онҳо якбора якчанд имкониятҳо ва функсияҳои “тафаккуриро” иҷро мекунанд: кӯмак дар онлайн-ҷустуҷӯ ва хариди электронӣ, шинохтани нутқ, таҳлил ва тафсири иттилооти шахсӣ оид ба истифодабарандаи мушаххас ва ғайра. рушди тафаккури сунъӣ ва усулҳои омӯзиши мошинӣ дар таҷриба нишон дод, ки дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт истифодаи технологияҳои рақамӣ зарур мебошанд, чунки онҳо имконият медиҳанд, ки ҳангоми коркарди бизнес-нақшаҳои дарозмуддат базаҳои захиравӣ сарфа карда шаванд ва назорат аз болои иҷрои онҳо ба роҳ монда шавад.

Вақтҳои охир ба ҳайси яке аз маҳакҳои асосии тараққиёти қарорҳои рақамӣ “маълумоти калонҳаҷм” (big data) ва бизнес-таҳлил баромад карда истодаанд, ки дар мавҷуд будани иттилооти озод дар Интернет-захираҳо ва зарурати коркарди саривақтию таҳлили дақиқи онҳо асос меёбад.

Технологияҳои маълумоти калонҳаҷм дар худ маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои коркарди маълумоти ҳаҷман калон ва гуногуншаклро бо мақсади соҳибшавӣ ба натиҷаи барои инсон фаҳмо, дар шароити рушди баландсуръат ва тақсимоти шабакаҳои зиёди ҳисоббарор ҷой додаанд. Бизнес-таҳлил ва маълумоти калонҳаҷм имконият медиҳанд, ки иттилооти зарурӣ оид ба дархостҳои мизоҷон ба даст оварда шавад, талаботи инфиродӣ таҳия ва хавфҳо баҳодиҳӣ карда шаванд ва усулҳои таҳлили пешгӯикунӣ татбиқ карда шаванд.

Таваҷҷӯҳ ба технологияҳои рақамии маълумоти калонҳаҷм ва бизнес-таҳлилҳо сол то сол аз ҷониби бозорҳои баландрақобат бештар шуда истодааст. Масалан, мувофиқи пешгӯии агентии таҳлилии амрикоии Wikibon дар охири соли 2020 бозори соҳаи маълумоти калонҳаҷм ченаки зиёда аз 60 млрд. доллярро соҳиб шуда, дар соли 2026-ум вай метавонад 85 млрд доллярро фарогир бошад. Суръати рушди солонаи бозори маълумоти калонҳаҷм ва бизнес-таҳлилҳо тақрибан 17%-ро ташкил медиҳад.

Пешсафони асосии маблағгузорӣ дар қарорҳои рақамии баррасишаванда бахши молиявӣ, мақомоти давлатии сатҳи гуногун, соҳаи хизматрасонӣ ва савдои шабакавӣ ба ҳисоб меравад. Ба ҳайси яке аз қарорҳои рақамии ояндадор Интернеташёҳо (IoT) баромад мекунад. Зери ин мафҳум муттаҳидкунии дилхоҳ таҷҳизот ба шабака бо истифода аз таъминоти барномавии махсус фаҳмида мешавад, ки онҳо бо ҳамдигар ҳамкорӣ намуда, имконияти дастраскунӣ ва мубодилаииттилоотро доранд.

Ба андешаи коршиносон, соли 2022 қариб 10-20 миллиард объектҳое мавҷуд буданд, ки ба Интернет пайваст мебошанд ва дар охири соли 2023 миқдори онҳо 40-50 миллиардро ташкил хоҳанд дод ва ҳаҷми бозори IoT бошад тақрибан 1,46 млрд доллярро ташкил хоҳад кард. Намунаи татбиқи технологияҳои IoT консепсияҳои хонаи “боақл”, шаҳри “боақл”, идоракунии трафики мусофирон ва мониторинги нақлиёт, мағозаҳои “боақл” ва ғайраҳо мебошанд [, с.81].

Дар натиҷаи рушди технологияҳои рақамӣ фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ гуногун шуда, хусусиятҳои хоси зеринро соҳиб мешаванд (расми 3): амалӣ намудани ҳамкорӣ дар шабакаи Интернет ва ё зери таъсири он; воридшавӣ ба шабакаи ҷаҳонӣ тавассути таҷҳизоти гуногун, аз ҷумла воситаҳои мобилӣ; ташаккул ва

мубодилаи бисёршабакавии иттилоот байни истифодабарандагони шабакаи ҷаҳонӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, замимаҳои мобилӣ, форумҳо); истифодабарии ҳаҷми хеле калони маълумот; имконияти қонеъ намудани талаботи ҳар як харидори мушаххас (ба мизоҷнигаронидашуда); ҷаҳонишавии рафтори истеъмолгарон ва мизоҷони корхона; беҳсозии раванди ташаккули арзиши иловашуда ва ғайраҳо.



Расми 2. Хусусиятҳои хоси фаъолияти иқтисодии субъектҳои савдои чакана дар натиҷаи татбиқи технологияҳои рақамӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Технологияҳои рақамӣ ба савдои чакана низ таъсири назаррас ерасонанд. Савдои чаканаи муосир яке аз бахшҳои инноватсионӣ ва зудрушдёбандаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, сатҳи баланди татбиқи технологияҳои рақамиро доро аст, ки он ба харидори ниҳоӣ ва дараҷаи баланди хизматрасонии савдо дар тамоми зина ва шабакаҳои фурӯш нигаронида шудааст. Ба андешаи мо, соҳаи савдои чакана мавҷи бесобиқаи инноватсияҳоро аз сар гузаронида истодааст. Албатта технология нақши зарурро мебозад, аммо ин нерӯи ягонае намебошад, ки кор мекунад [8, с.122]. Моделҳои нави бизнес пайдо мешаванд ва онҳо ба тамоми зина ва ё занҷири тиҷорати электронӣ таъсири амиқ мерасонанд. Дар баробари ин, дар рафтори истеъмолгарон низ тағйирот дида мешавад

Таҷрибаи рушди савдои чакана нишон медиҳад, ки технологияҳои рақамӣ дар соҳаи платформаҳои замимаҳои мобилӣ ба ташаккули ҳамкории корхонаҳои савдои чакана бо харидорони потенсиалӣ мусоидат мекунанд (расми 3).



Активация W
Чтобы активиро

Расми 3. Технологияҳои рақамӣ дар соҳаи платформаҳои замимаҳои мобилӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Бо ёрии замимаҳои мобилӣ дар смартфонҳо харидорон имконияти ташаккул ва истифодаи рӯйхати виртуалии харид; ҷустуҷӯи маълумот оид ба хизматрасониҳои мағоза; татбиқи хадамоти геоиттилоотӣ ва навигатсионӣ; ҷустуҷӯ ва дидани номгӯи маҳсулот; сканеркунии штрих-кодҳо ва дастрасии маълумот оид ба маҳсулотро дар вақти воқеӣ (онлайн) пайдо мекунанд. Бо Замимаҳои мобилӣ дар смартфонҳо Имкониятҳои харидор Ташаккул ва истифодаи рӯйхати виртуалии харид

Ҷустуҷӯи маълумот оид ба хизматрасониҳои мағоза Татбиқи хадамоти геоиттилоотӣ ва навигатсионӣ Ҷустуҷӯ ва дидани номгӯи маҳсулот

Сканеркунии штрих-кодҳо ва дастрасии маълумот оид ба маҳсулот дар вақти воқеӣ (онлайн) ёрии замимаҳои рақамӣ харидорон манфиатнокии харидро муайян мекунанд, фурӯшандагон бошанд таҷриба ва хоҳиши мизоҷони мақсаднокро мушоҳида намуда, бо онҳо робитаро барқарор мекунанд. Яке аз қарорҳои рақамие, ки алоқаи самаранокро бо мизоҷони потенсиалӣ ташкил мекунад, ин шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки онҳоро дар савдои чакана фаъолона истифода мебаранд. Шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки ҳар як шахс саҳифаи шахсии худро дар Twitter, Facebook, Instagram ва дигар сомонаҳо кушояд [7, с.73].

Дар он дар реҷаи онлайн мубодилаи иттилот ва фикру ақидаҳои ҳамдигар ба миён меояд. Дар натиҷаи истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ ва “инфиродикунии” интернет ба фурӯшандагон маълумоти пурра доир ба харидорон ва доираи истеъмолгарон мақсаднок дастрас шуд. Фурӯшандагон дар кушодани блогҳои шахсиашон дар платформаҳои рақамии шабакавӣ бо мақсади шиносонидани тамғаи худ ва ҷалби харидорон фаъол мебошанд. Технологияҳои интернеташёҳо ба беҳсозии фазои савдо, сарфаи захираҳо ва ташаккули идоракунии номгӯйи молҳо равона карда шудааст.

Нишонаҳои радиомавҷӣ (RFID-қайдҳо) мавҷудияти молро дар рафҳои фурӯш ва ҷойивазкунии онҳоро дар мағоза назорат мекунанд. Ҳамчунин таҷҳизоте, ки дар мағоза насб шуда, ба микромуҳит таъсир мерасонанд, ба монанди термостатҳо, таҷҳизоти равшанидиҳанда, таҷҳизоти яхдонӣ ва кондисионерҳо. Барои мониторинги фазои савдо ширкатҳо таҷҳизоти

Bluetooth, RFID-қайдҳо ва WI-Fi-ро дар смартфонҳои харидорон истифода мебаранд. Дар натиҷаи истифодабарии таҷҳизоти номбаршудаи интернеташёҳо фурӯшандагон харитаи анбӯҳи харидориро ташкил намуда, ба мусоидкунии фазои мағоза барои харидор баҳо медиҳанд ва дар баробари ин консепсияи мерчендайзинги тафаккуриро татбиқ менамоянд. Нуқтаи баланди истифодабарии технологияҳои рақамии интернеташёҳо дар савдои чакана консепсияи мағозаҳои “боақл” (smart store) мебошад. Мағозати “боақл” дар худ консепсияеро ҷой додааст, ки вай дар асоси истифодабарии дастовардҳои интернеташёҳо ва автоматикунонии пурраи майдонҳои савдо ба роҳ монда мешавад. Масалан, дар Чин дар чунин мағозаҳо харидорон сараввал бояд ба қайд гирифта шаванд, QR-коди онро ҳангоми воридшавӣ ба мағоза сканер намоянд, рақами телефонашонро ворид кунанд ва акси худро гиранд.

Сипас ба мағоза ворид шуда, тавассути турникетҳои мавҷуда хариди заруриро иҷро менамоянд. Пардохти маблағ бошад бо тариқи ғайринақдӣ ба роҳ монда шуда, тавассути сканеркунии штрих-код дар телефони мобилии харидор иҷро карда мешавад. Баъди ба итмом расидани хизматрасонӣ харидор аз мағоза бо воситаи турникетҳо мебарояд. Муқоисаи акси харидор бо базаи миллии ҳуҷҷатҳо ҷиҳати тасдиқи шахсияти харидор, системаи видеоназоратӣ, маҳдудият ба воридшавии харидорони бевиҷдон дар як сатҳи муайян бехатарии иқтисодиро таъмин намуда, соҳибкоронро аз дуздиҳои имконпазир эмин нигоҳ медорад.

Намунаи мағозаи “ҳушманд” ин ба наздикӣ аз тарафи интернет-мағозаи Amazon.com Inc кушода шудани кейс мебошад, ки вай номи “мағозаи бе хазина”-ро соҳиб шудааст. Савдои чаканаи офлайн ва онлайни корхона сарфаи хароҷотро тақрибан то 60 % таъмин мекунад. Бизнес-модели мағозаи “боақл” айни ҳол хусусияти пилотиро дорад, аммо бо дарназардошти афзоиши даромади аҳолӣ, қобилияти харидорӣ, ба таври васеъ истифода бурдани смартфонҳо бо видеокамераҳо ва пайвастшавӣ ба шабакаи глобалии Интернет вай рақобати сазоворро ба шаклҳои муқаррарии савдо пешниҳод мекунад.

Ҳамаи ин гуфтаҳоро хулосабандӣ намуда, қайд намудан мумкин аст, ки номгӯи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана хеле фарох аст. Аксари онҳо дар савдои чаканаи ҷаҳонӣ бештар тараққӣ намудаанд, дар савдои чаканаи ватанӣ бошад доир ба баъзе аз қарорҳои рақамии мушаххас ақибмондагӣ ба назар мерасад. Ин бо он асос меёбад, ки роҳбарони шабакаҳои савдо ба манфиатнокии он то нобоварона нигоҳ мекунанд.

Новобаста ба ин, тамоюли рушди савдои чаканаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки гузариши босуръат ба платформаҳои рақамӣ ва хизматрасониҳои нисбатан сифатноки рақамӣ дар кишвари мо низ, бахусус дар шаҳрҳои бузургтар, ба монанди Душанбе ва Хуҷанд амалӣ гашта истодааст.

АДАБИЁТ

1. Красильникова, Е. В. Системные признаки интернет-экономики / Е. В. Красильникова // Изв. Саратов. ун-та. Серия: Экономика. Управление. Право. - 2011. - № 1. - С. 32-37.
2. Қоситов, Ҷ. Р. Нақши технологияи рақамӣ дар рушди ҳукумати электронӣ / Ҷ. Р. Қоситов, М. М. Абдуллоев // Нақши зеҳни сунъӣ дар тақвияти зеҳни касбии мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазири соҳаи таҳсилоти олӣ: Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, Душанбе, 21 февраля 2025 года. – Душанбе: Донишгохи технологии Точикистон, 2025. – Р. 90-94. – EDN IBHVRN.
3. Куприяновский В.П. Розничная торговля в цифровой экономике [Текст] / В. П. Куприяновский, С.А. Синягов, Д.Е. Намиот, А.П. Добрынин, П.В. Куприяновский // International Journal of Open Information Technologies vol. 4, no. 7, 2016, P. 1-11.
4. Маймина Э.В. Особенности и тенденции развитии цифровой экономики [Текст] / Э.В. Маймина, Т.А. Пузыня // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2017. - №. 6(67). - С. 37-43.
5. Макаренкова, Е. В. Сетевая экономика: учеб. пособие / Е. В. Макаренкова. - М.: Изд. Центр. Евразийс. открытого инта, 2011; Макаров, В. Л. Справочник экономического инструментария / В. Л. Макаров, Н. Е. Христолюбова, Е. Г. Яковенко. - М.: Экономика, 2003.
6. Цифровизация в розничной торговле / VC.RU [Электронный ресурс] - 2019. - URL: https://vc.ru/u/280516-market-myuzik (дата обращения: 20.08.2020).
7. Шнорр Ж.П. Инновации в розничной торговле как фактор повышения конкурентоспособности в условиях глобализации экономики [Текст] / Ж. П. Шнорр II Экономика и управление: теория и практика : сб. науч. труд. - 2018. - Т. 4,- №. 4(4.1). - С. 73-81.
8. Шаропов Ф.Р., Лутфуллоев М.Д. Таъсири технологияҳои рақамӣ ба рафтори истеъмолгарони савдои чакана / Шаропов Ф.Р., Лутфуллоев М.Д. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2020. - № 4 (55). – С. 119-123.

МАХСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ ҲАРАКАТИ МОЛҲО ВА ФУРӮШИ ОНҲО ДАР ФАЗОИ ИНТЕРНЕТ

Дар мақола ҷанбаҳои назариявии масъалаи махсусиятҳои ташкили ҳаракати мол ва фурӯши онҳо дар фазои интернет мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чаканаи муосир бо дарназардошти гузариши рақамии низоми иқтисодӣ, муайян кардани соҳаҳои истифодабарии технологияҳои рақамӣ, дурнамои рушди минбаъдаи он таҳти омӯзиши амиқ қарор дода нашудаанд ва пурра инъикоси худро наёфтаанд. Масъалаи омӯзиши иқтисодиёти рақамӣ ва технологияҳо, инчунин дурнамо, хавфҳои имконпазире, ки бо ин зуҳурот алоқаманд аст, дар маркази диққати ҳам зинаи давлатӣ ва ҳам олимону намояндагони тиҷорат қарор дорад. Таҷрибаи рушди савдои чакана нишон медиҳад, ки технологияҳои рақамӣ дар соҳаи платформаҳои замимаҳои мобилӣ ба ташаккули ҳамкории корхонаҳои савдои чакана бо харидорони потенсиалӣ мусоидат мекунанд

Калидвожаҳо: раванди ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет, савдои чакана, технологияҳои рақамӣ, савдои шабакавӣ, ҳаракат ва фуруши мол.

ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАҚИИ ПЕРЕМЕЩЕНИЯ ТОВАРОВ И ИХ ПРОДАЖИ В ИНТЕРНЕТ-ПРОСТРАНСТВЕ

В статье изучаются и исследуются теоретические аспекты вопроса об особенностях организақии перемещения товаров и их продажи в интернет-пространстве. Отмечается, что развитие қифровых технологий в современной розничной торговле с учетом қифровой трансформақии экономической системы, определение областей применения қифровых технологий, перспективы их дальнейшего развития не были изучены глубоко и не получили полного отражения. Вопрос изучения қифровой экономики и технологий, а также перспектив и возможных рисков, связанных с этим явлением, находится в қентре внимания как государственного уровня, так и ученых и представителей бизнеса. Опыт развития розничной торговли показывает, что қифровые технологии в сфере мобильных приложений способствуют формированию сотрудничества между розничными предприятиями и потенқиальными покупателями.

Ключевые слова: проқесс глобализақии, қифровизақия, информақионно-коммуникақионные технологии, Интернет, розничная торговля, қифровые технологии, онлайн-покупки, перемещение и продажа товаров.

CHARACTERISTICS OF ORGANIZING GOODS MOVEMENT AND SALES ONLINE

This article examines and explores the theoretical aspects of organizing goods movement and sales online. It is noted that the development of digital technologies in modern retail, taking into account the digital transformation of the economic system, the definition of areas of application for digital technologies, and the prospects for their further development have not been thoroughly studied or fully addressed. The study of the digital economy and technologies, as well as the prospects and potential risks associated with this phenomenon, is a focus for both government, academics, and business representatives. Experience in retail development shows that digital technologies in the field of mobile applications facilitate collaboration between retailers and potential customers.

Keywords: globalization process, digitalization, information and communication technologies, Internet, retail, digital technologies, online shopping, movement and sale of goods.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Обидов Шарифбек Муллоевич***-магистранти курси дуюми Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо Телефон: **933307666.**

Сведение об авторе: ***Обидов Шарифбек Муллоевич*** – магистрант второго курса магистратуры Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, улит. Мирзо Ризо, 6а. Телефон: 933307666.

Information about the author: ***Obidov Sharifbek Mulloevich*** - second-year master's student at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Rizo Street, 6a. Phone: 933307666.

ТАҲЛИЛ, ПЕШГӮЙӢ ВА БАНАҚШАГИРИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА

Ҷалов Ҳ., Давлатшоев О.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавзуи захираҳои молиявии корхонаҳо: таҳлил, пешгӯйӣ, банақшагирӣ ба он вобаста аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ муваффақият ва рақобатпазирии корхона асосан аз вазъи молиявии он муайян карда мешавад. Таҳлил, пешгӯйӣ ва банақшагирӣ қисмҳои ҷудонашавандаи системаи идоракунии молияи корхона буда, имкон медиҳанд, ки корхона бо захираҳои зарурӣ таъмин карда шавад, роҳҳои самараноки ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, захираҳои мавҷуда ва имкониятҳои баланд бардоштани натиҷаҳои молиявӣ муайян карда шаванд.

Аҳаммияти мавзуи ин мақола ба зарурати мониторинги доимӣ ва назорати нишондиҳандаҳои молиявии фаъолияти корхона, инчунин пешгӯии рушди ояндаи ширкат вобаста аст.

Захираҳои молиявии корхона маҷмуи маблағҳои пулӣ, даромад, сармоягузорӣ ва қарзҳоро дар бар мегиранд [3, с.74]. Ин маблағҳо барои иҷрои уҳдадориҳои молиявии ташкилот, пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ пешбинӣ шудаанд. Мавҷудияти захираҳои молиявӣ қобилияти ширкатро барои такмил додан, устуворона иҷро кардани вазифаҳо ва иҷрои фаъолияти ширкат нишон медиҳад. Давлат низ сиёсати фискалиро бо мақсади таъмини буҷетӣ бо захираҳои молиявӣ, ташаккули қисми даромади буҷетҳои сатҳҳои гуногун ва маблағгузории хароҷот барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва ғайра пеш мебарад [2, с.10].

Ҳамин тавр, ҷиҳати пеш бурдани фаъолият, корхонаҳо бояд барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти гуногуни молиявӣ маблағ дошта бошанд. Ташаккули ибтидоии захираҳои молиявӣ дар вақти таъсиси корхонаҳо, ҳангоми ташкили сармояи оинномавӣ ба амал меояд. Захираҳои молиявиро корхонаҳо дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ истифода мебаранд [4, с.82].

Аз рӯйи манбаъҳои ташаккул захираҳои молиявии корхонаҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

- ✓ захираҳои дохилии худи корхона;
- ✓ захираҳои беруна, ки аз берун ҷалб карда мешаванд.

Захираҳои худии корхона дар даромад, фоида аз фаъолияти асосӣ ва иловагӣ ифода карда мешаванд. Захираҳои худии ширкат дар маблағи фурӯш, ҳиссаҷудокуниҳо ифода карда мешаванд. Молияшиносон ва муҳосибоне, ки дар штати ширкат фаъолият мекунанд, барои назорати захираҳои молиявии худ корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд ва кори ширкатро барои ба даст овардани фоида танзим мекунанд, аммо на ҳама фоида дар ихтиёри ширкат боқӣ мемонад. Қисми фоида андозест, ки ба буҷет ворид мешавад. Фоидае, ки ширкат ҳуқуқи ихтиёрдорӣ дорад, ба мақсадҳои истеъмол ва андухт тақсим карда мешавад [5, с.27]. Қисми маблағҳо барои пардохти маоши кормандон сарф карда мешаванд, қисми дигар барои такмили минбаъдаи корхона, хариди техника, ҷалби бештари кормандон дар сурати васеъ шудани штат боқӣ мемонад.

Ҳисобҳои амортизатсия дар арзиши фарсудашавии фондҳои асосии хусусияти истеҳсолӣ ва ғайримоддӣ ифода карда мешаванд. Ҳисобҳои амортизатсия ба арзиши маҳсулот дохил карда шудаанд ва ҳамзамон қисми даромади фурӯши маҳсулот мебошанд. Ҳисобҳои амортизатсионӣ аз ҷониби роҳбарияти ташкилот дар ҳолатҳое истифода мешаванд, ки ин зарур аст ва маблағҳои боқимонда барои такмили фаъолияти корхона кофӣ нестанд.

Захираҳои молиявии ҷалбшуда ба якчанд намуд тақсим карда мешаванд:

- ✓ худӣ;

- ✓ қарзӣ;
- ✓ дар робита ба азнавтақсимоти нав воридшаванда;
- ✓ маблағгузории буҷетӣ.

Тақсимоти маблағҳои ҷалбшуда ба гурӯҳҳо аз он вобаста аст, ки шаклҳои гузрштани сармоя аз ҳам фарқ мекунанд. Сармоягузорон омодаанд барои рушди корхона сармоягузорӣ кунанд ва ин воситаҳои пулӣ сармояи соҳибкорӣ хоҳад шуд. Натиҷаи сармоягузорӣ пайдоиши захираҳои худии ширкат мебошад. Сармоягузорон ҳуқуқ доранд, ки як қисми даромади ширкатро талаб кунанд. Қарзҳо кор бо бонкҳоро дар бар мегиранд. Корхона, махсусан роҳбарият, барои рушди ширкат маблағи мушаххас мегирад. Қисми даромад барои пардохти қарз меравад. Аз ин рӯ, ин маблағи худӣ нест, яъне ҷалб карда шудааст ва роҳбари корхона вазифадор аст, ки маблағро дар мӯҳлати муайян пардохт кунад.

Ҷузъҳои раванди идоракунии захираҳои молиявӣ раванди таҳлил, пешгӯӣ ва банақшагириро фарор мегирад. Менеҷмент дар соҳаи идоракунии захираҳои молиявӣ тавассути 3 раванди калон амалӣ карда мешавад:

- ✓ таҳлили захираҳо,
- ✓ пешгӯӣ,
- ✓ банақшагирӣ.

Таҳлили захираҳои молиявӣ таҳлили сармоя, манбаъҳои ташаккули захираҳои молиявии ширкат, таҳлили сармоягузорӣ, хароҷот ва даромадро дар бар мегирад. Ҳангоми таҳлил, менеҷерон дар бораи тағирёбии сармоя фаҳмиши пурра мегиранд, сабабҳои тағиротро муайян мекунанд, таносуби захираҳои худӣ ва маблағҳои қарзии ширкатро арзёбӣ мекунанд. Таҳлил имкон медиҳад, ки вазъиятҳои баҳсноки молиявӣ пешакӣ баррасӣ карда шаванд, минтақаҳои мушкилот муайян ва имконоти ба эътидол овардани вазъро пешниҳод гардад.

Таҳлил мувофиқи шаклҳо ва нишондиҳандаҳои пешакӣ омодашуда гузаронида мешавад. Коршиносон (маблағгузорон ва муҳосибон) маълумоти аудити фаъолияти ширкатро дар тӯли чанд соли охир таҳлил мекунанд, тамоюлҳои ташаккул ва рушди истеҳсолотро муайян мекунанд, беҳтарин имконоти хубтар кардани вазъи молиявии ширкатро интихоб мекунанд. Таҳлил ба муқоисаи фаъолияти гузаштаи ширкат бо фаъолияти ҷорӣ, муайян кардани тамоюлҳои рушди корхона ва тақвият (ё сустшавии) қисми даромад кӯмак мекунад. Пас аз таҳлил боз як раванди пурмазмуни идоракунӣ - пешгӯӣ идома дорад.

Пешгӯии вазъи молиявии ширкат равандест, ки ба муайян намудани ҳаҷм ва ҷойгиркунии захираҳои молиявии ширкат дар мӯҳлати муайян равона шудааст. Динамикаи рушд ва тавсеаи корхона омӯхта мешавад, тамоюлҳои ҷорӣ, муваффақиятҳо ва нокомиҳои гузаштаи ташкилот муайян карда мешаванд. Пешгӯии вазъи молиявии корхона дар муддати кӯтоҳ, миёна ва дарозмуддат сурат мегирад. Объекти пешгӯӣ ҳаҷми захираҳои молиявии ширкат, ки ба ихтиёри корхона ворид шудааст. Тавре ки қаблан қайд карда шуд, захираҳои молиявӣ бо гуногунҷанбагӣ ва сохтори худ фарқ мекунанд ва фоида, тарҳҳои амортизатсия, захираҳои берунии аз ҷониби сарпарастон, сармоягузорон ва қарздиҳандагон пешниҳодшударо дар бар мегиранд.

Дар таҳияи пешгӯиҳо коршинос аз якчанд намуди маълумот истифода мебарад. Ба ин нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ, буҷаи истеҳсолот, арзиши маводҳои истифодашуда, ҳисоботи баҳисобгирӣ, хароҷоти мустақими музди меҳнати кормандон, ҳисоботи пешгӯии даромад ва буҷаи воситаҳои пулӣ дохил мешаванд, ки ширкат ҳуқуқ дорад дар муддати муайян ихтиёрдорӣ кунад.

Ниҳоят, банақшагирӣ. Банақшагирии молиявӣ равандҳои идоракуниро дар бар мегирад, ки ба эҷод, тақсимот, азнавтақсимкунӣ ва истифодаи минбаъдаи захираҳои молиявӣ дар дохили корхона нигаронида шудаанд. Мақсади асосии банақшагирӣ асоснок кардани имкониятҳои маблағгузории лоиҳаҳое мебошад, ки дар марҳилаи

ташаккул қарор доранд. Гузашта аз ин, лоиҳаҳо ба самтҳои иқтисодӣ, техникӣ ва иҷтимоии рушди ширкат дахл доранд. Вазифаҳои банақшагирӣ аз муайян ва баҳодиҳии ҳаҷми сармоя, сохтори захираҳое, ки ҳангоми таъсиси ширкат истифода мешаванд, инчунин асоснок кардани бузургӣ ва сохтори муносиби хароҷот, интихоби тактика барои рушди минбаъдаи ширкат иборатанд. Коршиносон барои пешгӯии манбаъҳо ва андозаи маблағ масъул буда, асоснок мекунанд, ки ҳаракати маблағҳо нисбат ба самти интихобшудаи рушд то чӣ андоза оқилона аст.

Дар маҷмуъ, таҳлил, пешгӯӣ ва банақшагирӣ ба коршиносон ва роҳбарияти ширкат имкон медиҳад, ки хусусиятҳои рушди корхонаро ба таври кофӣ ва объективӣ арзёбӣ кунанд ва ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи раванди истеҳсолотро муайян кунанд. Таҳлил, пешгӯӣ ва банақшагирӣ фаъолияти пурмазмун оид ба кор бо захираҳои молиявии корхонаҳо мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Бредихина, Ю. А. Планирование финансовых ресурсов деятельности предприятия на примере сельскохозяйственного предприятия / Ю. А. Бредихина // Прогнозирование социального и экономического развития в новых геополитических условиях: сборник статей по итогам Международной научно-практической конференции, Самара, 08 февраля 2019 года. – Самара: Общество с ограниченной ответственностью "Агентство международных исследований", 2019. – С. 17-19. – EDN YWEXAL.
2. Давлатшоев, О. Х. Влияние налоговой политики государства на финансовое состояние предприятия / О. Х. Давлатшоев, Х. Р. Улугходжаева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/4-2. – С. 10-13. – EDN ZSGSWP.
3. Давлатшоев, О.Ҳ. Менеҷменти молиявӣ. Китоби дарсӣ / О.Ҳ. Давлатшоев, Ф.Б. Бобоев. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. – 280 с.
4. Дустова, Х. Ф. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули захираҳои молиявии корхона ва истифодабарии он / Х. Ф. Дустова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 4-1. – P. 79-85. – EDN DVKPGS.
5. Финансовые ресурсы предприятий и их источник формирования / И. Р. Иброхимзода, М. Н. Хусайнов, Р. С. Амирхонзода, М. А. Давлатзода // Совершенствование финансово-кредитной системы в условиях цифровизации национальной экономики: Сборник научных трудов посвященный «Дню работников финансовых органов Республики Таджикистан», Душанбе, 07 декабря 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2024. – С. 26-34. – EDN HUKEXA.

ТАҲЛИЛ, ПЕШГӮӢ ВА БАНАҚШАГИРИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ КОРХОНА

Дар мақола масоили назариявии таҳлил, пешгӯӣ ва банақшагирии захираҳои молиявии корхонаҳо баррасӣ карда шудааст. Таҳлил, пешгӯӣ ва банақшагирии захираҳои молиявии корхона ба он алоқаманд аст, ки самаранокии фаъолияти корхонаҳо аз сохтори муносиби захираҳои молиявӣ ва роҳҳои интихобшудаи ташаккули онҳо вобаста аст. Ташаккул ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ ба таҳкими вазъи молиявӣ (пардохтпазирӣ, устувории молиявӣ) ва ба ҳадди аксар расонидани фоида мусоидат мекунад. Дар мақола муайян карда шуд, ки пешгӯӣ ва банақшагирии захираҳои молиявии корхона бо аҳаммияти фаъолияти самараноки ташкилот ва зарурати ба назар гирифтани омилҳои мухталифе, ки ба кори он таъсир мерасонанд, алоқаманд аст.

Калидвожаҳо: захираҳои молиявии корхона, таҳлили молиявӣ, пешгуии молиявӣ, банақшагирии молиявӣ.

АНАЛИЗ, ПРОГНОЗИРОВАНИЕ И ПЛАНИРОВАНИЕ ФИНАНСОВЫХ РЕСУРСОВ ПРЕДПРИЯТИЯ

В статье рассматриваются теоретические вопросы анализа, прогнозирования и планирования финансовых ресурсов предприятий. Анализ, прогнозирование и планирование финансовых ресурсов предприятия связаны с тем, что эффективность деятельности предприятий зависит от оптимальной структуры финансовых ресурсов и выбранных путей их формирования. Формирование и рациональное использование финансовых ресурсов способствует укреплению финансового положения (ликвидности, финансовой стабильности) и максимизации прибыли. В статье было установлено, что прогнозирование и планирование финансовых ресурсов предприятия связано с важностью эффективного функционирования организации и необходимостью учета различных факторов, влияющих на ее работу.

Ключевые слова: финансовые ресурсы предприятия, финансовый анализ, финансовое прогнозирование, финансовое планирование.

ANALYSIS, FORECASTING, AND PLANNING OF ENTERPRISES' FINANCIAL RESOURCES

The article discusses the theoretical issues of analysis, forecasting, and planning of financial resources of enterprises. The analysis, forecasting, and planning of financial resources of an enterprise are related to the fact that the efficiency of an enterprise's activities depends on the optimal structure of financial resources and the chosen methods of their formation. The formation and rational use of financial resources contribute to strengthening the financial position (liquidity, financial stability) and maximizing profits. The article establishes that forecasting and planning of an enterprise's financial resources are essential for the effective functioning of the organization and the need to consider various factors that influence its operations.

Key words: financial resources of an enterprise, financial analysis, financial forecasting, and financial planning.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҷалов Ҳумоюн Абдулазизович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми ихтисоси молия ва қарз. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 206-66-69-69.** E-mail: jalov.h@mail.ru

Давлатшоев Одилҷон Ҳазратшоевич **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 934-45-55-22.** E-mail: odilshoh2025@gmail.com**.**

Сведения об авторах: ***Джалов Хумоюн Абдулазизович*** **-** Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса по специальности финансы и кредит. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. **(+992) 206-66-69-69.** E-mail: jalov.h@mail.ru**.**

Давлатшоев Одилжон Хазратшоевич **-** Таджикский национальный универсситет, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансы и страхования. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 934-45-55-22.** E-mail: odilshoh2025@gmail.com**.**

Information about the authors: ***Jalov Khumoyun Abdulazizovich*** **-** Tajik National University, 2nd year master's degree in Finance and Credit. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 206-66-69-69.** E-mail: jalov.h@mail.ru**.**

Davlatshoev Odiljon Hazratshoevich **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of Finance and Insurance Department. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 934-45-55-22.** E-mail: odilshoh2025@gmail.com**.**

ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РАВАНДҲОИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Раҳмонов М.А.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Дар шароити муосир омӯзиши тағйирёбӣ ва инкишофи равандҳои демографӣ ҳангоми банақшагирӣ ва танзими оила аҳаммияти муҳим пайдо мекунад. Шумора ва сохтори аҳолӣ, аз ҷумла захираҳои меҳнатӣ барои инкишофи иқтисодиёт аҳаммияти калон доранд. Аҳолӣ чун истеъмолкунандаи асосии захираҳо ҳамзамон қувваи истеҳсолкунандаи асосии ҷамъият ва манбаи пайдоиши муаммоҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Аҳолиро бо маънии маҳдуд чун маҷмуи одамони дар ҳудуди муайян истиқоматкунанда, фарқ мекунанд. Дар раванди омӯзиши аҳолӣ, хусусан омӯзиши тафриқавии (дифференсиалӣ) баъзе зуҳурот, масалан, миқдори фавт ва сернаслӣ зарурати баррасии аҳолиро аз рӯйи мансубияти динӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, касбӣ талаб мекунад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки зери таъсири омил ва равандҳои гуногун аҳолӣ дар ташаккулёбӣ ва ҳаракати доимӣ қарор мегирад [4, с.23].

Ташаккулёбии аҳолӣ, пеш аз ҳама зери таъсири равандҳои демографӣ сураът мегирад.

Таҷрибаи таҳқиқотҳои демографӣ нишон медиҳад, ки тарафдорони чӣ тавсифи маҳдуд ва чӣ васеи бозтавлидии аҳолӣ, дар масъалаи омӯзиши аҳолӣ, раванди аз нав бавуҷудоварии он, механизм ва реҷаи бозтавлид андешаи якхела доранд. «Имрӯз аҳолиро чун объекти омӯзиш ба демография на чун маҷмуи одии омории одамон, балки чун системаи мураккаби дарҳаракатбуда, тасаввур кардан мумкин аст.

Зери ҳаракати табиии аҳолӣ равандҳои таваллуд, фавт, никоҳ ва шикасти никоҳ фаҳмида мешавад.

Раванди таваллудшавӣ ва фавт дар байни равандҳои ҳаракати табиӣ асосӣ ва аввалиндараҷа ба ҳисоб мераванд, зеро ки зери таъсири онҳо миқдор ва ҳайати аҳолӣ тағйир меёбад [5, с.13].

Дар баробари ҳаракати табиии аҳолӣ, яке аз равандҳои муҳимми демографӣ ҳаракати механикии аҳолӣ ё муҳоҷират мебошад. Таҳлили равандҳои муҳоҷират яке аз самтҳои муҳимми таҳлили оморӣ мебошад. Аҳаммияти муҳоҷират ба он муайян мегардад, ки дар баробари ҳаракати табиии аҳолӣ, тағйирёбии миқдор ва ҳайати аҳолӣ омили асосӣ баҳисоб рафта, ба тақсимот ва азнавтақсимкунии оқилонаи тамоми аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, таъсир мерасонад. Он аксаран дар раванди демографӣ пешбар мешавад. Муҳоҷирати аҳолӣ хислати номуташаккилона дорад, ки ба танзим даровардан ва пешгӯйӣ кардани он душвор аст.

Ба фикри муаллиф ҳаракати механикӣ, ё худ муҳоҷират раванди мураккаби иҷтимоӣ буда, бо равандҳои дигар ва аз рӯйи қонунҳои худинкишофёбанда алоқаи зич дорад. Муҳоҷират ба сифати яке аз омилҳои мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ ва инкишофи демографии минтақа баромад мекунад.

Тавсифи демографӣ сохтори синну соливу ҷинсӣ, ҳолати дар никоҳ будан, миқдори фарзандон дар оила, синну соли онҳо ба равандҳои муҳоҷиратӣ аҳолӣ таъсири намоён мерасонанд. Асосан нишондиҳандаҳои муҳоҷират вобаста ба ҷинс ва синну сол аз ҳамдигар фарқ мекунанд [1, с.8].

Зуд-зуд тағйири макони зист кардан ба паст шудани суръати таваллуди кӯдак ва дар интиҳо ба кам шудани миқдори фарзандон оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, муҳоҷират ба шиддатнокии равандҳои аз нав барқароркунӣ таъсир мерасонад. Он метавонад миқдор ва сохтори ҷинсии аҳолии минтақаро тағйир диҳад. Ба назар мерасад, ки дар байни муҳоҷирон мардҳо зиёд мебошанд ва ҳиссаи синну соли хурди қобилияти меҳнатидошта дар он вақт номутаносибии ҷинсҳо ба миён омада, сохтори табиии синнусолӣ вайрон мешавад (дар

ноҳияҳои кӯчидарафта паст мефарояд, дар ноҳияҳои кӯчидаомада бошад, ҳиссаи аҳолии нисбатан синну соли сернасл зиёд мешавад).

Дар илми омор ҳоло як нуқтаи назар барои муайян намудани мафҳуми асосии муҳоҷират вуҷуд надорад. Дар намуди умумӣ муҳоҷират ин ҷойивазкунии одамон мебошад. Лек, саволе ба миён меояд, ки кадом ҷойивазкуниро ба муҳоҷират дохил намудан мумкин аст.

Улмасов Раҳмон оид ба муҳоҷират чунин ақида дорад: Муҳоҷират ҳамеша вуҷуд дошт, дар тули таърихи инсоният одамон аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчиданд. Аммо дар солҳои охир, миқёси он бемайлон меафзояд. Мардум маҷбуранд, ки худро аз низоъҳо, камбизоатӣ ва оқибатҳои тағйирёбии иқлим сабукӣ диҳанд. Аз чунин мисолҳо, имрӯз шумо метавонед як зироати олии муҳоҷиратро дар тамоми Аврупо озодона ҷамъоварӣ намоед. Таҳаввулот ва фаъолнокии вазъи муҳоҷирӣ дар кишварҳои пешсафи Аврупо ва Россия дар шароити пастравии нишондиҳандаҳои демографии онҳо алоқамандии зич дорад [7, с.93].

Ба ақидаи муаллиф муҳоҷиршавӣ яке аз омилҳои муҳимтарини ҷуброни нобудшавии табиии аҳолӣ ва дастгирии баланд бардоштани нерӯи меҳнатӣ гардидааст. Тавсифи моҳияти иҷтимоиву иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсири он ба ташаккулёбии бозори меҳнат ва иқтисоди кишварҳои содиркунанда оварда мерасонад. Зарурати таъсири мутақобила ва ҳамкориҳои ташкилоту сохторҳои танзимкунандаи равандҳои муҳоҷиршавӣ, таъсис додани фазои мусоиди иҷтимоиву иқтисодии муҳоҷиршавӣ, ҳалли мушкилоти муҳоҷиронро асоснок кардан лозим аст. Муаллиф таъкид месозад, ки дастрасиро ба бозори меҳнати Россия барои аҳолии барзиёди кишварҳои ИДМ ҳамчун омили ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва фаъолсозии ҳамгироии минтақавӣ дар доираи Иттиҳод истифода бурдан мумкин аст.

Таҳлили мушкилоти зикргардида тасдиқ месозад, ки равандҳои муҳоҷиршавӣ ба ташаккулдиҳии бозори меҳнат таъсири амиқ мерасонанд ва тамоили устувори қувватёбии минбаъда дорад. Мушкилоти муҳоҷират ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар бисёр кишварҳо як зуҳуроти аҷиб ва ба таври суст омӯхташуда ба монанди сӯрохи сиёҳ ё секунҷаи Бермуд мебошад. Хадамоти федералии муҳоҷирати ХФМ (ФМС) Русия маълумоти охиринро (то 5 апрели соли 2016) дар бораи шумораи шаҳрвандони хориҷӣ дар кишвар нашр кардааст. Дар аввали сол, Бонки марказии Федератсияи Русия гуфта буд, ки ҳаҷми интиқоли пул аз Русия ба Тоҷикистон дар соли 2017 нисбат ба соли 2016 беш аз 600 миллион доллар афзуда, 2 миллиарду 536 миллион долларро ташкил додааст. Тибқи арзёбии оморӣ ин ба 37 дарсади Маҷмуи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон дар соли гузашта рост меояд. Ба воситаи интиқоли маблағҳои муҳоҷирон воридшавии асъори хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат тезонида шуда, метавонад ба вазъи иқтисодии мамлакат ва иқтисодӣ хоҷагӣ таъсири хуб расонад [10, с.15].

Муҳоҷир на танҳо шахсест, ки пул кор мекунад, муҳоҷират ин роҳи ҳаётест, ки на ҳама мефаҳманд ва қабул мекунанд. Имрӯзҳо миллионҳо одамон дар тамоми ҷаҳон ба ин раванд шомиланд. Мувофиқи пешгӯии Хазинаи Байналмилалии Асъор, дар давраи аз соли 2015 то 2019, тақрибан чаҳор миллион шаҳрвандон аз хориҷи Иттиҳоди Аврупо ба Аврупо меоянд, яъне. ҳамасола тахминан 1,33 миллион нафар одамон ба назар мерасанд. Иттиҳоди Аврупо пешгӯиҳои худро пешниҳод кард, онҳо назар мекунанд, ки то охири соли 2017 каме камтар аз се миллион одамон кишварҳояшонро дар Аврупо тарк кардаанд, аз он ҷумла 1 миллион дар соли 2015- 1,5 миллион дар соли 2016- 0,5 миллион дар соли 2017 (Евростат, 2017). Баъзе муҳаққиқон сабабҳои буҳрони ҷории муҳоҷирати меҳнатиро омӯхтаанд, ки дар ояндаи наздик манъ кардани муҳоҷирати оммавӣ ба Аврупо амалан имконнопазир хоҳад буд. Аммо, далелҳо, ки шумораи аҳолии давлатҳои Африқо, Араб ва Осиё бемайлон меафзояд, дар ҳоле, ки шумораи аҳолии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба андозаи зиёд дар муҳоҷират ба Аврупо коҳиш меёбад. Раванди муосири муҳоҷират танҳо тағйир додани рӯйдодҳо ва тамоюлҳои таърихии қаблан рух дода ба ҳисоб меравад. (Евростат, 2017) [8, с.7].

Ба андешаи Маҳмадбеков М.Ш., Мирзоев С.С., муҳоҷирати аҳолӣ ин тағйири маҳалли зисти аҳолист, ки ба дигар шудани макони истиқомат иртибот дорад. Ҳамин тариқ, муҳоҷират ба маънои маҳдуд, чун ҷойивазкунии аҳолӣ, ки бо иваз кардани манзил ба муддати нисбатан

давомнок ва ба маънои васеъ чун ҷойивазкуниии аҳолӣ ба воситаи сарҳади ин ё он ҳудуд ва деҳа, ки бо тағйири захираҳои меҳнат алоқаманд аст, фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, нишонаи аввалини он гузаштан аз сарҳади маъмурию ҳудудии давлат, ҷумҳурӣ, нуқтаи аҳолинишин ва ғайра буда, дуюм иваз намудани ҷойи истиқомат мебошад. Равандҳои муосири муҳоҷират ҳам оқибатҳои амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ дар худи ҷумҳурӣ ва ҳам дар кишварҳои қабулкунанда, ки ҷараёни муҳоҷиратро аз Тоҷикистон қабул мекунанд, ба вуҷуд меоранд. Равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон аз охири солҳои 80-уми асри XX сар карда то ба имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҷомеа таъсири амиқ ва номуайян доранд. Равандҳои муосири муҳоҷират ба суръати рушди иқтисодӣ, вазъи тавозуни пардохт, динамикаи шумораи аҳолии кишвар ва муносибатҳои байнидавлатӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Намудҳои асосии муҳоҷирати ҳозиразамони дохилӣ ин муҳоҷират аз деҳот ба шаҳрҳо ва муҳоҷирати байниноҳиявӣ мебошанд.

Аз рӯйи шакл муҳоҷират ба ҷамъиятӣ муташаккил ва ғайримуташаккилӣ, ки муҳоҷирати муташаккил бо иштироки мақомоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва бо кӯмаки иқтисодии онҳо сурат мегирад ва ғайримуташаккилӣ, ки бо қувва ва воситаҳои худи муҳоҷирон бе ёрии моддӣ ё муташакилӣ аз тарафи ягон хел муассиса амалӣ мегардад, ҷудо мешавад.

Ба ақидаи С.И. Исломов., З.И. Исломова теъдоди зиёди муҳоҷирон аз Тоҷикистон на танҳо одамони донишманд ё бесаводанд, балки шахсони боистеъдод ва маълумотноке мебошанд, ки барои ҷустуҷӯи шуғл ва имкониятҳои беҳтарини зиндагӣ аз кишвар муҳоҷират мекунанд. Ин муҳоҷирон барои сармояи инсонии кишвар аҳамияти бузург доранд. Ҷавонон барои нигоҳ доштани афзоиши босуръати аҳолӣ баззаи асосӣ ба ҳисоб мераванд. Дар маҷмӯъ, афзоиши босуръати ҷавонон дар кишварҳои рӯбатараққӣ бо бекории баланд ва дар натиҷа хатари афзояндаи зӯроварӣ ва ноустувории сиёсӣ алоқаманд аст [6, с.5].

Ба ақидаи Анвар Бобоев равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ муайян карда шуда буданд ва яке аз омилҳои асосии такондиҳандаи демографӣ буд. Дар шароити пастравии сатҳи зиндагӣ барои аксари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон он намудҳои фаъолият қадру қимат пайдо мекунанд, ки ба зудӣ фоида ованд ва чун қоида, маълумоту тайёрии касбӣ талаб накунанд. Дар шароити Тоҷикистон, муҳоҷирати меҳнатии берунӣ на танҳо мушкилоти имрӯза мебошад, шиддатнокии он дар перспектива боқӣ хоҳад монд.

Интернационализатсия дар иқтисоди ҷаҳонӣ яке аз тамоюлҳои муосири иқтисоди бозаргонист, зеро равандҳои муосир дар ҷомеа имрӯз бо тақвияти робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва муносибатҳои байни кишварҳо тавсиф карда мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маврид истисно нест. Ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ буда, он ба тамоми равандҳои имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҷалб карда шудааст: ҷаҳонишавӣ ва интернационализатсия, ки дар он бозори умумии меҳнат ташаккул меёбад. Вобаста ба ин, нақши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, бахусус дар робита ба содирот ва воридоти мол, яъне муҳоҷират, меафзояд, зеро шумораи кишварҳое, ки муҳоҷирони корӣ мефиристанд ва қабул мекунанд, хеле афзудааст. Яке аз онҳо Федератсияи Россия мебошад, ки ба бозори муҳимми байналмилалии меҳнат табдил ёфтааст.

Омӯзиши равандҳои муҳоҷират ва арзёбии шумораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар Тоҷикистон дар айни замон ба маълумотҳои гуногуни оморӣ асос ёфтаанд: сарчашмаҳо (барӯйхатгирӣ, ҳисобҳои ҷорӣ, пурсишҳои сотсиологӣ ва ғайра). Маълумот дар бораи баҳисобгирии ҷории муҳоҷирати меҳнатӣ ба мо имкон медиҳад, ки самтҳои ҷараёни муҳоҷират ва сохтори онҳоро барои истиқомати доимӣ ва муҳоҷирати меҳнатии муваққатӣ, ки аксарияти онҳоро дар кишвар ташкил медиҳанд, ба назар гирифта нашаванд. Ҷаҳонишавӣ ва тақсимоти байналмилалии меҳнат ҷараёни интиқоли пули нақдро аз кишварҳои қабулкунанда ба кишварҳои донор суръат мебахшанд. Аз як тараф, ин маблағҳо камбизоатиро дар кишвари донор коҳиш медиҳанд, аммо муҳоҷирати доимии меҳнатии кишвари донор иқтидори истеҳсолиро аз даст медиҳад ва ҳамин тариқ ба рушди иқтисодӣ мамлакат монеа

мешавад - ин вазъ дар кишвари мост ва аз тарафи дигар, интиқоли пулӣ ҳамчун омили муҳоҷирати меҳнатӣ барои сармоягузорӣ истифода мешавад, ки ба рушди иқтисодӣ ва рушди шуғл мусоидат мекунад [4, с.33]..

Қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия мераванд. Дар асл шумораи бекорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёд мебошад, вале қисми зиёди онҳо расман ба қайд гирифта нашудаанд, махсусан занҳо дар деҳоти мамлакат. Сатҳи бекорӣ дар Чехия 2,5%, Малта ва Олмон 3,6%, Испания 16,7%, Юнон 20,5% ва моҳи июни соли 2018 дар Россия 4,7%-ро ташкил медод. Дар ИМА сатҳи бекорӣ аз 4,8% моҳи январ то 4,1% дар моҳи декабри соли 2017 кам шуд. Моҳи июли соли 2017 сатҳи бекории расман эътирофшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,3%-ро ташкил медод. Мувофиқи маълумоти ташкилотҳои оморий байналмилалӣ сатҳи бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 10%-ро ташкил медиҳад.

Дар солҳои охир сабаби умумии муҳоҷират барои ҳамаи мамлакатҳои ИДМ инҳо мебошанд:

- буҳрони иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва рушди бекорӣ;
- задухурдҳои сахти диннӣ;
- ҷудокунӣ ва аз нав тақсимкунии территорияҳо;
- барҳам хурдани системаи тақсимоти иҷтимоӣ;
- баргаштани қисмҳои ҳарбӣ аз хориҷи дур.

Барои пешгирӣ кардани таркиши иҷтимои, проблемаи содироти қувваи кори характери бениҳоят муҳим мегирад. Барои Тоҷикистони муосир, пеш аз ҳама, муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ асосан қувваи кории беихтисос хос аст. Қисми бисёри маҷрои муҳоҷират аз Тоҷикистон ба мамлакатҳои ИДМ, алалхусус ба Русия ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст. Мувофиқи маълумоти гуногун, ин нишондиҳанда аз 750 то 800 ҳазор нафарро ташкил мекунад. Сабабҳои иқтисодие, ки асоси ҳиҷрати меҳнатиро ташкил мекунад, аз инҳо иборатанд:

- набудани миқдори кифояи ҷои корӣ;
- сатҳи пасти даромадҳо ва музди кори паст;
- дурнамои ноаён барои гирифтани ихтисоси зарурӣ;
- муҳити пасти иқтисодӣ, ки комилан мувофиқи қобилияти соҳибкории одамонро талаб карда тавонад ва ғайра.

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон характери ғайрирасмӣ дорад. Вале дар солҳои охир кӯшиши назорати давлатии ин раванд гузаронида шуда истодааст. Ҳангоми аз нав тақсимкунии қувваи коргарӣ байни давлатӣ дар як қатори ин шартҳо, кор карда баромадани ҳуҷҷатҳои қонунӣ барои ҳимояи ҳуқуқи шахрвандони мо дар дигар давлатҳои кордиҳанда зарур мебошад. Ин ҳуҷҷатхо дар шакли қонун оиди ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон дар мамлакатҳои кордиҳанда дар созишномаҳои байни давлати, ки қувваи коргариро киро мекунанд, бояд ҷой дошта бошад [1, с.11]. Проблемаи идоракунии муҳоҷирати қувваи коргарӣ бояд дар сатҳи байни давлатӣ мувофиқи қонунҳои мавҷуда ва сиёсати муҳоҷирати мамлакатҳои гуногун ҳал карда шавад. Нақши асосиро барои ҳал кардани проблемаҳои идоракунии муҳоҷирати қувваи коргарӣ, инчунин сиёсати дохилии мамлакати муҳоҷирати ахолӣ, ки барои ҳал кардани муҳоҷирати аҳолии маҳали истифода бурда мешавад, мебозад. Сиёсати муҳоҷирати қувваи коргарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони ҳозира бояд фаъол бошад ва дар асоси худ характери иҷтимоӣ-иқтисодӣ бояд дошта бошад. Танҳо чунин рафтор дар ояндаи наздик барои дастрас кардани мақсадҳои асосии минтақавии сиёсати муҳоҷиратиро таъмин менамояд.

Дар ҳақиқат сатҳи бекорӣ дар ҷумҳурии мо хеле зиёд нисбат ба маълумотҳои расмӣ мебошад, ки қисми зиёди бекорон дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ки аксарияти онҳо ба фаъолияти муваққатӣ машғул мебошанд. Миқдори ҷойҳои корие, ки хадамоти шуғли аҳолӣ эълон менамояд, фоизи начандон зиёди бекорони расман эътирофшударо ташкил медиҳад. Коршиносони байналмилалӣ тасдиқ мекунанд, ки шаҳрвандони Тоҷикистон, ки муҳоҷир

ҳастанд, дар навбати аввал ҷавононе мебошанд, ки ихтисос ва малака надоранд. Бисёриҳо барои кори каммузд ва хатарнок кор мекунанд, корхонаҳои хусусӣ ва онҳое, ки иҷозати кор ва иқомат надоранд, дар шароити бадтар қарор доранд [2, с.93].

Азбаски дар аксарияти ин ҷойҳои кори холӣ маош ночиз аст, бекорон ин ҷойҳои кориро рад менамоянд. Аз сабаби зиёд будани афзоиши табиӣ ва паст будати сатҳи бакортаъминкунии аҳолӣ, шумораи бекорони воқеӣ дар ҷумҳурӣ афзуда истодааст. Дар ҳолати зиёд шудани муҳоҷирони меҳнатӣ сатҳи бекорӣ дар мамлакат кам мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба ташкили ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода истодааст. Бо назардошти афзоиши табиии аҳолӣ аз тамоми захираю имкониятҳо истифода бурда, ҷойҳои нави корӣ ташкил намудан зарур аст, то сатҳи бекорӣ паст карда шавад. Айни замон, илова ба масъалаҳои бекорӣ, паст будани музди меҳнат, муҳоҷирати берунӣ ва дохилӣ, боз мушкилоте пеш омадааст, ки бо мушкилоти номбаршуда вобаста мебошад. Ин ҳам бошад, мушкилоти афзудани нобаробарии даромад миёни табақаҳои гуногуни ҷомеа, афзудани тафовут миёни аҳолии доро ва камбизоат мебошад. Зиёда аз ин, мушкилоти шуғли аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мушкилоти қабули тадбирҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷиҳати кам кардани шумораи муҳоҷирони меҳнатии берун аз ватан, боз мушкилоти камбизоатии коргарӣ пеш омадааст ва зиёда аз 50%-и мардуми дар бозори дохилӣ машғул, камбизоат мебошанд.

Ҳамчунин, ҳангоми омода намудани Консепсияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2050 зарур аст, ки мониторинги иҷрои ҳуҷатҳои стратегии қаблан қабулшуда ва қарорҳои барномавӣ баргузор карда шавад. Масалан дар Стратегияи рушди бозори меҳнат то соли 2020 як қатор чорабиниҳои аҳаммияти стратегидошта барои рушди бозори меҳнат, ҳалли проблемаҳои шуғли аҳолӣ ва рушди соҳибкорӣ дар мамлакат ба нақша гирифта шуда буданд. Аз ҷумла ба нақша гирифта шуда буд, ки чорабиниҳо оид ба озодкунии кордиҳандагон аз иҷрои вазифаҳои ба онҳо вобастанабуда, масалан таъйину пардохти нафақа ва кӯмакпулӣ.

Солҳои охир тағйирот дар самти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, миллии ҳайати ҷамъиятӣ на танҳо хислати васеъ (калонҳаҷм) пайдо кардааст, балки самти маҷрои худро тағйир дода, шаклҳои навро қабул кард. Буҳрони иҷтимоию иқтисодии инкишофёбанда баландравии шиддатнокии соҳаи иҷтимоии аҳолиро, яъне тағйири иқлим дар кишварҳои зиёд, бадшавии муносибатҳо байни аҳолии таҳҷоӣ ва ғайритаҳҷоиро ба миён овард. Ноустувории муҳит, ҳолати мураккаби байни миллатҳо, қабули як қатор қонун ва қарорҳо, ки ҳуқуқҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии истиқоматкунандагони ғайритаҳҷоиро поймол мекунанд, ба пайдо шудани ба ном гурезагон ё муҳоҷирони иҷборӣ, ки ба ҷараёни муҳоҷират таъсири зиёд мерасонад, ба миён овард [4, с.93].

Ҳаракати иҷтимоӣ, ё зудҳаракатии иҷтимоӣ намуди дигари ҳаракати аҳолӣ, маҷмӯи ҳамаи тағйиротҳои нишонаҳои иҷтимоии одамон, гузариш аз як гурӯҳи иҷтимоӣ ба гурӯҳи дигари иҷтимоиро мемонанд. Ин намуди ҳаракат динамикаи бозтавлиди сохторҳои иҷтимоии аҳолиро муайян мекунад, ки ба омӯзиши он алоқамандии демография ва сотсиологияро нишон медиҳад. Ба андешаи мо ақидаи Л.Л. Рибаков одилона мебошад: «Азбаски тағйирёбии миқдор ва сохтори синнусоливу ҷинсии аҳолӣ танҳо дар натиҷаи азнавбозтавлидӣ ва муҳоҷират суръат мегирад, пас равандҳои демографиро, маҳз бо ҳамин ду зуҳурот ё намудҳои ҳаракат, маҳдуд кардан мумкин аст» он чӣ, ки ба қисмати ташаккулёбии миқдори аҳолӣ дар ҳудуди маъмурии муайян дахл дорад. Дар рафти таҳқиқоти интихобии гузаронидашудаи муаллиф аз 400 хоҷагиҳои пурсидашуда 63%-и онҳо дорои муҳоҷир буда 37 %-и онҳо чунин қайд намудаанд, ки муҳоҷират надоранд. Мувофиқи таҳқиқоти гузаронидашуда маълум гардид, ки аз 400 хоҷагии дар таҳқиқот иштирок намуда 50 %-и онҳо чунин посух гардониданд, ки як нафар аъзои хонаводаи онҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ 10,5 %-и онҳо ду нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ, 1,5 %-и онҳо се нафар, 0,8 %-и онҳо чор нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Инчунин дар раванди таҳқиқоти интихобӣ маълум гардид, ки аз теъдоди умумии посухдиҳандаҳо 27,8% барои таъминоти оила, 14% фирор намудан аз хизмати ҳарбӣ, 8,3%

васеъ кардани ҷаҳонбинии худ, 8% илм омӯхтан, 5,5 %-и онҳо барои сайру гашт рафтаанд. Инчунин ошкор карда шуд, ки маблағе, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба даст меоранд, бештари онҳо ба соҳаи иҷтимоӣ: хариди молҳои хӯрокворӣ ва либос, гузаронидани тӯй, дафн ва дигар маъракаҳо, молҳои истифодаи тулонӣ (нақлиёт, телевизор ва ғайраҳо), хариди хона, квартира ё замин барои манзил, таҳсил, баргардонидани қарз, сармоя ба кишоварзӣ сарф менамоянд. Дар натиҷаи таҳқиқоти интихобӣ маълум карда шуд, ки 56,5% посухдиҳандагон чунин ақида доранд, ки муҳоҷират метавонад боиси шикасти никоҳ шавад, 34,5% на он қадар, 9,0% шикасти никоҳро аз ҳисоби муҳоҷирон инкор менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Абдулаева М.Р., Исламов Ф.С. Современные тенденции смертности населения Таджикистана (демографический аспект) – Душанбе, «Ирфон», 2012.
2. Абдуллаев А.А. экономико-экологическое развитие и ее влияние на охрану окружающей среды (на примере РТ). Душанбе, 2006 г.
3. Аҳмадов Ф.М. Таҳқиқоти масъалаҳои гендерии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ.– №1 (35). – 2021. УДК 316.3. ISSN 2308-054X.
4. Аҳмадзода, Ф.М. Демография : учебное пособие / Ф. М. Аҳмадзода. – Душанбе : Таджикский национальный университет, 2025. – 122 с. – ISBN 978-99985—8053-4. – EDN SPFDCD.
5. Исломов Ф.С. Современные тенденции воспроизводства населения и его перспективы- Душанбе, 2012.
6. Маъдиев С. Ҳамоҳангсозии омор ва демографияи муосир дар ҷараёни таъсисёбии арзишҳо: заминаи боэътимоди самаранокгардонии майли демографӣ. Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Омори муосир ва нақши он дар идоракунии равандҳои демографӣ: проблема ва дурнамо». 22-23 ноябри соли 2013. с.9
7. Одинаев М.А. «Баҳодиҳии омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Монография. Душанбе: «Нашриёти ДМТ», 2021с. -172 с. 10,8 ҷ.ч.; УДК: 311:314.1 (575.3), ББК: 60.6/60.7, О-42. ISBN 987-99975-62-71-5.
8. Одинаев М.А. Экономико-статистическое моделирование демографических процессов Республики Таджикистан / Экономика Таджикистана. Душанбе, 2021. – № 3. – С. 157-165. ISSN 2310-3957.
9. Проблемы демографии Республики Таджикистан (сборник статей) – Душанбе 2006.
10. Тоҷикистон дар рақамҳо. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2014 с. 25.

ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РАВАНДҲОИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола ҷанбаҳои назариявии равадҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки дар раванди омӯзиши аҳолӣ, хусусан омӯзиши тафриқавии баъзе зуҳурот, масалан, миқдори фавт ва сернаслӣ зарурати баррасии аҳолиро аз рӯйи мансубияти динӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, касбӣ талаб мекунад. Пас аз баррасии масъалаи муҳоҷират қайд гардидааст, ки барои пешгирӣ кардани таркиши иҷтимои, проблемаи содироти қувваи кори характери бениҳоят муҳим мегирад. Барои Тоҷикистони муосир, пеш аз ҳама, муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ асосан қувваи кории беихтисос хос аст.

Калидвожаҳо: равандҳои демографӣ, танзими оила, захираҳои меҳнатӣ, бозтавлид, таваллуд, фавт, никоҳ, шикасти никоҳ, муҳоҷират, ҳаракати табиии аҳолӣ, ҳаракати механикии аҳолӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются теоретические аспекты демографических процессов в Республике Таджикистан. Отмечается, что в процессе изучения населения, особенно при дифференцированном изучении некоторых явлений, например, смертности и рождаемости, необходимо рассматривать население с точки зрения религиозной, социальной, экономической и профессиональной принадлежности. После рассмотрения вопроса миграции было отмечено, что для предотвращения социального взрыва проблема экспорта рабочей силы имеет чрезвычайно важное значение. Для современного Таджикистана внешняя трудовая миграция характеризуется прежде всего неквалифицированной рабочей силой.

Ключевые слова: демографические процессы, планирование семьи, трудовые ресурсы, воспроизводство, рождение, смерть, брак, расторжение брака, миграция, естественное движение населения, механическое движение населения.

A STUDY OF THEORETICAL ASPECTS OF DEMOGRAPHIC PROCESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the theoretical aspects of demographic processes in the Republic of Tajikistan. It is noted that when studying the population, especially when examining certain phenomena, such as mortality and fertility, it is necessary to consider the population in terms of religious, social, economic, and professional affiliation. After examining the issue of migration, it was noted that the problem of labor export is of utmost importance in preventing social unrest. In modern Tajikistan, external labor migration is characterized primarily by unskilled labor.

Keywords: demographic processes, family planning, labor force, reproduction, birth, death, marriage, divorce, migration, natural population change, mechanical population movement.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳмонов Мансур Ашоркулович*** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, магистранти курси дуюми Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ. **Адрес:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шаҳри Душанбе, кучаи Айнӣ, 44. Телефон: 902002828

Сведения об авторе:: Рахмонов Мансур Ашоркулович. – Студент второго курса магистратуры Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни, 44. Телефон: 902002828

Information about the author: Rahmonov Mansur Ashorkulovich. – National Academy of Sciences of Tajikistan, second-year master's student of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street, 44. Phone: 902002828

ҲУҚУҚ – ПРАВО

ДИПЛОМАТИЯИ ПРЕВЕНТИВӢ (ПЕШГИРИКУНАНДА) ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ғаниев Ғ. Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ бо мураккаб гардидани равандҳои сиёсӣ, афзоиши вобастагии мутақобилаи давлатҳо ва баланд гардидани эҳтимоли низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон тавсиф мешавад. Дар чунин шароит ҳуқуқи байналмилалӣ торафт бештар на танҳо ба танзими низоъҳои аллакай баамаломада, балки ба пешгирии онҳо низ равона мегардад. Маҳз ҳамин вазифаро дипломатияи пешгирикунанда иҷро менамояд - самти нисбатан нав, вале босуръат рушдёбандаи амалия ва назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ тадриҷан гузариш аз модели реактивии таъмини амнияти байналмилалӣ ба модели пешгирикунанда ба амал меояд. Агар қаблан воситаҳои маҷбуркунӣ ва танзими баъдинизоӣ воситаи асосии ҳифзи сулҳ ба ҳисоб мерафтанд, имрӯз ҷомеаи байналмилалӣ мекӯшад таҳдидҳоро дар марҳилаи аввал пешгирӣ намояд. Ин ба он вобаста аст, ки оқибатҳои низоъҳои мусаллаҳона - буҳронҳои башардӯстона, таназзули иқтисодӣ, муҳоҷират, терроризм - нисбат ба пешгирии онҳо хеле харобиовартар мебошанд[1].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2024 зарурати таҳкими амнияти байналмилалӣ, ҳамкории давлатҳо ва ҳалли осоиштаи низоъҳо таъкид гардидааст, ки ба равишҳои муосири ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипҳои дипломатияи пешгирикунанда мутобиқат мекунад[1].

Ҳамин тариқ, дипломатияи пешгирикунанда ҳамчун унсури муҳимми низоми амнияти байналмилалӣ бар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ, принсипҳои ҳалли осоиштаи баҳсҳо ва ҳамкории байналмилалӣ баромад менамояд.

Мафҳуми дипломатияи пешгирикунанда дар нимаи дуюми асри XX дар доираи рушди механизмҳои байналмилалии ҳифзи сулҳ ташаккул ёфтааст. Он бо зарурати пешгирии низоъҳои мусаллаҳона то оғози онҳо вобаста мебошад.

Дар адабиёти илмӣ дипломатияи пешгирикунанда ҳамчун фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳо арзёбӣ мегардад, ки ба пешгирии пайдоиши баҳсҳо, роҳ надодан ба табдил ёфтани онҳо ба низоъ ва маҳдуд намудани миқёси муқобилияти аллакай оғозёфта равона шудааст [5].

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ дипломатияи пешгирикунанда шакли татбиқи принсипи ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналмилалӣ мебошад. Тибқи фаҳмиши классикӣ, ки дар меъёрҳои оинномавии ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам гардидааст, давлатҳо уҳдадоранд баҳсҳоро танҳо бо воситаҳои осоишта ҳал намоянд. Дар адабиёти таълимӣ таъкид мегардад, ки пешгирии низоъ нисбат ба танзими он баъди сар задани низоъ усули афзалиятноки ҳифзи сулҳи байналмилалӣ мебошад [1].

Мазмуни дипломатияи пешгирикунанда чунин унсурҳоро дар бар мегирад: ошкорсозии бармаҳали таҳдидҳо ба амнияти байналмилалӣ; миёнаравӣ ва гуфтушунид; мониторинги вазъият; чораҳои эътимодсозӣ миёни давлатҳо ва ғ.

Ин унсурҳо низоми чораҳои пешгирикунандаро ташкил медиҳанд, ки ба пешгирии шиддатёбии низоъҳо равона гардидаанд. Дипломатияи пешгирикунанда бо принсипҳои

ҳуқуқи байналмилалӣ - истифода накардани қувва, ҳалли осоиштаи баҳсҳо, ҳамкории давлатҳо ва эҳтиромӣ соҳибихтиёрӣ - алоқамандии зич дорад.

Ҳамин тавр, моҳияти дипломатияи пешгирикунанда дар пешгирии низоъҳо тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ-дипломатӣ, ки пеш аз оғози муқобилияти мусаллаҳона татбиқ мешаванд, ифода меёбад [6].

Таърихан ҳуқуқи байналмилалӣ аввал ба танзими ҷанг равона гардида буд, на ба пешгирии он. Аммо баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон афзалият ба ҳифзи сулҳ дода шуд. Таҳаввули консепсияи дипломатияи пешгирикунанда аз чанд марҳила гузаштааст:

1) марҳилаи классикӣ - истифодаи гуфтушунид ва миёнаравӣ;

2) марҳилаи институтсионалӣ - таъсиси механизмҳои СММ;

3) марҳилаи муосир - низомҳои мураккаби огоҳсозии бармаҳали низоъҳо.

Тибқи тадқиқоти илмӣ, фаҳмиши муосири дипломатияи пешгирикунанда бо фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид ва мақомоти он, пеш аз ҳама Дабири кулл ва Шурои Амният, алоқаманд мебошад.

СММ аз воситаҳои зерин истифода мебарад: миссияҳои махсуси сиёсӣ, талошҳои миёнаравии дипломатӣ, амалиётҳои сулҳпарварона ва ҳамкории минтақавӣ. Дар доираи СММ дипломатияи пешгирикунанда ҳамчун ҷузъи сулҳпарварӣ арзёбӣ мегардад, ки ба пешгирии буҳронҳо ва суботи минтақаҳо равона шудааст [6].

Дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ аҳаммияти махсус касб намудааст. Минтақа бо вазъи мураккаби геополитикӣ, мушкилоти фаромарзӣ ва зарурати мувофиқаи манфиатҳои давлатҳо тавсиф мешавад.

Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки СММ дар минтақа механизмҳои пешгирикунандаро фаъолона истифода мебарад, аз ҷумла миссияҳои сиёсӣ ва миёнаравӣ [4].

Самтҳои асосӣ: пешгирии низоъҳои байнидавлатӣ; танзими баҳсҳои обӣ; мубориза бо экстремизм; таҳкими эътимоди байни давлатҳо. Дар ин замина Осиёи Марказӣ ба яке аз минтақаҳои татбиқи амалии дипломатияи пешгирикунанда табдил ёфтааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи пешгирикунанда аҳаммияти махсус дорад, зеро кишвар пайваста сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна пеш бурда, ҳамкории байналмилалиро дастгирӣ менамояд. Дар санадҳои расмӣ зарурати таҳкими субот, ҳамкорӣ ва пешгирии низоъҳо таъкид мегардад [1].

Дар адабиёти таълимии ватанӣ оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ зикр мегардад, ки таъмини амнияти байналмилалӣ на танҳо тавассути танзими ҳуқуқӣ, балки тавассути механизмҳои дипломатии пешгирии низоъҳо амалӣ мегардад [3].

Аз ин рӯ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба консепсияи дипломатияи пешгирикунанда ва принсипҳои байналмилалии ҳалли осоиштаи баҳсҳо мутобиқат менамояд. Дар доктринаи илмӣ чанд равиш ба таърифи дипломатияи пешгирикунанда вуҷуд дорад: Равиши функсионалӣ - ҳамчун низоми чораҳои огоҳсозии бармаҳал; равиши институтсионалӣ - дар иртибот бо фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама СММ ва равиши ҳуқуқӣ - ҳамчун шакли татбиқи принсипи ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналмилалӣ [4].

Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки дипломатияи пешгирикунанда механизмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳамкории байналмилалиро муттаҳид намуда, воситаи пешгирии таҳдидҳо ба сулҳи байналмилалӣ мебошад[4].

Дипломатияи пешгирикунанда институти муҳимми ҳуқуқи байналмилалии муосир буда, ба пешгирии низоъҳои байналмилалӣ ва таҳкими амнияти байналмилалӣ равона шудааст. Моҳияти он дар истифодаи воситаҳои дипломатӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои пешгирии баҳсҳо то ба муқобилияти мусаллаҳона табдил ёфтани онҳо ифода меёбад.

Рушди ин институт бо таҳаввули ҳуқуқи байналмилалӣ аз танзими ҷанг ба таъмини сулҳи устувор вобаста мебошад. Амалияи ташкилотҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама СММ, нишон медиҳад, ки пешгирии низоъҳо усули самаранокторини нигоҳдории субот мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи пешгирикунанда дар заминаи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна ва ҳамкории байналмилалӣ аҳаммияти махсус дорад. Ҳамин тариқ, дипломатияи пешгирикунанда унсури ҷудонашавандаи низоми муосири ҳуқуқи байналмилалӣ ва механизми муҳимми таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2024 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Манбаи электронӣ: https://president.tj/event/news/49231(санаи мурочиат: 11.01.26)
2. Сулаймонов Ф. С. Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ (дар савол ва ҷавоб) / таҳти таҳрири илмии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Ш. Менлигиев. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 119 саҳ.
3. Ҳуқуқи байналмилалӣ (қисми умумӣ). Дастури таълимӣ / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Қодиров Н.А., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Қодирқулов Х.Р. – Душанбе: «Аршан», 2023. – 213 саҳ.
4. Малышев Дмитрий Валерьевич Превентивная дипломатия оон в Центральной Азии // Вестник Московского университета. Серия 25. Международные отношения и мировая политика. 2010. №2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/preventivnaya-diplomatiya-oon-v-tsentralnoy-azii (дата обращения: 19.02.2026).
5. Рахматуллаев Эркин Эркин Возникновение и эволюция концепции превентивной дипломатии // Промышленность: экономика, управление, технологии. 2007. №15. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vozniknovenie-i-evolyutsiya-kontseptsii-preventivnoy-diplomatii (дата обращения: 19.02.2026).
6. Павлова А. П., Аминов И. Р. ПРЕВЕНТИВНАЯ ДИПЛОМАТИЯ В РАМКАХ ООН: МИРОТВОРЧЕСТВО // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. 2022. №12-3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/preventivnaya-diplomatiya-v-ramkah-oon-mirotvorchestvo (дата обращения: 19.02.2026).

ДИПЛОМАТИЯИ ПРЕВЕНТИВӢ (ПЕШГИРИКУНАНДА) ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар мақола дипломатияи пешгирикунанда ҳамчун падидаи ташаккулёбандаи ҳуқуқи байналмилалии муосир мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад, ки ба пешгирии низоъҳои байналмилалӣ ва таъмини сулҳу амнияти ҷаҳонӣ равона гардидааст. Мафҳум, мазмун ва моҳияти дипломатияи пешгирикунанда, робитаи он бо принсипи ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналмилалӣ ва механизмҳои фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид, баррасӣ мегарданд. Ҳамчунин, равишҳои асосии олимон нисбат ба фаҳмиши ин падида ва таҳаввули консепсия аз воситаҳои классикии дипломатӣ то механизмҳои муосири огоҳсозии бармаҳали низоъҳо таҳлил карда мешаванд. Ба нақши дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ ва аҳаммияти он барои амалияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Хулоса мешавад, ки дипломатияи пешгирикунанда унсури муҳимми низоми ҳуқуқи байналмилалии муосир буда, гузариши ҷомеаи ҷаҳониро аз вокуниш ба низоъҳо ба пешгирии онҳо инъикос менамояд.

Калидвожаҳо: дипломатияи пешгирикунанда, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳалли осоиштаи баҳсҳо, амнияти байналмилалӣ, СММ, низоъ, миёнаравӣ, огоҳсозии бармаҳал, Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ПРЕВЕНТИВНАЯ ДИПЛОМАТИЯ В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ

В статье рассматривается превентивная дипломатия как формирующийся институт современного международного права, направленный на предупреждение международных конфликтов и поддержание международного мира и безопасности. Раскрываются понятие, содержание и сущность превентивной дипломатии, её связь с принципом мирного разрешения международных споров и механизмами деятельности международных организаций, прежде всего Организации Объединённых Наций. Анализируются основные подходы ученых к пониманию данного явления, а также эволюция концепции от классических дипломатических средств к современным механизмам раннего предупреждения конфликтов. Отдельное внимание уделяется роли превентивной дипломатии в Центральной Азии и её значению для внешнеполитической практики Республики Таджикистан. Делается вывод о том, что превентивная дипломатия выступает важным элементом современной системы международного права и отражает переход международного сообщества от реагирования на конфликты к их предупреждению.

Ключевые слова: превентивная дипломатия, международное право, мирное разрешение споров, международная безопасность, ООН, конфликт, посредничество, раннее предупреждение, Центральная Азия, Республика Таджикистан.

PREVENTIVE DIPLOMACY IN INTERNATIONAL LAW

The article examines preventive diplomacy as an emerging institution of modern international law aimed at preventing international conflicts and maintaining international peace and security. The concept, content and essence of preventive diplomacy, its connection with the principle of peaceful settlement of international disputes and the mechanisms of international organizations, primarily the United Nations, are analyzed. The main scholarly approaches to understanding this phenomenon and the evolution of the concept from classical diplomatic tools to modern early-warning mechanisms are considered. Particular attention is paid to the role of preventive diplomacy in Central Asia and its significance for the foreign policy practice of the Republic of Tajikistan. It is concluded that preventive diplomacy constitutes an important element of the contemporary system of international law and reflects the transition of the international community from reaction to conflict toward its prevention.

Keywords: preventive diplomacy, international law, peaceful settlement of disputes, international security, United Nations, conflict, mediation, early warning, Central Asia, Republic of Tajikistan.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғаниев Ғаниҷон Таваралиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ.**Суроға734025,** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,**Телефон**: (+992) **007704077**, **Email**: ganievg@gmail.com

Сведения об авторе: ***Ганиев Ганижон Таваралиевич*** **–** Таджикский национальный университет, студент 1-го курса магистратуры, юридический факультет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17, телефон: (+992) 007704077, электронная почта: ganievg@gmail.com

Information about the author: ***Ganiev Ganijon Tavaralievich*** **-** Tajik National University, 1st year master's student, Faculty of Law. Address 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17, Phone: (+992) 007704077, Email: ganievg@gmail.com

ҚОБИЛИЯТИ АМАЛКУНИИ ТАШКИЛОТИ СОХТМОНӢ

Ғаюрзода Т. Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуққое мебошад, ки амалӣ шудани он барои таъмини рушду нумӯи инсон замина мегузорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) таъмини шаҳрвандон бо манзили дастрас ва мусоид яке аз вазифаҳои асосии давлат буда, имрӯз заминаи амиқи танзими ҳуқуқии худро тақозо дорад. Бинобар ин, муносибатҳо вобаста ба сохтмон дар ҷомеа ба кадом шаклҳо ва тарзҳо амалӣ мегарданд, талаботу манфиатҳои иштирокчиён ба ҳифзи ҳуқуқӣ чи гуна аст, соҳаи мазкур кадом мушкилот дорад ва ба кадом механизмҳои самаранок зарурат дорад ва амсоли ин масоилҳо, бояд дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои сохтмонӣ риоя ва амалӣ шаванд.

Сатҳи зиндагии инсон ба амалисозии ҳуқуқи ӯ ба манзил алоқамандии зич дорад. Ҳуқуқи инсон ба манзили мувофиқ барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунад. Санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ манзили муносибро ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ эътироф намудаанд. Аз тарафи дигар, ҳуқуқи инсон ба манзил дар Конститутсияи ҶТ (моддаи 36) [1, с. 15] кафолат дода шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ” аз 21 декабри соли 2021 зикр намуданд, ки “дар бист соли охир 138 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба 1 миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзили истиқоматӣ ҷудо карда дода шуд. Яъне, 8 миллиону 800 ҳазор нафар аҳолии кишвар имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд.” [2]

Дастрасӣ ба манзили басанда бояд ба инсон, сарфи назар аз сатҳи даромад ва дастрасӣ ба захираҳои дигар таъмин карда шавад. Шаҳрвандон ҷиҳати ба даст овардан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардани манзил бояд интихоби мустақил дошта бошанд. Давлат ҷиҳати рушди сохтмони манзил ва амалисозии ҳуқуқ ба манзил бояд мусоидат намояд.

Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ сохтмони манзил вусъат ёфта, ба шаҳру ноҳияҳо симои нави замонавӣ дода истодааст. Ҳаҷми сохтмони манзил, инчунин объектҳои дорои аҳаммияти иҷтимоию иқтисодӣ ва маданӣ сол то сол меафзоянд. Барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба манзили дастрас Стратегияи рушди соҳаи сохтмони ҶТ барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 апрели соли 2022, №203 [3] қабул шудааст, мусоидат менамояд.

Аз нишондодҳои Стратегияи болозикр маълум мегардад, ки барои таҳлили ҳолати соҳаи сохтмон ҳамчун нишондиҳандаҳои хос метавонанд нишондодҳо оид ба ҳаҷми ба истифода супоридани манзил ва шумораи ҷойҳо барои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ба ҳисоб раванд. Агар дар соли 2000 биноҳои истиқоматӣ бо масоҳати умумии 245,5 ҳазор метри мураббаъ ва 6228 ҷойҳо барои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ба истифода дода шуда бошанд, пас ин нишондод дар соли 2020 мутаносибан ба 1463,4 ҳазор метри мураббаъ ва 13534 ҷойҳо барои хонандагон баробар шуд.

Масоҳати умумии ҳуҷраҳои истиқоматӣ ба ҳисоби миёна ба як шаҳрванди кишвар дар охири соли 2020 ба 11,1 метри мураббаъ баробар гардид, ки нисбат ба нишондоди соли 2010 – 27,6 фоиз зиёд мебошад.

Дар сохтмони манзил аз соли 2000 то соли 2020 ҳаҷми солонаи ба истифода супоридани манзил аз 245,5 ҳазор метри мураббаъ то ба 1463,4 ҳазор метри мураббаъ баробар гардид.

Аз маълумоти пешниҳоднамудаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҶТ бармеояд, ки сохтмони манзил дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиёд гардидааст. Аз ҷумла, дар давоми соли 2022 1701,5 ҳазор метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 271,2 ҳазор метри мураббаъ зиёд мебошад.[4, с. 159]

Дар заминаи ислоҳоти қонунгузорӣ яке аз шаклҳои маъмули ҷалби маблағ барои сохтмони молу мулки ғайриманқул бо мақсади минбаъд ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба манзил дар чунин объектҳо сохтмони ҳиссагӣ ба шумор меравад. Ин шакли иштирок муносибатҳои ҳуқуқии байни иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ (саҳмдорон) ва ташкилоти сохтмонӣ оид ба ташкил, маблағгузорӣ ва таъмини сохтмони объектҳои ашёи ғайриманқулро ба вуҷуд меорад.

Ташкилоти сохтмонӣ шахси ҳуқуқӣ мебошад.Мувофиқи боби 4, моддаҳои 50 – 56 Кодекси мадании (минбаъд - КМ) ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 [5], шахсони ҳуқуқӣ чуни тасниф шудаанд.

1. Шахсони ҳуқуқӣ, вобаста ба мақсади фаъолияташон ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ (моддаи 50 КМ) ҷудо мешаванд.

2. Аз рӯи шакли моликият шахсони ҳуқуқии давлатӣ (аз ҷумла маҳаллӣ) ва хусусӣ (ғайридавлатӣ) ҷудо мешаванд.

3. Вобаста ба доираи ҳуқуқи шахси ҳуқуқи ба амволе, ки истифода мебарад,инҳоро фарқ кардан мумкин аст:

– шахсони хуқуқие, ки хуқуқи идораи оперативиро доранд: муассисаҳо ва корхонаҳои давлати

– шахсони хукуқие, ки хуқуқи хоҷагидории амвол доранд: корхонаҳои воҳиди давлати ва коммунали (ба истиснои корхонаҳои давлатӣ);

– шахсони хукуқие, ки ба амвол ҳукуқи моликият доранд - хамаи шахсони ҳуқуқии дигар.

4. Шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба иштироки шахс ё молумулк ба чунин ҷудо мешаванд: ширкатҳои хоҷагидори ва ҷамъиятои хоҷагидор - саъю талоши шахсии иштирокчиён барои ноил шудан ба мақсадҳои соҳибкорӣ (ширкат) ё иттиҳодияи сармоя (ҷомеа).

5.Дар баробари ин, вобаста ба дараҷаи афзоиши таваккали соҳибкории иштирокчиён, ширкатҳои хоҷагидорӣ метавонанд дар шакли ширкати комил ва ширкати маҳдуд таъсис дода шаванд, ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар шакли ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ё иловагӣ (моддаи 69 КМ ҶТ).

5. Аз рӯи таркиби ҳуҷҷатҳои таъсисӣ инҳо ҷудо мешаванд:

– шахсони ҳуқуқии шартномавӣ (ширкатҳои тиҷоратӣ);

шартномавӣ ва оинномавӣ (ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ё иловагӣ, ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо);

- дигар шахсони ҳуқуқӣ.

6. Вобаста ба хусусияти ҳуқуққои иштирокчиён шахсони ҳуқуқӣ ба инҳо тасниф мешаванд:

– ташкилотҳое, ки муассисон моликияти онҳо ё дигар хуқуқхои молумулки доранд: корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва коммуналӣ, инчунин муассисахо;

– ташкилотҳое, ки иштирокчиёни онҳо нисбат ба онҳо хуқуқи уҳдадорӣ доранд: ширкатҳо ва чамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳо;

– ташкилотҳое, ки иштирокчиёни онҳо нисбат ба онҳо хуқуқи моликият надоранд: иттиходияҳои ҷамъияти ва ташкилотҳои дини, фондҳо ва иттиходияҳои шахсони хуқуқӣ.

Тибқи муқаррароти КМ (моддаи 51) шахси ҳуқуқӣ (ташкилоти сохтмонӣ) бояд мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Дар кишвар санади қонунгузории асосие, ки масоили бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқиро мавриди танзим қарор медиҳанд, ин Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 (бо тағйиру иловаҳои минбаъда) [6] мебошад.

Тибқи қонуни дарҷгардида бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ амали мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар хусуси ба расмият даровардани воқеияти ҳуқукии таъсисёбӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ буда, маълумот дар бораи ин ҳолатҳо дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ дарҷ карда мешаванд.

Ҳангоми ба қайди давлатӣ гирифтани шахси ҳуқуқӣ ба шахси ҳуқуқӣ рақами ягонаи мушаххас дода мешавад, ки он ба сифати рамзи ягонаи рақамӣ, ки ба рақами рақами мушаххаси андозсупоранда асос ёфта, такрорнашаванда мебошад ва барои мушаххасгардонии шахси ҳуқуқӣ хизмат мекунад.

Бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, ба хусус ташкилоти сохтмонӣ давраи муҳим дар фаъолияти соҳавӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, КМ ин муносибатҳоро ба таври пурра танзим менамояд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки аҳамияти ҳуқуқии институти бақайдгирии давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки давлат дар симои мақоми ваколатдори худ барои иштирок намудани шахси ҳуқуқӣ дар муомилоти маданӣ маҳз бо воситаи ба қайд гирифтани он, иҷозат медиҳад. Пас, аз ин бармеояд, ки то он лаҳзае, ки давлат ба шахси ҳуқуқӣ иҷозат барои иштирокро дар муносибатҳои молу мулкиро бо воситаи ба қайд гирифтан надода бошад, пас ин шахси ҳуқуқӣ дар ин муносибатҳои ширкат варзида наметавонад ва бинобар ин ба сифати субъекти ҳуқуқи маданӣ эътироф карда намешавад.

Дар ин асно, саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки барои чӣ нисбати шахси воқеӣ чунин шарти бақайдгирӣ пешбинӣ карда нашудаасту, барои шахсони ҳуқуқӣ он пешбинӣ мегардад? Сабаби асосӣ дар он аст, ки шахси ҳуқуқӣ худ субъекти сохташуда буда, ҷараёни таъсисдиҳии он бояд мутобиқи муқаррароти қонун бояд сурат гирад. Пас, баҳри назорат аз болои чунин муқаррароти қонун, яъне то чӣ андоза ин муқаррарот иҷро карда шудааст ё не, давлат назорат мебарад. Танҳо, дар ҳоле, ки ин муқаррарот пурра иҷро карда шудааст, шахси ҳуқуқӣ дар мақомоти дахлдори давлатӣ ба қайд гирифта шуда, он дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии худ гардида, танҳо аз ҳамин лаҳза дар муомилоти маданӣ-ҳуқуқӣ ширкат меварзад. Масалан, яке аз шартҳои қонун барои шахсони ҳуқуқии тиҷоратие, ки таъсис дода мешаванд, ин ҳадди ақали сармояи оинномавии онҳо мебошад, ки дар қонун муқаррар карда мешавад. Пас, барои назорати ин муқаррароти қонун, мақоми бақайдгирандаи шахсони ҳуқуқӣ аз муассисон тасдиқи пардохт намудани ин маблағи сармояи оинномавиро талаб менамоянд. Дар ҳолати пардохт накардан (ё қисман пардохт накардан), шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта намешавад.

Дар ҳуқуқи маданӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахси ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад: умумӣ ва махсус.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахси ҳуқуқӣ ҳамон вақт умумӣ мебошад, ки он барои ба амал баровардани дилхоҳ намуди фаъолият ҳуқуқ дошта, бо ин васила дилхоҳ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии маданиро ба даст меорад.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахси ҳуқуқӣ ҳамон вақт махсус эътироф карда мешавад, ки ин шахси ҳуқуқӣ мутобиқи қонун ва ё ҳуҷҷатҳои таъсисии худ танҳо барои ба амал баровардани ин ё он намуди мушаххаси фаъолият ҳуқуқ дошта, бо ин роҳ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии дахлдорро ба худ мегиранд. (моддаи 49-и КМ). Пас, маълум мегардад, ки доштани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии умумӣ ва махсус танҳо аз қонун ва худи иродаи муассиси шахси ҳуқуқӣ вобаста аст.

Дар қонун намудҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ дарҷ карда мешаванд, ки ё қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии умумии ва ё махсус доранд. Масалан, тамоми ташкилотҳои тиҷоратӣ, ба ғайр аз корхонаҳои унитарӣ, дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии пурра мебошанд. Аз ин бармеояд, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ, ба истисноӣ корхонаҳои давлатӣ, ба дилхоҳ намуди фаъолият машғул шуда метавонанд. Аммо, корхонаҳои давлатӣ бошанд, танҳо ба он намуди фаъолият машғул шуда метавонанд, ки дар оинномаи онҳо дарҷ карда шудааст. Бинобар ин, бастани аҳдҳое, ки берун аз қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии ин корхонаҳо мебошанд, беэътибор дониста шуда метавонанд (моддаи 198-и КМ).

Сабаби асосии чунин маҳдудият дар ҳуқуқи маҳдуди ашёие, ки ашёи додашуда бо ин ҳуқуқ ба ин шахси ҳуқуқӣ мустаҳкам карда мешавад, мебошад. Зеро, корхонаҳои давлатӣ ба ашёҳои ба онҳо додашуда ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ дошта, маҳз барои ҳамин ҳам бо мақсади ба амал баровардани назорати раванади истифодаи онҳо аз ҷониби соҳибмулки ин ашёҳо, чунин меъёри маҳдудкунанда коркард шудааст.

Инчунин, ҳарчанде, ки дар қонун шахси ҳуқуқӣ ба сифати дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии умумӣ эътироф карда шуда бошад ҳам, аммо ин қобилият метавонад аз ҷониби муассиси ин шахси ҳуқуқӣ маҳдуд карда шавад. Масалан, дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ, ки ба сифати ташкилоти тиҷоратӣ эътироф карда мешаваду мутобиқи қонун дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии умумӣ мебошад, аз ҷониби муассис метавонад оид ба маҳдуд будани чаҳорчӯбаи фаъолияти ин ҷамъият меъёр дарҷ карда шавад. Моҳияти ин қоида дар он аст, ки қонун ба муассис баҳри ба таври пурра ба амал баровардани назорат аз болои шахси ҳуқуқӣ имконият додааст.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. – С. 15.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 21 декабри соли 2021. // http: // president.tj/ node/27417
3. Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 апрели соли 2022, №203 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 05.02 соли 2026).
4. Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022. – Душанбе, 2023. – С. 159-160.
5. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24. 12 соли 2022, № 1918. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 05.03 соли 2026).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 05.03 соли 2026).

ҚОБИЛИЯТИ АМАЛКУНИИ ТАШКИЛОТИ СОХТМОНӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи қобилияти амалкунии ташкилоти сохтмонӣ меравад. Ин қобилият маънои бо рафтори ҳуқуқии худ амалӣ намудани имкониятҳо ва ба вуҷуд овардани уҳдадориҳои субъективиро дорад. Чунин ҳолат аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти андози ҷойи фаъолият ба вуҷуд меояд. Вале амалӣ намудани он аз доштани иҷозатномаи сохтмонӣ вобастагӣ дорад.

Калидвожаҳо: рафтор, кирдор, қайди давлатӣ, қобилияти амалкунӣ, давлат, мақомоти андоз, ҳуқуқ, уҳдадорӣ, субъект, объект, ҷой, фаъолият, ташкилоти сохтмонӣ.

ДЕЕСПОСОБНОСТЬ СТРОИТЕЛЬНОЙ ОРГАНИЗАЦИИ

В данной статье речь идет о дееспособности строительной организации. Данная способность означает правовым поведением реализации возможностей и создание субъективных обязанностей. Такая ситуация возникает со дня государственной регистрации в налоговых органах место функционирования. Однако для его реализации необходимо иметь строительную лицензию.

Ключевые слова: действие, поведение, государственная регистрация, дееспособность, государство, налоговый орган, права, обязанности, субъект, объект, место, деятельность, строительная организация.

THE CAPACITY OF A CONSTRUCTION ORGANIZATION

This article discusses the capacity of a construction organization. This capacity refers to the legal behavior of realizing opportunities and creating subjective obligations. This situation arises from the day of state registration in the tax authorities, where the organization operates. However, in order to implement this, it is necessary to have a construction license.

Keywords: action, behavior, state registration, capacity, state, tax authority, rights, obligations, subject, object, place, activity, construction organization.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғаюрзода Таманно Шукрулло – магистри курси дуюми ихтисоси – 24010200 – Ҳуқуқшиносии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: Гаюрзода Таманно Шукрулло – студентка второго курса магистратуры по специальности – 24010200 – Право, Юридический факультет, Таджикский национальный университет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Ghayurzoda Tamanno Shukrullo – second-year master's student in the specialty – 24010200 – Law, Faculty of Law, Tajik National University. Address 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

НАҚШИ МАҚОМОТИ НАЗОРАТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ТАЪМИНИ ВОЛОИЯТИ ҚОНУН: ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Гулова М. Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосири рушди давлатдории ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун ҳамчун яке аз принсипҳои бунёдии низоми ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Волоияти қонун на танҳо итоати умумии субъектҳои ҳуқуқ ба меъёрҳои ҳуқуқиро ифода мекунад, балки пеш аз ҳама бартарии Конститутсияро ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ дар низоми қонунгузорӣ таъмин месозад. Дар ин раванд, мақомоти назорати конститутсионӣ ҳамчун унсури муҳимми механизми ҳифзи Конститутсия ва кафолати амалисозии волоияти қонун баромад менамоянд [2].

Яке аз вазифаҳои асосии мақомоти назорати конститутсионӣ пешгирии қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки ба Конститутсия мухолифанд ё метавонанд ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд созанд. Аз ин рӯ, омӯзиши нақши мақомоти назорати конститутсионӣ дар таъмини волоияти қонун, хусусан дар муқоиса бо таҷрибаи байналмилалӣ, барои такмили низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад [2].

Назорати конститутсионӣ фаъолияти махсуси ҳуқуқӣ мебошад, ки ба санҷиши мутобиқати қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ва амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба меъёрҳои Конститутсия равона шудааст. Он ҳамчун шакли олии назорати ҳуқуқӣ амал намуда, мақсад дорад устувории сохти конститутсионӣ ва волоияти қонунро таъмин намояд.

Аҳаммияти назорати конститутсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он имкон медиҳад ихтилофоти меъёрӣ дар марҳилаи қабули қонун ё татбиқи он ошкор ва бартараф карда шаванд. Дар натиҷа, Конститутсия на танҳо ҳамчун санади сиёсӣ, балки ҳамчун меъёри амалкунандаи ҳуқуқӣ татбиқ мегардад. Ҳамзамон, назорати конститутсионӣ кафолати муҳими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Назорати конститутсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад, ки фаъолияти онҳо ба таъмини мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия, инчунин ба таъмини волоияти Конститутсия дар низоми ҳуқуқ равона гардидааст.

Падидаи назорати конститутсионӣ дар Тоҷикистон марҳила ба марҳила ташаккул ёфтааст. То соли 1990 назорати конститутсионӣ яке аз салоҳиятҳои хоси мақомоти олии қонунбарор -Шурои Олии Тоҷикистон ва Раёсати он ба ҳисоб мерафт. Конститутсияҳои Тоҷикистон солҳои 1937 ва 1978 назорат аз болои риояи Конститутсияро маҳз ба зиммаи ҳамин мақомот гузошта буданд. Дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) то соли 1989 ва дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШС Тоҷикистон) то соли 1990 барои амалӣ гардонидани ин салоҳият мақомоти махсуси давлатӣ вуҷуд надоштанд.

Соли 1990 ба Конститутсияи Тоҷикистон соли 1978 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, назорати конститутсионӣ ба падидаи мустақили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ табдил ёфт ва салоҳияти таъмини ҳифзи Конститутсия ба зиммаи мақомоти мустақили махсус вогузор карда шуд. Муқаррар гардид, ки барои амалӣ намудани ин салоҳият мақомоти махсуси давлатӣ — Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Мувофиқи банди дувоздаҳуми моддаи 99 Конститутсияи соли 1978, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи апрели соли 1990 Кумитаи назорати конститутсионии

Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис намуд. Мувофиқи моддаи 104 ба Кумитаи мазкур ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шуд.

Моддаи 114 муқаррар кард, ки мақсади асосии назорати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини мутобиқати санадҳои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои ҷумҳурӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқи халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои демократии сохтори ҷамъият мебошад. Ҳамзамон нишон дода шуд, ки таъсис ва тартиби амалигардонии назорати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонуни ҷумҳурӣ «Дар бораи назорати конститутсионӣ» муайян карда мешавад.

Конститутсияи соли 1994 барои иҷрои чунин ваколатҳо ба ҷойи Кумитаи назорати конститутсионӣ таъсиси Суди конститутсионии ҷумҳуриро пешбинӣ намуд. Мувофиқи моддаи 84 Конститутсия, дар низоми адолати судӣ Суди конститутсионӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Моддаи 89 бошад се гурӯҳи салоҳиятҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намудааст [3].

Якум, муайян намудани мутобиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, санадҳои Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон, ки ҳанӯз ба қувваи қонун надаромадаанд, ба Конститутсия.

Дуюм, ҳал намудани баҳсҳо байни мақомоти давлатӣ вобаста ба салоҳияти онҳо.

Сеюм, иҷрои дигар ваколатҳое, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян намудаанд.

Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 72 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сурати савгандшиканӣ ва содир намудани ҷиноят аз ҷониби Президент, Маҷлиси Олӣ бо дарназардошти хулосаи Суди конститутсионӣ ва бо риояи расму тартиби муқарраргардида метавонад ӯро аз вазифа озод намояд [1]. Мавқеи Суди конститутсионӣ дар таъмини ҳифзи Конститутсия ҳалкунанда мебошад. Қарорҳои Суди конститутсионӣ тақдири қарорҳои мақомоти олии давлатиро аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба Конститутсия, тақдири мансабдорони олии давлатиро дар ҳолати вайрон намудани талаботи Конститутсия ё савгандшиканӣ, инчунин тақдири худи мақомоти қонунгузорро дар сурате, ки он ғайриконститутсионӣ интихоб ё таъсис ёфта бошад, ҳал менамояд.Дар баробари ин, назорати конститутсионӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти давлатӣ баромад намуда, ба пешгирӣ ва бартараф намудани вайронкунии меъёрҳои конститутсионӣ, инчунин ба таъмини устувории сохтори конститутсионӣ равона мегардад.

Ба ҳамин тариқ, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона мақоми давлатӣ мебошад, ки ҳифзи Конститутсия ба таври касбӣ ба зиммаи он вогузор шудааст. Салоҳиятҳои худро Суди конститутсионӣ тавассути шаклҳои мурофиаи конститутсионӣ, ки дар қонун муқаррар гардидаанд, амалӣ менамояд.

Дар илми ҳуқуқ якчанд навъи назорати конститутсионӣ ҷудо карда мешавад. Пеш аз ҳама, онро метавон ба назорати умумӣ ва назорати махсусгардонидашуда тақсим намуд.

Назорати умумии конститутсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад, ки дар баробари дигар ваколатҳои худ, инчунин назорати риояи Конститутсияро низ иҷро менамоянд. Ин шакли назоратро баъзан назорати сиёсӣ низ меноманд. Ба гурӯҳи дуюм мақомоти махсусгардонидашудаи назорати конститутсионӣ дохил мешаванд, ки вазифаи асосии онҳо таъмини қонуният ва ҳифзи тартиботи конститутсионӣ мебошад.

Мақомоти махсусгардонидашудаи назорати конститутсионӣ, дар навбати худ, ба ду намуд ҷудо мешаванд:

1. мақомоти судии назорати конститутсионӣ;

2. мақомоти ғайрисудии назорати конститутсионӣ [3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, фаъолияти мақомоти назорати конститутсионӣ мақоми муҳим дорад. Онҳо дар таъмини мутобиқати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия, ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва таъмини волоияти қонун нақши калидӣ мебозанд.

Бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва густариши қонунгузорӣ, хатари пайдо шудани номувофиқати меъёрҳои ҳуқуқӣ ба талаботи Конститутсия меафзояд. Дар чунин шароит, зарурати тақвияти назорати конститутсионӣ ба миён меояд. Дар амал, маҳдуд будани доираи муроҷиат ба мақомоти назоратӣ, истифодаи нокифояи имкониятҳои назорати конститутсионӣ ва сатҳи пасти фарҳанги конститутсионӣ баъзе мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд меоранд.

Дар таҷрибаи давлатҳои гуногун мақомоти махсусгардонидашудаи назорати конститутсионӣ бо тартиб ва шаклҳои гуногун амал менамоянд. Дар баъзе давлатҳо чунин назорат аз ҷониби мақомоти квазисудӣ, яъне мақомоти дорои хусусияти байни судӣ ва маъмурӣ амалӣ карда мешавад. Қарорҳои чунин мақомоти квазисудӣ одатан хусусияти пешакӣ ва машваратӣ дошта, метавонанд аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор, масалан парламент, бартараф ё тағйир дода шаванд.

Ба чунин шакли назорат, аз ҷумла, фаъолияти Шӯроҳои конститутсионӣ дар як қатор кишварҳо дохил мешавад. Ҳамчунин дар баъзе давлатҳои мусулмонӣ шакли махсуси назорати конститутсионӣ — назорати конститутсионӣ-динӣ мавҷуд аст, ки дар доираи он мутобиқати қонунҳо на танҳо ба Конститутсия, балки ба меъёрҳои динӣ низ арзёбӣ мегардад.

Ҳангоми ташаккули институти назорати махсусгардонидашудаи конститутсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон модели аврупоии назорати судии конститутсиониро интихоб намуд.

Ин модел мавҷудияти як мақоми мустақили судиро пешбинӣ мекунад, ки танҳо ба масъалаҳои назорати конститутсионӣ машғул мебошад.

Мубрамияти мавзуи мазкур пеш аз ҳама бо зарурати такмили механизми амалисозии назорати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст. Баланд бардоштани сатҳи мустақилияти мақомоти назоратӣ, таъмин намудани иҷрои ҳатмии қарорҳои онҳо ва васеъ намудани дастрасии субъектҳо ба назорати конститутсионӣ метавонад ба таҳкими волоияти қонун мусоидат намояд.

Ҳамзамон, истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва мутобиқсозии он ба шароити миллӣ аҳаммияти махсус дорад. Тақвияти фарҳанги конститутсионӣ ва маърифати ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон низ омили муҳимми самаранокии назорати конститутсионӣ ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ, мақомоти назорати конститутсионӣ яке аз кафолатҳои асосии таъмини волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд мебошанд. Таҷрибаи байналмилалӣ ва вазъи амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки самаранокии фаъолияти ин мақомот ба сатҳи мустақилият, касбият ва иҷрои воқеии қарорҳои онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва такмили низоми назорати конститутсионӣ дорои аҳаммияти баланд буда, ба рушди устувори низоми ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳокимияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994
2. Диноршоев, А. М. Конституционный судебный процесс Республики Таджикистан : Учебно-методический комплекс. Посвящается 30-летию принятия Конституции Республики Таджикистан, 75-летию юридического факультета Таджикского национального университета и 15-летию филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / А. М. Диноршоев, Д. Н. Джамшедзода, У. У. Муродзода. – Душанбе : Таджикский национальный университет, 2024. – С. 23-24.
3. 3. Муродзода, У. У. Роль Конституционного суда в разрешении конституционно-правовых споров / У. У. Муродзода // XIII Ломоносовские чтения : Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова, Душанбе, 28–29 апреля 2023 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2023. – С. 157-162. – EDN AEQNNT.
4. Муродзода, У. У. Становление и развитие конституционного судопроизводства в Республике Таджикистан / У. У. Муродзода // Конституция - как фактор стабильности государства : Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 05 ноября 2022 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2022. – С. 264-267. – EDN JNTZHC.

НАҚШИ МАҚОМОТИ НАЗОРАТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ТАЪМИНИ ВОЛОИЯТИ ҚОНУН: ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.

Дар мақолаи мазкур масъалаи моҳият, пайдоиш ва рушди назорати конститутсионӣ дар давлатҳои муосир дар заминаи таҳлили таърихӣ, назариявӣ ва ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар мақола равандҳои ташаккули институтҳои назорати конститутсионӣ дар низомҳои гуногуни давлатӣ таҳлил гардида, моделҳои асосии назорати конститутсионӣ ва хусусиятҳои онҳо муқоиса карда шудаанд. Диққати махсус ба салоҳиятҳои мақомоти назорати конститутсионӣ, механизми таъмини волоияти Конститутсия, муносибати онҳо бо ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, инчунин нақши ин институт дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини суботи сиёсӣ равона шудааст. Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд барои рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили механизми назорати конститутсионӣ дар низоми идоракунии давлатӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта бошанд.

Калидвожаҳо: Назорати конститутсионӣ, конститутсия, волоияти Конститутсия, суди конститутсионӣ, санҷиши мутобиқат, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонуният, давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, низоми давлатӣ, механизми ҳифзи Конститутсия, назорати судӣ Конститутсионализм, тавозуни ҳокимиятҳо, ҳимояи ҳуқуқӣ.

РОЛЬ КОНСТИТУЦИОННЫХ НАДЗОРНЫХ ОРГАНОВ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ВЕРХОВЕНСТВА ПРАВА: МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ И РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

В данной статье вопросы сущности, возникновения и развития конституционного контроля в современных государствах рассматриваются на основе исторического, теоретического и правового анализа. В статье проанализированы процессы формирования институтов конституционного контроля в различных государственных системах, а также сопоставлены основные модели конституционного контроля и их особенности. Особое внимание уделено полномочиям органов конституционного контроля, механизму обеспечения верховенства Конституции, их взаимодействию с законодательной, исполнительной и судебной властью, а также роли данного института в защите прав и свобод человека и обеспечении политической стабильности. Представленные научные выводы могут иметь теоретическое и практическое значение для развития теории конституционного права и совершенствования механизма конституционного контроля в системе государственного управления.

Ключевые слова: Конституционный контроль, Конституция, верховенство Конституции, Конституционный суд, проверка соответствия, нормативные правовые акты, законность, правовое государство, права и свободы человека, государственный строй, механизм защиты Конституции, судебный контроль, конституционализм, баланс властей, правовая защита.

THE ROLE OF CONSTITUTIONAL OVERSIGHT BODIES IN ENSURING THE RULE OF LAW: INTERNATIONAL EXPERIENCE AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN.

This article examines the essence, origin, and development of constitutional control in modern states based on historical, theoretical, and legal analysis. The paper analyzes the processes of formation of institutions of constitutional control in different systems of government and compares the main models of constitutional control and their features. Special attention is paid to the powers of constitutional control bodies, the mechanism for ensuring the supremacy of the Constitution, their interaction with the legislative, executive, and judicial branches, as well as the role of this institution in protecting human rights and freedoms and ensuring political stability. The scientific conclusions presented may have theoretical and practical

significance for the development of constitutional law theory and for improving the mechanism of constitutional control in the system of public administration.

Keywords: Constitutional review, Constitution, supremacy of the Constitution, Constitutional Court, compliance review, normative legal acts, legality, rule-of-law state, human rights and freedoms, state system, mechanism for safeguarding the Constitution, judicial review, constitutionalism, balance of powers, legal protection.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гулова Мутриба Шарафовна*** — Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ.Суроға:734025**,**Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.Телефон: **(+992) 939329092**, Email: mutribaishams04@gmail.com

Сведения об авторе*: Гулова Мутриба Шарафовна* – Таджикский национальный университет, студентка 1-го курса магистратуры, юридический факультет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 939329092,** Email: mutribaishams04@gmail.com

Information about the author: ***Gulova Mutriba Sharafovna*** - Tajik National University, 1st year master's student, Faculty of Law. Address 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 939329092**, Email: mutribaishams04@gmail.com

СУБЪЕКТҲОИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ГУМРУКӢ

Давлатшоев Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба доираи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ фикри ягона мавҷуд нест. Масалан, Борисов К.Г. ба ҳайси субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ танҳо субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро лоиқ медонад [1,41]. Сандровский К.К., Бекяшев К.А. ва Моисеев Е.Г. дар радифи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ мепазиранд [2,138].

Воқеан то имрӯз дар бахши субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ илм як назари мусбиронакардааст. Гарчи Сандровский К.К., Бекяшев К.А. ва Моисеев Е.Г. ҳуқуқи байналмилалии гумрукиро ҳамчун соҳаи ҳуқуқи байналмилалии оммави пазиранд, лекин чаро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба ҳайси субъекти ҳуқуқи байналмилалии гумуркӣ кабул карданд. Зеро назари умумиэътирофшуда дар ҳуқуқи байналмилали он аст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ намешаванд.

Бо назардоште, ки номукаммалии назарияҳо дар бахши субъекти ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ, мо шартан ба ду субъекти ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ – давлат ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ таваҷҷуҳ намудем.

Давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ ба ду сифат иштирокчии муносибатҳои гумрукӣ мегарадад:

1. ҳамчун ташкилкунандаи меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ;
2. ҳамчун иштирокчии бевоситаи муносибатҳои байналмилалии гумрукӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлолу демократию ҳуқуқбунёд иштирокчи фаъолият ва муносибатҳои байналмилалии гумрукӣ мебошад. Зеро самтҳои асосии инкишофи фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ ба самтҳои ҳамоҳангсозию мувофиқаткунии меъёру таҷрибаи маъмули байналмилали инкишоф меёбад ва баъдан баҳри таҳкими интегратсияи иқтисодии байналмилалӣ, ҶТ бо давлатҳои дигар иттиҳодҳои гумрукӣ ва минтақаҳои озоди тиҷорати ташкил намуда, шартномаҳои байналмилалиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба имзо мерасонад [3,8].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тариқи фаъолона дар муносибатҳои байналмилалии гумрукӣ ширкат намуда истодааст. Аз ҷумла дар доираи ИДМ даҳҳо шартномаи байналмилалии дутарафа ва бисёртарафа дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба имзо расонд. Баъдан, моҳи феврали соли 1999 ба Иттиҳоди гумрукӣ дар доираи ИДМ шомил гашту ин Иттиҳод 10 октябри соли 2000 номи ЕврАзЭС-ро гирифт. Инчунин иштирокчии фаъолин як қатор ташкилотҳои байналмилалии минтақавию универсалии иқтисоди (ЭКО, МБРР, МВФ, МФК, МАР ва ғайра) мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997 ба узвияти Ташкилоти умумиҷаҳонии гумрукӣ пазируфта шуд [4,444].

Хулоса, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръат дар муносибатҳои байналмилалии гумрукӣ иштирок намуда, ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалии муосир муаррифи мегардад. Ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ гуногунанд ва мо бо таври мухтасар он ташкилотҳои байналмилалиро баррасӣ мекунем, ки иштирокчии муносибатҳои иқтисодию гумрукӣ мебошанд.

Созишномаи генералӣ оид ба тарифҳо ва савдо (СГИС).

Ҳозир ин ташкилот номи Ташкилоти Умумиҷаҳонии тиҷоратиро гирифтааст (ТУТ).

ТУТ – ташкилоти бисёрҷонибаи байналмилалӣ, байниҳукуматӣ, иқтисоди буда, низоми савдои мутақобила ва сиёсати тиҷоратии кишварҳои иштироккунандаро танзим менамояд. Он ҳамзамон созишномаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи савдои хориҷӣ ва фаъолияти гумрукӣ мебошад.

СГТС моҳи октябри соли 1949 пас аз имзои созишномаи бисёрҷониба аз тарафи 23 давлат ба миён омад.

Дар вақташ сенати ШМА Ҳартияи Гвардияро, ки мутобиқи он Ташкилоти байналмилалӣ оид ба масъалаҳои савдои ҷавони ҳамчун муассисаи махсусгардонидашуда дар таркиби Созмони Милали Муттаҳид бояд таъсис мегардид, тасдиқ накард. Кумитаи муваққатии таъсисгардидаи ТБСЧ минбаъд ба котиботи СГТС табдил дода шуд. Баъдтар он ба сифати муассисаи асосии байналмилали эътироф карда шуд.

Созишномаи принсипу қоидаҳо ва ухдадориҳои асосии шартномавиро дар бар мегирад, ки кишварҳои дар он иштироккунанда дар муносибатҳои мутақобилаи тиҷорати онҳоро хатман дастури амали хеш қарор медиҳанд.

Дар системаи СГТС ҳамаи кишварҳои ба он дохилшаванда бояд асноди қонунгузорӣ ва меъёриашонро мутобиқ гардонанд. Ин асоси якнавохтсозии минбаъдаи принсипи меъёрҳо ва коидаҳои танзиму фаъолияти иқтисодии хориҷи мебошад.

Яке аз муқаррароти асосии СГТС уҳдадории кишварҳои иштирокчии он дар мавриди ба якдигар пешкаш намудани низоми мусоидати бештар, фоидаи тарафайн, поймол накардани ҳуқуқ ва приницпҳои ба ин монанд мебошад.

Мусоидати бештар ё ҳуқуқи мусоидати бештари миллат шарти созишномаҳои байналмилалии тиҷорати мебошад, ки дар онҳо ба ҳуқуқу бартарият ва имтиёзҳо дар мавриди супурдани боҷу хироч андозҳо ва ғайра, ки ҳар давлати сеюм аз онҳо истифода мекунад, ё истифода хохад кард, пешбини карда мешаванд. Яъне агар Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой созишномаи тиҷорати баста, мутобиқи он ҳарду давлат ба якдигар низоми мусоидати бештар пешкаш намоянд, пас ин чунин маъно дорад, ки аз молҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой воридшаванда аз рӯйӣ мизони асосии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷу хироҷи гумрукӣ ситонида мешавад.

Агар дар созишномаи байниҳукумати бо Хитой низоми мусоидати бештар пешбини нашуда бошад, аз молҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ба андозаи ду баробар зиёдтар нисбат ба мизони асоси боҷу хирочи гумрукӣ ситонида мешавад.

Агар бо қарори СГТС кишвар «мамлакати дорои иқтисоди гузаранда» дониста шавад, пас ин чунин маъно дорад, ки ба ин кишвар мумкин аст баробари кишварҳои аъзои СГТС имтиёз дода шавад.

Мақомоти асосии СГТС иҷлосия (сессия), Шурои намояндагон, Котибот, кумитаҳо, Шуроҳо ва гурӯҳҳои доимию муваққати мебошанд.

Қароргохи СГТС дар Женева мебошад.

Сохтори ташкилию идории СГТС-ро мухтасар тавсиф менамоем. Воҳидҳои муҳимтарини он кумитаҳои зерин мебошанд:

Кумитаи савдо ва инкишоф, ки ба салоҳияти он масъалаҳои сиёсати савдо, аз ҷумла озодкунии савдои байналмилалӣ, назорати иҷрои қарорҳо дар бораи пешкаш намудани низоми тафриқанок ва дорои имтиёзи бештар ба кишварҳои рӯ ба инкишоф дохил мешаванд;

Кумитаи савдои молҳои кишоварзӣ, ки масъалаҳои озодкунии савдои байналмилалии ин соҳаро идора мекунад;

Кумитаи оид ба гузаштҳои тарифи – мақоми асосии СГТС оид ба сиёсати гумрукию тарифива танзими он;

Кумитаи оид ба чораҳои хифзнамои зимни истифодаи моддаи XIX СГТС, ки мутобиқи он ба кишварҳои аъзои СГТС иҷозат дода мешавад, то дар сурати ба иқтисодиёти милли зиён овардани воридоти баъзе молҳо, дар асоси поймол накардани ҳуқуқ ва дар заминаи низоми мусоидати бештар дар мавриди воридоти мол маҳдудиятҳои муваққати ҷорӣ намоянд.

Аз ҷумлаи мақомоти дигари СГТС кумитаи монеаҳои техники дар савдоро бояд махсус кайд намоем. Кумитаи мазкур дар байни иштирокчиёни СГТС мубодилаи мунтазами иттилоотро дар бораи стандартҳо, меъёрҳои техникӣ ва системаҳои сертификатсионии нав ё ҷоизи ивазкуни таъмин намуда, ба кишварҳои рӯ ба инкишоф барои фиристодани мутахассисони баландихтисос ва пешкаш намудани воситаҳои зарурии техникӣ, кумаки техникӣ мерасонад.

Дар доираи СГТС инчун кумитаҳои оид ба субсидияҳо ва боҷу хирочи чубронӣ, таҷрибаи зиддидемпингӣ, лицензиякунонии воридот, баходихии гумрукӣ ва кумитаҳои дигар амал мекунанд.

Чанд сухан дар бораи Кумитаи баҳодиҳии гумрукӣ, ки мутобики моддаи VII СГТС таъсис ёфтааст. Самтҳои асосии фаъолияти ин кумита баррасӣ қонунҳои миллии кишварҳои иштирокчии Созишнома доир ба усулҳои баҳодиҳии гумрукӣ ва таҳияи истилоҳоти ҳуқуқи гумрукӣ мебошад.

Буҷети СГТС аз ҳисоби аъзоҳақии кишварҳои иштирокчии ташаккул меёбад. Ҳоло СГТС-ро беш аз 105 тарафҳои аҳдкунанда имзо кардаанд, ки ба саҳми онҳо таҳминан 85% ҳаҷми умумии савдои ҷаҳони рост меояд.

Боз 27 давлат ва субъектҳои вобаста муқаррароти СГТС-ро дар амал истифода карда, метавонанд ба мақоми комилҳуқуқи тарафҳои аҳдкунанда соҳиб шаванд.

Мутобиқи қарори Шурои СГТС аз 16 майи соли 1990 ба ИЧСШ мақоми мушоҳидачи дода шуд. Собиқ ҷумҳурияҳои иттифоқӣ, ки ворисони ҳуқуқи ИЧШС мебошанд, пас аз парокандашавии он ба мақоми мушоҳидони СГТС соҳиб шуданд.

Дар давоми амали СГТС 8 даври гуфтушунидҳои бисёрҷониба доир гардид. Шаш даври авали гуфтушунид асосан ба масъалаи кам кардани боҷу хирочи гумрукӣ бахшида шуд. Дар даври хафтуми гуфтушунидҳои бичёрҷонибаи тиҷоратӣ, ки аз соли 1973 то соли 1979 дар Токио баргузор гардид, амалан тамоми маҷмуи маъалаҳои танзими савдои байналмилали масъалаҳои стандарткунонӣ ва таҳассуси махсулот, ҳариду фуруши техникаи авиатсияи граждани, сиёсати зиддидемпингӣ, ҳариди ҳукуматӣ, расмиёти лицензиякунонии воридот, арзёбии гумрукии мол, додани ёрии пули ҳангоми содирот ва истифодаи боҷу хирочи махсус ба мукобили додани ёрии пули (субсидия) барои содироти мол, инчунин меъёрҳои танзими бозори махсулоти шири дохил шуданд [5,321].

Даври хаштуми гуфтушунидҳо дар доираи СГТС моҳи сентябри соли 1986 дар шаҳрия Пунта дель-Эсте (Уругвай) огоз гардида, то соли 1994 идома ёфт.

Ҳуҷҷатҳои даври хаштум муносибати мураттаб нисбот ва озодкунии ҳариду фуруши молу хизматҳо вар ох ёфтан ба бозорҳо, таҳкими коидаҳо ва интизоми савдои бисёрҷонибаи байналмилалӣ ва дар асоси заминаи нав созмон додани онро дар бар мегиранд.

Шароити наве, ки пас аз барҳам хурдани системаи сотсиалисти ба миён омад, инчунин гузариши аксарияти кулли давлатҳо ба иқтисоди бозаргони боиси ислохоти СГТС ва ба ташкилоти умумичахонии савдо (ТУС) табдил ёфтани он гардид.

Дар Конференцияи муассисони Ташкилоти умумичахонии савдо ва ичлоисяи 50-уми тарафҳо аҳдкунандаи СГТС, ки 8-9 декабри соли 1994 дар Женева баргузор гардид,

дар хусуси эътибор пайдо кардани созишнома дар бораи таъсиси Ташкилоти умумичахонии тиҷорат (ТУС) аз 1 январи соли 1995 эълон карда шуд.

Тоҷикистон ҳоло ба СГТС (ТУТ) дохил нашудааст. Ин аз бисёр ҷиҳатҳо икдоми дичи мебошад, вале дарҳои СГТС/ТУТ барои Тоҷикистон кушодаанд. Расмиёти баррасӣ и дарҳости кишвар зимни ҳамроҳшави таҳлили чидди қонунҳои гумрукии кишвари довталабро дар бар мегирад. Зимнан барои дохил шудан ба ин ташкилот бояд фаъолияти иқтисодии хориҷи пурра озод карда, тамоми асноди меъёри қонунгузорӣ, системаҳои танзими тарифию ғайри тарифӣ, додани ёрии пулӣ ва карздихи бо талаботи СГТС/ТУТ мутобик гардонида шавад.

Дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ТУТ бо ҳуқуқи узви он ба Тоҷикистон имконият медод, ки барои бидуни бастани шартномаю созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба иштирок кардан дар тиҷорат дар доираи созишномаи бисёрзониба ҳуқуқ пайдо кунад, маҳдудиятҳои табъизии дар тиҷорати чахони дар навбати аввал дар содироти мод чойдоштаро рафъ созад, аз имтиёзҳо истифода намоян, инчунин ба иттилооти мунтазам дар бораи тамоюлоти нав дар соҳаи сиёсати иқтисодии хориҷи роҳ ёбад. Дар натича ҳамроҳшави ба ТУТ Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо бозорҳои чахони наздик мекард.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси таъсиси гуруҳи махсуси эхкспертӣ оид ба таҳияи масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ТУТ қарор кабул кардааст.

ЮНКТАД (UNCTAD) – Конференцияи СММ оид ба савдо ва инкишоф.

ЮНКТАД номи мухаффафи Конференцияи СММ оид ба савдо ва инкишоф мебошад, ки аз ҳарфҳои авали номи англисии ин ташкилот иборат аст. Он яке аз мақомоти доимии Ассамблеяи Генералии СММ буда 30 декабри соли 1964 бо максади чалби таваччухи чомеаи байналмилали ба чораҳои иқтисодие таъсис дода шудааст, ки тараққияёти кишварҳои «чахони сеюмро» тезонида метавонанд.

Ҳоло дар фаъолияти он зиёда аз 170 давлат иштирок менамоянд. Мақоми олии ЮНКТАД ичлосия мебошад, ки на камтар аз як маротиба дар 4 сол даъват карда мешавад, мақоми доимии ЮНКТАД Шурои оид ба савдо ва инкишоф мебошад. Дар доираи Шуро 6 кумита фаъолияти мекунад [6,486].

ЮНКТАД фаъолияти худро бештар ба манфиати кишварҳои ру ба инкишоф равона месозад. Ин аз ҷумла бо он тасдик мегардад, ки соли 1980 таҳти сарпарастии ЮНКТАД Фонди умуми барои татбиқи Барномаи муштарақи молҳои ашёи хоми ЮНКТАД таъсис гардид, ки вазифаи асосии он таъмини эътидоли бештари бозорҳои чахонии молҳои ашёи хом бо кумаки маблагҳои мутаҳидаи молияви мебошад.

ЮНКТАД барномаи мусоидат ба кишварҳои нисбатан кам тараққикардаро таҳия намудааст, ки тавсияҳоро ба давлатҳои тараққикарда дар мавриди бекор кардан ё хеле кам кардани боҷу хирочи воридоти ба молҳои ин гуруҳи кишварҳои ру ба инкишоф дар бар мегирад.

Комёбии бештари дорои хусусияти амали дар роҳи мусоидат ба вусъат бахшидани содиротӣ, мол аз кишварҳои ру ба инкишоф таҳияи Концепцияи Низоми Чамбастшудаи имтиёзҳо (НЧИ) мебошад, ки унсурҳои асосии он принципи дуҷониба набудани гузаштҳо вар ох надодани ба поймолкунии ҳуқуқ дар дохили кишвар мебошад. Дар Концепцияи мазкур аз ҷониби кишварҳои мутараққи пешкаш намудани гузашьҳои яктарафа бидуни ба кишварҳои дигари мутараққи пахн кардани онхо, инчунин ба кишварҳои мутараққи пахн накардани имтиёзҳои махсусе, ки кишварҳои ру ба инкишоф ба якдигар пешкаш менамоянд, пешбини шудааст.

Фикри таҳияи НЧИ бори аввал соли 1964 дар конференсияи авали ЮНКТАД пешниход гардид. Пас аз чор сол дар конференсияи дуюми он дар Нью-Дехли (Хиндустон) концкпцияи НЧИ аз ҷониби чомеаи чахони кабул карда шуд.

Соли 1971 аз ҷумлаи аъзои доираи давлатҳои тараққикардаи саноати кишварҳои Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо ва Япония аввалин шуда накшаҳои индивидуалии НЧИ-ро татбиқ намуданд. Соли 1972 ба онҳо Австрия, Норвегия, Швеция, Швейцария ва Финляндия, соли 1974 Канада ва соли 1976 ШМА ҳамроҳ шуданд.

Истифодабарандагони имтиёз ё ба ибораи дигар «бенефициарҳо» аксарияти кишварҳои ру ба инкишоф ва солҳои охир бошад, инчунин як катор кишварҳои дорои «иқтисодиёти гузаранда» мебошанд.

Механизми татбиқи НЧИ аз ҷониби кишварҳои алохидаи кумакрасон (донор), инчунин Иттиҳодии Иқтисодии Аврупо мутобики накшаҳои индивидуалие таҳия мегардад, ки дар онҳо танҳо барои кишварҳои бенефициар додани имтиёз дар шакли пурра бекор кардан ва ё хеле кам кардани андозаи боҷу хироч пешбини карда мешавад.

Шурои Иттиҳодии Аврупо ҳар сол дар асноде, ки дар Ахбори расмии Иттиҳоди Аврупо нашр мегарданд, накшаи НЧИ-ро барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли марбута тасдик менамоянд.

Хусусияти хоси накшаи индивидуалии НЧИ-и Иттиҳоди Аврупо аз боҷу хирочи гумрукӣ пурра озод кардани махсулоти саноати кишварҳои бенефициар, дар сурати риояи як катор маҳдудияту шартхо, аз ҷумла марбут ба коидаҳои муайян намудани асли баромади молҳои ба каламрави кишварҳои Иттиҳоди Аврупо воридшаванда мебошанд.

Маҳдудиятҳо ба махсулоти саноати мансуб ба махсулоти ба истилох «нозук» мебошанд, ки воридоти онҳо ба манфиатҳои кишварҳои Иттиҳоди Аврупо зиён оварда метавонад. Ин маҳдудиятҳо ду навъанд: маҳдудиятҳои собити арзишӣ ва хадди ниҳоии тарифхо.

Маҳдудиятҳои собити арзиши квотаи муқарраргардидаи арзиши барои воридоти моли дахлдор аз кишварҳои мушаххаси бенефициар мебошад. Дар сурати аз ин квота (меъёр) зиёд шудани воридот то соли дахлдор, яъне то гузаштани мухлати амали квота худ ба худ боҷу хирочи муқаррарии гумрукӣ (дар доираи 1,5% хачми умумии молрасони аз тамоми кишварҳои сеюм) барқарор карда мешавад. Хади ниҳои тарифҳо ин низоми барқарор намудани боҷу хирочи муқаррари гумрукӣ дар сурати аз хад зиёд афзоиш ёфтани воридот мебошад.

Соли 1950 дар доираи чорабиниҳо оид ба ташаккули системаи баъди чангии муносибати байналмилалии тиҷорати ташкилоти байналмилалии байниҳукумати – Шурои ҳамкории гумрукӣ (ШҲГ) таъсис дода шуд [7].

То ин вакт дар доираи СГТС принципу меъёрҳои аз ҷониби давлатҳо истифода намудани воситаҳои гумрукию тарифии танзими муносибати байналмилалии тиҷорати умуман муайяе шуда буданд, ки ин аз ҷумла дар мувофикаи мутакобилаи тарифҳои боҷу хирочи гумрукии гуруҳҳои тамоми молҳо ифода ёфт.

Дар қиёси «озодкунии» сиёсати тарифӣ, ки дар даврaҳои тезу тундшавии мухолифатҳои иқтисодии байни давлатҳо гузаронида мешуд, накши маҳдудиятҳои ғайритарифии воридоти мол, ки хеле кам мавриди танзими бисёрҷониба қарор гирифтааст, бенихояд афзуд.

Аз ҷумлаи чунин воситаҳо расмиёти гумрукӣ, ки таҳти онҳо амалҳои тибки қонунҳои милли муайяешавандаи сохторҳои гумрукӣ дар назар дошта мешаванд, ахмияти хоса доранд. Чунин расмиётро (барасмиятдаровардани ҳуҷҷат, пешниход кардани маълумоти гумрукӣ ба гумрук танҳо дар махал ва вакти муайян пешниход кардани мол ва ғайра) риоя кардани воридкунандаи мол боиси зиёдшавии ҳарочоти иловагӣ ва дар натичаи ин бо сабаби кимматшавии мол боиси паст шудани кобилияти ракобати он мегардад.

Бинобар ин тавре ба назар мерасад, давлатҳо ШҲГ-ро бо максади рафъ сохтан ё акалан кам кардани таъсири манфии расмиёти гумрукӣ таъсис доданд.

Максади Шуро бехтар намудан ва ҳамоҳанг сохтани расмиёти гумрукӣ ва бо ҳамин тарик таъмин намудани тиҷорати байналмилали бидуни ба зиммаи аъзои Шурои ХГ гузоштани ухдадориҳои хилофи сиёсати миллии иқтисодии онҳо мебошад.

Ҳоло 161 давлати аъзои ШҲГ (ТУГ) мебошанд. Соли 1997 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ШҲГ дохил шуд.

Шуро аз котибот, ки ба он Котиби генерали роҳбари мекунад, маъмуриятҳои соҳавӣ, кумитаҳо, комиссияҳо ва гуруҳҳои фаъол иборат аст. Таъмини кори Шуро ба зиммаи котибот гузошта шудааст. Қароргохи ШҲГ дар Брюссель мебошад.

Ҳоло 18 конвенсияи байналмилалии гумрукӣ, 46 тавсияҳо ва 11 меъёрҳои таҳти сарпарастии Шуро таҳия гардида амал мекунанд. Конвенцияҳо дар бораи номгуи барои таснифоти мол аз руи тарифҳои гумрукӣ, дар бораи сода ва ҳамоҳанг сохтани расмиёти гумрукӣ ва конвенсияҳои дигари танзимкунандаи воридоти муваккатии бор барои намоиш ва ғайра бештар маъмул мебошанд.

Таҷриба нишон медихад, ки истифодаи Амалии онҳо барои 5-10% кам кардани ҳарочоти иловагии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷи имконият медихад.

Ду шароити асоси боиси болоравии ахмияти ШҲГ гардид.

Аввал авҷгирии хусусияти монеъявии расмиёти гумрукӣ дар шароити сол ба сол вусъат ёфтани ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангии давлатхо, зиёд шудани интиколи бору мусофирон аз сархад.

Дуюм дар микёси чахони пахн гардидани кочоки маводи нашъаовар, силох, сарватҳои фарганию таърихӣ, ки на танҳо ба кишварҳои алохида, балки умуман ба манфиати чомеаи чахони зиён меорад.

Дар ичлосияи навбатии ҳарсолаи Шурои ҳамкории гумрукӣ, ки тобистони соли 1994 баргузор гардид, дар бораи номи нави ШҲГ – Ташкилоти умумичахонии гумрук (ТУГ) қиёсан бо таашкилоти умумичахонии тиҷорати (ТУТ) қарор кабул гардид. Бо ин қарор ШҲГ ваҳдату ягонагии ногусастании гумрук ва савдоро, ки дар байни аъзои чомеаи чахони чой доранд ифода мекунанд.

Дар ин хусус боз он шаходат медихад, ки СГТС ба Шурои ҳамкории гумрукӣ супориш додаст, то коидаҳои универсалии муайяе намудани кишвари истехсолкардаи молро таҳия намояд.

Ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ташкилоти муътабари байналмилалии гумрукӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медихад, ки робитаю ҳамкориро бо хадамоти гумрукии кишварҳои хориҷаи дур вусъат дихад, дар хусуси тамоюлоти инкишофи фаъолияти гумрукӣ дар чомеаи чахони маълумоти сахех гирифта, конвенсияҳои гумрукӣ, товсияву меъёрҳои таҳти сорпорастии ШҲГ таҳиягардидаро дар фаолияти худ истифода намояд, дар мухокима ва кабули қарорҳо доир ба масоили гумрукӣ дар доираи ШҲГ таҳияшаванда бевосита иштирок намуда, бо назардошти хусусиятҳои хоси милли таклифу тавсияҳои худро пешниход намоянд ва аз ҳама мухимаш расмияти гумрукии худро бо стандартҳои байналмилали мутобик гардонад, ки ин тиҷорати ҷумҳурии моро бо кишварҳои хориҷи хеле осон мекард [8,142]. Дар сурати ба миён омадани ягон мушкилот ва бахсҳо бо шарикони савдо дар мавриди шарҳи низомҳои гумрукӣ, имконият пайдо мешавад, ки ҷиҳати халли онҳо ба мақоми иҷроияи ШҲГ муроичат карда, маслихат пурсад.

Ҷиҳати мухими дигари дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шурои ҳамкории гумрукӣ тарбияи кадрҳои гумрук ва такмили маълумоти касбии онҳо дар сатхи меъёрҳои байналмилали мебошад.

Бо максади пурзур намудани мубориза ба мукобили муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо иштироки бе воситаи мақомоти

дахлдори Шурои ҳамкории гумрукӣ аз таҷрибаи хадамоти гумрукии хориҷи истифода намояд.

Дар доираи минтақа фаъолияти гумрукию иқтисоди дар доираи иттиҳоду ташкилотҳо сурат мегирад. Дар ин бахш накши Ташкилоти ҳамкориҳои иқтисоди (ЭКО) назаррас мебошад.

Ташкилоти ҳамкории иқтисоди ба монанди Иттиҳоди Аврупо ҳамкориро дар соҳаҳои нақлиёту алоқа, тиҷорат, энергетика, саноат, кишоварзӣ, туризм ва захираҳои мехнати ба накша гирифтааст. Ҳамчунин фонди махсуси ЭКО барои маблаггузории тарху таҳқиқоти техникию иқтисоди мутобики накшаи амали дар Кветта кабулгардида таъсис дода шуд.

Аз соҳахри номбаршудаи ҳамкории бо масъалаҳои тараққиёти нақлиёт ва алоқа таваҷҷухи махсус зоҳир карда мешавад. Бонки исломии тараққиёт дар хусуси омодагии худ барои расонидани кумаки техникию молияви ҷиҳати татбиқи масъалаҳои мазкур иброз дошт.

Мутобики накшаи амали дар Кветта кабулшуда ЭКО зарурати таҳияи накшаи вусъат бахшидани системаи роҳҳои алоқаи телевизионе, ки давлатҳои аъзои ЭКО-ро ба ҳам пайваст мекунанд. Аз ҷумла алоқаи кайҳонӣ ва такмили хадамоти почта, инчунин татбиқу пешниходро дар мавриди инкишофи ҳамкории байни марказҳои илмии кишварҳои аъзои ЭКО таъкид намуд. Роҳбарияти ЭКО чунин мешуморанд, ки мутобики дастовардҳои охири пешрафти илмию техники дар ин соҳаи хаётан мухим, аз ҷумла телевизион ва радиошунавони бояд вусъат инкишоф ва такмили роҳҳои алоқаи байниминтақавии мунтазам таъмин карда шавад.

Дар доираи ЭКО ба ҳамкории тиҷоратию иқтисоди таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад, ки барои татбиқи он тадбирҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- таъсиси Бонки инкишофи савдо ва тараққиёти ЭКО ба сифати воситаи муҳими инкишофи савдо дар минтақа;
- инкишофи таҷрибаю сиёсати савдои озод байни давлатҳои аъзои ЭКО;
- гузаронидани вохуриҳои идораҳои гумрукии кишварҳо ва ба итмом расонидани ба як шакл даровардани расмиёти гумрукӣ ва транзитию тиҷоратӣ ва пас аз ин ба созишнома дохил кардани банди махсус дар бораи дар тамоми минтақаи ЭКО ҷори намудани он;
- таҳияи накшаҳои ҳамкории минтақави дар мубориза ба мукобили нашъамандӣ.

Хулоса, фаъолияти субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ гуногунчабҳа мебошанду самаранок дар бахши ҳамоҳангсозию мувофикаткунии қонунгузории миллии гумрукӣ бо таҷрибаи маъмули байналмилалӣ, инчунин дар ҳамгироии иқтисоди милли бо иқтисоди байналмилали мусоидат менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Борисов К.Г. Международное таможенное право: Учеб. Пособие. – М., 1997. – С. 41.
2. Сандровский К.К. Асари номбаршуда. – С. 48; Бекяшев К.А., Моисеев Е.Г. Асари номбаршуда. – С.138.
3. Рачабов М.Н. Хукуки гумрукии Чумхурии Точикистон: Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2001. – С.8.
4. Оймахмадов М. Асосхои фаъолияти гумруки дар Чумхурии Точикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С.444.
5. Сандровский К.К. Асари номбаршуд. – С. 321.
6. Международное право: Учебник/Под ред. Ю.М.Колосов и Э.С.Кривчикова. – М.: МО, 2003. – С.486.
7. Хозир ШХГ – Ташкилоти умумичахонии гумруки (ТУГ) номгузори мешавад, ки 161 давлат аъзои он мебошад.
8. Хасанов К. Рохкушои кори гумрукӣ. – Душанбе: Ирфон, 2001. – С. 142.

СУБЪЕКТҲОИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ГУМРУКӢ

Дар мақолаи баррасишаванда проблемаҳои субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукиро пажуҳиш гардида, қобилияти субъектҳуқуқии онҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ таҳлил шудааст. Ҳамзамон таснифоти субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз рӯйи тартиби иштирок дар муносибатҳои дахлдор мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: субъек, муносибат, ҳуқуқ, байналмилалӣ, гумрук.

СУБЪЕКТЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ТАМОЖЕННО-ПРАВОВЫХ ОТНОШЕНИЙ

В рассматриваемой статье исследуются проблемы субъектов международного таможенного права, а также анализируется их правосубъектность в международных отношениях. Одновременно рассматривается классификация субъектов международного права по порядку их участия в соответствующих правоотношениях.

Ключевые слова: субъект, отношение, право, международный, таможенный.

SUBJECTS OF INTERNATIONAL CUSTOMS LAW RELATIONS

In the article under consideration, the problems of subjects of international customs law are examined, and their legal personality in international relations is analyzed. At the same time, the classification of subjects of international law according to the procedure of their participation in the relevant legal relations is considered.

Keywords: subject, relation, law, international, customs.

Маълумот дар бораи муаллиф- ***Давлатшоев Хуршед***– магистри соли аввали факултети ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,Телефон:(+992)987146149,Email: zoirzoda.sh@gmail.com

Сведения об авторе - ***Давлатшоев Хуршед*** - студентка первого курса магистратуры юридического факультета Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17, телефон: **(+992)987146149**, Email: zoirzoda.sh@gmail.com

Information about the author - ***Davlatshoev Khurshed*** - first-year master's student at the Faculty of Law, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17, Phone**: (+992)987146149**, Email: zoirzoda.sh@gmail.com

СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ ИНТИХОБОТ ВА ШАРТҲОИ ИНТИХОБОТ ДАР ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Зоирзода Ш. И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шаклҳои асосии татбиқи ҳокимияти халқ ва механизми муҳимми ташаккули ҳокимияти давлатии қонунӣ ба шумор меравад. Самаранокӣ ва қонуниятии ин раванд аз дараҷаи дақиқ муайян гардидани субъектҳои ҳуқуқи интихобот ва риояи шартҳои муқарраргардидаи интихобот вобастагии зич дорад.

Дар низоми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳои ҳуқуқи интихобот доираи муайяни иштирокчиёни равандро дар бар мегиранд, ки ҳар кадоми онҳо дорои мақом, ваколат ва масъулияти мушаххаси ҳуқуқӣ мебошанд. Муайян намудани ин субъектҳо: аз интихобкунандагон то номзадҳо ва мақомоти интихоботӣ барои таъмини адолат, баробарӣ ва шаффофияти интихоботи президентӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Шартҳои интихобот, аз ҷумла талаботи конститутсионӣ нисбат ба номзад ба мансаби Президент, тартиби пешбарӣ, бақайдгирӣ ва овоздиҳӣ, ҳамчун заминаи ҳуқуқии амалӣ гардидани ҳуқуқи интихоботӣ хизмат мекунанд. Риояи дақиқи ин шартҳо кафолати қонуният ва эътирофи натиҷаҳои интихобот аз ҷониби ҷомеа ва давлат мебошад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши илмии субъектҳои ҳуқуқи интихобот ва шартҳои интихобот дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти баланди амалӣ дошта, барои такмили қонунгузории интихоботӣ ва рушди минбаъдаи давлатдории демократӣ заминаи мустаҳкам фароҳам меорад.

Субъекти ҳуқуқи интихобот донистани шаҳрванд шарти асосӣ ва ҳалкунандаи иштироки ӯ дар интихобот ба ҳисоб рафта, ҳамчун пояи ҳуқуқии ташаккули корпуси интихобкунандагон баромад менамояд. Дар назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ, маҳз тавассути эътирофи шаҳрванд ҳамчун субъекти ҳуқуқи интихобот иродаи халқ дар шакли ҳуқуқӣ таҷассум меёбад.

Ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон дар соҳаи интихобот аз ду унсури ба ҳам вобаста иборат мебошад: ҳуқуқи фаъолонаи интихоботӣ (ҳуқуқи интихоб кардан) ва ҳуқуқи ғайрифаъолонаи интихоботӣ (ҳуқуқи интихоб шудан). Ҳуқуқи фаъолонаи интихоботӣ маънои имконияти иштирок намудани шаҳрвандро дар овоздиҳӣ, аз ҷумла дар интихоботи Президенти кишвар, ифода мекунад. Ин ҳуқуқ ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосии сиёсӣ бо Конститутсия кафолат дода шуда, ҷузъи ҷудонашавандаи мақоми ҳуқуқии шахс мебошад.

Эътирофи шаҳрванд ҳамчун субъекти ҳуқуқи интихобот на танҳо иштироки инфиродии ӯро таъмин менамояд, балки доираи умумии интихобкунандагонро муайян мекунад. Аз ин рӯ, мафҳуми субъекти ҳуқуқи интихобот дар қонунгузорӣ бо талаботи мушаххас, аз қабили шаҳрвандӣ, қобилияти ҳуқуқӣ, синни муқарраршуда ва набудани маҳдудиятҳои қонунӣ, пайваст мебошад. Ин талаботҳо хусусияти умумӣ дошта, барои ҳамаи шаҳрвандон баробар татбиқ мегарданд.

Дар давраҳои гуногуни ташаккул ва рушди низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни субъекти ҳуқуқи интихобот донистани шаҳрванд тағйир ёфтааст. Дар марҳилаи ибтидоии истиқлолият, меъёрҳои интихоботӣ асосан ба таъмини суботи сиёсӣ ва ташаккули институтҳои нави давлатӣ нигаронида шуда буданд. Бо рушди давлатдории миллӣ ва такмили қонунгузории конститутсионӣ, мафҳуми субъекти

ҳуқуқи интихобот тадриҷан дақиқ ва васеъ гардида, кафолатҳои ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар интихобот пурзӯр шуданд.

Ин тағйирот, пеш аз ҳама, дар дақиқ намудани шартҳои татбиқи ҳуқуқи интихобот, такмили тартиби бақайдгирии интихобкунандагон, маҳдуд намудани асосҳои маҳрум сохтан аз ҳуқуқи интихобот ва баланд бардоштани нақши принсипҳои умумии интихоботи демократӣ ифода ёфтанд. Дар натиҷа, шаҳрванд ҳамчун субъекти ҳуқуқи интихобот на танҳо объекти идоракунии интихоботӣ, балки иштирокчии фаъоли равандҳои сиёсӣ эътироф мегардад.

Ҳамин тариқ, таҳлили илмӣ нишон медиҳад, ки донистани шаҳрванд ҳамчун субъекти ҳуқуқи интихобот унсури калидии низоми интихобот буда, таҳаввули он инъикосгари рушди конститутсионализм, демократикунонии ҷомеа ва таҳкими мақоми ҳуқуқии шаҳрванд дар низоми ҳокимияти давлатӣ мебошад.Ҳуқуқи интихобот ба синну соли шаҳрвандон эътибори ҷиддӣ медиҳад. Вале то соли 1945-46 ҳам ҳуқуқи интихобкунӣ ва ҳам интихобшавӣ ба Шуроҳо ба шаҳрвандон аз синни 18 дода шуда буд. Мувофиқи фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 10-уми октябри соли 1945 ва Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 28-уми ноябри соли 1946 барои интихоб шудан ба Шурои Олии ИҶШС синни 23 солагӣ, ба Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон синни 21 солагӣ муқаррар шуд. Баъдтар чунин тағйирот ба конститутсияҳо низ ворид шуданд .

Мувофиқи Конститутсияҳои шуравӣ солҳои 1977-1978 ҳуқуқи интихоб шудан ба вакили халқи ҷумҳуриҳо ва Шуроҳои маҳаллӣ аз синни 18 солагӣ муқаррар шуд.

Ба муносибати дар ИҶШС ва ҷумҳуриҳо таъсис ёфтани мансаби Президент масъалаи синну сол боз боиси муҳокима гардид. Дар қонуни ИҶШС дар бораи таъсиси мансаби Президенти ИҶШС муқаррар гардид, ки шаҳрванди ИҶШС, ки синнаш на камтар аз 35 ва на зиёда аз 65 аст, Президенти ИҶШС интихоб шуда метавонад. Айнан чунин меъёр дар моддаи 65 Конститутсияи Тоҷикистон низ нисбати синну соли Президенти Тоҷикистон муқаррар гардид.

Ғайр аз синну сол ҳуқуқи интихоботи шуравӣ шартҳои дигар муқаррар намекард. Аммо дар амал дастгоҳи низомию маъмурӣ фармонфармоӣ (бештар дастгоҳи ҳизбии он) дар ҳар маъракаи интихобот вазифаи дарёфт кардан ва барои интихоб тайёр кардани шахсони ба низоми шуравӣ содиқро мегузошт. Мувофиқи он шахси интихобшаванда бояд ҳатман аз ҷиҳати иҷтимоӣ- синфӣ, миллӣ, ҷинс, маълумот, ҳизбият, синну сол ва ғайра ба талаботи махсуси сиёсию ғоявӣ ҷавоб медод. Барои қатъӣ риоя кардани ин дастурҳо дар таҷриба барои ҳар гуна риёкорӣ ва сӯиистеъмол аз вазифа роҳ дода мешуд. Аз ҷумла, аз камбудиҳои қонунҳои интихобот низ истифода мекарданд. Масалан, дар Низомнома ва қонунҳо дар хусуси алтернативӣ, яъне аз чанд номзад интихоб кардани як вакил чизе гуфта нашуда буд. Инчунин зикр карда нашуда буд, ки ба як мандати вакилӣ ҳатман як номзад пешбарӣ гардад. Дар маҷлисҳои пеш аз интихоботӣ аз байни шахсоне, ки ташкилотҳо пешбарӣ мекарданд, ҳамон кас ба вакилӣ тавсия карда мешуд, ки дар хусуси садоқати ӯ ба низоми ҳизбию маъмурӣ шакку шубҳа надоштанд. Маҷлисҳои ҳавзавии пешазинтихоботӣ дар амал ба комиссияи қабул ба вакилии халқ табдил ёфта буданд. Зеро баъди тавсияи ин маҷлис талаботи дигар бартараф шуда, барои чунин номзади ягона “роҳи сабз” кушода мешуд. Бо ин сабаб усулҳои демократии интихобот, ки Конститутсияҳои ИҶШС соли 1936 ва 1977 муқаррар карда буд, моҳиятан фаъолият намекарданд. Ба ҷои конститутсияи ҳуқуқӣ конститутсияи ҳақиқии низоми интихоботи тоталитарӣ амал мекарданд.

Меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи соли 1994 ва қонунҳои конститутсионии интихоботӣ вобаста ба ҳуқуқи интихобот ва шартҳои интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ, аз ҷумла Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакили халқ,

хусусияти тафриқавӣ ва мақсаднок доранд. Ин тафовут пеш аз ҳама ба дараҷаи масъулият, ҳаҷми ваколат ва нақши конститутсионии ҳар як мансаб вобаста мебошад.

Муайян намудани синну соли гуногун барои интихоб шудан ба вазифаи Президент ва вакили халқ аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ асоснок аст, зеро мансаби Президент ҳамчун сарвари давлат ва кафили Конститутсия таҷрибаи бештар, камолоти сиёсӣ ва омодагии баланди касбиро талаб мекунад. Аз ин ҷост, ки қонунгузор синни ҳадди ақал, таҳсилоти олӣ ва шартҳои иловагии дигарро маҳз барои ин мансаб муқаррар намудааст.

Моддаи 27 Конститутсия ва меъёрҳои қонунҳои конститутсионии интихоботӣ маҳдудиятҳои умумии ҳуқуқи интихоботро пешбинӣ менамоянд. Маҳрум сохтани шахсони аз ҷониби суд ғайриқобили амал дониста шуда ё бо ҳукми суд аз озодӣ маҳрумгашта аз ҳуқуқи иштирок дар интихобот, ба принсипи қонуният ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ такя мекунад. Ин маҳдудиятҳо хусусияти ҷазодиҳанда надошта, балки ҳамчун кафолати ташаккули мақомоти қонунии ҳокимият баромад мекунанд.

Шартҳои муқарраргардида дар моддаи 65 Конститутсия нисбат ба номзад ба мансаби Президент – шаҳрвандии ягона, синни муайян, таҳсилоти олӣ, донистани забони давлатӣ ва истиқомати тӯлонӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҷиҳати илмӣ ҳамчун шартҳои тахассусӣ ва сиёсӣ арзёбӣ мегарданд. Онҳо ба таъмини робитаи устувори номзад бо давлат, ҷомеа ва фарҳанги миллӣ нигаронида шудаанд.

Иловаи меъёрҳои қонуни конститутсионӣ дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла талаботи доштани ҳуқуқи интихобот, манъи пешбарии шахсони дорои доғи судӣ (новобаста аз бардоштани он) ва ходимони иттиҳодияҳои динӣ, бозгӯи татбиқи принсипҳои давлати дунявӣ, қонуният ва покизагии сиёсии ҳокимият мебошанд. Маҳдудияти интихоби як шахс бештар аз ду муҳлат пай дар пай низ ҳамчун механизми пешгирии тамаркузи ҳокимият ва таъмини гардиши демократии мансабҳо хизмат мекунад.

Талаботи ҷамъоварии имзои ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон барои бақайдгирии номзад аҳамияти хоси илмӣ ва амалӣ дорад. Ин меъёр ҳамчун филтри ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки танҳо номзадҳое ба маъракаи интихобот роҳ ёбанд, ки дорои пуштибонии воқеии иҷтимоӣ мебошанд. Мисоли интихоботи соли 2010, ки 5 фоиз зиёда аз 200 ҳазор интихобкунандаро ташкил медод, нишон медиҳад, ки ин талабот дорои вазни ҷиддии сиёсӣ аст.

Дар маҷмуъ, таҳлили меъёрҳои зикршуда гувоҳӣ медиҳад, ки Конститутсия ва қонунҳои конститутсионии интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои интихоботро бо дарназардошти мақоми махсуси Президент, принсипҳои давлатдории демократӣ, дунявият ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ муқаррар намудаанд. Ин шартҳо ба таъмини қонуният, устувории ҳокимияти давлатӣ ва эътимоди ҷомеа ба ниҳодҳои интихоботӣ равона шудаанд.

Таҳлили маҷмӯии меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунҳои конститутсионии интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки низоми интихоботи президентӣ дар кишвар ҳамчун яке аз механизмҳои калидии татбиқи ҳокимияти халқ ва ташаккули ҳокимияти давлатии қонунӣ ташаккул ёфтааст. Дар ин раванд, ду унсури асосӣ, яъне субъектҳои ҳуқуқи интихобот ва шартҳои интихобот, нақши муайянкунанда доранд ва бе таҳлили илмии онҳо арзёбии воқеии моҳияти интихоботи демократӣ имконнопазир аст.

Нахуст, донистани шаҳрванд ҳамчун субъекти ҳуқуқи интихобот асоси ҳуқуқии иштироки ӯ дар равандҳои сиёсӣ ва шакли ҳуқуқии ифодаи иродаи халқ мебошад. Тақсимоти ҳуқуқи интихобот ба ҳуқуқи фаъолона (интихоб кардан) ва ғайрифаъолона (интихоб шудан) ба талаботи назарияи муосири ҳуқуқи конститутсионӣ мутобиқ буда,

имконият медиҳад, ки мақоми ҳуқуқии шаҳрванд дар интихобот ҳамаҷониба арзёбӣ гардад. Маҳз тавассути ин ду унсур шаҳрванд на танҳо иштирокчии расмии интихобот, балки субъекти фаъоли ташаккули ҳокимияти давлатӣ эътироф мегардад.

Таҳаввули таърихии ҳуқуқи интихобот дар давраи шуравӣ ва баъд аз соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми субъекти ҳуқуқи интихобот донистани шаҳрванд пайваста тағйир ёфтааст. Агар дар давраи шӯравӣ, новобаста аз муқаррароти конститутсионӣ, интихобот моҳиятан хусусияти ғайриалтернативӣ ва шаклӣ дошта бошад, пас дар давраи истиқлолият тадриҷан заминаҳои ҳуқуқии интихоботи демократӣ таҳким ёфтанд. Ин тағйирот пеш аз ҳама дар дақиқ гардидани шартҳои татбиқи ҳуқуқи интихобот, васеъ шудани кафолатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон ва тақвияти нақши принсипҳои умумии интихоботи демократӣ ифода меёбад.

Масъалаи синну соли интихоботӣ низ дар таҳаввули низоми интихобот аҳамияти махсус дорад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки муқаррар намудани синну соли гуногун барои интихоб кардан ва интихоб шудан ҳамеша бо дараҷаи масъулият ва мақоми мансабҳои давлатӣ вобаста будааст. Муайян намудани синни баландтар барои номзад ба мансаби Президент аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба зарурати камолоти сиёсӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва омодагии баланди касбӣ такя мекунад. Дар ин замина, мансаби Президент ҳамчун сарвари давлат ва кафили Конститутсия мақоми махсус дошта, талаботи хоси ҳуқуқиро ба миён мегузорад.

Меъёрҳои Конститутсияи соли 1994 ва қонунҳои конститутсионии интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусияти тафриқавӣ ва мақсаднок мебошанд. Шартҳое чун шаҳрвандии ягона, донистани забони давлатӣ, таҳсилоти олӣ, муҳлати муайяни истиқомат дар ҳудуди кишвар, набудани доғи судӣ ва маҳдудиятҳои вобаста ба фаъолияти динӣ, ҳамчун шартҳои тахассусӣ ва сиёсӣ хизмат мекунанд. Онҳо ба ҳифзи манфиатҳои давлат, таъмини дунявият, қонуният ва покизагии ҳокимияти сиёсӣ равона шудаанд.

Маҳдудиятҳои умумии ҳуқуқи интихобот, аз ҷумла маҳрум сохтан аз ҳуқуқи иштирок дар интихобот барои шахсони аз ҷониби суд ғайриқобили амал дониста шуда ё маҳкумшуда ба маҳрумият аз озодӣ, хусусияти ҷазодиҳанда надошта, балки ҳамчун кафолати ташаккули мақомоти қонунии ҳокимият арзёбӣ мегарданд. Ин маҳдудиятҳо ба принсипи қонуният ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ асос ёфтаанд.

Аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ талаботи ҷамъоварии ҳадди ақал 5 фоизи имзои интихобкунандагон барои бақайдгирии номзад ба мансаби Президент мебошад. Ин меъёр ҳамчун механизми филтркунии ҳуқуқӣ амал карда, имкон медиҳад, ки танҳо номзадҳои дорои пуштибонии воқеии иҷтимоӣ ба маъракаи интихобот роҳ ёбанд. Таҷрибаи интихоботи президентии соли 2010 нишон дод, ки ин талабот дорои вазни ҷиддии сиёсӣ буда, ба ташаккули интихоботи нисбатан масъулона мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулоса омад, ки низоми муосири интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунҳои конститутсионии интихоботӣ ташаккул ёфта, ба таъмини қонуният, устувории ҳокимияти давлатӣ ва эътимоди ҷомеа ба ниҳодҳои интихоботӣ равона шудааст. Таҳлили субъектҳои ҳуқуқи интихобот ва шартҳои интихобот на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳаммияти баланди амалӣ дошта, метавонад ҳамчун заминаи илмӣ барои такмили минбаъдаи қонунгузории интихоботӣ ва таҳкими давлатдории демократӣ хизмат намояд.

АДАДБИЁТ

1. Гадоев Б.С. Конституционно-правовые институты непосредственной демократии в Республике Таджикистан. –Душанбе, 2014. -222с.
2. Диноршоев, А.М., Салохидинова, С.М. Конституционное право Республики Таджикистан / А.М. Диноршоев, С.М. Салохидинова. – Душанбе, 2017. – 248 с.
3. Имомов А.И. Интихобот ва парлумони Чумхурии Точикистон. Душанбе, 2001. - 128 с.
4. Имомов А.И. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998 гг.) - Душанбе, 1998. - 206 с.
5. Имомов А.И. Хуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюм. – Душанбе, 2017. –120с.
6. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри дуюм. Бо тағйироту иловаҳо. -Душанбе: 2004, -400 с.
7. Казанчев Ю.Д. Конституционное право РФ. Вопросы и ответы. - М., 1998. - 184 с.
8. Конститутсияҳои Тоҷикистон:пайдоиш ва инкишоф (Зери назари д.и.ф., профессор А.А. Шамолов. Муҳарири масъул н.и.ҳ., ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, дотсент А.Имомов). –Душанбе, 2014. -840с.

СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ ИНТИХОБОТ ВА ШАРТҲОИ ИНТИХОБОТ ДАР ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои марбут ба субъектҳои ҳуқуқи интихобот ва шартҳои интихобот дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода мешаванд. Муаллиф мафҳуми субъектҳои ҳуқуқи интихобот, навъҳои ҳуқуқи интихоботӣ (фаъолона ва ғайрифаъолона), инчунин шартҳои конститутсионӣ ва қонунии пешбарӣ ва интихоб шудан ба мансаби Президентро баррасӣ менамояд. Дар мақола таҳаввули таърихии меъёрҳои интихоботӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқи интихобот, талаботи синну сол, шаҳрвандӣ, таҳсилот ва дигар шартҳои тахассусӣ таҳлил гардида, аҳаммияти онҳо дар таъмини қонуният, шаффофият ва давлатдории демократӣ нишон дода мешавад. Хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд барои такмили қонунгузории интихоботӣ ва рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ муфид бошанд.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи интихобот, субъекти ҳуқуқи интихобот, ҳуқуқи фаъолонаи интихобот, ҳуқуқи ғайрифаъолонаи интихобот, интихоботи президентӣ, шартҳои интихобот, Конститутсия, давлатдории демократӣ.

СУБЪЕКТЫ ИЗБИРАТЕЛЬНОГО ПРАВА И УСЛОВИЯ ВЫБОРОВ НА ВЫБОРАХ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье проводится научно-правовой анализ субъектов избирательного права и условий выборов на выборах Президента Республики Таджикистан. Рассматриваются понятие субъектов избирательного права, активное и пассивное избирательное право, а также конституционные и законодательные требования к кандидатам на должность Президента. Особое внимание уделяется историческому развитию избирательного законодательства, возрастным и иным ограничениям избирательных прав, а также их роли в обеспечении законности, легитимности и демократического характера президентских выборов. Сделанные выводы имеют теоретическое и практическое значение для совершенствования избирательного законодательства.

Ключевые слова: избирательное право, субъекты избирательного права, активное избирательное право, пассивное избирательное право, президентские выборы, условия выборов, Конституция, демократическое государство.

SUBJECTS OF ELECTORAL LAW AND ELECTORAL CONDITIONS IN THE ELECTION OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article provides a scholarly legal analysis of the subjects of electoral law and the conditions governing elections in the election of the President of the Republic of Tajikistan. It examines the concept of subjects of electoral law, active and passive electoral rights, as well as constitutional and statutory requirements for presidential candidates. Particular attention is paid to the historical development of electoral legislation, age and other legal restrictions on electoral rights, and their role in ensuring legality, legitimacy, and the democratic nature of presidential elections. The conclusions may be useful for improving electoral legislation and developing constitutional law theory.

Keywords: electoral law, subjects of electoral law, active electoral right, passive electoral right, presidential elections, electoral conditions, Constitution, democratic governance.

Маълумот дар бораи муаллиф-Зоирзода Шабнам Икром – магистри соли аввали факултети ҳуқуқшиносӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,Телефон**:(+992)987146149**,Email: zoirzoda.sh@gmail.com

Сведения об авторе - Зоирзода Шабнам Икром - студентка первого курса магистратуры юридического факультета Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17, телефон**: (+992)987146149**, электронная почта: zoirzoda.sh@gmail.com

Information about the author - Zoirzoda Shabnam Ikrom - first-year master's student at the Faculty of Law, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17, Phone: **(+992)987146149**, Email: zoirzoda.sh@gmail.com

МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИШАВИИ ФУНКСИЯИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

Мансурзода А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Механизмҳои амалишавии функсияи иқтисодии давлат дар шароити рақамикунонӣ аз мавзуҳои муҳимми илму амалияи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад. Зеро, дар шароити раванди ҷаҳонишавӣ фаъолияти давлат ва мақомоти онро бидуни рақамикунонӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Бо ин назардошт, айни замон ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Ҳанӯз масъалаи мазкур, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ гардидааст. Илова ба ин, бо мақсади амалишавии Стратегияи мазкур, иҷрои функсияи иқтисодии давлат ва расидан ба ҳадафҳои давлатӣ тавассути рақамикунонӣ Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451), Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643), Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642) қабул гардида, мавриди амалишавӣ қарор доранд.

Дар асоси санадҳои болозикр ва мубрам будани масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2025-2030 “Соли рушди иқтисоди рақамӣ ва иноватсия” эълон гардид. Аз ин рӯ, айни замон ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ, амалишавии функсияи иқтисодии давлат ва устувории давлат аз рақамикунонии иқтисодиёт вобастагии калон дорад.

Бинобар ин, амалишавии функсияи иқтисодии давлат бо рақамикунонии иқтисодиёт алоқамандии зич дорад. Аз ин рӯ, мавзуи мазкур бо омилҳои зерин муҳим мебошад: Якум, муҳим будани ин масъала дар он аст, ки баъди пош хурдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин гузаштан аз ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, муносибатҳои нави иқтисодӣ, аз ҷумла иқтисодӣ бозоргонӣ, иҷтимоии эълон намудани давлат боиси тағйири функсияҳои давлат гардид.

Дуюм, давлати Тоҷикистон ҳоло функсияҳои алоҳидаро иҷро мекунад, ки аз шароитҳои хоси кишвари мо бармеоянд, аз ҷумла бо ҳадафҳо ва вазифаҳои давлатдории миллӣ вобастаанд. Функсияҳои давлати Тоҷикистон ҳоло бо дарназардошти самтҳои стратегии рушди давлат, аз ҷумла 1) таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар; 2) баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ; 3) таъмини амнияти озуқавории кишвар; 4) саноаткунонии босуръати кишвар интихоб ва амалӣ мешаванд.

Сеюм, ҳоло функсияи иқтисодии давлат дар робита бо таҷрибаи ҷаҳонӣ, равандҳои инкишофи ҷомеаи ҷаҳон омӯхта мешаванд. Маълум аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ таъсири давлатҳои абарқудрат ба фаъолияти давлатҳои рӯ ба инкишофёфта пурзӯр мегардад. Дар ин шароит ҳимоя аз манифиатҳои миллӣ талаб мекунад, ки самтҳои фаъолияти давлат дар робита бо ҳадафҳои миллӣ ба роҳ монда шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ҳадаф ва вазифаҳои ба худ хосро дорад, ки онҳо тавассути функсияҳои давлат амалӣ карда мешаванд. Яке аз функсияҳое, ки расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ҳалли вазифаҳои давлатӣ аз он вобаста аст ин функсияи иқтисодии давлат мебошад. Аз ин рӯ, гузаштан ба иқтисоди рақамӣ шарти муҳиммӣ амалишавии функсияи иқтисодии давлат мебошад. Бинобар ин, рушди давлат, фароҳам овардани шароити зиндагии аҳолӣ ва ҳалли проблемаҳои дар назди давлат қарор дошта, аз амалишавии функсияи иқтисодии давлат вобаста мебошад.

Илова ба ин, низоми ягонаи андозу молия, ки дар маҷмуъ бо иқтисод вобаста аст, яке аз аломатҳои давлат мебошад, ки давлат бидуни ин аломат арзи ҳастӣ карда наметавонад.

Бо дарназардошти муҳиммияти масъалаи мазкур, таҳлил ва омӯзиши мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои функсияи иқтисодии давлат хеле муҳим мебошад. Чунки вобаста ба ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру андешаҳои зиёд ва гуногун низ мавҷуд мебошад. Илова ба ин, бояд қайд кард, ки истилоҳи «функсия» танҳо хоси илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва сиёсӣ набуда, балки дар дигар илмҳо низ (ба монанди илмҳои физика, математика, биология, сотсилогия ва ғ.) истифода бурда мешавад.

Марченко Ю.В. қайд мекунад ки ибораи «функсия» бори аввал аз ҷониби мутафаккирони олмонӣ Г.В.Лейбниц ва Бернулли ба илм ворид гардидааст[1, с.8] ва минбаъд ба тари васеъ мавриди истифода қарор гирифт.

Дар робита ба ин масъала профессор Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.) қайд мекунад, ки «истилоҳи «функсия» аз лотинӣ «function» гирифта шуда, маънои иҷро намудан ва амалӣ намуданро дорад»[9, с.422].

Дар ин асос, дар бештари илмҳои иҷтимоӣ (ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисодӣ, сотсиологӣ ва ғ.) функсия маънои иҷро кардан, амали намудан ва фаъолият намудани ин ё он институти иҷтимоиро, аз қабилӣ, функсияи оила, функсияҳои давлат ва м.и. дорад.

Ҳамчунин вобаста ба ин масъала Л. Дюги, Н.М. Коркунова, Л.Б. Петражицкого, К. Реннера ва як қатор олимони дигар фикру андешаҳои худро иброз намудаанд. Дар ин хусус, оид ба мафҳуми функсияи давлат ягонафикри ҷой надорад. Масалан, як гурӯҳи муаллифон ақида доранд, ки функсияҳои давлат ин самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошанд. Гурӯҳи дигар функсияҳои давлатро ҳамчун самтҳои дақиқи фаъолияти давлат мепиндоранд. Гуруҳи сеюмин бошад, функсияҳои давлатро фаъолияти давлат дар самти муайян таъриф медиҳанд.

М.И. Пискотин қайд мекунад, ки «функсия ин самти зарурии фаъолияти давлат аз нуқтаи назари вазифаҳои дохилӣ ва берунии, талаботи ҷамъиятӣ мебошад»[8, с.90-91].

Ба ақидаи С.С. Алексеев, «функсияҳои давлат ин самтҳои асосии фаъолияти давлат буда, моҳият, вазифаҳои иҷтимоӣ, мақсад ва ҳадафҳои давлатро ифода мекунанд»[2, с.146]. Р.Ш. Сотиволдиев, қайд мекунад, ки «функсияҳои давлат ин самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошад, ки барои ҳалли вазифаҳо равона гаштаанд».

Ба ақидаи Г.С. Азизқулова ва И.И. Камолов «функсияҳои давлат ин самтҳои (намудҳои) асосии фаъолияти давлат мебошад, ки баҳри амалишавии вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғ, ки назди давлат қарор доранд, ҳамчунин барои расидан ба мақсадҳои муайян вобаста аз моҳияти синфӣ, ҷамъиятӣ ва вазифаҳои иҷтимоӣ равона карда шудаанд»[1, с.125].

Дар робита ба масъалаи мазкур Шарифзода С.Ш. қайд менамояд, ки механизмҳои амалишавии функсияи давлат, аз ҷумлаи масъалаи муҳим буда, тавассути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, иҷрои ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва тафтишӣ-назоратӣ амалӣ карда мешавад[12, с.240].

Ба андешаи «В.Н. Хропанюк, функсияҳои давлат ин самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошад, ки дар онҳо моҳият ва вазифаҳои иҷтимоию идоракунии давлатӣ ошкор мегарданд[11, с.119]. Н.Б. Пахаленко чунин мешуморад, ки «функсияҳои давлат ин самтҳои (тарафҳои) зарурӣ ва доимии мақсаднокии фаъолияти давлат буда, вазифаҳои дохилӣ ва берунии он вобаста ба талаботи объективии инкишофи ҷамъият амали карда мешаванд»[7, с.29].

Л.И. Загайнов бошад, чунин ақида дорад, ки «функсияҳои давлат на танҳо самт ва тарафҳои фаъолияти давлат, балки маҷмӯи воситаҳои ҳалли вазифаҳо ва ноил шудан ба мақсадҳои давлат, дар ҳаёт амали намудани вазифаҳои иҷтимоӣ ва моҳияти синфи мебошад»[3, с.13-14].

Ҳамчунин дар адабиёти муосир мафҳумҳои нави функсияҳои давлат, аз ҷумла функсияи генералии давлат пешбинӣ шудааст. Ин мафҳум таъиноти давлатро нисбат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ мефаҳмонад [10, с.47-48].

Дар асоси мафҳумҳо ва андешаҳои болозикр метавон гуфт, ки функсияи иқтисодии давлат ин самти асосии фаъолияти давлат мебошад, ки бо мақсади ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Аз мафҳуми дода шуда, чунин хусусияти функсияи иқтисодии давлатро дар шароити рақамикунонӣ пешкаш намудан мумкин аст.

Функсияи иқтисодӣ самти асосии фаъолияти давлат мебошад.

Функсияи иқтисодии давлат бо мақсади ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ амалӣ карда мешавад.

Функсияи иқтисодии давлат бо мақсади расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, қайд кардан зарур аст, ки функсияи иқтисодии давлатро бо дарназардошти рақамикунонӣ амалӣ кардан зарур мебошад. Аз ин рӯ, механизми амалишавии функсияи иқтисодии давлат зарур ва муҳим мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқи механизмҳои амалишавии функсияи иқтисодии давлатро бо шаклҳо ва усулҳои махсус мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор медиҳанд. Оид ба шаклҳои амалишавии функсияи иқтисодии давлат гуфтан мумкин аст, якум, бо ҳуқуқ алоқамандии зич дорад ва дуюм чи тавре, ки ҳуқуқ истифода карда шавад, функсияи иқтисодии давлат ҳамон тавр амали мешавад. Аз ин рӯ, мафҳуми шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат ва таснифи он низ ба таври гуногун зикр гардидааст.

Масалан, Матузов Н.И. ва Малько А.В зери мафҳуми шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат фаъолияти якхелаи мақомоти давлатиро мефаҳманд[5, с.241]. Нерсесянц В.С фаъолияти ташкилӣ, амалишавӣ ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқии давлатро шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат меномад[6]. Ба андеши Шарофзода Р.Ш. шаклҳои иҷрои функсияҳои давлат ин намудҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ мебошанд, ки бо мақсади амалӣ гаштан функсияҳои давлат анҷом дода мешаванд[13, с.288].

Аз мафҳумҳои дар боло зикр гардида маълум мегардад, ки оид ба мафҳуми шаклҳои амалишавии функсиҳои давлат фикри ягона мавҷуд нест, яъне баъзе муаллифон шаклҳои амалишавии функсияҳои давлатро фаъолияти давлат ва гурӯҳи дигар фаъолияти мақомоти алоҳидаи давлат медонанд.

Дар асоси андешаҳои болозикр, метавон пешниҳод кард, ки шаклҳои амалишавии функсияҳои давлат ин фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад, ки амалишавии функсияҳои давлатро дар якҷоягӣ анҷом медиҳанд.

Ҳамчунин, метавон қайд кард, ки функсияҳои давлат, аз ҷумла функсияи иқтисодии давлат тавассути шаклҳои ҳуқуқӣ, ғайриҳуқуқӣ (ташкилӣ-ҳуқуқӣ) ва усулҳои махсус амалӣ карда мешаванд, ки дар маҷмуъ механизмҳои амалишавии функияҳои давлатро ташкил медиҳад.

Ба шаклҳои ҳуқуқии амалишавии функсияи иқтисодии давлат ба ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқиҷрокунӣ, ҳуқуқҳифзкунӣ ва фаъолияти тафтишӣ-назоратӣ ҷудо карда мешаванд. Шаклҳои ғайриҳуқукии амалишавии функсияҳои давлат ин фаъолияти мақомот ва ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ мебошад, ки бидуни ҳуқуқ амали карда мешаванд. Шаклҳои ғайриҳуқуқии амалишавии функсияҳои давлат шаклҳои ташкилӣ – батанзимдароранда, ташклии – хоҷагидорӣ ва ташкилӣ – идеологӣ ҷудо карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, амалишавии функсияи иқтисодии давлат дар шароити рақамикунонӣ, якум аз робитаи мустақими байни вазифаҳои ҳуқуқ ва давлат шаҳодат медиҳад. Дуюм, мундариҷаи чаҳорчӯбаи ҳуқуқии функсияи иқтисодӣ дар усули танзими ҳуқуқӣ тавассути хусусияти меъёрҳое, ки фаъолияти дахлдори давлатиро танзим мекунанд.

Сеюм, таҳлили назариявии чаҳорчӯбаи ҳуқуқии вазифаҳои давлатӣ ба мо имкон медиҳад, ки шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии чунин чаҳорчӯбаро муайян кунем.

АДАБИЁТ

1. Азизкулова Г.С, Камолов И.И. Теория государства и права. Схемы определения и вопросы тестов. Д., 2013. - С.125.
2. Алексеев С.С., Архипов С.И. Теория государства и права. - М., 2003. - С.146.
3. Загайнов Л.И. Экономические функции Советского государства. М., 1968. - С. 13-14.
4. Марченко Ю. В. Правовые формы осуществления государственных функций: Дис..канд. юрид. наук. Саратов.., 2008. - С.8.
5. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права. М.Юристь, 2002.
6. Нерсесянц В.С. Различие и соотношение права и закона как междисциплинарнаяпроблема // Вопросы философии права. - М, 1973.
7. Пахаленко Н.Б.От тоталитаризма к демократии: о функциях государства в переходный период// Политические проблемы теории государства М, 1993. - С. 29.
8. Пискотин М.И. К вопросу о функциях Советского государства в современный период // Советское государство и право. 1958. - №1. - С. 90.
9. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Ҷ.1. Д., 2010. - С. 422.
10. Спиридонов Л.И. Теория государства и права. М.,1996. - С.47-48.
11. Хропанюк В.Н. Теория государства и права: учебное пособие для высших учебных заведений/ Под ред. В.Г. Стрекозова. М., 1993. - С. 119.
12. Шарифзода С.Ш. Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ: монография / Зери таҳрири Сотиволдиев Р.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, професор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020. – 240 с.
13. Шарофзода Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. - Душанбе. 2018.

МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИШАВИИ ФУНКСИЯИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

Механизмҳои амалишавии функсияи иқтисодии давлат дар шароити рақамикунонӣ аз ҷумлаи масъалаи муҳимми назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти рушди зеҳни сунъӣ ва технологияи иттилоотӣ амалӣ намудани функсияи иқтисодии давлат муҳим буда, яке аз ҷузъҳои муҳимми таъмин ва ҳифзи соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрии давлат мебошад. Бо ин мақсад, дар доираи таҳқиқоти институтсионалии мазкур муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки нуқтаи назари худро роҷеъ ба мафҳум, намудҳо, шаклҳои амалишавии функсияи иқтисодии давлат дар шароити рақамикунонӣ иброз намояд.

Калидвожаҳо: давлат, функсияи давлат, функсияи иқтисодӣ, шаклҳо, усуслҳо, иқтисодиёт, рақамикунонӣ, санадҳои меърии ҳуқуқӣ, нуктаҳои назар, назарияҳои илмӣ.

МЕХАНИЗМЫ РЕАЛИЗАЦИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ФУНКЦИИ ГОСУДАРСТВА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

Механизмы реализации экономической функции государства в контексте цифровизации относятся к числу важных вопросов теории государства и права. С учетом развития искусственного интеллекта и информационных технологий реализация экономической функции государства приобретает важное значение и является одним из важнейших компонентов обеспечения и защиты независимости и суверенитета государства. С этой целью в рамках данного институционального исследования автор предпринял попытку изложить свою точку зрения на концепцию, виды и формы реализации экономической функции государства в контексте цифровизации.

Ключевые слова: государство, государственная функция, экономическая функция, формы, методы, экономика, цифровизация, правовые документы, точки зрения, научные теории.

MECHANISMS FOR IMPLEMENTING THE ECONOMIC FUNCTION OF THE STATE IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION

The mechanisms of implementation of the economic function of the state in the context of digitalization are among the important issues of the theory of state and law. Taking into account the development of artificial intelligence and information technology, the implementation of the economic function of the state is important and is one of the important components of ensuring and protecting the independence and sovereignty of the state. For this purpose, within the framework of this institutional study, the author has made an effort to express his point of view on the concept, types, and forms of implementation of the economic function of the state in the context of digitalization.

Keywords: state, state function, economic function, forms, methods, economics, digitization, legal documents, points of view, scientific theories.

Маълумот дар бораи муаллиф - *Мансурзода Аҳлиддин* – магистри курси 2-юми кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,Телефон **(+992)111110111**

Сведения об авторе - *Мансурзода Ахлиддин* - Студентка 2-го курса магистратуры кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17, телефон **(+992) 111110111**

Information about the author - Mansurzoda Akhliddin – 2 nd year master's student of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17, Phone **(+992)111110111**

МАСУНИЯТ ВА ИМТИЁЗҲОИ ВАКИЛОНИ ДАВЛАТҲО ДАР КОНФРОНСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мингбоев Ш. Л.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳангоми муайян намудани табиати ҳуқуқии масуният ва имтиёзҳои вакилони давлатҳое, ки дар конфронси байналхалқӣ ширкат менамоянд, ҳаминро бояд қайд намуд, ки ин мақомоти робитаи берунаи давлат буда, ба сифати намояндагони субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ баромад менамояд. Зеро, ин масуният ва имтиёзҳо мутаалиқ ба субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ мебошад ва ҳангоми иштирок дар муносибатҳои байналхалқӣ, субъектон ҳуқуқи байналхалқӣ тавасути ин намояндагони хеш функцияҳои берунаро амали менамоянд. Барои он ки вакилони давлатҳо ҳамчун намояндаи давлати равонкунанда дар конфронсҳои байналхалқӣ вазифаи худро самаранок амалӣ гардонанд, фаъолияти онҳо бояд ҳатман аз юрисдиксияи кишваре, ки дар он ҷо конференсияи байналхалқӣ гузаронида мешавад, бояд озод бошад. Ин пеш аз ҳама афзалият, ҳуқуқу имтиёзҳои махсусе мебошад, ки дар асоси Конвенсияи Венаги соли 1975 оиди намояндагии давлатҳо дар муносибати онҳо ба ташкилотҳои байналхалқии дорои хусусияти универсалидошта ба вакилони давлатҳое, ки дар фаъолияти конфронсҳои байналхалқӣ иштирок менамоянд, ба мақсади иҷро кардани функцияҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда пешниҳод карда мешавад. Маҳз барои ҳамин, ба вакилони давлатҳо барои босамар пеш бурдани вазифаҳояшон масуният ва имтиёз дода шудааст.

Бояд гуфт, ки истилоҳи масуният аз калимаи лотинии immunitas гирифта шуда маъноаш тобеъ набудан, мустақият буда, имтиёз бошад бартарияҳои махсуси ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад.

Мувофиқи Конвенсия оиди намояндагии давлатҳо дар муносибати онҳо бо ташкилотҳои байналхалқии хусусияти универсалидошта аз 1975 масуният ва имтиёзҳо на барои манфиати шахсони алоҳида балки баҳри самаранок ба амал баровардани вазифаҳои намояндагони давлатҳо дар конверенсияҳои байналхалқӣ ҳамчун мақомоте, ки давлатро намояндагӣ менамояд, муқаррар карда шудааст.

Дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ ин масъала мавриди таҳқиқи васеъ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, И.И. Лукашук таъкид менамояд, ки масуниятҳо хусусияти функсионалӣ дошта, на ба шахс, балки ба вазифаи иҷрошаванда мансуб мебошанд [3]. Ҳамчунин, ба андешаи Г.И. Тункин, масуниятҳои байналмилалӣ унсури зарурии механизми ҳамкории давлатҳо буда, бе онҳо фаъолияти муназзами муносибатҳои байналмилалӣ ғайриимкон мегардад [4].Зарурияти таъмин намудани шароитҳои дахлдор барои иҷрои функцияҳои вакилони давлатҳо ҳинни иштирок дар фаъолияти конфронсҳои байналҳалқӣ ин асоси аввалиндараҷа барои ба онҳо пешниҳод намудани статуси махсус ба шумор меравад.

Масалан, тибқи мод. 53 Конвенсияи 1975 намояндагони давлатҳо дар конференсияҳои байналхалқӣ аз масунияту имтиёзҳое истифода мекунанд, ки барои мустақилона иҷро намудани функцияҳои онҳо зарур мебошад.

Тибқи муқаррароти Конвенсияи Вена оиди намояндагони давлатҳо дар муносибати онҳо бо ташкилотҳои байналхалқии дорои хусусияти универсалӣ аз соли 1975 масуният ва имтиёзҳои намояндагони давлатҳоро, ки дар фаъолияти конференсияҳои байналхалқӣ иштирок менамоянд, шартан ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1. Масуният ва имтиёзҳои намояндагони давлатҳо дар конференсияҳои байналхалқӣ ҳамчун мақомоти робитаи беруна.

2. Масуният ва имтиёзҳои шахсии ҳайати вакилони давлатҳо.

Масуният ва имтиёзҳои намояндагони давлатҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ аз ҷиҳати мазмун ва доираи татбиқ бо масуниятҳои дипломатӣ, ки дар Конвенсияи Вена оид ба муносибатҳои дипломатии соли 1961 пешбинӣ гардидаанд, фарқ доранд. Агар масуниятҳои дипломатӣ хусусияти доимӣ дошта бошанд ва ба фаъолияти намояндагии доимии давлатҳо вобаста бошанд, масуниятҳои вакилони конфронсҳои байналмилалӣ хусусияти муваққатӣ дошта, танҳо дар давраи баргузории конфронс амал мекунанд.

Ғайр аз ин, доираи масуниятҳои дипломатӣ нисбат ба масуниятҳои намояндагони конфронсҳо васеътар буда, қариб тамоми ҷанбаҳои фаъолияти намояндагиро фаро мегирад, дар ҳоле ки масуниятҳои дар Конвенсияи соли 1975 пешбинишуда бештар ба таъмини иштироки самараноки намояндагон дар конфронс равона шудаанд. Ин фарқият нишон медиҳад, ки мақсади асосии масуниятҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ таъмини мустақилияти функционалӣ, на таъсиси мақоми доимии намояндагӣ мебошад [2].

Ба гурӯҳи авали масунияту имтиёзҳо инҳо маҳсуб меёбанд: дахлнопазирии манзили вакилон дар конфронсҳои байналхалқӣ (мод. 54), дахлнопазирии бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳои он (мод.58)ва дахлнопазирии почтаи вакилони давлатҳо (б.2 мод. 58), имтиёзҳои гумруки (мод.65) имтиёзҳои фискали (б.1 моддаи 54 ва моддаи 63) ва ҳуқуқи истифодаи парчам ва насби нишони давлати равонкунанда дар бинои намояндагӣ ва воситаҳои ҳамлу нақл.

Ба гурӯҳи дуюми масуният ва имтиёзҳо бошад инҳо шомиланд: дахлнопазирии шахсии сардор ва дигар ҳайати вакилон (мод. 59), дахлнопазирии манзили истиқомати вакилон (б.2 мод. 59) ва масуният аз юрисдиксияи кишвари қабулкунанда (мод.60).

Дар ин асно бояд қайд намуд, ки мутобиқи моддаи 53 Конвнсияи Венагии соли 1975 дахлнопазирии почтаи вакилони давлатҳо (мод58) ва конфронси байналхалқӣ дар ҳолати зарурӣ ба ин вакилҳо давлатҳо дар истифода бурдани масуният ва имтиёзҳои зарурӣ бояд мусоидат намояд.

Инак, гурӯҳи аввали масунияту имтиёзҳоро баррасӣ менамоем.

Аввалан, ҷойгоҳи асосиро дар фаъолияти ин мақомоти робитаи беруна дахлнопазирии манзили вакилони давлатҳо дар конфронсҳои байналхалқӣ ишғол менамояд. Тибқи моддаи 54 Конвенсияи Вена аз соли 1975 манзили вакилони давлат дахлнопазир буда, ҳокимияти давлати қабулкунанда бе розигии сардори ҳайати вакилон давлат ва ё сардори намояндагии дипломатӣ наметавонад ба ин манзил ворид шавад. Дар баробари ин, давлати қабулкунанда уҳдадор мебошад, ки барои ҳимояи манзили намояндагӣ аз ҳар гуна зӯраворӣ ё худ дахолат ва ё расонидани зарар тамоми чораҳои заруриро андешад. Гузашта аз ин, тибқи банди 3 мод.54 Конвенсияи мазкур ашъёи дар ин манзил мавҷудбуда дахлнопазир аст. Яъне дорои масуният аз тафтишот, мусодира ва амалиётҳои иҷроиявӣ мебошад. Хулоса, ин ба кишвари қабулкунанда ду намуди уҳдадориро вогузор менамояд: якум, таъмин намудани муҳофизати ин бинои намояндагӣ: дуюм, бе розигии сардори ҳайати вакилон ё сардори намояндагии дипломатӣ роҳ надодан ба ин гуна манзил.

Дуюм, дахлнопазирии бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии вакилон. Дар моддаи 58 Конвенсияи Вена оиди намояндагони давлатҳо дар муносибати онҳо бо ташкилотҳои байналхалқии дорои хусусияти универсалидошта аз соли 1975 муқаррар карда шудааст; ки «Бойгон ва ҳуҷҷатҳои вакилони давлатҳо дар ҳама гунна ҳолатҳо ва новобаста аз он ки дар куҷо ҷойгир шудаанд, дахлнопазиранд»[2]. Дахлнопазирии бойгон ва ҳуҷҷатҳои расмии ҳайати вакилони давлатҳо маънои онро дорад, ки кишвари қабулкунанда уҳдадор аст аз як тараф озод намудани бойгон ва ҳуҷҷатҳоро аз ҳама гуна таъсиррасонии мақомотҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ таъмин намояд, ва аз тарафи дигар, ҳимояи ин бойгон ва ҳуҷҷатҳоро аз суиқасдҳои шахсони хусусӣ.

Сеюм, дахлнопазирии почта мебошад. Бояд қайд кард, мувофиқи б.2 мод.58 Конвенсияи Венагии соли 1975 почтаи ҳайати вакилони давлатҳо, ки аз сарҳади гумрукӣ

интиқол дода мешаванд, кушодан ё боздоштан мумкин нест. Ҳамзамон Конвенсияи Венагии соли 1975 аз он бармеояд, ки ҳамаи ҷойҳои почта бояд ишораҳои аёни зоҳирие дошта бошанд, ки аз хусусиятҳои ин ҷойҳо гувоҳӣ медиҳанд. Гузошта аз он Конвенсияи мазкур муқаррар менамояд, ки почтаи вакилони давлатҳо метавонад танҳо ҳуҷҷат ва моли намояндагиро, ки барои истифодаи расмӣ пешбинӣ шудааст, дарбар гирад. Дахлнопазирии почтаи дипломатӣ шарти муҳим баҳри муътадил ба амал баровардани фаъолияти ҳайати вакилони давлатҳо мебошад.

Чаҳорум, ин имтиёзҳои фискалӣ. Мувофиқи моддаи 54 ва 63 Конвенсияи Венагии соли 1975 вакилони давлатҳо дар конференсияҳои байналхалқӣ амалан дар он ҳаҷме, ки нисбати намояндагони дипломатӣ пешбинӣ шудааст, аз имтиёзҳои андозӣ истифода мебаранд. Ин маънои онро дорад, ки манзили ҳайати вакилони давлатҳо аз ҳама гунна андозҳои умумидавлатӣ, ноҳиявӣ, муҳим инчунин боҷу хироҷ озод карда мешавад, ғайр аз он андозҳое, ки он ба нархи мол ва ё хизматрасонӣ дохил карда мешавад.

Ҳамзамон бояд ҳаминро қайд намуд, ки ин масуният набуда, балки имтиёз ва афзалиятҳо ба ҳисоб мераванд, ки ба таъмини иҷроиши функцияҳои онҳо кӯмак расонида, фаъолияти кори онҳоро то андозае сабук мегардонанд.

Панҷум, имтиёзҳои гумрукӣ маҳсуб меёбад. Дар моддаи 65 Конвенсияи Венагии соли 1975 зикр ёфтааст, ки кишвари қабулкунанда дар асоси қонуну қоидаҳои хеш ба ҳайати вакилони давлат ворид намудани ашёеро, ки барои истифодаи расмии намояндагӣ зарур аст,иҷозат менамояд. Илова бар ин тибқи мод. 65 Конвенсия боғочи шахсии сардор ва ҳайати вакилони давлатҳо аз муоинаи гумрукӣ озод мебошанд, ба шарте агар асосҳои ҷиддии эҳтимолияи он мавҷуд набошад.

Шашум, дар қатори масунияту имтиёзҳои дар боло номбаршуда, ҳуқуқи намояндагӣ оиди истифодаи парчам ва нишони давлатҳо, инчунин воситаҳои ҳамлу нақли онҳо дохил мешавад. Тартиби истифодаи чунин рамзҳои истиқлолияти давлатро ҳар як кишвар бо қонунгузории худ муайян мекунад.

Тавре ки дар боло зикр намуда будем, ба гурӯҳи дуюми масунияту имтиёзҳо масуният ва имтиёзҳои шахсии ҳайати вакилони давлатҳо чун мақомоти давлатии робитаи беруна дохил мешаванд. Чунончӣ мутобиқи моддаи 59 Конвнсияи Вена оиди намояндагони давлатҳо дар муносибати онҳо бо ташкилотҳои байналҳалқии дорои хусусияти универсалидошта аз соли 1975 ҳайати вакилон чун намояндаи давлати равонкунанда аз мусунияти дахлнопазирии шахсӣ бархӯрданд. Дахлнопазирии намояндагони давлатҳо дар конференсияҳои байналхалқӣ маънои онро дорад, ки давлати қабулкунанда, мақомот ва шахсони мансабдори он уҳдадоранд на танҳо аз ҳабс ё дастгир кардани онҳо худдорӣ намоянд, алки муҳофизати комили онҳоро низ таъмин созанд, то ки онҳо аз ҳар гуна сӯйиқасд ба ҳаёту саломатӣ, озодӣ ва шаъну шараф эмин бошанд. Давлати қабулкунанда уҳдадор аст нисбати вакилон чун намояндагони давлат эҳтиромона муносибат намояд ва барои пешгири аз ҳама гуна, ки шахсият, озодӣ ва қадру қиммати он равона гардидааст, чораҳои зарурӣ андешад. Ин маънои онро дорад, ки кишвари пазиранда аз ҳама гуна амалиётҳои маҷбурсози ба монанди ҳабс ё боздошт кардани вакилони давлатҳо худдорӣ намоянд. Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки уҳдадории таъмини дахлнопазирии шахсии вакилони давлатҳо ба зиммаи давлати қабулкунанда вогузор шудааст.

Дахлнопазирии манзили истиқоматӣ ва амволи ҳайати вакилони давлатҳо аз мақоми дипломатии онҳо бармеояд, аз ин хотир он бояд пурра ва бечунучаро таъмин карда шавад. Албатта, ҳангоми истифодаи манзили муваққатӣ вакилони давлатҳо уҳдадоранд тартиботу қоидаҳои муқарраршударо риоя намоянд Дахлнопазирии пурра ва бечунучораи манзили истиқоматӣ ва амволи вакилони давлатҳо бояд бегуфтугӯ риоя шавад, зеро он барои бемамониат иҷро намудани функсияҳояшон моҳиятан муҳим буда,

зеро он ифодакунандаи хусусияти намояндагӣ доштани фаъолияти онҳоро муаррифӣ менамояд.

АДАБИЁТ

1.Венская конвенция о представительстве государств в их отношениях с международными организациями универсального характера 1975 г.
2. Венская конвенция о дипломатических сношениях 1961 г.
3. Лукашук И.И. Международное право. Общая часть. – М.: Волтерс Клувер, 2005.
4. Тункин Г.И. Теория международного права. – М.: Зерцало, 2000.
5. Курс международного права / Под ред. Р.А. Каламкаряна. – М.: Наука, 2003.
6. Шумилов В.М. Международное публичное право. – М.: Юрайт, 2017.
7. Саидов А.Х. Международное право. – Ташкент, 2012.

МАСУНИЯТ ВА ИМТИЁЗҲОИ ВАКИЛОНИ ДАВЛАТҲО ДАР КОНФРОНСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи фарогири масуният ва имтиёзҳои вакилони давлатҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар он табиати ҳуқуқии ин институт ҳамчун ҷузъи муҳимми ҳуқуқи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, асоснок карда мешавад, ки масуният ва имтиёзҳо на барои манфиати шахсӣ, балки ҷиҳати таъмини иҷрои самаранок ва мустақилонаи вазифаҳои намояндагии давлатҳо пешбинӣ гардидаанд. Бо такя ба муқаррароти Конвенсияи Венаи соли 1975 оид ба намояндагии давлатҳо дар муносибатҳои онҳо бо ташкилотҳои байналмилалии дорои хусусияти универсалӣ, гурӯҳбандии масуният ва имтиёзҳо ба ду навъ — институтсионалӣ (манзили намояндагӣ, бойгон, ҳуҷҷатҳо, почта, имтиёзҳои фискалӣ ва гумрукӣ) ва шахсӣ (дахлнопазирии шахсӣ, манзили истиқоматӣ ва масуният аз юрисдиксия) таҳлил гардидааст.Ҳамчунин, аҳаммияти амалии ин имтиёзҳо дар таъмини фаъолияти бефишор ва бемамониати вакилони давлатҳо дар муҳити ҳуқуқии давлати қабулкунанда нишон дода шуда, уҳдадориҳои давлати қабулкунанда ҷиҳати ҳифзи ин ҳуқуқҳо баррасӣ мегарданд. Дар натиҷа хулоса бароварда мешавад, ки масуният ва имтиёзҳо ҳамчун механизми муҳимми кафолатдиҳандаи фаъолияти муассири намояндагии давлатҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ нақши калидӣ доранд.

Калидвожаҳо: вакилони давлат, конфронсҳои байналмилалӣ, масуният, имтиёз, дахлнопазирӣ, Конвенсияи Вена 1975, ҳуқуқи байналмилалӣ, намояндагии давлатӣ, субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ, юрисдиксия, масуният аз юрисдиксия, дахлнопазирии шахсӣ, дахлнопазирии манзил, дахлнопазирии бойгонӣ, дахлнопазирии ҳуҷҷатҳо, дахлнопазирии почта, имтиёзҳои фискалӣ, имтиёзҳои гумрукӣ, робитаҳои байналмилалӣ, фаъолияти намояндагӣ, давлатҳои иштирокчӣ, давлати қабулкунанда, уҳдадориҳои давлат, ҳифзи ҳуқуқи намояндагон, муносибатҳои дипломатӣ, ҳуқуқи дипломатӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, истиқлолияти намояндагон.

ИММУНИТЕТЫ И ПРИВИЛЕГИИ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ ГОСУДАРСТВ НА МЕЖДУНАРОДНЫХ КОНФЕРЕНЦИЯХ

Данная статья посвящена комплексному исследованию иммунитетов и привилегий представителей государств на международных конференциях. В работе раскрывается правовая природа данного института как важнейшего элемента международного права, обосновывается, что иммунитеты и привилегии предоставляются не в личных интересах представителей, а в целях обеспечения эффективного и независимого выполнения ими своих функций. На основе положений Венской конвенции 1975 года о представительстве государств в их отношениях с международными организациями универсального характера проводится классификация иммунитетов и привилегий на институциональные (неприкосновенность помещений, архивов, документов, почты, фискальные и таможенные льготы) и личные (личная неприкосновенность, неприкосновенность жилища, иммунитет от юрисдикции).Особое внимание уделяется практическому значению данных гарантий, а также обязанностям принимающего государства по их обеспечению. Делается вывод о том, что иммунитеты и привилегии выступают ключевым механизмом обеспечения эффективной деятельности представителей государств в рамках международных конференций.

Ключевые слова: представители государств, международные конференции, иммунитеты, привилегии, неприкосновенность, Венская конвенция 1975 года, международное право, государственное представительство, субъекты международного права, юрисдикция, иммунитет от юрисдикции, личная неприкосновенность, неприкосновенность жилища, неприкосновенность архивов, неприкосновенность документов, дипломатическая почта, фискальные льготы, таможенные льготы, международные отношения, представительская деятельность, принимающее государство, обязательства государства, защита прав представителей, дипломатическое право, правовые гарантии, независимость представителей

IMMUNITIES AND PRIVILEGES OF STATE REPRESENTATIVES AT INTERNATIONAL CONFERENCES

This article provides a comprehensive analysis of the immunities and privileges of state representatives at international conferences. It examines the legal nature of this institution as a fundamental element of international law and substantiates that such immunities and privileges are granted not for personal benefit, but to ensure the effective and independent performance of official functions. Based on the provisions of the 1975 Vienna Convention on the Representation of States in Their Relations with International Organizations of a Universal Character, the article classifies immunities and privileges into institutional (inviolability of premises, archives, documents, correspondence, fiscal and customs privileges) and personal (personal inviolability, inviolability of residence, immunity from jurisdiction).The study also highlights the practical importance of these guarantees and the obligations of the host state to ensure their protection. It concludes that immunities and privileges serve as a key legal mechanism for ensuring the effective functioning of state representatives within international conferences.

Key words: state representatives, international conferences, immunities, privileges, inviolability, Vienna Convention 1975, international law, state representation, subjects of international law, jurisdiction, immunity from jurisdiction, personal inviolability, inviolability of residence, inviolability of archives, inviolability of documents, diplomatic correspondence, fiscal privileges, customs privileges, international relations, representative functions, host state, state obligations, protection of representatives, diplomatic law, legal guarantees, independence of representatives

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мингбоев Шердил Латифович*- м**агистранти курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,

Сведения об авторе - ***Мингбоев Шердил Латифович*** **-** Студентка 2-го курса магистратуры юридического факультета Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17,

Information about the author - Mingboev Sherdil Latifovich - 2nd year master's student of the Faculty of Law of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17,

АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ ЛИЗИНГ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мирзоназаров М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муайян намудани асосҳо ва тартиби тағйирдиҳию бекор кардани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи маданӣ маҳсуб меёбад, аз ин лиҳоз таҳлил намудани асосҳои тағйирдиҳӣ ва бекоркунии ин шартнома аз нигоҳи илмӣ зарур мебошад.

Муносибатҳои лизингӣ мумкин аст баъди ба охир расидани муҳлати лизинг, агар тарафҳо муҳлати шартномаро дароз накарда бошанд, дар натиҷаи харидани предмети лизинг аз ҷониби лизинггир, инчунин дар ҳолати бекор кардани шартномаи лизинг қатъ карда шавад [1, с. 138]. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ таҳти мафҳуми қатъ гардидани шартнома “қатъ гардидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии тарафҳо, ки аз шартнома бармеоянд, фаҳмида мешавад” [2, с. 24].

Асосҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) асосан дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” муқаррар карда шудааст, инчунин қоидаҳои умумӣ оид ба тағйирдиҳӣ ё бекор кардани ин шартнома дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст.

Асосан дар ҳолати ба охир расидани муҳлати лизинг, агар тарафҳо муҳлати шартномаро дароз накарда бошанд, дар натиҷаи харидани предмети лизинг аз ҷониби лизинггир амали шартномаи лизинг қатъ мегардад, аммо ҳолатҳое ҷой доранд, ки мумкин аст ин шартнома пеш аз муҳлат бекор карда шавад. Бо талаби яке аз тарафҳо шартномаи лизинг дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст тағйир дода шавад ё бо тартиби судӣ пеш аз муҳлат бекор карда шавад.

Бекор кардани шартнома ва ё ин ки тағйир додани шартҳои шартнома аз иродаи тарафҳо вобастагӣ дорад. Бекор ё тағйир додани шартномаи лизинг пеш аз муҳлат метавонад бо талаби яке аз тарафҳо анҷом дода шавад. Ҳолатҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардан метавонад чи дар шартнома бо хоҳиши тарафҳо муқаррар карда шавад, агар тарафҳо дар шартнома ин асосҳоро дарҷ накарда бошанд, пас онҳо метавонанд тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ ё ба таври судӣ шартномаро бекор намоянд.

Аз муқаррароти қисми 1 моддаи 516 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки агар дар қонунҳо ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, шартномаро бо созиши тарафҳо тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст. Аммо баъди бастани шартнома ҳолатҳои гуногун пайдо шуданаш мумкин аст, ки зарурати аз нав дида баромадани шартҳои шартномаи басташуда, тағйир ва ё қатъи шартномаи маданӣ-ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад.

Ҳолати мазкурро дар баъзе адабиёти ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: аввалан, рафтори тарафҳои шартнома (иҷро накардани шартҳои шартнома), дуюм, ба миён омадани ҳодисае, ки аз иродаи тарафҳои шартнома вобаста нест ва барои иҷроиши шартнома таъсир мерасонад (қувваи рафънопазир, қарорҳои давлатӣ ва ғ) [3, с. 372].

Ҳ.З. Бобохонов мафҳуми тағйир додан ва бекор кардани шартномаро чунин маънидод намудааст: зери мафҳуми тағйир додан ин аз нав дида баромадани як қатор шартҳои шартнома бо нигоҳ доштани қувваи ҳуқуқии он фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми бекор кардани шартнома бошад ин қатъ шудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии тарафҳо, ки аз шартнома бамеояд, фаҳмида мешавад [2, с. 97]. Албатта мафҳумҳои мазкур қобили дастгирӣ мебошад, зеро аз нуқтаи назари қонунгузорӣ дода

шудааст. Аммо зери мафҳуми бекор кардани шартнома қатъ гардидани ҳуқуқу уҳдадории тарафҳои шартнома зикр карда шудааст, ки ҳолати мазкур метавонад баҳснок бошад, чунки дар дигар адабиёти ҳуқуқӣ бекор кардани шартнома яке аз асосҳои қатъ гардидани шартнома зикр гардидааст, ки оиди ҳолати мазкур болотар қайд карда шуд.

Аввалан, зарур аст мавқеи лизингдеҳро ҷиҳати бо талаби ӯ бекор кардани шартнома мавриди таҳлил қарор дод. Ҳамин тавр, лизингдеҳ метавонад бо сабаби аз ҷониби лизинггир иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ шартномаи лизингро қатъ намояд. Дар ин маврид шартномаи лизинг метавонад катъ гардад, ки ин боиси гирифтани предмети лизинг аз лизинггир мегардад. Гирифтани предмети лизинг метавонад бо қарори суд (барои ин лизингдеҳ бояд асосҳое дошта бошад, ки аз ҷониби тарафи дигар вайрон кардани шартномаро тасдиқ мекунанд) ё ихтиёран анҷом дода шавад [4, с. 151]. Муаллиф дар ин ҷо ду ҳолати бекор кардани ин шартномаро пешбинӣ намудааст: ихтиёрӣ ва судӣ.

Мувофиқи банди “а” қисми 2 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” агар лизинггир ҳолати мавзӯи лизингро ба таври назаррас бад гардонад, дар ин ҳолат аз рӯи талаби лизингдеҳ шартномаи иҷораи молиявӣ мумкин аст бо созишномаи тарафҳо ё аз ҷониби суд пеш аз муҳлат бекор карда шавад, мавзӯи иҷораи молиявӣ бошад, ба лизингдеҳ аз ҳисоби лизинггир баргардонида мешавад.

Дар асоси ин муқаррарот агар лизинггир уҳдадории худро вобаста ба истифодабарии мавзӯи лизинг иҷро накунад ё ба таври номатлуб иҷро кунад шартномаи лизинг метавонад бо ташабуси лизингдеҳ бекор карда шавад ва мавзӯи лизинг аз ҳисоби лизинггир ба лизингдеҳ баргардонида шавад. Зеро тибқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” [5] лизинггир уҳдадор аст, дар сурати ба шартҳои шартномаи лизинг ҷавобгӯй будани мавзӯи лизинг онро қабул намояд ва мавзӯи лизингро аз рӯи таъиноташ тибқи шартнома иҷораи молиявӣ истифода барад.

Дар моддаи 516 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми шартномаро ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тарафи дигар шартнома бо талаби яке аз тарафҳо бо роҳи судӣ тағйир ё бекор карда мешавад. Вайронкунии шартнома аз ҷониби яке аз тарафҳо, ки боиси ба тарафи дигар расондани хисорот мегардад ва онро то дараҷаи назаррас аз ба даст овардани чизе, ки ҳангоми бастани шартнома дар назар дошта метавонист, маҳрум мекунад, ҷиддӣ дониста мешавад.

Ё ин, ки тибқи моддаи 687 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми вазъи молу мулкро ба таври назаррас бад гардонидани иҷорагир иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад пеш аз муҳлат шартномаро бекор намояд [6]. Ҳолати мазкур дар масъалаи бекор кардани шартномаи лизинг низ тааллуқ дорад, зеро бад гардонидани ҳолати мавзӯи лизинг ба лизингдеҳ метавонад хисорот ба таври ҷиддиро ба вуҷуд оварда, муқаррароти мазкур нисбати шартномаҳо, аз ҷумла шартномаҳои иҷора ба таври умумӣ пешбинӣ карда шуда, вобаста ба шартномаи лизинг Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” муқаррароти махсусро пешбинӣ намудааст.

Ба таври назаррас вайрон кардани шартҳои шартнома аз тарафи контрагенти ӯ ҳамчун асоси тағйир додан ва бекор кардани шартнома мегардад ва ҳамчунин суд бояд муайян намояд, ки то чӣ андоза фоидаи асосноки тараф дар муқоиса бо он ки воқеан ба даст овадааст, фарқ мекунад. Ба таври назаррас вайрон кардани шартнома, яъне расонидани зиён ва маҳрум кардан аз фоидаи муайян тарафи дигарро ҳамчун ҳадафҳои ба даст наомадани мақсадҳои шартнома фаҳмида мешавад. Дар ин ҷо мафҳуми зиён бояд ба маънои васеъ фаҳмида шавад. Вай ба ғайр аз масрафҳои зиёд, нагирифтани фоида, инчунин дигар оқибатҳои махсуси инъикоскунандаи манфиатҳои тарафҳоро дар бар мегирад [2, с. 99].

Ҳолати дигари бекор кардани шартнома бо талаби лизингдеҳ ин аст, ки агар лизинггир мавзӯи лизингро бо вайрон кардани шартҳои шартномаи лизинг ё шартҳои таъинотии мавзӯи лизинг, сарфи назар аз огоҳии хаттии лизингдеҳ дар бораи хотима додани ҳамин гуна амалҳо, истифода барад (б. б, қ. 2 м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)").

Ҳамзамон дар ҳолати аз тарафи лизинггир иҷро нагардидани шартҳои иҷораи молиявӣ, лизингдеҳ ҳуқуқ дорад, ки предмети лизингро аз лизинггир баргардонида гирад. Дар сурате, ки агар оид ба аҳди лизингӣ кафолатҳои иловагӣ гирифта шуда бошад, пас ба ғайр аз предмети лизинг, инчунин предмети гарав низ баргардонида мешавад [7, с. 34].

Агар лизинггир баъди ба охир расидани муҳлати пардохте, ки шартномаи лизинг муқаррар намудааст, ду маротиба ва ё бештар аз он паси ҳам пардохти номбурдаро, ворид накунад асос барои бекор кардани шартнома бо ташабуси лизингдеҳ мегардад (б. в, қ. 2 м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)").

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" ба лизингдеҳ ҳуқуқ дода шудааст, ки пардохтҳои лизинги муҳлаташон гузаштаро, ки бояд ба ӯ пардохт карда шаванд ва инчунин ҷуброни зарарро талаб намояд. Дар асоси ин талабот лизингдеҳ ҳуқуқ дорад дар баробари пардохти лизингӣ, ки муҳлати он гузаронида шудааст, инчунин ҷуброни зарарро вобаста ба он талаб намояд. Агар лизинггир паси ҳам ду маротиба ё бештар аз он пардохти лизингиро анҷом надиҳад, асос барои бекор кардани шартнома аз ҷониби лизингдеҳ мешавад, зеро лизинггир уҳдадории худро ба таври матлуб иҷро накард. Муқаррароти мазкур дар қонун махсус ба муносибатҳои лизингӣ бахшида шудааст, ки муқаррароти умумиро вобаста ба шартномаҳои иҷора дар моддаи 687 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он ҷо яке аз ҳолатҳои қатъ гардидани шартномаи иҷора ин зиёда аз ду маротиба паиҳам баъди хатми муҳлати пардохти муқарраркардаи шартнома музди истифодаи молу мулкро пардохт накунад, маҳсуб меёбад.

Агар лизинггир таъмири асосии мавзӯи лизингро дар мӯҳлатҳои дар шартномаи лизинг муқарраргардида ва дар сурати дар шартнома набудани онҳо бошад, дар муҳлати муқаррари анҷом надиҳад, дар ҳамон ҳолатҳое, ки мутобиқи қонун ё шартномаи иҷораи мол уҳдадории гузаронидани таъмири асосӣ ба зиммаи лизинггир гузошта шуда бошад асос барои бекор кардани шартнома бо ташабуси лизингдеҳ ва мавзӯи лизинг бошад, ба лизингдеҳ аз ҳисоби лизинггир баргардонида мешавад (б. г, қ. 2 м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)").

Ҳолати мазкур лизинггирро уҳдадор менамояд, ки таъмири асосии мавзӯи лизингро анҷом диҳад, ба шарте ки дар шартнома ё қонун тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, зеро тибқи қисми 3 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" лизинггир аз ҳисоби худ хизматрасонии техникии мавзӯи лизингро ба ҷо меорад, нигоҳдории онро таъмин мекунад, инчунин таъмири асосӣ ва ҷории мавзӯи лизингро анҷом медиҳад, агар дар шартномаи лизинг тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Дар шартнома бо розигии якдигар таъмири асосии мавзӯи лизингро ба зиммаи лизингдеҳ гузошта бошанд, пас дар ин ҳолат лизингдеҳ бояд худ таъмири асосиро анҷом диҳад, зеро қонун низ тартиби дар шартнома муқарраргардидаро афзалиятнок ҳисоб менамояд.

Дар асоси сархати 4 қисми 1 моддаи 687 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз асосҳои қатъ шудани шартномаи иҷора пеш аз муҳлат бо талаби иҷорадеҳ ин дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартномаи иҷора ва дар сурати мавҷуд набудани онҳо дар шартнома дар муҳлатҳои оқилона дар ҳолатҳое, ки агар мутобиқи қонун ё шартнома уҳдадории таъмири асосӣ ба зиммаи иҷорагир бошад, таъмири асосии молу мулкро

анҷом надиҳад, маҳсуб меёбад. Ҳолати мазкур низ тибқи қоидаҳои умумӣ нисбат ба ҳама гуна навъи иҷора татбиқ карда мешавад, ки ин ҳолат дар қонун нисбат ба шартномаҳои лизингӣ ҳамчун муқаррароти махсус муқаррар карда шудааст.

Ба ғайр аз ҳолатҳои номбурда, ки бо талаби яке аз тарафҳо шартнома бекор карда мешавад, ин ҷо танҳо бо талаби лизингдеҳ мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ки қонунгузорӣ инчунин ҳолатҳоеро, ки бо талаби лизинггир ҷиҳати бекор кардани шартнома муқаррар намудааст.

Асосҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бо талаби лизинггир асосан дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” муқаррар карда шудааст, инчунин қоидаҳои умумӣ оид ба тағйирдиҳӣ ё бекор кардани ин шартнома дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст.

Мувофиқи банди “а” қисми 3 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” агар лизингдеҳ мавзӯи лизингро надиҳад ё барои истифодаи мавзӯи лизинг мутобиқи шартҳои шартнома монеаҳо ба вуҷуд орад, дар ин ҳолат асос барои бекор кардани шартнома пеш аз муҳлат бо ташабуси лизинггир мегардад.

Яке аз асосҳои дигари бо ташабуси лизинггир бекор кардани шартнома пеш аз муҳлат, ин дар ҳоле ки агар лизингдеҳ муҳлати таҳвили мавзӯи лизингро вайрон карда бошад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки таҳвилгарро лизинггир интихоб намуда бошад (б. “в”, қ. 3 м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)”).

Ҳангоми бастани шартномаи лизинг лизингдеҳ уҳдадор мешавад, ки ба лизинггир дар муҳлати муқарраргардида мавзӯи лизингро дастрас намояд. Лизингдеҳ вазифадор аст молу мулкеро, ки мавзӯи лизинг мебошад дар ҳолати мутобиқбуда ба шартҳои шартномаи иҷораи молиявӣ ва таъинотии ҳамин молу мулк ба лизинггир пешниҳод намояд. Мавзӯи лизинг дар якҷоягӣ бо ҳамаи асбобу анҷом ва ҳуҷҷатҳо (шиносномаи техникӣ ва ғайра) ба лизинг дода мешавад, агар дар шартномаи лизинг тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

Бояд зикр намуд, ки агар таҳвилгарро, яъне субъекти интиқолдиҳандаи мавзӯи лизингро лизинггир интихоб намуда бошад, пас дар ин ҳолат дар муҳлати муқарраргардида мавзӯи лизинг ба лизинггир нарасад, дар ин ҳолат лизингдеҳ уҳдадорӣ надорад ва ин ҳолат ҳамчун асос барои бо ташабуси лизинггир бекор кардани шартнома пеш аз муҳлат намегардад.

Ҳолати дигареро, ки қонунгузорӣ ҳамчун асоси бекор кардани шартнома пеш аз муҳлат бо ташабуси лизинггир муқаррар намудааст, агар лизингдеҳ таъмири асосии мавзӯи лизингро дар муҳлатҳои дар шартномаи лизинг муқарраргардида ва дар сурати дар шартнома набудани онҳо бошад дар муҳлатҳои муқаррарӣ анҷом надиҳад, дар ҳамон ҳолатҳое, ки мутобиқи қонун ё шартномаи лизинг уҳдадории гузаронидани таъмири асосӣ ба зиммаи лизингдеҳ гузошта шуда бошад (б. “г”, қ. 3 м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)”).

Ҳамзамон агар ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” назар кунем пас маълум мегардад, ки дар моддаҳои 9, 11 ва 13 таъмири асосӣ ва ҷории мавзӯи лизинг уҳдадории лизинггир муқаррар карда шуда, танҳо дар як ҳолат онро ба зиммаи лизингдеҳ вогузор намудааст (моддаи 11) ҳамон ҳам ба шарте, ки дар шартнома ё дар қонунгузорӣ таъмири мавзӯи лизинг ба зиммаи лизингдеҳ гузошта шуда бошад.

Асосҳои болозикр нисбат ба шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) қоидаи умумӣ ба шумор рафта, муқаррароти пешбининамудаи Қонун қоидаи махсус маҳсуб меёбад.

Аслан ҳолатҳое, ки дар боло мавриди таҳлил қарор дода шуданд, аз муқаррароти махсуси қонунгузорӣ вобаста ба шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бармеоянд.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва меъёрҳои дигари санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ҳолатҳои дигареро муайян менамоянд, ки онҳо низ метавонанд ҳамчун асос барои қатъ гардонидани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) баромад намоянд.

Чунончӣ, Ҳ.З. Бобохонов қайд менамояд, ки бояд ду категорияи бо ҳам монанд, яктарафа тағйир додан ва бекор кардани шартнома ва яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома бояд фарқ карда шавад. Ҳангоми яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома, агар чунин радро қонун ё созишномаи тарафҳо иҷозат диҳад, шартнома мувофиқан бекор ё тағйирдодашуда ба ҳисоб меравад. Яктарафа тағйир додан ва бекор кардани шартнома бидуни мақомоти судӣ ғайриимкон аст. Аммо, яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома бидуни муроҷиат ба суд имконпазир аст. Дар ҳолати яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмани шартнома зарур аст махсусан муайян намоем вақти қувваи ҳуқуқӣ пайдо кардани чунин рад карданро. Пеш аз ҳама ба инобат гирифтан зарур аст, ки мувофиқан ба намудҳои алоҳидаи шартномаҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст уҳдадории пеш аз муҳлат огоҳкунӣ тарафи дигарро оиди қатъ кардани шартнома [2, с. 100-101]. Дар воқеъ андешаи мазкур қобили дастгирист, зеро шартнома яктарафа танҳо бекор карда намешавад, он рад шуданаш низ имконпазир мебошад.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисмати шартнома метавонад ҳамчун яке аз асосҳои қатъ гардидани шартнома баромад намояд.

С.Б. Королев асосҳои қатъ гардидани шартномаи лизингро чунин таснифбандӣ намудааст:

- бекор кардани шартнома бо талаби яке аз тарафҳо;
- қатъ кардани шартнома баъди фаро расидани ҳодисаи муайян;
- қатъ кардани шартнома бо сабаби муфлисшавии иҷорадеҳ ё иҷорагир;
- қатъ кардани шартнома ҳангоми барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ [8, с. 138-143].

Албатта андешаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад, зеро муаллиф инҷо қариб тамоми паҳлӯҳои бекор кардани шартномаи лизингро муайян намудааст. Чи тавре болотар қайд гардид, таҳлили қонунгузории лизинг нишон медиҳад, ки онҷо ҳамчун асоси бекор ё тағйир додани ин шартнома муқаррароте пешбинӣ карда шудааст, ки он бо хоҳиши яке аз тарафҳо анҷом дода мешавад.

Муфлис эълон шудани шахси ҳуқуқӣ боиси барҳамдиҳии он мегардад, ки ин ҳолат боиси қатъ гардидани он бидуни гузаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо бо роҳи мерос ба шахсони дигар мегардад. Мувофиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” муфлисшавӣ – аз тарафи қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ, ки аз ҷониби суд эътироф шудаанд ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст [9]. Дар ҳолати муфлис шудани яке аз тарафҳои шартномаи лизинг низ ин шартнома бекор карда мешавад, аниқтараш ба таври худкор амали шартнома қатъ мегардад.

Вобаста ба таҳлили асосҳои қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) чунин хулосабарорӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст:

Таҳлили қонунгузории маданӣ вобаста ба асосҳои тағйир додан ва бекор кардани шартномаи лизинг нишон медиҳад, ки бисёре аз меъёрҳо хусусияти такрорёбӣ дошта, асосҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардани шартномаи лизинг, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” муқаррар гардидааст, такрорёбии меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба асосҳои қатъ гардидани шартномаи иҷора мебошад. Аз ин лиҳоз ҷиҳати бартараф намудани такрорёбии ин меъёрҳо мувофиқи мақсад аст, меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи

иҷораи молиявӣ (лизинг)” вобаста ба асосҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардани шартнома таҳдиди назар карда шавад.

Таҳлили қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки асосҳое, ки дар Қонун барои тағйирдиҳӣ ва бекор кардани шартнома муқаррар гардидааст, бо талаби яке аз тарафҳо анҷом дода мешавад, аз ин лиҳоз мувофиқи мақсад аст, ҳамаи ин ҳолатҳоро ҳамчун як асоси қатъ гардидани шартномаи лизинг дар намуди “қатъ гардидани шартномаи лизинг бо хоҳиши яке аз тарафҳо” дарҷ намоем.

Дар маҷмуъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки бо мақсади мукаммал намудани меъёрҳо, хориҷ кардани меъёрҳои куҳна ё амалнакунанда, бартараф намудани такрорёбии меъёрҳо, мушаххасу возеҳ намудани асосҳои қатъ гардидани шартномаи лизинг мувофиқи мақсад аст, дар таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” моддаи 11 дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

“Моддаи 11. Асосҳои қатъ гардидани шартномаи лизинг

1. Шартномаи лизинг дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

1) бо талаби яке аз тарафҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ;

2) гузашт кардани лизингдеҳ оиди ҳуқуққои худ вобаста ба мавзӯи лизинг;

3) қатъ кардани шартнома баъди фаро расидани ҳодисаи муайян;

4) қатъ кардани шартнома бо сабаби муфлисшавии лизингдеҳ ё лизинггир;

5) қатъ кардани шартнома ҳангоми барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ.

6) дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузорӣ ҳамчун асос барои қатъ гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳо муқаррар намудааст.

2. Тарафҳои шартномаи лизинг метавонанд бо талаби яке аз тарафҳо шартҳои шартномаро тағйир диҳанд”.

АДАБИЁТ

1. Санисалова Н.А. Гражданско-правовые отношения субъектов договора лизинга: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2005. – С. 138.
2. Соҳибов М.М., Саидов Ҳ.М., Хоҷамуродов Д.Г., Бобохонов Ҳ.З. Ҳуқуқи шартномавӣ / Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 24.
3. Гражданское право Российской Федерации. Учебник. Т. I /Под ред. О. Н. Садиков. - М.: «Контракт», 2006. - С.372.
4. Прудникова А.Е. Лизинг как особый вид аренды: дис... канд. юрид. наук. - Краснодар, 2003. - С. 150-151.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24 августи соли 2024).
6. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24 августи соли 2024).
7. Тартиби гузаронидани амалиётҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) ва механизми баргардондани маблағҳои пулӣ ба КВДҶ “Тоҷикагролизинг”, ки бо фармоиши Корхонаи воҳиди давлатии Ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” аз 12 майи соли 2008, №05 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2008. – С. 34.
8. Королев С.Б. Правовое регулирование лизинга в Российской Федерации: дис.... канд. юрид. наук. - Москва, 2002. - С. 138-143.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” аз 8 декабри соли 2003, №46 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24 августи соли 2024).

АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ ЛИЗИНГ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллифон асосҳои қатъ гардидани шартномаи лизингро мавриди таҳлил қарор додаанд. Мақолаи мазкур ҳам аз нуқтаи назари адабиёти ҳуқуқӣ ва ҳам дар доираи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ омода карда шудааст. Воқеан муайян намудани асосҳои қатъ гардидан ва бекор кардани шартномаи лизинг дар ҳуқуқи маданӣ масъалаи

мубрам маҳсуб меёбад, зеро дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба ҳолати мазкур баҳсҳои зиёде ҷой доранд. Омода ва таҳия намудани мақолаи мазкур низ саривақтӣ ба шумор рафта, метавонад барои рушди ҳуқуқи мадании кишвар замина гузорад.

Калидвожаҳо: шартнома; шартномаи лизинг; қатъ гардидани шартнома; бекор кардани шартнома; тағйир додани шартнома; ҳуқуқи маданӣ; адабиёти ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ.

ОСНОВЫ ПРЕКРАЩЕНИЕ ДОГОВОРА ЛИЗИНГА В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНАДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье авторы анализируют основы прекращение договора лизинга. Данная статья подготовлена как с точки зрения юридической литературы, так и в рамках требований действующего законодательства Республики Таджикистан и зарубежных стран. Определение основы прекращение и расторжение договора лизинга в гражданском праве является актуальным вопросом, поскольку в юридической литературе имеется множество споров, связанных с данной ситуацией. Подготовка и разработка этой статьи также своевременны и могут заложить основу для развития культурных прав страны.

Ключевые слова: договор; договор лизинга; прекращение договора; расторжение договора; изминение договора; гражданские права; юридическая литература; законодательство.

PRINCIPLES OF TERMINATION OF A LEASING AGREEMENT IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the authors analyze the basics of terminating a leasing agreement. This article was prepared both from the point of view of legal literature and within the framework of the requirements of the current legislation of the Republic of Tajikistan and foreign countries. Determining the basis for termination and termination of a leasing agreement in civil law is a pressing issue, since there are many disputes related to this situation in the legal literature. The preparation and development of this article is also timely and can lay the foundation for the development of cultural rights in the country.

Key words: agreement; leasing agreement; termination of the contract; termination of an agreement; amendment of the contract; civil rights; legal literature; legislation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоназаров Муҳаммадҷон Садриддинович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **880-08-54-45**

Сведения об авторе: ***Мирзоназаров Мухаммадджон Садриддинович*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант 2-го года обучения юридичсеского факультета. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17. Телефон: **880-08-54-45**

Information about the author*: Mirzonazarov Muhammadjon Sadriddinovich* – Tajik National University, second-year master's student, Faculty of Law. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **880-08-54-45**

МАФҲУМИ СЕРШУМОРАГИИ ҶИНОЯТ

Наимҷонзода Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қонуни ҷиноятӣ сершуморагии ҷиноятро ҳамчун институти алоҳида муайян накардааст. Аммо дар қонунгузории амалкунанда бисёр меёрҳое ҳастанд, ки шаклҳои сершуморагии ҷиноятро тасвир кардаанд. Сершуморагии ҷиноят пеш аз ҳама мавқеи дар содир кардани гунаҳгор ду ё зиёда ҷиноят ёфтааст. Аммо қайд карда гузаштан даркор, ки мафҳуми сершуморагии ҷиноят онро дар назди назар надорад, ки шахси гунаҳгор ду ва зиёда ҷиноят содир карда бошаду ба яке аз онҳо вай аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо озод крада шуда, ё ки доғи судиаш барҳам хурда ё қатъ гардида бошад ё ки авфи умумӣ ё шахсӣ баромад, ё ки муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан гузашта шуда бошад.

Аз ҳамин ҷиҳат сершуморагии ҷиноят- ин аз тарафи шахс содир кардани ду ё зиёда ҷиноятҳое, ки мувофиқи Қисми махсуси Кодекси ҷиноӣ ҳамчун ҷиноятҳои алоҳида банду басти карда мешаванд.

Амалияи қонунгузории ҷинояти се шакли сершуморагии ҷиноятро медонад: такрорӣ, маҷмуи ва ретсидиви ҷиноят.

Ба қонунгузории ҷинояти мафҳуми сершумории ҷиноят маълум нест. Аммо, дар тадқиқотҳои назарияви ин мафҳум ба таври умум қабул ва истифода карда мешавад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар робита бо мазмуни он дар адабиётҳо фикру акидаҳои гуногун гуфта шудааст. Ҳамин тариқ, В.П. Малков ва Х.А. Тимершин зери сершумори ҷиноят, «ҳолатҳое, ки оқибати ҳуқуқии махсус меоранд, вақте шахс кирдори харакат (бехаракати) содир мекунад ё кирдорҳои пай дар пай, ду ё зиёда ҷиноят, ки мутобиқи ҳамон як модда (ё моддаҳои гуногуни қонунҳои ҷиноятӣ) мебошанд, ва барои ягонтои онҳо шахс маҳкум нашудааст, ё баъди ба ҷавобгарии чинояти кашидан барои ҷинояти қабли содир кардааст, агар на камтар аз ду ҷиноятҳои содиршуда оқибатҳои ҳуқуқи- ҷиноятие, ки тибқи дар қонун зикршуда бекор карда нашуда бошад, ин баробар аст агар барои оғози парвандаи ҷинояти монеаҳои мурофиавӣ- ҷиноӣ набошад мефаҳманд»[6].

Ин таъриф ба фикри мо камбудиҳо ва бисёр калимаҳои нолозим дорад. Дар ин ҷо, дар якҷоягӣ бо нишонаҳои сершумори ҳамчун мафҳуми умумӣ ба баъзе аз нишонаҳои ҷудогона ва шаклҳои он таъсир мерасонад, (маҷмуии ҷиноят, ретсидив), ки душвор аст, ҳамчун дуруст ҳисобида шавад. Илова бар ин, зиёда ба назар мерасад, хаволакуни ба оқибатҳои ҳуқуқи- ҷиноӣ ва инчунин ба набудани монеаҳои мурофиавӣ ба оғози парвандаи ҷиноятӣ. Дар ин лаҳзаҳо на хосиятҳои сершумории ҷиноят, на нишонаҳои он, балки иникоси муқарароти умумии қонуни ҷинояти, нисбати бисёр мафҳумҳои ҳуқуқӣ ҷиноятӣ ва муассисаҳо мебошад мефаҳмонад.

М.И.Бажанов. дар бораи он дуруст қайд мекунад, ки ҷори намудани хусусиятҳои иловагӣ, асоснок намебошанд. « Мухлати гузариши ё авф ё микдори ҳукмхои қабулшуда ва ғайра –менависад у - ин монеаҳои умумӣ, ба истиснои имконияти ба ҷавобгарии ҷинояти кашидан ва аз ҷониби як шахс содир кардани ҷиноят мебошад»[4].

Муаллифони дигар, сершумории ҷиноятро, ишора ба микдори нишонаҳо ва санадҳои меъёри ҳуқуқи, ки онро тартиб медиҳад шарҳ медиҳанд. Ҳамин тариқ, А.Фистин менависад- «Мафҳуми сершумории чиноят, ҳамчун нишондиҳандаи босифате, ки миқдори ҷинояти ба ҷамъият хавфноки содир шуда, хамчунин табиати ҳуқуқии онҳо мувофиқати ҷиноятҳои дахлдори мушаххаси содиршуда мебошад, тавсиф мешавад.»

Чунин тавсифи сершумори он қадар хуб намебошад. Дар ин ҷо боз ишора ба худи вақт - мувофиқи нишонаҳои ҷиноятҳои мушахаси содиршуда нишон медиҳад. Равшан аст, ки дар сурати набудани мувофиқат кардан ғайриимкон аст, ки на дар бораи ҷиноятҳои ягона, на аз сершумори онҳо сухан рондан мумкин аст.

«Асос дар сершумори ҷиноятҳо - барҳақ шарҳ медихад И.Б.Агаев, ки - на танҳо миқдори ҳаракатҳо, инчунин миқдори таркиби ҷиноят ҳисоб мешавад»[3]. Ба ин вазъият Р.Р.Галиакбаров, М.А.Ефимов ва Е.А.Фролов нишон медиҳанд, ки сершумори ҳамчун «кирдори ҳамон шахс якчанд ҷиноят, ҳар як аз он, аз тарафи қонун, дорои нишонахои ҷинояти алоҳидаро мегирад» муаян мекунад[5].

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои вуҷуд доштаи сершумории ҷиноят миқдори аз ҷониби як шахс содир кардани якчанд ҳаракате, ки ҳар яке аз он дар моддаҳои алоҳидаи кодекси ҷинояти мустаҳкам шудааст.Ақидаҳои гуногуни доир ба шакли сершуморагии ҷиноят дар адабиётҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вуҷуд дорад. Т.М. Кафаров чунин мешуморад, ки дар шакли сершумории ретседиви, такрори, сершумории чинояти реалии ва идеали мебошад. Бисёре аз муаллифон, махсусан, А.М.Яковлев, Г.Т.Тшекелиадзе, П.С.Дагел, К.А.Панко, В.Ф.Шмелев ба шакли сершумори такрори, сершумори ва ретседиви чиноятро дохил мекунанд. Акидаи дигар дар ин масъала В.П.Малков кайд мекунад, ки асоси чудо намудани шакли сершумори бояд ҳуқуқи не, балки критерияи иҷтимоӣ, ки инъикосгари рафтори шахсе дар вақти содир кардани ҷиноят мебошад. Замима бар ин масъала ин муаллиф оид ба шакли сершумории ҷиноятҳо такрори ва идеалиро дохил мекунад. Чудо кардани ин ақидаҳо Ю.А.Красиков сершумории такрориро чудо мекунад; а)-такрорие, ки дар кисми умумии кодекси чинояти пешбини шудааст (содир кардани чиноят аз чониби шахсе, пеш аз ин ҷиноят содир кардааст, ретсидиви махсусан хавфнок,) ва б) такрори, ки ҳар қисми махсуси кодекси ҷинояти пешбини шудааст.

Дар ҳамин андеша низ, ки аз чониби якчанд муаллифони дигар низ ҷонибдори мешаванд, аз ҷумла Н.А.Жирков.

В.П.Малков қайд мекунад, ки дар қонунгузории ҷинояти ин мафҳум бо як маъно дода намешавад. Дар баъзе ҳолатҳо, масалан, вақте, ки такрори ҳамчун ҳолат дида мешавад, ҷазои вазнинкунанда мазмуни васеъ дорад, дар сурате, ки агар ба сифати аломатҳои гурӯҳи ҷинояти мушахас баромад кунад маънои васеъ надорад. Инчунин муаллиф қайд мекунад, ки такроро ба сифати шакли сершумории ҷиноят гуфтан мо ин мафҳумро мазмуни васеътар медиҳем. Ба ибораи дигар, В.П.Малков ва дигар тарафдорони ин нуқтаи назар такрорро ҳамчун мафҳуми дар ҳар ваҷт содир кардани якчанд чиноят мебошад. Аз инчо онхо ба хулоса омаданд, ки такрори хам сершумории реали ва хам ретсидиви чиноятро якчоя мекунад, инчунин такрори хамчун аломатхои гурухи дар моддахои алоҳидаи Кодекси ҷинояти мебошад. Дигар муаллифон низ ба мафхуми такрори маънои васеъ намедиханд. Онҳо такрориро дар баробари бо ретседиви чиноят мебинанд, ки бештар асоснок ба назар мерасад[6].

Кодекси ҷиноятии ҳозир амалкунанда 3 намуди сершумории ҷиноятро пешбини кардааст; маҷмуи ҷиноят, такрори ҷиноят ва ретседиви ҷиноят. Бояд гуфт, ки баъзе аз олимон дар таҳияи мафҳуми маҷмуи ва сершумори норасоиҳо доранд. С.Ф.Милюков барҳақ қайд мекунад, ки дар ҳолати ҳузурдошта оиди татбиқи ҷазо бо сершумории ҷиноят аз чониби шахс содиршуда мисол; ду роҳзанӣ метавонад на зиёда аз 7 сол чазо татбик шавад, дар ҳолате ки ҳам дуздӣ ва ҳам ғоратгарӣ содир шавад, ки албатта категорияи начандон вазнин мебошад, ки ҷазо на камтар аз 20 сол аз озоди маҳрум карда мешавад. Инчунин муаллиф қайд мекунад, ки содир кардани се роҳзанӣ, метавонад мутобиқи қисми 2 банди «а» моддаи 249 (такроран) на зиёда аз 12 сол аз озоди маҳрум карда мешавад, дар ҳолате, пай дар пай дуздӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ содир карда

бошад,танҳо бо аломатҳои маҷмуи ҷиноят ҷазо татбиқ карда мешавад, ки то 20 сол аз озоди маҳрум сохтан аст[7].

Оиди саволи квалификатсияи одамкуши ва татбиқи ҷазо ба қарори Пленуми Суди Олии оид ба таҷрибаи судӣ бо парвандаҳои ин гурӯҳи ҷиноятҳо ҳавола мекунад, С.Ф.Милюков қайд мекунад, ки шахсе, ки якчанд даъфа одамкуши содир кардааст дар мавқеи беҳтар аз шахсе, ки як одамкуши ва расонидани зарари ҷисмонӣ ба саломати расонидааст мебошад. Агар шахси аввал ҷазои маҳрум кардан аз озоди на зиёдтар аз 20 сол татбиқ гардад, барои шахси дуюм бошад метавонад то 25 сол аз озоди татбиқ гардад.

Мафҳуми такрорӣ ва дидани он квалификатсияи аломатҳо бо тибқи таркиби ҷиноят оиди хавфи зиёд доштан ба ҷамъият аз ҷинояти такрори инъикос карда шудааст. Вале, ба фикри мо, мақсаде, ки ба пешниход мешавад, конунгузор дар назди худаш гузоштааст, метавонад тағйиротхои камтари радикалӣ оварда бошад. Онҳо метавонанд, танҳо дар хориҷ кардани санъат сухан. Дар адабиёти қонуни ҷиноятӣ қайд мешавад, ки сершумории ҷиноят - ин институти мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳудуд ва тартиби ҷавобгариро хангоми содир кардани якчанд ҷинояте, ки ҳам қисми махсус ва ҳам дар қисми умумии кодекси ҷинояти буда таъсир мерасонад. Дар ин бора, савол ба миён омад, ки кадом аз ин қисмҳо дар институти гуфташуда дида мешавад. Бо қабули қонуни нав акнун, дар меъёрҳои қисми махсуси ҳуқуқи ҷинояти ягон муқаррарот оид ба институти сершумории ҷиноят мавҷуд нест. Бо ин қонун, чунон ки маълум аст, дар меъёрҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ талаботхо оид ба маҷмуъи ҷиноят ва содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки доги суди дорад, яъне ретседив, ки хамчун квалификатсияи аломатҳо дар таркиби бисёр ҷиноятҳо дида мешуд истисно аст.

Ҳамин тавр, дар айни замон институти ҳуқуқи ҷиноятии сершумории ҷиноят танҳо дар меъёрҳои қисми умумии кодекси ҷинояти омадаанд, ки мафҳуми он 2 шакли онро муайян мекунад-1) сершумори, 2) ретседив. Илова бар ин, ба ақидаи мо, дар институти сершумории бояд меъёрҳо низ ворид шавад.

Дар китоби дарсии Сатторов Г.С, Азимов Н.Б, Насриддинов М.Н, ва Икромов Ч.З, маҷмуи нақшаҳо (қисми махсус), ки соли 2009 ба чоп расидааст, оиди мафҳуми сершумории ҷиноятхо чунин омадааст; содир намудани ду ва зиёда ҷиноятҳое, ки ҳар яке аз онҳо таркиби мустақили ҷиноятҳоро ташкил медиҳанд сершумории ҷиноят эътироф карда мешавад. Сершумории ҷиноятро ба шаклҳои зерин ҷудо кардаанд[8];

1) Такрори ҷиноят (м.19 КҶ)

Мувофиқи қ. 1 м. 19 КҶ– такрори ҷиноят кирдори эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷиноят дар ҳамон як мода (мисол, содир кардани тасаруфи муҳими амволи ғайр имрӯз ва фардо) ё қисми моддаи КҶ содир намудааст (мисол, содир кардани қ. 1 м. 244 КҶ ва қ. 2 м. 244 КҶ).

Содир кардани ду ва ё зиёда аз он ҷинояти дар моддаҳои мухталифи КҶ пешбинигардидаро танҳо дар ҳолатҳое такрори ҷиноят ҳисобидан мумкин аст, ки агар он дар қисми махсуси КҶ зикр гардида бошад.

Такрори ҷиноят (м. 19 КҶ) яке аз шаклҳои сершуморагии ҷиноят.

2) Маҷмуи ҷиноят (м.20 КҶ).

Содир кардани ду ва ё зиёда аз он кирдори ҷиноятии дар моддаҳои гуногун ё қисмҳои мухталифи ҳамон моддаҳои қисми махсуси КҶ пешбинигардида, ки шахс барои ҳеҷ кадоми онҳо маҳкум нашудааст.

Маҷмуи ҷиноят дар навбати худ ба 2 намуд ҷудо мешавад;

а) Маҷмуи идеали-ду ё зиёда кирдори ҷинояти, ду ё зиёда ҷиноятҳои мухталифи КҶ дар бар мегирад.

б) Маҷмуи реалии-бо як кирдор шахс ду ва ё зиёда ҷиноят содир мекунад.

3) Ретсидиви ҷиноят (м.21 КҶ)

Ретсидиви ҷиноят гуфта, аз тарафи шахс содир кардани ду ва зиёда ҷиноят, ки барои яке аз онҳо гунаҳкор ба ҷавобгарӣ кашида шудааст.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998
3. Агаев И.Б. Совокупность преступлений: понятие, виды и наказуемость. М., 2003. С. 124
4. Бажанов М.И. Назначение наказания по советскому уголовному праву. Киев. 1996
5. Ефимов М.А., Фролов Е.А. Ответственност за хищение социалистической собственности //Советское государство и право. 1996. №7. С. 16.
6. Малков В.П., Тимершин Х.А. Множественность преступлений. Уфа, 1995. С. 7-8
7. Милюков С.Ф. Российское Уголовное законодательство; опыт критического анализа. СПб., 2000. С. 251-252
8. Сатторов Г.С., Азимов Н.Б., Насриддинов М.Н., Икромов Ч.З. Ҳуқуқи ҷиноятӣ(Қисми умумӣ)-Душанбе,2010.230с.

МАФҲУМИ СЕРШУМОРАГИИ ҶИНОЯТ

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми қонунгузории ҷиноятӣ, аз қабили мафҳуми сершуморагии ҷиноят бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмии соҳа ва қонугузории амалкунандаи ҷиноятӣ масоили сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ оиди мафҳуми сершуморагии ҷиноят тибқи қонунгузории ҷиноятӣ таҳлилу барраси карда шудааст.

Калидвожаҳо: қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ, мақсади ҷазои ҷиноятӣ, барқарор намудани адолати иҷтимой, ислоҳи маҳкумшуда, пешгирии содиршавии ҷиноят, мафҳуми сершуморагии ҷиноят.

ПОНИЯТИЕ СВОКУПНОСТЬ ПРЕСТУПЛЕНИИ

Данная статья посвящена одному из важных вопросов уголовного законодательства, такому как пониятие свокупность преступлении. На основе изучения научной литературы отрасли и действующего уголовного законодательства проанализированы и рассмотрены вопросы уголовно-правовой политики относительно назначения пониятие свокупность преступлении по уголовному законодательству.

Ключевые слова: уголовное закон, преступление, уголовная ответственность, цел уголовного наказания, восстановление социальной справедливости, исправление осужденных, предупреждение преступности, пониятие свокупность преступлении.

PURPOSE OF CRIMINAL PUNISHMENT

This article is devoted to one of the important issues of criminal legislation, namely the concept of a plurality of crimes. Based on the study of scholarly literature in the field and the current criminal legislation, the issues of criminal law policy regarding the definition of the concept of a plurality of crimes under criminal law are analyzed and examined.

Keywords: criminal law, crime, criminal liability, purposes of criminal punishment, restoration of social justice, correction of convicted persons, crime prevention, concept of a plurality of crimes.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Наимҷонзода Нушофарин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли якуми кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **886040005**

Сведения об авторе: ***Наимджонзода Нушофарин*** - Таджикский национальный университет, магистр 1 курса кафедры уголовного права и борьбы с коррупцией юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **886040005**

Information about the author: ***Naimjonzoda Nushofarin*** - Tajik National University, 1 year Master of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17. Phone: **886040005**

МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ХОСИ ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКӢ ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНӢ

Одилова М. А.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷаҳони муосир муқаррар намудани меъёрҳои баланд вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки ҳар як давлат маҳсуб меёбад. Асосан ҳолати мазкур баъди ба таври ҷиддӣ поймол гардидани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба вуҷуд омад.

Таҳлили таърихии мавзуи мазкур нишон медиҳад, ки масъалаи танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ аз аввал предмети батанзимдарории ҳуқуқи маданӣ ба шумор мерафт. Қонунгузории маданӣ на танҳо ба шаҳрвандон ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи моддии онҳо ба воситаи танзими муносибатҳои молу мулкӣ, балки барои қонеъ намудани арзишу неъматҳои маънавии ӯ ва ҳимояи онҳо хизмат менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳо вобаста ба танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир он дар ҳоли рушд қарор дошта, давра ба давра дар низоми қонунгузории ҷумҳурӣ танзим шуда истодааст.

Ҳанӯз дар Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 дар моддаи 1 муқаррар шуда буд, ки “дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, инчунин Кодекси мазкур муносибатҳои шахсии ғайримолумулкиро низ танзим менамояд”.

Аммо таҳлили Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон нишон медиҳад, ки асосан дар он давра муносибатҳои молу мулкӣ ба таври васеъ танзим гардида, вобаста ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ягон муқаррарот пешбинӣ нагардида буд. Дар муқоиса бо Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон институти ҳуқуқҳои шахсии ғайримолу мулкӣ ба таври васеътар танзим гардида буд.

Вобаста ба мафҳуми ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назари гуногун ҷой дорад, аммо мафҳуми расмии он дар моддаи 166 қисми 2 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] ба таври зерин муқаррар карда шудааст: “ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ҳуқуқи субъективӣ буда, нисбат ба неъматҳои ғайримолумулкӣ ба вуҷуд омада, мазмуни иқтисодӣ надошта, бо шахсияти инсон робитаи ногусастанӣ дошта, ба муайянсозӣ ва инкишофи фардият равона шуда, хусусиятҳои хоси бавуҷудоӣ ва қатъшавӣ дорад”.

Аз мафҳуми дар қонунгузорӣ пешбинишуда чунин хусусиятҳо ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро ҷудо намудан мумкин аст: ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ин ҳуқуқи субъективии шахс мебошад; ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ танҳо нисбат ба неъматҳои ғайримолумулкӣ ба вуҷуд меояд; ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ба монанди ҳуқуқҳои молу мулкӣ хусусияти иқтисодӣ надорад; ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ бо шахсияти инсон робитаи зич дорад ва аз он ҷудонопазир мебошад; ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ба муайянсозӣ ва инкишофи фардият равона шудааст; ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ хусусиятҳои хоси бавуҷудоӣ ва қатъшавиро дорост.

Дар ҳамин замина М.М. Соҳибзода ва Б.С. Шерзода қайд менамоянд, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ин ҳуқуқи субъективии маданӣ мебошад, ки дар заминаи неъматҳои ғайримоддӣ пайдо гардида, хусусияти аз субъект ҷудонопазирӣ доранд, арзиши мушаххаси иқтисодӣ надошта, дар муомилоти молу мулкӣ қарор дошта наметавонанд. Дар воқеъ андешаи мазкур қобили дастгирист, зеро муаллифон бо такя ба муқаррароти қонунгузорӣ чунин хусусиятҳои ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро баён доштаанд, аммо дар ин ҷо саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки оё тамоми ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар муомилоти молу мулкӣ буда наметавонанд ё

танҳо ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк алоқаманднабуда? Албатта вобаста ба саволи мазкур баъди таҳлил намудани ин мавзӯъ хулосабарорӣ намудан мумкин аст.

Вобаста ба мафҳуми ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ Ш.Т. Тағойназаров чунин қайд менамояд, ки ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ ҳамчун муносибат вобаста ба ҳуқуққои ғайримоддӣ ва мустақили дорои хусусияти шахсии ба шахс мансуби аз тарафи давлат эътироф ва арзёбишаванда ташаккул ёфтаанд ва моҳиятан чун қоида аз он ҷудонашаванда буда, мавриди танзим қарор дода шуда, қонунан аз ҷониби ҳар як шахс амалӣ карда мешавад. Муаллиф ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкиро ҳамчун ҳуқуққои ғайримоддии хусусияти шахсӣ дошта, ки онҳо аз ҷониби давлат кафолат дода шудаанд ҳисоб менамояд, ки дар воқеъ ин гуна ҳуқуққо аз инсон ҷудонашаванда ба шумор рафта, танҳо дар низоми қонунгузорӣ танзим гардидаанд.

Асосан падидаи ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ дар қонунгузории маданӣ падидаи нав набуда, заминаи таърихӣ ҳуқуқиро доро мебошад. Муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ солҳои зиёд мавриди танзими қонунгузории маданӣ қарор гирифтааст, аммо муддати ин солҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаеро эътироф мекарданд, ки гӯё ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ аз ҷониби қонунгузории маданӣ танзим нагардида, балки фақат ҳифз карда мешавад.

Дар баробари ин олимон ва муҳаққиқоне ҷой доштанд, ки соҳаи ҳуқуқи маданиро танзимкунандаи муносибатҳои молу мулкӣ мешумориданд. Дар ҳамин замина Д.И. Мейер қайд менамояд, ки агар мазмуни ҳуқуқи маданиро ҳуқуқи муайянкунандаи муносибати шахс ба молу мулк ташкил диҳад, пас илми ҳуқуқи маданиро метавон илм оид ба муносибатҳои ҳуқуқии молу мулкии шахсон муайян намуд. Дар ин ҷо муаллиф предмети танзими ҳуқуқи маданиро танҳо ба муносибатҳои молу мулкӣ шабеҳ дода, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкиро аз доираи танзими ҳуқуқи маданӣ берун мондааст. Албатта ба андешаи мазкур розӣ шудан душвор аст, зеро доираи танзими муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ исботи илмии худро ёфтааст.

Воқеан ворид намудани падидаи мазкур ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми ин шубҳаҳоро аз байн бурд, зеро 24 декабри соли 2022 бо қабули Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ дар фасли дуюм, ки фарогири моддаҳои 225-254 мебошад, танзими ҳуқуқии худро ёфт. Ворид намудани ин падида барои минбаъд рушд ва инкишоф ёфтани ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ заминаи хуби ҳуқуқиро ба бор меорад.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк алоқаманднабуда асосан ду нуқтаи назар ҷой дорад:

муносибатҳои шахсии молумулкии ба молу мулк алоқаманднабуда предмети батанзимдарории ҳуқуқи маданӣ ба шумор рафта, ба воситаи меъёрҳои қонунгузории ин соҳа танзим ва ҳимоя карда мешавад;

ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк алоқаманднабуда дар доираи танзими ҳуқуқи маданӣ танҳо ҳимоя карда мешаваду халос.

Асосан дар ин ҷо гап сари танҳо ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк алоқаманднабуда меравад, аммо доираи мавзӯе, ки мо бояд таҳлил намоем, амалисозии ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ маҳсуб меёбад.

Танзимнамоии маданӣ-ҳуқуқӣ (дар маънои маҳдуд) ин ҳамеша муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ дар маънои фаъол буда, маҳз бо ин хусусият аз дигар намудҳои танзимнамоии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳимоянамоӣ фарқ менамояд. Аз ин лиҳоз, вақте сухан оид ба аз ҷониби ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории маданӣ ҳимоя намудани ин ё он манфиат, ҳуқуқ ва ё озодӣ меравад, ҳамеша сухан оид ба танзимнамоӣ дар шакли

ғайрифаъол меравад [8, с. 99]. Муаллифон ин ҷо танзими маданӣ ҳуқуқиро маънидод намуда, дар маънои фаъол ё ғайрифаъол пешниҳод намудаанд.

Ҳуқуққои ғайримолумулкӣ ба маънои воқеӣ маҷмӯи институти ҳуқуқиеро ташкил медиҳад, ки меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқиро меомӯзад. Асоси ҳуқуқии кафолати ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ пеш аз ҳама дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] мустаҳкам гардидааст. Махсусан боби дуюми қонуни асосии кишвар ба масъалаи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ки меъёрҳо вобаста ба ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ дар он ба назар мерасад. Инчунин, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф карда шуда, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуққои фитрии инсон дахлнопазир эътироф карда шудааст.

Б.Т. Худоёрзода ва Ҳ.М. Саидов мафҳуми ҳуқуққои ғайримолумулкиро чунин муқаррар намудаанд: ҳуқуққои ғайримолумулкӣ ба маънои ҳуқуқи маданӣ ҳамчун иртиботи байни субъектҳои муайян вобаста ба неъматҳои шахсии ғайримолумулкӣ фаҳмида мешавад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудааст. Дар ин ҷо муаллиф ҳуқуққои ғайримолумулкиро робитаи устувори байни субъектҳои муайян бо неъматҳои ғайримолумулкӣ медонад. Аз ин маълум мешавад, ки шахс нисбат ба неъматҳои молу мулкӣ робита майл дошта, робитаи байни онҳоро меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ танзим менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуққои мазкур ба доираи номгӯйи неъматҳои ғайримолумулкие вобастагӣ дорад, ки қонунгузорӣ аз ҷумла қонунгузории маданӣ муайян мекунад. Илова бар он дар заминаи ин воқеияти ҳимояи неъмату ҳуқуққои ғайримолумулкӣ ба танзим дароварда мешавад.

Дар қонунгузории ҷумҳурӣ, аз ҷумла қонунгузории маданӣ ба ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, эътибори корӣ, ном, ба донорӣ, оила, озодии эҷодиёт, дахлнопазирии манзил ва монанди онҳоро дохил намудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқи нуқтаи назаре ҷой дорад, ки мутобиқи он чунин нишонаҳои ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ ҷудо карда шудааст:

Аз рӯи мазмун ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ бо муносибатҳои вобаста ба неъматҳои ғайримолумулкӣ иртибот дошта, ҳуқуқи субъективии сирф шахсии ғайримолумулкӣ мебошанд;

Ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ танҳо нисбат ба неъматҳои ғайримолумулкӣ, ки хусусияти шахсӣ доранд, ба вуҷуд меоянд;

Ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ мазмуни иқтисодӣ (молу мулкӣ) надоранд ва бо шахси воқеӣ робитаи бевосита дорад;

Ба воситаи ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ муайянсозӣ ва фардикунонии шахси воқеӣ амалӣ мегардад;

Ба шахсони воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд то ба марг тааллуқ доштани ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ;

Номаҳдуд будани ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ;

Ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ ба шахсияти шахсони воқеӣ вобаста буда, ҷудонашаванда ва бегонашаванда мебошад (имконнопазирии фурӯш, мубодила, ҳадя, мерос ва ғайра);

Имконнопазирии интиқол бо усули дигар ва монанди инҳо.

Аз нишонаҳои мазкур маълум мегардад, ки дар ин ҷо ба маънои васеъ ҳуқуққои шахсии ғайримолмулкӣ нишон дода шудааст ва воқеан он ба шахсияти инсон вобастагӣ дошта, хусусияти иқтисодиро фарогир нест.

Вале бояд гуфт, ки ҳуқуқ муносибатҳои ҷамъиятиро ба вуҷуд намеоварад, маълум аст, ки ба вуҷуд омадан ва мавҷудияти онҳо дар воқеияти объективӣ аз хусусият ва дараҷаи танзими ҳуқуқии онҳо вобаста нест. Дар ҷараёни танзими меъёрҳои ҳуқуқи

муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ шакли муайян пайдо намуда, ба яке аз намудҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ табдил меёбанд, ба иштирокчиёни ин муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳуқуққои субъективӣ (ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ) ва уҳдадориҳо дода мешаванд.

Дар системаи ҳуқуқӣ таърифи қонунгузории ҳуқуққои шахсии ғайримолумулки вуҷуд надошт. Мақомоти тафсири расмии қонунҳои граждани нишонаҳоеро пешниҳод намекунанд, ки ба ҷудо кардани ҳуқуққои шахсии ғайримулмулкии аз ҳуқуққои молумулкӣ мусоидат мекунанд. Дар ҳоли ҳозир дар адабиёти илмӣ дар мавриди таърифи “ҳуқуқи ғайримолумулкии шахсӣ” мавқеъи ба таври умум пазируфташуда вуҷуд надорад, ки боиси баҳсҳои байни муаллифон дар ин масъала тайи чанд даҳсола шудааст. Зимнан, ин хеле муҳим аст ва ҳам дар амал ва ҳам дар назария аҳамият дорад. Муносибати ин мафҳум бо мафҳумҳои дигар, масалан, «неъматҳои ғайримоддӣ» аз он вобаста аст, ки ин ё он муаллиф ба кадом нуқтаи назар риоя мекунад; шумораи принсипҳое, ки ба ҳуқуққои маънавии шахсӣ дахл доранд, низ вобаста аст.

Дар адабиёти илмӣ барои муайян кардани истилоҳот ва мутаносибан моҳияти ҳуқуқии «ҳуқуқи ғайримолумулкии шахсӣ» ду равиши асосӣ вуҷуд дорад, ки мо онҳоро муфассалтар баррасӣ намуда, ба ҳар кадоми онҳо баҳо медиҳем.

Муносибати якум: ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқи як намуди ҳуқуқи шахсии субъективи мебошад, ки бо аломатҳои муайян хос аст.

Ҳамин тавр, масалан, М.Н. Малейна ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкиро ҳамчун “ҳуқуқи субъективӣ, ки нисбат ба неъматҳои ғайримоддӣ ба вуҷуд меояд, мазмуни иқтисодӣ надорад, бо шахсияти шахси ваколатдор зич алоқаманд буда, ӯро фардӣ мекунад, ки асоси мушаххаси пайдоиш ва қатъ шудан дорад, муайян мекунад”. В.С. Синенко ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкиро ҳамчун «ҳуқуқи субъективие мефаҳмад, ки характери мутлақ дошта, барои ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани асосхои мушаххас дорад ва имконияти қонеъ гардонидани манфиати ғайримолумулкиро фароҳам меорад, ки баробарҳуқуқи надорад ва шахсро фард мекунад».

Барои оғоз, мо бояд мафҳуми «ҳуқуқи субъективӣ»-ро равшан кунем.

Як қисми тадқиқотчиён чунин мешуморанд, ки ҳуқуқи субъективӣ бояд ҳамчун даъво баррасӣ карда шавад. Масалан, М.М. Агарков ин мавкеъро риоя карда, даъворо «имконияте, ки ба шахс барои ба кор андохтани аппарати маҷбуркунии давлатӣ дода мешавад» [3, с. 536] муайян мекунад. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки пайдоиши ҳуқуқи субъективӣ бо маҷбуркунии давлатӣ алоқаманд аст ва агар вайронкунии вазифа вуҷуд надошта бошад, чунин ҳуқуқ вуҷуд надорад.

Мунаққидони ин мавқеъ чунин нуқтаро қайд мекунанд: «агар тарафи фаъоли муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо имкони маҷбуркунӣ фаҳмида шавад, пас моҳияти ин қудрат ҳангоми вайрон нашудани ӯҳдадорӣ, балки ихтиёран иҷро шудан аз чӣ иборат хоҳад буд? [7, с. 367]” Ба ғайр аз ин, набояд ба назар нагирифта бошад, ки дорандаи ҳуқуқи субъективӣ ба ғайр аз муроҷиат ба суд ёрӣ расонда метавонад, ки барои ба вайронкунандагон қонунӣ таъсир расондан аз худмуҳофизат истифода барад.

Қисмати дуюми муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ҳуқуқи субъективӣ ҳокимият аст, бинобар ин Н.Г. Александров чунин мафхум медиҳад: «имконияти аз ҷониби давлат ҳифзи шахс аз дигар шахсон талаб кардани рафтори муайян (амал ё худдорӣ аз амал)» [5, с. 19]. Аммо ин мавқеъ аз беайб дур аст, зеро мо наметавонем ҳуқуқи субъективиро танҳо ба талаботи шахси ваколатдор аз рафтори дигари мувофиқ кам кунем, зеро ин ҳам ҷенаки рафтори худи шахси ваколатдор аст.

Қисмати сеюми муҳаққиқон чунин нуктаро пешниҳод мекунад, ки мувофиқи он ҳуқуқи субъективи бояд воситаи танзими рафтори шахрвандон ба ҳисоб гирифта шавад, ки хилофи манфиатҳои давлат нест. Аммо дар ин маврид саволи равшан ба миён меояд:

оё манфиати давлат хамеша бо манфиати шахе мувофикат мекунад? Аён аст, ки не. Масалан: шаҳрванд, ки ҳуқуқи субъективӣ дорад, ба муҳити мусоид манфиатдор аст, ки он метавонад бо манфиати давлат дар таъмини мудофиаи кишвар тавассути мусаллаҳ намудани артиш бо аслиҳа, ки истифодаи он боиси зарари ҷуброннашавандаи худ мегардад, мувофиқат намекунад. Аз ин ру, аз сабаби номувофикии он бо ин нукта розӣ шудан хеле душвор аст.

Ба ақидаи баъзе муаллифон, хукуки субъективӣ худи қобилияти ҳуқуқӣ ё «унсури қобилияти ҳуқуқӣ»-ро ифода мекунад. Ин равиш махсусан дар замони шӯравӣ маъмул буд, як қатор олимон ҳуқуққои ғайримолумулкӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба шаъну шарафро ҳамчун ҳуқуққои субъективӣ, ки худи қобилияти ҳуқуқии шаҳрвандии шахсро ташкил медиҳанд, медонистанд. Ҳамин тавр, А.В. Мицкевич дар асари худ «Субъектҳои ҳуқуқи маданӣ», ки вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони советиро тавсиф мекунад, қайд мекунад, ки вай аз ҳам фарқ мекунад: ҳуқуқу ухдадорихои умумӣ (унсурҳои қобилияти ҳуқуқӣ) ва ҳуқуқу уҳдадориҳои мазмуни муайян дорад. Аз ҷумла, муаллиф баъзе ҳуқуққои шахсии ғайримулмулкиро ба гурӯҳи якуми ҳуқуққо дохил кардааст.

Ба фикри мо, бо ин мавқеъ розӣ шудан душвор аст, зеро қобилияти ҳуқуқиро аз ҳуқуқи субъективӣ фарқ кардан лозим аст. Қобилияти ҳуқуқӣ шарти ҳатмист, ки дар асоси он дар мавҷудияти далелҳои муайяни ҳуқуқӣ шахс ҳуқуқи мушаххаси субъективӣ дорад. Қобилияти ҳуқуқӣ қобилияти абстрактӣ оид ба доштани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дар қонун зикргардида буда, ҳуқуқи субъективӣ бошад, ҳуқуқи аллакай мавҷудбуда, ки ба шахси мушаххас тааллуқ дорад, яъне. имконият пайдо кард. Ҳуқуққое, ки ба мазмуни қобилияти ҳуқуқӣ дохил мешаванд, бар хилофи ҳуқуққои субъективӣ ба уҳдадориҳои субъектҳои дигар мувофиқат намекунанд. Н.Г.Александров якчанд равишҳои дар боло зикршударо бо назардошти камбудиҳои онҳо муттаҳид намуда, қайд мекунад, ки ҳуқуқи субъективӣ бо системаи сезинаи имкониятҳо хос аст: «1) намуд ва андозаи рафтори имконпазир барои соҳиби ҳуқуқи субъективӣ; 2) қобилияти талаб кардани рафтори муайян аз шахсони дигар – рафторе, ки татбиқи имкони якумро таъмин менамояд; 3) имконияти дар мавриди зарурӣ ба ёрию мададӣ қувваи маҷбурии аппарати давлатӣ барои татбиқи варианти дуюм» [4, с. 176].

Қайд кардан бамаврид аст, ки қобилияти андешидани амалҳои мусбат (мустақилона интихоб кардани роҳу воситаҳо, қонеъ гардондани эҳтиёҷоти худ бо амалиёти фаъолона) ҷузъи зарурии ҳамаи ҳуқуққои субъективӣ мебошад. Аммо танҳо тавсифи манфии ҳуқуққои субъективӣ метавонад ба таври объективӣ боиси паст шудани аҳамияти ин ваколатҳо гардад.

Дуюм: сохти ҳуқуқи субъективӣ (тарафҳои мусбат ва манфӣ) комилан ба ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ мегузарад (Л.О. Красавчикова, М.Н. Малейна). Аз як тараф, шахси ваколатдори бештар салоҳияти иҷрои амалҳои муайянро дорад; аз тарафи дигар, ҳуқуқи аз шахсони дигар талаб кардани рафтори мувофиқ ва муроҷиат намудан ба ҳимояи онҳо.

Дар ин бора М.Н. Малейн, дар мазмуни ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ се ваколатро муқаррар намудааст: соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ. Мо чунин мешуморем, ки истифодаи чунин сохтор танҳо бо шартҳои муайян бо назардошти хусусияти ҳуқуқ ва хусусиятҳои объектҳо - неъматҳои ғайримоддӣ имконпазир аст.

Дар адабиёти илмӣ ду унсури ҳатмии ҳуқуқи моликияти ашёро ҷудо кардан одат шудааст. Якум объективӣ аст, ки дороии воқеии ашёро, ба мисли ҷисми ҷисмонӣ, пешбинӣ мекунад. Дуюм, субъективӣ, муносибат ба ашё ҳамчун моли худ, хоҳиши барои худ нигоҳ доштани он. Моликияти мол ба ҳамин маъно ғайриимкон аст, бинобар ин, агар ин қудратро дар доираи ҳуқуқ ба саломатӣ тарҳрезӣ кунем, моликият моликияти худи субъект мебошад.

Дар маҷмӯъ мафҳуми ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро чунин муқаррар намудан мумкин аст: ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ҳуқуқи субъективӣ буда, нисбат ба неъматҳои ғайримолумулкӣ ба вуҷуд омада, мазмуни иқтисодӣ надошта, бо шахсияти инсон алоқаи зич дошта, ба муайянсозӣ ва инкишофи шахс равона шуда, хусусиятҳои хоси бавуҷудоӣ ва қатъшавӣ дорад.

Ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ҳуқуқи субъективӣ буда, нисбат ба неъматҳои ғайримолумулкӣ ба вуҷуд омада, мазмуни иқтисодӣ надошта, бо шахсияти инсон робитаи ногусастанӣ дошта, ба муайянсозӣ ва инкишофи фардият равона шуда, хусусиятҳои хоси бавуҷудоӣ ва қатъшавӣ дорад. Шахси воқеӣ наметавонад аз ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ даст кашад, инчунин аз ин ҳуқуқҳо маҳрум гардад. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба шахсони воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд то вафот тааллуқ доранд. Номгӯйи неъматҳои ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ маҳдуд набуда, дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигар намудҳои дигари онҳо пешбинӣ шуда метавонанд [6, с. 18]. Дар ин ҷо муаллиф тааллуқияти ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро ба шахсият маънидод намудааст.

Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар худ аломатҳои хосро фаро мегирад, ки таҳлил намудани онҳо аз нуқтаи назари илмӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки М.Н. Малеина ва Ш.Т. Тағойназаров муносибатҳои шахсии ғайримолумулкиеро, ки ҳуқуқи маданӣ танзим менамоянд чунин хусусиятҳои онро фарқ мекунанд:

ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ хусусияти ғайримолумулкӣ доранд;

ба фардикунонии шахс равона карда шудааст;

ин ҳуқуқҳо дорои объектҳои хос мебошанд;

тартиби пайдоиш, татбиқшавӣ ва қатъшавии онҳо хусусияти ба худ хос дорад.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки он бо ҷудо намудани чунин хусусиятҳо мавқеи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро муайян намудаанд.

Таҳлили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки (махсусан моддаи 225) яке аз хусусиятҳои ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ин имконияти шахси воқеӣ оиди озодона ва бо салоҳдиди худ муайян намудани рафтор дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Новобаста аз танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ мазмуни онҳоро субъекти ҳуқуқ озодона бо салоҳдиди худ бидуни ягон маҳдудият муайян менамояд. Ин яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба шумор меравад. Масалан муайян кардани доираи маълумоти ба ҳаёти хусусии шахси воқеӣ дахлдоштаро қонун муайян карда наметавонад, зеро он хусусияти субъективӣ дорад (аз ҷумла, як маълумот барои як шахси воқеӣ мумкин аст ҳамчун ҳаёти хусусӣ эътироф гардад, барои шахси воқеии дигар бошад ягон аҳамиятнок набошад).

Вобаста ба қабули Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқаррар намудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ метавон чунин хусусиятҳои онро муайян намуд: ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти табии шахси воқеиро муайян мекунад; ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти иҷтимоии шахси воқеиро муайян менамояд.

Фаҳмиши пурраи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро маҷмӯи аломатҳои ба онҳо хос ташаккул меёбад. Барои баҳодиҳии мафҳумҳои пешниҳодшуда мо бояд андешаи худро оид ба хусусиятҳое, ки ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулки хосанд, ташаккул диҳем. Асархои илмии муаллифонро аз давраи шӯравӣ то давраи ҳозира дар мавзуи муайян тахлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, оид ба хусусиятҳои хоси ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ андешаҳои гуногун ҷой дорад. Барои мо бояд

бифаҳмем, ки ин нишонаҳо воқеан ба ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ чӣ гуна иртибот доранд.

Хусусияти аввалине, ки муҳаққиқон таъкид мекунанд, табиати шахсӣ доштани ин ҳуқуқ мебошад. Назариячиён мазмуни онро ба он оварда мерасонанд, ки ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ аз таваллуд ё бо қувваи қонун ба шаҳрванд тааллуқ дошта, ҷудонашаванда буда, ба шахси дигар гузаштан мумкин нест.

Дар воқеъ, баъзе ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ, масалан, ҳуқуқ ба ҳаёт; саломатӣ; дахлнопазирии шахс, сирри шахсӣ ва оилавӣ аз таваллуд ба миён меояд, дар сурате, ки масалан, хукуки муаллифӣ бо қувваи қонун ба вуҷуд меояд. Қувваи ҳуқуқ дар он аст, ки вай фарорасии оқибатҳои ҳуқуқиро бо ин ё он факти ҳуқуқӣ (офаридаи асари бадеӣ) алоқаманд мекунад.

Хусусияти навбатие, ки ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкиро тавсиф мекунад, хусусияти ғайримолумулкии ин намуди ҳуқуққо мебошад, яъне аз рӯи табиати худ онҳо мазмуни иқтисодӣ надоранд ва аз ин рӯ дуруст баҳо додан мумкин нест, ҷубронпулӣ барои онҳо хос нест ва онҳо бо таъминоти амволӣ (баробар) аз дигарон. Моликияти онхо аз вазъи молу мулкиашон вобаста нест. Ин хусусият, ба фикри мо, хеле баҳсталаб мебошад. Гарчанде ки шахрванд метавонад дар доираи мукаррарнамудаи шартномаи дахлдор барои истифода бурдани шаъну эътибор ва обрӯ ваколати дахлдор дихад. Ҳодисаҳои зиёди истифодаи тасвирҳои одамони машҳур ба маблағи бениҳоят зиёд вуҷуд доранд, масалан, барои ҳуқуқи истифодаи тасвирҳои Мария Шарапова дар таблиғоти «Cannon», «Tropicana», «Motoro1a» ва ғайра вай зиёда аз 20 миллион доллар гирифтааст. Ё ин, ки футболбози машҳур Пеле барои истифодаи номи худ дар бренди қаҳва, соат ва ҷинс маблағи калони пулиро ба даст овардааст.

Хусусияте, ки шоёни таваҷҷуҳи махсус аст, ин таваҷҷӯҳ ба муайян кардан, инкишоф додан ва нигоҳ доштани фардияти шахс мебошад. Худи номи ҳуқуққо нишон медиҳад, ки онҳо ба шаҳрванди алоҳида тааллуқ доранд. Аммо, тавре ки муайян аст, ҳар як шахс маҷмӯи ҳуқуққои моликиятро низ дорад, ки агар шаҳрванд онҳоро дошта бошад, онҳоро шахс номидан мумкин аст, ки ба ӯ имкон медиҳад аз оммаи дигарон фарқ кунад, аммо дар инфиродӣ ҳуқуққои ғайримолумулкӣ афзалият доранд.

Дар маҷмӯъ таҳлили қонунгузори ва адабиёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки мо метавонем чунин аломатҳои хоси ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкиро ҷудо намоем:

ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ сирф хусусияти ғайримолумулкӣ дошта, ба неъматҳои ғайримолумулкӣ тааллуқ доранд;

ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ танҳо ба неъматҳои ғайримолумулкӣ, ки хусусияти шахсӣ доранд, ба вуҷуд меоянд;

ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ на дар ҳама ҳолат хусусияти иқтисодӣ доранд (дар баъзе мавридҳо бо истифода аз онҳо метавон даромад ба даст овард);

ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ ба фардияти шахс алоқамандӣ дорад;

аз лаҳзаи таваллуд то ба марг амал мекунад;

ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ номаҳдуданд;

ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ ҷудонашаванда буда, бо шахс алоқамандии зич доранд; гузариши ин ҳуқуққо аз як шахс ба шахси дигар ғайриимкон мебошад.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) аз 24 декабри соли 2022, №1918 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
3. Агарков, М.М. Избранные труды по гражданскому праву / М. М. Агарков. - Москва: Статут, 2006. - 536 с.
4. Александров Н.Г. Законность и правоотношения в советском обществе / Н.Г. Александров - Москва: Госюриздат, 1955. - 176.
5. Александров, Н. Г. Юридическая норма и правоотношение / Н. Г. Александров. – Москва: Юриздат, 1947.
6. Бобоҷонзода И.Ҳ. Рушди илми маданӣ баъд аз қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи маводи 2 –юмин конференсияи илмӣ амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он” бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш.Душанбе, 29 апрели соли 2023) // Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Матбаи ВКД ҶТ, 2023. – С. 18.
7. Братусь, С.Н. Субъекты гражданского права / С. Н. Братусь. - Москва: Госюриздат, 1950. - 367 с.
8. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири профессор Ғаюрзода Ш.К. – Душанбе: Меҳроҷ -граф, 2023. – С. 96.

МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ХОСИ ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКӢ ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи мафҳум ва аломатҳои хоси ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар назария ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ ва маводҳои дигар мавзуи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода нуқтаҳои лозимиро низ пешниҳод намудааст. Воқеан яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯза амалисозии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ маҳсуб ёфта, давоми солҳои охир падидаи мазкур низ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мушкилотҳои дахлдорро ба вуҷуд оварда истодааст.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи маданӣ; қонунгузорӣ; ҳуқуқҳои молу мулкӣ; ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ; адабиёти илмӣ; ҳуқуқ ба ҳаёт; ҳуқуқҳои субъективӣ.

КОНЦЕПЦИЯ И ХАРАКТЕРИСТИКИ ЛИЧНЫХ НЕМАТЕРИАЛЬНЫХ ПРАВ В ТЕОРИИ И ПРАКТИКЕ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Аннотация: В данной статье анализируется концепция и особенности личных неимущественных прав в теории и практике правоохранительной деятельности. Автор, с учетом анализа научной литературы, законодательства и других материалов, изучил данную тему и представил необходимые положения. Действительно, одним из актуальных вопросов современного общества является реализация личных неимущественных прав, и в последние годы это явление также создает актуальные проблемы в практике правоохранительной деятельности.

Ключевые слова: культурные права; законодательство; права собственности; личные неимущественные права; научная литература; право на жизнь; субъективные права.

CONCEPT AND CHARACTERISTICS OF PERSONAL INtangible RIGHTS IN THE THEORY AND PRACTICE OF LAW

Annotation: This article analyzes the concept and characteristics of personal non-property rights in the theory and practice of law enforcement. The author, taking into account scientific literature, legislation, and other materials, examined this topic and presented the necessary provisions. Indeed, one of the pressing issues in modern society is the implementation of personal non-property rights, and in recent years, this phenomenon has also created pressing problems in law enforcement practice.

Keywords: cultural rights; legislation; property rights; personal non-property rights; scientific literature; right to life; subjective rights.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Одилова Малика Абдуллоҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

Сведение об авторе: ***Одилова Малика Абдулложоновна*** – Таджикский национальный университет, студентка второго курса магистратуры юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Odilova Malika Abdullojonovna – Tajik National University, second year master's student, Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

МАҚОМИ САБТҲОИ ПИНҲОНӢ ҲАМЧУН ДАЛЕЛ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Манижаи А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷиноят ҳодисае мебошад, ки дар натиҷаи содир гардидани он ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои ҷамъиятиву давлатӣ, амнияти объектҳои дорои аҳамvияти баланди давлатидошта ва шахсони мансабдори мақомотҳои давлатӣ зери хатар мемонад. Гарчанде ки ҳамасола мақомотҳои давлатӣ ва шахсони салоҳиятдори ин мақомот баҳри пешгирии содиршавии ҷиноятҳо тадбирҳо андешанд ҳам, содиршавии ҷиноят дар ҷамъият то ба имрӯз мавҷуд буданд ва боқӣ хоҳад монд. Яке аз роҳҳои муфиди муқовимат бо ҷиноятқорӣ ин пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ҷалби тамоми аҳолӣ, инчунин пурқувватгардонии системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Омил ва ё воситаи асосии исботи ҳама гуна ҷиноят далел ба шумор меравад. Дар мурофиаи судии ҷиноятӣ далел ин амсилаи муқаррарнамоӣ ва исботи кирдори ба ҷамъият хавфноки ҷиноятӣ ва шахси содиркунандаи ҷиноят буда, баҳри ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва исбот карда мешавад. Моддаи 72-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми мушаххаси далелро дарҷ намудааст, ки тибқи он далел вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ин маълумоти воқеие ба шумор меравад, ки дар асоси он суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда дар асоси меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудият ё набудани кирдори хавфноки ҷамъиятиро муайян намуда, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро муқаррар менамояд [2;қ.2,м72].

Вобаста ба мазмуни меъёри моддаи мазкур 2 вазифаи асоси далелҳо маълум карда мешаванд. Аввалан, тавассути далелҳо худи кирдори ҷиноятӣ муайян карда мешавад, яъне ба воситаи далелҳо муқаррар карда мешавад, ки оё дар таркиби кирдори содиршуда ҷиноят мавҷуд ҳаст ва ё не. Дувуман, тавассути онҳо ҷиноят ва шахсони содиркунандаи он маълум; гуноҳ ва дараҷаи ангезаи онҳо ошкор ва дигар ҳолатҳои зарурӣ, ки бевосита барои татбиқи адолати судӣ хизмат меккнанд, исбот карда мешаванд. Агар бо суханҳои соддатар ин мафҳумро шарҳ диҳем, яъне парвандаи ҷиноятӣ ҳал карда мешавад.

Дар партави назарияи инъикос ташаккули далелҳо раванди мушкили инъикосӣ - иттилоотиро ифода менамояд. Далелҳо ин инъикоси ибтидоии ҳодисаву ҳолат ба шумор мераванд. Муайян будан, аз ҷониби субъектони исботкунӣ табдил ёфтан ва вобаста ба талаботи қонун тавассути шакли муайяни мурофиавӣ расмӣ гаштан, маълумот оид ба ҳолати кирдор, ки осори ҷиноят боқӣ мондааст ба маънои мурофиавӣ ҳамчун далел маҳсуб меёбад [10;68]. Аввалин маротиба ин назария аз ҷониби Шейфер С.А. пешниҳод гардидааст ва Абдуллоев П.С. ҳамфикрии худро дар мақолаашон иброз намудаанд [9;105].

Таҳқиқи ақидаи болозикр нишон медиҳад, ки маълумотҳои мавҷуда вобаста ба ҳодисаи ҷиноят дар натиҷаи якчанд раванди мурофиавиро паси сар намудан ба далелҳо мубаддал мегарданд, ки инҳоянд:

1. Муайян будан - агар тавассути ин далелҳо кирдори содиршуда ва ё дигар ҳолати барои парванда муҳим муайян карда шаванд;
2. Табдил ёфтан - аз ҷониби субъектони исботкунӣ табдил додани ин навъи маълумотҳо ба далел, яъне муайяннамоии мансубият, қобили қабул будан, саҳеҳият ва кофигии маълумотҳо баҳри ошкори ҷиноят;
3. Расмӣ кунонидан - тавассути шакли муайяни муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, яъне тавассути қабули санади дахлдори мурофиавии ҷиноятӣ эътирофи маълумоти мавҷуда ба сифати далел;

Далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ бинобар доштани аломатҳои махсус ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд, ки онро қисми 2- юми моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Вобаста ба ташаккули қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст далелҳоро ба далелҳои анъанавӣ ва далелҳои нав ҷудо намоем. Ба далелҳои анъанавӣ он далелҳоеро ворид намудан мумкин аст, ки сарчашмаи асосии онҳоро КМҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ташкил намуда, баъди қабули кодекси нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сифати далел эътироф шудаанд. Ба зумраи ин далелҳо дохил мешаванд: нишондоди айёбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳид, далелҳои шайъӣ ва монанди инҳо. Далелҳои нав бошанд, далелҳое маҳсуб меёбанд, ки бинобар тараққиёти илму технология ба вуҷуд омадаанд: сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугуҳои телефонии гушкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ, ҳуҷҷатҳои электронӣ ва ғайра.

Вобаста ба омил ва ё таснифбандии болозикр сабтҳои пинҳонӣ намуди мустақили далел эътироф мешаванд, вале боиси таассуф мебошад, ки қонунгузории мурофиавӣ дар моддаи алоҳида мафҳуми ин навъи далелро зикр нанамудааст. Дар амалия низ ин навъи далелҳо дар парвандаи ҷиноятӣ ба шакли далели мустақил мустаҳкам карда намешаванд. Сабаби асосии пешниҳоди ин далелҳо дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шояд ба назарияи амалҳои тафтишии ғайриошкоро тааллуқ дошта бошад [8;58].

Мафҳум, аломат ва аҳаммияти истифодабарии сабтҳои пинҳонӣ: Мавҷудияти муътадили ҷомеаи муосирро бе технологияҳои иттилоотии рақамӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Онҳо ҳар сол ҳаёти моро торафт бештар пур менамоянд. Бо дарназардошти пешравии технологияҳо дар замони муосир амали бисёр корхонаҳо, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бидуни истифодаи технологияҳои нав тасаввур кардан имконнопазир аст. Ин технологияҳо ба осон гардонидани кору фаъолият ва мутараққӣ гардонидани соҳаҳои фаъолияткунандаи тамоми давлатҳои ҷаҳон нигаронида шудаанд. Гарчанде роҳандозӣ ва истеҳсоли технологияҳои муосир дар фаъолияти соҳаҳо маблағи калонро талаб намоянд ҳам, кишвари мо кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо мақсади самаранокии фаъолияти соҳаҳо навъҳои зарурии технологияи муосирро бо дарназардошти функсия ва хосияти онҳо муҳайё намояд. Ҳамчунин, технологияҳо хосият доранд, ки дар як вақт маълумотҳои зиёдро дар худ нигоҳ доранд, ки ин худ як кафолати таъмини самаранокии фаъолият маҳсуб меёбад.

Технологияҳои муосире, ки имконият медиҳанд ҳодисаи ҷиноят сабт ва шахси содиркунандаи он ошкор карда шаванд, сабтҳои видеоиву аудиоӣ маҳсуб меёбанд. Сабти ин ё он ҳолати кор ба мақомоти исботкунӣ имконият медиҳад, ки ҳодисаи ҷиноят ба пуррагӣ омӯхта шуда, дигар ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ муҳим муайян ва исбот карда шаванд. Бо назардошти гуфтаҳои боло ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки технологияҳои рақкмӣ нисбати дигар навъи далелҳо аҳаммиятноктар ҳисоб мешаванд, ки як қатор хусусиятҳо доранд. Вобаста ба корҳои илмӣ - татқиқотии олимон ин навъи хусусиятҳоро ба афзалиятҳо ва камбудиҳои сабтҳои рақамӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Афзалияти сабтҳо:

- Аёнӣ, қобилияти дубора эҷод ё намоиш кардани вазъият (сабти аудио- ин садоҳо, овозҳо, гуфтугӯҳо, интонатсияҳо ва сабти видео бошад метавонад ба таври визуалӣ бошад, яъне ягон ҳодисаи муайянро инъикос менамояд);
- Пешрафти техникӣ.

Камбудиҳои сабтҳо:

- Сифати сабти видеову аудио;
- Қасдан ва ё тасодуфан таҳрири рӯйдодҳо дар аудио ва сабти видео;

Треушников М.К. якчанд намуди далелҳои аудио ва видеоиро муайян мекунад, ки вобаста ба яке аз таснифоти вай сабтҳо мешаванд: пинҳонӣ ва кушода. Омил ва ё сабаби

ин тақсимотро Треушников М.К. ба он вобаста мекунад, ки оё шахсе, ки кирдораш ба қайд гирифтамешавад, аз он хабардор аст ва ё не? [9;105]

Сабтҳои пинҳонӣ инъикоси маълумот дар воситаҳои техникии оддӣ ва махсусгардонидашудае ба ҳисоб мераванд, ки кирдори ба ҷамъият хавфнок, шахсони содирнамудаи он, инчунин дигар ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро махфиёна сабт менамояд.

Азбаски сабтҳои пинҳонӣ беогоҳии шахсони сабтшуда сурат мегиранд, пас суоле ба миён меояд, ки оё чунин сабтҳо қонунӣ маҳсуб меёбанд ва ё не? Дар суд ба сифати далелҳо эътироф мешаванд ва ё не? Кадом категорияи шахсон ҳуқуқи махфиёна ё пинҳонӣ сабт намуданро доранд?

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқаррароти қисми 2 моддаи 72 сабтҳои пинҳониро яке аз навъҳои мустақили далелҳо эътироф намудааст. Новобаста ба ин дар моддаи алоҳида моҳияти ин далелҳо кушода нагардидааст, ки эътирозро ба бор меоварад, чунки ин навъи далелҳо метавонад баҳри аз байн бурдани сарҳади миёни далел дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ва натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ хизмат намояд. Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ба сифати асоси ташаккулёбии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ хизмат менамоянд [9;100].

Мавҷудияти далелҳои мазкур, гарчанде аз як тараф омили осонкунандаи фаъолияти мақомотҳои амаликунандаи таъқиботи ҷиноятӣ ва мақомоти амаликунандаи адолати судӣ ба шумор раванд ҳам, аз тарафи дигар муқаррар накардани моҳияти сабтҳои пинҳонӣ ва тартиби барасмиятдарории он аз тарафи санади танзимкунандаи фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ, яъне Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ боиси мавҷудияти пробелҳо ё мушкилиҳо дар амалияи мурофиаи ҷиноятӣ гардидааст.

Меъёри мавҷуда дар кодекс, яъне далели мустақил будани сабтҳои пинҳонӣ вобаста ба ин навъи далелҳо ба табиати ҳуқуқии далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқат наменамояд, зероаввалин ин намуди далелҳо бо фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ асос меёбанд. Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ далели мустақил набуда, дар ҳолати аз тарафи судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда тафтиш шуданашон ба сифати далели мустақил эътироф мешаванд. Дувуман, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳум ва моҳияти сабтҳои пинҳониро муайян накардааст. Савум, шакли мурофиавии сабтҳои пинҳонӣ ва тартиби барасмиятдарории он муайян карда нашудаанд. Инчунин, масъалаи дигар ба сифати далели шайъӣ эътироф шудан ё нашудани ин далелҳо маҳсуб меёбад.

Бештари олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ чунин ақида изҳор намудаанд, ки истифодаи сабтҳои пинҳониро танҳо дар фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯйӣ дучор шудан имконпазир аст. Агар мантиқан бигирем сабтҳои пинҳонӣ як навъи сабти маълумот ба ҳисоб меравад ва бинобар мавҷудияти категорияи махфӣ дар таркибашон хусусияти тамоман дигаргунаеро ба худ касб намудаанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми ҳуқуқу озодиҳоеро, ки инсон ба ӯ эҳтиёҷ дорад, муқаррар ва ҳуқуқу озодиҳои аз лаҳзаи таваллуд ба ӯ таалуқдоштаро эътироф намуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳоро кафолат додааст. Консепсияи мавҷудияти ин ё он навъи ҳуқуқу озодӣ дар мавҷудияти сарҳади мушаххас байни истифодабарандагони онҳо ифодаи худро меёбад. Яъне, инсон ва шаҳрванд то ба андозае, ки худашон лозим медонанд ҳуқуқу озодиҳоро истифода мебаранд, вале ба шарте ки сарҳади муқарраргардидаро халалдор насозанд.

Ҳамчунин, агар объективона назар афканем сабтҳои пинҳонӣ зоҳиран аломатҳои таркибии далелҳои ғайри қобили қабулро доро мебошанд. Агар далелҳо бо вайрон намудани талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, яъне бо роҳи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди тосудӣ ё муҳокимаи судии парванда ба даст оварда шуда, ба

саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашуда таъсир расонида бошанд далелҳои ғайри қобили қабул ҳисобида мешаванд. Масалан, агар далелҳо бо чунин тарз ба даст оварда шуда бошанд далелҳои ғайри қобили қабул эътироф мешаванд:

- Истифодаи шиканҷа, муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ё дигар кирдори ғайриқонунӣ;
- Истифодаи гумроҳшавӣ, ки дар натиҷаи нафаҳмонидан, нопурра ё нодуруст фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст;
- Гузаронидани амали мурофиавӣ аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи анҷом додани пешбурдро бо парвандаи ҷиноятии мазкур надошт;
- Гузаронидани амали мурофиавӣ бо иштироки шахсе, ки бояд рад карда мешуд;
- Ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ;
- Ба даст овардани маълумот аз сарчашмаи номаълум ё сарчашмаи дигаре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардани он ғайриимкон аст;
- Истифода бурдани усулҳои хилофи донишҳои муосири илмӣ ҳангоми исботкунӣ;

Бо ташаббуси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ва дархости тарафҳо қобили қабул набудани далелҳо, инчунин маҳдуд кардани истифодаи онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян карда мешаванд. Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ҳангоми ҳал кардани масъалаи ғайри қобили қабул будани далелҳо вазифадоранд дар ҳар як ҳолат маҳз дар чӣ зоҳир шудани қонунвайронкуниҳоро муайян намуда, қарори асосноки қонунӣ қабул намоянд.

Маълумоти воқеӣ дар бораи истифода шудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда бошад, новобаста ба ворид шудани аризаи онҳо ё дархости ҳимоятгар аз нигоҳи қобили қабул будани нишондодҳои онҳо ҳамчун далел мавриди тафтиш ва баҳодиҳӣ қарор дода мешавад. Ҳангоми ғайри қобили қабул эътироф намудани далел бо сабаби истифода намудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар доираи салоҳияти худ оид ба ҷавобгарии дахлдори шахсони ба ин амалҳо роҳдода чораҳо меандешанд. Далелҳое, ки ғайри қобили қабул ҳисобида шудаанд, беэътибор дониста шуда, ба асоси айбдоркунӣ гузошта намешаванд ва барои исботи ягон ҳолати барои парвандаи ҷиноят аҳаммиятдошта истифода шуда наметавонанд.

Ҳангоми сабти пинҳонӣ намудан ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи моддаи 23- и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон карда мешаванд. Тибқи моддаи 23 - и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс аз ҷониби давлат дар симои мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст. Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ мебошад.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ маҳуд карда мешавад [1;м.14].

Бо ҳамин мазмун моддаи 12- и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар зикр менамояд, ки ба ҳаёти ҳеҷ кас дахолати худсарона намудан ва ба дахлнопазирии манзил, сирри мукотибот, шаъну эътибори ӯ худсарона суиқасд кардан мумкин нест. Дар ҳолати дучори суиқасд ва ё халалдоршавӣ гардидан ба ҳуқуқҳои болозикр ҳар шахс ҳуқуқ дорад, ки аз ҳимояи қонун истифода барад. Ин мазмунро моддаи 17-и Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандию сиёсӣ низ дар худ таҷассум намудааст. Ҳамчунин, ҳуқуқҳои мавриди баррасӣ қарордошта тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилӣ ба истиснои Конститутсия низ ҳифз гардидаанд. Барои мисол моддаи 29-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” манъи

истифодаи воситаҳои ахбори оммаро бо нияти дахолат намудан ба ҳаёти шахсӣ аз қабили дидаву дониста нашр кардани хабару маводи бардурӯғ, маълумотҳои туҳмату таҳқироме, ки гаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро паст мезананд муқаррар намудааст. Дар ВАО иттилоот бояд танҳо дар асоси розигии худи шахс ҷой дода шавад.

Яке аз масоили мубрами истифодаи сабтҳои пинҳонӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ин ба сифати далели шайъӣ ва ё навъи мустақили далел баромад намудани он ба ҳисоб меравад. Моддаи 78- и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳум ва навъҳои далелро муқаррар намудааст. Бо дарназардошти қисмати 1, банди 6-и моддаи мазкур ашёҳое, ки барои ошкор кардани ҷиноят, муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда, пайдо намудани гунаҳкорон ё рад намудани айб ё сабук кардани ҷавобгарӣ восита шудаанд, ҳамчун далели шайъӣ эътироф карда мешаванд. Таҳти ашё суд аҳаммияти далели шайъиро фақат дар ҳолатҳои зайл эътироф мекунад, агар:

- Бо тасвири мукаммали он, муҳргузорӣ ва дигар чунин амал, ки фавран баъди ба даст овардани он анҷом дода, имконияти иваз кардани он, ба таври назаррас тағйир додани нишона, хосият, изҳои дар он мавҷудбуда бартараф карда шуда бошанд;
- Он бевосита пеш аз таҳқиқ дар суд аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ё шоҳид шинохта шуда бошад;

Пеш аз оне, ки ба моҳияти сабтҳои пинҳонӣ ҳамчун далели шайъӣ ишора намоем, бояд моҳияти худи ашё ва хосиятҳои онро муайян намоем. Ҳамаи чизҳои олами моддӣ, ки дар ҳолатҳои гуногуни табииву физикӣ (моеъ, сахт, дурушт, газӣ ва амсоли инҳо) қарор доранд ва ё дар натиҷаи меҳнати инсон офарида шудаанд ва ҳар он чизе, ки ба олами зинда ва ғайризинда мутааллиқ мебошад, ашё ном дорад. Вобаста ба хусусиятҳое, ки аз ҳуқуқи маданӣ бармеоянд, сабтҳои аудиоиву видеоӣ дорои тамоми он нишонаҳо мебошанд ва ҳамчун ашё эътироф мегарданд. Шайъ ин ҷамъи ашёҳо мебошад. Бинобар ҳамин худи сабтҳо ҳамчун далели шайъӣ маҳсуб меёбанд. Вале сабтҳои пинҳонӣ нисбати сабтҳои оддӣ фарқ мекунанд, чунки ҳуқуқу манфиатҳои конститутсионии инсону шаҳрвандро зери таҳдиди бевоситаи вайроннамоӣ мегузоранд ва ё ҳуқуқҳоро вайрон мекунанд (вобастагӣ дорад ба шикояти шаҳрванд оид ба вайронгардии ин ҳуқуқҳо). Бинобар дар меъёри алоҳида зарурияти дарҷ намудани ин далелҳо ба миён омада буд.

Ворид намудани сабтҳои пинҳонӣ ба сифати далели нав дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон агар аз як тараф ҳамчун воситаи нави исботи ҷиноят боси ҳарчӣ зудтар ва самараноктар ошкорнамоии ҷиноят гардад ҳам, аз тарафи дигар набудани мафҳуми сабтҳои пинҳонӣ дар санади танзимкунандаи мурофиаи ҷиноятӣ - Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурти Тоҷикистон холигиҳоро оид ба худи моҳияти сабтҳои пинҳонӣ ва истифодабарии он дар амалия оварда мерасонад. Сабтҳои пинҳонӣ инъикоси маълумот дар воситаҳои техникии оддӣ ва махсусгардонидашудае ба ҳисоб мераванд, ки кирдори ба ҷамъият хавфнок, шахсони содирнамудаи он, инчунин дигар ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро махфиёна сабт менамояд.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2016.
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009.
3. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабр соли 1948.
4. ҚҶТ “ Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ” аз 3 август соли 2018.
5. ҚҶТ “ Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар васоити ахбори омма” аз 1 марти соли 2013.
6. ҚҶТ “ Дар бораи фаълияти оперативӣ- ҷустуҷӯйӣ” аз 25 марти 2011.
7. Қудратов Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ/ китоби дарсӣ/ Н. А. Қудратов. - Душанбе: Таҷпринт - 2016.
8. Абдуллоев П. С. Назарияи далеловарӣ ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ” / П. С Абдуллоев. - Душанбе: Эр-граф-2019.
9. Абдуллоев П. С. Понятие доказательства в уголовно- процессуальном праве России / «Вестник Московского университета. Серия 11. Право», № 2
10. Шейфер С. А. Доказательства и доказывания по уголовным делам / С. А. Шейфер - Москва: Норма - 2010.

11. Никандров В. Н. « Избранные статьи и лекции по уголовному процессу. Киров: КГУ, 1998
12. Треушников М. К. Судебные доказательства : монография. — 5-е изд., доп. — Москва : Городец, 2016.
13. Сабылина А. И. Осуществление аудио- и видеозаписей в целях самозащиты и их использование в качестве доказательств в суде // Законность. — 2017. — № 11. — С. 45–49.
14. Галяцина Е. И.; Шемака Г. П. « Обеспечение достоверности материалов оперативно- розыскных мероприятий как доказательств в уголовном судопроизводстве// Криминалистика и судебная экспертиза, наука , практика/ Под общей редакцией Кушниренко С. П., СПБ: Издательский дом СПБГУ, 2012

МАҚОМИ САБТҲОИ ПИНҲОНӢ ҲАМЧУН ДАЛЕЛ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақолаи мазкур мафҳуми сабтҳои пинҳонӣ ҳамчун далел дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Далел ин амсилаи асосии муқаррарнамоии ҳодисаи ҷиноят ва шахсони содиркунандаи ҷиноят ба ҳисоб меравад. Бо пешравии технологияҳои муосир нақши сабтҳои пинҳонӣ дар ошкор намудани ҷиноятҳо меафзояд. Бештари мафҳумҳои мақолаи мазкур ба муайян намудани аҳаммияти сабтҳои пинҳонӣ ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ дар қатори дигар далелҳо равона карда шудааст.

Калидвожаҳо: сабтҳои пинҳонӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ, технологияҳои иттилоотии рақамӣ, махфӣ, маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

СТАТУС СКРЫТЫХ ЗАПИСЯХ КАК ДОКАЗАТЕЛЬСТВ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

В данной статье рассматривается понятие скрытых записей как доказательств в уголовном процессе. Эти доказательства считаются основным средством установления преступления и виновных. С развитием современных технологий роль скрытых записей в раскрытии преступлений возрастает. Большинство понятий данной статьи направлены на определение значения секретных записей как доказательств в уголовном судопроизводстве среди других доказательств.

Ключевые слова: секретные записи, оперативно-розыскная деятельность, цифровые информационные технологии, конфиденциальность, ограничение прав и свобод человека и гражданина.

THE STATUS OF HIDDEN RECORDINGS AS EVIDENCE IN CRIMINAL PROCEEDINGS

This article examines the concept of hidden recordings as evidence in criminal proceedings. These evidences are considered the main means of establishing a crime and the perpetrators. With the development of modern technologies, the role of hidden recordings in solving crimes is increasing. Most of the concepts in this article are aimed at defining the meaning of secret recordings as evidence in criminal proceedings among other evidence.

Keywords: secret records, operational investigative activities, digital information technologies, confidentiality, restriction of human and civil rights and freedoms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Манижаи Абдубаҳром*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)07-204-91-91.** E-mail: **taghoevamanizha@gmail.com**

Сведение об авторе: ***Манижаи Абдубахром*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **100525555.** E-mail: **taghoevamanizha@gmail.com**

Information about the author: ***Manizhai Abdubahrom*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **100525555.** E-mail: **taghoevamanizha@gmail.com**

НАҚШИ МАҚОМОТИ НАЗОРАТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ТАЪМИНИ ВОЛОИЯТИ ҚОНУН: ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Гулова М.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосири рушди давлатдории ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун ҳамчун яке аз принсипҳои бунёдии низоми ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Волоияти қонун на танҳо итоати умумии субъектҳои ҳуқуқ ба меъёрҳои ҳуқуқиро ифода мекунад, балки пеш аз ҳама бартарии Конститутсияро ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ дар низоми қонунгузорӣ таъмин месозад. Дар ин раванд, мақомоти назорати конститутсионӣ ҳамчун унсури муҳимми механизми ҳифзи Конститутсия ва кафолати амалисозии волоияти қонун баромад менамоянд[1].

Яке аз вазифаҳои асосии мақомоти назорати конститутсионӣ пешгирии қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки ба Конститутсия мухолифанд ё метавонанд ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд созанд. Аз ин рӯ, омӯзиши нақши мақомоти назорати конститутсионӣ дар таъмини волоияти қонун, хусусан дар муқоиса бо таҷрибаи байналмилалӣ, барои такмили низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад[1].

Назорати конститутсионӣ фаъолияти махсуси ҳуқуқӣ мебошад, ки ба санҷиши мутобиқати қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ва амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба меъёрҳои Конститутсия равона шудааст. Он ҳамчун шакли олии назорати ҳуқуқӣ амал намуда, мақсад дорад устувории сохти конститутсионӣ ва волоияти қонунро таъмин намояд.

Аҳаммияти назорати конститутсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он имкон медиҳад ихтилофоти меъёрӣ дар марҳилаи қабули қонун ё татбиқи он ошкор ва бартараф карда шаванд. Дар натиҷа, Конститутсия на танҳо ҳамчун санади сиёсӣ, балки ҳамчун меъёри амалкунандаи ҳуқуқӣ татбиқ мегардад. Ҳамзамон, назорати конститутсионӣ кафолати муҳими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Назорати конститутсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад, ки фаъолияти онҳо ба таъмини мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия, инчунин ба таъмини волоияти Конститутсия дар низоми ҳуқуқ равона гардидааст.

Падидаи назорати конститутсионӣ дар Тоҷикистон марҳила ба марҳила ташаккул ёфтааст. То соли 1990 назорати конститутсионӣ яке аз салоҳиятҳои хоси мақомоти олии қонунбарор -Шурои Олии Тоҷикистон ва Раёсати он ба ҳисоб мерафт. Конститутсияҳои Тоҷикистон солҳои 1937 ва 1978 назорат аз болои риояи Конститутсияро маҳз ба зиммаи ҳамин мақомот гузошта буданд. Дар Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) то соли 1989 ва дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШС Тоҷикистон) то соли 1990 барои амалӣ гардонидани ин салоҳият мақомоти махсуси давлатӣ вуҷуд надоштанд.

Соли 1990 ба Конститутсияи Тоҷикистон соли 1978 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, назорати конститутсионӣ ба падидаи мустақили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ табдил ёфт ва салоҳияти таъмини ҳифзи Конститутсия ба зиммаи мақомоти мустақили махсус вогузор карда шуд. Муқаррар гардид, ки барои амалӣ намудани ин салоҳият мақомоти махсуси давлатӣ — Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Мувофиқи банди дувоздаҳуми моддаи 99 Конститутсияи соли 1978, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи апрели соли 1990 Кумитаи назорати конститутсионии

Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис намуд. Мувофиқи моддаи 104 ба Кумитаи мазкур ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шуд.

Моддаи 114 муқаррар кард, ки мақсади асосии назорати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини мутобиқати санадҳои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои ҷумҳурӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқи халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои демократии сохтори ҷамъият мебошад. Ҳамзамон нишон дода шуд, ки таъсис ва тартиби амалигардонии назорати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонуни ҷумҳурӣ «Дар бораи назорати конститутсионӣ» муайян карда мешавад.

Конститутсияи соли 1994 барои иҷрои чунин ваколатҳо ба ҷойи Кумитаи назорати конститутсионӣ таъсиси Суди конститутсионии ҷумҳуриро пешбинӣ намуд. Мувофиқи моддаи 84 Конститутсия, дар низоми адолати судӣ Суди конститутсионӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Моддаи 89 бошад се гурӯҳи салоҳиятҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намудааст[3].

Якум, муайян намудани мутобиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, санадҳои Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон, ки ҳанӯз ба қувваи қонун надаромадаанд, ба Конститутсия.

Дуюм, ҳал намудани баҳсҳо байни мақомоти давлатӣ вобаста ба салоҳияти онҳо.

Сеюм, иҷрои дигар ваколатҳое, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян намудаанд.

Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 72 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сурати савгандшиканӣ ва содир намудани ҷиноят аз ҷониби Президент, Маҷлиси Олӣ бо дарназардошти хулосаи Суди конститутсионӣ ва бо риояи расму тартиби муқарраргардида метавонад ӯро аз вазифа озод намояд[1]. Мавқеи Суди конститутсионӣ дар таъмини ҳифзи Конститутсия ҳалкунанда мебошад. Қарорҳои Суди конститутсионӣ тақдири қарорҳои мақомоти олии давлатиро аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба Конститутсия, тақдири мансабдорони олии давлатиро дар ҳолати вайрон намудани талаботи Конститутсия ё савгандшиканӣ, инчунин тақдири худи мақомоти қонунгузорро дар сурате, ки он ғайриконститутсионӣ интихоб ё таъсис ёфта бошад, ҳал менамояд.Дар баробари ин, назорати конститутсионӣ ҳамчун шакли махсуси фаъолияти давлатӣ баромад намуда, ба пешгирӣ ва бартараф намудани вайронкунии меъёрҳои конститутсионӣ, инчунин ба таъмини устувории сохтори конститутсионӣ равона мегардад.

Ба ҳамин тариқ, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона мақоми давлатӣ мебошад, ки ҳифзи Конститутсия ба таври касбӣ ба зиммаи он вогузор шудааст. Салоҳиятҳои худро Суди конститутсионӣ тавассути шаклҳои мурофиаи конститутсионӣ, ки дар қонун муқаррар гардидаанд, амалӣ менамояд.

Дар илми ҳуқуқ якчанд навъи назорати конститутсионӣ ҷудо карда мешавад. Пеш аз ҳама, онро метавон ба назорати умумӣ ва назорати махсусгардонидашуда тақсим намуд.

Назорати умумии конститутсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешавад, ки дар баробари дигар ваколатҳои худ, инчунин назорати риояи Конститутсияро низ иҷро менамоянд. Ин шакли назоратро баъзан назорати сиёсӣ низ меноманд. Ба гурӯҳи дуюм мақомоти махсусгардонидашудаи назорати конститутсионӣ дохил мешаванд, ки вазифаи асосии онҳо таъмини қонуният ва ҳифзи тартиботи конститутсионӣ мебошад.

Мақомоти махсусгардонидашудаи назорати конститутсионӣ, дар навбати худ, ба ду намуд ҷудо мешаванд:

1. мақомоти судии назорати конститутсионӣ;

2. мақомоти ғайрисудии назорати конститутсионӣ[4].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, фаъолияти мақомоти назорати конститутсионӣ мақоми муҳим дорад. Онҳо дар таъмини мутобиқати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия, ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва таъмини волоияти қонун нақши калидӣ мебозанд.

Бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва густариши қонунгузорӣ, хатари пайдо шудани номувофиқати меъёрҳои ҳуқуқӣ ба талаботи Конститутсия меафзояд. Дар чунин шароит, зарурати тақвияти назорати конститутсионӣ ба миён меояд. Дар амал, маҳдуд будани доираи муроҷиат ба мақомоти назоратӣ, истифодаи нокифояи имкониятҳои назорати конститутсионӣ ва сатҳи пасти фарҳанги конститутсионӣ баъзе мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд меоранд.

Дар таҷрибаи давлатҳои гуногун мақомоти махсусгардонидашудаи назорати конститутсионӣ бо тартиб ва шаклҳои гуногун амал менамоянд. Дар баъзе давлатҳо чунин назорат аз ҷониби мақомоти квазисудӣ, яъне мақомоти дорои хусусияти байни судӣ ва маъмурӣ амалӣ карда мешавад. Қарорҳои чунин мақомоти квазисудӣ одатан хусусияти пешакӣ ва машваратӣ дошта, метавонанд аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор, масалан парламент, бартараф ё тағйир дода шаванд.

Ба чунин шакли назорат, аз ҷумла, фаъолияти Шӯроҳои конститутсионӣ дар як қатор кишварҳо дохил мешавад. Ҳамчунин дар баъзе давлатҳои мусулмонӣ шакли махсуси назорати конститутсионӣ — назорати конститутсионӣ-динӣ мавҷуд аст, ки дар доираи он мутобиқати қонунҳо на танҳо ба Конститутсия, балки ба меъёрҳои динӣ низ арзёбӣ мегардад.

Ҳангоми ташаккули институти назорати махсусгардонидашудаи конститутсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон модели аврупоии назорати судии конститутсиониро интихоб намуд.

Ин модел мавҷудияти як мақоми мустақили судиро пешбинӣ мекунад, ки танҳо ба масъалаҳои назорати конститутсионӣ машғул мебошад.

Мубрамияти мавзуи мазкур пеш аз ҳама бо зарурати такмили механизми амалисозии назорати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст. Баланд бардоштани сатҳи мустақилияти мақомоти назоратӣ, таъмин намудани иҷрои ҳатмии қарорҳои онҳо ва васеъ намудани дастрасии субъектҳо ба назорати конститутсионӣ метавонад ба таҳкими волоияти қонун мусоидат намояд.

Ҳамзамон, истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва мутобиқсозии он ба шароити миллӣ аҳаммияти махсус дорад. Тақвияти фарҳанги конститутсионӣ ва маърифати ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон низ омили муҳимми самаранокии назорати конститутсионӣ ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ, мақомоти назорати конститутсионӣ яке аз кафолатҳои асосии таъмини волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд мебошанд. Таҷрибаи байналмилалӣ ва вазъи амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки самаранокии фаъолияти ин мақомот ба сатҳи мустақилият, касбият ва иҷрои воқеии қарорҳои онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва такмили низоми назорати конститутсионӣ дорои аҳаммияти баланд буда, ба рушди устувори низоми ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳокимияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994
2. Диноршоев, А. М. Конституционный судебный процесс Республики Таджикистан : Учебно-методический комплекс. Посвящается 30-летию принятия Конституции Республики Таджикистан, 75-летию юридического факультета Таджикского национального университета и 15-летию филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / А. М. Диноршоев, Д. Н. Джамшедзода, У. У. Муродзода. – Душанбе : Таджикский национальный университет, 2024. – С. 23-24.
3. Муродзода, У. У. Роль Конституционного суда в разрешении конституционно-правовых споров / У. У. Муродзода // XIII Ломоносовские чтения : Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова, Душанбе, 28–29 апреля 2023 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2023. – С. 157-162. – EDN AEQNNT.
4. Муродзода, У. У. Становление и развитие конституционного судопроизводства в Республике Таджикистан / У. У. Муродзода // Конституция - как фактор стабильности государства : Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 05 ноября 2022 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2022. – С. 264-267. – EDN JNTZHC.

НАҚШИ МАҚОМОТИ НАЗОРАТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ТАЪМИНИ ВОЛОИЯТИ ҚОНУН: ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи моҳият, пайдоиш ва рушди назорати конститутсионӣ дар давлатҳои муосир дар заминаи таҳлили таърихӣ, назариявӣ ва ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар мақола равандҳои ташаккули институтҳои назорати конститутсионӣ дар низомҳои гуногуни давлатӣ таҳлил гардида, моделҳои асосии назорати конститутсионӣ ва хусусиятҳои онҳо муқоиса карда шудаанд. Диққати махсус ба салоҳиятҳои мақомоти назорати конститутсионӣ, механизми таъмини волоияти Конститутсия, муносибати онҳо бо ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, инчунин нақши ин институт дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини суботи сиёсӣ равона шудааст. Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд барои рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили механизми назорати конститутсионӣ дар низоми идоракунии давлатӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта бошанд.

Калидвожаҳо: Назорати конститутсионӣ, конститутсия, волоияти Конститутсия, суди конститутсионӣ, санҷиши мутобиқат, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонуният, давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, низоми давлатӣ, механизми ҳифзи Конститутсия, назорати судӣ Конститутсионализм, тавозуни ҳокимиятҳо, ҳимояи ҳуқуқӣ.

РОЛЬ КОНСТИТУЦИОННЫХ НАДЗОРНЫХ ОРГАНОВ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ВЕРХОВЕНСТВА ПРАВА: МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ И РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

В данной статье вопросы сущности, возникновения и развития конституционного контроля в современных государствах рассматриваются на основе исторического, теоретического и правового анализа. В статье проанализированы процессы формирования институтов конституционного контроля в различных государственных системах, а также сопоставлены основные модели конституционного контроля и их особенности. Особое внимание уделено полномочиям органов конституционного контроля, механизму обеспечения верховенства Конституции, их взаимодействию с законодательной, исполнительной и судебной властью, а также роли данного института в защите прав и свобод человека и обеспечении политической стабильности. Представленные научные выводы могут иметь теоретическое и практическое значение для развития теории конституционного права и совершенствования механизма конституционного контроля в системе государственного управления.

Ключевые слова: Конституционный контроль, Конституция, верховенство Конституции, Конституционный суд, проверка соответствия, нормативные правовые акты, законность, правовое государство, права и свободы человека, государственный строй, механизм защиты Конституции, судебный контроль, конституционализм, баланс властей, правовая защита.

THE ROLE OF CONSTITUTIONAL OVERSIGHT BODIES IN ENSURING THE RULE OF LAW: INTERNATIONAL EXPERIENCE AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN.

This article examines the essence, origin, and development of constitutional control in modern states based on historical, theoretical, and legal analysis. The paper analyzes the processes of formation of institutions of constitutional control in different systems of government and compares the main models of constitutional control and their features.

Special attention is paid to the powers of constitutional control bodies, the mechanism for ensuring the supremacy of the Constitution, their interaction with the legislative, executive, and judicial branches, as well as the role of this institution in protecting human rights and freedoms and ensuring political stability. The scientific conclusions presented may have theoretical and practical significance for the development of constitutional law theory and for improving the mechanism of constitutional control in the system of public administration.

Keywords: Constitutional review, Constitution, supremacy of the Constitution, Constitutional Court, compliance review, normative legal acts, legality, rule-of-law state, human rights and freedoms, state system, mechanism for safeguarding the Constitution, judicial review, constitutionalism, balance of powers, legal protection.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Гулова Мутриба Шарафовна* — Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ, Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Телефон: **(+992) 939329092**, Email:

Сведения об авторе: ***Гулова Мутриба Шарафовна*** – Таджикский национальный университет, студентка 1-го курса магистратуры, юридический факультет, адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17, телефон: (+992) 939329092, электронная почта: mutribaishams04@gmail.com

Information about the author: ***Gulova Mutriba Sharafovna*** - Tajik National University, 1st year master's student, Faculty of Law, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17, Phone: **(+992) 939329092**, Email: mutribaishams04@gmail.com

ТАТБИҚИ ФУНКСИЯҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ ДАР ЗАМИНАИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Забиров Ш. Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Технологияҳои рақамии босуръат инкишофёбанда қариб ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ворид шуда, ҷомеаи нави иттилоотиро, ки дар танзими онҳо нақши асосӣ ба ҳуқуқ (қонун) тааллуқ дорад, ба вуҷуд меоранд. Дар ин робита, зарурати тағйироти сохторӣ ва мазмунӣ дар тамоми низоми ҳуқуқӣ дар мадди аввал меистад. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қодир аст, ки назар ба дигар соҳаҳо ба шароити нави рушди рақамии давлат, ҷомеа ва иқтисодиёт зудтар мутобиқ шавад, зеро он бо методҳои чандирии танзим, дар аксари мавридҳо набудани вобастагии сахт ба ҳуқуқи миллӣ ва имконияти танзими ғайридавлатии муносибатҳо мутобиқи принсипҳои озодии шартнома ва мухторияти иродаи тарафҳо фарқ мекунад. Азбаски ҳуқуқи рақамӣ дар марҳилаи ибтидоии ташаккул қарор дорад, таваҷҷуҳи махсус бояд ба мутобиқгардонии меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ (аз ҷумла, тавассути тафсири васеъи мазмуни онҳо) ба хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити ҷомеаи рақамӣ дода шавад. Аз ин рӯ, таҳқиқи функсияҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун самтҳои таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ имрӯз на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Пеш аз ҳама, бояд ба масъалаи амалишавии функсияҳои соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ дар шароити муосири рушди иқтисоди рақамӣ таваққуф кард ва ба воситаҳои амалисозии функсияҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Агар аз мавқеи таносуб бо дигар категорияҳои бунёдии ҳуқуқ, аз ҷумла соҳаҳои алоҳида - бо ҳадафҳо, вазифаҳо ва принсипҳо назар кунем, функсияҳоро метавон ҳамчун воситаи ҳалли вазифаҳо ва ҳамзамон ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ муайян кард, ки дар он принсипҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ зоҳир мешаванд ва он мутобиқи принсипҳои ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Ҳамин тариқ, хусусияти функсияҳои соҳавӣ бо ҳадафу вазифаҳои соҳаи дахлдор асоснок карда шуда, дар предмет ва методҳои танзими хоси он зоҳир мегардад ва ба принсипҳои соҳавӣ такя мекунад. Маҳз тавассути функсияҳо амалисозии амалии ҳуқуқ сурат мегирад; инҳо паҳлуҳо ва самтҳои таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд . [1, с.9] Функсия ҳамчун самти таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ [2, с.73] ва ҳам ҳамчун амалисозии ҳуқуқ ва таъсири ҳуқуқии он дар самти муайян фаҳмида мешавад [3, с.45]. Ба ақидаи бархе аз ҷонибҳо таърифи аввал дақиқтар ба назар мерасад, зеро ибораи «таъсири ҳуқуқ дар самти муайян» аҳамияти функсияро ҳамчун раванд инъикос намекунад, балки танҳо ба ҳадафҳое таваҷҷуҳ мекунад, ки бояд дар натиҷаи таъсири ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ба даст оянд.

Функсияҳои ҳуқуқ, инчунин барои муайян кардани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд. [4, с.101] Ва дар шароити марҳилаи ибтидоии низоми меъёрҳои ҳуқуқи рақамӣ, функсияҳои ҳуқуқ, пеш аз ҳама, самтҳоеро муайян мекунанд, ки дар онҳо танзими ҳуқуқӣ бояд амалӣ карда шавад. Бинобар ин, зарур аст, ки ин самтҳо ва сипас дурнамои амалишавии функсияҳо нишон дода шаванд. Яке аз унсурҳои сохтори функсияи ҳуқуқ воситаҳои амалисозии он мебошанд. [5, с.21-27] Амалишавии ҳар як функсияи ҳуқуқ тавассути воситаҳои танзими ҳуқуқӣ сурат мегирад, ки яке аз онҳо иҷозатдиҳӣ — фароҳам овардани имконият ба субъектҳо барои амал кардан бо хоҳиши худ мебошад.

Инчунин воситаҳои амалисозии функсияҳо инҳо мебошанд: манъ кардан, вазифадоркунии мусбат ва тавсиядиҳӣ. Усули бартаридоштаи амалисозии функсияҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бояд иҷозатдиҳӣ ҳисобида шавад. Функсияи танзимкунандаи умумиҳуқуқӣ, ки дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ зуҳури махсус дар шакли функсияи бартараф кардани мушкилоти коллизионӣ ва функсияи муттаҳидсозӣ (унификатсия) дорад, эҷоди як низоми пурраи меъёрҳои моддӣ ва коллизионии

муттаҳидшударо пешбинӣ мекунад, ки муносибатҳои вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамиро ба танзим медароранд.

Функсияи танзимкунанда дар ҳуқуқи маданӣ (ба монанди дигар соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ) хусусияти соҳавиро соҳиб мешавад ва ҳамчун функсияи соҳавии ташкили муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад [6, с.123]. Нисбат ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бошад ин функсия, масалан тавассути мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои субъектҳо дар соҳаи ҳифзи маълумоти шахсӣ дар Конвенсия «Дар бораи ҳифзи шахсони воқеӣ ҳангоми коркарди автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ» аз 28 январи соли 1981 (бо тағйирот аз 15 июни соли 1999) амалӣ мегардад.

Ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ функсияи худтанзимкунӣ ҳамчун функсияи мустақили байнисоҳавии соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ хос аст. Он ба чунин принсипҳои ҳуқуқӣ, аз қабили мухторияти ирода, озодии шартнома ва ғайра асос меёбад. [7, с.49] Усули асосии амалисозии ин функсия — иҷозатдиҳӣ мебошад. Ҳуқуқ ба муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ бо унсури хориҷӣ тавассути фароҳам овардани имконият ба иштирокчиёни чунин муносибатҳо дар соҳаҳои муайян таъсир мерасонад, то онҳо мустақилона ҳуқуқи татбиқшавандаро ба муносибатҳои худ мутобиқи принсипи коллизионии *lex voluntatis* муайян кунанд, татбиқи баъзе меъёрҳои шартномаҳои байналмилалиро истисно намоянд ва дар бораи татбиқи расму одатҳои байналмилалӣ ва қоидаҳои маъмул, яъне «тартиби муқарраршуда»-е, ки дар тӯли давраи тӯлонӣ амал мекунад (*lex mercatoria*), мувофиқа намоянд . [8, с. 61]

Нишондиҳандаи равшани амалисозии ин функсияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар вақти ҳозир ба истилоҳ «шартномаи ҳушманд» ё худ смарт-контрактҳо мебошанд, ки дар онҳо унсури хориҷӣ мавҷуд аст. Смарт-контракт («шартномаи зеҳнӣ», «шартномаи ҳушманд») шартномаи худҷоришавандае мебошад, ки дар заминаи платформаи блокчейн сохта шуда, дар шакли электронӣ баста мешавад ва барои ворид намудани тамоми шартҳои шартнома ба блокчейн аз коди математикӣ истифода мебаранд.

Вобаста ба густариши таҷрибаи истифодаи «шартномаҳои ҳушманд», ки метавонанд бидуни иштироки субъекти ҳуқуқи маданӣ баста ва иҷро шаванд ва аксаран ба категорияи шартномаҳои дар қонун зикрнашуда мансубанд, инчунин вобаста ба рушди тиҷорати молу хидматҳо тавассути шабакаи «Интернет», борҳо дар бораи ислоҳи мафҳуми шартнома сухан рафтааст. Бояд ба набудани танзими махсуси ҳуқуқӣ дар ин соҳа, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар заминаи сарчашмаҳои байналмилалӣ, таваҷҷуҳ зоҳир кард.

Зарур аст, ки ҷиҳати таҳияи забон ва воситаҳои ягона барои тавсифи шартномаҳои худҷоришаванда тадқиқотҳо бурда шаванд. Функсияи танзимкунанда ва муттаҳидсози (унификатсионии) ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз муҳим будани таҳияи қоидаҳои ягонаи сохтани смарт-контрактҳо тавассути қабули конвенсияи ҷаҳонӣ дар ин соҳаи босуръат рушдёбанда шаҳодат медиҳад.

Масъалаи муайян кардани ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба чунин шартномаҳо (контрактҳо) ба он вобаста аст, ки принсипҳои коллизионии маълум танҳо ба шартномаҳои анъанавии ҳуқуқии маданӣ мутобиқ карда шудаанд. Масалан, мушкилоти муайян кардани макони баста шудани смарт-контракт, макони иҷрои он ва ҳуқуқи кишваре, ки шартнома бо он робитаи зичтарин дорад.

Хусусияти тақсимотии уҳдадорие, ки дар смарт-контракт зикр шудааст, татбиқи қонуни шахсии ҳар як иштирокдор ва инчунин иштирокдори блокчейнро ба таври баробар пешбинӣ мекунад. [9, с.176] Нуқтаи муҳим дар ин ҷо муттаҳидсозии (унификатсияи) ҳуқуқи миллӣ бо мақсади бартараф кардани мушкилоти коллизионӣ мебошад . Дар шароити иқтисоди рақамӣ, тиҷорати фаромарзӣ ба таҳияи меъёрҳои ягонаи моддию ҳуқуқӣ ниёз дорад, ки дар онҳо ҳуқуқ ва вазифаҳои тарафҳо мустаҳкам карда мешаванд ва онҳо аз ҷониби судҳо татбиқ мегарданд. Пайдо шудани масъалаи бандубаст (квалификатсия), ки бо мушкилоти коллизионӣ робитаи зич дорад, низ истисно нест.

Мутаносибан, бо мақсади ҳалли масъалаи бандубаст (квалификатсия) ва бартараф намудани мушкилоти коллизионӣ дар смарт-контрактҳо, барои имконияти бо суръати бастани онҳо ва ҳалли баҳсҳои эҳтимолӣ, бояд алгоритми бандубасти муносибатҳои шартномавӣ ҳамчун аҳди тиҷоратии байналмилалӣ (аҳди фаромарзӣ) мавҷуд бошад. Ин алгоритм бояд авлавияти ҳуқуқи татбиқшавандаро мутобиқи принсипи коллизионии *lex voluntatis*, имконияти истисно кардани татбиқи баъзе меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ ва расму одатҳои байналмилалӣ, яъне «тартиби муқарраршуда»-ро, ки дар тули давраи тулонӣ амал мекунад (*lex mercatoria*), дар бар гирад.

Сипас, дар асоси принсипҳои коллизионӣ ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба шартнома муайян карда мешавад, [10, с.145] яъне функсияи коллизионии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ амалӣ мегардад. Дар амалия, тарафҳои смарт-контрактҳо мутобиқи принсипи мухторияти ирода бештар низомҳои ҳуқуқии мувофиқеро интихоб мекунанд, ки нисбат ба смарт-контрактҳо мусоидтар мебошанд. Аммо дар сурати дар минтақаҳои юрисдиксияҳои гуногун ҷойгир шудани гиреҳҳои шабакаи феҳристи блокҳои муомилот (блокчейн), «тақсимшавии статути шартномавӣ» ба амал меояд, ки ин интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаро хеле душвор месозад. [11, с.103]

Тавре ки зикр гардид, хусусияти предмет ва методҳои танзим, ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ боиси ҷудо кардани чунин функсияҳои соҳавӣ, аз қабили функсияи коллизионӣ ва муттаҳидсозӣ (унификатсионӣ) гардиданд. [12, с.50] Функсияи коллизионӣ аз интихоби тартиботи ҳуқуқии босалоҳият (компетентӣ), ки муносибати ҳуқуқии хусусии дорои хусусияти байналмилалӣ бо он робита дорад, иборат мебошад. Функсияи муттаҳидсозӣ бошад, аз эҷоди меъёрҳои муттаҳидшудаи шартномаҳои байналмилалӣ иборат аст, ки барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ бо унсури хориҷӣ пешбинӣ шудаанд. [13, с.43]

Функсияҳо қобилияти ҳуқуқро ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳанд ва амалисозии онҳо танҳо дар доираи танзими ҳуқуқӣ имконпазир аст. [14, с.8] Аммо, қариб комилан набудани танзими низомии муносибатҳои фаромарзӣ дар муҳити рақамӣ имкон намедиҳад, ки дар бораи ҷудо кардан ва амалисозии пурраи функсияҳои соҳавӣ бо такя ба меъёрҳои мушаххас сухан гӯем. Баръакс, сохтани низом ва дарки назариявии мазмуни функсияҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти хусусияти муносибатҳои ҷамъиятӣ дар муҳити рақамӣ, дар канори вазифаҳо ва принсипҳо, мазмуни меъёрҳои дахлдорро муайян хоҳад кард.

Пойгоҳи ягонаи байналмилалии санадҳои меъёрии ҳуқуқии мошинхона метавонад равандҳои муттаҳидсозӣ (унификатсия) ва ҳамоҳангсозии (гармонизатсияи) ҳуқуқро суръат бахшад ва имкон диҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо пайдоиши мушкилоти коллизионӣ пешгирӣ карда шавад. Функсияи муттаҳидсозии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ метавонад заминаро барои бастани созишномаи байналмилалӣ фароҳам орад, ки қоидаҳои ягонаи муайян кардани қонуни шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро муқаррар намуда, инчунин механизми ҳамкории электронии феҳристҳои миллии шахсони ҳуқуқиро ҷорӣ намояд.

Бо ин роҳ, шаффофияти ташаккул ва фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ (трансмиллӣ) таъмин карда мешавад. Инчунин, ин иқдом имкон медиҳад, ки аз ба вуҷуд омадани мурофиаҳои мувозии муфлисшавӣ пешгирӣ карда шавад. Дар давраи рақамӣ мушкилоти вобаста ба ҳифзи маълумоти шахсӣ ва муайянкунии (идентификатсияи) субъектҳои муносибатҳое, ки тавассути шабакаи «Интернет» ба вуҷуд меоянд, дар мадди аввал меистанд.

Қадамҳои муайян дар ин самт дар сатҳи миллӣ бо қабули Қонуни ҶТ аз 03 августи соли 2018, № 1537 «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ», Қонуни ҶТ аз 05 июни соли 2008, №507 «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», Қонуни ҶТ аз 02 декабри соли 2002, № 71 «Дар бораи ҳифзи иттилоот» ва ғайра гузошта шудаанд. Дар сатҳи байналмилалӣ бошад, функсияи муҳофизатии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар муқаррароти Конвенсия «Дар бораи ҳифзи

шахсони воқеӣ ҳангоми коркарди автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ» аз 28 январи соли 1981 (бо тағйирот аз 15 июни соли 1999) инъикос ёфтааст.

Дар он мустаҳкам карда шудааст, ки ба ҳар як шахс бояд имконият дода шавад: аз мавҷудияти файли автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ ва номгӯй, маҳалли зист ё маҳалли ҷойгиршавии назораткунандаи файл огоҳ гардад; тасдиқи онро гирад, ки оё маълумоти ӯ дар файли автоматикунонидашуда нигоҳ дошта мешавад ё не; дар сурати зарурат ба ислоҳ ё нест кардани чунин маълумот ноил шавад; ва дар ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқҳо дар ин соҳа ба воситаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ мурочиат намояд (моддаи 8-и Конвенсия). Дар маҷмӯъ, Конвенция ба ҳифзи шахсони воқеӣ аз суиистифода ҳангоми ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти шахсӣ ва ба танзими ҷараёни фаромарзии маълумоти шахсӣ нигаронида шудааст.

Ва дар айни замон, Конвенсия «Дар бораи ҳифзи шахсони воқеӣ ҳангоми коркарди автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ» аз 28 январи соли 1981 (бо тағйирот аз 15 июни соли 1999), ки бо номи «Конвенсияи 108» маъруф аст, ягона шартномаи байналмилалии глобалӣ дар соҳаи ҳифзи маълумоти шахсӣ боқӣ мемонад.

Масъалаи муайянкунии (идентификатсияи) субъектҳо низ ҳаллу фасл ва танзими дахлдорро талаб мекунад: дар кадом ҳолатҳо муайянкунӣ имконпазир ва зарур аст; ҳуқуқ ба истифодаи тахаллус (номи шабакавӣ); ҳуқуқ ба фаромӯшӣ ва «марги рақамӣ». Дар адабиёти илмӣ ду варианти ҳалли ин масъала пешниҳод мешавад:

1. Шахсияти маҷозӣ (виртуалӣ), ки муайян кардани он имконнопазир аст, ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ дар шабакаи «Интернет» эътироф карда шавад;
2. Маълумоти шахсӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ эътироф карда шавад. [15, с.7]

Пайдоиш ва рушди самараноки технологияҳои иттилоотӣ ба шарофати истифодаи ба истилоҳ хидматҳои «абрӣ» (cloud services) имконпазир гардид. Сарфи назар аз афзоиши маъруфият, роҳатӣ ва фаврӣ будани онҳо, истифодаи ин хидматҳо бо мушкилоти зиёд алоқаманд аст. Пеш аз ҳама, инҳо бандубасти ҳуқуқии (квалификатсияи) шартнома оид ба пешниҳоди ҳуқуқи истифодаи хидматҳои «абрӣ», иҷозатномадиҳӣ (лисензиякунонӣ), андозбандӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ мебошанд».

Хидмати «абрӣ» (cloud service) усули автоматикунонидашудаи пешниҳоди иқтидорҳои ҳисоббарорӣ (аз ҷумла, нармафзор) тавассути шабакаи Интернет бо дархости муштарӣ мебошад. Дар натиҷаи истифодаи хидматҳои «абрӣ» амният, суръат ва қоидаҳои ягонаи ҳисоббарориҳои байналмилалӣ таъмин карда мешаванд.

Дар заминаи технологияи блокчейн дар аввал асъори рақамии биткойн сохта шуд ва сипас криптовалютаҳои нав пайдо шуданд ва имрӯз низ эҷод шуда истодаанд, ки дар тиҷорати интернетӣ ҳамчун воситаи пардохт фаъолона истифода мегарданд. Дар ин робита фарз карда мешавад, ки технологияҳои блокчейн имкон медиҳанд, ки транзаксияҳо зуд, бехатар ва бидуни миёнаравҳо гузаронида шаванд . [16, с.29]

Аммо вақтҳои охир истифодаи криптовалютаҳо зери шубҳа гузошта мешавад: биткойн бинобар пайваста афзоиш ёфтани арзиши нигоҳдории низоми блокчейни дар асоси он қарордошта, мавриди интиқоди шадид қарор мегирад. [17, с. 83] Дар байни дигар камбудиҳои криптовалютаҳо инҳо номбар мешаванд: набудани заминаи қонунгузорӣ ва расмиёти расмии мубодила, имконнопазирии бекор кардани транзаксияҳо ва баргардонидани маблағҳо дар сурати қаллобӣ, осебпазирӣ нисбат ба рахнакунии (взлом) низомҳои пардохтии криптовалютӣ ва набудани кафолати иҷрои аҳдҳо. [18 с.59] Рушди низомҳои пардохтӣ дар асоси технологияҳои блокчейн идома дорад. Маъруфтарини онҳо низоми ҳисоббарории бонкии SWIFT мебошад.

Аммо вақтҳои охир он (SWIFT) нисбат ба ҳуҷумҳои хакерӣ осебпазирӣ нишон дод. Метавон низоми GPSG-ро номбар кард, ки ҳамчун рақиби SWIFT баррасӣ мешавад, инчунин платформаи нави CLS Not ва ғайраҳо. [19, с.116-117] Масъалаи истифодаи пойгоҳҳои

гуногуни маълумот ва дастрасӣ ба онҳо дар ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ зоҳир мегардад.

Дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, васеъ кардани имкониятҳои пойгоҳи ягонаи маълумот ва ҷорӣ намудани феҳристи ягонаи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дар заминаи технологияи блокчейн дар шароити иқтисоди рақамӣ барои ҷустуҷӯи иттилоотӣ бо мақсади муайян кардани асолат, навоварии илмӣ ва мавҷудияти патенти амалкунанда зарур аст. Дар ниҳоят, ин метавонад боиси эҷоди патенти ягонаи байналмилалӣ, ҳифзи кафолатёфтаи ҳуқуқҳои муаллифон ва соҳибпатентон ва таъсиси низоми самараноктари идоракунии ҳуқуқҳои муаллифӣ гардад.

Дар соҳаи муносибатҳои моликияти зеҳнӣ, хидматҳои блокчейн ба амалисозии бақайдгирии ҳуқуқҳои зеҳнӣ, бастану иҷрои смарт-шартномаҳои лисензионӣ (иҷозатномавӣ), пайгирии риояи ҳуқуқҳои зеҳнӣ ба объектҳо дар гардиши амволи рақамӣ ва ошкор кардани молу маҳсулоти қочоқӣ ё қалбакӣ мусоидат мекунанд . [20, с.29-30]

Дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат, бастан ва иҷрои шартномаҳои меҳнатӣ бидуни тамоси шахсии тарафҳо (фаъолияти меҳнатии фосилавӣ) танзими махсусро талаб мекунад, ки ин дар шароити муосир хеле муҳим аст. Ҳоло гардиши электронии ҳуҷҷатҳои кадрӣ фаъолона рушд карда истодааст. Дар баъзе давлатҳо пойгоҳи ягонаи маълумоти муҳоҷирони хориҷӣ таъсис дода шудааст. Он ба идораҳои манфиатдор имкон медиҳад, ки бо мақсади пешниҳоди хидматҳои давлатӣ ба муҳоҷирон, маълумот дар бораи ҷойҳои корӣ холӣ табодули иттилоот кунанд ва имкони ба таври онлайн ба расмият даровардани патенти кориро фароҳам меорад.

Функсияи муҳофизатии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар шароити муосири иқтисоди рақамӣ такмили низоми механизмҳои алтернативии онлайнии ҳалли баҳсҳо ва ба реҷаи онлайн гузаронидани баррасии баҳсҳоро дар судҳои арбитражии тиҷоратии байналмилалӣ пешбинӣ намуд. Майдонҳои тиҷоратии ҷаҳонӣ аз марказҳои махсуси ҳалли баҳсҳо истифода мебаранд, ки одатан аз ҷониби платформаҳои рақамӣ таъсис дода шуда, тибқи қоидаҳои худи онҳо фаъолият мекунанд . [21, с.180]

Арбитражҳои блокчейнӣ метавонанд роҳи дигарро пеш гиранд — «мутобиқ шудан» ба ҳуқуқ (аз ҷумла ба меъёрҳои Конвенсия дар бораи эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражи хориҷӣ (Ню-Йорк, соли 1958). [22, с.104] Аммо, дар айни замон, бояд ба мушкилоте, ки дар раванди эътироф ва иҷрои қарорҳои тавассути арбитражи онлайн қабулшуда ба вуҷуд меоянд, таваҷҷуҳ зоҳир кард. Масалан, нисбат ба шакли созишномаи арбитражӣ, ки дар аввал Конвенсияи Ню-Йорк танҳо шакли хаттиро талаб мекард. Вале минбаъд ЮНСИТРАЛ имкони тафсири васеъи муқаррароти Конвенсияи Ню-Йоркро нисбат ба шакли созишномаи арбитражӣ иҷозат дода, табодули паёмҳои электрониро ба он баробар кард

Қонунгузории баъзе давлатҳо имконияти бастани созишномаи арбитражиро дар шакли электронӣ пешбинӣ мекунад. Хусусияти дигари арбитражи онлайн дар он аст, ки ҳамкории тарафҳо бо арбитрҳо ба таври бавосита тавассути платформаи онлайн сурат мегирад. Ин метавонад муоширати электронӣ дар шакли видеоии мустақим бо пешниҳоди ҳамзамони маълумот ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ бо усулҳои гуногун бошад.

Қонунгузории баъзе давлатҳо ба тарафҳо имкон медиҳад, ки аз шунидани шифоҳӣ даст кашанд. Дар чунин ҳолат, арбитр баҳсро тавассути омӯзиши ҳуҷҷатҳои хаттии аз ҷониби тарафҳо пешниҳодшуда баррасӣ мекунад. Баъзан регламентҳо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои парвандаро тавассути боргузории онҳо ба платформа пешбинӣ менамоянд.

Аммо набудани меъёрҳои муттаҳидшуда (унификатсияшуда), ки ҷараёни арбитражи онлайнро ба танзим медароранд, метавонад боиси вайрон шудани принсипи баробарии тарафҳо гардад. Талабот ба шакли қарори арбитражӣ аз ҷониби ҳуқуқи он давлате муқаррар карда мешавад, ки дар он баҳс баррасӣ мегардад. Ин метавонад боиси ғайриимкон гаштани эътироф ва иҷрои қарор дар он давлате шавад, ки қонунгузорияш шакли электрониро барои чунин намуди ҳуҷҷатҳо пешбинӣ накардааст ». [23, с.135-141]

Зарурати муттаҳидсозии (унификатсияи) тартиби баррасии баҳсҳое, ки аз смарт-контрактҳо бармеоянд, боиси пайдоиши ба истилоҳ «ҳуқуқи фаромиллии тиҷорати электронӣ» (*lex electronica/informatica*) гардид. Ин ҳуқуқ низоми меъёрҳои байналмилалию ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои аз аҳдҳои фаромиллӣ тавассути технологияҳои рақамӣ бавуҷудомадаро танзим мекунад . [24, с.105]

Лоиҳаи **Kleros** як тарҳи ҷолиб дар соҳаи эҷоди низоми махсуси ғайримарказонидаи (десентрализатсияшудаи) ҳалли баҳсҳо гардид. Моҳияти он аз он иборат аст, ки дар сурати ба вуҷуд омадани баҳс байни тарафҳои смарт-контракт, иттилоот ба таври автоматӣ дар шакли рамзгузоришуда ба Kleros фиристода мешавад. Сипас, аз байни шахсони бақайдгирифташуда, ки токенҳои тасдиқкунандаи ҳуқуққояшонро дар платформаи *pinakoin* истифода мебаранд, арбитрҳо ба таври тасодуфӣ интихоб карда мешаванд. Арбитрҳо барои тарафҳо беном (анонимӣ) боқӣ мемонанд. Қарор бо аксарияти овозҳо қабул карда мешавад. Аъзои ҳакамоне, ки дар ақаллият мемонанд, миқдори муайяни токенҳои худро аз даст медиҳанд ва ин токенҳо ба арбитрҳои дигар мегузаранд . [25, с.162-163]

Амалишавии функсияи тарбиявии ҳуқуқ чандон равшан зоҳир намегардад; он тавассути иҷозатдиҳӣ, тавсияҳо ва манъкуниҳо дар раванди мутобиқшавии субъектҳо дар фазои рақамӣ ва ташаккули шуури нави ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меоянд, сурат мегирад.

Тамоюлҳои муосири рушди технологияҳои рақамӣ ва истифодаи онҳо дар соҳаҳои гардиши амвол, гардиш ва ҳифзи иттилоот, ҳуқуқҳои зеҳнӣ, амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, меросӣ ва оилавӣ, инчунин амалисозии ҳуқуқҳои мурофиавӣ дар мурофиаи маданӣ, эҷоди як низоми комилан нави меъёрҳои ҳуқуқиро талаб мекунанд, ки муносибатҳои дар технологияҳои рақамӣ асосёфтаро танзим намоянд.

Азбаски хусусияти муносибатҳои муосири фаромарзии ҳуқуқии хусусӣ аксар вақт истифодаи технологияҳои рақамиро пешбинӣ мекунад, меъёрҳои ҳуқуқи рақамӣ, пеш аз ҳама, бояд дар сатҳи байналмилалӣ эҷод карда шуда, соҳаи фаръии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ташкил диҳанд. Мазмуни чунин меъёрҳо (дар канори дигар категорияҳои соҳавӣ) бо функсияҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муайян карда мешавад ва минбаъд, меъёрҳои ҳуқуқии аллакай амалкунанда тавассути иҷрои ин функсияҳо амалӣ мегарданд.

АДАБИЁТ

1. Байтин, М. И. О принципах и функциях права : новые моменты // Правоведение. 2000. № 3. С 4–16.
2. Абрамов, А. И. Понятие функции права // Жур нал российского права.2006. № 2. С 71–83.
3. Рыженков, А. Я. Функции гражданского права : вопросы теории // Пробелы в российском законо дательстве. 2012. № 4. С. 44–50.
4. Зайцев, О. В. Сущность и виды функций граж данского права // Legal Concept /Правовая парадигма/. 2018. Том 17. № 1. С. 98–103.
5. Рыженков, А. Я. Компенсационная функция в гражданском праве. Саратов : Изд-во Саратовского университета. 1983, С. 8–28.
6. Каравай, Т. В. Понятие и виды функций граж данского права. // Вестник Омского университета. Се рия «Право». 2016. № 2. С. 121–127
7. Максименко, С. Т. К вопросу о функциях меж дународного частного права // Вестник СГЮА. 2015. № 4. С. 47–52.
8. Перцева, С. Ю. Криптоиндустрия и платежные системы // Государственный советник. 2019. № 2. С. 58–63.
9. Мажорина, М. В., Терентьева Л. В., Шахназаров Б. А. Международное частное право в условиях разви тия информационно-коммуникационных технологий // Актуальные проблемы российского права. 2019. № 5. С. 161–189.
10. Мажорина, М. В. Трансграничные договорные обязательства: проблема правовой квалификации // Право. Журнал высшей школы экономики. 2016. № 2. С. 143–157.
11. Мажорина, М. В. О коллизии права и «неправа», реновации lex mercatoria, смарт-контрактах и блок чейн-арбитраже // Lex Russica. 2019. № 7. С. 93–107
12. Максименко, С. Т. К вопросу о функциях меж дународного частного права // Вестник СГЮА. 2015. № 4. С. 47–52.

13. Ермолова, О. Н., Максименко, С. Т. О специаль ных функциях частного права // Юридическая наука. 2017. № 2. С. 42–44.
14. Рыженков, А. Я. Компенсационная функция в гражданском праве. Саратов : Изд-во Саратовского университета. 1983, С. 8–28.
15. Талапина, Э. В. Право и цифровизация : новые вызовы и перспективы // Журнал российского права. 2018. № 2. С. 5–17.
16. Карцхия, А. А. Цифровое право как будущее классической цивилистики // Право будущего : Ин теллектуальная собственность, инновации, Интернет. 2018.№ 1. С. 26–40.
17. Липницкий, Д. В. Возможности и вызовы для блокчейн в новой индустриализации // Экономика промышленности. 2019. № 1. С. 82–100.
18. Перцева, С. Ю. Криптоиндустрия и платежные системы // Государственный советник. 2019. № 2. С. 58–63.
19. Пономаренко, В. Е. Мировой опыт внедрения технологии распределенного реестра в платежной ин дустрии // Юридическая наука. 2017. № 5. С. 113–121.
20. Карцхия, А. А. Цифровое право как будущее классической цивилистики // Право будущего : Ин теллектуальная собственность, инновации, Интернет. 2018.№ 1. С. 26–40.
21. Мажорина, М. В., Терентьева Л. В., Шахназаров Б. А. Международное частное право в условиях разви тия информационно-коммуникационных технологий // Актуальные проблемы российского права. 2019. № 5. С. 161–189.
22. Мажорина, М. В. О коллизии права и «неправа», реновации lex mercatoria, смарт-контрактах и блок чейн-арбитраже // Lex Russica. 2019. № 7. С. 93–107.
23. Галковская, Н. Г., Вутын, В. Е. Онлайн-арбитраж как средство разрешения трансграничных экономиче ских споров. Проблемы принудительного исполнения онлайн-арбитражных решений // Вестник Томского государственного университета. Право. 2017. № 24. С. 133–145.
24. Казаченок, С. Ю. Развитие LEX ELECTRONICA как предпосылка включения в арбитражное соглаше ние условия об онлайн-арбитраже // Вестник Волгогр. гос. ун-та. Серия 5, Юриспруденция. 2014. № 4. С. 104–107.
25. Засемкова, О. Ф. Разрешение споров с помощью технологии блокчейн // Актуальные проблемы рос сийского права. 2019. № 4. С. 160–167.

ТАТБИҚИ ФУНКСИЯҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ ДАР ЗАМИНАИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Нақши функсияҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳамзамон дар муайян намудани самтҳое, ки дар онҳо бояд танзими ҳуқуқии муносибатҳои дар шароити муосири рушди иқтисоди рақамӣ бавуҷудомада амалӣ карда шавад, таъкид мегардад. Бо назардошти фикри олимон функсияи танзимкунанда (дар ҷанбаи соҳавӣ дар шакли функсияҳои коллизионӣ, унификатсиякунанда, худтанзимкунанда ва функсияи ташкили муносибатҳои ҷамъиятӣ зоҳир мегардад), функсияҳои муҳофизатӣ ва тарбиявӣ ҷудо карда мешаванд. Воситаҳои амалисозии функсияҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ вобаста ба намудҳои асосии муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба технологияҳои рақамӣ мавриди тадқиқ қарор мегиранд. Аҳаммияти хоси функсияҳо дар муайян кардани самтҳои рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар шароити ҷомеаи рақамӣ ошкор карда шудааст.

Калидвожаҳо: функсияҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, иқтисоди рақамӣ, технологияҳои рақамӣ, муттаҳидсозии (унификатсияи), хидмати абрӣ, коркарди автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ, смарт-контрактҳо, *lex voluntatis*, *lex mercatoria*, платформаи *pinakoin*, ҳуқуқи фаромиллии тиҷорати электронӣ, хидматҳои блокчей

РЕАЛИЗАЦИЯ ФУНКЦИЙ МЕЖДУНАРОДНОГО ЧАСТНОГО ПРАВА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Подчеркивается роль функций международного частного права в практической реализации правовых норм и, одновременно, в определении направлений, в которых должно осуществляться правовое регулирование отношений, возникающих в современных условиях развития цифровой экономики. С учетом мнения ученых выделяются регулятивная функция (в отраслевом аспекте проявляется в виде коллизионной, унифицирующей, саморегулирующей функций и функции организации общественных отношений), охрани тельная и воспитательная функции. Исследуются средства реализации функций международного частного права применительно к основным видам общественных отношений, связанных с цифровыми технологиями. Выявлено особое значение функций в определении направлений развития правового регулирования трансгра ничных частноправовых отношений в условиях цифрового общества.

Ключевые слова: функции международного частного права, цифровая экономика, цифровые технологии, унификация, облачный сервис, автоматизированная обработка персональных данных, смарт-контракты, lex voluntatis, lex mercatoria, платформа pinakoin, транснациональное право электронной торговли, блокчейн-сервисы.

IMPLEMENTATION OF THE FUNCTIONS OF PRIVATE INTERNATIONAL LAW IN THE DIGITAL ECONOMY

The role of international private law functions in the practical implementation of legal norms and, at the same time, in determining the directions in which legal regulation of relations arising in the modern conditions of the digital economy should be carried out is emphasised. Taking into account the opinions of scholars, the regulatory function (in the sectoral aspect, it manifests itself in the form of conflict-of-law, unifying, self-regulating functions and the function of organising public relations), protective and educational functions are distinguished. The means of implementing the functions of private international law in relation to the main types of public relations associated with digital technologies are examined. The special significance of these functions in determining the directions of development of legal regulation of cross-border private law relations in the conditions of a digital society has been revealed.

Keywords: functions of private international law, digital economy, digital technologies, unification, cloud services, automated processing of personal data, smart contracts, lex voluntatis, lex mercatoria, pinakoin platform, transnational e-commerce law, blockchain services.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Забиров Шаҳриёр Фарруҳович* — Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ, Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Телефон: **(+992)** 915-60-81-31,

Сведения об авторе: ***Забиров Шахриёр Фаррухович*** – Таджикский национальный университет, студент 1-го курса магистратуры, юридический факультет, адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17, телефон: (+992) 915-60-81-31.

Information about the author: ***Zabirov Shahriyor Farrukhovych*** - Tajik National University, 1st year master's student, Faculty of Law, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17, Phone: (+992) 915-60-81-31,

СИЁСАТ – ПОЛИТИКА

ИСТИФОДАИ НАЗАРФИРЕБИИ СИЁСӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР ВА ШАКЛҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ОН

Сафарзода Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Назарфиребии сиёсӣ ҳарчанд таърихи қадима дошта бошад ҳам, вобаста ба марҳилаҳои гуногуни рушди таърихӣ шаклҳои зоҳиршавии он тадриҷан тағйир ёфтааст. Дар замони муосир на танҳо роҳу усулҳои нави назарфиребии сиёсӣ ба амал омадаанд, балки хусусиятҳои даркнашавандагӣ ва таъсири иттилоотии онҳо хеле зиёд шудаанд. Ғайр аз ин, дар шароити имрӯза шумораи субъектҳои назарфиребӣ низ хеле бештар гардидаанд. Бо назардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки назарфиребӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ хеле мураккаб ва гуногунтаркиб мебошад. Аз ин рӯ, дар навбати аввал мундариҷаи онро аз чунин унсурҳо иборат донистан ба мақсад мувофиқ аст: субъекти назарфиребӣ (манипулятор), объекти назарфиребӣ, шарту шароит ва имкониятҳои субъект, мақсадҳои субъект, роҳу усулҳо ва шаклҳои зоҳиршавии таъсиррасонии иттилоотию психологӣ.

Дар байни унсурҳои номбаргардида объекти назарфиребӣ мавқеи марказиро ишғол менамояд. Зеро тамоми амалҳои таъсиррасонӣ ба хотири тағйир додани рафтори объект анҷом дода мешаванд. Дар адабиёти илмӣ объектҳои назарфиребӣ ва таъсиррасонии иттилоотию психологиро ба таври зерин муайян намудаанд: одамон ва афкори ҷамъиятӣ, иттиҳоди одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аскарону афсарон, элитаи ҳукмрон, аҳолии мамлакат ва ҳатто худи мамлакат дар маҷмуъ [4, с.34].

Чи гунае ки мушоҳида мегардад, назарфиребӣ ҳамчун раванди амалӣ намудани мақсадҳо аз унсурҳои гуногун таркиб ёфтааст. Ба инобат гирифтани унсурҳои таркибии он имкон медиҳад, ки хусусиятҳои муҳими ин падида ошкор карда шуда, шаклҳои зоҳиршавии он низ муайян гарданд. Аммо олимону муҳаққиқон дар ин маврид андешаи ягона надоранд. Унсурҳои таркибии назарфиребиро дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ ба таври зерин нишон додаанд: субъектҳои назарфиребӣ, иттилооти интиқолёбанда, хусусияти эмотсионалӣ доштани иттилоот, шабакаҳои интиқоли иттилоот ва объекти назарфиребӣ. Дар баробари объекти назарфиребӣ, субъектҳои он низ яке аз унсурҳои муҳимтарини ин падида мебошанд. Субъектҳои назарфиребиро бо назардошти баъзе хусусиятҳои он, пеш аз ҳама, аз руйи мақсадҳои сиёсӣ ба субъектҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷудо менамоянд. Дар чунин шакл гурӯҳбандӣ намудани онҳо барои дарки самтҳои фаъолияти онҳо мушкилиҳои зиёдро пеш намегузоранд. Зеро субъектҳои давлатӣ барои бештар намудани ҷонибдорони идеологияи расмӣ ва субъектҳои ғайридавлатӣ барои ба ҷониби худ ҷалб намудани диққати одамон фаъолият менамоянд. Аммо субъектҳои анъанавӣ ва нав дар фаҳму дарки назарфиребӣ баъзе мушкилиҳоро пеш мегузорад. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии ин масъала зарур дониста мешавад.

Дар маҷмуъ, субъектҳои назарфиребиро аз рӯйи усулҳои фаъолият дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: субъектҳои анъанавӣ ва нав. Яке аз нишонаҳои фарқкунандаи субъектҳои анъанавӣ дар он аст, ки онҳо барои анҷом додани назарфиребии сиёсӣ васоити ахбори оммаи анъанавиро истифода менамоянд. Аз ҷумла телевизион, радио, газетаҳо, маҷаллаҳо ва ғ. Ба таври мушаххас субъектҳои анъанавии назарфиребиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст: элитаҳои сиёсӣ, элитаҳои тиҷоратӣ, ҷамъиятҳои пинҳонӣ (конспираторҳо), лоббистон, гурӯҳҳои манфиатдор, ҳизбҳои сиёсӣ ва монанди инҳо. Як қатор олимон дар таҳқиқоти худ субъектҳои

анъанавии назарфиребиро таҳлилу баррасӣ намуда, иброз медоранд, ки онҳо хислатҳои мушаххаси сиёсию иҷтимоиро бояд дошта бошанд. Чунончӣ В.Шейнов ва дигарон хислатҳои шахсии субъектҳои ғайрианъанавиро ба таври зерин нишон додаанд:

- доштани обрӯ ва нуфузи шахсию гурӯҳӣ;
- доштани мавқеи баланди иҷтимоию сиёсӣ;
- доштани қобилиятҳои зеҳнӣ ва хислатҳои иродавӣ;
- донистани техника ва технологияи анҷом додани назарфиребӣ;
- донистани психологияи одамон [6, с.7].

Субъектҳои нави назарфиребии сиёсӣ онҳое мебошанд, ки барои амалӣ намудани мақсадҳои худ имкониятҳои нави технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро истифода намуда, баъзан вақт офарандагони технологияҳои нави иттилоотию манипулятсионӣ ба шумор мераванд. Дар робита бо фаъолияти ин гуна субъектҳо қайд намудан бамаврид аст, ки назарфиребии сиёсӣ ҳамчун технологияи расидан ба мақсадҳои сиёсӣ метавонад баъди муддати начандон тулонӣ корношоям гардад. Аз ин рӯ, субъектҳои нав доимо дар ҷустуҷуи технологияҳои нави назарфиребӣ мебошанд ва нисбат ба субъектҳои анъанавӣ дар раванди муборизаҳои сиёсӣ муваффақияти бештар доранд [5, с.19] .

Чи гунае ки мушоҳида намудан мумкин аст, дар шароити имрӯза таъсири сарчашмаҳои иттилоотии интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба афкори ҷамъиятӣ хеле зиёд гардида истодааст. Аз ин рӯ, субъектҳои нави назарфиребӣ кӯшиш менамоянд, ки ҳузури худро дар шабакаи интернет мустаҳкам ва васеътар намоянд. Айни замон ба сифати чунин субъектҳо метавонанд давлатҳо, ВАО-и электронӣ, фаъолони сиёсию ҷамъиятӣ, ширкатҳои фаромиллӣ, ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ, ҳизбу ҳаракатҳои тундгароӣ ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ баромад намоянд.

Ҳар як субъекти назарфиребӣ мақсади мушаххаси худро дорад. Мақсадҳо низ гуногун мешаванд ва онҳоро аз рӯйи манфиатҳо ва самти фаъолияти субъект муайян намудан мумкин аст. Масалан, дар зеҳну шуури ҷомеа ҷойгир намудани ғояҳои мушаххас, ба онҳо талқин намудани ақидаҳои барои субъект зарурӣ, ба даст овардани боварӣ ва ҷонибдории омма, муаррифӣ намудани номзад ва ғ. Барои амалӣ намудани мақсади худ субъекти назарфиребӣ бояд манбаҳои заруриро дар ихтиёри худ дошта бошад. Аз ҷумла, манбаҳои молиявӣ, демографӣ (манбаҳои инсонӣ, мутахассисон), сиёсию маъмурӣ (политтехнологҳо, имиҷмейкерҳо, идеологҳо, функсионерҳо), иттилоотӣ ва ғ. Ба манбаҳои бештар дастрасӣ доштани субъект ба вай имкон медиҳад, ки аудиторияи калонтарро соҳиб шавад ва таъсири назарфиребиро ба муддати тӯлонӣ нигоҳ дорад.

Ғайр аз ин, барои субъекти назарфиребӣ маълумоти муфассал дар бораи объект зарур мебошад. Махсусан, донистани хислатҳои психологии шахс, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, оммаи мардум (ҳолати эмотсионалӣ, ақидаҳо, боварҳо, мавқеи сиёсию иҷтимоии онҳо) зарур дониста мешавад. Инчунин ба инобат гирифтани вазъияти иҷтимоию иқтисодие, ки объект дар он ҷойгир аст, шабакаҳое, ки объект иттилоот дастрас мекунад, барои субъект хеле муҳиманд. Зеро ба воситаи чунин омилҳо ҷаҳони ботинии инсонро муайян намудан имконпазир мегардад ва ҳамзамон барномарезии назарфиребӣ низ бо интизориҳои объект мувофиқ гардонида мешавад [3, с.171-179].

Ғайр аз ин, барои субъекти назарфиребӣ ниқоб ва ё воситаҳои лафзие лозиманд, ки бо ёрии онҳо чеҳраи аслии худро пинҳон нигоҳ дошта, дар назари объект ҳамчун манипулятор вонамуд нагарданд. Дар маҷмӯъ, дар шароити муосир субъектҳои назарфиребӣ аз технологияҳои иттилоотии нав истифода намуда истодаанд, ки чунин вазъият ин падидаро хеле мураккаб намудааст. Дар ин гуна шароит субъектҳои назарфиребӣ зиёд гардида, боиси афзоиш ёфтани иттилооти интиқолёбанда мегарданд.

Бинобар ин, айни замон, ташкилотҳои террористӣ, ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, хадамотҳои истихборотӣ, агентиҳои иттилоотӣ ва ҳатто шахсони алоҳидаву истеъмолгарони иттилоот ба сифати субъектҳои назарфиребӣ баромад намуда истодаанд.

Унсури навбатии назарфиребӣ иттилоърасонӣ ва таҳияи иттилоот мебошад. Чун анъана барномаҳои сиёсӣ, ғояҳо ва идеалҳои сиёсӣ, шарҳу тафсири равандҳои сиёсии ҷомеа, шарҳи воқеаву ҳодисаҳо, муаррифӣ намудани шахсиятҳо мундариҷаи иттилооти расмиро ташкил медиҳанд. Аммо дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тавсеаи интернет, ба вуҷуд омадани шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои иртиботӣ мундариҷаи иттилоот ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, паҳн мешаванд [1].

Унсури сеюми назарфиребӣ хусусияти эмотсионалӣ доштани иттилоот ва омилҳои психологии он мебошад. Олимони соҳа бар он бовараанд, ки агар иттилооти пешниҳодшуда хусусияти эмотсионалӣ надошта бошад, диққати одамонро ба худ ҷалб намесозад. Бинобар ин, иттилооте, ки диққати одамонро ҷалб намекунад, ба зеҳну шуури онҳо низ таъсир расонида наметавонад. Ба инобат гирифтан ва истифода намудани омилҳои психологию эмотсионалӣ дар раванди интиқоли иттилоот таърихи қадима дорад. Аммо дар замони муосир, бахусус, дар шароити баамалоии инқилобҳои иттилоотӣ унсурҳои эмотсионалии хабару иттилоот барои пешбурди назарфиребӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Дар ин раванд, ба инобат гирифтани хислатҳои психологии одамон, аз ҷумла ҳолати руҳӣ, дараҷаи фаҳмиши онҳо, стереотипҳо ва боварҳои онҳо хеле зарур мебошад. Зеро одамон ба иттилооте бештар таваҷҷуҳ менамоянд, ки ифодагари манфиатҳои ботинии онҳо бошад, ё ҳадалимкон ба моҳияти онҳо сарфаҳм раванд.

Ғайр аз ин, барои оне, ки иттилооти субъекти назарфиребӣ таъсирнок бошад, баланд бардоштани симои мароқангези он низ зарур аст. Дар чунин шароит объекти назарфиребӣ на танҳо субъектро меписандад, балки бо вай дар иртиботи доимӣ қарор мегирад. Чунин ҳолат самаранокии назарфиребиро меафзояд.

Дар маҷмӯъ, субъекти назарфиребӣ кӯшиш менамояд, ки симои он (симои рамзӣ ва пинҳонӣ) диққати дигаронро ба худ ҷалб намояд ва бо манфиатҳои онҳо мувофиқат кунад. Унсури чоруми назарфиребӣ шабакаҳои интиқоли иттилоот мебошад. Интихоби шабакаҳои мазкур бо назардошти афзалиятҳо ва интизориҳои объекти назарфиребӣ сурат мегирад. Аммо як ҳолатро ин ҷо махсус бояд таъкид намуд.

ВАО-и анъанавӣ доимо як самт дорад, яъне танҳо иттилоотро интиқол медиҳаду бас, аз ҷониби объект иттилоот намегирад. Ба ибораи дигар, субъектҳое, ки ВАО-и анъанавиро истифода менамоянд, бо объектҳои назарфиребӣ наметавонанд дар иртиботи доимӣ қарор дошта бошанд. Аммо ВАО-и электронии муосир чунин иқтидорро дорад. ВАО-и электронии замони муосир имкон медиҳад, ки ба таври горизонталӣ дар байни истифодабарандагони интернет иртибот барқарор шавад ва ба таври горизонталӣ дар байни онҳо ва моликони ВАО низ гуфтугӯ сурат гирад.

Чи гунае ки дар боло қайд гардида буд, яке аз унсурҳои муҳимтарини назарфиребӣ объекти таъсиррасонӣ мебошад. Чун анъана объекти назарфиребӣ иттилоотро дастрас намуда, зери таъсири омилҳои дохилию беруна қарор мегирад. Чунин ҳолатро субъекти назарфиребӣ бояд ба инобат гирад. Андешаронии объект, нуқтаи назари вай, эътиқод ва боварҳо, ҳолати эмотсионалӣ ва ғайраҳо омилҳои ботинии объектро ташкил медиҳанд. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, мавқеи иҷтимоии объект, сатҳи зиндагӣ, вазъи оилавӣ, муҳити иттилоотӣ омилҳои берунаро ташкил медиҳанд.

Айни замон дар зери таъсири рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ объекти назарфиребӣ то дараҷаи муайян мустақилият ба даст овардааст. Яъне, объект

имконият дорад, ки иттилооти мавриди назари худро интихоб намояд. Якчанд даҳсола пеш чунин имконият вуҷуд надошт ва ҳар иттилооте, ки тариқи радио, телевизион ва матбуоти даврӣ пешкаш мегардид, объект маҷбур буд, ки онро истифода намояд. Айни замон бошад дар баробари ин гуна шабакаи интиқоли иттилоот, инчунин дар шабакаи интернет даҳҳо сарчашмаҳои дигари дастрас намудани иттилоот пайдо шудаанд, ки объект метавонад аз онҳо истифода барад. Дар чунин шароит ташкилотҳои террористӣ ва агентиҳои иттилоотӣ дар шабакаи глобалии интернет роҳ ёфта, дар мувофиқа бо шавқу завқи одамон иттилоот паҳн менамоянд. Гузшта аз ин, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотии интернетӣ шароитеро ба вуҷуд овардаанд, ки дар он объект дар як вақт метавонад ба сифати субъект низ баромад намояд. Яъне, вай на танҳо истеъмолгари иттилоот, балки паҳнкунанда ва созандаи иттилоот низ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, назарфиребии анъанавиро, ки бо ёрии ВАО-и анъанавӣ анҷом дода мешавад, муайян намудан он қадар мушкил нест. Зеро субъекти он ҳамчун дорандаи манфиатҳо ва мақсадҳои мушаххас, объекти он ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсадҳо сарҳади муайян доранд. Аз рӯйи ҳамин хусусият гуфтан мумкин аст, ки назарфиребии анъанавӣ доимо аз ҷониби субъект ба ҷониби объект нигаронида шудааст. Дар чунин шароит бо истифодаи манбаҳои зарурии дарихтиёрбуда муайян намудани субъекти назарфиребӣ чандон мушкил нест. Аввал иттилооти интиқолшуда ва мазмуни асосии он бояд муайян карда шавад, сипас шабакаи интиқоли иттилоот бояд ба инобат гирифта шавад (давлатӣ ё ғайридавлатӣ), муайян намудани моликони шабакаи иттилоотӣ, дар асоси омӯзиши алоқаҳои касбӣ ва биографияи онҳо муайян намудани мақсад ва манфиатҳои онҳо имконпазир мегардад.

Дар шароити имрӯза шабакаи интернет яке аз абзорҳои асосии анҷом додани назарфиребӣ ба шумор меравад. Гузашта аз ин, иқтидори иттилоотии интернет ва шумораи истифодабарандагони он низ сол то сол рӯ ба афзоиш аст.

АДАБИЁТ

1. Аскерова, Л.Ф. Информационная война как вид манипуляции [Электронный ресурс] / Л.Ф. Аскерова // Электронный научно-практический журнал "Гуманитарные научные исследования». – 2017. – № 6 URL: https://human.snauka.ru/2017/06/24211 (дата обращения: 03.05.2022).
2. Аронсон, Э. Эпоха пропаганды: Механизмы убеждения, повседневное использование и злоупотребление [Текст] / Э. Аронсон, Э.Р. Пратканис. СПб.: ЕВРОЗНАК, 2003. – 234 с.
3. Бунеева, А.М. Ресурсы манипуляции в политической технологии: неявное знание и массовое сознание [Текст] / А.М. Бунеева, Л.В. Мурейко, О.Д. Шипунова // Вестник РГГУ. Серия: Политология. История. Международные отношения. Зарубежное регионоведение. Востоковедение. – 2010. – № 1 (44). – 350 с.
4. Доценко, Е.Л. Психология манипуляции: феномены, механизмы и защита [Текст] / Е.Л. Доценко. – М.: Издательство МГУ, 1997. – 410 с.
5. Ланге, О.В. Современные манипулятивные технологии: вопросы теории и методологии [Текст]: автореф. дис. канд. полит. наук: 23.00.01 / О.В. Ланге. –СПб., 2015. – 25 с.
6. Шейнов, В.П. Макиавеллизм личности: кто умело манипулирует людьми [Текст] / В.П. Шейнов. –Минск: Харвест, 2012. – 244 с.

ИСТИФОДАИ НАЗАРФИРЕБИИ СИЁСӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР ВА ШАКЛҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ОН

Дар мақолаи худ мо истифодаи назарфиреби сиёсӣ дар замони муосир ва шаклҳои зоҳиршавии онҳоро мавриди баррасӣ қарор додаем. Назарфиребии сиёсӣ ҳарчанд таърихи қадима дошта бошад ҳам, вобаста ба марҳилаҳои гуногуни рушди таърихӣ шаклҳои зоҳиршавии он тадриҷан тағйир ёфтааст. Дар замони муосир на танҳо роҳу усулҳои нави назарфиребии сиёсӣ ба амал омадаанд, балки хусусиятҳои даркнашавандагӣ ва таъсири иттилоотии онҳо хеле зиёд шудаанд. Ғайр аз ин, дар шароити имрӯза шумораи субъектҳои назарфиребӣ низ хеле бештар гардидаанд. Бо назардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки назарфиребӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ хеле мураккаб ва гуногунтаркиб мебошад.

Калидвожаҳо: назарфиребӣ сиёсӣ, субъектҳои назарфиребӣ, объектҳои назарфиребӣ, субъектҳои анъанавӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОГО МОШЕННИЧЕСТВА В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ И ФОРМЫ ИХ ПРОЯВЛЕНИЯ

8. Shaw M. International Law. – Cambridge: Cambridge University Press, 2017. https://www.cambridge.org/highereducation/books/international-law/
9. United Nations Development Programme. Preventing Violent Conflict in the Ferghana Valley. – New York: UNDP, 2015. https://www.undp.org/publications/preventing-violent-conflict-ferghana-valley
10. Vinokurov E. Eurasian Integration: Challenges of Transcontinental Regionalism. – London: Palgrave Macmillan, 2017.
11. Wegerich K. Water and Power in Central Asia // International Journal of Water Resources Development. – 2008. – Vol. 24. – № 2. – P. 199–211.

ЗАМИНАҲОИ СИЁСӢ-ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ БАҲСҲОИ САРҲАДӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ТАҶРИБАИ МИНТАҚАВӢ ВА МАҲДУДИЯТҲОИ МАВҶУДА

Дар мақола механизмҳои сиёсӣ-ҳуқуқии танзими баҳсҳои сарҳадии байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ баррасӣ мешаванд. Заминаҳои таърихии ташаккули сарҳадҳои муосир, инчунин хусусиятҳои равандҳои делимитатсия ва демаркатсия таҳлил мегарданд. Ҳамчунин нақши музокироти дуҷониба ва ниҳодҳои байналмилалӣ дар коҳиш додани эҳтимоли муноқиша дар минтақаҳои наздисарҳадӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Таваҷҷуҳи махсус ба механизмҳои институционалии ҳамкории давлатҳои минтақа ва таҳлили омилҳое равона шудааст, ки то ҳол ба ҳалли ниҳоии масъалаҳои сарҳадӣ монеъ мешаванд. Қайд карда мешавад, ки бо вуҷуди пешрафти назаррас дар ҳаллу фасли як қатор мушкилоти ҳудудӣ, маҳдудиятҳои сохторӣ боқӣ мемонанд. Ин маҳдудиятҳо бо мероси давраи шӯравӣ, рақобат барои захираҳо ва парокандагии институционалии низоми амнияти минтақавӣ алоқаманданд.

Калидвожаҳо: Осиёи Марказӣ, сарҳади давлатӣ, делимитатсия, демаркатсия, ҳуқуқи байналмилалӣ, амнияти минтақавӣ, ҳамкории фаромарзӣ.

ПОЛИТИКО-ПРАВОВЫЕ МЕХАНИЗМЫ УРЕГУЛИРОВАНИЯ ПОГРАНИЧНЫХ СПОРОВ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ: РЕГИОНАЛЬНЫЙ ОПЫТ И СОХРАНЯЮЩИЕСЯ ОГРАНИЧЕНИЯ

В статье анализируются политико-правовые механизмы урегулирования межгосударственных пограничных споров в Центральной Азии. Рассматриваются исторические предпосылки формирования современных границ, особенности процессов делимитации и демаркации, а также роль двусторонних переговоров и международных институтов в снижении конфликтного потенциала в приграничных районах. Особое внимание уделяется институциональным механизмам сотрудничества государств региона и анализу факторов, которые продолжают препятствовать окончательному урегулированию пограничных вопросов. Отмечается, что, несмотря на значительный прогресс в решении ряда территориальных проблем, сохраняются структурные ограничения, связанные с историческим наследием советского периода, ресурсной конкуренцией и институциональной фрагментацией региональной системы безопасности.

Ключевые слова: Центральная Азия, государственная граница, делимитация, демаркация, международное право, региональная безопасность, трансграничное сотрудничество.

POLITICAL AND LEGAL MECHANISMS FOR THE SETTLEMENT OF BORDER DISPUTES IN CENTRAL ASIA: REGIONAL EXPERIENCE AND PERSISTING CONSTRAINTS

This article examines the political and legal mechanisms for the settlement of interstate border disputes in Central Asia. It explores the historical preconditions that shaped contemporary borders, as well as the specific features of delimitation and demarcation processes. The study also analyzes the role of bilateral negotiations and international

institutions in reducing the conflict potential in border regions. Particular attention is paid to institutional mechanisms of cooperation among the states of the region, along with an analysis of the factors that continue to hinder the final resolution of border issues. The article argues that, despite significant progress in resolving a number of territorial problems, structural constraints persist. These are associated with the legacy of the Soviet period, competition over resources, and the institutional fragmentation of the regional security system.

Keywords: Central Asia, state border, delimitation, demarcation, international law, regional security, cross-border cooperation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хусаинов Билол Мирзохонович*** **-** Донишгохи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2, кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734025**,** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.**Телефон: (+992) 001999499**, **E-mail:** husajnovb@gmail.com

Сведения об авторе: ***Хусаинов Билол Мирзохонович***– Таджикский национальный университет, студент 2-го курса магистратуры, факультет дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 001999499, E-mail: husajnovb@gmail.com

Information about the author: ***Khusainov Bilol Mirzokhonovich*** **-** Tajik National University, 2nd year master's student, Head of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue.Phone: (+992) 001999499,**E-mail:** husajnovb@gmail.com

БИОЛОГИЯ – БИОЛОГИЯ

ПАҲНШАВИИ ПОПУЛЯТСИЯИ UNGERNIA *VICTORIS* VVED. ДАР ДАРАИ АЛМОСӢ

Саидов Ҳ.С., Доруев Ф.Я.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пешгуфтор. Парваришгоҳи давлатии табиӣ "Алмосӣ" соли 1984 дар масоҳати 6000 га бо мақсади ҳифз ва нигоҳодории генофонд ва барқарор намудани захира ва мавзеъҳои паҳншавии намуди нодири эндемикии флораи Тоҷикистон - амонқара, ки дар Китоби Сурхи Тоҷикистон ворид карда шудааст, таъсис дода шудааст. Парваришгоҳи "Алмосӣ" - ҳудуди табиии махсус муҳофизашавандаи самти ботаникӣ ба шумор меравад ва он дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, байни дарёҳои қаратоғ ва Хонақо, дар сатҳи на онқадар баланд - то 2100 м аз сатҳи баҳр, дар ҳудуди ду ноҳия, Шаҳринав ва Ҳисор ҷойгир шудааст [4, 16]. Релефи парваришгоҳ мутлақо кӯҳӣ буда, дорои дараҷаҳои чуқур мебошад. Баландии аз ҳама пасти он аз сатҳи баҳр 1100 м ва аз ҳама баланди он бошад - 2800 метрро ташкил медиҳад [16]. Ҳангоми ворид шудан ба ҳудуди парваришгоҳ, пеш аз ҳама арчазорҳои ҳамешасабз, ки дар ҷӯйҳои калон мерӯянд, ба назар мерасанд. Дар ин мавзеъ дарахтҳои азимҷуссаи ҳамешасабз - Juniperus zeravshanica, Juglans regia, Malus sieversii, Exochorda alberti, Prunus erythrocarpa, P. verrucosa анбуҳи буттаҳои Berberis heterobotrys ва Lonicera nummulariifolia дидан мумкин аст [4].

Дар ин мавзеъ дар як сол тақрибан 100 рӯз замин зери барф мемонад. Баландии қабати барф аз 40 то 60 см-ро ташкил медиҳад. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар як сол +10 дараҷаро ташкил медиҳад. Тибқи маълумотҳои обу ҳавосанҷи ҳарорати баландтарини гармии ҳаво дар ин минтақа ба +390С ва хунуктарин ба -240С баробар карда шудааст [16].

Танҳо соҳилҳои ҷӯйҳои калон ва миёнаи обрав, ки асосан аз сарҳади парваришгоҳ ҷорӣ мешаванд, аз нишебиҳои рост фуромада иборат буда, сарҳади табиии парваришгоҳро ташкил медиҳанд. Ҳудуди парваришгоҳ бинобар сабаби аз ҳад зиёд тақсимшавии релефи он ва нишебиҳои кӯҳ, фаъолияти бе меъёри истифодабарии заминҳо ҳамчун чарогоҳ аз рафти шадиди эрозияҳои гуногуни ҳудуд шаҳодат медиҳанд.

Мавод ва усулҳо. Объекти таҳқиқот ситораи хуноукак - Ungernia victoris Vved буда, заминаи асосии иҷроиши мақоларо маводҳое ташкил медиҳанд, ки мо дар ҷараёни омӯзиши флораи минтақа дар солҳои 2024-2026 ҷамъоварӣ намудем. Ҳамзамон, барои муқоиса ва таҳлили муфассал маълумотҳои тадқиқотии дигар олимон, аз қабили Овчинников (1963), Хамидхоҷаев (1966), Камелин (1971, 1973), Черепанов, Никитин (1950), Запрягаева (1964), Сатторов (1995), Давлатов (2014), ва ғайра, ки дар минтақаҳои алоҳидаи қаторкӯҳ ва берун аз минтақаи омӯзиш таҳқиқот гузаронидаанд истифода гардидааст [6, 8, 13, 15, 18]. Таҳқиқотҳои геоботаникӣ дар минтақаи омӯзиш имкон дод, ки таркиби флораи ҷамоаи ин намуд муайян ва рӯйхати умумӣ онҳо таҳия гардад.

Тадқиқоти саҳроӣ дар асоси усулҳои геоботаникӣ гузаронида шуда, ҳангоми муайянсозии намудҳо ва таҳлили таксаномии онҳо, усулҳои муқоисавии морфологии намудҳо (нишонаҳои зоҳирӣ) истифода гардиданд. Ҳангоми омӯзиш усулҳои классикии фитосенологии мактаби Браун-Бланке истифода гардида, таркиби намудӣ, зичӣ, нақши намуди омӯхташаванда дар ҷамоа, қабатнокӣ (ярус) ва хусусияти экобиологии он бо дигар растаниҳо муайян карда шуд.

Зеваки виктор дар шароити табиӣ хеле кам мондааст, аз ин хотир, онро ба Китоби сурхи собиқ давлати Шӯравӣ дохил намудаанд, ки ҳоло барои истеҳсоли саноатӣ, дар

майдонҳои алоҳида онро парвариш карда истодаанд. Барои омӯхтани биология, экология ва захираи ашёи хом, истифодаи оқилона, инчунин нигоҳдории зеваки виктор корҳои Овчинников (1963), Хамидхоҷаев (1966), Камелин (1971, 1973), Черепанов, (1973), Чукавин (1979) ва Юнусов (1980) бахшида шудаанд.

Натиҷа ва муҳокима. Олами гуногунии растаниҳои парваришгоҳ ғайриоддӣ ва гуногун буда, таваҷҷуҳи бинандаро бениҳоят ба худ ҷалб менамояд. Аз маҷмӯи дарахту буттаҳо арчаи зарафшонӣ (Juniperus zeravshanica) ва арчаи нимкурашакл (Juniperus semidlobosa), фарки туркистонӣ (Acer platanoides subsp. - turkestanicum), дӯлона понтӣ (Crataegus azarolus var. pontica, C. hissarica), бодом (Amygdalus bucharica), ирғай (Cotoneaster hisaricus), сада (Ulmus campestris), сафедор (Populus alba, P. tadshikistanica), бед (Salix pycnostachya, S. turanica), хуч (Rosa divina) ва аз растаниҳои хурданбоб ва шифобахш бошад - чукурӣ, сиёҳалаф, рошак, пиёзи анзур ва чойкаҳак бо захирахои зиёд дар парваришгоҳ мавҷуд аст. Арчазорҳо тахминан 50%-и олами набототи парваришгоҳро ташкил медиҳанд [6,7, 9, 11].

Бояд кайд намоем, ки Амонқара - Ungernia victoris растании эндемики (тахҷойӣ) ҷисмати ғарбии қаторкӯҳи Ҳисор ба шумор меравад. Ин намуди дар соҳаи тиб пуразиштарин маводи шифобахши аллкалоиди галантамин мебошад.

Авлоди Ungernia ба оилаи Косагулҳо *(Amaryllidaceae)*, дохил шуда [1, 3, 18], дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 намудаш (Ungernia tadshikorum, *U. victoris ва* U. oligostroma*)* паҳн гардидааст, ки онҳоро ҳамчун маводи ғизоӣ, ороишӣ ва доругии пурқимат истифода мебаранд.

Намуди Ungernia victoris эндемики Тоҷикистон буда [10], асосан дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон ва қаторкӯҳҳои Ҳисору Дарвоз, бахусус дараи Алмисӣ вомехӯрад. Ин намуд аз намудҳои дигари ин авлод бо ранги гулбаргҳо, аздозаи гулҳо, баландии поя ва пиёзакҳо фарқ дорад. Бо вуҷуди аҳамияти баланди фармакологӣ ва фитосенологӣ доштани амонқора маълумотҳои муфассал дар бораи хусусиятҳои биоэкологии он дар дараи Алмосӣ, то ҳол кам омӯхта шуда, нокифоя мебошад.

Мақсади тадқиқоти мо низ махсусан ба омӯзиши хусусиятҳои биоморфологӣ, фитосенологӣ, экологӣ ва инчунин арзёбии ҳолати табиии популятсияҳои U. *victoris* дар шароити дараи Алмосӣ вобаста мебошад.

Таҳқиқот дар солҳои 2024-2025 дар ҳудуди дараи Алмосӣ, махсусан мавзеҳои Шамал (Арзанак) ва Хонақо (кушкаки Мазор) гузаронида шуд [12]. Минтақа дорои иқлими континенталӣ буда, ҳарорати миёнаи солона ба +15-18°С, миқдори боришот то 700-800 мм ва баландии ҷойгиршавӣ аз сатҳи баҳр 1200 -2200 метрро ташкил медиҳад [7]. Ҳангоми омӯзиш ритми инкишоф ва хусусиятҳои биоэкологии U. *victoris* бо усулҳои Бейдеман (1974) муайян карда шуда, татқиқот бо усулҳои хатсайр – геоботаникии Браун-Бланке (1921) ва усули таснифоти биоморфологии Серебряков (1964) гузаронида шуд. Мушоҳидаҳо асосан дар фаслҳои баҳор-тирамоҳ гузаронида шуданд.

U. *victoris* бо номҳои ситораи хунукак, ҷавак, зевак, амонкора маъмул буда, гиёҳи бисёрсолаи пиёзакбехдор мебошад. Пиёзакаш байзашакли дарозрӯяи ғафсиаш 7-10 см, пояаш паҳни сабзчаи зардтоб ва 15-35 см қад мекашад. Баргаш дар ҳар бех 8-12 то ҷойгир шуда, тасмашакл дарозиаш 25-30 см ва бараш 2,5-4 см аст [1, 3] (расми 1).

Расми 1. Амонқара дар давраи нашвӣ ва гулкунӣ

Баргҳо дар фасли баҳор пайдо шуда, дарозу хамида ва сабзранги хамида мебошанд. Хӯшагулаш чатршакли 7-17 гула, парешон, гулаш зангӯлашакли зардтоб ё гулобӣ буда, моҳҳои июл-август мешукуфад ва ғӯзааш сепарра аст. Давраи вегетатсияи ин намуд нисбат ба намудҳои дигари ин авлод кӯтоҳтар буда, 3-4 моҳро дар бар мегирад [3, 9, 12] (давраи вегетатсияи он дар диаграммаи 1 оварда шудааст). Аз рӯи таснифоти биоморфологӣ ин намуд ба гурӯҳи геофитҳои пиёзакдорҳо мансуб мебошад.

Ungernia *victoris* дар дараи Алмосӣ бештар дар таркиби набототи ҷангалзори гармсер (шибляк) мушоҳида шуда, дар баъзе мавзеҳо бо растаниҳои хӯшадор, ҷангалҳои паҳнбарг, нимсаваннаҳо, ки дар мавзеҳои санглохи нишеб ва байни эфемерҳо мерӯяд вомехӯрад. Пиёзаки он қобилияти нигоҳ доштани намиро дошта, дар ҳарорати баланд ва хӯшк низ мутобиқ гашта, ҳарорати оптималӣ барои нашъунамои хуби он 18-20°C ба ҳисоб меравад. Янъе аз ҷиҳати экологӣ ин намуд ба гурӯҳи ксерофтиҳо дохил мешавад [4, 8].



Диаграммаи 1. Давраи вегетатсияи Ungernia tadshikorum Vved.

Дар натиҷаи мушоҳидаҳо муайян гардид, ки дар баъзе мавзеҳои намнок махсусан, болои деҳаи Арзанак ва ба миқдори хеле кам, 400 м болотар аз деҳаи Турушбоғ, ки популятсияи сираки амонқора дар дохили ҷангалзорҳои паҳнбарг бо Juglans regia ва Acer platanoides subsp. turkestanicum паҳн гардидааст пӯсиши пиёзак мушоҳида мешавад.

Яъне бояд қайд кард, ки намуд рӯшноидӯст буда, дар мавзеҳои сояафкан сабзиши он хеле маҳдуд мешавад.

Популятсияи U. *victoris* дар минтақа одатан ба миқдори кам ҷудо-ҷудо ё гурӯҳ гурӯҳ пароканда паҳн гардида, зичи он 0,2-0,3 –ро ташкил медиҳад [12]. Популятсияи он бештар дар болои дараи Шамал вомехӯрад. Дар таркиби фитозенозҳо намудҳои ҳамроҳи ин намуд бештар ширеши пупидор - ***Eremurus*** comosus, ширеши Ҳисорӣ - E. hissaricus, ширеши регел- E. Regelii, филгуши королков - Arum korolkovii, дӯлонаи туркистонӣ - Crataegus turkestanica, настарани оддӣ - Rosa divina, настарани Овчиников - R. ovczinnikovii, ғешаи биёбонӣ - ***Carex*** pachystylis, маймақи туркистонӣ - ***Juncus*** turkestanicus, лолои марғзорӣ - ***Tulipa*** praestans, лолаи душаклагул - T. bifloriformis, савсани королков - ***Iris*** Korolkovii, саълаби соядӯст - ***Orchis*** magna, сангпӯштсояи Попов - Haplophyllum popovii, ҷорубаки бухороӣ - Poa bucharica, ҷорубаки пиёзакдор - P. bulbosa ва ғайра мебошад [12].

Дар минтақа ду ассотсиятсияи U. *victoris дар дараи Алмосӣ муайян карда шуд:* ассосиятсияи ҷорубаки бухороӣ – ширеши пупакдор – зеваки виктор - Ungernia victoris + Eremurus comosus + Poa bucharica, ассосиятсияи заранги регел – ширеши пупидор – зеваки виктор -Ungernia victoris + Eremurus comosus + Acer regelii [12].

Навиштаи 3. 24.07.2024 қисми ғарбӣ ва шарқии парваршигоҳ наздикии деҳаи Нилӯ, ассосиятсияи ҷорубаки бухороӣ – ширеши пупакдор – зеваки виктор - Ungernia victoris + Eremurus comosus + Poa bucharica. Баландӣ аз сатҳи баҳр тақрибан 1600 м. тарафи ғарбӣ, микрорелеф ҳамвори сангрезадор, нишебиҳо 20-250 Пӯшиши умумии рӯизаминии растаниҳо 60%. Пӯшиши доминант 10-20%, бо баландии 60- 80 см, Паҳншавии U. victoris порча-порча мебошад. Ин ассотсиатсия дар минтақа нисбат ба ассосиятсияи дигар кам паҳн шуда аммо зич вомехӯрад ва дар таркиби ассосиятсияҳои ин намуд шумораҳои фардҳо нисбатан зиёд баназар расида дар умум 40 намудро ташкил медиҳад.

Навиштаи 8. 24.07.2024 қисми марказии дараи Шамал болои деҳаи Арзанак аз самти ғарб, ассосиятсияи заранги регел – ширеши пупидор – зеваки виктор - Ungernia victoris + Eremurus comosus + Acer regelii. Баландӣ аз сатҳи баҳр тақрибан 1500 м. тарафи шарсамти ғарбӣ, микрорелеф ҳамвори сангрезадор, нишебиҳо 20-250 Пӯшиши умумии рӯизаминии растаниҳо 40%. Пӯшиши доминант 15%, бо баландии 80- 90 см, Паҳншавии U. victoris порча-порча мебошад. Ин ассотсиатсия дар минтақа нисбат ба ассосиятсияи дигар бештар вомехӯрад ва дар таркиби ассосиятсияҳои ин намуд шумораҳои фардҳо хеле кам баназар расида дар умуд 30 намудро ташкил медиҳад [12].

Ҷадвали №1. Таркиби ассотсиатсияҳои популятсияи Ungernia *victoris* Vved. дар ҳудуди дараи Алмосӣ

Номи растанӣ	Баландии поя см	Фаровонӣ ассотсиятсияҳо	
		3	8
Juglans regia	800-1500	cop2	cop2
Juniperus serawschanica	1000-1200	sol	sol
Cotoneaster insignis	120-200	sp	Cop1
C. nummularioides	150-200	cop1	cop1
Rosa canina	150-280	-	cop2
Ungernia victoris	60-90	sp	sp
Rosa divina	100-1,50	cop1	cop1
Malus sieversii	500-700	sp	sp
Eremurus comosus	65-80	sol	sp
E. Regelii	50-60	sol	sol

E. hissaricus	40-60	sol	-
Arum korolkovii	40-55	sol	sp
Juncus turkestanicus	40-50	sol	sol
Tulipa praestans	30-40	un	un
T. bifloriformis	25-30	un	un
Iris Korolkovii	20-30	un	un
Orchis magna	25-30	sp	un
Onobrychis chorassanica	30-35	sol	un
Haplophyllum popovii	20-30	un	-
Poa angustifolia	10-25	sol	-
P. bucharica	15-25	sp	-
Rumex crispus	40-60	sol	sol
Allium giganteum	40-120	sp	sol
Crataegus turkestanica	500-800	-	sol
Ostrowskia magnifica	40-120	sol	sol
Ranunculus komarovii	10-15	sol	sol
Hypericum perforatum	20-35	un	-
Sorbus persica	400-600	-	un
Prunus **darvasica**	150-300	un	un
Exochorda alberti	100-200	un	un

Маълумоти ҷадвали №1 нишон медиҳад, ки дар ҳар ду ассотсиатсия намудҳои якхелаи дарахту буттагӣ вомехӯрад. Дар қабати болоии ҷамоаҳои ин намуд дар бештари ҳолатҳо қариб намудҳои Juglans regia, Juniperus seravschanica, Acer regelii, A. platanoides, Amygdalus bucharica, Malus sieversii, ва Sorbus persica ба қайд гирифта шудаанд. Дарр зери ин дарахтон асосан буттаҳои Cotoneaster insignis, C. nummularioides, Rosa canina, Rosa divina ва Exochorda alberti вохӯрда, аммо дар қабатнокӣ иштирок намекунанд. Қабати алафии ҷамоаҳои Ungernia victoris бо иштироки намудҳои гуногун, аз ҷумла Eremurus comosus, Arum korolkovii, Juncus turkestanicus, Tulipa praestans, Iris korolkovii, Orchis magna, Allium giganteum, Ostrowskia magnifica, Ranunculus komarovii ва дигар намудҳо тавсиф мешавад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои фаровонӣ нишон медиҳад, ки аксари намудҳо дар популятсияи намуди мазкур зиёд нестанд. Худи Ungernia victoris дар ҳар ду ассотсиатсия бо фаровонии sp (пароканда) ба қайд гирифта шудааст, ки ин хусусияти паҳншавии порча-порчаи популятсияи онро тасдиқ менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёт маълум шуд, ки дар узвҳои гуногуни U. *victoris* миқдори муайяни алколоидҳо мавҷуд мебошад. Пиёзак, реша, барг ва пояи он алкалоидҳои гуногун ба монанди галантамин, гиппеастрин, ликорин, панкратин дорад, ки онҳо аҳамияти татбобати дорад [8]. Бояд қайд кард, ки ин намуд ҳоло яке аз намудҳои камшумори алколоиддори галантамин дар муҳити табиӣ ба шумор меравад, ки аз соли 1960 барои истихроҷи галантамин истифода мешавад. Дар таркиби пиёзаки ситораи хунукак алкалоиди ликорин (90%) ва унгернин мавҷуд аст. Ликорин нисбатан камзаҳр аст, вале миқдори зиёди он боиси қай ва дарунравӣ мегардад. Ғайр аз алкалоиди галантамини асосӣ, аз баргҳо ва пиёзаки он дигар алкалоидҳо ба даст оварда шуданд: ликорин, хорденин, тацеттин, панкратин. Захираи алкалоидҳо ва галантамин дар давраи аввали инкишофи барг ба ҳадди бисёр мерасад ва дар охири давраи нашъунамо тадриҷан кам мешавад. Дар санаҳои тавсияшудаи даравидани баргҳо, аз 14 то 25 апрел, миқдори умумии алкалоидҳо дар онҳо аз 0,50 то 0,52% ва миқдори галантамин аз 0,13 то 0,15% - ро ташкил медиҳад, ки ин ба талаботи стандарт комилан мувофиқ аст [8, 19].

Ungernia *victoris* намуди маҳдуд паҳншуда буда, солҳои охир аз сабаби таъсири бенизоми истифодаи олами наботот захираҳои он дар ҳудуди дараи Алмосӣ ба таври назаррас коҳиш ёфта, истодааст. Бояд қайд кард, ки дар тамоми мавзеҳои паҳншавии популятсияи он таъсири чаронидани чорво ва дигар омилҳои антропогенӣ мушоҳида мешавад. Аз ҷониби шахсони алоҳида, хоҷагии ҷангал ҷамъовардани барги он чун ашъёи хоми доругӣ, дар ҳама ҷо босуръат номураттаб чаронидани чорво дар давраи инкишофи пояи гул, шукуфтани гул ва то пухтани меваш боиси бадшавии таҷдиду нумӯ ва маҳдудии рушдгоҳи амонқора мегардад.

Аз ҳамин лиҳоз зарур аст, ки байни ноҳияҳои Қаротоғу Хонақо (дар хоҷагии ҷангали Шаҳринав) гуруҳи махсус барпо карда, оид ба нигохдорию афзунгардонии амонқара тадбирҳо (ба тартиб даровардани чарондани чорво, такмил додани тарзи истифода, омухтани хусусиятҳои сабзиши амонкора дар шароитҳои гуногун, бо роҳи сунъӣ зиёд кардани он) андешидан зарур аст.

Парвариши онро дар боғҳои ботаники ба роҳ мондан лозим аст. Тухмаш сифатан хуб аст (то 100%) неш мезанад сабзида мебарояд. Суст месабзад, эҳтимол дар табиат низ хамин тавр бошад. Кӯчати пиёзакаш нағз месабзад. Аз каламчаи пиёзакаш низ руёндан мумкин аст ва ин равандро истифода бурда онро шинонида парвариш кардан зарур аст.

Аз ҳамин лиҳоз оиди ҳифзи нмуди мазкур чорабиниҳои зеринро тавсия менамоем:

дар тамоми қисмати намуд месабзад чораҳои муҳофизати наботот танзим карда шавад; зарур аст, ки мавзеъҳои асосии паҳншавии ин намуд ҳамчун қитъаҳои махсуси муҳофизатшаванда муайян карда шаванд, то муҳити табиии афзоиши он аз таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ эмин нигоҳ дошта шавад; чаронидани бенизоми чорво дар нишебиҳое, ки Ungernia victoris месабзад, метавонад ба поймолшавӣ ва осеб дидани растаниҳо оварда расонад. Аз ин рӯ, танзими чаронидани чорво ё манъи он дар мавзеъҳои асосии афзоиши растанӣ тавсия дода мешавад; азбаски ин намуд дорои аҳамияти доругӣ мебошад, ҷамъоварии бенизоми он метавонад ба камшавии шумораи популятсия оварда расонад. Бинобар ин, зарур аст, ки ҷамъоварии он маҳдуд ё таҳти назорати мақомоти дахлдор қарор дода шавад; гузаронидани таҳқиқотҳои даврӣ барои муайян намудани тағйироти шумора, зичӣ ва сохтори популятсия имкон медиҳад, ки ҳолати экологии ин намуд сари вақт арзёбӣ гардад; парвариши Ungernia victoris дар боғҳои ботаникӣ ва қитъаҳои таҷрибавӣ метавонад барои нигоҳдории фонди генетикии намуд ва минбаъд барқарор кардани популятсияҳо дар табиат мусоидат намояд; огоҳ намудани аҳолии маҳаллӣ оид ба аҳамияти илмӣ ва доругии ин намуди нодир метавонад дар ҳифз ва истифодаи оқилонаи он нақши муҳим бозад; дар тамоми Тоҷикистон мониторинги ҳолати популятсияи амонқара ташкил карда шавад;ходимон ва кормандонихоҷагии ҷангали Шаҳринав барои гузаронидани мониторинг тайёр намудн лозим;аҳолии маҳали бо ҳолати набототи райони омузиш шинос карда шавад;чидан ва ҷамъоварии он барои талабот дар хоҷагиҳо бо иҷозатнома таъмин карда шавад.

ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки Ungernia victoris Vved. намуди нодир ва маҳдудпаҳншуда буда, танҳо дар ҳудуди дараи Алмосии қаторкӯҳи Ҳисор вомехӯрад. Ин намуд растании бисёрсолаи пиёзакбехдор буда, аз ҷиҳати биоморфологӣ ба гурӯҳи геофитҳо мансуб мебошад ва бештар дар ҷамоаҳои буттазор-ҷангалзори гармсер (шибляк) ва нишебиҳои санглох мерӯяд. Таҳқиқоти фитосенологӣ нишон дод, ки популятсияи ин намуд дар минтақа бо зичии нисбатан паст (0,2–0,3) ва паҳншавии порча-порча тавсиф мешавад.

Дар минтақа ду ассотсиатсияи асосии Ungernia victoris муайян карда шуда, дар таркиби онҳо тақрибан 40 намуд растаниҳо мерӯяд. Дар таркиби ин фитоценозҳо

намудҳои гуногуни дарахтӣ, буттагӣ ва алафӣ, аз ҷумла Juglans regia, Juniperus seravschanica, Malus sieversii, Rosa divina, Eremurus comosus, Tulipa praestans, Iris korolkovii ва дигар намудҳо иштирок мекунанд.

Муайян гардид, ки Ungernia victoris дорои аҳамияти баланди доруворӣ буда, дар узвҳои гуногуни он алкалоидҳои муҳими фармакологӣ, аз ҷумла галантамин, ликорин ва гиппеастрин мавҷуд мебошанд. Ин моддаҳо барои табобати баъзе бемориҳои системаи асаб истифода мешаванд, аз ин рӯ намуд ҳамчун манбаи муҳими ашёи хоми доругӣ аҳамияти калон дорад.

АДАБИЁТ

1. Артюшенко, З.Т. Амариллисовые (Amaryllidaceae Jaume St.-Hilaire) СССР [Текст] / З.Т.Артюшенко // Морфология, систематика и использование. –Л. –1970. –180 с.
2. Бобораджабов, Б. Биоразнообразие эндемизма бриофлоры Средней Азии [Текст] / Б.Бобораджабов // Вестник педагогического университета. –Душанбе, –2013а. – №5 (54). –С.123-142.
3. Введенский, А.И. Семейство Amaryllidaceae [Текст] / А.И.Введенский // Флора Таджикской ССР. – М. –Л. –1963б. –Т.2. –С.290-370.
4. Давлатов, А. Набототи резервати биосферии «Ромит» [Текст] / А.Давлатов // ЉДММ «Аршам». –Душанбе. –2024. –300 с.
5. Запрягаева, В.И. Арчовые леса центральной части Туркестанского хребта [Текст] / В.И.Запрягаева // Тр. бот. инст. АН ТаджССР. –Душанбе. –1958(а). –Т.78.
6. Запрагаева, В.И. Лесние ресурси Памиря-Алая [Текст] / В.И.Запрягаева // –Л.: Наука. –1976. – 264 с.
7. Карроматуллои, Қ. Анализ флоры бассейна реки Ширкент [Текст] / Карроматуллои Ќ., Р.Б.Сатторов // Теоретический и научно-практический журнал “Земледелец”. ISSN 2074-5435. –Душанбе. –2019. –№1(81). –С.54-57.
8. Карроматуллои, Қ. Растаниҳои нафъовари дараи Ширкент [Текст] / Карроматуллои Ќ. // “Илм ва фановарӣ”. ISSN 2312-3648. –Душанбе. –2019. –№1. –С.115-119.
9. Карроматуллои, Ќ. Растаниҳои нодир ва зери таҳдиди маҳвшавӣ қарордошати дараи Ширкент [Текст] / Карроматуллои Ќ, Абдуғафури С // Маводи конференсияи байналмилалии илмї-амалї бахшида ба 65-солагии факултети биологияи ДДОТ ба номи С.Айнї ва «Бистсолаи омӯзиши рушди фанҳои табиатшиносї, даќиќ ва риёзї дар соњаи илму маориф» таҳти унвони «Тағйирёбии иќлим ва таъсири он ба организмҳои зинда», «Вазъи муосири гуногунии биологӣ, ҳифз ва истифодаи оқилонаи он» ва «Биология – ҳамчун илми руштёфтаи замони муосир ва проблемаҳои ояндаи он». –Душанбе. –2023.
10. Коннов, А.А. Возобновление и особенности роста арчи в различных условиях Туркестанского хребта [Текст] / А.А.Коннов // Тр. Бот. инст. АН ТаджССР. Арчовные леса центральной части Туркестанского хребта. –1958. –Т.78.
11. Коннов, А.А. Арчазорҳои Тоҷикистон [Текст] / А.А.Коннов //. –Душанбе. –Изд-во «Дониш». –1980. – 45 с.
12. Красная книга Таджикской ССР. – Душанбе. 2024. – 690 с.
13. Исмаилов, М.И. Можжевеловые редколесья и их классификация [Текст] / М.И.Исмаилов //. Вопросы экологии и географии растений. – Душанбе. –Изд-во ТГУ. –1974. – С.81-129.
14. Саидов, Ҳ.С. Хусусиятҳои биоэкологии Ungernia victoris Vved. дар дараи Алмосӣ [Текст] Ҳ.С.Саидов, Ш.Назаров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои муҳим вобаста ба истеҳсолу коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, табобат ва пешгирии касалиҳои ҳайвоноти хољагии қишлоқ ва парранда дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон”. –Данғара. –2025. –С.183-186.
15. Сафаров, Н.М. Флора и растительность Южного Памира-Алая [Текст] / Н.М.Сафаров //. –Душанбе: «Дониш». –2015.
16. Станюкович, К.В. Древесная и кустарниковая растительность [Текст] / К.В.Станюкович // Таджикистан (природа и природные ресурсы). АН Тадж. ССР. –Душанбе: Изд-во «Дониш». –1982. – С.368-378.
17. Таджикистан: природа и природные ресурсы. –Душанбе: Изд-во «Дониш». –1982. –600 с.
18. Fritsch, R.M. A preliminary review of Allium subg [Text] / R.M.Fritsch // Melanocrommyum in Central Asia. –2016. –288 p.
19. Vintsek, L. Genetic differentiation, demographichistory and distribution models of high alpine endemic vicariants outline the response of species topredicted climate changes in a Central Asian biodiversity hotspot [Text] / L.Vintsek, E.Klichowska, A.Nowak & M.Nobis. Ecological Indicators. –2022.

ПАҲНШАВИИ ПОПУЛЯТСИЯИ UNGERNIA VICTORIS VVED ДАР ДАРАИ АЛМОСӢ

Дар мақолаи мазкур паҳншавӣ, сохтори популятсионӣ ва баъзе хусусиятҳои экологии намуди нодири Ungernia victoris Vved. дар дараи Алмосӣ баррасӣ гардидааст. Дар асоси таҳқиқоти саҳроӣ ва таҳлили адабиёт маълум гардид, ки ин намуд асосан дар нишебиҳои санглох ва камнам паҳн мешавад.

Популятсияҳо одатан гурӯҳ-гурӯҳ ҷойгир шуда, шумораи фардҳо дар баъзе мавзеъҳо маҳдуд мебошад. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои антропогенӣ, аз ҷумла чаронидани чорво ва ҷамъоварии растаниҳои доругӣ, ба ҳолати популятсия таъсири манфӣ мерасонанд. Барои нигоҳдории устувори ин намуди нодир тадбирҳои муҳофизатӣ пешниҳод мегарданд.

Калидвожаҳо: Ungernia victoris, популятсия, растаниҳои нодир, флора, дараи Алмосӣ, экология, ҳифзи растаниҳо.

РАСПРОСТРАНЕНИЕ ПОПУЛЯЦИИ UNGERNIA VICTORIS VVED В УЩЕЛЬЕ АЛМОСИ

В данной статье рассматриваются распространение, популяционная структура и некоторые экологические особенности редкого вида Ungernia victoris Vved. в ущелье Алмоси. На основе полевых исследований и анализа литературы установлено, что данный вид преимущественно произрастает на каменистых и маловлажных склонах. Популяции обычно располагаются группами, при этом численность особей в некоторых местах ограничена. Результаты показывают, что антропогенные факторы, включая выпас скота и сбор лекарственных растений, оказывают отрицательное влияние на состояние популяции. Для устойчивого сохранения этого редкого вида предлагаются меры по его охране.

Ключевые слова: Ungernia victoris, популяция, редкие растения, флора, ущелье Алмоси, экология, охрана растений.

DISTRIBUTION OF THE POPULATION OF UNGERNIA VICTORIS VVED IN THE ALMOSI GORGE

This article examines the distribution, population structure, and some ecological characteristics of the rare species Ungernia victoris Vved. in the Almosi Gorge. Based on field studies and analysis of the literature, it was found that this species mainly grows on rocky and low-moisture slopes. The populations are usually distributed in groups, and the number of individuals in some locations is limited. The results show that anthropogenic factors, including livestock grazing and the collection of medicinal plants, have a negative impact on the state of the population. Measures for the conservation of this rare species are proposed to ensure its sustainable preservation.

Keywords: Ungernia victoris, population, rare plants, flora, Almosi Gorge, ecology, plant conservation.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Саидов Ҳоҷиҷон Сафарович*** – магистри соли 2-юми Институти ботаника, генетика ва физиологияи растаниҳои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **(+992) 987-17-77-49. Email**: saidovhojijon@mail.ru
Доруев Файзулло Якубҷонович – ассистенти кафедраи зоологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон:** (+992) 933-73-73-90

Сведения об авторе: ***Саидов Ходжиджон Сафарович*** – магистр 2-го курса Института ботаники, генетики и физиология растений НАНТ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон: (+992) 987-17-77-49. Email**: saidovhojijon@mail.ru.
Доруев Файзулло Якубджонович – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры зоологии **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон: (+992) 933-73-73-90.**

About the author: Saidov Hojijon Safarovich - 2nd-year Master's student at the Institute of botany, genetics and plant physiology of the NAST. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. **Phone**: (+992) 987-17-77-49. **Email**: saidovhojijon@mail.ru.
Doruev Fayzullo Yaqubjonovich – assistant of the department of zoology Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. **Phone: (+992) 933-73-73-90.**

ХИМИЯ – ХИМИЯ

ТАЪСИРИ РАДИКАЛҲОИ ПАҲЛУИИ ГЛИТСИН, АЛАНИН ВА ЛЕЙТСИН БА КОНСТАНТАҲОИ УСТУВОРИИ КОМПЛЕКСҲОСИЛШАВИАШОН БО МИС(II)

Каримов М.К., Ҳакимзода Ҷ.Н., Файзуллозода Э.Ф., Самадзода А.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар замони ҳозира омӯзиши хосияти кислотагӣ-асосии аминокислотаҳо зиёд ба мушоҳида мерасад. Зеро онҳо молекулаҳои муҳим буда, асоси организмҳои зиндаро ташкил медиҳанд [1]. Мис яке аз биометалҳои фаъол буда, ҷузъи баъзе аз ферментҳо ва металлоферментҳо ба ҳисоб меравад, ки барои кори муътадили равандҳои биохимиявии дар организми зинда ба амалоянда зарур аст. Маълум аст, ки намакҳои мис(II) ба таркиби поливитаминҳо ва маводҳои доруворӣ шомиланд, ки дар табобати бемориҳои ҷигар ва дигар узвҳои инсон истифода мешаванд [2].

Пайвастҳои комплексии мис бо лигандҳои одӣ хосиятҳои гуногуни фармокологӣ зоҳир менамоянд. Масалан комплексҳои мис бо аминокислотаҳои гуногун моддаҳое ҳосил мекунанд, ки фаъоляти баланди зиддиилтиҳобӣ ва ситостатикӣ нишон медиҳанд [3]. Дар адабиёти [4-6] омӯзиши пайвастҳои комплексии мис(II) бо глитсин, аланин ва лейтсин мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва константаҳои устувории комплексҳо муайян карда шудааст, инчунин қайд гардидааст, ки раванди комплексҳосилшавӣ дар муҳити pH-и 5,5-6 ба амал меояд.

Дар адабиётҳо то андозае доир ба раванди комплексҳосилшавии мис бо аминокислотаҳо дар маҳлули обӣ ва ҳарорати 298,2 К маълумот дида мешавад, аммо таъсири эффектҳои индуктивӣ ва радикали паҳлуӣ ба константаи устувории комплексҳо омӯхта нашудааст, бинобар ин мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки таъсири эффектҳои индуктивӣ ва радикали паҳлуиро ба константаи устувории комплексҳо дар раванди комплексҳосилшавии мис бо глитсин, аланин ва лейтсин дар маҳлули обӣ дар ҳароратҳои 298,2К мавриди омӯзиш қарор диҳем ва муайян намоем, ки мураккабшавии радикали паҳлӯӣ ба константаҳои устувории комплексҳо чӣ гуна таъсир мерасонад.

Қисми таҷрибавӣ. Дар кори мазкур глитсин (Gly) «ЧДА», α-аланин (Ala) «Ч», лейтсин (ley) «ЧДА» ва хлориди мис ($CuCl2 \cdot 2H2O$), тамғаи «ХЧ», бидуни тозакунии иловагӣ истифода гардид. Маҳлулҳои кислотаи хлорид ва ишқори калий ҳангоми серобкунӣ аз маҳлулҳои стандартӣ омода шудаанд. Барои доимӣ нигоҳ доштани қувваи ионӣ намаки нитрати натрийро «ЧДА» истифода намудем. Тайёркунии маҳлули корӣ тавассути баркашидан дар тарозӯҳои аналитикӣ иҷро карда шуд. Барои иҷрои кори мазкур маҳлулҳои зеринро бо чунин усул тайёр намудем: 2,5 мл маҳлули 0,1М $CuCl2$ + 5 мл маҳлули 0,1М глитсин (аланин ва лейтсин) + 5 мл маҳлули 0,1М $NaNO3$ + 37,5 мл оби муқаттар. Дар маҳлули тайёрнамуда консентратсияи металл ва лиганд дар нисбатҳои 1:2 гирифта шуд. Барои кор дар асбоби pH-метри маркааш “ЭКСПЕРТ-001” (РФ) аз электродҳои шишагӣ ва хлорнуқрагӣ истифода бурда шуд. Пеш аз гузаронидани таҷриба ба мо лозим аст, ки асбобро калибровка намоем. Барои тайёр кардани маҳлулҳои буферӣ аз фиксаналҳои зерин истифода намудем: маҳлули дорои муҳити 1,68 аз моддаи $KH3C4O3 \cdot 2H2O$ бо консентратсияи 0,05м (ГОСТ 8,135-74) тайёр карда шуда; Маҳлули дорои муҳити 6,86 аз моддаи $KH2PO4$ бо консентратсияи 0,025 м (ГОСТ 8,135-74) тайёр карда шуда; Маҳлули дорои муҳити 9,18 аз моддаи $Na2B4O7 \cdot 10H2O$ бо консентратсияи 0,01м (ГОСТ 8,135-74) тайёр карда шуда; Дақиқии ченкунии қимматҳои

pH ±0,03-ро ташкил медод. Ҳамаи таҷрибаҳо дар ҳарорати 298,2К дар ҳаммоми обӣ гузаронида шуд, ки дақиқии он ±0,1К-ро ташкил медод.

Ҳар се маҳлулҳои аминокислотаҳои таҳқиқшаванда дар вақти гузаронидани таҷрибаҳо омода карда шуда буданд.

Аминокислотаҳои дар кори мазкур истифода карда шуда дорои чунин формула мебошанд:

		
Глитсин (Gly)	Аланин (Ala)	Лейтсин (Ley)

Тартиби иҷроиши таҷрибаҳо ва ҳисоби константаҳои ионизатсияи глитсин, аланин, лейтсин ва константаи комплексҳо тибқи усули корҳои [9-10], гузаронида шудааст.

Муҳокимаи натиҷаҳо. Барои раванди комплексҳосилшавии мисро бо глитсин, аланин ва лейтсин таҳқиқ намудан сараввал хосияти кислотагӣ-асосии ин аминокислотаҳоро мавриди омӯзиш қарор додем. Нақшаи мувозинати константаи протонизатсияи лейтсин дар поён оварда шудааст (нақшаи 1).



Раванди протонизатсияи глитсин ва аланин низ ба монанди лейтсин сурат мегирад, фақат фарқият дар радикали паҳлуӣ ҳаст, ки барои глитсин ва аланин он содда аст. Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои сершумор оиди хосиятҳои протолитии аминокислотаҳои мазкур дар маҳлул константаҳои протонизатсияи он муайян карда шуд, ки барои ин аз формулаи зерин истифода бурдем.

$$V_i = \frac{\left[\alpha_{H^+}\cdot\gamma\cdot C_b\left[\frac{K_1\cdot\left(\frac{\alpha_{H^+}}{\gamma}\right)+2\cdot K_1\cdot K_2}{\left(\frac{\alpha_{H^+}}{\gamma}\right)^2+K_1\cdot\left(\frac{\alpha_{H^+}}{\gamma}\right)+K_1\cdot K_2}\right]\cdot V_e-\left[\left(\frac{\alpha_{H^+}}{\gamma}\right)^2-K_W\right]\cdot V_0\right]}{\left[\left(\frac{\alpha_{H^+}}{\gamma}\right)^2-K_W\right]+\alpha_{H^+}\cdot\gamma\cdot C_b}$$

Дар ин ҷо: Vi – ҳаҷми ишқори иловашуда, V0 – ҳаҷми умумии маҳлули таҳқиқшаванда, KW – константаи ионизатсияи об, αH+ – фаъолнокии ионҳои гидроген, γ – коэфитсентаи фаъолнокии ионҳо, Cb – консентратсияи ишқор, K1 ва K2 – константаҳои дисотсиатсия мебошанд.

Амминокислотаҳо ҳам дорои гурӯҳи карбоксил (-COOH) ва ҳам дорои гурӯҳи амминӣ (-NH2) мебошанд. Аз ин рӯ гузариши протон аз гурӯҳи (-COOH) ба гурӯҳи амминӣ (-NH2) ба амал меояд, ки дар ин вақт свиттер-ион ҳосил мешавад. Ҳангоми илова кардани кислотаи хлорид аниони COO- гидрогенро ба худ мегирад. Аминокислотаи ҳосилшуда дорои ду атоми гидрогени хосияти кислотагӣ дошта

мешавад. Ҳангоми илова кардани ишқор аввал атоми гидрогени (-COOH) (К1) ва баъд атоми гидрогени (–NH3 +) канда мешавад.

Каҷхаттаи титронидани аминокислота бо ишқори қавӣ дар расми 1 оварда шудааст.



Расми 1. Каҷхаттаи титронидани аминокислотаҳо+HCl (аланин) бо ишқори қавӣ. Нуқтаҳо-Қимматҳои таҷрибавӣ, Хат-ҳисобӣ.

Константаҳои протонизатсияи глитсин (рК1-константаи протонизатсияи гурӯҳи карбоксилӣ ва рК2-константаи протонизатсияи гурӯҳи амминӣ) дар ҳароратҳои 298,2 К мувофиқан ба (рК1(COOH) = 2,18), (рК2(NH2) = 9,45), барои аланин (рК1(COOH) = 2,24), (рК2(NH2) = 9,48) ва барои лейтсин (рК1(COOH) = 2,46), (рК2(NH2) = 9,55) баробар аст.

Аминокислотаҳои дар кори мазкур истифода гардида, дар ҳудҳои 2-2,8 то 9,4-9,55 дар шакли свиттер-ионӣ қарор доранд. Бештар эҳтимолияти раванди комплексҳосилшавӣ дар шакли свиттер-ионӣ ва анионӣ ба мушоҳида мерасад. Дар шакли катионӣ, яъне дар вақти хурд будани рН аз 2,00 раванди комплексҳосилшавӣ ҷой дошта наметавонад. Гузариши ин раванд ғайриимкон аст, зеро аксаран комплексҳосилкунандаҳо дорои заряди мусбат ҳастанд зарядҳои ҳамном ҳамдигарро тела медиҳанд бинобар ин ҳолати комплексҳосилшавӣ ба мушоҳида намерасад. Лигандҳои мазкур дар шакли нейтралӣ низ қобилияти бо комплексҳосилкунанда пайвастшавиро доранд. Дар кори мазкур лигандҳо дар шакли анионӣ дар атрофи атоми комплексҳосилкунанда координатсия мешаванд.

Ҳангоми комплексҳосилшавии мис бо аминокислотаҳо имконияти гузариши чунин равандҳо ҷой дорад:

Cu2+ + L – =CuGly +, (1)

Cu2+ + 2L – =CuGly20, (2)

Барои муайян намудани шакл ва шумораи заррачаҳои пайвастҳои комплексӣ усулҳои гуногуни титронидан ва ҳисобҳо ба роҳ монда шуд. Яке аз чунин тарзҳои ҳисоби заррачаҳои комплексӣ дар маҳлул ин титронидани маҳлули дорои ионҳои мис(II) ва

аминокислотаҳо мувофиқан бо таносуби 1 : 2 мебошад. Каҷхаттаи титронидани омехтаи лиганд ва метал бо лиганд дар расми 2 оварда шудааст.



Расми 2. Каҷхаттаи титронидани омехтаи HCl + Gly (1). Каҷхаттаи титронидани омехтаи глитсин + мис(II), титрант маҳлули 0,1м KOH.

Каҷхаттаҳои титронидани аланин ва лейтсин ба монанди глитсин мебошанд. Аз каҷхаттаи титронидан маълум аст, титронидани лиганд бо кислотаи хлорид, титрант ишқори калий pH аз 2,38 шуруъ шудааст. Дар омехтаи лиганд бо метал бошад pH аз 3,079 оғоз меёбад, чунин тағйирот барои лейтсин ва аланин низ дида шуд. Дар қисмати аввал сабаби болои ҳам нахобидани хатҳо дар он аст, ки аз ҳисоби протонизатсияи лиганд, кислотаи хлорид ба муҳити маҳлул таъсир расонидааст паст будани қиммати pH далели ин гуфтаҳост. Раванди гидролизи намаки мис низ омӯхта шуд. Аз сабаби оне ки таъсири гидролиз ба раванди комплексҳосилшавӣ камтар аст дар график он оварда нашуд.

Аз графики мазкур як нуқтаи дигарро низ қайд кардан ба маврид аст, ки як ҳаҷми эквивалентӣ барои лиганд ба 2,5 ва барои омехтаи таҳқиқшаванда ба 5 баробар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди комплексҳосилшавии мис бо глитсин сурат гирифтааст. Раванди комплексҳосилшавӣ дар pH>6 ба амал меояд. Дар ин маврид аминокислота дар шакли анионӣ бо метал пайваст шуда, мувофиқан дуто заррачаи комплексиро ҳосил мекунад. Константаҳои устувории комплексҳои ҳосилшуда дар ҳарорати 298,2К дар маҳлули обӣ дар ҷадвали зер оварда шудааст. Аз ҷадвал дида мешавад, ки устувории комплексҳои моно-кординатсионӣ нисбат ба комплексҳои бис-кординатсионӣ ба як воҳиди логарифӣ зиёд мешавад. Дар байни комплексҳои ҳосилшуда аз ҳама комплекси устувор глитсинати мис мебошад. Барои аланин ва лейтсин таъсири эффекти индуктивии радикалӣ паҳлуӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин ҷо бо мураккабшавии радикали паҳлуӣ устувории комплекс зиёд мешавад. Константаҳои ҳосилшавии комплексҳо дар маҳлул тавассути усули Алберт ва Сержент ҳисоббарорӣ карда шудааст ва қимматҳои он дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Константаҳои устувории комплексҳои глитсинати мис(II) дар ҳароратҳои 298,2К дар маҳлули обӣ

	298,2 К	298,2 К

Реаксияҳои комплексҳосилшавй	lg Ki	lgβi	Шакли аминокислота	Константа и ионизатсия
Cu2+ + Gly– = [CuGly]+,	8,36	8,36	Gly+	2,18
Cu2+ + 2Gly– = [CuGly2]0	6,89	15,26	Gly–	9,45
Cu2+ + Ala– = [Cu Ala]+,	7,42	7,42	Ala+	2,24
Cu2+ + 2 Ala – = [Cu Ala 2]0	7,35	14,77	Ala–	9,48
Cu2+ + Ley– = [Cu Ley]+,	7,58	7,58	Ley+	2,46
Cu2+ + 2 Ley – = [Cu Ley 2]0	7,45	15,03	Ley–	9,55

Ҳамин тариқ бо усули pH-метрӣ константаҳои устувории комплексҳои ҳосилшуда дар маҳлули обӣ дар ҳарорати 298,2К муайян карда шуд. Маълум шуд, ки дар қатори комплексҳои ҳосилшуда аз ҳама устувор глитсинати мис мебошад.

АДАБИЁТ

1. Kozlowski, H., Bal, W., Dyba, M., Kowalil-Jankowska, T.: Specific structure-stability relations in metallopeptides. Coord. Chem. Rev. 184, 319–346 (1999).
2. Хьюз Г. Неорганическая химия биологических процессов. – М.: Мир, 1983, 416 с.
3. Farrell, N. Transition Metal Complexes as Drugs and C.A.K, Dordrecht (1989).
4. Yahia Z Hamada, Nyasha Makoni, Hasan Hamada Cu2+ complexes with the simplest amino acid glycine (gly)/ Journal of Nanomedicine Research//2017, p1-5.
5. R.C. de Oliveira a b 1, G.V.S. Mota a, C.M.R. Remédios/Structural and vibrational studies of bis(L-alaninate)copper(II) crystal combined with density functional theory (DFT) calculations//Inorganica Chimica Acta
6. Volume 564, 1 May 2024, 121971.
7. Лариса П. Бондарева 1 Елена В. Русина 1 Диана В. Овсянникова/Соединения лейцина с катионами меди (II) в водных растворах//Вестник ВГУИТ/Proceedings of VSUET, Т. 79, № 4, 2017.
8. Makowska J.,//Peptide Science 2008; Volume 90. Number 5 DOI10.1002/bip.21046.
9. Альберт А., Сержент Е., Константы ионизации кислот и оснований. Перевод с английского –М.:-1964. 180с.
10. Ahmed A. El-Sherif • Mohamed M. Shoukry • Mohamed M. A. Abd-Elgawad/Protonation Equilibria of Some Selected a-Amino Acids in DMSO–Water Mixture and Their Cu(II)-Complexes//Received: 28 November 2011 / Accepted: 2 June 2012 / Published online: 12 February 2013 Springer Science+Business Media New York 2013.

ТАЪСИРИ РАДИКАЛҲОИ ПАҲЛУИИ ГЛИТСИН, АЛАНИН ВА ЛЕЙТСИН БА КОНСТАНТАҲОИ УСТУВОРИИ КОМПЛЕКСҲОСИЛШАВИАШОН БО МИС(II)

Бо усули таҳлили pH-метрӣ раванди комплексҳосилшавии аминокислотаҳо глитсин, аланин ва лейтсин бо ионҳои мис(II) дар маҳлуи обӣ дар қувваи ионии I = 0,1 мол/л NaNO3 ва ҳарорати 298,2 омӯхта шуд. Муайян гардид, ки дар системаи таҳқиқгардида, асосан заррачаҳои комплексии шакли [CuL]+ ва [CuL2]0 ҳосил мешавад. Константаҳои ҳосилшавии комплексҳо дар маҳлул тавассути усули Алберт ва Сержент ҳисоббарорӣ карда шуда, константаҳои устуворӣ ва таъсири радикалҳои паҳлуӣ муайян карда шудааст.

Калидвожаҳо: pH-метрӣ, глитсин, аланин, лейтсин, мис(II) константаи протонизатсия, комплексҳосилшавӣ, константаи устуворӣ.

ВЛИЯНИЕ БОКОВЫХ РАДИКАЛОВ ГЛИЦИНА, АЛАНИНА И ЛЕЙЦИНА НА КОНСТАНТЫ СТАБИЛЬНОСТИ ИХ КОМПЛЕКСООБРАЗОВАНИЯ С МЕДЬЮ (II)

Методом pH-метрического анализа изучался процесс комплексообразования аминокислот глицина, аланина и лейцина с ионами меди(II) в водном растворе при ионной силе I = 0,1 моль/л NaNO3 и температуре 298,2. Было установлено, что в исследуемой системе в основном образуются комплексные частицы формы

[CuL]+ и [CuL2]0. Константы образования комплексов в растворе рассчитывались методом Альберта и Сержента, определялись константы стабильности и действия боковых радикалов.

Ключевые слова: pH-метрия, глицин, аланин, лейцин, медь(II) константа протонирования, комплексообразование, константа стабильности.

THE EFFECT OF THE SIDE RADICALS GLYCINE, ALANINE, AND LEUCINE ON THE STABILITY CONSTANTS OF THEIR COMPLEXATION WITH COPPER (II)

The process of complexation of amino acids glycine, alanine and leucine with copper(II) ions in an aqueous solution at an ionic strength of I = 0.1 mol/l NaNO3 and a temperature of 298.2 was studied by pH-metric analysis. It was found that complex particles of the form [CuL]+ and [Cul]0 are mainly formed in the system under study. The constants of complex formation in solution were calculated by the Albert and Sergent method, and the constants of stability and side radical action were determined.

Key words: pH-metric, glycine, alanine, leucine, copper(II) protonation constant, complexation, stability constant.

Маълумот дар бораи муаллифон: Каримов Мулловоси – магистри курси дуюми кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон**: **(+992) 933-33-0275. E-mail:** e120286@inbox.ru

Ҳакимзода Ҷумахон Немон – ассистенти кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон: (+992)939-60-41-81**. **E-mail:** hjn1997@inbox.ru

Файзуллозода Эркин Фатҳулло – номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон: (+992) 935-56-96-69**. E-mail: e120286@inbox.ru

Самадзода Абдурасул Саид – номзади илмҳои химия, муаллими калони кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон: (+992) 111-50-38-38. E-mail:** s.s.rasul@mail.ru

Сведения об авторах:Каримов Мулловоси – магистр 2-го курса кафедры физической и коллоидной химии Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон: (+992) 933-33-0275**. **E-mail:** e120286@inbox.ru.

Хакимзода Джумахон Немон – ассистент кафедры физической и коллоидной химии, химического факультета Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон: (+992)939-60-41-81**. **E-mail:** hjn1997@inbox.ru

Файзуллозода Эркин Фатхулло – кандидат химических наук, доцент кафедры физической и коллоидной химии Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 935-56-96-69. E-mail: e120286@inbox.ru

Самадзода Абдурасул Саид – кандидат химических наук, старший преподаватель кафедры физической и коллоидной химии Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 111-50-38-38. E-mail: s.s.rasul@mail.ru

Information about the authors:**Karimov Mullovosi** – master of the 2nd year of the Department of Physical and Colloidal Chemistry of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 933-33-0275**. E-mail: e120286@inbox.ru

Hakimzoda Jumakhon Nemon – Assistant of the Department of Physical and Colloid Chemistry, Faculty of Chemistry, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. **Phone: (+992) 939-60-41-81**. **E-mail:** hjn1997@inbox.ru

Faizullozoda Erkin Fathullo – Candidate of Chemical Sciences, Associate Professor, Department of Physical and Colloid Chemistry, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. **Phone: (+992) 935-56-96-69.** E-mail: e120286@inbox.ru

Samadzoda Abdurasul Said – Candidate of Chemical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Physical and Colloid Chemistry, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. **Phone: (+992) 111-50-38-38. E-mail:** s.s.rasul@mail.ru

УСУЛИ ОПТИМАЛИИ ҶУФТҲОИ ЭКСПОНЕНСИАЛӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ҲАЛЛИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯИ АДАДҲО

Хайруллоҳзода Ш.А., Мақсудова Б.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Усули оптималии ҷуфтҳои экспоненсиалӣ яке аз усулҳои муҳим дар назарияи аналитикии ададҳо ба ҳисоб меравад [1]. Ин усул барои ба даст овардани баҳодиҳиҳои дақиқи суммаҳои экспоненсиалӣ истифода мешавад, ки дар таҳқиқи нулҳои зета-функсияи Риман ва L-қаторҳои Дирихле нақши муҳим дорад [4-7].

Моҳияти усул аз он иборат аст, ки барои суммаҳои экспоненсиалӣ ҷуфтҳои ададӣ (k, l) интихоб карда мешаванд, ки ба онҳо баҳодиҳиҳои мувофиқ дода шуда, бо роҳи оптимизатсия ҷуфте интихоб мегардад, ки беҳтарин натиҷаро медиҳад.

Усули оптималӣ такмили усулҳои классикӣ ба монанди усули Вейл ва Ван дер Корпут буда, дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба миқдори нулҳои зета-функсияи Риман, масофаи байни нулҳо ва баҳодиҳии суммҳои кӯтоҳи тригонометрӣ самаранок истифода мешавад [2-3].

Табдилдиҳии зеринро дида мебароем:

$$\theta(k,l)=\frac{ak+bl+c}{dk+el+f}, \tag{1}$$

ки a, b, c, d, e, f — доимиҳои ҳақиқианд.

Бигузор $\mathcal{P}$ – маҷмӯи ҳамаи чуфтҳои экспоненсиалие, ки аз ҷуфти $(0,1)$ дар натиҷаи истифодаи протсессҳои A ва B ҳосилшуда бошанд. Азбаски $B^2(k,l)=(k,l)$ ва $A(0,1)=(0,1)$аст, пас маҷмуи $\mathcal{P}$ аз ҷуфтҳои экспоненсиалии

$$\mathcal{P}=\{A^{q_1}BA^{q_2}B\dots A^{q_k}B(0,1)\}\cup\{BA^{q_1}BA^{q_2}B\dots A^{q_k}B(0,1)\}$$

иборат мебошад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки

$$A\mathcal{P}=\{A^{q_1}BA^{q_2}B\dots A^{q_k}B(0,1)\},$$
$$BA\mathcal{P}=\{BA^{q_1}BA^{q_2}B\dots A^{q_k}B(0,1)\}$$

Бинобарин,

$$\mathcal{P}=A\mathcal{P}\cup BA\mathcal{P}.$$

Ба хотир меорем, ки

$$A(k,l)=\left(\frac{k}{2k+2},\frac{k+l+1}{2k+2}\right),\quad B(k,l)=\left(l-\frac{1}{2},k+\frac{1}{2}\right).$$

A ва B протсессҳоро метавон дар намуди матритсаҳо чунин ифода намуд:

$$A=\begin{pmatrix}1&0&0\\1&1&1\\2&0&2\end{pmatrix},\quad B=\begin{pmatrix}0&2&-1\\2&0&1\\0&0&2\end{pmatrix}.$$

Пас

$$A\begin{pmatrix}k\\l\\1\end{pmatrix}=\begin{pmatrix}k\\k+l+1\\2k+2\end{pmatrix},\quad B\begin{pmatrix}k\\l\\1\end{pmatrix}=\begin{pmatrix}2l-1\\2k+1\\2\end{pmatrix}. \tag{2}$$

Навишти (2) ба шакли зерин эквивалент мебошад:

$$\begin{pmatrix}\frac{k}{2k+2}\\\frac{k+l+1}{2k+2}\\1\end{pmatrix}=\begin{pmatrix}\kappa\\\lambda\\1\end{pmatrix},$$

ки $(\kappa,\lambda)=A(k,l)$ ва

$$\begin{pmatrix} \frac{2l-1}{2} \\ \frac{2k+1}{2} \\ 1 \end{pmatrix} = \begin{pmatrix} \kappa \\ \lambda \\ 1 \end{pmatrix}$$

ки $(\kappa, \lambda) = B(k, l)$.

Вазифаи асосии мо ин ёфтани $\inf\{\theta(k,l): (k,l) \in \mathcal{P}\}$ мебошад. Барои ин якчанд элеммаҳои ёрирасонро дида мебароем.

Леммаи 1. *Бигузор X_1, X_2 – ададҳои мусбат буда, a_1, a_2 – ададҳои ғайриманфии шарти $a_1 + a_2 = 1$ -ро қаноаткунанда бошанд. Он гоҳ*

$$\min(X_1, X_2) \le X_1^{a_1} X_2^{a_2} \le \max(X_1, X_2).$$

Исбот. Бигузор $X_1 = \min(X_1, X_2)$ бошад, он гоҳ $X_2 = \max(X_1, X_2)$ буда аз нобаробарии $X_1 \le X_2$ бармеояд, ки $X_1^{a_1} \le X_2^{a_2}$. Бинобарин

$$(X_1)^1 = (X_1)^{a_1}(X_1)^{a_2} \le (X_1)^{a_1}(X_2)^{a_1} \le (X_2)^{a_1}(X_2)^{a_2} = (X_2)^1.$$

Леммаи 2. Муносибатҳои зерин ҷой доранд:

a. Агар $(k, l) \in \mathcal{P}$, он гоҳ $k + l \le 1$.

b. Агар $(k, l) \in A\mathcal{P}$, он гоҳ $l - k - \frac{1}{2} \ge 0$.

c. Агар $(k, l) \in BA\mathcal{P}$, он гоҳ $l - k - \frac{1}{2} \le 0$.

d. $A\mathcal{P} \cap BA\mathcal{P} = \left\{\left(\frac{1}{6}, \frac{2}{3}\right)\right\}$

Исбот. (Ниг. ба [1])

Минбаъд барои баробарии (1) фарз мекунем, ки шарти

$$dk + el + f > 0, \quad \forall\, (k, l) \in \mathcal{P}. \tag{3}$$

иҷрошаванда бошад.

Ба табдилдиҳии (1) матритсаи зеринро мувофиқ мегузорем:

$$\theta = \begin{pmatrix} a & b & c \\ d & e & f \end{pmatrix}$$

Ададҳои u, v ва w -ро чунин муайян мекунем:

$$u = \begin{vmatrix} b & c \\ e & f \end{vmatrix}, \quad v = \begin{vmatrix} a & c \\ d & f \end{vmatrix}, \quad w = \begin{vmatrix} a & b \\ d & e \end{vmatrix} \tag{4}$$

ва аз рӯйи он вектори

$$\xi(\theta) = \begin{pmatrix} u \\ v \\ w \end{pmatrix}$$

тартиб медиҳем.

Леммаи 3. *Бигузор θ чуноне, ки дар (1) буд, бошад ва u, v, w бо баробариҳои (5) муайян гардад. Он гоҳ ихтиёрӣ ҷуфтҳои экспоненсиалии (k, l) ва (κ, λ) баробарии зерин ҷой дорад:*

$$(\theta(k,l) - \theta(\kappa,\lambda))(dk + el + f)(d\kappa + e\lambda + f)) = \det \begin{pmatrix} k & l & 1 \\ \kappa & \lambda & 1 \\ u & -v & w \end{pmatrix}.$$

Исбот. (Ниг. ба [1].)

Леммаи 4. *Бигузор θ, u, v, w монанди леммаи 3 бошанд ва θ шарти (4). Агар $(k, l) \in A\mathcal{P}$ ва $(k, l) \ne \left(\frac{1}{6}, \frac{2}{3}\right)$ бошад, он гоҳ* $sgn\,(\theta B(k,l) - \theta(k,l)) = sgn\,(w(k+l) + v - u)$.

Исбот. (Ниг. ба [1].)

Леммаи 5. *Бигузор* (k_1, l_1) *– ҷуфти экспоненсиалие бошад, ки нобаробарии зеринро қаноат кунонад* $\theta(k_0, l_0) < \theta(k_1, l_1)$. *Он гоҳ барои ихтиёрӣ* $t \in [0,1]$:

$$\theta(k_0, l_0) \le \theta(k_t, l_t) \le \theta(k_1, l_1),$$

дар ин ҷо $(k_t, l_t) = (1-t)(k_0, l_0) + t(k_1, l_1)$.

Натиҷаи 1. *Аз леммаи 5 натиҷаи муҳими зерин мебарояд: Агар* $0 \le t \le 1$ *бошад, он гоҳ*

$$\min\{\theta(k_0, l_0), \theta(k_1, l_1)\} \le \theta(k_t, l_t) \le \max\{\theta(k_0, l_0), \theta(k_1, l_1)\}$$

Ҳамин тариқ, мо муайян намудем, ки $\mathcal{P} = A\mathcal{P} \cup BA\mathcal{P}$. Бинобарин, $\inf\limits_{\mathcal{P}}\theta = \inf\limits_{\mathcal{P}}\theta A$, ё ин ки $\inf\limits_{\mathcal{P}}\theta = \inf\limits_{\mathcal{P}}\theta BA$.

Теоремаи 1. *Бигузор* θ, *чуноне бошад, ки дар (1) муайян шудааст ва* $dk + el + f > 0 \ \forall (k, l) \in \mathcal{P}$. *Адади* r: $r \le \inf\limits_{\mathcal{P}}(k + l)$ *муайян мекунем ва*

$$Y = \max(wr + v - u,\ w + v - u), \qquad Z = \min(wr + v - u,\ w + v - u).$$

Агар $Z \ge 0$, он гоҳ $\inf\theta = \inf\theta A$.

Агар $Y \le 0$, он гоҳ $\inf\theta = \inf\theta BA$.

Қайди 1. Ин теорема ҳангоми $Z < 0 < Y$ будан иҷро намегардад, дар ин ҳолат ба мо теоремаи 2 кумак мерасонад.

Исбот. Бигузор $(k, l) \in A\mathcal{P}$. Азбаски $r \le \inf(k + l)$ ва $k + l \le 1$, мувофиқи леммаи 2, пас

$$r \le k + l \le 1$$

Исбот мекунем, каи $Z \le w(k + l) + v - u \le Y$.

Агар $w \ge 0$, пас

$$wr + v - u \le w(k + l) + v - u \le w + v - u$$

Агар $w < 0$, он гоҳ

$$w + v - u \le w(k + l) + v - u \le wr + v - u$$

Бинобарин дар ҳарду ҳолат нобаробариҳои зерин иҷро мегарданд:

$$\underbrace{\min(wr + v - u, w + v - u)}_{Z} \le w(k + l) + v - u \le \underbrace{\max(wr + v - u, w + v - u)}_{Y}$$

Агар $Z \ge 0$, он гоҳ $w(k + l) + v - u \ge 0$ ва мувофиқи леммаи 4:

$$\forall (k, l) \in \mathcal{P}:\ \theta B(k, l) - \theta(k, l) \ge 0 \implies \forall (k, l) \in \mathcal{P}:\ \theta B(k, l) \ge \theta(k, l)$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки $\inf\limits_{\mathcal{P}}\theta BA \ge \inf\limits_{\mathcal{P}}\theta A$, ё ин ки он баробарқувва аст ба

$$\inf\limits_{BA\mathcal{P}}\theta \ge \inf\limits_{A\mathcal{P}}\theta,$$

чунки $\mathcal{P} = A\mathcal{P} \cup BA\mathcal{P}$, пас $\inf\limits_{\mathcal{P}}\theta = \inf\limits_{A\mathcal{P}}\theta$.

Айнан ҳамин тавр нишон додан мумкин аст, ки агар $Y \le 0$, он гоҳ

$$\inf\limits_{\mathcal{P}}\theta = \inf\limits_{BA\mathcal{P}}\theta.$$

Қайди 2. *Мувофиқи таърифи ҷуфтҳои экспоненсиалӣ* $0 \le k \le \frac{1}{2} \le l \le 1$. *Бинобарин,* $l + k \ge \frac{1}{2} + 0 = \frac{1}{2}$. *Пас* $inf(k + l) \ge \frac{1}{2}$. *Ин маънои онро дорад, ки яке аз қиматҳои* r *-ро дар теоремаи 1 метавон* $r = \frac{1}{2}$ *гирифт.*

Теоремаи 2. *Бигузор* C *ин ҳосили зарбҳои охирноки протсессҳои* A *ва* B *бошад, ки барои онҳо* $inf\theta BA = inf\theta BAC$ *ва*

$$\sup\{k + l:\ (k, l) \in CA\mathcal{P}\} = r_1$$

Агар $min(rw + v - u, r_1 w + v - u) \geq 0$, *он гоҳ* $inf\theta = inf\theta A$ *мешавад.*

Исбот. Мувофиқи таърифи r:

$$r \leq k + l \leq r_1, \quad \forall\, (k,l) \in ACP.$$

Фикрроние, ки дар теоремаи 1 намуда будем, давом дода ҳолатҳои $w \geq 0$ ва $w < 0$, дида баромада, ба натиҷаи зерин омада мерасем

$$\min(wr_1 + v - u, wr + v - u) \leq w(k+l) + v - u \leq\leq \max(wr_1 + v - u, wr + v - u).$$

Азбаски мувофиқи фарзи кардаамон тарафи чапи нобаробарӣ ≥ 0, пас $w(k+l) + v - u \geq 0$. Он гоҳ мувофиқи леммаи 4:

$$\theta B(k,l) - \theta(k,l) \geq 0.$$

Инчунин, азбаски $\inf\limits_{\mathcal{P}}\theta \leq \inf\limits_{ACP}\theta$ и $\inf\limits_{ACP}\theta \leq \inf\limits_{BACP}\theta$ (дар ҳолате, ки $ACP \subset \mathcal{P}$ ва $BACP \subset ACP$), он гоҳ

$$\inf\limits_{\mathcal{P}}\theta \leq \inf\limits_{ACP}\theta \leq \inf\limits_{BACP}\theta = \inf\limits_{\mathcal{P}}\theta BAC = \inf\limits_{\mathcal{P}}\theta BA \Longrightarrow$$
$$\inf\limits_{\mathcal{P}}\theta \leq \inf\limits_{\mathcal{P}}\theta BA$$

Аз ин ҷо бевосита ҳосил мекунем: $\inf\limits_{\mathcal{P}}\theta \leq \inf\limits_{\mathcal{P}}\theta A$.

Моҳияти алгоритми оптималии ҷуфтҳои экспоненсиалӣ чунин аст:

Бигузор ба мо $\theta(k,l) = \frac{ak+bl+c}{dk+el+f}$ бо шарти $dk + el + f > 0$ дода шуда бошад. Теоремаи 1-ро тадбиқ мекунем ё ин ки теоремаи 2-ро (кадоме аз онҳо тадбиқшавандаанд) ва муайян мекунем, ки кадоме аз ҳолатҳои $\inf\theta = \inf\theta A$ ё $\inf\theta = \inf\theta BA$ иҷро мегардад. Баъдан θ -ро мувофиқан ба θA ё θBA иваз мекунем (ин аз он вобаста аст, ки $\inf\theta = \inf\theta A$ ё $\inf\theta = \inf\theta BA$) ва боз ҳамин равандро такрор мекунем.

Баъд аз миқдори муайяни қадамҳо мо ҳосил мекунем:

$$\inf\theta = \inf\theta B^j A^{q_1} BA^{q_2} B \dots A^{q_1} BA, \quad j = 0,1; \quad q_i \geq 0.$$

Куллан мумкин аст, ки $\inf\theta = \inf\theta A^q$ барои ҳар як $q \geq 0$ бошад. Барои ин ҳолат ба мо теоремаи зерин кумак мерасонад.

Теоремаи 3. *Бигузор* θ, u, v, w *чуноне, ки дар теоремаи 1 буданд, бошанд. Он гоҳ шартҳои зерин бо ҳам баробарқувваанд:*

a. $\inf\theta = \inf\theta A^q \ \forall\, q \geq 0.$
b. $\inf\theta = \theta(0,1)$
c. $w + v \geq u, u \leq 0.$

Исбот. **a. b.** Бигузор барои ихтиёрӣ $\inf\theta = \inf\theta A^q$ ки $\forall\, q$ бошад. Он гоҳ ҷуфти пайдарпайиҳои (k_q, l_q): $(k_q, l_q) \in A^q \mathcal{P}$ ва $\inf\theta = \lim\limits_{q\to\infty}\theta(k_q, l_q)$ ҷой доранд. Барои иҷроиши давоми исбот ба мо леммаи зерин лозим мешавад:

Леммаи 6. *Агар*

$$A = \begin{pmatrix} 1 & 0 & 0 \\ 1 & 1 & 0 \\ 2 & 0 & 2 \end{pmatrix},$$

бошад, он гоҳ

$$A^q = \begin{pmatrix} 1 & 0 & 0 \\ 2^{q+1} - q - 1 & 1 & 2^q - 1 \\ 2^{q+1} - 2 & 0 & 2^q \end{pmatrix}, \quad \text{барои ихтиёрӣ } q \in \mathbb{N}.$$

Исботи лемма ба иҷрои дукаратаи индуксия нисбат ба q гузаронида мешавад.

Бинобарин

$$(k_q, l_q) = A^q(k,l) = \left(\frac{k}{(2^{q+1}-2)k + 2^q}, \frac{(2^{q+1}-q-1)k + l + 2^q - 1}{(2^{q+1}-2)k + 2^q}\right).$$

Санҷидан душвор нест, ки $(k_q, l_q) \to (0,1)$ $(q \to +\infty)$, чунки k, l – муайяншудаанд.

Ҳамин тариқ, $\lim_{q\to\infty}(k_q, l_q) = (0,1)$.

Азбаски $dk + el + f > 0$, пас $\frac{ak+bl+c}{dk+el+f} > 0$ ва дар навбати худ θ мунтазам бефосила дар атрофи секунҷаи қуллаҳояш $(0,\frac{1}{2})$, $(0,1)$ ва $\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)$ мебошад, бинобарин аз

$$\lim_{q\to\infty}(k_q, l_q) = (0,1)$$

бармеояд, ки

$$\lim_{q\to\infty}\theta(k_q, l_q) = \theta(0,1).$$

b. a. Бигузор $\inf\theta = \theta(0,1)$. Азбаски барои ихтиёрӣ $q \le 0$, $A^q\mathcal{P} \subseteq \mathcal{P}$, пас

$$\inf\theta \le \inf\theta A^q.$$

Аз тарафи дигар $(0,1) = A^q(0,1)$, бинобарин

$$\inf\theta A^q \le \theta A^q(0,1) = \theta(0,1) = \inf\theta.$$

Ин нобаробариҳоро якҷоя намуда, тасдиқоти **a** -ро ҳосил мекунем.

Исбот мекунем, ки **b.** $\Leftrightarrow$ **c.** Мувофиқи леммаи (3)

$$sgn\left(\theta(0,1) - \theta(k,l)\right) = sgn\det\begin{pmatrix}0 & 1 & 1\\ k & l & 1\\ u & -v & w\end{pmatrix} = sgn\det\begin{pmatrix}0 & 1 & 0\\ k & l & 1-l\\ u & -v & w+v\end{pmatrix} =$$

$$= - sgn\det\begin{pmatrix}k & 1-l\\ u & w+v\end{pmatrix} = - sgn\,(k(w+v) - u(1-l)) =$$

$$= sgn\,(u(1-l-k) - k(w+v-u)) = sgn\,T,$$

ки

$$T = u(1-l-k) - k(w+v-u)$$

c. b. Агар $w + v - u \le 0$ ва $u \le 0$, пас $T \le 0$ барои ихтиёрӣ $(k,l) \in \mathcal{P}$. Бинобарин

$$\theta(0,1) \le \theta(k,l)\ \ \forall\,(k,l) \in \mathcal{P} \Rightarrow\ \ \inf\theta = \theta(0,1)$$

b. c. Бигузор $\inf\theta = \theta(0,1)$. Он гоҳ $\theta(0,1) - \theta(k,l) \ge 0\ \ \forall\,(k,l)$. Бинобарин $T \le 0$, $\forall(k,l) \in \mathcal{P}$.

Дар ҳолати хусусӣ, $T \le 0,\ \forall\,(k,l) \in A^qB(0,1)$. Аз шакли матритсавии A^q, истифода карда, ҳосил мекунем:

$$A^qB(0,1) = A^q\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right) = \left(\frac{\frac{1}{2}}{(2^{q+1}-2)\frac{1}{2}+2^q}, \frac{(2^{q+1}-q-1)\frac{1}{2}+\frac{1}{2}+2^q-1}{(2^{q+1}-2)\frac{1}{2}+2^q}\right) =$$

$$= \left(\frac{1}{(2^{q+2}-2)}, \frac{2^{q+2}-q-2}{2^{q+2}-2}\right) = \left(\frac{1}{(2^{q+2}-2)}, 1 - \frac{q}{2^{q+2}-2}\right).$$

Ҳамин тариқ, $(k,l) \in A^qB(0,1) = \left(\frac{1}{2^{q+2}-2}, 1 - \frac{q}{2^{q+2}-2}\right)$. Бинобарин

$$T = u(1-l-k) - k(w+v-u) =$$

$$= u\left(1 - \left(1 - \frac{q}{2^{q+2}-2}\right) - \frac{1}{2^{q+2}-2}\right) - \left(\frac{1}{2^{q+2}-2}\right)(w+v-u) \le 0 \Leftrightarrow$$

$$(q-1)u + (w+v-u) \le 0,\ \forall q \ge 0\ \ \Leftrightarrow (q-1)u \le w+v-u,\ \forall q$$

Ҳангоми $q = 2$: $\ u \le w + v - u$.

Агар $u \ge 0$, пас ҳангоми кифоя калон будани q нобаробарӣ дурустиаш вайрон мегардад. Бинобарин, $u \le 0$. Тасдиқи c -ро ҳосил мекунем.

Масалан, агар $\theta(k,l)=k$, пас $\inf\theta=\inf k=0=\theta(0,1)$. Ё ин ки, агар $\theta(k,l)=l$, пас $\inf\theta=\inf l=\frac{1}{2}=\theta\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)$.

Дар поён нишон медиҳем, ки чи гуна хосиятҳоро доро мебошанд ҷуфтҳои $(0,1)$ ва $\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)$.

Теоремаи 4. *Бигузор θ шартҳои теоремаи 1 -ро қаноат кунонанд ва ҳамин гуна ҷуфте мавҷуд бошад, ки $(k,l)\in\mathcal{P}$: $inf\theta=\theta(k,l)$. Он гоҳ $inf\theta=\theta(0,1)$, ё ин ки $inf\theta=\theta\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)$ мешавад.*

Исбот. Бигузор $\inf\theta=\theta(k,l)$ барои ягон ҷуфти $(k,l)\in\mathcal{P}$.

Он гоҳ (k,l) намуди зеринро дорад:

$$(k,l)=B^jA^{q_1}B\dots A^{q_r}B(0,1), \tag{5}$$

ки $j=0,1,\quad q_i\geq 0$.

Агар $r=0$, пас ё $(k,l)=B^0(0,1)=(0,1)$, ё ин ки $(k,l)=B^1(0,1)=\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)$ ва бо ҳамин исбот ба охир мерасад.

Акнун бигузор $r\geq 1$. Муайян мекунем:

$$\theta_1=\theta B^jA^{q_1}B\dots A^{q_{r-1}}BA^{q_r-1} \tag{6}$$

Он гоҳ

$$\inf\theta\leq\inf\theta_1, \tag{7}$$

азбаски

$$\inf\theta:=\inf_{\mathcal{P}}\theta=\inf\{\,\theta(k,l)\mid(k,l)\in\mathcal{P}\},$$

$$\inf\theta_1:=\inf\{\,\theta(k,l)\mid(k,l)\in B^jA^{q_1}B\dots A^{q_{r-1}}BA^{q_r-1}\mathcal{P}\},$$

ва

$B^jA^{q_1}B\dots A^{q_{r-1}}BA^{q_r-1}\mathcal{P}\subseteq\mathcal{P}$.

Ҳосил мекунем:

$$\inf\theta=\theta(k,l)=\theta B^jA^{q_1}B\dots A^{q_{r-1}}BA^{q_r}B(0,1)=\theta_1AB(0,1)\geq\inf\theta_1 \tag{8}$$

Қайди 3. *Формулаҳои (6) ва (8)-ро якҷоя намуда, далели оддиеро, ки аз сохтани θ_1 ба вуҷуд омаадаст, ҳосил мекунем:*

$$\inf\theta=\inf\theta_1 \tag{9}$$

Бинобарин аз (11) ва далели он, ки $\inf\theta=\theta(k,l)$ ба хулосае меоем, ки

$$\inf\theta_1=\theta_1AB(0,1)=\theta_1A\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)=\theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right). \tag{10}$$

Ба осонӣ санҷидан мумкин аст, ки $ABA^3B(0,1)=\left(\frac{11}{82},\frac{57}{82}\right)$ ва $BABA^3B(0,1)=B\left(\frac{11}{82},\frac{57}{82}\right)=\left(\frac{8}{41},\frac{26}{41}\right)$. Бинобарин

$$\theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right)\leq\min\left\{\theta_1\left(\frac{11}{82},\frac{57}{82}\right),\theta_1\left(\frac{8}{41},\frac{26}{41}\right)\right\}, \tag{11}$$

чунки $\theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right)=\inf\theta_1$.

Аз натиҷаи 1 леммаи 5 ҳангоми

$$t=\frac{1}{2},\quad(k_0,l_0)=\left(\frac{11}{82},\frac{57}{82}\right),\quad(k_1,l_1)=\left(\frac{8}{41},\frac{26}{41}\right),$$

истифода карда, баҳои зеринро ҳосил мекунем

$$\min\left\{\theta_1\left(\frac{11}{82},\frac{57}{82}\right),\theta_1\left(\frac{8}{41},\frac{26}{41}\right)\right\}\leq\theta_1\left(\frac{27}{164},\frac{109}{164}\right).$$

Ин баҳоро бо (11) якҷоя намуда, ҳосил мекунем:

$$\theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right)\leq\min\left\{\theta_1\left(\frac{11}{82},\frac{57}{82}\right),\theta_1\left(\frac{8}{41},\frac{26}{41}\right)\right\}\leq\theta_1\left(\frac{27}{164},\frac{109}{164}\right). \tag{12}$$

Айнан ҳамин тавр рафтор намуда, меёбем:

$$\theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right) \le \min\left\{\theta_1(0,1), \theta_1\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)\right\} \le \theta_1\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right). \quad (13)$$

Лекин нуқтаи $\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right)$ дар хати росте мехобад, ки нуқтаҳои $\left(\frac{27}{164},\frac{109}{164}\right)$ ва $\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right)$-ро пайваст менамояд, бинобарин боз натиҷаи леммаи 5 -ро истифода карда, ҳосил мекунем:

$$\min\left\{\theta_1\left(\frac{27}{164},\frac{109}{164}\right), \theta_1\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right)\right\} \le \theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right). \quad (14)$$

Пас (12) ва (14)-ро якҷоя намуда:

$$\theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right) = \min\left\{\theta_1\left(\frac{27}{164},\frac{109}{164}\right), \theta_1\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right)\right\}.$$

Аз леммаи 5 дида мешавад, ки ин дар он ҳолат иҷрошаванда аст, ки (азбаски $\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right)$ дар порчае мехобад, ки нуқтаҳои $\left(\frac{27}{164},\frac{109}{164}\right)$ ва $\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right)$ -ро якҷоя мекунад) агар

$$\theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right) = \theta_1\left(\frac{27}{164},\frac{109}{164}\right) = \theta_1\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right) \quad (15)$$

бошад. Ин натиҷаро бо (13) якҷоя намуда, ҳосил мекунем:

$$\theta_1\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right) = \min\left\{\theta_1(0,1), \theta_1\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)\right\}$$

ва боз леммаи 5 -ро тадбиқ намуда, ҳосил мекунем, ки он танҳо дар ҳолате ҷой дорад, ки (азбаски $\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right)$ дар порчае мехобад, ки нуқтаҳои $(0,1)$ ва $\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)$ – ро якҷоя мекунад), агар

$$\theta_1\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right) = \theta_1(0,1) = \theta_1\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right) \quad (16)$$

бошад. Боз (14) ва (16)-ро якҷоя намуда, ҳосил мекунем:

$$\theta_1(0,1) = \theta_1\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right) = \theta_1\left(\frac{1}{4},\frac{3}{4}\right) = \theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right).$$

Мувофиқи (10): $\inf\theta_1 = \theta_1\left(\frac{1}{6},\frac{2}{3}\right)$, бинобарин $\inf\theta_1 = \theta_1(0,1)$. Лекин

$$\theta_1(0,1) = \theta B^j A^{q_1} B \dots A^{q_{r-1}} B A^{q_r - 1}(0,1) = B^j A^{q_1} B \dots A^{q_{r-1}} B(0,1).$$

Ё ин ки бо тарзи дигар,

$$\inf\theta_1 = \theta_1(0,1) = \theta(k_1, l_1),$$

ки

$$(k_1, l_1) := B^j A^{q_1} B \dots A^{q_{r-1}} B(0,1).$$

Аз (9) дар охир ҳосил мекунем:

$$\inf\theta = \theta(k_1, l_1).$$

Қайди 4. *Азбаски ҷуфти* (k_1, l_1) *чунин намуд дорад:*

$$(k_1, l_1) := B^j A^{q_1} B \dots A^{q_{r-1}} B(0,1),$$

пас

$$\begin{aligned}
(k_2, l_2) &= B^j A^{q_1} B \dots A^{q_{r-2}} B(0,1),\\
(k_3, l_3) &= B^j A^{q_1} B \dots A^{q_{r-3}} B(0,1),\\
\dots\dots &\dots \dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots,\\
(k_r, l_r) &= B^j(0,1).
\end{aligned}$$

Ин равандро якчанд маротиба тадбиқ намуда, ҳосил мекунем, ки

$$\inf\theta = \theta(k_r, l_r)$$

$AB^j(0,1) = (0,1)$, ё ин ки $B^j(0,1) = \left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)$.

Акнун алгоритми оптималии ёфтани ҷуфти экспоненсиалиро пешниҳод мекунем:

1. Барои $\theta = \frac{ak+bl}{dk+el}$ шарти $dk + el + f > 0$ тафтиш карда мешавад;
2. Ҳисоб карда мешавад: $\xi(\theta)$;

3. Теоремаи 3 барои θ истифода карда шуда муайян карда мешавад, ки шарти $\inf\theta = \theta(0,1)$ иҷро мегардад ё не. Агар иҷро гардад, алгоритм ба охир мерасад;

4. Теоремаи 3 барои θB истифода карда шуда муайян карда мешавад, ки шарти $\inf\theta = \theta\left(\frac{1}{2},\frac{1}{2}\right)$ иҷро мегардад ё не. Агар иҷро гардад, алгоритм ба охир мерасад;

5. Теоремаи 1 барои санҷиши шартҳои $\inf\theta = \inf\theta A$, ё ин ки $\inf\theta = \inf\theta BA$ истифода карда мешавад. Агар теоремаи 1 тадбиқнашаванда бошад, пас теоремаи 2 санҷиш карда мешавад ва агар теоремаи 2 низ тадбиқнашаванда бошад, пас алгоритм ба охир мерасад.

6. Агар $\inf\theta = \inf\theta A$ бошад, пас $\xi(\theta)$ ба $\xi(\theta A)$ иваз карда мешавад ва агар $\inf\theta = \inf\theta BA$ бошад, пас $\xi(\theta)$ ба $\xi(\theta BA)$ иваз карда мешавад ва ба қадами 5 баргашта мешавад.

Қайди 5. *Теоремаи 4 имкон медиҳад, каи баъд аз як даври истифодаи алгоритм шарт нест, ки қадамҳои 5 ва 6 такрор карда шавад. Инчунин баъд аз даври якум қадами 1 низ дигар тафтиш карда намешавад.*

АДАБИЁТ

1. S.W. Graham, G. Kolesnik, Vander Corput's Method of Exponential sums // Cambridge university press. Cambridge. New York. Port Chester. Melbourne. Sydney. 1991. 117 p.
2. Карацуба А.А. Дзета-функция Римана и её нули // Успехи математических наук. Т.40, вып. 5(245). 1985. С. 19-70.
3. Воронин С.М., Карацуба А.А. Дзета-функция Римана. М.: Физматлит. 1994. 376 с.
4. Хайруллоев Ш.А. О соседных нулях производной n -го порядка функции Харди // Доклады НАН Таджикистана. Т.62, № 3-4. 2019. С. 145-149.
5. Хайруллоев Ш.А. Применение алгоритма оптимизации экспоненциальных пар к исследованию нулей производной функции Харди // В сборнике: Уфимская осенняя математическая школа - 2023. Материалы международной научной конференции. В 2-х томах. Уфа, 04-08 октября 2023 г. С. 143-145.
6. Хайруллоев Ш.А., Зоирова Ш.Дж., Холикова Б.М. Тадбиқи ададҳои гауссӣ дар ҳалли масъалаҳои назарияи ададҳо // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Масъалаҳои мубрами технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва таъмини амнияти он», Душанбе, 11 марти 2025. – С. 29-33.
7. Хайруллоев Ш.А., Иноятзода Ш.Ш. Применение экспоненциальных пар в оценке кратных тригонометрических сумм // Материалы международной научно-теоретической конференции «Современные проблемы математики, механики и информатики», посвященной «Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» и 80-летию со дня рождения профессора Б.Алиева, ДМТ, Душанбе 02.04.2025. С.243-244.

УСУЛИ ОПТИМАЛИИ ҶУФТҲОИ ЭКСПОНЕНСИАЛӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ҲАЛЛИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯИ АДАДҲО

Дар мақола усули оптималии ҷуфтҳои экспоненсиалӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шуда, тадбиқи он дар ҳалли баъзе масъалаҳои назарияи аналитикии ададҳо нишон дода шудааст. Муаллифон нишон медиҳанд, ки ин усул барои ба даст овардани баҳодиҳиҳои дақиқи суммаҳои экспоненсиалӣ, таҳқиқи нулҳои зета-функсияи Риман ва L-қаторҳои Дирихле нақши калидӣ мебозад. Моҳияти ислоҳоти пешниҳодшуда аз такмили методҳои классикии Вейл ва Ван дер Корпут иборат буда, ҷуфтҳои ададии экспоненсиалиро тавассути протсессҳои махсуси матритсавии A ва B оптимизатсия мекунад. Дар рафти таҳқиқот якчанд леммаҳои ёрирасон ва теоремаҳо оид ба муайян кардани ҳудуди поёнии функсияҳои трансформасиявӣ исбот карда шудаанд. Аз ҷумла, нишон дода мешавад, ки қимати инфимуми (ҳадди поёнии) суммаҳо метавонад ба қиматҳои собити ҷуфтҳои (0,1) ё (1/2, 1/2) баробар шавад. Дар қисмати хотимавии мақола муаллифон алгоритми қадам ба қадами оптималиро барои амалӣ намудани ин усул тартиб додаанд, ки он марҳилаҳои тафтиши шартҳо, ҳисобкунии векторҳо ва ивазкунии равандҳоро дар бар мегирад. Натиҷаҳои ин таҳқиқот барои баҳодиҳии суммаҳои кӯтоҳи тригонометрӣ ва муайян кардани масофаи байни нулҳои зета-функсияи Риман аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ доранд.

Калидвожаҳо: ҷуфти экспоненсиалӣ, усули оптималӣ, нули зета-функсияи Риман, назарияи ададҳо, адади сода, сарҳади поёнӣ, дарозии порча.

МЕТОД ОПТИМИЗАЦИИ ЭКСПОНЕНЦИАЛЬНЫХ ПАР И ЕГО ПРИМЕНЕНИЕ В РЕШЕНИИ НЕКОТОРЫХ ЗАДАЧ ТЕОРИИ ЧИСЕЛ

В статье исследуется оптимальный метод экспоненциальных пар и показано его применение в решении некоторых задач аналитической теории чисел. Авторы показывают, что этот метод играет ключевую роль в получении точных оценок экспоненциальных сумм, исследуя нули дзета-функции Римана и L-рядов Дирихле. Суть предлагаемой модификации заключается в улучшении классических методов Вейля и Ван дер Корпута, оптимизирующих экспоненциальные числовые пары с помощью специальных матричных процессов A и B. В ходе исследования были доказаны несколько вспомогательных лемм и теорем об определении нижних границ функций преобразования. В частности, показано, что инфимум (нижний предел) сумм может быть равен фиксированным значениям пар (0,1) или (1/2, 1/2). В заключительной части статьи авторы разрабатывают пошаговый оптимальный алгоритм реализации этого метода, который включает этапы проверки условий, вычисления векторов и замены процессов. Результаты данного исследования имеют большое научное и практическое значение для вычисления коротких тригонометрических сумм и определения расстояния между нулями дзета-функции Римана.

Ключевые слова: экспоненциальная пара, оптимальный метод, нули дзета-функции Римана, теория чисел, простое число, нижняя граница, длина отрезка.

A METHOD FOR OPTIMIZING EXPONENTIAL PAIRS AND ITS APPLICATION TO SOLVING SOME PROBLEMS IN NUMBER THEORY

The article studies the optimal method of exponential pairs and shows its application in solving some problems of analytic number theory. The authors show that this method plays a key role in obtaining accurate estimates of exponential sums, investigating the zeros of the Riemann zeta function and Dirichlet L-series. The essence of the proposed modification is to improve the classical methods of Weyl and Van der Korput, optimizing exponential numerical pairs through special matrix processes A and B. In the course of the study, several auxiliary lemmas and theorems on determining the lower bounds of transformation functions were proved. In particular, it is shown that the infimum (lower limit) of the sums can be equal to the fixed values of the pairs (0,1) or (1/2, 1/2). In the final part of the article, the authors develop a step-by-step optimal algorithm for implementing this method, which includes the stages of checking conditions, calculating vectors, and replacing processes. The results of this study are of great scientific and practical importance for evaluating short trigonometric sums and determining the distance between the zeros of the Riemann zeta function.

Keywords: exponential pair, optimal method, zeros of the Riemann zeta function, number theory, prime number, lower bound, segment length.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Хайруллоҳзода Шамсуллоҳ Амрулло*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳо. **Суроға** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. **Телефон:** (+992)988889126. **E mail:** shamsullo@rambler.ru

Мақсудова Бибиошша Саидовна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 1-юми факултети механикаю математика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: [+992] 885-00-22-21. E-mail: tnustudent@gmail.com

Сведения об авторах: ***Хайруллозода Шамсулло*** **Амрулло** — Таджикский национальный университет, доктор физико-математических наук, профессор кафедры алгебры и теории чисел. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992)988889126. Электронная почта: shamsullo@rambler.ru

Магсудова Бибиойша Саидовна — Таджикский национальный университет, студентка 1-го курса магистратуры факультета механики и математики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: [+992] 885-00-22-21. Электронная почта: tnustudent@gmail.com

Information about the authors: ***Khairullozoda Shamsullo Amrullo*** - Tajik National University, Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor of the Department of Algebra and Number Theory. Address 734025, Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe city, Rudaki ave., 17. Phone: (+992)988889126. E mail: shamsullo@rambler.ru

Maqsudova Bibioisha Saidovna - Tajik National University, 1st year master's student of the Faculty of Mechanics and Mathematics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave., 17. Phone: [+992] 885-00-22-21. E-mail: tnustudent@gmail.com

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ	
ТАЪРИХ - ИСТОРИЯ	
Давлатзода Ш. К. Сохтори идории империяи Ҳахоманишиён	**5**
Исмоилзода Д. Фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё дар «Ёддоштҳо»- и Садриддин Айнӣ	**11**
Турсунов Т.Х., Нуров С. Нақши Аҳмадшоҳи Масъуд дар ҳифзи тамомияти арзии Афғонистон дар давраи якуми ҳукмронии толибон (с. 1996-2001)	**16**
Олимзода М. С. Инициатива китайской народной республики «один пояс - один путь»: геоэкономические и геополитические аспекты	**23**
Rasulova S. Comparative analysis of the application of the foreign policy concept of "soft power" in the foreign policies of the United States And Russia	**29**
Мунисаи Н. Барномаи ҳастаии Эрон	**33**
ФАЛСАФА, ПСИХОЛОГИЯ ВА ПЕДАГОГИКА – ФИЛОСОФИЯ, ПСИХОЛОГИЯ И ПЕДАГОГИКА	
Иноятзода З. Таъсири буллинг ва кибербуллинг ба хатари худкушӣ дар наврасон	**41**
Назирамоҳи Қ. Сабабҳо ва омилҳои шаклгирии вазъияти мутаносиби инкишофи сиёсӣ ба вазъияти буҳронӣ	**48**
Умарова Б. И. Фаъолияти эҷодию маърифатии хонандагони хурдсол дар раванди таълим	**54**
Муродова Т., Ҷамолиддинзода Х. Ҷ. Ҷойгоҳи мақулаи некӣ дар таълимоти ахлоқии Носири Хусрав	**61**
Расулов С.Х., Рамазонова Н.З., Мутобиқшавии иҷтимой-психологии хонандагони хурдсоли дорои нуқсонҳои нутқ	**66**
Давлатзода С. Нақши позитивизми Огюст Конт дар рушди фалсафаи муосир	**72**
ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА - ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА	
Боқизода Ф. И. Таҳлили лексикии иқтибосоти арабӣ дар забони англисӣ	**78**
Абдуллоев А.М. Структурно-семантические типы моделируемости фразеологизмов в русском и таджикском языках: сопоставительный анализ	**83**
Гулов К. Ифодаи тарзи мафъулии феъл дар ибораҳои фразеологии феълӣ (дар асоси маводи осори Ф. Ниёзӣ)	**87**
Давлятова М. Портрет в художественном произведении (на примере образа элен) Л.Н. Толстого «Война и Мир»	**92**
Дилшодзода Ш. Фарҳанги нутқи омӯзгор дар таълиму тарбия	**96**
Мамаҷонова М. Г. Сарчашмаи пайдоиши омонимия дар забони англисӣ	**104**
Рабихова М. Ф. Сиғаи шартӣ- хоҳишмандӣ (the subjunctive mood)	**108**
Сафарова М.С. Тӯтии ҳинд	**112**
Тураева М. Усулҳои ифодаи шаклҳои замони гузаштаи одӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ	**117**
Бобиева Р.М. Шинохти бадеии таърих дар насри Садриддин Айнӣ	**121**

Муҳаммадалӣ А. Ташаккули забони арабӣ дар аҳди қадим	**125**
ИҚТИСОД-ЭКОНОМИКА	
Обидов Ш. Махсусиятҳои ташкили ҳаракати молҳо ва фурӯши онҳо дар фазои интернет	**132**
Ҷалов Ҳ., Давлатшоев О.Ҳ. Таҳлил, пешгӯйӣ ва банақшагирии захираҳои молиявии корхона	**139**
Раҳмонов М.А. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии равандҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**143**
ҲУҚУҚ – ПРАВО	
Ғаниев Ғ. Т. Дипломатияи превентивӣ (пешгирикунанда) дар ҳуқуқи байналмилалӣ	**150**
Ғаюрзода Т. Ш. Қобилияти амалкунии ташкилоти сохтмонӣ	**154**
Гулова М. Ш. Нақши мақомоти назорати конститутсионӣ дар таъмини волоияти қонун: таҷрибаи байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон	**159**
Давлатшоев Х. Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ	**164**
Зоирзода Ш. И. Субъектҳои ҳуқуқи интихобот ва шартҳои интихобот дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон	**172**
Мансурзода А. Механизмҳои амалишавии функсияи иқтисодии давлат дар шароити рақамикунонӣ	**178**
Мингбоев Ш. Л. Масуният ва имтиёзҳои вакилони давлатҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ	**183**
Мирзоназаров М.С. Асосҳои қатъ гардидани шартномаи лизинг тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон	**188**
Наимҷонзода Н. Мафҳуми сершуморагии ҷиноят	**195**
Одилова М. А. Мафҳум ва аломатҳои хоси ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ дар назария ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ	**199**
Манижаи А. Мақоми сабтҳои пинҳонӣ ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ	**207**
Гулова М.Ш. Нақши мақомоти назорати конститутсионӣ дар таъмини волоияти қонун: таҷрибаи байналмилалӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон	**213**
Забиров Ш. Ф. Татбиқи функсияҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар заминаи иқтисоди рақамӣ	**218**
СИЁСАТ - ПОЛИТИКА	
Сафарзода Д. Истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар замони муосир ва шаклҳои зоҳиршавии он	**226**
Сафарова С. Российская политика в центральной азии в xxi веке: преемственность, адаптация и последствия для национальных интересов государств региона	**231**
Saifiddinzoda F.T. The role of the president and government of the republic of Tajikistan in shaping and implementing foreign policy and diplomatic strategy	**241**
Усмонов Д. А. Афганское направление во внешней политике Республики Таджикистан и вопросы обеспечения приграничной безопасности	**246**
Ҳусаинов Б. М. Политико-правовые механизмы урегулирования пограничных споров в центральной азии: региональный опыт и сохраняющиеся	**253**

БИОЛОГИЯ - БИОЛОГИЯ	
Саидов Ҳ.С., Доруев Ф.Я. Паҳншавии популятсияи ungernia *victoris* vved. Дар дараи Алмосӣ	**257**
ХИМИЯ – ХИМИЯ	
Каримов М.К., Ҳакимзода Ҷ.Н., Файзуллозода Э.Ф., Самадзода А.С., Таъсири радикалҳои паҳлуии глитсин, аланин ва лейтсин ба константаҳои устувории комплексҳосилшавиашон бо мис(ii)	**265**
МАТЕМАТИКА ВА ИНФОРМАТИКА – МАТЕМАТИКА И ИНФОРМАТИКА	
Хайруллоҳзода Ш.А., Мақсудова Б.С. Усули оптималии ҷуфтҳои экспоненсиалӣ ва тадтиқи он дар ҳалли баъзе масъалаҳои назарияи ададҳо	**271**

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд

Телефон: (992-37)227-74-41

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матн бо забони русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матн бо забони тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 8 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола таҳсил мекунад;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25;

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар **аз 3 номгӯ** ва на бештар аз 10 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– баъди рӯйхати адабиёти истифодашуда маълумоти зерин бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) омода карда шавад: номи мақола; насаб, ном ва номи падар; номи муассиса; аннотатсия ва калидвожаҳо (аннотатсия на камтар аз **5 сатр** ва калидвожаҳо **на камтар аз 7** номгӯ);

– дар охири мақола бо се забон (**тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ**) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), номи муассисае, ки дар он муаллиф мехонад, телефон, E-mail, нишонии ҷойи кор в ё таҳсили муаллиф.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Молодой исследователь»

Телефон: (992-37)227-74-41

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой учится автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 3 и не более 10 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы оформляется следующая информация на трех языках (на таджикском, русском и английском языках): название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 5 строк, ключевые слова до 7 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на таджикском, русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, название организации, в которой учится (авторы), телефон, E-mail, а также почтовый адрес место учебы автора).

INFORMATION FOR THE AUTHORS

Requirements for scientific articles submitted to the scientific journal "Young researcher»

Phone: (992-37)227-74-41

All submitted scientific journal articles must meet the following requirements: a) the article must be written in compliance with the established requirements; b) the article must be the result of scientific research; c) the article must conform to one of directions (sections) of the journal.

Requirements for registration of scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, Times New Roman font, size 14, margins 2.5 cm on all sides, interval 1.5.

The volume of the article (including the abstract and the list of references) should be within the range of 8 to 10 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

- UDC index (the index can be obtained in any scientific library);
- article title;
- surname and initials of the author (for example, D. M. Sharipov);
- name of the organization where the author of the article studies;
- main text of the article;
- when quoting specific material, the references are indicated in square brackets [ ]. Sample: [4, p. 25]. That is, literature #4 and page 25;
- tables, diagrams, diagrams, and drawings should be grouped and numbered. Tables, diagrams, diagrams, and drawings must have a name;
- list of references (no less than 3 and no more than 10 titles of scientific literature). The list of references is made according to the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;
- after the list of references, the following information is made out in three languages (Tajik, Russian and English): the title of the article, the author's full name, the name of the organization, the abstract and keywords (abstract of at least 5 lines, keywords to 7 words or phrases);
- Information about the author in Tajik, Russian and English (full name of the author, the name of the organization where the author studies, phone number, E-mail, and postal address of the place of study or work of the author are indicated here).

НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»

2026. №3

Ответственный редактор: Иброҳимзода Э.Д.

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.